# Ҳикматҳо ва андарзҳо

*Муртазо Мутаҳҳарӣ*

*Баргадон ва таҳия аз:*

***Сайидюнуси Истаравшанӣ***

# Феҳристи матолиб

Феҳристи матолиб ........ 2
Худошиносӣ, мабнои инсоният ........ 6
Худошиносӣ, поя ва асоси дин ........ 8
Дин, пуштвонаи саодат ........ 11
Бардагон ва озодагон ........ 13
Ёди Худо, танҳо мояи оромиши ҷон ........ 15
Дин, ягона ромкунандаи нафси аммора ........ 17
Роҳи саодат ........ 19
Аркони саодати башар ........ 22
Имон ва амали солеҳ ........ 24
Хории маъсият ва иззати тоъат ........ 26
Арзиши сармояи умр ........ 28
Дунё, мазраъаи охират ........ 32
Инсон, мураббии худ ........ 34
Муҳосабаи нафс ........ 37
Зулм ба нафс ........ 39
Тавба ........ 41
Истиғно ва бениёзӣ, ҳофизи кароматы одамӣ ........ 44
Соддазистӣ ва парҳез аз такаллуф ........ 46
Ҳақ ва таклиф ........ 48
Хусусиёти ҳақ аз назари Алӣ ........ 50
Душманони ақл ........ 52
Тақво ва равшанбинӣ ........ 55
Руҳияи солим ........ 57
Орзуҳои дароз ........ 60
Марг дар назари мардони Худо ........ 62
Сармояи хулқи нек ........ 65
Қалби салим ........ 67
Таъсири кор дар таҳзиби ахлоқ ........ 69
Лузуми ҳамгомии кору дониш ........ 72
Сабр ва зафар ........ 75
Ихтиёр, имтиёзи бузурги инсон ........ 77
Неъмати забон ва нутқ ........ 79

Таъсири амал дар ҳидояти башар ........ 81
Руҳи иҷтимоии мӯъмин ........ 83
Риояти ҷанбаҳои маънавӣ ва ахлоқӣ дар инфоқ ........ 86
Фақри руҳӣ ва фикрӣ ........ 87
Фақри маънавӣ ........ 89
Таассуби ботил ........ 93
Хатари таҳриф дар санадҳои динӣ ........ 95
Таъсири гуноҳ ва муошират бо бадон дар сиёҳдилӣ ........ 98
Таоруфҳои дурӯғин ........ 100
Назари дин дар бораи дунё ........ 102
Тафсири ғалат аз зуҳд ва тарки дунё ........ 103
Зуҳд дар Қуръон ........ 103
Оё алоқа ба дунё мазмум аст? ........ 105
Роҳи ҳаллҳо ........ 106
Мантиқи Қуръон ........ 107
Решаи ин мантиқ дар ҷаҳонбинии исломӣ ........ 109
Ахлоқ ва дунёпарастӣ ........ 110
Ҳақиқати зуҳд ........ 111
Ҳуқуқи мардум бар якдигар ........ 117
Даврони хилофати амирулмӯъминин Алӣ ........ 124
Тарбияти Алӣ — мақоми “Наҳҷул-балоға” ........ 132
Равиши сиёсии Алӣ ........ 140
Мӯҷиботи коҳиши таъсири таълимоти дин ........ 147
Мӯҷиботи коҳиши таъсири таълимоти дин ........ 154
Роҳи найл ба осоиш ........ 159
Ғаризаи фазилатдӯстӣ ва камолпарастӣ ........ 163
Самароти таълимот ва қиёмҳои риҷоли дин ........ 166
Иғтиноми фурсатҳо ........ 169
Таквини пояҳои аъмоли инсон ба василаи тарбият ........ 172
Тавсиаи фикр, пояи аввали тарбият ........ 174
Асари инҳирофи фикрӣ дар тавҳид ........ 177
Сираи Расули Акрам (1) ........ 179
Сираи Расули Акрам (2) ........ 182
Сираи Расули Акрам (3) ........ 185
Истиқлоли фикр ........ 187

Ҳукумати ақл ........ 188
Фитриёти башар ........ 191
Хонадони нубувват ва рисолат, ҳофизи ислом ........ 194
Ҳидояти қалб ........ 197
Маърифати дунёи дарун ........ 199
Наҳзати ҳусайнӣ, муаррифи дастури мавқеиятшиносии ислом ........ 202
Таъсири руҳия дар амал ........ 206
Он чи бар мардум ворид мешавад, мутаносиб бо руҳиёти онҳост ........ 206
Ҳар чиз зоҳире дорад ва ботине ........ 211
Зуҳури ҳидоят баъд аз залолат ........ 216
Ишқи илоҳӣ ........ 218
Сабр (1) ........ 222
Сабр (2) ........ 227
Сабр (3) ........ 229
Олоиш ва беолоишӣ дар ақлу фикр ........ 230
Осори ба ҳам хӯрдани таъодули иҷтимоъ ........ 235
Ҳасад ........ 239
Моликияти нафс ва тасаллут бар хештан ........ 241
Ғизои руҳ ........ 244
Тавба ва иноба ........ 247
Холиқи ҷаҳон ва ҷаҳониён ........ 252
Осори имон ба Худо ........ 253
Маъмурияти пайғамбарони Худо ........ 255
Пайғамбари ислом ........ 256
Алӣ ибни Абӯтолиб ........ 257
Фаризаи илм ........ 259
Кор дар ислом ........ 260
Фаризаи кор ........ 260
Кор, фаризаи иҷтимоӣ аст ........ 260
Кор, меъёри бозёфтани шахсиятҳост ........ 261
Салби эътимод аз пулу ошнобозиву дору даста ва эътимод ба лиёқати худ ........ 261
Кор ва саломат ........ 261
Кор, монеъи бурузи ҷиноят аст ........ 261
Гуноҳ, навъе инфиҷор аст ........ 262
Кор ва саргармии фикр, монеъи ҳуҷуми ҳавасҳо ва хаёлоти шайтонӣ аст ........ 262

Кор, муаллим ва омӯзанда аст ва ба ақл қувват ва интизом мебахшад ..........................262
Кор, монеъи ҳуҷуми андӯҳҳо ва ғуссаҳо ва зудояндаи онҳост.......................................263
Кор, конуни лаззат аст .........................................................................................................263
Тавъам шудани илму кор.......................................................................................................265
Инсон ба касби ахлоқи хуб ниёзманд аст ............................................................................266
Иллатҳои мафосиди ахлоқ ....................................................................................................269
Қадршиносии вақт ва замон..................................................................................................271
Назм ва маҳорат дар истифода аз вақт ва нерӯ .................................................................273
Намоз.........................................................................................................................................274
Рӯза ...........................................................................................................................................275

بسم الله الرحمن الرحيم

# Худошиносӣ, мабнои инсоният

Амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом мефармояд: “*Оғоз ва пояи аввали дин, шинохтани Худост*”. Агар динро ба сохтмоне ташбеҳ кунем, ки дорои дар, девор, сақф, панҷара, шиша, наққошӣ, рӯкорӣ, зерсозӣ ва ғайра аст, бояд бигӯем, зерсозӣ ва зербинои ҳамаи афкор ва мӯътақадот ва ахлоқиёт ва дастуруламалҳои динӣ, Худошиносӣ аст. Ва агар динро ба як китоби илмӣ ташбеҳ кунем, ки дорои бобҳо ва фаслҳо ва қазоё ва масоил ва истидлолот ва усули мутаъорафа ва мавзӯъа[1] аст, бояд бигӯем, он чизе, ки ба манзилаи асли аввалӣ ва ба истилоҳ асли мутаъорафи дин аст, Худошиносӣ аст.

Агар бино бишавад маҷмӯаи масолеҳи банноиро дар як ҷо анбор кунем, аҳаммият надорад, ки кадом қисматро аввал бирезем ва кадом қисматро охир бирезем; ва ҳамчунин агар бино бишавад китобе ба сурати кашкул ҷамъоварӣ кунем, муҳим нест, ки кадом матлабро дар сафҳаи аввал ва кадом матлабро дар сафҳаи дуввум ва ҳамчунин дар соири сафаҳот бинависем, чун мақсуд, ба вуҷуд омадани як кашкул аст, ҳар матлаб дар ҳар ҷо қарор гирифт, монеъе надорад; вақте ҳам, ки бихоҳем ин гуна китобҳоро мутолеа кунем ва мавриди истифода қарор диҳем, боз фарқ намекунад, ки аз аввал шурӯъ кунем ё васат ё охир.

Аммо агар сохтмоне бихоҳем ба вуҷуд оварем, ин тавр нест, (балки) тартиб дорад ва рӯйи ҳисоби муайяне бояд сурат бигирад. Ва ҳамчунин агар як китоби илмӣ бихоҳем таълиф кунем ё бихоҳем мутолеа кунем, аз аввал бояд шурӯъ кунем ва ба тартиб пеш биравем.

Диндорӣ агар бихоҳад ба сурати саҳеҳ ва маъқул ва мантиқӣ барои касе пайдо шавад, бояд аз пояи тавҳид ва Худошиносӣ оғоз гардад. То ин асл дар руҳу дил таъсис нашавад, соири қисматҳо асосе нахоҳад дошт. Расули Акрам ҳамин ки ба рисолат мабъус гашт ва барои аввалин бор ба миёни мардум зоҳир шуд ва беъсати худро ошкор кард, чӣ гуфт? Оё гуфт, намоз бихонед ё рӯза бигиред? Оё гуфт, силаи арҳом баҷо оваред ва ба якдигар зулм накунед? Оё гуфт, фалон одоби истеҳбобиро дар роҳ рафтан ё нишастан ё ғизо хӯрдан, хуб риоят кунед? На, ҳеч кадом аз инҳоро нагуфт, гуфт: мардум бигӯед: “Ло

[1] *Усули мутаъорафа ва ё усули мавзӯъа (ба фаронсавӣ: axiome) дар фалсафа, риёзиёт, мантиқ ва физик гузорае аст, ки бидуни исбот ва ба шакли пешфарз пазируфта мешавад ва аз рӯйи он соири гузораҳо истихроҷ мешаванд.*

илоҳа иллаллоҳ”, то растгор шавед. Расули Акрам динро аз ин калима оғоз кард; ҳассостарин нуқтаҳои қалби мардумро бо ақидаи тавҳид ишғол кард ва таквин ва тарбияти уммате азим ва муқтадирро бар ин асос ба вуҷуд овард.

Худошиносӣ на фақат аввали дин аст, аввали поя ва мояи инсоният аст. Инсоният агар бино бишавад рӯйи асли пойдоре бино шавад, бояд рӯйи асли тавҳид сохта гардад. Мо як силсила умурро ба унвони “ҳуқуқи инсонӣ” ё “шуъуни инсонӣ” ном мебарем, мегӯем: инсоният ҳукм мекунад, ки раҳму мурувват дошта бошем, некӯкор бошем, аз сулҳу оромиш ҳимоят кунем, нисбат ба ҷанг ибрози танаффур кунем, ба бебизоатҳо ва беморҳо ва маҷрӯҳин ва масдумин ва дармондагон кӯмак кунем, ба ҳамнавъони худ озор нарасонем, балки дар роҳи хидмат ба навъ фидокорӣ кунем, ҷонфишонӣ кунем, афифу ботақво бошем, ба ҳуқуқи дигарон таҷовуз накунем. Ҳамаи инҳо дуруст аст ва воқеан ҳам бояд инчунин буд, аммо агар аз мо бипурсанд, ки мантиқи ин дастурҳо ва фалсафае, ки моро қонеъ кунад, ки манофеъи шахсии худро фидои ин умур кунем ва мутаҳаммили маҳрумият бишавем чист, оё метавонем бо чашмпӯшӣ аз масъалаи Худошиносӣ ҷавобе бидиҳем? Инҳо ҳама ба истилоҳ маънавиёт аст ва дар ҷиҳати мухолифи моддиёт ва манофеъи фардӣ аст. Сарсилсилаи маънавиёт Худошиносӣ аст. Мумкин нест аз сарсилсилаи маънавиёт ва аз реша ва бун ва сарчашмаи онҳо чашм бипӯшем ва он гоҳ битавонем усули маънавӣ дошта бошем. Ва аз тарафе ҳатто моддитарини маслакҳои ҷаҳон чорае надоранд аз ин ки созмони иҷтимоии худро бар як силсила усули маънавӣ ва шарофатҳои ахлоқӣ бисозанд.

Инсоният аз Худошиносӣ наметавонад ҷудо гардад. Ё Худошиносӣ аст ва ё сукут дар ҳайвоният ва манфиатпарастӣ ва сабуъият ва дарандагӣ. Манфиатпарастӣ ба маънии воқеии калима яъне ин ки одамӣ воқеан бандаи шаҳват ва шикам буда бошад. Ё бояд бандаи Худо буд ва ё бандаи шикам ва ҷоҳу мақом ва пул ва зару зевар, роҳи севвум надорад. Аммо ин ки касе муддаии шарофат ва ахлоқ ва тақво ва иффат бошад ва дар айни ҳол ба Худошиносӣ, ки сарсилсилаи ин умур аст имон ва эътиқод надошта бошад, ваҳми ботиле беш нест.

Қуръони Карим масале зикр мекунад, мефармояд:

Масали калимаи поки тавҳид масали дарахти пок ва солиме аст, ки дар зери замин реша давонида ва шохаҳояш сар ба осмон кашидааст. Ин дарахт мевадеҳ ва самарбахш аст, ҳамешабаҳор аст ва ҳамеша мевадеҳ аст, дар ҳамаи фаслҳо ва ҳамаи рӯзҳо меваи фаровон дорад, ки тамом шуданӣ нест.[2] Ин масал дар бораи касоне аст, ки дарахти Худошиносӣ

[2] *Сураи Иброҳим, оятҳои 24 ва 25, тарҷимаи оёт, тарҷимаи лафз ба лафз нест.*

дар замини руҳашон рӯйида бошад. Шохаҳои ин дарахт иборат аст аз эътиқод ба нубувват ва вилоят ва вуҷуди адён ва роҳнамоёни илоҳӣ ва ҳамчунин эътиқод ба ҳаққонияти ҷаҳон ва ин ки ҷаҳон ба ҳақ ва адолат барпост, аҷри некӯкорон зойеъ намегардад ва кайфари бадкорон ба онҳо хоҳад расид ва амсоли ин умур. Меваҳои ин дарахт, шарофат ва каромат аст, иффат ва тақвост, эҳсон ва гузашт ва хидмат ва фидокорӣ аст, ризоят ва оромиши қалб ва итминон ва саодат аст.

Он гоҳ масали дигар зикр мекунад ва мефармояд:

Аммо масали сухани нопок ва беҳақиқат масали дарахте аст, ки решае надошта бошад, қарору субот ва оромише надошта бошад, андак боде онро аз реша мекунад.[3]

Ростӣ ҳамин тавр аст. Аҳёнан дида мешавад, ки афродеро ба номи ҳимоят аз нажод ва қавмият ва ё ҳимоят аз як маслак ва ақидаи иҷтимоӣ, таҳти таъсири порае аз талқинот ва илиқоъот қарор медиҳанд ва муваққатан он бадбахтҳо ва бечораҳо эҳсосоти козибе пайдо мекунанд ва мумкин аст гоҳе ҷони худро низ дар ин роҳҳо аз каф бидиҳанд, аммо ҳамин афрод ҳамин ки андак фурсате пайдо мекунанд ва бо худ меандешанд, наметавонанд мантиқе барои амали худ биёбанд; бо андак тааммул ва бо як тазаккури кучак аз ноҳияи шахси дигар монанди абре, ки ба суръат худро вомегузорад, аз сафҳаи руҳаш маҳву нобуд мегардад.

Оре, Худошиносӣ ягона мантиқи саҳеҳ ва дуруст ва мустаҳками инсоният аст, пояи аслии тақво ва покдоманӣ ва ростӣ ва дурустӣ ва шуҷоат ва шаҳомат ва фидокорӣ аст, мабнои инсоният ва маншаъи имтиёзи воқеии инсон аз ҳайвон аст. Танҳо Худошиносӣ аст, ки метавонад ҷонишини мантиқи манфиатпарастӣ ва худпарастӣ гардад. Ин аст, ки Қуръони Карим мефармояд:

Худованд мададкори касоне аст, ки ба ӯ имон овардаанд ва онҳоро аз зулматҳо ва торикиҳо ба фазои равшан ва нуронӣ мебарад ва аммо он касоне, ки ба ин ҳақиқат имон наёвардаанд, ёру кӯмаки онҳо тоғут аст, ҳар лаҳза онҳоро аз фазои равшан ба сӯйи торикиҳо мекашонад.[4]

## Худошиносӣ, поя ва асоси дин

Амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом мефармояд: "*Аввал ва ибтидои дин, Худошиносӣ аст*". Ҳар чизе нуқтае шурӯъ ва поя ва асосе дорад ва ҳангоме ба сурати созмоне

---

[3] *Иброҳим/26.*
[4] *Бақара/257.*

муҳкаму побарҷо ва муфид дармеояд, ки аз ҳамон нуқта оғоз шуда бошад ва бар рӯйи ҳамон поя қарор гирифта бошад.

Дин ҳам, ки созмони васеъи фикрӣ ва эътиқодӣ ва ахлоқӣ ва амалӣ аст, як нуқтаи шурӯъ ва як рукни асосӣ дорад, ки агар аз он нуқта оғоз шавад ва бар рӯйи он асос бино шавад, муҳкаму побарҷо ва муфид хоҳад шуд. Он нуқтаи шурӯъ ва он пояи асосӣ, маърифати зоти ақдаси илоҳӣ ва шиносоии ҳазрати Аҳадият аст.

Масалан, ақида ба асли нубувват ва ақида ба асли маъод, аз ҷумлаи ақоиди аслӣ ва зарурии дин аст. Ин ду асл ба манзилаи шохаҳое ҳастанд, ки бар рӯйи ин тана қарор гирифтаанд. Яъне чун асли тавҳид, асле аст собит ва чун "ҷаҳонро соҳибе бошад Худо ном" ва он соҳиб ҷаҳонро тадбир мекунад ва мавҷудотро ба сӯйи камолоташон савқ медиҳад ва ҳидоят мекунад ва аз тарафе башар дар зиндагии фардӣ ва иҷтимоии худ эҳтиёҷ дорад ба як навъ ҳидоят ва роҳнамоии махсус, ки онро "ҳидояти ваҳй ва илҳом" меномем, пас дар маҷмӯъи зиндагонии башар нуқтаҳо ва равзанаҳо ва даричаҳое хоҳад буд, ки аз он нуқтаҳо ва равзанаҳо ва даричаҳо башар ҳидоят ва роҳнамоӣ мешавад. Он равзанаҳо ва даричаҳо иборат аст аз руҳҳои мустаъид ва қалбҳои муназзаҳ ва софии як идда аз афроди башар, ки ба номи "анбиё" ва "пайғамбарон" номида мешаванд.

Ва ҳамчунин ба далели ин ки асли тавҳид собит аст ва мавҷудот ба камоли лоиқашон расонда мешаванд ва аз тарафе дар вуҷуди инсон намунае аз нашъаи дигар вуҷуд дорад, пас инсонҳо савқ дода мешаванд ба сӯйи нашъаи дигар, ки нашъаи олами охират аст. Пас асли тавҳид аст, ки монанди тана ва решаи як дарахт шохаҳо ва баргҳо ва меваҳо ба вуҷуд меоварад.

Дар миёни башар мардумоне пайдо шуданд, ки дар бораи пайғамбарони Худо роҳи иғроқ ва ғулув паймуданд ва онҳоро ба манзилаи худоёни кучак фарз карданд. Бадеҳӣ аст, ки ин фикр ва ақидаи сахиф аз онҷо пайдо шуда, ки пояи аввал яъне асли тавҳид дуруст набуда ва шиносоии Худованд ҳосил нашуда, вагарна чӣ гуна мумкин аст касе андак ошноӣ ба азамати зоти Аҳадият дошта бошад ва он гоҳ башареро — ки ба таъбири Қуръони Карим, молики нафси худ нест ва ихтиёри нафъу зарар ва мавту ҳаёту растохези худро надорад — ба унвони шарики Худо ва ё ба унвони Худои кучак бипазирад?

Ва ҳамчунин аст соири шохаҳо ва баргҳо ва меваҳои дин; ҳар кадом аз онҳо агар бар асли тавҳид устувор бошад, хуб ва муфид ва ширин хоҳад буд ва агар бар ин асл устувор набошад, он фоидаеро, ки бояд бибахшад, намебахшад. Масалан, яке аз шохаҳо ва мутафарреъот, ки дар марҳилаи амал ба ҳукми дин бояд вуҷуд дошта бошад, масъалаи мӯҳтарам шумурдани ҳуқуқ ва ҳудуди худ ва дигарон аст. Асли тавҳид иқтизо мекунад,

ки мо Худовандро одил ва ҳаким ва бино бидонем. Худои одили ҳаким ҳаргиз дастури золимона содир намекунад. Худои ҳаким тибқи насси Қуръони Маҷид, амр мекунад ба адл яъне риояти ҳуқуқи дигарон ва амр мекунад ба эҳсон яъне ба гузашт ва фидокорӣ ва фоида расондан ба дигарон. Худои одили ҳаким наҳй мекунад аз корҳои зишт ва палид ва аз корҳое, ки ақл онҳоро қабеҳ ва зишт ва мункар мешуморад. Худои одили ҳаким наҳй мекунад аз зулм ва таҷовуз ба ҳуқуқи дигарон. Вале ҳамеша дар гузашта ва ҳол буда ва ҳастанд ва дар оянда низ ба қиёси гузашта ва ҳол, хоҳанд буд касоне, ки муртакиби фаҳшоҳо ва зиштиҳо ва зулмҳо ва таҷовузҳо мешудаанд ва баъд ҳам иддао мекардаанд, ки Худо ин тавр дастур додааст. Дар сураи муборакаи Аъроф (ояти 28) мефармояд:

"*Ва чун кори баде кунанд, узр оваранд, ки падарони хешро инчунин ёфтаем, гузаштагони мо ин тавр амал мекардаанд ва мо бар роҳу равиши онҳо ҳастем*". Узри дигар, ки меоваранд ин аст, ки дастури дин ҳам ҳамин аст, кори мо бар мавозини шаръӣ ва динӣ мунтабиқ аст. Ту эй пайғамбар! Ба инҳо бигӯ, ки Худо ҳаргиз ба кори бад амр намекунад, чаро ҷоҳилона ба Худованд нисбатҳои дурӯғ медиҳед?

Муфоди ин оят ин аст, ки агар асли тавҳиди ин мардум дуруст буд ва агар Худоро ба сифоти улё ва асмои ҳусно шинохта буданд, агар Худоро ба адлу ҳикмату иноят шинохта буданд, агар медонистанд, ки дар файзу лутфи Худо табъизе нест, ҳаргиз ба ин бидъат ва ин хурофа тафаввуҳ намекарданд (яъне лаб ба он боз намекарданд ва онро ба даҳон намеоварданд), ҳаргиз корҳои зишти худро мунтабиқ бо мавозини динӣ фарз намекарданд; агар Худоро мешинохтанд, медонистанд, ки Худо дастури золимона намедиҳад, Худо намегӯяд яке ҳаққи дигареро помол кунад ва маҳсули дастранҷи ӯро бидуни истеҳқоқ бихӯрад ва номи дин ба он бидиҳад; Худо иҷоза намедиҳад, ки фарде бекор дар иҷтимоъ бигардад ва калл (бор) бар соири афрод бошад, боре бар дӯши иҷтимоъ бошад ва худаш боре аз дӯши касе барнадорад ва он гоҳ чунин вонамуд кунад, ки ризои Худо ва дастури Худо ва фармони Худо ҳамин асту бас.

Оре, ҳарфи аввали дин, Худошиносӣ аст. Алифбои дин, Худошиносӣ аст; ҳамон тавре, ки асоси маълумоти як шогирди мадраса ин аст, ки қудрати хондани китоб дар ӯ пайдо шавад. То натавонад бихонад, наметавон дарсҳои мушкили табиӣ ва риёзӣ ва адабиро ба ӯ омӯхт.

Ва пояи аввали хондан, ки шогирд истеъдоди хондан пайдо кунад ин аст, ки шогирд ҳуруфшинос шавад, яъне ҳуруфи забонеро, ки бо он забон таҳсил мекунад тамйиз диҳад. Пас агар шогирд аз аввал ҳуруфшинос нашавад, қудрати хондан дар ӯ пайдо намешавад ва агар қудрати хондан дар ӯ пайдо нашавад, ҳеч дарсеро ёд нахоҳад гирифт.

Дар дарси амалӣ ва тарбиятӣ ва фикрии дин, Худошиносӣ ба манзилаи ҳуруфшиносии дин аст; агар инсон Худошинос шуд, метавонад хатти динро бихонад, ба мақсуди дин огоҳ шавад ва ҳадафи динро бишносад. Агар ҳуруфшинос нашавад, калимоти динро, ки ҳамон дастуроти дин аст, ғалат хоҳад хонд ва ғалат тарҷима хоҳад кард ва кораш ба онҷоҳо хоҳад кашид, ки Қуръони Маҷид нақл мекунад, яъне муртакиби ҳар кори зишт ва ҳар зулму ситам хоҳад шуд ва дар пиндори худ чунин мўътақид хоҳад шуд, ки он чи ман мекунам, айни ризои Худост ва айни дастури дини Худост. Аз ин рӯ Алӣ алайҳис салом фармуд: "*Аввали дин ва оғози дин, Худошиносӣ аст.*"

Вале Худошиносӣ нисбат ба дин, дар айни ин ки аввали дин аст, васат ва охири дин ҳам ҳаст, ҳамон тавре, ки худи зоти ақдаси илоҳӣ дар айни ин ки аввали вуҷуд аст, охири вуҷуд ҳам ҳаст, бо ҳамаи мавҷудот ҳаст, муҳит аст бар ҳамаи мавҷудот. Агар инсон муваҳҳиди воқеӣ бошад, кофӣ аст барои ин ки ҳамаи фазилатҳоро ба дунболи худ хоҳад кашонад. Ба гуфтаи шоир:

*Дил гуфт: маро илми ладуннӣ ҳавас аст,*
*Таълимам кун агар туро дастрас аст.*
*Гуфтам, ки: алиф. Гуфт: дигар? Гуфтам: ҳеч,*
*Дар хона агар кас аст, як ҳарф бас аст.*
(*Шайх Баҳоӣ*)

## Дин, пуштвонаи саодат

Барои як мавҷуди зинда осоишу хушӣ он гоҳ фароҳам аст, ки бо муҳит ва маҷмӯъи омилҳое, ки ӯро иҳота кардааст ҳамоҳанг ва созгор бошад. Яъне шароити муҳит тавре бошад, ки бо зиндагии махсуси ӯ тавофуқ дошта бошад ва зиндагии махсуси ӯ тавре бошад, ки бо шароити муҳит ва омилҳое, ки ба ӯ иҳота кардааст мутавофиқ ва ҳамоҳанг бошад. Бадеҳӣ аст, ки агар ноҳамоҳангӣ ва носозгорӣ бошад, ба ҳукми он ки он мавҷуди зинда ҷузъ аст ва муҳит кулл, ӯ муҳот аст ва омилҳои хориҷӣ муҳит ва ҳамвора ҷузъ бояд тобеъи кулл ва муҳот тобеъи муҳит бошад, имкони бақо аз он мавҷуди зинда салб мешавад ва хоҳ ноҳоҳ аз миён меравад. Пас, **шарти аввали бақо ва хушбахтии мавҷуди зинда, тавофуқ ва ҳамоҳангӣ бо муҳит аст**.

Инсон, ки ба навбаи худ мавҷуди зиндае аст ва маҳкуми ҳамон қонунҳое аст, ки бар ҳамаи ҷондорон ҳукмфармост, хоҳ ноҳоҳ машмули ин қонун ва тобеъи ин асли куллӣ мебошад. Яъне шарти бақо ва давом ва хушӣ ва хушбахтии инсон дар зиндагӣ ин аст, ки бо омилҳое, ки ӯро иҳота кардааст мутавофиқ ва ҳамоҳанг ва созгор бошад. Болотар ин

ки инсон илова бар муҳити табиӣ аз обуҳаво ва нур ва минтақа ва сарзамини солим, ки маразхез набошад, як муҳити махсуси дигар ҳам дорад ва он муҳит ва ҷавви иҷтимоӣ аст, ки дар он зиндагӣ мекунад. Барои ҷондороне, ки зиндагии маданӣ ва иҷтимоӣ надоранд, дигар муҳити иҷтимоӣ вуҷуд надорад, вале барои инсон муҳити иҷтимоӣ вуҷуд дорад.

Албатта баъзе аз ҷондорони дигар низ зиндагии иҷтимоӣ доранд мисли занбӯри асал ва баъзе аз ақсоми мӯрчагон ва бисёре дигар аз ҳайвоноти ваҳшӣ, аммо зиндагии иҷтимоии онҳо чун ба ҳукми ғариза ва ба сурати худкор анҷом мегирад, қаҳран муҳити иҷтимоии онҳо чизе аст шабеҳи муҳити табиӣ, бар хилофи инсон, ки шароити иҷтимоиро ба таври худкор надорад ва бояд бо фикр ва иродаи худ бисозад. Ин ҷост, ки душвории кори зиндагии башар намудор мешавад. Афроди инсонӣ, ки бо мову шумо муоширaт доранд ва одобу одот ва ахлоқи умумӣ ва қонунҳо ва муқаррарот ва тарзи ташкилоти иҷтимоӣ, ҳама омилҳое аст иҷтимоӣ, ки бар мову шумо иҳота дорад; мебоист ин умур бо хостаҳои мо ва орзуҳо ва эҳтиёҷоти мо ва хулоса бо зиндагии махсуси мо тавофуқ ва ҳамоҳангӣ дошта бошад ва ҳам зиндагии махсус мо бо инҳо мутавофиқ ва созгор бошад.

Аммо он тавофуқ ва инъитофе, ки дар созмони иҷтимоӣ нисбат ба фард бояд буда бошад ин аст, ки ҷомеа манофеъи фардро дар зимни масолеҳи иҷтимоъ ҳифз кунад, яъне **ҳадафи аслии як зиндагии иҷтимоӣ наметавонад фард ва манофеъи фардӣ бошад, бояд навъ ва масолеҳи умумӣ бошад; бояд умуре бошад, ки бақо ва давом ва хушии ҷамъро беҳтар тазмин кунад. Ва бадеҳӣ аст, ки маслиҳати ҷамъ ҳамон маслиҳати аксарияти афроди иҷтимоъ аст ва аз ин рӯ ҳамеша дар қонунҳои ҷаҳон, таваҷҷӯҳ аввал ба масолеҳи ҷамъ аст, на ба манофеъи фард ва наводир**.

Ва аммо он тавофуқе, ки бояд дар зиндагии хусусии як фард нисбат ба иҷтимоъ бошад, ҳамоно ҳолати таслим ва ризо ва хурсандӣ ба масолеҳи иҷтимоъ аст, ки бо хушвақтӣ дар ҳангоми тасодуми манофеъи шахсӣ бо масолеҳи олии иҷтимоӣ, аз манофеъи шахсӣ чашм бипӯшад ва дар худ эҳсоси нороҳатӣ ва норизоятӣ накунад. **Агар иҷтимоъ ба меҳвари адолат бичархад ва қонуни одилона ҳоким бар иҷтимоъ бошад, яъне табъи иҷтимоъ ва омилҳои иҷтимоӣ бо зиндагии аксарият мутавофиқ ва ҳамоҳанг бошад ва аз он тараф ҳам, руҳияи як фард дар мавотини тасодуми манофеъи фардӣ бо масолеҳи иҷтимоӣ, тавофуқ ва созиш ва ҳамоҳангӣ нишон бидиҳад бо масолеҳ иҷтимоӣ, он вақт аст, ки ба саодати воқеӣ бояд умедвор буд**.

Ин ҷост, ки лузум ва аҳаммияти дин, ки асосаш тавҳид ва имон ба Худои ягона аст равшан мешавад. **Дин дар ҳар ду мақом лозим ва зарурӣ аст: ҳам барои созгор сохтани муҳити иҷтимоӣ бо зиндагонии фард, яъне эҷоди адолати иҷтимоӣ ва**

**созмони мутавофиқ бо масолеҳи умум. Ва ҳам дар эҷоди тавофуқ ва интибоқ дар руҳияи фард бо масолеҳи олии иҷтимоъ**.

Тавофуқе, ки мегӯем боист дар руҳияи фард нисбат ба масолеҳи иҷтимоъ бошад, ҳамон аст, ки аз он ба гузашт ва иғмоз ва ҳатто эсор ва фидокорӣ ва некӯкорӣ таъбир мекунем. Чӣ чизе қодир аст монанди дин, ба инсон ҳолати қаноат ба ҳақ ва ризо ба қисмат ва баҳраи худ ва таслим дар баробари муқаррароти иҷтимоӣ ва хушнудӣ нисбат ба дигарон бидиҳад?

Агар дар таърихи башарият фидокорӣ дида мешавад ва ё некӯкорӣ ва хидмат ба халқ дида мешавад ва ё шуҷоат ва шаҳомат дар баробари зӯр ва истибдод дида мешавад ва ё як сари мӯ таҷовуз накардан аз ҳудуд ва мадори худ ба ҳудуд ва мадори дигарон дида мешавад, ҳамаи инҳо дар партави дин ва таваҷҷӯҳ ба Худои ягонаи бинои шунавои алими ҳаким будааст.

Оё нерӯи дигаре ва қудрати дигаре метавонад дар ин ҷиҳат бо дин рақобат кунад ва ё иддао кунад, ки сади яке он чи дин анҷом медиҳад, анҷом диҳад? Худованд моро шоиста гардонад, ки битавонем ба ҳақиқати таълимоти дин ва он чи ҳақиқатан бар пайғамбараш Муҳаммад (с) нозил шуда пай бибарем ва дар партави он таълимот саодатманд гардем!

## Бардагон ва озодагон

Алӣ алайҳис салом мефармояд: “*Дунё хоҳ нохоҳ манзилгоҳе аст барои башар, ки чанд сабоҳе дар он зиндагӣ мекунад ва меравад*.” Баъд мефармояд: “*Вале мардум дар ин дунё ду дастаанд:*

*як даста, ба бозори ин ҷаҳон меоянд ва худашонро мефурӯшанд ва барда месозанд. Дастаи дуввум мардуме ҳастанд, ки худро дар ин бозор мехаранд ва озод месозанд*.” (*“Наҳҷул-балоға”, ҳикмати 133*)

Ин сухан ба қадре амиқ ва муҳкам ва пурмаънӣ аст, ки ҷуз аз руҳе, ки бо нури Худо равшан шуда бошад таровуш намекунад. Оре, маҳсули зиндагии бархе аз афрод — ки мутаассифона ҳанӯз аксарияти афроди башарро ташкил медиҳанд — бардагӣ ва худфурӯшӣ ва шахсияти худро аз даст додан ва ба таъбири Қуръон, худбохтан ва худзиён кардан аст, бандагии шаҳвату ҳирсу хашму кина аст, асорат дар банди одоти ҷоҳилона ва русуми бемантиқ ва номаъқул аст, тақлид аз мӯд ва тобеияти ин асл аст, ки “*Хоҳӣ нашавӣ расво, ҳамранги ҷамоат шав*”. Баъзе аз мардум чунин мепиндоранд, ки ҳамин ки мамлуки касе дигар набуданд ва ба истилоҳ зархарид набуданд, дигар онҳо озодаанд; дигар намедонанд ҳазор нуктаи бориктар аз мӯ инҷост; намедонанд асорат ва

бандагӣ ҳазор навъ ва ҳазор шакл дорад; намедонанд, ки бандагии тамаъ ва оз ҳам бандагӣ аст, асорат дар қайди одоти ҷоҳилона ҳам бандагӣ аст, пулпарастӣ ҳам бандагӣ аст:

*Байте аз Унсурӣ биёрам, к-аз вай*
*Хубтару нағзтар рақам натвон кард.*
*Донишу озодагиву дину мурувват*
*Ин ҳамаро бандаи дирам натвон кард*.

Юсуфи Сиддиқ солҳо номи бардагӣ дошт, яъне дар бозори хариду фурӯши колоҳо, хариду фурӯш мешуд, монанди як колои беҷон даст ба даст мегашт, аз зери дасти ин хориҷ мешуд ва зердасти дигаре қарор мегирифт, аз ин хона ба он хона мунтақил мешуд, молики ҳеч чиз набуд, ҳатто ғизое, ки мехӯрд ва ё ҷомае, ки мепӯшид, аз они арбобон буд; агар кор мекард ва маҳсуле аз дастранҷи худ таҳия мекард, боз ҳам мутааллиқ ба худаш набуд, зеро банда ва барда ҳар чи касб мекунад, ба арбоб тааллуқ мегирад.

Юсуф аз назари ҷисмонӣ комилан барда буд, вале ҳамин Юсуф собит кард, ки оқотар ва озодтар аз ӯ дар ҳамаи кишвари Миср вуҷуд надорад. Маҳбубу маъшуқи яке аз зеботарин занони Миср воқеъ шуд ва ҳамон Юсуфи ғуломи барда ҷавоби рад ба он зани зебои ҷавони муташаххис дод; гуфт, дар айни ин ки аз лиҳози қонуни моликият, тани ман бардаи шумост, руҳам озод аст, бандаи шаҳвату ҳаво нестам: "*Ғайри Ҳақро ман адам ангоштам*", ман фақат бандаи як ҳақиқат мебошам ва руҳам дар муқобили як фармон хозеъ аст ва он Худованди Мутаъол аст, ки холиқи ман аст. Ман ҳозирам илова бар бандагӣ, дар чаҳордевории зиндон ҳам ба сар бибарам ва бандаи шаҳвату ҳаво нашавам, ҳозирам ин маҳрумият ва маҳдудияти зоҳириро бипазирам ва он бандро бар гардан ниниҳам. Рӯ кард ба даргоҳи Худованди Мутаъол ва гуфт: "*Худоё! Зиндон дар назари ман аз он чи инҳо маро ба он мехонанд, маҳбубтар аст*." (*Юсуф/33*)

Дар таърих шавоҳиди зиёде ҳаст аз касоне, ки аз лиҳози қонуни моликият, ғуломи барда ва мамлук буданд, вале аз лиҳози руҳу ақлу фикр, дар мунтаҳои озодӣ буданд. Магар Луқмони Ҳаким, ки Қуръони Карим сурае ба ифтихори ӯ ва номи ӯ ихтисос дода, барда ва банда набуд? Дар айни ҳол аз лиҳози ақлу руҳу ахлоқ, дар мунтаҳои озодманишӣ ба сар мебурд. Ва шавоҳиди зиёдтаре ҳамеша дар ҷилави чашми худ мебинем аз касоне, ки ба ҳасби қонуни моликият озоданд, вале асиру бардаанд, ақлу фикрашон барда аст, руҳу дилашон барда аст, шаҳомату ахлоқашон барда аст. Қуръони Карим мефармояд: "*Бигӯ: зиёнкардаи воқеӣ он касоне ҳастанд, ки худашонро бохтаанд ва шахсияти инсонии худро аз даст додаанд*." (*Зумар/15*) Ин ки касе дар саҳнаи зиндагӣ ҷомаи худро бибозад ё хона ва маскани худро бибозад ё пулу сарвати худро бибозад ё мақоми иҷтимоии худро

бибозад, он қадр муҳим нест, ки касе шахсияти маънавӣ ва инсонии худро бибозад, ҳуррият ва шаҳомати худро бибозад, шуҷоати худро бибозад, истиқлол ва маноъати худро бибозад, сафо ва самимияти худро бибозад, виҷдон ва қалби ҳассоси худро бибозад, ақлу имони худро бибозад, руҳи истиғнову футуввати худро бибозад.
Мардум ҳамон тавре, ки Алӣ алайҳис салом фармуд, ду дастаанд: як даста дар бозори ин ҷаҳон худро мефурӯшанд ба пул ва мақом ва ҳаво ва ҳавас ва таҷаммул ва мӯд ва тақлид. Ва дастаи дигар, дар ин бозор худро харидорӣ мекунанд ва шахсияти воқеӣ ва инсонии худро бозмеёбанд, як дунё бузургворӣ ва иззати нафс ва маноъат ва шарофат ва ростӣ ва истиқомат ва адолат ва тақво ва ҳақиқатхоҳӣ ва имон ва маънавият барои худ захира мекунанд; дар ин бозор он нархеро ба расмият мешиносанд, ки Қуръон таъйин кард, ки ҳеч чизе арзиш надорад, ки одамӣ худро ба он бифурӯшад.
Имом Содиқ алайҳис салом дар зимни ашъоре мефармояд: ман ин нафси гаронбаҳоро дар бозори вуҷуд ва ҳастӣ фақат як қимат барояш қоил ҳастам, фақат як гавҳар аст, ки шоиста аст баҳои ин матоъи гаронбаҳо қарор гирад. Он гавҳар ҳамон аст, ки аз садафи кавну макон берун аст. Ман дар миёни тамоми махлуқоти ҷаҳон чизе, ки арзиши баҳои ин колоро дошта бошад суроғе надорам. Агар ман худро ва нафси худро ба як колои дунёӣ бифурӯшам, ба мӯҷиби ин ки колои дунёӣ фонишуданӣ аст, аз байн меравад ва матоъи гаронбаҳои руҳу нафси ман низ ба мӯҷиби ин ки фурӯхта шуд, аз дастам рафтааст, дигар ман дастхолӣ ҳастам, на матоъ дар дастам ҳаст ва на баҳои он.

*Ғуломи ҳиммати онам, ки зери чархи кабуд,*
*Зи ҳар чи ранги тааллуқ пазирад, озод аст.*
*(Ҳофиз*)

# Ёди Худо, танҳо мояи оромиши ҷон

Одамӣ, ҳамон тавр, ки дар ноҳияи тану ҷисми худ, мумкин аст ба як ришта аворизи хубу бад дучор шавад, дар ноҳияи руҳу равони худ низ гоҳе мубтало ба як ришта авориз ва ҳаводиси мушобеҳ мегардад, ҳарчанд дар бисёре аз ҷиҳот, тану руҳ бо якдигар тафовут доранд. Масалан, тан ҳаҷму вазн дорад ва руҳ ҳаҷму вазн надорад. Агар андаке ғизо вориди бадан бишавад, бар вазни бадан изофа мешавад ва аммо агар инсон як ҷаҳон донишу маълумот пайдо кунад, заррае бар вазн ва сангинии ӯ афзуда намешавад. Зарфияти тану ҷисм маҳдуд аст ва зарфияти руҳ номаҳдуд. Ҳар як луқмаи ғизо, ки одамӣ бихӯрад, ба ҳамон андоза меъдааш пур мешавад, то тадриҷан ба куллӣ сер мегардад ва аз фурӯ бурдани як луқмаи дигар оҷиз аст. Ва то вақте, ки он ғизо аз меъда нагузарад,

ҷойе барои ғизои ҷадид нест. Бар хилофи меъда, зарфияти ғизои маънавии руҳ сер шуданӣ ва пуршуданӣ нест; ҳар андоза бештар маълумот касб кунад, барои касби маълумоти дигар омодатар ва гуруснатар мешавад ва мегӯяд, Худоё! Бар илми ман биафзой! Чунин нест, ки бояд маълумоти аввалии худро фаромӯш кунад ва зарфи руҳи худро аз онҳо холӣ кунад, то битавонад маълумоти ҷадиде фаро гирад. Алӣ алайҳис салом мефармояд: "*Ҳар зарфе ба воситаи рехтани чизе дар он, аз вусъаташ коста мешавад, магар зарфи илм, ки ҳар андоза бештар бирезанд, васеътар ва богунҷоиштар мегардад*." (*"Наҳҷул-балоға", ҳикмати 206*) Ҳамчунин тан тадриҷан пир ва фарсуда ва заъиф мегардад, вале руҳ ҳаргиз пир ва фартут ва фарсуда намегардад. Тан мемирад ва муталошӣ мегардад ва ҳар заррааш ба ҷойе меравад, вале руҳ мурданӣ нест, муталошӣ шуданӣ нест, боқӣ монданӣ аст. Баъд аз раҳо кардани қишри бадан, ба олами дигар мунтақил мешавад, ҳамон гуна, ки Расули Акрам (с) фармуд: "*Шумо барои ҷовид мондан офарида шудаед, на барои фонӣ шудан ва аз байн рафтан.*"

Дар айни ин ки ин тафовутҳо байни руҳу бадан ҳаст, як мушобеҳатҳое ҳам байни онҳо вуҷуд дорад: бадан барои ин ки шодобу бонишот бимонад, ба як ришта ғизоҳо ва ошомиданиҳо ва танаввӯъҳо эҳтиёҷ дорад. Руҳ низ ба саҳми худ ғизо мехоҳад. Ғизои руҳ илм аст ва ҳикмат ва имон ва яқин. Ҳамон тавре, ки бадан дар асари нарасидани ғизои кофӣ пажмурда ва афсурда мегардад, руҳ низ пажмурдагӣ ва афсурдагӣ дорад. Он чи сабаби пажмурдагӣ ва афсурдагии руҳ мегардад, ғайр аз он чизҳое аст, ки баданро пажмурда ва афсурда месозад. Алӣ алайҳис салом мефармояд: "*Руҳҳо монанди баданҳо хастагӣ ва афсурдагӣ пайдо мекунанд. Дар ин ҳол, ки афсурдагии руҳӣ ба шумо даст медиҳад, бо саргарм шудан ба ҳикматҳои бадеъ ва фикрҳои нағз ва дилпазир, худро машғул бидоред*." (*"Наҳҷул-балоға", ҳикмати 91*) Ва ҳамчунин руҳ монанди бадан бемор мешавад, эҳтиёҷ ба муолаҷа ва дору пайдо мекунад. Иллати ин ки бадан бемор мегардад ин аст, ки таъодули мизоҷ баҳам мехӯрад, яъне маҷмӯъи маводде, ки ба нисбати муайян лозим аст дар бадан бошад каму зиёд мешавад; формулаи лозим, ки Худованд табиати инсонро рӯйи он формула сохта баҳам мехӯрад. Ба қавли Саъдӣ:

*Чор табъи мухолифи саркаш,*
*Чанд рӯзе шаванд бо ҳам х(в)аш.*
*Гар яке з-ин чаҳор шуд ғолиб,*
*Ҷони ширин бароял аз қолиб.*

Ҳамин тавр аст вазъи руҳӣ ва мизоҷи руҳии башар. Руҳ эҳтиёҷ дорад ба муҳаббат дидан ва муҳаббат кардан, эҳтиёҷ дорад ба назми ахлоқӣ, ба фаҳму маърифату дониш, эҳтиёҷ дорад ба имону эътиқод, эҳтиёҷ дорад ба такягоҳи муҳкаме, ки дар корҳо ба ӯ таваккул

кунад ва ба ӯ умедвор бошад, ки ӯро дар корҳо иъонат мекунад. Инҳо ҳама ба манзилаи маводди лозиме аст, ки барои мизоҷи руҳ лозим аст ва агар таъодул ва тавозун баҳам бихӯрад, дигар ҳеч чизе наметавонад хушӣ ва оромиш ба инсон бидиҳад.

Баъзе аз мардум дар худашон эҳсоси нороҳатӣ мекунанд, ҳамин қадр мефаҳманд, ки хушнуд нестанд ва оби хуш аз гулӯи онҳо пойин намеравад; мефаҳманд, ки қарору ором надоранд, пажмурда ва афсурда мебошанд. Аммо иллати ин беқарорӣ ва пажмурдагӣ чист, намедонанд. Мебинанд ҳама чиз ва ҳамаи васоили зиндагиро доранд ва дар айни ҳол аз зиндагӣ хушнуд нестанд. Ин гуна ашхос бояд бидонанд, ки қатъан эҳтиёҷоти маънавӣ доранд, ки баровარда нашуда, қатъан каму касре дар руҳи онҳо вуҷуд дорад. Билохира бояд эътироф кунанд ва таслим шаванд ба ин ҳақиқат, ки имон ҳам яке аз ҳавоиҷи фитрӣ ва таквинии мост ва балки болотарин ҳоҷати мост ва ҳар вақт ба сарчашмаи имон ва маъно расидем ва нури Худоро мушоҳида кардем ва Худоро дар руҳи худ ва ҷони худ дидем ва мушоҳида кардем, он вақт аст, ки маънои саодат ва лаззат ва беҳҷатро дарк мекунем. Қуръони Карим мефармояд: “*Бидон, ки танҳо бо зикри Худо ва ёди Худост, ки ҷон ором мегирад ва қалб эҳсоси осоиш мекунад.*” (*Раъд/28*) Алӣ алайҳис салом мефармояд: “*Худованд зикри худаш ва ёди худашро мояи ҷило ва равшании дилҳо қарор дода. Ба ин васила гӯш боз ва чашм бино ва дил мутеъ ва ором мегардад.*” (*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 220*)

## Дин, ягона ромкунандаи нафси аммора

Гурӯҳеро Расули Акрам (с) ба ҷиҳод фиристод. Онҳо рафтанд ва мардона ва далерона вазифаи муқаддаси сарбозии худро анҷом доданд ва баргаштанд. Вақте, ки баргаштанд, Расули Худо аз онҳо истиқбол кард ва ба онҳо хушомад гуфт, вале дар зимни хушомад, ҷумлае гунҷонид, ки онҳоро водор кард аз он ҳазрат тавзеҳ бихоҳанд. Хушомадро ин тавр фармуд:

“*Марҳабо ба гурӯҳе, ки аз мубориза*и *кучак ва саҳнаи кучак баргаштаанд ва ҳанӯз муборизаи бузург ва саҳнаи бузургро дар пеш доранд!*”

Ҷамъият чунон гумон бурданд, ки дар нуқтаи дигаре мебоист бо сипоҳи дигаре набард кунанд ва шамшеру найза ба кор баранд. Суол карданд: он муборизаи бузургтар ва саҳнаи хунинтар чист ва дар куҷост? Фармуд: он саҳна, саҳнаи мубориза бо нафси аммора аст.

Дар ҳадиси дигаре ҳаст, ки Расули Худо фармуд:

Шайтони ман ба дасти ман ислом овард ва ром шуд.

Ин ҳадиси дуввум низ мисли ҳадиси аввал аз як ҷанги дарунӣ ва носозгории дохилӣ ва ба таъбири дигар, аз як саффбандӣ ва ҷабҳабандии дохилӣ дар вуҷуди инсон ҳикоят мекунад; ба илова ин ки хабар медиҳад, ки ин саффбандӣ ва ҷабҳабандиро ман дар вуҷуди худам баҳам задам ва ба ҷойи он, сулҳу сафо ва оромиш барқарор кардам.

Ин худ як ҳақиқате аст, ки уламои равоншинос эътироф доранд; мегӯянд, инсон ба иллатҳо ва омилҳое ҳолате пайдо мекунад, ки як навъ ошуфтагӣ ва ноҳамоҳангӣ дар афкор ва эҳсосоташ пайдо мешавад, руҳияаш таҷзия мешавад ба ду ҷабҳа ва ду қисмат. Аз ин рӯ ашхосе дида мешаванд, ки аз онҳо ду навъ корҳои комилан мутахолиф ва мутазодд дида мешавад: дар як лаҳза ва як ҳолат нарму мулойиманд, дар лаҳза ва ҳолати дигар дуруштхӯ. Гоҳе меҳрубонанд ва гоҳе беотифа ва қасиюлқалб. Гоҳе зиёд метарсанд ва гоҳе зиёд таҳаввур ва ҷасорат ба харҷ медиҳанд. Гоҳе мутадайин ва рӯ ба Худо ҳастанд ва гоҳе лоуболӣ ва дунболи фисқу фуҷур:

*Як даст ба мусҳафему як даст ба ҷом,*

*Гаҳ назди ҳалолему гаҳе назди ҳаром.*

*Моем дар ин гунбади фирӯзарухом,*

*На кофири мутлақ, на мусалмони тамом.*

Ҳоло бояд дид, ин ноҳамоҳангӣ дар амалу рафтор ва куниш аз куҷо пайдо мешавад. Чаро баъзе аз мардум гоҳе мисли кабк хуш мехироманд ва гоҳе мисли кулоғ ноҳинҷор медаванд?

Маншаи ин ноҳамоҳангӣ ва якнавохт набудан дар амалу рафтор ҳамоно ноҳамоҳангӣ ва интизом надоштани афкор ва эҳсосот аст. Ин ошуфтагӣ дар амал, мавлуд ва маълули ошуфтагии рух аст ва ба таъбири Расули Акрам, мавлуди саффбандӣ ва ҷабҳабандӣ ва ҷангу низоъе аст, ки байни анвоъи афкор ва эҳсосот аст. Пас бояд коре кард, ки ин ошуфтагии руҳӣ ва ин ҷанги дохилӣ муторака шуда ва сулҳу сафои воқеӣ байни анвоъи афкор бо ҳам ва анвоъи эҳсосот бо ҳам пайдо шавад, вале албатта сулҳу сафои воқеӣ, на сулҳи муваққат ва мусаллаҳ.

То сулҳу сафои воқеӣ байни афкор ва эҳсосот пайдо нашавад, наметавон ба барқарории сулҳ миёни афрод бо ҳам ва миллатҳо ва давлатҳо бо ҳам умедвор буд. Яке аз фалосифаи асри мо мегӯяд:

“*Он касе, ки бо худаш ҳамеша дар ҷанг аст, чӣ гуна метавонад бо дигарон дар сулҳу сафо бошад?*”

Дар инҷо бори дигар эҳтиёҷи башарро ба дин эҳсос мекунем, чун ром кардан ва мутеъ сохтани эҳсосоти аммораи башар аз ӯҳдаи ҳар қувва ва қудрати дигар хориҷ аст. Ҳар

қувва ва қудрати дигар мақҳур ва олати ҳаво ва ҳаваси башар воқеъ мешавад, хоҳ он ки он кудрат, зӯр бошад ва ё илм ва ё чизи дигар. Вақте, ки:

*Илму молу мансабу ҷоҳу қирон*
*Фитна омад дар кафи бадгавҳарон.*
(*Мавлавӣ*)

— ва ҳамаи инҳо ба манзилаи олати қаттола ва теғе буда бошад, ки дар кафи зангии маст бидиҳем, пас бояд фикри дигаре кард. Ром кардан ва мутеъ сохтани саркашиҳо ва туғёнҳои нафсонӣ бар зидди ақлу ахлоқ, кори ақлу тадбир нест. Ба қавли Мавлавӣ:

*Куштани ин кори ақлу ҳуш нест,*
*Шери ботин сухраи харгӯш нест.*
*Дӯзах аст ин нафсу дӯзах аждаҳост,*
*К-ӯ ба дарёҳо нагардад камму кост.*
*Ҳафт дарёро дарошомад, ҳанӯз*
*Кам нагардад сӯзиши он халқсӯз…*
*Оламеро луқма карду даркашид,*
*Меъдааш наъразанон: “Ҳал мин мазид?*”

Он қувва ва қудрате, ки метавонад чунин эъҷозе бикунад ва шери ботинро дар қайд кунад ва рому таслим намояд, аҳримани нуҳуфта дар ботинро ба сурати фариштаи сулҳ даровcopyрад, ошуфтагиҳо ва ихтилолҳои замирро табдил кунад ба интизом ва истеҳком, амали инсонро муназзам ва якнавохт ва бар роҳи рост кунад, ҳамоно дин аст.

Дар таъбироти дин “сироти мустақим” ва “роҳи рост” зиёд омада. Дар муқобили роҳ мустақим, роҳи каҷу муъавваҷ аст. Мардумоне, ки бар сироти мустақим ва роҳи рост мебошанд, ҳамонҳо ҳастанд, ки байни анвоъи афкор ва эҳсосоташон сулҳу сафост, яъне байни қувваи хаёл ва қувваи оқилаашон ҳамоҳангӣ ва созгорӣ аст, шайтони хаёл ва воҳимаи онҳо таслими фариштаи ақл аст ва байни анвоъи эҳсосоти онҳо — аз пасттарин эҳсосот ва шаҳавот ва майлҳо ва орзуҳо то олитарин авотифи динӣ ва виҷдонии онҳо — ҳамоҳангӣ аст, шаҳавоти онҳо тобеъи фитрати поки онҳост. Қаҳран чунин мардуме рӯйи як хатти мустақим ҳаракат мекунанд. Худованд ҳамаи моро тавфиқ диҳад, ки бар роҳи рост ва сироти мустақим буда бошем ва ба чапу рост мунҳариф нигардем!

## Роҳи саодат

Қуръони Карим мефармояд: “*Ҳар гоҳ мехоҳед вориди хонаҳое бишавед, аз дари он хонаҳо ворид шавед.” (Бақара/189*)

Ин дастуруламал ибтидо хеле содда ва кучак ба назар мерасад, зеро ҳар касе барои худ ин андоза шуъур ва идрок қоил ҳаст, ки агар хост вориди муҳавватае бишавад — аз қабили як хонаи маскунӣ ва ё як идора — бибинад дари он хона ё идора куҷост ва аз дар дохил шавад, на аз девор. Вале ин як қоида ва асли куллӣ аст. Инсон бояд таваҷҷӯҳ дошта бошад, ки танҳо хона ва ё идора нест, ки дари вурудӣ ва деворҳои баланд дорад ва роҳи вуруди он мунҳасиран он як ё чанд дар аст. Асосан зиндагӣ ва хушбахтӣ монанди як маҳал ва як сохтмон, ки аз хишту гил бино шуда, дарҳое дорад ва инсон бояд аввалан он дарҳоро бишносад ва сониян худро одат диҳад, ки ҳамеша аз роҳи рост ва мустақим ва дари вурудии зиндагӣ вориди зиндагӣ шавад ва хушбахтиро ҷустуҷӯ намояд. Ин қоида, ки:

*Мапеч аз раҳи рост бар роҳи каҷ,*

*Чу дар ҳаст, ҳоҷат ба девор нест.*

— як қоидаи куллӣ аст дар зиндагии башар. Чашми басират мехоҳад, ки роҳҳои саҳеҳи вуруд дар муҳавватаи зиндагиро бишносад ва пушти девор ва ҳисори зиндагӣ муъаттал ва мутаҳайир намонад.

Бисёре аз афроди мардум, дар ҳамаи умр, дар пушти девор ва ҳисори зиндагӣ ва хушбахтӣ муъаттал мондаанд ва мегӯянд: мо, ки аз зиндагӣ чизе нафаҳмидем, зиндагӣ бемаъност. Ин афрод ҳамеша дар ҳайрат ва саргардонӣ ба сар мебаранд ва гоҳе ин таҳайюр ва саргардонӣ ва бадбиниро ба ҳисоби ҳассосияти зеҳн ва даррокияти фаҳми худ мегузоранд ва бо як дунё ғуруру кибр мегӯянд: ин мо ҳастем, ки ба беҳуда будани зиндагӣ ва дурӯғ будани саодат ва хушбахтӣ ва асолати ранҷу бадбахтӣ пай бурдаем ва аммо дигарон чун ба қадри мо ҳиссу дарк надоранд, намефаҳманд. Ин ашхос намедонанд, ки худашон монанди кӯрони бебасаре ҳастанд, ки дар пушти девори зиндагӣ муъаттал мондаанд ва натавонистаанд дар ҳамаи умр дари вурудии аслиро пайдо кунанд. Инҳо аз ҳамон аввал, роҳро чоҳ ва чоҳро роҳ тасаввур кардаанд ва рӯйи ҳамин тасаввури ғалат, лаҳза ба лаҳза аз роҳ дуртар шуда ва ҳамеша дар сиёҳчолҳои зиндагӣ ба сар бурдаанд. Ба қавли яке аз донишмандон, тавре парвариш ёфтаанд, ки барои эҳсоси ранҷу мусибат комилан омодаанд ва аз кучактарин ранҷе фарёдашон ба фалак мерасад, вале нисбат ба он чи хушӣ ва саодат аст лахту мурда ва беҳис мебошанд.

Қуръони Карим мефармояд:

“*Ҳар кас аъмоли солеҳ анҷом диҳад ва некӯкорӣ кунад ва дорои имон ҳам бошад, хоҳ мард бошад ва хоҳ зан, мо ӯро зинда мекунем ба як зиндагии хушу софу бекудуратӣ ва баъд ҳам дар ҷаҳони дигар беҳтарин подоширо ба онҳо медиҳем.” (Наҳл/97*)

Нуктаи ҷолиб дар ин ояти карима ин аст, ки Қуръони Карим мардуми беимон ва бадкорро зинда ва ҳассос намехонад; мефармояд: касоне, ки некӯкорӣ кунанд ва имон ва алоқа ба маънавият дошта бошанд, мо онҳоро зинда мекунем ва аз мурдагӣ хориҷ месозем, он вақт мефаҳманд, ки маънои зиндагӣ ва хушӣ ва саодат чист; он вақт мефаҳманд, ки зиндагӣ бе маъно ва бе ҳадаф нест; мефаҳманд саодат воқеият дорад; мефаҳманд, ки мешавад дар ин дунё тавре зиндагӣ кард, ки кудурате аз ранҷу нороҳатӣ вуҷуд надошта бошад.

Пайғамбарони илоҳӣ омадаанд, ки ба мо роҳи зиндагӣ ва ба таъбири дигар, дари вурудии зиндагӣ ва хушбахтиро нишон диҳанд; омадаанд, ки ба башар бифаҳмонанд, ки бадӣ ва бадкорӣ ва ҳавасбозӣ ва дурӯғ ва хиёнат ва манфиатпарастӣ ва кинатӯзӣ ва худпарастӣ, роҳи вурудии зиндагӣ ва тариқи расидан ба саодат ва оромиш ва ризояти хотир нест. Дари вурудии зиндагӣ ва хушбахтӣ некӣ ва некӯкорӣ, ростӣ ва дурустӣ ва истеҳкоми ахлоқӣ ва хайрхоҳӣ ва меҳрубонӣ аст; танҳо имон ва эътиқод ба маънавиёт ва сипас некӯкорӣ бар асоси он эътиқодоти муқаддас аст, ки қалбро ором ва ризояти хотирро таъмин мекунад ва саодатро муяссар месозад.

Дар ҳадис аст, ки: “*Худованд хушӣ ва осоиширо дар ду чиз қарор дода: яқин ва ризояти хотир ва нороҳатӣ ва ранҷро дар ду чизи дигар қарор дода: тардид ва хашм*.”

“Яқин” ҳамон имони муҳкам ва побарҷост ба ин ки ҷаҳон мудаббире дорад ҳаким ва он чи анбиё ба унвони башорат ва инзор гуфтаанд (яъне нисбат ба некӯкорӣ навид додаанд ва нисбат ба бадкорӣ эъломи хатар кардаанд), ҳама рост ва дуруст аст ва дер ё зуд воқеъ мегардад; ҳар касе ба амали хеш мерасад, тамоми аъмоли худро аз нек ва аз бад, бузург ё кучак хоҳад дид ва ба он хоҳад расид.

Ва аммо “ризояти хотир” яъне хушвақт будан ва хушнуд будан аз ин ки амали хешро он тавр анҷом дода, ки номуси олам ҳукм мекардааст; виҷдонаш розӣ аст, ки ба вазоифи худ амал кардааст ва дайни худро нисбат ба халқи Худо адо кардааст. Имом Зайнулобидин алайҳис салом дар дуо, аз Худованди Мутаъол чунин масъалат менамояд: “*Худоё! Бар Муҳаммад ва оли ӯ дуруд фирист ва имон ва яқини маро ба аъло дараҷа бирасон, нияти маро некӯтарин ниятҳо гардон ва амали маро фозилтарин ва беҳтарини аъмол гардон!*”

Мунтаҳои саодат ҳамин аст, ки одамӣ дар ноҳияи ақлу фикр дорои муҳкамтарин итминонҳо ва дар ноҳияи эҳсосот ва қалб дорои поктарини ниятҳо ва дар ноҳияи амал дорои некӯтарини амалҳо бошад. Зиндагии поку покиза ва саодатбахш ҳамин аст.

# Аркони саодати башар

Қуръони Карим дар сураи кучаке, ки ба номи “Сураи Аср” номида мешавад, зимни таъкид бо як қасам мефармояд: “*Башар ҷуз бо доштани чаҳор хислат зиёнкор ва бадбахт аст: аввал имон, дуввум амали дуруст ва саҳеҳ, севвум ташвиқ ва водор кардани афрод якдигарро ба ҳақ, чаҳорум ташвиқ ва тавсияи афрод якдигарро ба хештандорӣ ва истиқомат ва сабр*.” Инҳо чаҳор рукн ва чаҳор сутуни кохи саодати башар мебошанд.

Аммо рукни аввал яъне имон; ин рукн асоситарин рукни ҳаёти инсонӣ аст. Инсон аз он ҷиҳат, ки инсон аст, наметавонад бидуни имон зиндагии хуш ва мақрун ба осоише дошта бошад. Ҳаракот ва фаъолиятҳои инсон ҳамин қадр, ки аз ҳудуди хӯру хобу хашму шаҳвату лаззатҳои онӣ таҷовуз кард, нуқтаи иттикое лозим дорад, бидуни он нуқтаи иттико на ҳаракот ва фаъолиятҳои инсон назму инзиботе ба худ мегирад ва на мақрун ба нишот ва рағбат хоҳад буд. Мо агар ҳайвонеро — масалан аспе ё гӯсфанд ё оҳуеро — дар назар бигирем, ба таври вузуҳ эҳсос мекунем, ки эҳтиёҷе ба он чи мо онро “имон” меномем надорад, зеро корҳо ва ҳаракатҳо ва фаъолиятҳои ин ҳайвон бисёр маҳдуд ва маҳсур аст; обхӯрдане аст ва алафхӯрдане ва ҷасту хезе ва ҳаддиаксар муроқабати фарзанде. Ҳодии ҳайвон ва муҳаррики ӯ ва нуқтаи иттикои ӯ дар ин аъмол, ҳамон ғаризаи табиии ибтидоии вай аст; ташна ё гурусна мегардад, бидуни муъатталӣ ва бидуни ҳеч гуна тардид ё тазалзуле, дунболи об ва алафи худ меравад.

Агар фарзанди одам шуоъи ҳаракот ва корҳояш маҳдуд буд ба ҳаракоти табиӣ ва ғаризӣ, ӯ низ барои корҳои худ нуқтаи иттикое ҷуз ғароизи аввалӣ ва табиии худ надошт.

Аммо чӣ бояд кард, ки шуоъи аъмол ва ҳаракоти лозим ва зарурии фарзанди одам хеле тӯлонитар аз инҳост, ба ҷиҳати ин ки аввалин чизе, ки инсонро бо ҳайвон фарқ мегузорад ин аст, ки зиндагии вай иҷтимоӣ аст. Зиндагии иҷтимоӣ сабаб шуда, ки инсон аз вуҷуди дигарон баҳраҳои беҳисоб бибарад ва ба ҳамин далел вазоиф ва таколифе дар баробари ҷомеа — ки дар сояи вай баҳраи беҳисоб мебарад — ба ӯҳда дорад. Он ҷо, ки пойи анҷоми вазоиф ва таколифи иҷтимоӣ аст, дигар ғариза ва табиат ҳукмфармо нест ва он суҳулат ва осонӣ ва балки лаззат ва беҳҷате, ки дар анҷоми корҳои табиӣ ҳаст, дар инҷо вуҷуд надорад. Дар инҷо башар фақат сангинии бори вазифа ва таклифро рӯйи дӯши худ эҳсос мекунад. Болотар ин ки эҳсос мекунад, ки анҷоми вазифа ва таклиф дар бисёре аз маворид бар хилофи табиат ва майл ва ғаризаи шахсӣ аст.

Вазифа аз ӯ ростӣ ва амонат ва фидокорӣ ва инсоф ва адолат ва тақво ва иффат ва покдоманӣ мехоҳад ва табиати шахсии вай баръакс ҳукм мекунад, ки барои ҷалби лаззат

ва манфиати шахсӣ дурӯғ бигӯяд ва хиёнат ва дуздӣ кунад, аз фидокорӣ ва инсоф ва адолат тан боззанад, ҷомаи тақво ва таҳорат ва иффатро биёлояд, то ба ком расад.

Ин ҷост, ки инсон худро дар баробари як силсила тасмимоти бузург мебинад дар ҷиҳати мухолифи табиат ва манфиати худаш ва маҳол аст, ки бидуни нуқтаи иттикое, ки руҳи ӯро ба ин фазоил розӣ созад, битавонад аз ӯҳда барояд. Ин нуқтаи иттико ҳамон аст, ки "имон" номида мешавад; ҳамон рукни аввал аз чаҳор рукни саодати башар аст, ки Қуръони Маҷид зикр кардааст.

Рукни дуввум, амали саҳеҳ ва шоиста аст. Мумкин аст мардуме имон дошта бошанд, аммо амали саҳеҳ надошта бошанд. Ибтидо тасаввури ин матлаб мушкил ба назар мерасад, ки чӣ гуна мумкин аст, ки имон бошад ва таҷаллиёти вай, ки амали солеҳ аст набуда бошад. Аммо набояд тааҷҷуб кард, зеро гоҳе мардуме, имон ба мабодии олия доранд, ба Худо ва пайғамбарон ва кутуби осмонӣ ва авлиёи дин эътиқод ва имон доранд, вале дар асари баъзе инҳирофот ва иштибоҳот, гумон мекунанд, ки танҳо имон доштан кофӣ аст ва амал аҳаммияти чандоне надорад. Ва ё мумкин аст мардуме амал бикунанд ва амалашон муттакӣ ба имон ва ақида бошад, вале дар ташхиси амал иштибоҳ карда бошанд, яъне як силсила аъмолро ба ҳукми имон ва ақидаи худ анҷом бидиҳанд, ки ҳеч асар ва фоидае бар он аъмол мутараттиб нагардад. Чӣ бисёр дида мешавад, ки мардуме аз рӯйи ақида ва имон заҳматҳо мекашанд ва талошҳо мекунанд, аммо беҳуда; кучактарин асари некӣ бар аъмоли инҳо мутараттиб нест.

Рукни севвуми саодати башар иборат аст аз ташвиқ ва таҳрики афрод якдигарро ба мулозамати имон ва ҳақ ва амали шоиста. Афроди ҷомеа на танҳо боист имон дошта бошанд ва некӯ амал кунанд, балки бояд ба анвоъи васоили қавлӣ ва амалӣ якдигарро ба имон ва амали солеҳ тавсия ва ташвиқ кунанд; ҷомеаи худро бояд тавре бисозанд, ки доиман афрод таҳти талқини корҳои хайр воқеъ гарданд, на он ки Худой нохоста вазъи ҷомеа ба сурате дарояд, ки афрод доиман таҳти талқини бадкорӣ ва фасод қарор гиранд.

Рукни чаҳорум, тавсия ва ташвиқ ба сабр ва истиқомат ва поймардӣ аст. Чархи рӯзгор ҳамеша бар вифқи муроди ашхос намегардад ва тундбоди ҳаводис ҳамвора дар ҷиҳати мувофиқи ҳаракати киштӣ ҳаракат намекунад. Бояд дар муқобили ҳаводис ва номулоймот истодагӣ ва пойдорӣ кард ва бояд афрод доиман якдигарро ба сабр ва истиқомат ва пойдорӣ тавсия ва ташвиқ кунанд. Қуръони Карим мефармояд: "*Агар мардум бар роҳи ҳақ истиқомат биварзанд, мо аз дарёи раҳмати худ оби фаровон насиби эшон хоҳем кард." (Ҷин/16*)

## Имон ва амали солеҳ

Дар Қуръони Карим баъзе калимот ва ҷумлаҳо зиёд мукаррар шуда, ба тавре, ки он калимот ва он ҷумлаҳо бо он таркиби махсус забонзади умум ва маъруф шуда. Аз ҷумлаи калимот ва таркиботе, ки мукаррар зикр шуда “имон ва амали солеҳ” аст, ки бо таркиби:

الَّذِينَ آمَنُوا وَعَمِلُوا الصّالِحاتِ

— омадааст. Аз инҷо метавон фаҳмид, ки ин китоби муқаддаси осмонӣ то чӣ андоза саодати башарро дар гарави ин ду чиз мешуморад: имон ва амали солеҳ. Албатта Қуръони Карим, ки ҳамвора аз имон дам мезанад, ҳар имонеро манзур намедорад; мақсуди Қуръон аз “имон” имон ба зоти ақдаси рубубӣ аст, ки имон ба ӯ имон ба ҳамаи ҳақоиқи олам аст. Лозим аст тавзеҳе бидиҳам.

Аввалан бидуни тардид яке аз аркони зиндагии башар ин аст, ки ба чизе имон дошта бошад ва ба асле муттакӣ бошад ва чизеро ҳақиқат бипиндорад ва дар муқобили ӯ таслим бошад. Бадтарини ҳолатҳои башар ин аст, ки натавонад ба чизе имон биёварад ва дар муқобили ҳақиқате таслим шавад, афкор ва эҳсосоти парешон ва номуназзам дошта бошад ва тамоми ҷаҳонро монанди афкор ва эҳсосоти худ ошуфта ва беназму беҳисоб фарз кунад.

Дар дараҷаи дуввум, он амре, ки мавриди имони инсон аст хуб аст муқаддас ва олӣ бошад, ки одамӣ шоиста бидонад дар муқобили ӯ хузӯъ кунад ва ба хотири ӯ фидокорӣ ва ҷонфишонӣ намояд ва ба иборати дигар, хуб аст, ки инсон дар ин дунё ақида ва маслаке дошта бошад ва ҳамеша аз он ақида ва маслак пайравӣ намояд, музаввир ва музабзаб набошад. Вале ҳар ақида ва маслаке муқаддас нест ва шоистагии аз худгузаштагӣ надорад, бисёре аз ақоид ва мусолик аз ҳудуди манфиатпарастӣ ва худпарастӣ таҷовуз намекунад. Бадеҳӣ аст ақидае, ки реша ва асосаш худпарастӣ аст ва бар меҳвари комронӣ мечархад, шоистагӣ надорад, ки башар дар роҳи он худро фонӣ кунад. Фонӣ шудан дар роҳи чунин ақидаҳо ва маслакҳо мабнӣ бар ҳеч мантиқе нест ва дур аз ақлу хирад аст. Он ақида ва маслаке шоистаи ҷиҳод ва фидокорӣ аст, ки фавқи манофеъи моддии афрод бошад.

Дар дараҷаи севвум, бояд амре, ки мавриди алоқа ва ақида ва имони инсон қарор мегирад, мофавқи ҳамаи муқаддасот ва ҳамаи умури олӣ ва шариф бошад, ба тавре, ки имон ба ӯ шомили имон ба ҳамаи ҳақоиқ буда бошад.

Ҳукамои илоҳӣ қоидаеро ба субут расонидаанд ва он ин ки “зоти ягона ҷамиъи ҳақоиқро дарбар дорад”. Имон ба зоти ягона низ агар холис ва орифона бошад, имон ба ҳамаи ҳақоиқро дарбар дорад, чун тамоми ҳақоиқ мунбаъис аз зоти ӯст, тамоми аслҳое, ки дар

ин ҷаҳон ҳаст, аз зоти поки ӯ сарчашма мегирад. Қуръони Карим таъбире дорад, ки мефармояд: бигӯ ҳақ аз Худост (*Каҳф/29*) Қуръон намегӯяд, ҳақ бо Худост; мегӯяд, ҳақ аз Худост. Худованд болотар аст аз ин ки бигӯем, ҳақ бо ӯ ва ӯ бо ҳақ аст; ӯ зоте аст, ки ҳамаи ҳаққҳо аз зоти ӯ мунбаъис мешавад. Имоне, ки дар Қуръон мукаррар зикр шуда яъне имон ба Худо, яъне имон ба илм ва ҳикмат ва қудрат ва низом ва тадбир ва адолат, имон ба он чи дар ин ҷаҳон ҳақ ва собит ва муфид аст.

Ва аммо рукни дуввум амал аст, на мутлақи амал, амали солеҳ ва пок ва нек. Башар руҳ дорад ва бадан, қалб дорад ва қолаб. Дар ноҳияи руҳ ва қалб бояд итминон ва имон дошта бошад, ҳайрон ва саргашта набошад. Дар ноҳияи бадан ва қолаб бояд монанди дарахте борвар ва мусмир буда бошад.

Ҷаҳони мо ҷаҳони ҳаракат аст, ҷаҳони кор аст. Аз бузургтарин кураҳои осмонӣ то кучактарин зарраҳое, ки башар то кунун кашф карда, дар кор ва дар ҳаракат ва фаъолиятанд. Як зарра ва як қатра бекор нест. Инсон низ аз ин қонуни куллӣ ва умумӣ мустасно нест.

Чизе, ки ҳаст ин аст, ки агарчӣ инсон ҳам ба ҳукми зарурат бекор наметавонад биншинад, масалан руҳ ва мағзи инсон ҳар андоза бихоҳад бекор бошад, наметавонад бекор бошад, доиман дар ҳоли ҳаракат аст ва аз хотирае ба хотирае ва аз тасаввуре ба тасаввуре мунтақил мешавад, ҳатто дар ҳоли хоб, ки чунин ба назар мерасад руҳу мағз истироҳат карда ва кор намекунад, доиман дар ҳоли ҳаракат ва ҷунбиш аст (донишмандон мӯътақиданд, ки дар ҳоли хоб як лаҳза нест, ки руҳу мағз бекори мутлақ бошад); дар ноҳияи бадан ҳам инсон бекори мутлақ нест, билохира чорае надорад аз ин ки чизҳоеро бибинад ва тамошо кунад ва чизҳои дигареро бишнавад. Вале инсон ба ҳукми ин ки мухтор ва озод халқ шуда, майдони амали васеъе дорад, метавонад хуб ва муфид амал кунад ва метавонад бад ва зиёновар амал кунад, метавонад дар ҳамон роҳе гом бардорад, ки камоли хайр ва маслиҳат ва саодати ӯст ва метавонад дар роҳе гом бардорад, ки бар хилофи саодат ва маслиҳати худаш аст; ба ин ҷиҳат аст, ки эҳтиёҷ ба ҳидоят ва роҳнамоӣ дорад ва ба ӯ гуфта мешавад, ки амал бояд солеҳ бошад. Масалан мағз ва руҳ ҳамеша дар ҳоли фаъолият аст. Ин фаъолият мумкин аст солеҳ ва мумкин аст ғайри солеҳ бошад. Агар руҳро ба ҳоли худ бигузорем, доиман дар миёни хотироти гузаштаи худ дар гардиш ва ҳаракат аст, мисли ин аст, ки ба даври худ бичархад, годме ба ҷилав барнамедорад. Вале агар руҳро аз лиҳози фикр кардан таҳти назму қоида дарбиёварем, амали руҳро солеҳ гардонем ба ин ки водор кунем муназзам фикр кунад, илмӣ фикр кунад, тавре фикр кунад, ки ҳамеша фикри нав ва андешаи нав ва саҳеҳ

тавлид кунад ва билохира коре кунад, ки мисдоқи сухани Расули Акрам воқеъ шавад, ки фармуд:

“Як соат фикр кардан аз шаст сол ибодат болотар аст.”

— дар ин вақт, амали рух солеҳ аст. Башар чӣ дар ноҳияи руҳ ва чӣ дар ноҳияи бадан бекор намемонад, талош мекунад. Умда ин аст, ки чӣ гуна талош кунад ва чӣ гуна амал кунад. Ин аст, ки Қуръони Маҷид ҳеч гоҳ амалро ба таври мутлақ зикр намекунад, “амали солеҳ” зикр мекунад.

Пас маълум мешавад **саодати инсон ду рукн дорад: рукни имон ва рукни амал, аммо на мутлақи имон ва на мутлақи амал, балки имон ба муқаддастарин ва олитарин ҳақоиқ, ки шомили имон ба ҳамаи ҳақоиқ аст, яъне имон ба зоти ягона, ки мабдаи илм ва қудрат ва назм ва ҳикмат ва ҳаёт ва саодат аст; ва амали солеҳ ва шоиста ва муфид, ки инсонро ҷилав бибарад ва комил кунад ва осори хуб ба бор оварад**.

## Хории маъсият ва иззати тоъат

Расули Акрам (с) фармуд:

“*Ҳар кас, ки мехоҳад бидуни он ки моле дар каф дошта бошад, бениёз бошад ва бидуни он ки фомиле ва аширае ва хадаму ҳашаме дошта бошад, азизу мӯҳтарам бошад ва бидуни он ки дар раъси як қудрати иҷтимоӣ бошад ва мансаберо қабза карда бошад, маҳобат ва салобат дошта бошад, роҳаш ин аст, ки худро аз хории маъсият ва гуноҳ хориҷ кунад ва ба иззати тоъати парвардигор пайванд кунад.*”

Албатта шак нест, ки мол инсонро бениёз месозад ва ашира ва фомил доштан, ба башар иззату эҳтиром медиҳад ва қудратҳои иҷтимоиро дар даст доштан бар маҳобати инсон меафзояд, вале тамоми инҳо ба ҳукми он ки абзорҳо ва васоили моддӣ аст, маҳдуд аст. Яъне барои ҳамаи мардум муяссар нест, ки он қадр мол дошта бошанд, ки аз ҳама чиз бениёз бошанд ва он қадр ашира ва фомили хуб ва ҳамроҳ дошта бошанд, ки дар партави онҳо ва дар ҳимояти онҳо мӯҳтарам зист кунанд ва қудратҳои иҷтимоиро — ки қаҳран маҳдуд аст ва билохира дар ихтиёри афроди муайяне қарор мегирад — онҳо бигиранд. Вале Худованди Мутаъол як навъ бениёзӣ ва иззату маҳобати дигар дар миёни ҳамаи мардум ба таври мутасовӣ тақсим карда, ки ҳама метавонанд аз онҳо бархӯрдор шаванд, фақат андаке маърифат ва заҳмат лозим дорад ва он иборат аст аз **таҳсили усули муҳкам дар зиндагӣ бар мабнои Худошиносӣ ва тақво ва диёнат**.

Одами Худошинос ва муттақӣ ва салимуннафс, ки аҳли ақида ва маслак ва шахсияти ахлоқӣ ва маънавӣ аст, худ ба худ дар назари ҳама маҳбуб ва мӯҳтарам аст; дар айни

маҳбубият, азамат ва ҷалол ва маҳобат дорад ва дар айни ҳол ҳар вақт эҳтиёҷ ва ниёзе пайдо кунад, ҳамаи мардум ӯро мисли худ ва бародари худ медонанд, дар зиндагӣ ва саодати ҳамаи мардум шарик аст. Оре, неъматҳои моддӣ маҳдуд ва қисмат шудааст. Агар инсон меҳвари орзуҳояш ҳавоиҷи моддӣ бошад, ҳеч вақт ба онҳо намерасад, зеро ба ҳар орзуе, ки бирасад, орзуе бузургтар дар ҷилави чашмаш намоён мешавад, доиман эҳсоси изтироб ва нигаронӣ мекунад, итминон ва ризояти хотир, ки рамзи саодат аст, ҳеч вақт барояш даст намедиҳад. Вале **умури маънавӣ ва руҳонӣ руҳи башарро қонеъ мекунад ва ба ӯ ризояти хотир ва итминон медиҳад**. Ин аст, ки бузургон гуфтаанд: масали орзуҳои ботили дунявӣ масали оби шӯр аст; на танҳо инсонро сероб намекунад ва рафъи ташнагӣ наменамояд, балки ташнагӣ ва аташи вайро изофа мекунад ва шахс бештар меошомад, то он ҷо, ки ӯро мекушад:

*Он шунидастӣ, ки дар ақсои Ғӯр*
*Борсолоре бияфтод аз сутур.*
*Гуфт: Чашми танги дунёдӯстро*
*Ё қаноат пур кунад, ё хоки гӯр!*
*(Саъдӣ*)

Бузургон инҳоро гуфтаанд барои ин ки моро аз мадори тамаъ ва гирдоби ҳирс хориҷ созанд ва зиндагии моро рӯйи усули саҳеҳ ва саодатмандона танзим кунанд; нахостаанд бо гуфтани ин матолиб моро нисбат ба навомиси зиндагӣ лоқайд намоянд, ки танбалӣ пеш бигирем ва тан ба ҳеч коре надиҳем. Башар дар ин дарёи азими зиндагӣ бояд ҳаракат кунад, то ба соҳили мақсуд бирасад. Аммо ин матлаб ҳам ҳаст, ки **ҳаракати муназзами киштии ақлу дониш як матлаб аст ва гирифтор шудан дар гирдоби ҳирсу тамаъ ва ҳасодат ва рақобат ва бадхоҳӣ матлаби дигаре аст**. Он ки дар васати дарё дар гирдобе афтода ва қудрати азими об ӯро ба суръат мечархонад, ӯ ҳам дар дарё ҳаракат мекунад, вале он ҳаракат рӯ ба соҳили наҷот нест, балки рӯ ба ғарқоби фаност. Усули зиндагӣ ва ҳаракат дар сироти мустақими зиндагӣ, ки силсилаи муқаддаси анбиё аввалин ва беҳтарин роҳнамои он ҳастанд, ғайр аз ин аст, ки инсон дар гирдоби ҳирсу тамаъ биафтад ва девонавор дунболи андӯхтани сарват биравад бидуни он ки ҳадафи саҳеҳ ва машрӯъ аз ин андӯхтанҳо дошта бошад. Ин гуна сарватандӯзиҳо гузашта аз ин ки аз назари ҳуқуқи иҷтимоӣ ва помол кардани ҳаққи иҷтимоъ гуноҳ маҳсуб мешавад, аз ҷанбаи фардӣ ва шахсӣ низ ҷуз вабол ва никбат ва таҳаммули ранҷ чизе нест; зеро фарде, ки умре ранҷ мекашад ва мутаҳаммили машаққатҳо мешавад ва ҳамаи вақташ сарфи ҷамъ кардан ва андӯхтан мешавад ва барои худаш вақте боқӣ намегузорад, ки дар он вақт ба мутолеа ва тамошои тамошохонаи ҷаҳон бипардозад ва чизе аз маъно ва руҳи

зиндагӣ дарк кунад ва ҳатто фурсат пайдо намекунад, ки аз ҳамон мол истифодаи моддӣ бибарад, пас дар ҳақиқат насиби ин одам ҳама ранҷу машаққат буда, ба иловаи шақоватҳо ва масъулиятҳои ухравӣ.

Алӣ алайҳис салом фармуд:

"*Баъзе мардум ҳастанд, ки мавриди тааҷҷуб мебошанд ва онҳо касоне ҳастанд, ки дар дунё ба воситаи бухлу хиссат монанди фуқаро зиндагӣ мекунанд ва дар қиёмат бояд монанди сарватамандон ҳисоб бидиҳанд, ки аз куҷо овардӣ ва чаро андӯхтӣ ва масраф накардӣ ва ё чаро дар фалон масрафи ботил масраф кардӣ?*"

Ва аҷаб ин аст, ки ҳамон фақре, ки аз он метарсанд, ба воситаи бухлу хиссат зудтар ба он мубтало мешаванд ва аз ҳамон ғино ва бениёзӣ, ки маҳбубу маъшуқи онҳост, рӯз ба рӯз дуртар мешаванд, зеро имтиёзи фақир аз ғанӣ ба ин аст, ки фақир ғизои хуб намехӯрад ва ғанӣ ғизои хуб мехӯрад; фақир либоси хуб намепӯшад ва ғанӣ мепӯшад, фақир маскан ва хонаи хуб надорад ва қудрати эҷоди васоили хуб барои зиндагӣ надорад ва ғанӣ ҳамаи инҳоро дорад. Ва он чи аҷаб аст ин аст, ки баъзе аз мардум ба воситаи бухлу хиссат, бо доштани молу сарвати зиёд, на ғизои хуб мехӯранд ва на либоси хуб мепӯшанд ва на васоили хуб барои зиндагии хеш фароҳам мекунанд; ин аст, ки мегӯем, бо доштани мол дар миёни фақр зиндагӣ мекунанд ва аз бениёзӣ фарсангҳо дур мебошанд.

Оре, ин аст маънои ин ки инсон аз ҷодаи рост ва сироти мустақими зиндагӣ хориҷ шавад ва дар гирдоби бемориҳое назири бухлу ҳирсу ҳасаду тамаъу ҷунуни шӯҳрату шаҳват ва ғайра биафтад. Бузургони башар нахостаанд моро аз мавҳибатҳо ва неъматҳои Худо маҳрум созанд, балки хостаанд дасти моро бигиранд ва аз гирдобҳо наҷот диҳанд.

## Арзиши сармояи умр

Дар миёни суханони олӣ ва арҷманде, ки аз Расули Акрам (с) нақл шуда қисматҳое ҳаст, ки мухотаб дар он қисматҳо як шахси муайян аст ва ба унвони васият ва насиҳат ба он шахси муайян баён фармуда ва ин қисматҳо аз ҷумлаи баёноти муфассал ва тӯлонии ҳазрати Расули Акрам аст ва дар китобҳое забт шудааст, мисли баёноте, ки ба унвони васият ва насиҳат, Алӣ (а) ва ё Абдуллоҳ ибни Масъуд ва ё Абӯзари Ғифориро мухотаб қарор додааст. Ва шояд иллати ин ки як шахси муайянро мухотаб қарор дода бо ин ки он калимот ҳикматҳои куллӣ ва дастуруламалҳои ҷомеъ аст ва барои умум муфид аст, ин аст, ки Расули Акрам хоста он шахси муайянро масъули ҳифзу забти он ҳикматҳо ва иблоғи онҳо ба соирин қарор диҳад, зеро аз ҷумла корҳое, ки Расули Акрам дар он рӯз

кард ин буд, ки махсусан мардумро ташвиқ мекард, ки он чи имрӯз аз ман мешунавед, комилан забт кунед ва бинависед ва ба хотир бисупоред ва ба наслҳои оянда мунтақил кунед; фармуд:

"*Он ки ҳозир аст, ба ғоибҳо эълом кунад. Эй басо, ки ҳадисе имрӯз аз ман мешунавед ва баъд барои дигарон нақл мекунед ва он кас, ки барои дигаре нақл мекунад, ба андозаи он дигаре, ки аз ӯ таҳвил мегирад, наметавонад истифода кунад, зеро наметавонад ба андозаи ӯ ба умқи маъно ва сирри ҳақиқати он калом пай бибарад.*"

Рӯйи ҳамин таъкид ва тавсияи Расули Акрам буд, ки "илми ҳадис" дар ислом падид омад, ки мусалмонон бо камоли диққат ва амонат, аҳодиси Расули Акрамро барои якдигар нақл мекарданд ва аз насле ба насли дигар таҳвил медоданд. Ва баъд "илми риҷол" падид омад, яъне илми таҳқиқ дар аҳволи касоне, ки ровиёни ин аҳодис мебошанд, ки оё қобили эътимод мебошанд ва ё намебошанд. Имрӯз ба як ҷумла аз ҳикматҳое, ки ба унвони васият ба Абӯзари Ғифорӣ фармуда, сухани худро зинат медиҳем. Фармуд:

"*Эй Абӯзар! Аз он бипарҳез, ки хаёлот ва орзуҳо сабаб шавад, ки кори имрӯз ба фардо биафканӣ, зеро ту мутаъаллиқ ба имрӯз ва моли имрӯз ҳастӣ, на моли рӯзҳои наомада. Дар он ҷо, ки кори муфид ва лозим ва Худописанде мехоҳӣ анҷом диҳӣ, таъхир ва дафъулвақтро раво мадор. Эй Абӯзар! Ба умрат бештар бухл биварз, то ба молат.*"

Ин суханон дар заминаи ғанимат шумурдани умр ва истифода кардан аз фурсати зиндагӣ аст. Ҷойи таассуф аст, ки дар назари бисёре аз мардум чизе аз вақт ва замон ва ин риштаи тӯлонии ларзон, ки номаш умр аст, беқиматтар ва беарзиштар вуҷуд надорад. Давраи умр барои ҳар касе давраи мадраса аст. Ҳамон тавре, ки дар мадраса рӯзу соату дақиқа арзиш дорад, он дақоиқе ҳам, ки занги тафреҳ навохта мешавад, барои таҷҳиз ва таҷдиди қувваҳо ва омодагӣ барои касби камол дар соатҳои дигар аст, тамоми давраи умри одамӣ бояд ба ҳамин тавр танзим шуда бошад, он вақт аст, ки соат ва дақиқаи ҳадаррафта вуҷуд надорад.

Аллома Ҳиллӣ яке аз ситорагони дурахшони улуми исломӣ аст ва гузашта аз ин ки як фақеҳи дараҷаи аввал аст, дар соири риштаҳои улуми исломӣ аз маъқулу манқул таълифот дорад. Ин мард солҳо дар хидмати ҳаким ва риёзидони бузург, Хоҷа Насируддин шогирдӣ карда ва мулозими шабу рӯзи устоди хеш будааст. Ӯ мефармояд: ман дар муддати мулозамати хидмати устод ҳатто як амали кучак, ки истеҳбоби шаръӣ дошта бошад надидам, ки (Хоҷа Насир) анҷом надиҳад. Яъне чунон вақти худро танзим карда буд, ки ҳар коре дар мавқеъи худ ва ба ҷойи худ сурат мегирифт. Агар аҳёнан тафреҳ ва тафаннун мекард, дар мавриде буд ва ба тарзе буд, ки баҷо ва лозим буд ва шаръан писандида буд. Албатта донишҷӯе, ки дар сар килос бо тамоми таваҷҷӯҳ гӯшу

чашмаш ба устод ва дарс аст, дар соате ҳам, ки тафреҳ мекунад ва истироҳат менамояд, мисли ҳамон соате аст, ки дарс мехонад, яъне (кори ӯ) ба ҳамон андоза машрӯъ ва мустаҳсан аст.
Яке аз шароити муваффақияти инсон, дарк кардани қимат ва арзиши вақт аст. Агар ҷавоне сарвати ҳангуфте аз падар ба ирс бурда бошад ва девонавор исрофу табзир кунад, ҳама мутаассиф ва мутааҷҷиб мешаванд, ба ҳоли ҷавон риққат мекунанд, оқибати шумашро ҳама ҳадс мезананд, ки чӣ бадбахтиҳо ва пушаймониҳост. Ҳамаи моҳо каму беш бо ҳамчу касоне бархӯрд кардаем ва бисёр таассуф хӯрдаем. Вале ҳамин мо; худи мо, нисбат ба сармояи бузургтар ва боарзиштар яъне вақт ва умр, ҳамон муомилаеро мекунем, ки он ҷавон нисбат ба молу сарвати худ мекунад ва ҳеч гуна мутаассир намешавем. Ин худ нишонаи ин аст, ки мо арзиши пулро хуб дарк мекунем, вале арзиши вақт ва замонро дарк намекунем.
Маъмулан ашхоси тарбиятёфта, ки ба ҳуқуқи дигарон таҷовуз намекунанд ва аз Худо метарсанд, мумкин нест даҳ шоҳӣ (дирам) моли касеро бихӯранд ва талаф кунанд ва агар аҳёнан моли дигареро талаф карданд, аз моли худашон ҷуброн мекунанд, вале ҳамин ашхос, ки ин қадр барои моли дигарон ҳурмат ва ҳуқуқ қоиланд, барои умри дигарон ҳурмате ва ҳаққе қоил нестанд; ба худашон ҳақ медиҳанд ба баҳонае вақти дигареро талаф кунанд, масалан хулфи ваъда мекунанд. Ҳамаи инҳо далел аст, ки мо ба маънои каломи Расули Акрам (с) таваҷҷӯҳ надорем ва аз ҳикмати он ҳазрат пайравӣ намекунем, ки мефармояд:
“*Ҳурмати умр ва замон болотар аз ҳурмати мол аст*.”
Агар моли касеро талаф кунем, метавонем аз моли худамон ҷуброн кунем, вале оё агар вақти дигаронро талаф кунем, метавонем микдоре аз умри худ ба ӯ бидиҳем?
Алӣ (а) мефармояд:
“*Бибинед ба чӣ суръате рӯзҳо дар моҳҳо ва моҳҳо дар солҳо ва солҳо дар умр мегузарад. Ин солҳо ва моҳҳо ва ҳафтаҳо ва рӯзҳо, қитъаҳое аст, ки аз умри мо ҷудо мешавад ва маъдум мегардад ва қобили васл ва баргашт нест; ҳамон умре, ки дар лаҳазоти охир, ки марги мо фаро мерасад, ҳозирем тамоми дороии худро бидиҳем ва як соли дигар, балки як рӯз ва як соати дигар ин дунёро бибинем ва дар он як рӯз ва як соат, фурсати аз дастрафтаро ба даст оварем ва мофотро ҷуброн кунем*.”
Дар Қуръони Карим ҳоли мардумони тафриткор ва умр зойеъкунро баъд аз марг чунин баён мекунад, ки онҳо бо илтимос мегӯянд: Худоё! Моро баргардон ба дунё, то бо амали солеҳ гузаштаи аз дастрафтаро ҷуброн кунем. Ҷавоб мерасад: дигар ин роҳи баргашт надорад. (*Фотир/37*)

Дар аҳволи яке аз мардони Худо менависанд, ки дар хонаи худ қабри худро канда буд ва гоҳе мерафт ва дар онҷо мехобид ва баъд ба худ чунин талқин мекард, ки фарз мекунам ман мурдаам ва илтимос мекунам, ки маро баргардонед ба дунё, то гузаштаи аз дастрафтаро ҷуброн кунам ва аз гуноҳон тавба кунам, амали солеҳ баҷо биёварам ва фарз мекунам истисноан ин тақозо ва хоҳиш танҳо дар мавриди ман пазируфта шуда ва иҷоза дода шуда ба дунё баргардам ва амали солеҳ анҷом даҳум. Ба ин тартиб он марди Худошинос ба худ талқин ва мавъиза мекард.

Одамӣ набояд ин қадр дар ғафлат ба сар бибарад, ки эҳтиёҷ ба чунин амалиёти ваҳшатовар барои тазаккур ва бедории хеш дошта бошад, бояд бедортар ва ҳушёртар аз инҳо бошад; бояд аз атвори зиндагии худ яъне аз ин ки мебинад рӯзгор бидуни як лаҳза сукуну оромиш ӯро марҳила ба марҳила ҳаракат дода, аз кӯдакӣ ба ҷавонӣ ва аз ҷавонӣ ба пирӣ оварда панд бигирад; бояд ба ин ҳақиқат пай бибарад, ки ҷаҳон дастгоҳи мусоиде аст барои кишту заръ ва зореъ он медаравад оқибати кор, ки кишт:

*Хурмо натавон хӯрдан аз ин хор, ки киштем,*
*Дебо натавон кардан аз ин пашм, ки риштем.*
*Бар лавҳи маъосӣ хати узре накашидем,*
*Паҳлӯи кабоир ҳасаноте нанавиштем…*
*Афсӯс бар ин умри гаронмоя, ки бигзашт,*
*Мо аз сари тақсиру хато дарнагузаштем…*
*Пириву ҷавонӣ пайи ҳам чун шабу рӯзанд,*
*Мо шаб шуду рӯз омаду бедор нагаштем….*
*Моро аҷаб ар пушту паноҳе бувад он рӯз,*
*К-имрӯз касеро на паноҳему на пуштем.*
*(Саъдӣ*)

Яке аз чизҳое, ки мазмум аст дарозии орзуст, ки дар забони дин "тӯли амал" номида мешавад. Тӯли амал ҳамин руҳияи тазйеъи вақт аст ба умеди ин ки дарояндаи тӯлонӣ ҷуброн мекунам; ҳамонояндае, ки касе наметавонад итминон дошта бошад дар соати баъд ва лаҳзаи баъд чӣ бар сараш меояд. Алӣ (а) фармуд:

"*Аз он касон мабош, ки саодати охиратро мехоҳад, аммо бидуни ранҷу амал ва тавбаро таъхир меандозад ба воситаи тӯли амал, ҳамеша ба худ талқин мекунад, ки ҳанӯз дер нашуда, замон дароз аст." ("Наҳҷул-балоға", ҳикмати 150*)

Бояд одамӣ руҳияи "ҳанӯз дер нашуда" ва "ҳанӯз вақт дароз аст" ва амсоли инҳоро аз худ дур кунад.

Бори дигар ҷумлаи Расули Худоро хитоб ба Абӯзари Ғифорӣ, он марди бузург ва саҳобии ҷалил, такрор мекунам. Фармуд:

“*Мабодо ба хотири орзуҳои дароз ва фикри ин ки ҳанӯз дер нашуда ва ҳанӯз вақт боқӣ аст, дар коре, ки бояд бикунӣ таъхир кунӣ. Ту марди замони ҳолӣ ва мутаъаллиқ ба замони ҳолӣ, ту аз замони мозӣ ва гузашта ҷудо шудаӣ ва ба замони мустақбал ва оянда ҳанӯз нарасидаӣ. Фикр кун ва мувозиб бош, ки замони ҳолро ба хубӣ дарёбӣ.*”

## Дунё, мазраъаи охират

Расули Акрам (с) фармуд: “*Дунё мазраъаи охират аст.*” Дар сураи муборакаи Исро мефармояд:

“*Агар касоне назари кӯтоҳ дошта бошанд ва ҳиммати кам ва саодати худро дар ҳамин умури зудгузар ва муваққат бидонанд ва танҳо ин умурро бихоҳанд, мо ҳам дар фароҳам сохтани он чи онҳо мехоҳанд таъҷил мекунем ва ба онҳо медиҳем. Ва агар касоне назари баланд ва ҳиммати олӣ дошта бошанд ва саодати худро маҳдуд накунанд ва охират ва оқибатро низ бихоҳанд ва барои он амал кунанд, боз ҳам ҳамон матлуб ва ҳамон мақсудро ба онҳо медиҳем.*” (*Исро/18 ва 19*)

Баъд аз он ки ин қисматро зикр мекунад, мефармояд:

“*Мо ҳамаро кӯмак мекунем ва мадад мерасонем; ҳам ин даста ва ҳам он дастаро. Ато ва бахшиши парвардигори ту ҳаргиз аз ҳеч мавҷуде қатъ ва бурида намешавад; файзи парвардигор омму шомил аст ва ҳар мавҷудеро дар роҳи худаш ва мутобиқи истеъдоде, ки дорад парвариш медиҳад ва такмил мекунад.*” (Исро/20)

Калимаи “рабб”, ки дар ин ояти карима омадааст, ба маънои парвардигор ва парваришдиҳанда аст. Баъд аз он ки мефармояд: ҳар касе дар ҳар роҳе, ки гом бардорад ва ҳар мақсадеро, ки ҷустуҷӯ кунад, мо ба ӯ мадад мерасонем ва файзи худро аз ӯ дареғ намедорем, мефармояд, ба мӯҷиби ин ки мо рабби олам ва парвардигори олам ҳастем ва ба ҳукми ин ки парваришдиҳандаи мавҷудот ҳастем ва яке аз шуъуни мо рубубият ва парвариш додан аст, ҳар ду дастаро дар роҳи худ тақвият ва такмил мекунем ва парвариш медиҳем.

Оре, номуси ҷаҳон ин аст, ки ҳар базре, ки кошта шавад, дар оғӯши омилҳои бемунтаҳое, ки ҳаст парвариш ёбад ва рушд кунад. Ҷаҳон дастгоҳи мусоиде аст барои кишту заръ. Аъмоле, ки мо дар ҷаҳон анҷом медиҳем аз неку аз бад, ҳар як, базре аст, ки дар мазраъаи ин ҷаҳон меафшонем. Пайғамбари Акрам фармуд: “*Дунё мазраъаи охират аст.*” Ҳар касе он даравад оқибати кор, ки кишт. Ҳеч амале дар ин ҷаҳон гум намешавад ва аз байн

намеравад; на танҳо гум намешавад ва аз байн намеравад, балки он амал дар замини руҳи худи мо ва дар замини иҷтимоъи мо ва билохира дар замини мусоиди ҷаҳон — ки маҳфуф ба ҳазорҳо омилҳост — фурӯ меравад ва пас аз муддате медамад ва худро буруз медиҳад:

*Чунки бад кардӣ, битарс, омин мабош,*
*З-он ки тухм асту бирӯёнад Худош.*
*(Мавлоно*)

*Он чи кардӣ андар ин хоби ҷаҳон,*
*Гардадат ҳангоми бедорӣ аён…*
*Эй дарида пӯстини юсуфон,*
*Гург бархезӣ аз ин хоби гарон.*
*Гашта гургон як ба як хӯҳои ту,*
*Медаронанд аз ғазаб аъзои ту.*
*(Мавлоно*)

Дар Қуръони Карим дар мавриде, ки гурӯҳе аз мусалмонон бо гурӯҳе аз яҳудиён муҷодала мекарданд ва ҳар даста мегуфтанд: Худованд моро ба гуноҳамон намегирад, дар ин маврид ояти Қуръон нозил шуд, ки хулосааш ин аст: зиҳӣ тасаввури ботил, зиҳӣ хаёли маҳол! фармуд:

На он тавр аст, ки иддае аз шумо мусалмонони кӯтоҳфикр ва ноошно ба ҳақоиқи исломӣ пиндоштаед ва на он тавре, ки он дастаи дигар пиндоштаанд. Ҳар касе тухми бад бикорад ва базри бад бифишонад, ба сазои амали худаш, яъне ба самараи тухме, ки кошта ломаҳола хоҳад расид. Қонуни илоҳӣ тағйирпазир нест. Пайғамбарон омадаанд, ки ба башар роҳи хуби амал кардан ва хуб базр афшодан дар мазраъаи ҷаҳонро биёмӯзанд; омадаанд, ки ба мардуми ҷаҳон биёмӯзанд: алҳамду лиллоҳи раббилъоламиин, ситоиш махсуси зоти ақдаси илоҳӣ аст, ки мураббӣ ва парваришдиҳандаи ҳамаи оламҳои ҳастӣ аст, ки ҳар моддаи мустаъидеро ба камоли лоиқи худаш мерасонад, донаи гандумро ба сурати соқа ва хӯшаи гандум ва донаи ҷавро ба сурати маҳсули ҷав парвариш медиҳад, аз ҳастаи хурмо дарахти хурмо ва аз ҳастаи зардолу дарахти зардолу ба вуҷуд меоварад. Мақоми рубубияти илоҳӣ иқтизо мекунад, ки ҳамаи мавҷудотро парвариш диҳад ва такмил кунад. Ин башар аст, ки бояд аз назари шахси худаш ва саодати худаш, ба худ бипардозад. Ин башар аст, ки бояд бидонад ҳар амале, ки мекунад, базре аст, ки дар боғи вуҷуд мекорад ва самараи ширин ё талхаш ба ӯ мерасад, касе наметавонад аз самараи кишти дигаре истифода кунад ва ҳамчунин касе наметавонад, ки бад бикорад ва хуб бидаравад.

Расули Акрам ба ягона духтари азизаш Сиддиқаи Кубро (Саломуллоҳи алайҳо!) — ки фавқулъода ӯро дӯст медошт ва ӯро пораи ҷигари худ меномид — фармуд: духтари азизам! Худат барои худат амал кун, худат дар бӯстони зиндагӣ ва саодати худат базрҳои нек бифишон, ки ман наметавонам туро бениёз кунам ва ту наметавонӣ самараи амали маро бичинӣ.

*Ду насиҳат кунамат, бишнаву сад ганҷ бибар,*
*Аз дари айш дарову ба раҳи айб мапӯй!*
*Шукри он рӯз, ки дигарбор расидӣ ба баҳор,*
*Бехи некӣ бинишону роҳи таҳқиқ биҷӯй!*
(*Ҳофиз*)

Расули Акрам баъд аз беъсат маҷлисе аз бастагони наздики худ фароҳам овард ба амри Худо, ки онҳоро аз авоқиби аъмолашон битарсонад ва нисбат ба онҳо эъломи хатар кунад; фармуд:

Фарзандони Абдулмутталиб! Гумон мабаред ва нагӯед, ки Муҳаммад аз мост, мо ҳар чи ки бихоҳем бикунем, мекунем ва ба Муҳаммад ба ҳукми он ки пайғамбар аст ва фиристодаи Худост пуштгармӣ дорем. Дар дастгоҳи адолати илоҳӣ, ки ба вазни заррае неку бад гум намешавад, касе наметавонад ба пуштгармии касе дигар мағрур шавад ва ӯро дастовези аъмоли ношоист худ қарор диҳад.

Шахсе аз Алӣ (а) тақозои панд ва мавъизае кард. Аввалин ҷумлае, ки он ҳазрат ба ӯ фармуд ин буд: ҷузъи он даста аз мардум мабош, ки орзуи расидан ба мақомоти ухравӣ ва маънавиро доранд, вале мехоҳанд бидуни он ки амале анҷом диҳанд, ба он бирасанд; бидуни амал саодате ба даст намеояд:

*Нобурда ранҷ, ганҷ муяссар намешавад,*
*Музд он гирифт, ҷони бародар, ки кор кард*.

## Инсон, мураббии худ

Амирулмӯъминин Алӣ (а) мефармояд:

“*Аз нафси худатон ҳисоб бикашед пеш аз он ки шуморо ба ҳисоб бикашанд ва худатонро вазн кунед ва бисанҷед пеш аз он ки шуморо вазн кунанд ва таҳти санҷиш дароваранд.*” (*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 88*)

Яке аз муфидтарин ва борвартарини дастурҳо, ҳамин дастур аст. Дар бораи ин дастур бояд тавзеҳе бидиҳем:

Башари мутамаддин дар ин матлаб шак надорад, ки як нафар инсон эҳтиёҷ дорад ба тарбият, ҳамон тавре, ки як дарахт ё як гул ва ё як асп эҳтиёҷ дорад ба тарбият. Мӯҳтоҷ ба тавзеҳ нест, ки самарот ва фавоиди боғбонии дарахтон ё гулҳо ва ё тарбияти ҳайвонотро ташреҳ кунем. Ҳатто ваҳшитарини инсонҳо низ, ки ҳанӯз дар мароҳили аввалияи зиндагӣ ба сар мебаранд, барои зиндагии худ ба тарбияти ҳайвонот ва ба киште заръ ва тарбияти гиёҳон ва дарахтон мепардозанд. Гӯ ин ки дуруст ба румузи тарбият ва парвариши онҳо огоҳ нестанд, вале ба ҳар ҳол ба лузуми тарбият ва парвариши гиёҳон ва ҳайвонот пай бурдаанд.

Мерасем ба инсон; ин ҷост, ки фарқи мутамаддин ва ваҳшӣ ошкор мегардад. Афроди ҷоҳил ва басит ва бехабар, ин тавр фикр мекунанд, ки инсон, дигар инсон аст; инсон, ки ҳайвон ё гиёҳ нест, ки эҳтиёҷ ба тарбият ва парвариш дошта бошад. Раиси як қабилаи ваҳшӣ ҳаргиз лозим намебинад, ки фарзандаш тарбият шавад ва ҳатто таҳти тарбият қарор додани фарзанди худро навъе иҳонат ба худаш ва фарзандаш талаққӣ мекунад. Шояд ҳам инчунин тасаввур кунад, ки афроди пасти қабила чун паст ва ҳамдӯш ва ҳамуфуқ бо ҳайвонотанд, бояд тарбият шаванд, аммо фарзанди ӯро, ки як инсони тамомаёр аст, дигар эҳтиёҷе ба тарбият ва омӯхтани адаби зиндагӣ ва хисоли олӣ нест. Вале як инсони олими мутамаддин ҳаргиз ин тавр фикр намекунад. Ӯ фарзанди худро ба далели ин ки инсон аст ва инсон зода аст, бештар мӯҳтоҷи тарбият медонад аз як асп ё як кабӯтар ё як гул ё як дарахт. Ҳамон тавре, ки гиёҳон ба далели ин ки аз ҷамодот комилтаранд ва ҳаёте доранд мӯҳтоҷи тарбият мебошанд ва эҳтиёҷашон ба тарбият далели камоли онҳост, на далели нақси онҳо ва боз ҳайвонот ба далели ин ки аз набот комилтаранд бештар ба тарбият эҳтиёҷ доранд аз наботот, фарзанди инсон низ ба далели ин ки аз ҳайвонот комилтар аст ва истеъдодҳои бештаре дар вуҷудаш нуҳуфтааст, бештар эҳтиёҷ дорад ба тарбият ва парвариш ва таъаллуми одоб ва одоти нек ва хасоили олӣ.

Дар ин ҷо як мартиба ва як марҳилаи дигар ҳаст ва он ин ки мардуме ҳам, ки пай бурдаанд ба ин ки инсон ниёзманд ба тарбият аст, дар ду мақом ва ду манзил қарор доранд:

Баъзе гумон мекунанд, ки инсон монанди гиёҳ ва ҳайвон, танҳо ба дасти дигаре бояд тарбият шавад; бояд шахсе дигар боғбон ва мураббӣ ва созандаи вуҷуди ӯ бошад. Шак нест, ки инсон эҳтиёҷ дорад ба муаллимон ва мураббиёне, ки онҳо ҳодӣ ва роҳнамо ва созандаи вуҷуди ӯ буда бошанд, вале инсон як филиз ё як санги гаронқимат нест, ки ӯро ба дасти як санъатгари моҳир бидиҳем ва ҳамаи ороиш ва пиройиши ӯро аз он санъатгар бихоҳем. Инсон як гиёҳ нест, ки ӯро ба дасти боғбон бисупорем ва фақат боғбонро

масъули ҳама чизи ӯ бидонем. Инсон аз он ҷиҳат, ки инсон аст, илова бар қувваҳои наботӣ ва эҳсосоти ҳайвонӣ, дорои қувваи ақлу ирода аст; ақлу ирода намегузорад, ки сад дар сад тобеъи омилҳои хориҷӣ бошад, монанди як филиз ва як санг тобеъи ҳаракоти дасти як санъатгар бошад, монанди як гиёҳ ба ҳар даст, ки ӯро бипарваранд бирӯяд ва монанди як тӯтӣ дар паси ойина ӯро нигаҳ доранд ва ҳар чи ба ӯ талқин шавад такрор кунад, балки як навъ истиқлол ва ҳуррияти иродае дорад, ки мумкин аст бо вуҷуди ҳамаи омилҳои хориҷӣ комилан таҳти таъсир қарор нагирад. Яъне сад дар сад маҷбур ва таҳти таъсири омилҳои берун аз вуҷуди худ нест, дар ниҳояти кор худаш бояд дар бораи худаш биандешад ва худаш дар бораи худаш тасмим бигирад ва модоме, ки худаш дар бораи худаш нändешад, андешаи дигарон дар бораи ӯ кофӣ нест, модоме, ки худаш дар бораи худаш тасмим нагирад, ирода ва тасмими дигарон дар бораи ӯ кофӣ нест. Ин аст, ки бузургон дин гуфтаанд:

Он кас, ки дар қалби худ воизе барои худ надорад, мавъизаи мавъизакунандагон фоидае ба ҳолаш намебахшад.

Ё ин ки гуфтаанд:

Худатон аз худатон ҳисоб бикашед пеш аз он ки аз шумо ҳисоб кашида шавад. Худатон худатонро вазн кунед ва бисанҷед ва ба суду зиёни худ бирасид қабл аз он ки шуморо вазн кунанд ва бисанҷанд.

Ҳамаи инҳо нозир ба як асл аст ва он ин ки инсон ин фаркро бо соири умури тарбиятпазир дорад, ки мураббиёни хориҷӣ барои тарбияти вай кофӣ нестанд, ҳар касе бояд дар худаш ҳолати мураббигарӣ нисбат ба худаш пайдо шавад, ду шахсият пайдо кунад: аз як назар фармондеҳ бошад ва аз як назар фармонпазир, аз як назар панддеҳ бошад ва аз як назар пандпазир, аз як назар маломаткун бошад ва аз як назар маломатпазир, аз як назар ҳисобкаш бошад ва аз назари дигар ҳисобдеҳ.

Дар Қуръони Карим аз “нафси лаввома” ном барда шуда. Нафси лаввома яъне нафси маломаткун, ки дар мавоқеъе, ки аз инсон хатое сар мезанад, одамиро таҳти шиканҷа ва азоб ва маломат ва сарзаниш қарор медиҳад. Ҳеч кас нест, ки ин ҳақиқатро дар худ эҳсос накарда бошад, зеро ҳеч кас нест, ки хатое кучак ё бузург муртакиб нашуда бошад ва ҳеч кас ҳам нест, ки вуҷудаш аз ин бозпурси илоҳӣ холӣ бошад. Бинобар ин барои ҳама кас иттифоқ афтода, ки мавриди бозхост ва суоли ин маҳкамаи илоҳӣ шуда ва дар натиҷа худаш мавриди маломат ва сарзаниш ва муҷозоти худаш воқеъ гашта.

Ин аз хусусиёти боризи инсон аст, ки дар худ як навъ дугонагӣ эҳсос мекунад, аммо дар воқеъ дугонагӣ нест. Яъне чунин нест, ки дар ҳар касе ду руҳ ва ду нафс бошад, яке аз онҳо ҳоким ва дигаре маҳкум, яке панддеҳ ва дигаре пандпазир бошад. Чизе, ки ҳаст,

ҳамон тавре, ки Расули Акрам фармуд: Худованд ин мавҷуди аҷибро, ки номаш “инсон” аст, таркибе қарор дода аз ғароиз ва тамоюлоти мухталиф ва ба ин муносибат дар вай ҳолоте шабеҳи дугонагӣ пайдо мешавад.

Агар ду нафар бихоҳанд бо якдигар ҳамкорӣ кунанд, аввал бо якдигар паймон мебанданд, баъд дар хилоли ҳамкорӣ бар кори якдигар назорат ва муроқабат мекунанд ва дар охири сол ба ҳисоб ва расидагии дахлу харҷ ва суду зиён мепардозанд ва агар маълум шуд хуб кор кардаанд ва ҳеч кадом муртакиби хато ва хиёнате нашудааст, дасти якдигарро мефишоранд ва ризоят медиҳанд. Ва агар баръакс маълум шуд, ки яке аз онҳо қусуре карда ва лоқайдӣ ба харҷ дода ё амдан тақсир карда ва хиёнате муртакиб шуда, он вақт аст, ки рағбори маломат ва тири сарзаниш ва муҷозот аз сӯйи дӯсташ ба сӯйи ӯ мутаваҷҷеҳ мешавад. Инсон аз он ҷиҳат, ки инсон аст ва як навъ дугонагӣ бар вуҷудаш ҳукмфармост ва аз он назар, ки таркибе аст аз майлҳо ва ғароизи мухталиф, бояд нисбат ба худ ҳамаи ин мароҳилро тай кунад; ҳам бояд бо худ аҳд ва қарордод ва паймон бибандад ва ҳам ҳамеша аз худ муроқабат кунад ва бар худ назорат намояд ва ҳам ин ки дар охири ҳар сол ва балки ҳар моҳ ва ҳар ҳафта ва ҳар рӯз аз худ ҳисоб бикашад ва ҳам он ки аҳёнан агар аз худ хатое мушоҳида кард, худро мавриди итоб қарор диҳад. Инҳо ҳама аз шуъуни он матлаб аст, ки вуҷуди мураббиёни хориҷӣ лозим аст, вале кофӣ нест, ҳар касе бояд худаш симати мураббигарии худро дошта бошад.

## Муҳосабаи нафс

Қуръони Карим мефармояд:

“*Эй соҳибони имон ва дилҳои бедор! Тақво дошта бошед ва муроқиби хеш бошед, ки чӣ пеш мефиристед. Боз ҳам тақвои илоҳӣ дошта бошед ва бидонед, ки Худо аз ҳамаи корҳои шумо огоҳ аст.*” (*Ҳашр/18*)

Ин ояти карима дастури муроқабат бар хештан аст. Аъмоли инсон ба манзилаи коло ва матоъе дар назар гирифта шуда, ки пеш фиристода мешавад ва одамӣ худ баъдан ба он матоъ мулҳақ мегардад, монанди касе, ки қабл аз он ки ба сафаре биравад, колоҳо ва матоъҳое мефиристад ва баъд худаш меравад.

Одамӣ камтар таваҷҷӯҳ дорад, ки матоъи саодат ҷуз амали чизе нест, сармояи хушбахтӣ дар дунё ва охират ҷуз амали нек чизе нест. Ва чун таваҷҷӯҳе ба ин асл надорад, хеле амал худро содда мегирад, дар сурате, ки агар имон ба охират дошта бошем, бояд бидонем, ки охират сирфан хонаи амал аст, хишту гил ва дару девор ва сақфу сохтмони он хона ҷуз амал чизе нест. Яъне ҳамон аъмоле, ки дар дунё анҷом медиҳем, агар нек

бошад, дар он ҷаҳон ба сурати масолеҳи сохтмони хонаи саодат ва ба сурати дарахт ва боғ ва наҳри ҷорӣ таҷассум меёбад. Ва агар Худой нохоста имони мо ба ҷаҳони охират заъиф аст, боз сурати масъала фарқ намекунад, яъне боз ҳам бояд бидонем, ки муҳимтарин чизе, ки саодати мо дар гарави ӯст, амали мост; матоъи аслии саодат ва шақовати мо, тарзи кор ва фикр ва ният ва ахлоқи мост.

Дар қадим уламои ахлоқ ва мураббиён дастури муҳосабаи нафс медоданд. Муҳосабаи нафс яъне аз нафс ҳисоб кашидан, ки чӣ кор кардӣ ва чӣ кор накардӣ, чаро фалон ҷо ин тавр кардӣ ва чаро фалон вақт ин тавр накардӣ? Монанди як нафар бозрас ва раис, ки маъмуреро тахти бозрасӣ ва бозпурсӣ ва таҳқиқ қарор медиҳад. Агар омил аҳёнан хуб ҷавоб дод ва хуб амал карда буд, подош мегирад ва агар на, тавбех мешавад ва аҳёнан ҷарима мешавад ва ба зиндон меафтад ва кайфар мебинад.

Мумкин аст касе чунин тасаввур кунад, ки муҳосабаи нафс кори риёзаткашон ва арбоби сайру сулук аст ва аммо мардуми оддӣ маънӣ надорад, ки барои худ муҳосабаи нафс дошта бошанд. Арз мекунам ин тавр тафаккур иштибоҳ аст. Аввалан Қуръони Карим, ки ибтикори ин дастурро карда ва ҳамчунин авлиёи дин, ин дастурро махсуси як дастаи муайян накардаанд. Дар ояте, ки дар оғози гуфтор тарҷимаашро зикр кардем, ҳамаи аҳли имонро мухотаб қарор дода, яъне агар касе имон дорад, ба ҳисобу китобе дар ҷаҳон ва ба ин ки амал гум намешавад, бояд муҳосабаи нафс дошта бошад. Алӣ алайҳис салом мефармояд:

“*Аз нафси худ ҳисоб бикашед қабл аз он ки аз нафси шумо ҳисоб бикашанд*.” (*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 88*)

Магар дар ҷаҳони дигар танҳо аз риёзаткашон ва арбоби сайру сулук ҳисоб мекашанд?! На, аз ҳамаи мардум ҳисоб мекашанд. Пас ҳар кас, ки заррае имон ба адолати Ҳақ ва рӯзи ҷазо ва таъсири аъмол дар сарнавишт ва саранҷом дорад, бояд аз нафси худ муроқабат кунад ва онро вонагузорад ва аз он ҳисоб бикашад. Яке аз бузургтарин уламои ахлоқи исломӣ мегӯяд:

Бузургон ва гузаштагони солеҳи моро ақида бар он буд, ки ҳар кас аҳли муҳосабаи нафс нест, ё аслан ба ҷаҳони дигар имон надорад ва ё он ки ақли салим надорад, вагарна чӣ гуна мешавад касе имон ва эътиқод дошта бошад ба асле, ки Қуръон мегӯяд: “*Агар ба вазни заррае инсон амали нек ё амали бад дошта бошад, дар он ҷаҳон он амалро мебинад ва ба он мулҳақ мешавад*” ва дар айни ҳол беҳисоб колои амалро пеш бифиристад ва нафаҳмад чӣ карда ва чӣ мекунад?

Пас мо агар аз назари шаръ ва дин ба ин дастур бингарем, мебинем, ки амали муроқабат ва муҳосабаи нафс ихтисос ба ашхоси муайян ва табақаи муайян надорад. Ва агар ҳам

танҳо аз назари ақл бингарем, боз мебинем чунин аст, яъне мебинем вазифаи муҳосабаи нафс як вазифаи умумӣ аст. Асосан амали ҳисоб кашидан аз худ, қабл аз он ки як вазифаи шаръӣ ва динӣ бошад, як вазифаи ақлонӣ ва ҳамагонӣ аст. Як нафар донишҷӯ бояд таваҷҷӯҳ ба аъмоли худ дошта бошад ва аз худ ҳисоб бикашад ва бибинад оё дарсҳои худро хуб ҳозир карда ва аз вақти худ хуб истифода карда ва метавонад аз ӯҳдаи имтиҳонот барояд ё на.

Як нафар сиёсатмадор, ки аҳёнан дар кори худ пешрафте намебинад ва ё дар мавриде шикаст мехӯрад, бояд қабл аз он ки дигаронро масъул бишносад, ба фармонҳо ва дастурҳо ва корҳои худ расидагӣ кунад, шояд иллати шикастро дар хатоҳои худ биёбад.

Олитарин мазҳари ақл ва тарбияти саҳеҳ, хатоёбӣ аз хештан аст. Яъне инсон битавонад дар дарёи жарфи афкору андешаҳо ва тамоюлот ва афъолу аҳволи худ фурӯ биравад ва хатоҳои худро биёбад ва ангушт рӯйи онҳо бигузорад ва онҳоро аз худ дур кунад. Аз башар интизори ин ки хато накунад, хатост; башар ҷоизулхатост. Аз башар бояд интизор дошт, ки хатоҳои худро такрор накунад, аз хатоҳои худ истифода кунад. Яъне чӣ аз хатоҳои худ истифода кунад? Яъне онҳоро бишносад ва мусаммам гардад, ки такрор накунад.

Фарқи мӯъмин ва ғайри мӯъмин дар ин нест, ки ин хато мекунад ва он хато намекунад; фарқи онҳо дар ин аст, ки мӯъмин хатои худро такрор намекунад, беш аз як бор хато намекунад, аммо ғайри мӯъмин чандин бор садамаи кореро мехӯрад ва боз он қадр басират надорад, ки бори дигар такрор накунад. Аз Худованд масъалат дорем, ки ба мо тавфиқ диҳад аз хатоҳо ва лағзишҳои худ панд бигирем!

## Зулм ба нафс

*Чаро зи ғайр шикоят кунам, ки ҳамчу ҳубоб*

*Ҳамеша хонахароби ҳавои хештанам.*

(*Соиби Табрезӣ*)

Дар Қуръони Карим оятҳои зиёде ҳаст, ки аз масъалаи зулм ба нафс ёд мекунад, мисли ин ки мефармояд:

"*Ҳамоно Худованд ба онҳо зулм намекунад, онҳо худашон бар худашон зулм мекунанд.*" (*Тавба/70*)

Зулм ба нафс яъне зулм ба хештан. Ин суол пеш меояд, ки чӣ гуна мумкин аст, ки одамӣ ба хештан зулм мекунад? Зеро зулм аз бадхоҳӣ пайдо мешавад ва мумкин нест касе бади худро бихоҳад. Ҷавоби ин суол ин аст, ки иллати зулм ба нафс ду чиз аст: яке ғафлат ва

ҷаҳолат. Дуруст аст, ки зулм бадхоҳӣ аст ва одамӣ наметавонад бадхоҳи худ бошад, вале лозимаи ин қиёс ин аст, ки инсон олиман омидан ва бо таваҷҷӯҳ ба ин ки зулм мекунад, ҳаргиз ба худ зулм намекунад, аммо монеъе надорад, ки ба сурати некхоҳӣ ва ба хаёли хайр расондан ба худ, бадхоҳӣ кунад ва ба худаш шарру зарар бирасонад.

Аз қазо ғолиби бадбахтиаҳои инсон ҳамонҳост, ки худаш ба дасти худаш бо нияти хайрхоҳӣ барои худ ба вуҷуд овардааст, аз рӯйи ҷаҳолат ва нодонӣ ба хаёли ин ки ба худаш хайре бирасонад, шарре расонадааст. Аз ин рӯ гуфтаанд:

*Душман ба душман он написандад, ки бехирад*

*Бо нафси худ кунад ба мурoду ҳавои хеш.*

*(Саъдӣ*)

Марде ба яке аз саҳобаи Пайғамбар нома навишт ва аз ӯ андарзе хост. Марди саҳобӣ дар ҷавоб навишт: “*Ба он кас, ки аз ҳама бештар ӯро дӯст медорӣ, бад накун*.” Он мард маънии ин ҷумларо нафаҳмид ва тавзеҳ хост, ки ин чӣ андарзе аст! Магар мумкин аст, ки ман касеро зиёд дӯст бидорам ва он гоҳ ба ӯ бадӣ бикунам?! Марди саҳобӣ дар ҷавоб навишт: “*Бале, мумкин аст. Мақсуди ман аз он кас, ки ӯро аз ҳама бештар дӯст медорӣ, фақат худат ҳастӣ, ки аз рӯйи ҷаҳолат ва нодонӣ ба хаёли хубӣ ба худат бадӣ мекунӣ. Ҳамаи гуноҳоне, ки муртакиб мешавӣ, ба хаёли худат ҳаззу баҳрае ба худат мерасонӣ ва ҳол он ки ҳаминҳо ҳама дар ҳақиқат ҷуз душманӣ ва рафтори хасмона бо худ чизе нест*.” Пас як иллати зулм ба нафс, ҷаҳолат ва нодонӣ аст.

Иллати дигаре ҳам ҳаст, ки он ҳам муҳим аст. Инсон гоҳе олиман омидан ва на аз рӯйи ҷаҳолат, ба худаш бадӣ мекунад. Ин дигар шигифтангез аст. Барои фаҳми ин матлаб бояд муқаддимае арз кунам:

Ҳукамо қоъидае доранд; мегӯянд: иллатҳои ин ҷаҳон бар ду қисм аст: иллати фоъилӣ ва иллати қобилӣ. Иллати фоъилӣ яъне он омиле, ки кунанда ва мӯҷиди як асар аст. Иллати қобилӣ яъне омиле, ки пазирандаи асар аст. Масалан, наққоше, ки тоблуе рӯйи як сафҳа ба вуҷуд меоварад, худи наққош иллати фоъилӣ аст, зеро асар яъне он тоблу аз завқи ӯ ва фикри ӯ ва аз ҳунари дасти ӯ ношӣ шуда ва аммо он сафҳа, ки тоблу бар рӯйи он нақш баста иллати қобилӣ аст. Ва ҳар кадом аз ин ду агар набуданд, он наққоше ба вуҷуд намеомад. Баъд қоъидаи дигаре доранд ва мегӯянд: ҳамеша иллати фоъилӣ бояд ғайр аз иллати қобилӣ бошад. Яъне як чиз наметавонад ҳам фоъил бошад ва ҳам қобил, ҳам диҳандаи асар бошад ва ҳам пазирандаи он. Агар касе ба қоъидаи дуввум эрод бигирад ва бигӯяд: чӣ гуна мумкин нест, ки як чиз ҳам иллати фоъилӣ бошад ва ҳам иллати қобилӣ ва ҳол он ки намунаи онро мо мушоҳида мекунем ва он табиб аст, ки ҳангоме ки мариз мегардад, худаш худашро муолаҷа мекунад. Дар ҷавоб мегӯянд: ту дар инҷо

иштибоҳ кардаӣ, ки хаёл кардаӣ як чиз аст, ки ҳам фоъил аст ва ҳам қобил. Дуруст аст, ки як табиб як инсон аст, аммо як инсон дар айни ин ки як шахс аст, ҷанбаҳои мухталиф дорад, аз он ҷумла чун бадан дорад ва мизоҷ дорад, мариз мегардад ва аз як сӯи дигар фикр дорад ва илм ва иттилоъи пизишки дорад; ин илм ва фикри ӯст, ки бадани ӯро муолаҷа мекунад, пас боз ҳам фоъил ғайр аз қобил аст.

Ин суол, ки чӣ гуна мумкин аст, ки як нафар инсон худаш ба худаш зулм кунад, худаш ҳам золим бошад ва ҳам мазлум, айнан назири ҳамон суол аст ва ҷавобе ҳам, ки дар инҷо бояд дода шавад, айнан назири ҳамин ҷавоб аст. **Ин ки мегӯянд: инсон ба худаш зулм мекунад, яъне инсон ҳам ақл дорад ва ҳам шаҳват, шаҳваташ ба ақлаш зулм мекунад, ҳаққи ақлро, ки илм ва ёд гирифтан ва сипас итоъат кардан аст, помол мекунад**. Яъне ҳаво ва ҳавасаш бар қалб ва замир ва виҷдонаш ситам мекунад. Масалан, як нафар дурӯғ мегӯяд. Дар ин дурӯғ ду ҷанба аст. Аз ҷанбае мумкин аст муфиди фоидае барои тараф бошад.

Фурӯшандае, ки дурӯғ мегӯяд ва қимати ҷинсро зиёдтар мегӯяд ва тарафро гӯл мезанад, ночор манфиате оидаш мешавад ва пуле ба ҷайбаш меравад; Пул ба ҳаёти моддии ӯ кӯмак мекунад, барояш либос мешавад, нону об мешавад, ҳама чиз мешавад.

Аммо ҳамин одам дар айни ҳол виҷдон ва замири малакутӣ дорад, виҷдонаш иҷоза намедиҳад дурӯғ бигӯяд, вақте, ки дурӯғ гуфт, ба виҷдони худ латма мезанад ва онро пажмурда ва заъиф месозад, пас ба худаш зулм карда. Ҳамчунин аст ҳолат касе, ки ба дигарон ситам мекунад; ӯ дар айни ҳол, ки ба дигаре зулм мекунад, дар қалби худ қасоват ва тирагӣ ва сиёҳӣ эҷод мекунад, мисли ин аст, ки ба ҷанги ақлу қалби худ рафтааст. Ин аст, ки Қуръони Карим ҳамеша башарро "золим бар хештан" мехонд, зеро ё дар асари ҷаҳолат бар худ зулм мекунад ва ё дар асари туғёни шаҳват ва ҳаво ва ҳавас бар ақлу қалб ва инсонияти худ ситам раво медорад.

## Тавба

Расули Худо дар охирин хутбае, ки барои мардум хонд ва мавъиза фармуд, баҳсе роҷеъ ба тавба ва бозгашти банда аз маъсият ва гуноҳ кард; фармуд: ҳар кас як сол қабл аз мурданаш тавба кунад, Худованд тавбаи ӯро мепазирад. Баъд худаш фармуд: як сол зиёд аст ва дар камтар аз як сол ҳам мумкин аст; агар дар як моҳ қабл аз мурданаш тавба кунад, Худованд тавбаи ӯро мепазирад. Боз фармуд: як моҳ ҳам зиёд аст ва дар камтар аз як моҳ ҳам мумкин аст; агар касе як рӯз қабл аз мурданаш тавба кунад, Худованд тавбаи ӯро мепазирад. Боз фармуд: як рӯз ҳам зиёд аст ва дар камтар аз як рӯз ҳам

мумкин аст; агар касе дар як соат қабл аз мурданаш тавба кунад, Худованд тавбаи ӯро мепазирад. Боз фармуд: як соат ҳам зиёд аст ва дар камтар аз як соат ҳам мумкин аст. Дар ин вақт фармуд:

"*Агар касе як лаҳза қабл аз мурданаш тавфиқи тавба пайдо кунад, Худованд тавбаи ӯро мепазирад*."

Тавба руҷӯъ ва бозгашти воқеии банда ба сӯйи Худованд аст ва албатта мумкин нест, ки бандае воқеан ва ҳақиқатан роҳи каҷро, ки мерафта раҳо кунад ва ба сӯйи роҳи росту мустақим бозгардад ва аз умқи ботин ва руҳи худ ба сӯйи Худованд биёяд — на фақат ба далели иҷбор ва изтирор — ва Худованд ӯро дар ҷивори раҳмати худ напазирад.

Он чизе, ки рукн ва асоси тавбаро ташкил медиҳад, надомат ва пушаймонӣ аз кори бад ва тасмим ба тарки гуноҳ аст. Чизе, ки ҳаст, надомат ва пушаймонӣ аз гуноҳ ва тасмим ба тарки гуноҳ, ду навъ аст: як навъ, пушаймониҳо ва тасмимҳои козиб аст, ки ҳар одами хатокоре ҳангоме ки бо кайфар ва чӯби қонун мувоҷеҳ мегардад, пушаймон мешавад ва орзу мекунад, ки эй кош он амали зиштро накарда буд, то ҳоло ин кайфарро намечашид. Ҳар касе, ки кайфарро ҷилави чашми худ бибинад, дар он ҳол, ки кайфарро мебинад, наметавонад тасмим ба гуноҳ бигирад. Худи ҳамон шахси гуноҳкор дар ҳини иртикоби гуноҳ агар чашмаш ба кайфар меафтод ва онро ҳозиру омода медид, аз ҳамон аввал муртакиби гуноҳ намешуд.

Дидани кайфар дар ҷилави чашм ва он гоҳ тарки гуноҳ чизе шабеҳ ба иҷбор ва изтирор ва ба манзилаи амре хориҷ аз ҳадди ихтиёр аст. **Тарки гуноҳ он вақт тавба ва тасмим ва ихтиёр маҳсуб мегардад, ки одамӣ худ гуноҳро нақду ҳозир бибинад ва кайфари гуноҳро нася ва ғоиб бидонад ва он гоҳ ба мулоҳизаи кайфари оянда ва ё ба хотири аҷру савоби оянда ва ё ба мулоҳизаи эҳсоси зиштӣ ва палидӣ, ки дар худ гуноҳ мекунад, аз иртикоби он гуноҳ мунсариф гардад**.

Тавбаи ҳақиқӣ яъне инсирофи ҷиддӣ ва бозгашти воқеӣ аз гуноҳ ба сӯйи салоҳ ва иршод. Ва бадеҳӣ аст, ки агар инсироф ҷиддӣ ва воқеӣ бошад ва маълули мушоҳадаи кайфари нақду ҳозир набошад, албатта Худованди Мутаъол ба раҳмати восеъаи худ онро мепазирад.

Тавба дар ду мавқиф ва ду мавтин пазируфта намешавад: яке, дар ҳамин дунё он гоҳ, ки кайфар расида бошад ва дар ҳақиқат ҳолате, ки инсон дар ин вақт ба худ мегирад, сурати тавба дорад, вале ҳақиқати тавба надорад. Дар сураи муборакаи Ғофир, ояти 84 ва 85 дар бораи баъзе аз ақвоми гузашта, ки дучори уқубати илоҳӣ шуданд мефармояд:

"*Ҳамин ки уқубати сахти моро диданд, изҳор доштанд, ки ба Худои ягона имон овардаем ва тамоми он чизҳоеро, ки шарики Худованд сохта будем, ба дур рехтем. Вале*

*инчунин тавба ва имоне, ки баъд аз мушоҳадаи уқубати сахт пайдо шавад, ҳаргиз ба ҳоли онҳо суд нахоҳад бахшид. Ин суннате аст аз Худованд, ки ҳамеша будааст ва кофирон дар ин мавтин ва мавқиф зиён кардаанд*.”

Дар бораи Фиръавн низ дар Қуръони Карим омадааст, ки Фиръавн даст аз сари Банӣ Исроил барнамедошт ва дар ҳоле ҳам, ки онҳо ба раҳбарии Мӯсо аз Миср хориҷ шуданд, боз онҳоро таъқиб кард, то он вақт, ки дар дарё онҳоро таъқиб кард ва ғарқ шуд. Дар он ҳол фарёд баровард: “Ба Худои ягона, ки қавми Мӯсо ба он имон овардаанд, ман ҳам имон овардам ва таслим ӯ ҳастам. Ба ӯ гуфта шуд: ҳоло ва дар ин вақт?! Ва ҳол он ки то лаҳзае пеш одаме фасодгар будӣ.” (*Юнус/90 ва 91*)

Мавқифи дуввум, ки тавба пазируфта намешавад. ҷаҳони охират аст. Ҳамин ки одамӣ ба-дон ҷаҳон рафт, дигар тавба ва пушаймонӣ суде надорад; на танҳо бад-он ҷиҳат, ки дар он ҷо одамӣ кайфарро ҳозиру машҳуд мебинад, балки бад-он ҷиҳат, ки дар он ҷо дигар амал ва тағйири тасмим ва ҳаракат ва такомул маъно надорад. Ҳар кас дар он ҷо ба ҳар ҳолат ва бо ҳар дараҷа ва ҳар мақом, ки рафт, барои ҳамеша дар ҳамон ҳолат боқӣ аст ва наметавонад дар худаш тасмимоте ва тағйироте эҷод кунад. Дар он ҷо ҳам тавба ва инсирофи воқеӣ пайдо намешавад, на ин ки инсирофи воқеӣ пайдо мешавад ва мавриди қабул воқеъ намегардад.

**Одамӣ меваи дарахти табиат аст. Мева то дар дарахт аст, аз тариқи ҳамон дарахт ва аз роҳи реша ва рагҳои ҳамон дарахт тағзия мекунад; маводди заминро ба худ мегирад, об мехӯрад, аз нур ва ҳаво ва ҳарорат истифода мекунад. Вале ҳамин ки ба иллати расида шудан ва гузаштани аҷал ва муддати маълум ва ё ба иллати кандани он мева, робитааш бо дарахт қатъ шуд, дигар барои ин мева роҳи такомул ва тараққӣ ва ислоҳ ва мубориза бо офат ва ҳама чиз бастааст**; агар колу норас аз дарахт ҷудо шуда, дигар чорапазир нест ва агар пажмурдагӣ ва афсурдагӣ пайдо карда, дигар аз тариқи об додан ва нур ва ҳаво ба он дарахт намешавад он пажмурдагиро ислоҳ кард. Инсон ҳам дар ҷаҳони табиат ҳамин ҳолро дорад; ҳар ислоҳ ва такмиле, ки боист бикунад, то вақте аст, ки рӯйи дарахти табиат аст ва ҷудо нашуда ва аммо ҳамин ки аз ин дарахт бо дасти марг ҷудо шуд, дигар роҳи ислоҳ ба рӯйи ӯ бастааст.

Албатта ин нуктаро ҳам бояд дар назар дошт, ки ҳарчанд одамӣ дар он ҷаҳон дасташ аз ислоҳу такмили худ кӯтоҳ аст, дар айни ҳол гоҳе ба воситаи сабабе аз асбоб, аз ин ҷаҳон раҳматҳое ба ӯ мерасад. Расули Худо фармуд: ҳамин ки одамӣ мемирад, дафтари амали вай баста мешавад, сутунҳои ҳасанот ва ҳамчунин сутунҳои сайиот ба куллӣ баста мегардад, магар аз ноҳияи се чиз: яке ин ки одамӣ як муассисаи хайр аз худ боқӣ гузошта бошад, ки бандагони Худо баъд аз ӯ аз он муассиса мунтафеъ гарданд, мисли ин ки

бемористон ё мадраса ё масҷиде таъсис карда бошад; Дигар ин ки асаре илмӣ аз худ ба ёдгор гузошта бошад, ки баъдҳо толибони илм ва маориф аз он асари илмӣ баҳраманд шаванд, севвум ин ки фарзандони солеҳ ва дурусткор ва мӯъмин боқӣ гузошта бошад, ки баъд аз мурдан барои вай талаби мағфират намоянд.

## Истиғно ва бениёзӣ, ҳофизи кароматии одамӣ

Амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом мефармояд:
"*Агар некӣ кунӣ ба касе ва ӯро машмули инъом ва хубӣ қарор диҳӣ, он кас ҳар ки бошад, раҳини эҳсони ту ва дар фармони ту ва ту нисбат ба ӯ фармондеҳ хоҳӣ буд. Ва агар нисбат ба касе истиғно ва бениёзӣ биварзӣ, он кас ҳар ки бошад ва дорои ҳар мақом бошад, ту низ монанди ӯ ва шахсе мисли ӯ хоҳӣ буд. Ва агар нисбат ба касе ниёз биварзӣ ва аз ӯ ҳоҷат бихоҳӣ ва истимдод кунӣ, он кас ҳар ки бошад, ту бандаи ӯ ва раҳини ӯ ва зердасти ӯ хоҳӣ буд." (Ғурарул-ҳикам, ҷ /2с 584*)
Ин калимоти бузург — чунонки зоҳир аст — марбут ба иззат ва шарофат ва озодагӣ ва зиндагии шарофатмандона аст. Барои инсон дар ин ҷаҳон мавҳибате бузургтар аз эҳсоси иззат ва шарофат нест ва ҳеч занҷире ва зиндоне болотар ва хурдкунандатар аз ин нест, ки эҳсос намояд дар зиндагӣ асир ва мақҳур ва бандаи дигарон аст, ночор аст ақидаи дигаронро ба ҷойи ақидаи худ бигирад ва иродаи дигаронро ба ҷойи иродаи худ иҷро кунад, фикр ва нақшаи дигаронро ба ҷойи фикр ва нақшаи худ амал кунад, ба ҳаво ва ҳавас ва орзуҳои дигарон эҳтиром бигузорад, тан ба зиллат ва асорат ва ситам бидиҳад. Барои озодмардон, мурдан ва зери хок рафтан басе тарҷеҳ дорад бар ин ки хору залил ва асиру банда зиндагӣ кунанд.
Амирулмӯъминин ба фарзанди барӯмандаш Ҳасан ибни Алӣ (алайҳимассалом) мефармояд:
"*Ҳаргиз бандаи дигарон набош; Худованд туро ҳурру озод офаридааст.*" (*"Наҳҷул-балоға", номаи 31*) Дар оғози ҷанги Сиффин ҳамин ки сипоҳи Алӣ алайҳис салом ва сипоҳи Муовия ба якдигар наздик шуданд, сипоҳи Муовия пешдастӣ карданд ва ҷилави обро бар сипоҳи Алӣ гирифтанд ва монеъи истифодаи онҳо аз об шуданд ва инро барои худ ба фоли нек гирифтанд. Хабар ба Алӣ алайҳис салом расид. Пайғом ва номае барои Муовия фиристод, ки мо омадаем балки битавонем аз тариқи музокирот ихтилофро ҳал кунем ва нагузорем кор ба куштору хунрезӣ бикашад ва ту пешдастӣ кардӣ ва саворони хешро барои ҷилавгирӣ аз истифодаи об фиристодӣ. Гузашта аз ин ки ту заминаи музокироти мусолиматомезро бо ин амали хеш хароб кардӣ ва гузашта аз ин ки ту аз

қонуни мардонагӣ ва инсоният хориҷ шудӣ ва даст ба амали ноҷавонмардонае задӣ ва мехоҳӣ аз ташнагии сипоҳи ман барои сипоҳи худат кӯмак бигирӣ, бидон, ки агар аз тасмими ноҷавонмардонаи худ мунсариф нашавӣ, асҳоб ва ёрони ман нахоҳанд нишаст ва мунтазири иҷозаи ту нахоҳанд истод; мардона туро ва сипоҳи туро аз об дур хоҳанд сохт.

Вале Муовия, ки ин корро барои худ фатҳе медонист, чунон масту мағрур шуда буд, ки ин суханон дар руҳи ӯ таъсире накард. Ин ҷо буд, ки Алӣ алайҳис салом бо чанд ҷумла чунон ҳисси озодагӣ ва шарофатманди асҳоб ва ёрони худро таҳрик кард, ки дар андак замоне маҳалли обро ба тасарруфи хеш даровcovered. Ба онҳо фармуд:

"*Ҳамоно Муовия гурӯҳе аз гумроҳон ва нодононро даври худ ҷамъ карда ва аз ҷаҳолат ва нодонии онҳо истифода карда ва обро бар шумо гирифтааст. Оё медонед ба чӣ восила метавонед сероб шавед? Ҳамоно ин шамшерҳоро бо хуни касифи ин гумроҳон сероб кунед, то худатон аз оби гуворо сероб шавед. Мурдане ҳаст ва зиндагие. Мурдан дар ин аст, ки зинда бимонед ва мағлубу маҳкуму мӯҳтоҷ бошед ва зиндагӣ дар ин аст, ки бимиред, вале бо фатҳу зафар ва ғалаба.*" (*"Наҳҷул-балоға", хутбаи 51*)

Ин ҷумлаҳои оташин ғавғое бапо кард ва дар андак замоне душман аз маҳалли об дур афтод. Ёрони Алӣ хостанд интиқом бикашанд ва монеъи об бардоштани душман шаванд, вале Алӣ розӣ нашуд; фармуд: ман ҳаргиз даст ба ин гуна корҳои ноҷавонмардона намезанам!

Алӣ алайҳис салом дар зимни ҷумлаҳое, ки дар аввали гуфтор аз он ҳазрат нақл кардем, ба роҳ ва тариқе, ки ҳисси озодаманишӣ ва шарофати инсонро ҳифз мекунад ишора мекунад; мефармояд: он чизе, ки башарро асир месозад, ҳамоно эҳтиёҷ ва қабул кардани атоё ва бахшишҳои мардум аст. Эҳтиёҷ ва даст пеши ину он дароз кардан аст, ки шарофати инсонро лаккадор мекунад ва ҳамоно бениёзӣ ва эҳтиёҷ надоштан аст, ки ҳофизи каромат ва иззат ва шарофати одамӣ аст. Ва аз ҳамин ҷост, ки кору касб ва ҳар чизе, ки эҳтиёҷи инсонро аз абнои навъи худаш рафъ мекунад, мақоми муқаддас ва мӯҳтараме пайдо мекунад, зеро чӣ чизе муқаддастар ва мӯҳтарамтар аз он чизе, ки обрӯ ва ҳайсияти одамиро нигаҳдорӣ кунад?!

Айзан ба он ҳазрат нисбат дода шуда, ки фармуд:

"*Агар мехоҳӣ озод бошӣ ва ҳуррият дошта бошӣ, монанди бандагон ва ғуломон заҳмат бикаш ва кор кун; умеду орзуи худро аз молу сарвати ҷамиъи фарзандони Одам қатъ кун; ҳаргиз чашми тамаъ ба молу сарват ва андӯхтаи дигарон надошта бош. Агар кору касбе ба ту пешниҳод шуд, нагӯ: ин кор касри шаъни ман аст ва дараҷа ва мақоми маро дар иҷтимоъ паст мекунад, зеро ҳеҷ чиз ба андозаи ин ки инсон аз дигарон таваққӯъ ва*

*тақозо дошта бошад ва аз дигарон истимдоди молӣ кунад, инсонро пасту ҳақиру хор намекунад. Ту то вақте, ки нисбат ба дигарон бениёзӣ ва истиғно биварзӣ ва чашми тамаъ ба моли касе надошта бошӣ ва аз аҳаде атия ва ҳадия нахоҳӣ ва аз касе таваққӯъ ва тақозо надошта бошӣ, аз ҳамаи мардум баландқадртар хоҳӣ буд.*" (*Мазмун рубоӣ мансуб ба Алӣ алайҳис салом.*)

Расули Худо (с) фармуд:

"*Аз раҳмати Худо дур аст он касе, ки сангинии зиндагонии худро рӯйи дӯши иҷтимоъ биандозад." ("Усули кофӣ", ҷ/5, с.72*)

Дар ҳадиси дигар аст:

"*Он кас, ки барои оилаи худ заҳмат мекашад ва ранҷ мебарад, монанд касе аст, ки дар роҳи Худо ҷиҳод мекунад.*" (*"Усули кофӣ", ҷ/5, с.88*)

## Соддазистӣ ва парҳез аз такаллуф

Дар ҳадис аст, ки: "*Бадтарини дӯстон он кас аст, ки одамӣ маҷбур аст дар муошират бо ӯ худро ба заҳмат ва такаллуф андозад.*"

Дар бораи Расули Акрам (с) муаррихон навиштаанд, ки аз хасоиси вай яке ин буд, ки содда ва бетакаллуф зиндагӣ мекард, содда ва бетакаллуф сухан мегуфт, содда ва бетакаллуф ғизо мехӯрд. Дар айни ин ки муқайяд буд ҳамеша покиза ва назиф ва муаттар бошад, бисёр содда ва бетакаллуф ҷома мепӯшид. Яке аз усули зиндагии он ҳазрати соддагӣ ва парҳез аз такаллуф буд. Шак нест, ки зиндагӣ усуле ва ҳудуде дорад ва бояд он усулу ҳудудро риоят кард. Агар бар зиндагӣ усулу ҳудуд ҳукумат накунад, табдил мешавад ба зиндагии ҷангалӣ. Қуръони Карим махсусан ба ин нукта тасреҳ мекунад, ки ҳудуди илоҳиро мӯҳтарам бишуморед ва аз онҳо таҷовуз накунед. Бузургони башарият онҳо ҳастанд, ки дар дараҷаи аввал усуле доштаанд, ки он усулро мӯҳтарам мешумурдаанд. Вале хеле фарқ аст байни усули зиндагӣ ва байни як силсила қайдҳо ва такаллуфот ва одоти бедалел, ки дар миёни мардум пайдо мешавад ва зиндагиро бар онҳо душвор ва ногувор месозад. Усули зиндагӣ мӯҷиби кушоиш ва осоиш ва рифоҳ аст, вале қайдҳо ва такаллуфот мӯҷиби сангинборӣ ва нороҳатӣ аст.

Гуфтем, ки Расули Акрам (с) содда либос мепӯшид ва дар айни ҳол ба усули назофат ва покизагӣ муқайяд буд. Ҳар рӯз субҳ қабл аз он ки ҷома ва сару сурат ва мӯйи худро мураттаб кунад ва дар ойина худро бибинад, аз хона берун намеомад. Ӯ на нисбат ба усули назофат лоқайд буд ва на барои худ такаллуфоте дуруст карда буд, ки муддате аз вақти азизи худро сарфи он қайдҳо ва такаллуфот кунад. Вале мардуме ҳастанд ифротӣ

ва мардуме дигар ҳастанд тафритӣ. Як даста чунон пушти по ба қайдҳо ва ҳудуд задаанд, ки якбора нисбат ба ҳама чиз лоқайд ва лоуболӣ шудаанд, танбалӣ ва бекориро шиори худ қарор додаанд. Ва дастаи дигар баръакс ба қадре худро дар миёни одобу русуму одот маҳбус сохтаанд, ҳазорҳо қайд барои ғизо хӯрдан ва ҳазорҳо қайд барои ҷома пӯшидан ва ҳазорҳо қайди дигар барои муоширатҳо ва пазироиҳо ва меҳмониҳо ва арӯсиҳо ва мусофиратҳо сохтаанд, ки зиндагиро барои худ сангин ва ногувор кардаанд; соатҳо бояд вақт сарф кунанд, то худашонро ба шакли як арӯсак бисозанд, то битавонанд аз хона қадам берун ниҳанд ва баъд ҳам мисли як мавҷуди коғазӣ ва ё як мавҷуди шикастанӣ бо ҳазорон қайд ва эҳтиёт роҳ бираванд, ки қайдҳои сохтагӣ дарҳам нарезад; сухан гуфтани такаллуф, роҳ рафтани такаллуф, ҷома пӯшидани такаллуф, пазирой ва меҳмонии такаллуф, нишастан ва бархостани такаллуф ва билохира барои як идда аз мардум зиндагӣ яксара такаллуф шудааст. Расули Акрам (с) иҷоза намедод, ки маҷлиси ӯ садру зайл ва болову пойин дошта бошад; махсусан дастур медод, ки асҳоб ва ёрон ҳалқа ва доиравор биншинанд, ки маҷлис болову пойин надошта бошад. Қуръони Карим мефармояд: дар маҷолис ҷоҳоро боз кунед. (*Муҷодила/11*) Яъне муқайяд набошед, ки як нуқтаи муайянро ишғол карда бошед.

Ба таври куллӣ, муқайяд шудан ба зиндагии мутакаллифона ношӣ аз кучакии руҳ ва надоштани шахсият аст. Баъзе афрод дар худ эҳсоси ҳақорат мекунанд ва баъд мехоҳанд ин ҳақоратро ҷуброн кунанд ва барои худ дар назари дигарон шахсияте исбот кунанд. Ин гуна афрод бештар худро ба тазоҳур ба як силсила қайдҳо водор мекунанд. Мардуми олим, ки ҳамон мақоми илмӣ ва шахсияти илмии онҳо гувоҳи ростини онҳост, эҳтиёҷе намебинанд, ки тазоҳур кунанд. Баръакс, афроде, ки аз ин ҷиҳат эҳсоси ақибмондагӣ мекунанд, бештар ба алқобу ановин ва тазоҳур аҳаммият медиҳанд.

Ба таври куллӣ, кору фаъолият ва мусбат будан, бо такаллуф ва ба худбандӣ ва асири одоту русум шудан созгор нест. Ҳар як аз ин такаллуфот миқдори зиёде вақт талаф мекунад, фикру хаёл масраф мекунад, хастагӣ ва малолат меоварад. Мардуме, ки мехоҳанд дар ҳоли ҳаракату талош ва фаъолият бошанд ва ба мақомот ва тараққиёт ноил шаванд, лозим аст бори худро аз ин такаллуфот сабуктар кунанд, то битавонанд сареъ пеш бираванд.

Ҳазрати Содиқ алайҳис салом хост ба ҳаммом биравад. Ҳаммомӣ иҷоза хост, ки ҳаммомро барои Имом хилват кунад ва дар вақте, ки Имом ҳаст, каси дигареро роҳ надиҳанд. Имом иҷоза надод ва фармуд: "Мӯъмин сабукбортар ва бетакаллуфтар аз инҳост." Саъдӣ аз забони фақирзодае хитоб ба тавонгарзодае масале барои ин матлаб овардааст; мегӯяд:

“*Тавонгарзодае дидам, бар сари гӯри падар нишаста ва бо дарвешбачае мунозира пайваста, ки сандуқи турбати мо сангин асту китоба рангин ва фарши рухом андохта ва хишти пирӯза дар ӯ сохта. Ба гӯри падарат чӣ монад, хиште ду фароҳам оварда ва муште ду хок бар он пошида. Дарвешписар ин бишниду гуфт: то падарат зери он сангҳои гарон бар худ биҷунбида бошад, падари ман ба биҳишт расида бошад.*” (*Гулистон*)

Бобо Тоҳир мегӯяд:

*Дило роҳат пур аз хору хасак бӣ,*

*Гузаргоҳи ту бар авҷи фалак бӣ.*

*Шаби тору биёбони дур манзил,*

*Хушо он кас, ки бораш камтарак бӣ.*

## Ҳақ ва таклиф

Худованди Мутаъол дар Қуръони Карим мефармояд:

“*Мо амонати худро бар осмон ва бар замин ва бар кӯҳҳо арза доштем ва ҳамаи онҳо аз таҳаммули он бори гарон ибо карданд ва имтиноъ варзиданд ва аз он тарсиданд. Танҳо инсон буд, ки гом пеш ниҳод ва қабули онро ба ӯҳда гирифт. Инсон золим ва ҷоҳил аст.*” (*Аҳзоб/72*)

Худованди Мутаъол дар ин оят ба тарзи бисёр латиф ва ҷаззобе истеъдоди фавқулъодаи фарзанди одамро зикр кардааст. Он ҷо, ки ҳеҷ мавҷуди осмонӣ ва заминӣ ҷуръат ва ҷасорати ҷилав омадан надорад, инсон ба иттикои истеъдод ва шоистагии худ гом пеш мениҳад ва қабули худро нисбат ба амонати илоҳӣ ва сирри илоҳӣ эълом медорад.

Он амонати бузург, ки ҳама аз таҳаммули он сар боз заданд ва танҳо инсон онро пазируфт, таклиф ва масъулият аст. Ҳар мавҷуд аз мавҷудот ба ҳар нуқта, ки бирасад ва ҳар камолеро, ки тай кунад, бидуни ирода ва ихтиёр тай мекунад, наметавонад ба майли худ ва иродаи худ роҳи худро иваз кунад ва тағйир диҳад ва танҳо инсон аст, ки дар ҳар лаҳзае қодир аст ба сӯйи ҳар ҳадафе, ки ирода кунад ҳаракати худро тағйир диҳад. Инсон бисёре аз камолот ва тараққиёти худро дар партави таклиф ва қонун ва масъулияти қонунӣ тай мекунад. Барои инсон басе ифтихор аст, ки метавонад ҳаққеро ба ӯҳда бигирад ва вазифаеро гардан ниҳад.

Бисёре аз афрод ба номи озодӣ мехоҳанд худро аз қайди таколиф ва ҳуқуқ озод созанд ва албатта инсон метавонад озод зиндагӣ кунад ва бояд ҳам озод зиндагӣ кунад, вале ба шарти ин ки инсонияти худро ҳифз кунад. Яъне аз ҳар чизе ва ҳар қайде метавон озод

буд, магар аз қайди инсоният. Одамӣ агар бихоҳад аз қайди таколиф ва ҳуқуқ худро озод бидонад, бояд қаблан аз инсоният истеъфо бидиҳад ва ҷузъи ҷамодот ва ё наботот ва ҳадди ақал ҷузъи ҳайвонот дароя, то битавонад аз он чи лозимаи инсоният ва шарти инсоният аст (яъне қабули вазоиф ва таколиф ва ҳуқуқ) худро озод созад.

Мо ҳамон тавре, ки ба мӯҷиби инсон будани худ, барои худ ҳаққе қоилем ва мӯътақидем чун инсон ва комилтар аз соири анвоъ офарида шудаем, пас ҳақ дорем анвоъи истифодаҳо аз маъодин ва аз дарёҳо ва аз ҷангалҳо ва аз гулҳо ва гиёҳҳо ва аз ҳайвонҳо ва аз заминҳо бинамоем, айнан ба ҳамин далел, ҳуқуқе аз ҳамаи ин ашё бар ӯҳдаи мо ҳаст, ки бояд аз ӯҳдаи он ҳуқуқ бароем. Амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом дар аввалин хитобае, ки баъд аз қабули хилофат эрод кард, ин тавр фармуд:

"*Бандагон Худо! Худоро дар назар бигиред. Шумо нисбат ба ҷамоатҳо ва шаҳрҳои Худо ва нисбат ба афроди бандагони Худо, нисбат ба ҳама чиз масъулият доред, ҳатто нисбат ба буқъаҳо ва сарзаминҳо ва нисбат ба ҳайвоноти аҳлӣ, ки дар ихтиёри шумост.*"

Яъне ин қисмат замине, ки масалан дар ихтиёри шумост ва шумо молики он замин хонда мешавед, ҳаққе ба ӯҳдаи шумо дорад ва он ин аст, ки онро бойир ва ғайри маъмур нагузоред, бояд онро ба василаи кишту заръ ва ё ба василаи умрон ва сохтмон обод кунед. Дар ин сурат аз ӯҳдаи масъулияте, ки нисбат ба ин ҷамод доред, баромадаед.

Ҳайвоноте, ки дар ихтиёри шумост, мисли асп ва гӯсфанд ва гов ва шутур ва астар ва улоғ, ҳамон тавре, ки ҳаққи истифода аз саворӣ ва ё аз ширу пашму пӯсту гӯшти онҳоро доред, масъули риоят ва хӯрок ва маскан ва осоиши онҳо мебошед. Он кас, ки ба унвони волӣ ва фармондори шаҳре муаррифӣ мешавад ва амри хешро дар қаламрави ҳукуматаш мутоъ мешуморад, бояд бидонад, ки ин шаҳр ва ин бахш ва ё ин устон ва ё ин кишвар ба ӯҳдаи ӯ ҳаққе дорад, ки он ҷоро маъмур ва ободон созад ва мӯҷиботи хушӣ ва осоиш ва кушоиши зиндагиро фароҳам созад. Як гул, ки дар як гулдон қарор гирифта, ба ӯҳдаи соҳиби худ ҳаққе дорад, ки ба мавқеъ ба ӯ об бирасонад ва тароват ва шодобии ӯро ҳифз кунад.

Пас, инсон ба ҳукми ҳамон истеъдод ва шоистагии фитрӣ, аз як тараф истеҳқоқи бузурге барои истифода аз мавҳибатҳои хилқат дорад ва аз тарафи дигар, масъулияти азиме нисбат ба ҳамаи мавҷудоте, ки дар ихтиёри ӯст аз ҷамод ва набот ва ҳайвон дорад, то чӣ расад ба масъулиятҳои азиме, ки нисбат ба инсонҳое монанди худ дорад, мисли масъулияте, ки дар баробари падару модар дорад ва ё масъулияте, ки нисбат ба фарзандони худ дорад ва ё масъулияте, ки нисбат ба зан ва ё шавҳари худ дорад ё

масъулияте, ки нисбат ба хешовандон ва муаллимон ва ҳамсоягон ва ҳамкешон ва ҳамнавъони худ дорад.

Амирулмӯъминин алайҳис салом ба яке аз фармондорони худ менависад:

"*Мабодо, ки монанди ҳайвони дарандае ба ҷони мардум биафтӣ, зеро афроди раъият ё мусалмонанд ва ҳамдини ту мебошанд ва ё агар мусалмон нестанд, лоақал инсонанд ва ҳамнавъи ту мебошанд.*" (*"Наҳҷул-балоға", номаи 53 (хитоб ба Молики Аштар Нахаъӣ)*)

Калимаи "ҳақ" ва "ҳақиқат"-ро зиёд мегӯем ва мешунавем. Бояд, ҳам ҳақро бишносем ва ҳам ҳақиқатро. Шинохтани ҳақиқат ба ин аст, ки низоми ҳастӣ ва ҷараёни олами вуҷудро ҳамон тавр, ки ҳаст тасаввур кунем, на ин ки дар зеҳни худ гирифтори хаёлот ва авҳоме бишавем, ки аз воқеъ фарсангҳо дур аст; худамонро ҳамон тавр, ки ҳастем бишносем, ҷаҳонро ҳамон тавр, ки ҳаст бишносем, Худовандро бо сифоти камол ва ҷамол ва ҷалол бишносем. Ва аммо шинохтани ҳақ ба ин аст, ки дайни худро тамйиз диҳем ва бидонем чӣ мадюниятҳо дорем; бидонем нисбат ба наздиктарин умур ба худамон яъне аъзо ва ҷавореҳи бадани худ мадюнем ва ҳуқуқи инҳоро адо кунем, нисбат ба падару модар ва зану фарзанд ва муаллим ва ҳамсоя ва хешовандон ва ҳамкешон ва ҳамватанон ва ҳатто нисбат ба заминҳое, ки дар ихтиёри мо гузошта шуда ва нисбат ба шуғл ва мақоми иҷтимоӣ, ки ба мо вогузор шуда ва нисбат ба ҳар коре, ки ба ӯҳда гирифтаем, мадюнем ва бояд ҳаққи онҳоро адо кунем.

Агар худамон ва Худои худамон ва ҷаҳонеро, ки дар он зиндагӣ мекунем шинохтем ва ба ҳуқуқе, ки ба ӯҳдаи мо ҳаст ошно шудем, метавонем бо сарбаландӣ ва сарафрозӣ иддао кунем, ки мо, ҳам аҳли ҳаққем ва ҳам аҳли ҳақиқат.

## Хусусиёти ҳақ аз назари Алӣ

Амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом мефармояд:

"*Аз хусусиёти ҳақ ин аст, ки ба нафъи аҳаде ҷорӣ намешавад, магар он ки алайҳи ӯ низ ҷорӣ мешавад ва алайҳи касе ҷорӣ намешавад, магар он ки ба нафъи ӯ низ ҷорӣ мешавад." ("Наҳҷул-балоға", хутбаи 214*)

Яъне ҳуқуқе, ки дар миёни мардум ҷараён дорад, мутабодил аст, яктарафӣ нест, дутарафӣ аст; чунин нест, ки масалан баъзе сирфан ба ӯҳдаи дигарон ҳуқуқ дошта бошанд, вале худашон аз дигарон ҳаққе бар ӯҳда надошта бошанд. Масалан, падарону модарон бар фарзандон ҳуқуқе доранд, ки воҷибурриъоя аст, вале набояд чунин тасаввур кард, ки ин ҳуқуқ яктарафӣ аст ва танҳо падарону модарон ҳастанд, ки бар авлод ҳуқуқе

доранд; авлод низ ҳуқуқе бар падарону модарон доранд, балки дар марҳилаи аввал ҳуқуқи фарзандон таъаллуқ мегирад ва дар марҳилаи дуввум ҳуқуқи падару модар, зеро тифл ҳанӯз, ки кӯдак аст, сирфан як масъулияте аст бар дӯши падару модар ва худаш ҳанӯз тавоноии масъулиятеро надорад. Ва ҳамчунин муаллим ва мутааллим, устод ва шогирд: ба мувозоти ҳуқуқе, ки устод бар шогирд дорад аз ҳақшиносӣ ва эҳтиром ва адаб ва дӯст доштан ва итоъат кардан, шогирд низ ҳуқуқе бар муаллим дорад аз ҳусни таълиму тарбият ва муроқабатҳо ва диққатҳо ва ҳусни амал ва ғайра. Ва ҳамчунин аст зану шавҳар, ҳар кадом бар дигаре ҳуқуқе доранд. Ҳар касе, ки фикр мекунад ба гардани дигарон ҳаққе дорад, дар ҳамон ҳол бояд бидонад мадюни ӯ ҳам ҳаст. Танҳо зоти муқаддаси Борӣ Таъоло, ки ғании комил ва молики мутлақ аст, аз ин қонун мустасно аст. Худованди Мутаъол бар махлуқоти худ ҳуқуқе дорад ва бандагони ӯ мадюни фазлу неъмати ӯ ва масъули амри ӯ мебошанд, вале зоти муқаддаси ӯ мадюни ҳеч мавҷуде намебошад, ки Алӣ алайҳис салом фармуд: агар дар тамоми ҷаҳони ҳастӣ мавҷуде бошад, ки бар дигарон ҳақ дошта бошад ва дигарон бар ӯ ҳаққе надошта бошанд, ӯ зоти ақдаси илоҳӣ аст. Дар айни ҳол зоти ақдаси илоҳӣ итоъати хешро ҳаққи худ бар мардумон хонда ва подоше, ки ба фазлу раҳмати худ ба бандагон иноят мекунад, ба унвони ҳаққи мардумон бар худаш ба расмият шинохта. Таколифи илоҳӣ ҷуз иршоди башар ба масолеҳи воқеии худаш нест. Ин дастурҳо ва амрҳо барои суди зоти муқаддаси Худованд нест, ӯ муназзаҳ ва мустағнӣ аз ҳамаи онҳост. Подоше, ки барои ин итоъатҳо муқаррар фармуда, лутфу иноят аст. Дар айни ҳол номи ин лутфу иноятро “ҳақ” гузоштааст ва худро ба унвони мадюни башар ба аҷру савоб ном бурдааст.

Аз ҷумла хусусиёти ҳақ, ки Алӣ алайҳис салом зикр фармуда яке ин аст, ки дар забон ва сухан хеле осон аст ва дар амал ва таҳаққуқ мушкил. Мефармояд: дар марҳилаи сухан ва тавсиф ва шарҳ додан ва зикри имтиёзҳо ва хубиҳо ҳеч майдоне ба вусъати майдони ҳақ намерасад. Чӣ қадр хуб ва осон метавон дар атрофи ҳақ гуфт ва навишт ва тавсиф кард, ки дар атрофи ҳеч чизи дигар ин тавр наметавон майдондорӣ кард. Ҳеч чеҳрае монанди чеҳраи ҳақ заминаи тавсиф ва ситоиш надорад, вале дар марҳилаи амал ҳеч майдоне аз майдони ҳақ тангтар ва саъбулубуртар нест ва чӣ қадр убур аз он гарданаҳо душвор аст!

Хусусияти севвуме, ки барои ҳақ зикр карда ин аст, ки риояти ҳақ дар ҷомеа бидуни таъовун ва ҳамдард будан ва ҳамкориҳои иҷтимоӣ муяссар нест. Як фард ҳар андоза комил ва муназзаҳ бошад, ҳар андоза собиқааш дар ҳақ зиёд бошад, аз кӯмак ва ҳамкории дигаре бениёз нест. Ҳеч кас наметавонад бигӯяд, ман аҷаллу шаънан ҳастам аз ин ки

дигаре бихоҳад маро дар кори ҳақ кӯмак кунад ва ҳеч кас ҳам ҳар андоза дар назарҳо кучак ва ҳақир бошад, поинтар аз ин нест, ки кӯмаккор ва мададкори дигарон бошад.
Набояд чунин тасаввур кард, ки фалон шахс камшахсияттар аз ин аст, ки ӯро дар ҳамкориҳои иҷтимоӣ дар роҳи хайр ба бозӣ бигирем. На ҳеч кас дар сатҳи олитар аз ҳамкорӣ дар кори хайр қарор гирифта ва на касе дар сатҳи поинтар аз он қарор гирифта. Ин ки Худованд дар Қуръони Карим фармуда дар некӯкорӣ ва дар тақво муъовин ва кӯмаккори якдигар буда бошед, ҳамаи афродро аз олӣ ва донӣ, олим ва ҷоҳил, қавӣ ва заъиф, арбоб ва навкар, ҳамаро бо ҳам фаро гирифтааст. Ин ки ҳар касе худашро дар сатҳе болотар аз ҳамфикрӣ ва ҳамкорӣ бо дигарон бидонад, сабаб мешавад, ки афроди ҷомеа иттисол ва пайвастагии худро аз даст бидиҳанд, ҳамон тавре, ки як бино ва сохтмон модоме барпост, ки иттисол ва иртибот байни масолеҳе, ки ба кор рафта маҳфуз бошад, вагарна бо анбоштани як идда оҷур ва ҷӯб ва оҳан ва семент рӯйи якдигар бидуни он ки ҷӯш ва иттисоле байни онҳо бошад, сохтмон ба вуҷуд намеояд. Расули Акрам фармуд: масали мӯъминин масали сохтмон аст, ки баъзе баъзеи дигарро нигаҳ медорад, яъне байни онҳо иттисол ва иртибот барқарор аст.
Хусусияти чаҳоруме, ки Алӣ алайҳис салом дар мавриди ҳақ зикр мефармояд ин аст, ки аҳли ҳақ ҳаргиз аз ин ки тазаккуре ба онҳо дода шавад, нороҳат намешаванд ва агар касе аз арза доштани ҳақ бар ӯ нороҳат мешавад, аз амал ба ҳақ ба тариқи авло рӯгардон аст. Масалан як косиб ва ё корманди идорӣ ва ё як ронанда, ки муддаӣ аст ман дар амал ҳамон тавр ҳастам, ки муқтазои ҳақ ва адолат аст, агар воқеан дар гуфтаи худ содиқ аст, аз тазаккуре, ки дигарон ба ӯ медиҳанд, ки бояд чунину чунон бошӣ, нороҳат намешавад, балки чун мехоҳад он роҳро биравад, аз роҳнамоӣ хурсанд мешавад, вале агар дар амал дурӯғ мегӯяд, аз тазаккури дигарон хушаш намеояд. Алӣ алайҳис салом ин ҷумларо дар бораи шахси худаш фармуд ва аз мардум тақозо кард, ҳар тазаккуре доред, ба ман бидиҳед, ки ман аз ин тазаккурот хушвақтам.

## Душманони ақл

Дар таҷрибиёт ва мушоҳадоти рӯзонаи худ мебинем, ки бисёре аз чизҳо ҷилави таъсири бисёре аз чизҳои дигарро мегиранд ва асари онҳоро хунсо мекунанд. Мумкин аст масалан доруе асаре дошта бошад ва доруе дигар асари онро хунсо кунад ва ҷилави таъсироташро бигирад. Мумкин аст як чиз саммият дошта бошад ва як чизи дигар монеъи таъсири ин сам гардад. Айнан монанди ин аст, ки ҳамвора ҷанге ва кашмакаше миёни аҷзои ин ҷаҳон барқарор бошад:

*Ин ҷаҳон ҷанг асту кул, чун бингарӣ,*
*Зарра бо зарра, чу дин бо кофарӣ…*
*Ҷанги табъӣ, ҷанги феълӣ, ҷанги қавл*
*Дар миёни ҷузвҳо ҳарбест ҳавл.*
*(Мавлоно*)

Баъзе аз муфаккирини ҷаҳон муболиға карда ва иддао кардаанд, ки қонуни аслӣ ва аввалии ҷаҳон ҷангу низоъ ва тасодуму тазоҳум аст; ҳар мавҷуде мехоҳад асари мавҷуди дигарро хунсо кунад. Албатта ин назар бисёр муболиғаомез аст, вале шакке нест, ки тасодуму тазодд ва таъсири мухолиф дар якдигар кардан, асле аст дар ин ҷаҳон.

Аз тарафи дигар медонем, ки вуҷуди инсон, як нусхаи ҷомеъе аст аз ҷаҳони бузург; аз ҳар чи дар ҷаҳони бузург ҳаст, намунае дар вуҷуди инсон ҳаст. Рӯйи ҳамин асл аст, ки мебинем ҳолатҳо ва қувваҳои маънавии башар дар якдигар таъсири мухолиф мекунанд, баъзе, ки қувват ёфтанд ва рушд намуданд, асари баъзе дигарро хунсо мекунанд.

Амирулмӯъминин алайҳис салом ҷумлае дорад, ки мазмунаш ин аст:

"*Яке аз умуре, ки ба ақли инсон ҳасодат меварзад ва душманӣ мекунад, худписандии ӯст*."

Ва ҳам он ҳазрат мефармояд:

"*Бештари замин хӯрданҳои ақлҳо он ҷост, ки барқи тамаъ ҷастан мекунад*."

Имом Содиқ алайҳис салом мефармояд:

"*Ҳаво ва ҳавас душмани ақл аст.*"

Аз ин қабил баёнот дар осори динии мо боз ҳам ҳаст. Аз ҳамаи инҳо ин ҳақиқати олӣ истифода мешавад, ки ҳавасронӣ ва худписандӣ ва тамаъ ва таассуб ва лаҷоҷ ва хашм, ҳама душманони ақл мебошанд. Яъне чӣ душманони ақл мебошанд? Яъне асари ақлро хунсо мекунанд, руҳи башарро торик мекунанд, ҷилави басират ва нури қалбро мегиранд. Ин ҳамон намунаи низоъ ва тасодуми ҷаҳони бузург аст, ки дар вуҷуди одамӣ мавҷуд аст.

Қуръони Карим иддаеро зикр мекунад ва мегӯяд: чашм доранд ва намебинанд, гӯш доранд ва намешунаванд, дил доранд ва фаҳм намекунанд. Ё ин ки мефармояд: чашмҳо нобино нест, балки дилҳо нобиност. Мақсуд аз ҳамаи инҳо ин аст, ки дар ин мардум ҳолатҳо ва сифоте руҳӣ мавҷуд аст, ки асари ақлу донишу бинишро дар онҳо хунсо кардааст, дар инҳо майл ба тақлид аз равиши падарону модарон аст, таассуб ва ҳамийят ва лаҷоҷ доранд, манофеъи моддӣ ва матомеъи дунявии онҳо ба онҳо иҷоза намедиҳад, ки дар баробари ҳақ таслим шаванд. Саъдӣ мегӯяд:

*Бидӯзад шараҳ дидаи ҳушманд,*

*Дарорад тамаъ мурғу моҳӣ ба банд*.

Мегӯянд, бузургтарин душманони башар эҳсосоти саркаш ва нафси аммораи ӯст. Ҳеч душмане ба пояи ин душман намерасад.

Иллати ин амр ин аст, ки ин душман ба нуқтае дастрасӣ дорад ва марказеро хароб мекунад, ки ҳеч душмани дигар ба он нуқта ва ба он марказ дастрасӣ надорад. Он нуқта ва он марказ, дастгоҳи ташхис ва биниши инсон аст. Одамӣ дар баробари ҳар душман бо нерӯи ақлу тадбир истодагӣ мекунад ва агар душмане тавонист дар маркази тадбир ва биниш ихтилоле ба вуҷуд оварад, бадеҳӣ аст, ки аз ҳар душмане хатарноктар аст.

Дар бораи пайғамбарон гуфтаанд, ки онҳо хидматгузори ақлу фитратанд, ҳамон тавре, ки табиб хидматгузори табиат ва мизоҷи бадан аст. Хидмате, ки пайғамбарон ба ақлҳои башар мекунанд, аз навъи хидмати як омӯзгор нисбат ба шогирдони худ нест, ки як китоби муайян ва ё як илму фанни муайянро ба шогирд таълим кунад, балки пайғамбарон аз ҳамон роҳ, ки ба таҳзиби ахлоқ ва пок нигаҳ доштани нуфуси мардум ба онҳо хидмат мекунанд, аз ҳамон роҳ ба ақлҳо ва хиради онҳо низ кӯмак мекунанд. **Агар ахлоқи одамӣ таъдил шавад ва ҷилави ҳукумат ҳаво ва ҳавас ва ҳирсу тамаъ ва хашму шаҳват гирифта шавад, барои ақлу фикри одамӣ озодӣ пайдо мешавад, дасти ақл боз мегардад**.

Қуръони Карим мефармояд:

"*Агар тақвои илоҳӣ дошта бошед, Худованд ба шумо мояи тамйизи ҳаққу ботил иноят мефармояд." (Анфол/29*)

Алӣ алайҳис салом мефармояд:

"*Агар тақвои илоҳӣ дошта бошед, Худованд ба шумо роҳи берун шудан аз мазиқаҳо ва тангноҳо қарор медиҳад ва ҳам барои шумо нуре қарор медиҳад, ки дар торикӣ намонед." ("Наҳҷул-балоға", хутбаи 181*)

Пайғамбарон муаллими тақво ва таҳорат ва фазилат мебошанд. Тақво ва таҳорати руҳӣ, ки пайдо шуд, душманони ақл яъне ағроз ва ҳаво ва ҳавасҳо ба гӯшае мегурезанд ва ҳукумати ақлро мустақар ва собит мекунанд.

Амирулмӯъминин алайҳис салом мефармояд:

"*Ту се навъ дӯст ва се навъ душман дорӣ. Дӯстони ту яке он кас аст, ки мустақиман бо худи ту дӯст аст ва дигаре дӯсти дӯсти туст ва севвумӣ душмани душмани туст. Аммо душманони ту яке он кас аст, ки мустақиман бо худи ту душман аст ва дигаре дӯсти душмани туст ва севвумӣ душмани дӯст туст." ("Наҳҷул-балоға", ҳикмат 295*)

Пас яке аз анвоъи дӯстон, душмани душмани одамӣ аст. Душмани душман, дасти душманро мебандад. Дасти душман, ки баста шуд, дасти худи шахс беҳтар боз мегардад.

**Агар робитаи тақво ва таҳорати ахлоқиро бо ақлу биниш дар назар бигирем, ки чӣ гуна ахлоқи пок ба сафо ва равшании ақл кӯмак мекунад, мебинем, ки аз навъи кӯмак ва муованате аст, ки душмани душмани шахсе ба вай мекунад. Яъне дасти душмани ақлро, ки ҳамон ҳавоҳо ва ҳавасҳо ва хашму шаҳватҳост мебандад ва қаҳран дасти ақл боз мегардад**. Мавлавӣ мегӯяд:

*Чунки тақво баст ду дасти ҳаво,*

*Ҳақ гушояд ҳар ду дасти ақлро.*

## Тақво ва равшанбинӣ

Қуръони Карим мефармояд:

"*Агар пок ва парҳезгор буда бошед, Худованд ба шумо равшанбинӣ медиҳад ва бар басирати шумо меафзояд." (Анфол/29*)

Китоби муқаддаси мо Қуръон ба мӯҷиби ин оят ва оятҳои дигаре сареҳан байни тақво ва парҳезгорӣ аз як тараф ва равшанбинӣ ва афзоиши нури басират аз тарафи дигар робитаи мустақим қоил аст. Яъне ба ҳар андоза одамӣ поктар ва парҳезгортар ва бе ғаразу маразтар ва дар муқобили ҳақоиқ таслимтар бошад, нурафкани ақлу фикраш равшантар ва нофизтар аст. Дар ҳадиси маъруфе омадааст, ки:

"*Аз фиросати марди боимон дар ҳазар бошед, ки ӯ бо нури Худо менигарад*."

Мақсуд ин аст, ки марди боимон ба мӯҷиби имоне, ки дорад, ҳамвора дилу руҳи хешро аз олоишҳо пок нигаҳ медорад ва намегузорад ойинаи руҳаш бо ғубори ҳасодат ва кинатӯзӣ ва худхоҳӣ ва инод ва лаҷуҷ ва таассуб мукаддар шавад ва барои ақл, ки нури Худост ҳиҷобе ва пардае падид ояд. Ва аз ин рӯ (мӯъмин) аз ин нури худоӣ (ақл) ҳаддиаксари истифодаро мебарад ва бепарда ҳақоикро мушоҳида менамояд.

Байни дил, ки конуни эҳсосот ва авотиф аст ва ақл, ки конуни машоъир ва идрокот аст иртибот ва пайвастагӣ барқарор аст. Аз дили муҳаббат ва орзу ва майл ва отифа бармехезад ва аз ақл ва фикр ва мантиқ ва истидлол ва истинтоҷ сар мезанад. Агар бихоҳем ақлро дар кори фикр ва мантиқ ва истидлол ва истинтоҷ озод бигузорем, бояд майлҳо ва авотифи неку бади худро таҳти назар бигирем. Агар бар мо тамаъ ва ҳирс ҳукумат кунад, агар асири инод ва лаҷоҷ ва таассуб бошем, агар гирифтори укдаи ҳасодат ва кинатӯзӣ бошем ва ин оташҳо дар вуҷуди мо шӯълавар бошад, бояд бидонем, ки аз ин оташҳо, ки ҳезумаш ҷуз вуҷуди мо ва саломати худи мо ва аъсоби ва қалб ва аъзои худи мо чизе нест, дудҳои тира бармехезад ва фазои руҳи моро тира ва тор

мекунад. Вақте, ки тирагӣ фазои рухро гирифт, чашми ақл наметавонад бибинад. Алӣ алайҳис салом мефармояд:

“*Бештари замин хӯрданҳои паҳлавони ақл ҳамоно дар фазои ҳукумати тамаъҳост.*” (*“Наҳҷул-балоға”, ҳикмат 219*)

Ва низ Алӣ алайҳис салом мефармояд:

“*Худбинӣ ва бузургбинии инсон нисбат ба худ (ки аз он ба “уҷб” таъбир мешавад), яке аз ҳосидони ақлу хиради ӯст.” (“Наҳҷул-балоға”, ҳикмат 212*)

Шоири араб мегӯяд:

“*Ду чиз аст, ки аз як пистон шир хӯрдаанд ва он ду тақво ва ҳикмат аст ва ду чиз аст, ки аҳли як шаҳру диёр маҳсуб мешаванд ва он ду сарват ва саркашӣ аст.*”

Шоири форсизабони мо мегӯяд:

*Туро то даҳан бошад аз ҳирс боз,*
*Наёяд ба гӯши дил аз ғайб роз.*
*Ҳақиқат саройест ороста,*
*Ҳавову ҳавас гарди бархоста.*
*Набинӣ, ки ҷойе ки бархост гард,*
*Набинад назар, гарчӣ биност мард.*
(*Саъдӣ*)

Дар Қуръони Карим ин таъбир зиёд омада, ки “*бар дилҳо қуфлҳо зада шудааст.*” Ва ё ин ки “*гӯш ҳаст ва шунавоӣ нест ва чашм ҳаст ва биноӣ нест*”. Дар бораи иддае аз мардум мефармояд: “*Карону лолону кӯронанд ва умеде ба бозгашти онҳо нест*”. Воқеан ҳам ҳамин тавр аст, ки одамӣ дар асари як навъ бемориҳои равонӣ ва ахлоқӣ қувваи тамйиз ва идроки худро аз даст медиҳад, аз ҳаводиси ҷаҳон ибрат намегирад, дар мактаби зиндагӣ — ки пур аст аз таҷриба ва панду андарз — дарсе фаро намегирад. Мадрасаи рӯзгор омӯзандатарини мадорис аст. Таърихи ҷаҳон ва саргузашти ҷаҳониён ва нишебу фарозҳое, ки барои афрод ва миллатҳо ҳамвора пеш омада ва пеш меояд, беҳтарин муаллим аст. Рамзи саодат дар кайфияти истифода ва баҳрае аст, ки инсон аз омӯзишҳои таквин мебарад.

Алӣ алайҳис салом фарзанди бузургвори худ Ҳасан ибни Алиро акидан тавсия мекунад, ки:

“*Дар таърихи гузаштагон фикр кун ва осори онҳоро мутолеа намо. Ман худам ҳарчанд дар он замонҳо набудаам ва аз наздик шоҳиди вақойеъи онҳо ва зеру рӯ шудани авзоъи онҳо набудаам, вале дар таърихи зиндагонии онҳо сайру мутолеа кардаам, рамзи кори онҳо ва нишебу фарозҳои зиндагонии онҳоро ба даст овардаам, ҳоло мисли ин аст, ки*

*ҳамроҳи онҳо будаам чун иттилооти кофӣ дар ин замина дорам ва балки мисли ин аст, ки аз аввали дунё то имрӯз зинда будаам ва ҳамроҳи ҳамаи онҳо будаам, таҷрибаҳои фаровон омӯхтаам, дарсҳои зиёде ёд гирифтаам, акнун ганҷинае ҳастам аз таҷрибаҳо ва ҳикматҳо, ки ба сурати панду андарз барои ту ва дигарон баён мекунам.*"

Як таҷриба дар ҷилави чашми садҳо нафар воқеъ мешавад, вале оё ҳамаи онҳо ба як наҳв аз он таҷриба истифода мекунанд? Албатта на. Истифодаи ҳар кадом бастагӣ дорад ба ду чиз: яке мизони ақл ва илм ва ҳуш ва заковати ҳар кадом аз онҳо ва дигаре мизони сафо ва хулуси ният ва таҳорат ва покии руҳи онҳо. Қуръони Карим мефармояд:

"*Касоне, ки дар роҳи мо (яъне дар роҳи расидан ба ҳақиқат ва хайру саодат) муҷоҳада кунанд ва аз рӯйи сидқ гом бардоранд, мо рӯйи иноят ва лутфи омме, ки дорем, ки ба ҳар мустаъидде ба андозаи истеъдодаш файзу раҳмат мерасонем, ӯро ҳидоят ва роҳнамоӣ мекунем, ба ӯ равшанӣ ва басират медиҳем, ки беҳтар бибинад ва беҳтар дарк кунад ва беҳтар қазоват кунад.*"

Дар ояти дигар мефармояд:

"*Оё он кас, ки руҳи мурда дошт ва мо ӯро зинда сохтем ва нуре ба ӯ додем, ки бо он нур дар миёни мардум ҳаракат кунад ва муошарат намояд, бо он нур бо мардум бархӯрд кунад, бо он нур равобити иҷтимоии худро бо дигарон таҳти назар бигирад, оё инчунин одами равшан бо он касе, ки инод ва лаҷоҷ ва соири сифоти разила ӯро тира ва торик кардааст ва дар торикӣ гом бармедорад, дар миёни шакку ҳайрату тардид ва изтироб гирифтор аст ва роҳи берун шуданро намедонад, оё ин ду нафар мусовӣ бо якдигаранд?*"

Ин аст, ки бузургон ва пешвоёни дин ва ахлоқ гуфтаанд, то инсон равшанбин набошад, роҳи саодати хешро пайдо намекунад ва то дудҳои оташи ҳасад ва кина ва худпарастӣ ва такаббур ва девсифатӣ ва соири сифоти разиларо аз байн набарад, нурафкани ақлаш наметавонад роҳро бар ӯ равшан кунад.

## Руҳияи солим

Агар дарахте аз лиҳози реша ва тана солим буда бошад ва он гоҳ ба воситаи баъзе пешомадҳо ва дар асари бархе иллатҳо ва омилҳои хориҷӣ мевааш аз байн биравад ва ё баргаш бирезад ва ё шохааш қатъ шавад, сармо шукӯфаашро бизанад ва ё парандагон меваашро минқор бизананд ва фосид кунанд ва назири инҳо, дар айни ин ки мӯҷиби таассуф аст, боиси нигаронӣ нест, чаро? Зеро худи дарахт агар солим бошад, бори дигар баргу шукӯфа хоҳад дод, мева хоҳад дод, аз нав ҷавона хоҳад зад ва соя хоҳад андохт.

Дар ин гуна мавоқеъ аст, ки одамӣ ба худ ҳақ медиҳад, ки худро тасаллӣ дода ва бигӯяд: сари худи дарахт саломат бошад!

Вуҷуди одамӣ низ монанди як дарахти бордеҳ ва самарбахш аст; агар солим ва беайб бошад, хуррам ва бонишот аст, меваҳо ва шукӯфаҳо медиҳад, бар сарҳо соя меафканад, раҳгузарон дар сояаш аз ранҷи офтоб меосоянд, монанди ҳамон дарахт анвоъи ҳаводис ва пешомадҳо мумкин аст дошта бошад, мумкин аст кӯдакон ба ӯ санг бипароканад. Одамӣ солҳо заҳмат мекашад ва ранҷ мебарад ва дастранҷе таҳия менамояд. Баъд, дар асари ҳаводисе он дастранҷ аз дасташ меравад, сармои фақр ӯро бе баргу наво месозад. Матоъи дунё, рубуда шудан ва сӯхтан ва ғарқ шудан ва ҳазорон офати дигар дорад.

Дар айни ин ки ин ҳаводис мӯҷиби таассуф аст, барои як руҳияи солим ва бонишот ва умедвор ҷойи нигаронӣ нест. Ҳамон тавре, ки агар як бадан ҷавон ва солим буд, ворид шудани ҷароҳате чандон нигаронӣ надорад, зеро дубора насҷҳо баҳам меояд, вале бадани носолим ва мубтало ба маразӣ қанд масалан, муддатҳо вақт лозим аст, то битавонад як захми кучакро ҷуброн кунад; руҳияи солим ва бонишот ва умедвор низ чунин аст, ҳар нақсеро ҷуброн мекунад. Мусибат он вақте аст, ки офат ба решаи дарахт бихӯрад. Агар офат ба реша хӯрд, маҳфуз мондани шоха ва мева ва барг ва шукӯфа асар надорад. Агар Худой нохоста одамӣ дар ноҳияи руҳу қалбу эҳсосот пажмурда ва афсурда бошад, норозӣ ва нохушнуд бошад, ба ҷаҳон бадбин бошад, худашро таку танҳо ва бе ғамхору мададкоре бибинад, дигар ҳамчу шахсе на барои худаш ва на барои дигарон муфид нахоҳад буд; ончунон зиндагӣ бо марг чандон тафовуте надорад, ҳарчанд ҳазорон баргу наво дошта бошад.

Дар Қуръони Карим ин таъбир зиёд омада, ки хусрон ва бадбахтӣ он ҷост, ки одамӣ дар ноҳияи маънӣ ва руҳ бибозад; бохтани асарот ва самароти зиндагӣ чандон аҳаммият надорад. Зиндагӣ агар бошад, ҳамеша асарот ва самарот дорад, вале Худой нохоста агар одамӣ масалан умед ва раҷои худро бибозад ва аз даст бидиҳад, аҳаммияти фавқулъода дорад. Болотар аз он, ҳангоме аст, ки имон ва маърифати худро бибозад, зеро имон аст, ки манбаъи умед ва раҷост, имон аст, ки таваккул ва эътимод ва умедворӣ меоварад. Одами боимон ҳеч вақт худашро таку бе мададкор ва бе ғамхор намебинад, ҳамеша дар намоз мегӯяд: Худоё! Туро мепарастем ва аз ту мадад мехоҳем! Одами мӯъмин мегӯяд: Худоё! Мо ба ту таваккул кардаем ва ба сӯйи ту бозгашт кардаем!

Одами боимон фаразан дар асари пешомадҳои рӯзгор садамот ва латамоте бибинад, чандон нигаронӣ надорад. Дар мавриди ин афрод ва ашхос бояд гуфт: сари имон ва ақида ва руҳияи онҳо саломат бошад!

Қуръони Карим хитоб ба Расули Акрам мефармояд: бигӯ, ман ҳам монанди шумо башаре ҳастам, мисли шумо хобу хӯрок ва эҳтиёҷот дорам, мисли шумо майлу фикру орзу дорам, он чи навъи башар бояд дошта бошад, ман дорам, бо ин фарқ, ки ба ман ваҳй мерасад, ки Худои шумо ва маъбуди шумо ягона аст. Бинобар ин, ҳар кас, ки умеди лиқои парвардигори худро дорад, лозим аст амали нек анҷом диҳад ва бо Худо ҳеч касро шарик насозад.” (*Мазмун ояти 110 сураи Каҳф*)

Дину имон дар айни ин ки дар навоҳии зиёде ба умеду раҷо қувват ва вусъат медиҳад, аз тарафе ҳам ҷилави як силсила орзуҳоро мегирад ва намегузорад онҳо рушд кунад. Одамӣ дар ноҳияи орзу ҳеч гуна маҳдудияте надорад. Гоҳе орзуи амри маҳол мекунад, масалан ҳодисае дар гузашта воқеъ шуда ва бо як кайфияти махсус воқеъ шуда ва одамӣ орзу мекунад, ки эй кош воқеъ нашуда буд ва ё он ки орзу мекунад, ки эй кош он ҳодиса ба фалон кайфият воқеъ шуда буд; орзу мекунад, ки айёми ҷавонӣ баргардад, орзу мекунад, ки бародар ва фомили фалон шахс бошад. Ҳеч кадом аз инҳо воқеъшуданӣ нест. Чизе, ки дар гузашта воқеъ шуда, мумкин нест нобуд шавад ва чизе дигар ҷойи онро бигирад. Дар айни ҳол ҷилави орзуро намешавад гирифт. Аз ҳамин ҷо метавон фаҳмид, ки орзу дар зоти худ мантиқ ва қоъида надорад, яъне тобеъи мантиқ ва қоъидаи амал нест, тобеъи қонунҳои ақлу фикр нест ва ба ҳамин далел лозим аст ислоҳ шавад ва таҳти назму қоъида дарояд. Орзуҳои бе назму қоъида ҳамонҳост, ки дар забони дин “омоли шайтонӣ” номида шуда; ҳамонҳост, ки одамиро мефиребад ва вақту умри ӯро табоҳ месозад; нерӯи хаёл ва фикри ӯро, вақту фурсати ӯро беҳуда сарф мекунад; айнан боз монанди ҳамон дарахт, ки мисол задем:

Дарахт эҳтиёҷ ба боғбон дорад, аммо на танҳо барои ин ки ба ӯ об бирасонад ва мувозибат кунад, ки офат ба ӯ нарасад, илова бар инҳо вуҷуди боғбон барои ислоҳ ва задани шохаҳои зиёдӣ зарурат дорад; ҳамон шохаҳои зиёдӣ, ки беҷиҳат нерӯи ҳаёти дарахтро масраф мекунад. Орзуҳои ботил ва бесамар ҳам дар вуҷуди инсон мисли ҳамон шохаи зиёде аст; ин шохаҳо, ки зада шавад, беҳтар умедҳои воқеӣ ва амалӣ қувват ва вусъат мегирад. Аз ин рӯ агар башар бихоҳад дар ноҳияи умедҳои содиқ ва воқеии худ муваффақият пайдо кунад ва дар он ноҳия худро рушду нумӯ диҳад, чорае надорад аз ин ки бо орзуҳои козиб ва хаёлоти воҳии шайтонӣ мубориза намояд, ки онҳо ҷуз ғуруру фиреб чизе нест. Қуръони Карим мефармояд: шайтон ваъдаҳо медиҳад ва орзуҳоеро дар мардуме бармеангезад, аммо он орзуҳо умедҳои содиқ ва воқеӣ нест, фақат ғурур аст ва фиреб. (*Нисо/120*)

# Орзуҳои дароз

Шахсе омад ҳузури амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом ва арз кард: чанд калима насиҳат ба ман бигӯ. Имом фармуд:

Аз он касон мабош, ки орзуи саодати охиратро дорад, вале бидуни саъйу амал. Ва аз он касон мабош, ки медонад роҳе, ки меравад ғалат ва хатост ва мебоист тавба ва бозгашт кунад ва мехоҳад тасмим ба тавба ва бозгашт бигирад, вале ҳамеша ин тасмимро ба таъхир меандозад ба хаёли ин ки ҳанӯз вақт зиёд аст ва фурсат боқӣ аст. Ҳангом сухан гуфтан, зоҳидона сухан мегӯяд; ҳама аз фано ва заволи моддиёт ва давом ва бақои маънавиёт дам мезанад ва мегӯяд: дунё наярзад он ки парешон кунӣ диле ва инсон набояд гавҳари нафиси ҷони худро ба умури пасту ҳақири моддӣ бифурӯшад, вале ҳамин ки аз сухан ба амал меояд, ҳарисона ва тамаъкорона амал мекунад ва тамоми суханон зоҳидона ва орифонаи худро аз ёд мебарад. Агар дунё ба ӯ рӯ биёварад, ҳаргиз сер намешавад ва ҳамеша фарёди “ҳал мин мазид” (оё боз ҳаст?!)-и вай баланд аст. Ва агар дунё ба ӯ пушт кард ва маҳрум шуд, наметавонад иззат ва озодаманишии худро дар сояи қаноат ҳифз кунад ва тан ба хорӣ ва зиллат медиҳад. Аз шукр ва сипосгузории он чи дорад оҷиз аст ва наметавонад онҳоро ончунон, ки мебоист идора кунад ва тамаъ ба зиёдтар бастааст. Некон ва солеҳонро дӯст медорад, вале мисли онҳо амал намекунад ва гунаҳкоронро душман медорад ва дар айни ҳол дохили ҳизб ва ҷамъияти онҳост ва худаш яке аз онҳост. Аз мурдан сахт метарсад, чун медонад чӣ андоза гуноҳкор аст ва дар айни тарсе, ки аз марг дорад, боз ба аъмоли зишти худ идома медиҳад. Вақте бемор мешавад ва дар бистар меафтад, аз кирдори худ пушаймон мешавад ва чун беҳбуд ёфт ва саломат бозгашт, думартиба дар ғафлат фурӯ меравад. Дар вақте, ки ибтило ва гирифторӣ надорад, мағрур ва аз худ розӣ аст ва ҳамин ки як навъ гирифторӣ барояш пеш омад, ба ночизии худ эътироф ва иқрор мекунад. Дар умури моддии дунёӣ, як хаёле ӯро ба ҳаракат ва ҷунбу ҷӯш меоварад, вале барои қоиқе, ки саодатмандии ӯ вобаста ба онҳост, дар айни ин ки шак надорад ва яқин дорад, аз ҷо намеҷунбад. Ҳамеша маъсиятро қабл аз вақт пешхарид мекунад ва тавбаро дар вақташ таъхир меандозад. Гуноҳи дигарон агар ҳам кучак бошад, дар назараш бузург меояд, дар сурате, ки худаш гуноҳони бузургтар аз онро муртакиб мешавад. Ва дар иваз, тоъатҳои кучаки худаш дар назараш бузург ҷилва мекунад, дар сурате, ки ҳамон тоъатро вақте, ки дигарӣ анҷом диҳад, онро кучак мепиндорад. Ҳамчу одаме ғафлат бо ағниёро бар бедорӣ бо фуқаро тарҷеҳ медиҳад. (*“Наҳҷул-балоға”, ҳикмат 150*)

Чӣ қадр хуб Алӣ алайҳис салом фосилаи хаёл ва орзуро бо амал ва ҳақиқат дар зимни ин ҷумлаҳо баён карда, ки беҳтар аз ин намешавад баён кард ва чӣ қадр хуб инсонро ба худаш мешиносонад ва хуб худашро ба худаш муаррифӣ мекунад. Ин хаёл ва орзу инсонро фиреб медиҳад; гумон мекунад хаёл ва орзуи "хубе", ки дар димоғу дилаш буд пас Худоро шукр, ки аз хубон аст. Бояд бидонад, ки танҳо амали хуб ва кори нек аст, ки инсонро дар зумраи некон қарор медиҳад.

Қуръони Карим мефармояд: "*Барои инсон ҷуз ба миқдоре, ки саъй карда ва амал нишон дода нест*." (*Наҷм/39*) Асоси саодати башар дар дунё ва охират амал аст ва саъйу кӯшиш.

Ҷаҳон ҷаҳони ҳаракат ва такопӯ ва фаъолият аст, як қатра ва як зарра бекор нест. Абру бод ва маҳу хуршед ва фалак ва ҳама чизи дигар, ҳама, дар кору гардишу фаъолиятанд, ҳар кадом дар роҳи худ ва мадори худ дар ҳаракатанд. Инсон ҳам мисли ҳамаи мавҷудоти дигар мадоре ва хатти сайре дорад ва агар бихоҳад ба саодат ноил шавад, бояд мадори худро тай кунад.

Маъмулан афроде, ки аз лиҳози руҳу равон солим ва бонишотанд ва инҳирофе пайдо накардаанд, камтар ба тахайюл ва ба ҳам бофтани орзуҳои дуру дароз ва номаъқул мепардозанд; ҳамеша амалӣ фикр мекунанд ва амалӣ орзу мекунанд, яъне орзуҳои онҳо дар ҷиҳати ҳамон мадоре аст, ки дар зиндагӣ доранд, рӯйи болу пари хаёл наменишинанд ва орзуи умури ношуданиро намекунанд. Вале афроди заъиф, ки мубтало ба бемории равонӣ ҳастанд ва нишоти амал надоранд ва дар вуҷудашон ҳиммат ва иродае мавҷуд нест, бештар бар маркаби сареъуссайри хаёл савор мешаванд ва бо хаёлот худро саргарм месозанд ва камтар ба амал ва фаъолият таваҷҷӯҳ мекунанд ва ба истилоҳи динӣ, мубтало ба "тӯли амал" мешаванд ва орзуҳои номаъқул мекунанд; ҳамон тавре, ки афроди заъиф як хоссияти дигар ҳам доранд ва он ин ки зиёд оҳу нола мекашанд, дар фикри чора ва ислоҳи кори худ нестанд.

Мисли ин ки дар вуҷуди инсон як миқдори муайян нерӯи мағзӣ ва азулонӣ вуҷуд дорад, ки бояд масраф шавад. Ин нерӯ агар дар мағз ба сурати хаёлоти воҳӣ ва орзуҳои дуру дароз масраф шуд, дигар мавриде барои фикри саҳеҳ боқӣ намемонад ва агар ба сурати оҳу нола ва пурҳарфӣ масраф шуд, заминае барои амали муфид ва мусбат боқӣ намемонад ва ба ҳамин далел аст, ки мардони мутафаккир камтар гирифтори хаёлоти воҳӣ мешаванд ва мардумони мусбат ва амалӣ ва фаъол камтар ҳарф мезананд ва оҳу нола ва шикоят менамоянд.

# Марг дар назари мардони Худо

Тарс аз марг, ғаризӣ ва табиии ҳар мавҷуди ҷондор аст. Аз кучактарин табақоти мавҷудоти зинда монанди ҳашарот ва балки аз ҷондорҳои такселлулӣ гирифта то бузургтарин ва зӯрмандтарини ҳайвонот монанди фил ва шер ҳама аз марг фирор мекунанд; он ҷо, ки мебинанд пойи марг дар миён аст, роҳи фирор пеш мегиранд. Фикри марг ва тасаввури марг ваҳшатноктарини тасаввурот аст. Одамӣ аз ҳеч чизе ба андозаи марг наметарсад, балки аз ҳар чизи дигар, ки метарсад, ба хотири марг метарсад; аз он ҷиҳат метарсад, ки он чиз мӯҷиби марг вай гардад. Агар пойи марг дар миён набуд, одамӣ аз чизе ваҳшат надошт.

Қавитарин мардони ҷаҳон он вақт, ки худро дар чанголи маҳиби марг дидаанд, изҳори аҷзу нотавонӣ кардаанд, кучаку ҳақир гаштаанд, фикрашон ва ақидаашон иваз шуда.

Маъмун, халифаи муқтадири Аббосӣ он вақт, ки охирин лаҳазоти умри худро тай мекард ва донист, ки дигар офтоби умраш ба лаби бом расида, дастур дод, ӯро дар миёни хаймагоҳҳо ва харгоҳҳои сипоҳиёнаш бибаранд. Шаб буд ва дашти васеъ аз оташҳое, ки нуқта ба нуқта аз тарафи сипоҳиён равшан шуда буд, ҷилваи хоссе дошт. Дид, тамоми орзуҳояш барбод рафта, ин қудратҳо ва иззатҳо наметавонад суде ба ӯ бирасонад. Бо камоли аҷзу лоба даст ба осмон баланд кард ва гуфт: эй он ки мулки ту доим ва собит ва ҳамешагӣ аст! Раҳм кун бар он ки мулкаш аз дасташ меравад!

Султон Санҷари Салҷуқӣ дар охирин лаҳазоти зиндагии худ ин ашъорро бо худ замзама мекард:

*Ба зарби теғи ҷаҳонгиру гурзи қалъагушой,*
*Ҷаҳон мусаххари ман шуд чу тан мусаххари рой.*
*Басе қилоъ гушудам ба як гушудани даст,*
*Басе сиёҳ шикастам ба як фишурдани пой.*
*Чу марг тохтан овард, ҳеч суд надошт,*
*Бақо бақои Худой асту мулк мулки Худой.*

Кохи омол ва орзуҳои инсон сахт сустбунёд аст. Одамӣ аз тору пуди омолу орзу дар хаёли худ нақшаҳо месозад ва якмартиба як ҳодисаи кучак ҳамаи онҳоро нақши бар об мекунад, фикру ақида ва омолу орзуи ӯро ба куллӣ иваз мекунад. Фарз кунед одамеро, ки солим дар кӯчаву хиёбон роҳ меравад ва дар сар нақшаҳо мепарваронад, якмартиба пизишкон бо камоли таассуф ба ӯ хабар бидиҳанд, ки мубтало ба саратон аст ва чорапазир нест. Фикр кунед чӣ ғавғое дар ҷаҳони омолу орзуҳо ва афкору нақшаҳои ин одам пайдо мешавад, монанди шаҳре, ки сел дар он афтода бошад ва ҳамаи кӯчаҳо ва

хонаҳоро гирифта бошад, деворҳо ва хонаҳо яке пас аз дигаре фурӯ мерезад, балки монанди шаҳре, ки бомби атомӣ дар он андохта бошанд, ҳама бо ҳам зеру рӯ мешаванд. Гоҳе мушоҳадаи як манзараи ваҳшатнок бидуни он ки мунтаҳӣ ба марг бишавад, афкору ақоиди одамиро иваз мекунад. Масалан ҳавопаймо суқут мекунад ва ӯ ҷон ба саломат мебарад ва ё он ки киштӣ тӯфоне мешавад ва ӯ ба кӯмаки амвоҷ ба соҳил мерасад, вале хотираи он манзараи ваҳшатнок, ки маргро дар ҷилави чашми худ медида ҳеч гоҳ аз зеҳнаш пок намешавад. Сустӣ ва бебунёдии кохи омолу орзу дар ин гуна мавоқеъ хуб зоҳир мегардад. Оре, агар кохи руҳияи одамӣ кохи омолу орзу бошад, сустбунёд аст, тасаввури марг ва фикри наздик шудани марг монанди бомбе фурӯ мерезад. Вале агар ин кох кохи имону ақида ва илм бошад, тасаввури марг ва балки худи марг кучактарин таъсире дар он нахоҳад дошт. Кохи имон бунёде муҳкам дорад, монанди кохи омолу орзу сустбунёд нест. Афлотун мегӯяд:

“*Суқрот, ҳакими илоҳӣ ва бузургвори ҷаҳон, дар охирин лаҳазоти ҳаёт ва дами марг, боз ҳам даст аз ифоза ва таълим барнамедошт. Ҳатто дар рӯзи охир ва лаҳазоти охири умраш, ки соате баъд мебоист ҷоми заҳрро бинӯшад ва шогирдон давраш ҷамъ буданд, ҳамчунон ба ифоза ва таълим ва баёни ин ки одамӣ бо мурдан тамом намешавад ва баъд аз марг боқӣ мемонад, идома медод. Мо шогирдон, уқда гулӯямонро гирифта буд, вале ба мулоҳазаи устод, ки моро аз гиря манъ мекард, ҷуръат намекардем садо ба гиря баланд кунем. Билохира дарси худро ба итмом расонид ва сипас ҷоми заҳрро бо камоли кушодарӯйӣ нӯшид*.”

Оре, марг то шаклу сурати адам ва нестӣ ва фано дорад, одамӣ аз он ваҳшат дорад, зеро он чизе, ки ваҳшатнок аст, адам ва нестӣ аст, фано ва завол аст, вале ҳамин ки тағйири шаклу қиёфа дод ва ба сурати интиқол ва ҷо ба ҷо шудан даромад, дигар ваҳшатнок нест, балки барои мардони Худо, ки ҷуз дар роҳи Ҳақ гом барнадоштаанд, марг қиёфае ҷаззоб ва гиранда дорад. Мардони Худо ба истиқболи марг мераванд. Ҳангоме, ки он зарбати муҳкам фарқи Алӣ алайҳис саломро мешикофад, бидуни заррае тазалзул мисли касе, ки солҳо ба дунболи матлуб ва маҳбубе ҳаст ва ногоҳ ба висоли он мерасад, мегӯяд: қасам ба парвардигори Каъба, ки фоиз шудам! Дар бистари марг ба мардум мегӯяд:

“*Ба Худо қасам, ки ин ҳодиса барои ман макрӯҳ ва ногувор набуд, ҳатто ғайри мутароққаба ҳам набуд, балки болотар, ман интизори ин ҳодисаро доштам монанди ҷӯяндае, ки матлуби худро меҷӯяд ва монанди касе, ки дар шаби тор ба дунболи чоҳи об ва сарчашмае мегардад ва дар он торикӣ онро пайдо мекунад*.” (*“Наҳҷул-балоға”, номаи 23*)

На танҳо марг ва муоянаи марг натавонист риштаи афкор ва ниёти Алиро пора кунад, балки муҳкамтар кард. Кохи ниёт ва афкор ва манвиёти Алӣ аз омолу орзуҳои шахсӣ бино нашуда буд, ки он зарбат битавонад хароб кунад. Дар бистари марг ҳам мебинем ҳамон афкори олӣ ва нуронии худро дунбол мекунад. Дар фосилаи зарбат хӯрдан ва вафот суханон ва васиятҳое дорад. Охирин суханонаш ин буд:

"*Алӣ ибни Абӯтолиб ба ягонагии Худо ва рисолати Пайғамбари гиромӣ гувоҳӣ медиҳад. Худоро шарике нест ва ӯ Муҳаммадро фиристод, то парчами ҳидоятро барафрозад ва дини ҳақро бар башар арза бидорад, ҳарчанд мушрикон норозӣ бошанд. Намози ман ва ҳар ибодати ман, зиндагӣ ва мурдани ман ҳама барои Худованди раббилъоламин аст.*

*Фарзандам Ҳасан! Туро ва ҷамиъи хонадон ва фарзандонам ва ҳар кас аз имрӯз то поёни ҷаҳон, ки ин навишта ба ӯ мерасад супориш мекунам ба тақво ва ин ки кӯшиш кунед исломро то дами охир барои худ ҳифз кунед. Ҳамагӣ ба ресмони илоҳӣ чанг бизанед ва мутафарриқ нашавед! Аз Пайғамбар шунидам, ки "ислоҳ миёни мардум аз ин ки ҳамеша намоз бихонед ва рӯза бигиред, бофазилаттар аст ва чизе, ки ин умматро ҳалок мекунад, фасод кардан аст.*

*Мулоҳазаи хешовандон ва арҳомро дошта бошед, ки силаи раҳм ҳисоби Худоро осон мекунад.*

*Худоро Худоро дар бораи ятимон, ба таври доим муроқиби онҳо бошед.*

*Худоро Худоро дар мавриди Қуръон, накунад дигарон дар амал ба Қуръон бар шумо пешӣ бигиранд.*

*Худоро Худоро дар бораи ҳамсоягон, ки Пайғамбар он қадр дар бораи онҳо тавсия кард, ки гумон кардем онҳоро дар ирс ҳам шарик хоҳад сохт.*

*Худоро Худоро дар мавриди ҳаҷҷи хонаи Худо, накунад он ҷоро холӣ бигузоред.*

*Худоро Худоро дар бораи намоз, ки беҳтарин амал ва амуди дин аст.*

*Худоро Худоро дар мавриди закот, ки хашми илоҳиро фурӯ менишонад.*

*Худоро Худоро дар мавриди рӯзаи моҳи Рамазон, ки сипар аз оташи ҷаҳаннам аст.*

*Худоро Худоро дар мавриди ҷиҳод бо мол ва бо ҷон ва бо забон. (Вале албатта ҷуз имоми баҳақ ва ё он кас, ки ба амри ӯст, касе ҳақ ҷиҳод бо куффорро надорад.)*

*Худоро Худоро дар мавриди зуррияи Пайғамбар, ки мазлум воқеъ нашаванд.*

*Мулоҳаза ва риояти он идда аз саҳобаро, ки бидъате дар дин эҷод накардаанд бикунед.*

*Занон ва ҳамчунин бардагонро дар назар дошта бошед, ки Пайғамбар дар бораи инҳо супориш кард.*

*Амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро тарк накунед, ки (тарки он) мӯҷиб мешавад зулм бар шумо мусаллат шавад ва он вақт дуо кунед ва дуои шумо мустаҷоб нагардад.*

*Фарзандонам! Шуморо васият мекунам ба меҳрубонӣ бо якдигар ва ба кӯмак ба якдигар ва шуморо барҳазар медорам аз тафарруқ ва қатъи алоқа бо якдигар. Ҳамеша дар корҳои хайр ва дар иқомаи тақво муовини якдигар бошед, дар корҳои шарр якдигарро ёрӣ накунед. Боз тавсия мекунам шуморо ба тақвои илоҳӣ. Худованд шуморо ҳифз кунад ва дини Пайғамбарро дар миёни шумо маҳфуз бидорад. Шуморо ба Худо месупорам.” (“Наҳҷул-балоға”, номаи 47*)

Баъд аз ин баёнот, калимаи муборакаи Ло илоҳа иллаллоҳро чандин бор бар забон овард, то ҷон ба Ҷонофарин таслим кард ва ба малаъи аъло мулҳақ гашт.

## Сармояи хулқи нек

Расули Акрам (с) фармуд:

“*Шумо албатта қодир нестед, ки ҳамаи мардумро бо пул ва мол аз худ розӣ кунед ва он қадр бибахшед ва бипошед, ки шомили ҳама бишавад, вале метавонед бо ахлоқ ва рафтори худ тавре амал кунед, ки ҳамаи мардумро аз худ розӣ созед.*”

Сармояи хулқи нек ва кори нек монанди сармояи молӣ маҳдуд нест, ки ба дасти як нафар бирасад ва ҳазорон нафари дигар аз он маҳрум бимонанд ва балки мӯҷиби буғзу кинаву нафрати дигарон гардад. Некхӯ ва поксиришт будан, музайян ба сифоти олии инсоният будан, хайрхоҳ будан, хирадманд будан, мутеъи амри ҳақ будан, Худоро банда будан, инҳо ҳамагӣ умуре ҳастанд, ки бидуни он ки касе интизор дошта бошад як фоидаи шахсӣ аз инҳо оиди ӯ бишавад, инҳоро дӯст медорад. Вақте як ҳақиқат рифъат ва азамат пайдо кунад, аз ихтисос ба як фард ва чанд фард хориҷ мешавад. Оё метавон зебоӣ ва талаълуи ситорагонро дар шаб ва манзараи бадеъи уфуқро дар шомгоҳон ва ё нури хуршедро дар рӯз, дар инҳисори як табақаи муайян қарор дод? Чаро мардони бузурги башарият, ки муаллим ва мураббӣ ва ҳодӣ ва пешрави дигаронанд, аз ҳудуди минтақа ва ранг ва нажод ва забон ва хусусиёти як миллати бахусус хориҷ мебошанд? Барои он ки азамат ва рифъати онҳо ононро дар мақоме қарор дода, ки бо ҳамаи қорраҳо ва минтақаҳо, рангҳо ва нажодҳо, забонҳо ва одатҳо нисбати мутасовӣ доранд. Дунё ба ин ҳақиқат мӯътариф аст, ки бузургони илму дониш ва ахлоқ ва маънавият мутаъаллиқ ба ҳамаи ҷаҳон мебошанд.

Расули Худо фармуд: агар мехоҳед вуҷуди шумо мисли абру борон ва моҳу хуршед неъмати шомил ва ҷомеъе бишавад, ки ба ҳама иҳота пайдо кунад, рифъат ва азамат пайдо кунед. Чӣ рифъат ва чӣ азамате? Рифъат ва азамате, ки аз сифоти олии инсоният барои инсон пайдо мешавад; рифъат ва азамате, ки вобаста ба молу сарват нест, ки

хатари duздидан ва сӯхтан ва ғарқ шудан дошта бошад, вобаста ба мақоми иҷтимоӣ нест, ки бо як тасмими мофавқӣ якбора маъдум шавад; рифъат ва азамате, ки бо руҳу ҷони шумо яке бишавад.

Тазоҳумҳо ва тасодумҳо ва танозӯъҳо мавлуди маҳдудият ва зиқ аст. Вақте, ки толиб зиёд шуд ва матлуб кам, вақте гурусна зиёд шуд ва тӯъма вофӣ набуд, хоҳ нохоҳ ҷангу низоъ ва хунрезӣ пайдо мешавад. Аммо ин нуктаро бояд дар назар дошт, ки гоҳе на зиқ аст ва на маҳдудият ва дар айни ҳол музоҳимат вуҷуд дорад ва он дар вақте аст, ки руҳи инсон гирифтори зиқ ва маҳдудият яъне назартанагӣ ва ҳирсу оз бишавад. Дар ин вақт аст, ки барои башар як ҳолати сабуъият ва дарандагӣ пайдо мешавад, ҳозир аст барои ним риёл, ки ба худаш бирасад, мӯҷиботи зиён ва бадбахтии дигаронро фароҳам созад.

Одаме, ки гирифтори ҳирсу тамаъ аст, наметавонад дар фикри соири афроди мусалмонон буда бошад ва дар ҳақиқат наметавонад як мусалмони воқеӣ буда бошад, зеро Расули Акрам фармуд:

“*Агар касе субҳ аз бистар бархезад ва дар нияташислоҳи умури мусалмонон набошад, ӯ мусалмон нест*.”

Ва ҳам Расули Акрам фармуд:

“*Мусалмон касе аст, ки соири афроди мусалмонон аз даст ва забони ӯ дар осоиш буда бошанд.*”

Ва бадеҳӣ аст, ки ихтисос ба дасту забон надорад; мақсуд ин аст, ки як фарди мусалмон бояд маҷмӯъаи аъмолу афъолаш дар ҷиҳати хайри мусалмонон буда бошад. Дар чӣ вақт маҷмӯаи аъмол ва афъоли як фард дар ҷиҳати хайри ҷомеа хоҳад буд? Дар вақте, ки руҳияи фард сад дар сад руҳияи иҷтимоӣ бошад, худро ҷузъи лоянфакки иҷтимоъ бидонад, ҳаёт ва саодат ва шақоват ва ҳама чизи худро вобаста ба иҷтимоъ бидонад.

Ин дастур, яке аз мазоҳири иҷтимоӣ будани таълимоти олияи исломӣ аст.

Авлиёи дин хайрхоҳии мусалмононро фаризаи зиммаии хеш медонистанд ва дар муқобил, кореро, ки андаке садама ба ҷомеаи мусалмонон дошт бениҳоят аз он эҳтироз доштанд. Имом Содиқ алайҳис салом як сол дар асари оилаи зиёд ва афзоиши ҳазинаи зиндагӣ ба фикр афтод, ки аз тариқи касбу тиҷорат оидоте ба даст оварад, ки ҷавоби ҳазинаи зиндагиро бидиҳад. Имом ҳазор динор сармоя фароҳам кард ва ба ғуломи хеш, ки Мусодиф ном дошт фармуд: ин пулро бигир ва омодаи тиҷорат ва мусофират Миср бош. Мусодиф рафт ва бо он пул аз навъи матоъе, ки дар он вақт ба сӯйи Миср ҳамл мешуд харид ва бо ҷамъе аз туҷҷор, ки ҳама аз ҳамон навъ матоъ харида буданд, ба тарафи Миср ҳаракат кард. Дар наздикиҳои мақсад, қофилаи дигаре аз шаҳр хориҷ шуда буд ва ба ҳам бархӯрданд, авзоъ ва аҳволро аз якдигар пурсиданд. Зимни гуфтугӯҳо

маълум шуд, ки ахиран матоъе, ки Мусодиф ва руфақояш ҳамл мекунанд, камёб шуда ва бозори хубе пайдо кардааст. Мусодиф ва руфақояш хушҳол шуданд ва ба бахти хеш офарин гуфтанд ва аз хушҳолӣ дар пӯсти худ намегунҷиданд. Дар ҳамин вақт даври ҳам ҷамъ шуданд ва тасмиме гирифтанд. Тасмим гирифтанд бозори сиёҳ ба вуҷуд оваранд ва ҳадди ақал ба камтар аз сад дар сад суди холис ба Мадина барнагарданд. Ҳамаҳд шуданд ва қасам хӯрданд, ки ҳама бо ҳам қиматҳоро боло бибаранд. Баъд аз ин паймон вориди шаҳр шуданд. Матлаб ҳамон тавр буд, ки дар байни роҳ иттилоъ ёфта буданд. Тибқи паймоне, ки бо ҳам баста буданд ва ҳамқасам шуда буданд, бозори сиёҳ ба вуҷуд оварданд ва ҳар тавр дилашон мехост, ҷинси худро фурӯхтанд ва ба сафари худ хотима доданд.

Мусодиф хушҳолу хушвақт ба Мадина баргашт ва яксара ба ҳузури Имом Содиқ рафт ва ду киса, ки ҳар кадом ҳазор динор зар дошт, ҷилави Имом гузошт ва гуфт:

— Яке аз ин ду киса сармояи шумост ва яке дигар, ки мусовии асли сармоя аст, суди холисе аст, ки ба даст омада.

Имом фармуд:

— Чӣ суди зиёде! Бигӯ бибинам, чӣ тавр шуд?

Мусодиф моҷарои ҳамқасам шудан барои гаронфурӯшиpo шарҳ дод. Имом бо таъаҷҷуби фаровон фармуд:

— Субҳоналлоҳ! Шумо, ки номи худро мусалмон мегузоред, чунин коре кардед?! Ҳамқасам шудед, ки ба камтар аз сад дар сад суди холис нафарӯшед?!

Сипас фармуд:

— Ҳамчу касбу тиҷорате ба дарди ман намехӯрад.

Имом яке аз он ду кисаро бардошт ва фармуд:

— Ин сармояи ман ва ба он кисаи дигар, ки ту номи онро суд гузоштаӣ, кор надорам.

## Қалби салим

Қуръони Карим он ҷо, ки қиёматро васф мекунад мефармояд:

“*Рӯзе, ки на мол ва на фарзандон ба ҳоли касе суд намебахшад*.” (*Шуароъ/88*) Зеро мол ва фарзандон зинат ва камол ва мояи равнақи ҳамин зиндагонии дунё мебошанду бас. Он чи дар он ҷаҳон барои башар судманд аст ва мӯҷиби саодати вай аст, чизи дигар аст ва он қалби салим аст.[5] Қалби солим яъне диле, ки ҳеч навъ беморӣ аз қабили кина ва

---

[5] *Матни ояти 88 сураи Шуъаро ва ояти баъд чунин аст:*

ҳасодат ва соири сифоти мазмум надошта бошад; диле, ки мунаввар бошад ба нури маърифати Худо ва дар он шакке ва ширке вуҷуд надошта бошад; диле, ки гувоҳӣ диҳад, ки "ҷаҳонро соҳибе бошад Худо ном"; диле, ки ҳисс кунад лағву абас ва беҳуда дар ҷаҳон вуҷуд надорад ва ҳеч гуна некӣ дар он гум намешавад ва беподош намемонад ва ҳеч зулм ва бадӣ фаромӯш намешавад ва бидуни кайфар намемонад; диле, ки эҳсос намояд агар фаразан таъхире дар интиқом ҳаст, вале ҳаргиз асли интиқом маҳву нобуд намешавад.

Дунё маҳдуд аст ва охират номаҳдуд. Дунё муҳот аст ва охират муҳит. Дунё мутағайир аст ва охират собит. Дунё кучак аст ва охират бузург. Дунё маҳалли тазоҳум ва тасодум ва бархӯрд ва истикок аст ва охират васеъ ва боз. Дунё торик аст ва охират равшан. Аз ин рӯ он чи сармояи ҳаёт ва зиндагии дунёст, наметавонад сармояи ҳаёт ва зиндагии охират ҳам воқеъ шавад, зеро чӣ гуна мумкин аст, ки мояи маҳдуд барои номаҳдуд муфид бошад ва абзор ва василаи кучак ва муҳот ба кори чизе, ки васеъ ва бузург ва муҳит аст, бихӯрад. Вале сармояҳои охират илова бар он ки сармояи охират аст, сармояи зиндагии дунё ҳам ҳаст, зеро номаҳдуд шомили маҳдуд низ мебошад ва муҳит муҳотро дарбар дорад. Одамӣ, ки аз ин ҷаҳон мемирад ва ба ҷаҳони дигар мунтақил мешавад, аз ин умур, ки аз маводд ва аносури ин ҷаҳон ташкил ёфтаанд ҷудо мешавад ва онҳоро мегузорад ва меравад, вале қалби салим ва сифоти олии инсонӣ монанди Худошиносӣ ва муҳаббат ва инсоф ва адолат ва ростӣ ва дурустӣ ва малакоти фозилаи илмӣ ва амалӣ ва аъмоли солеҳа, ки сармояҳои зиндагии олами охират мебошанд, мӯҷиби саодат ва хушбахтии инсон дар ҳамин зиндагонии дунё низ мебошанд.

Оё инсон бидуни он ки қалбаш аз шакку ширк пок бишавад ва ба нури маърифати Худо мунаввар гардад, метавонад, то аъмоқи қалб ва руҳаш хушнуд ва розӣ бошад? Оё метавонад ҳаводиси зиндагиро, ки биттабъ болову пойин ва пастиву баландӣ ва нишебу фароз дорад, ҳамаро бо оғӯши боз ва гармӣ ва ҳарорат истиқбол намояд? Яке аз донишмандон мегӯяд:

Баъзе аз афрод бо нерӯи ақл барои худ ахлоқе сохтаанд ва дар паноҳи он ахлоқи олӣ ақлонӣ зиндагӣ мекунанд ва каму беш аз машаққатҳо ва сахтиҳои зиндагӣ костаанд. Инҳо донистаанд, ки аз қонунҳо ва қоъидаҳои ин ҷаҳон бояд итоъат кунанд, аммо ин итоъат бо маломат ва сангинӣ ҳамроҳ аст, ки дар қалби худ ҳеч гуна ҳарорат ва шавқе надорад ва ҳеч вақт эҳсоси ин ки ин қонунҳо монанди юғе аст ба гардани онҳо, аз онҳо ҷудо намешавад. Аммо дар ахлоқи мазҳабӣ яъне ахлоқе, ки муттакӣ ба Худошиносӣ ва

---

يَوْمَ لَا يَنْفَعُ مَالٌ وَلَا بَنُونَ. إِلَّا مَنْ أَتَى اللَّهَ بِقَلْبٍ سَلِيمٍ

эътиқод ба Худованди яктост, ин итоъати сард ва ғамангез ҷойи худро ба истиқбол ва пазирише гарм, ки ҳама чизи зиндагиро пур аз лутфу шавқ ва самимият ва нишот месозад вомегузорад.

Амирулмӯъминин алайҳис салом дар фармоне, ки барои Муҳаммад ибни Абӯбакр марқум доштаанд, менависанд:

“*Нисбат ба афроди раъият нарм ва мутавозеъ бош, бо чеҳраи боз ва кушода бо онҳо рӯбарӯ бишав, ҳатто дар нигоҳ ва таваҷҷӯҳи чашм риъояти адолатро бикун ва мабодо, ки дар хитобаи худ фақат як нафарро мавриди таваҷҷӯҳ қарор диҳӣ ва чашматро ба сурати ҳамон як нафар бидӯзӣ, зеро агар танҳо ақвиёро мавриди таваҷҷӯҳ қарор диҳӣ, онҳо дар ту тамаъ мебанданд, ки туро василаи помол кардани ҳаққи зуъафо қарор диҳанд ва зуъафо аз ту маъюс мешаванд. Худованд аз ҷамиъи аъмоли бандагон, чӣ кучак ва чӣ бузург, суол мекунад.*”

Баъд ин тавр ба сухани худ идома медиҳад, мефармояд:

“*Бидонед, ки мардумони ботақво ва Худошинос, ҳам баҳраи дунёи нақд ва ҳам охиратиояндаро бурдаанд; бо аҳли дунё дар саодати дунявӣ ширкат кардаанд, масканҳои хубро сукно кардаанд ва маъкулоти хубро хӯрдаанд ва ба илова, лаззати зуҳд ва маноъат ва қаноатро чашидаанд, сипас бо тӯшае кофӣ ва сармояе вофӣ ба он ҷаҳон мунтақил мешаванд ва медонанд, ки фардои қиёмат дар ҷивори раҳмати илоҳӣ мебошанд ва ҳар чи бихоҳанд ва орзу кунанд, дар онҷо вуҷуд дорад ва ҳеҷ гуна маҳрумияти надоранд.*”

Қалби салим ва нияти пок ва дили нуронӣ саодати дунёро ба саодати охират муттасил мекунад, одамиро аз доираи маҳдуди худбинӣ хориҷ мекунад, холис барои Худо мегардад, он вақт аст, ки аз ҳамин молу ҷоҳ ва абзорҳои дунявӣ хонаи охират месозад.

Расули Акрам (с) фармуд:

“*Чӣ беҳтар аз ин ки моли ҳалол ва пок, дар дасти одами солеҳ ва шоиста бошад!*”

*Молро, к-аз баҳри дин бошӣ ҳамул,*
*“Ниъма молун солеҳун” хондаш Расул.*
*Об дар киштӣ ҳалоки киштӣ аст,*
*Об андар зери киштӣ пуштӣ аст.*

## Таъсири кор дар таҳзиби ахлоқ

Рӯзе ҳазрати Имом Ҷаъфари Содиқ алайҳис салом ҷомаи дурушти коргарӣ бар тан ва бел дар даст дошт ва дар бӯстони хеш саргарми кор кардан ва бел задан буд. Чунон фаъолият карда буд, ки саропояшро арақ гирифта буд. Дар ҳамин ҳол буд, ки иттифоқан

марде ба номи Абӯамри Шайбонӣ ворид шуд ва Имомро дар он ранҷу таъаб мушоҳида кард. Пеши худ гуфт: шояд иллати ин ки Имом шахсан бел ба даст гирифта ва мутасаддии кор шуда ин аст, ки касе дигар набуда, ки анҷом диҳад ва Имом аз рӯйи ночорӣ худаш белро ба даст гирифта ва машғули кор шудааст. Аз ин рӯ ҷилав омад ва арз кард: ин белро ба ман бидиҳед, то ман ин корро анҷом диҳам. Имом ҳозир нашуд ва фармуд: намедиҳам. Баъд барои он ки ба тараф бифаҳмонад, ки бел ба даст гирифтани ман, рӯйи иҷбору ночорӣ набуд, фармуд: ман ба таври куллӣ дӯст медорам, ки мард дар роҳи таҳсили рӯзӣ ранҷ бикашад ва офтоб бихӯрад.

Кору амал аз назари ислом бисёр мӯҳтарам ва мавриди такрим аст, зеро эҳтиром ва қобили такрим будани як чизе, тобеъи натиҷаи он чиз аст. Вақте, ки ба натиҷаи кору заҳмат таваҷҷӯҳ мекунем, мебинем, ки натиҷаи кор танҳо халосӣ аз фақр ва гуруснагӣ нест, балке чандин чизи дигар ҳам ба дунбол дорад, аз он ҷумла ин ки кор бар иззат ва шахсияти инсон меафзояд ва ӯро дар назари худаш мӯҳтарам менамояд, яъне ҳисси эҳтиром ба зот ва эътимод ба шахсият дар ӯ эҷод мекунад. Ва бадеҳӣ аст, ки ҳар чизе, ки боис ва сабаби мӯҳтарам шудани шахсияти инсон дар назари худаш ва дар назари дигарон бошад, ӯ худаш мӯҳтарам ва шоистаи такриму таъзим аст. Ва ба ҳамин далел аст, ки дар ислом кор мавриди эҳтиром ва шоистаи такрим аст. Дар муқобили кор, бекорӣ аст, ки кучактарин асараш ин аст, ки эҳтиром ва шахсияти инсонро пеши дигарон ва пеши худаш аз байн мебарад ва ҳамин дарҳам шикастани шахсияти инсон, сабаб мешавад, ки тан ба ҳар пастӣ ва бечорагӣ бидиҳад ва анвоъи ибтилоъоти ношӣ аз гуноҳ барояш пайдо шавад.

Гузашта аз ҳамаи инҳо, кору фаъолият мӯҷиби саргармии фикрӣ аст, яъне фикри инсон мутаваҷҷеҳи ислоҳи кор хеш аст ва ин ба навбаи худ ду натиҷа дорад: яке ин ки дигар маҷоле барои фаъолияти қувваи хаёл ва ҳавасҳои шайтонӣ боқӣ намемонад. Дигар ин ки фикри инсон одат мекунад, ки ҳамвора муназзам кор кунад, аз беинтизомӣ ва паридан аз як шохаи ҳавас ба шохаи дигар халос гардад. Бадеҳӣ аст, ки яке аз усули шахсияти инсон ҳамон устуворӣ ва истеҳком ва интизоми фикри ӯст.

Илова бар инҳо, кору фаъолият ва ба масраф расидани дурусти энергияҳои бадан, ба руҳ сафо ва ба дил нармӣ ва хушӯъ медиҳад; баръакси бекорӣ, ки мӯҷиби кудурат ва торик шудани руҳ ва мӯҷиби қасоват ва сахтии дил аст.

Аз робитаи кор бо таҳзиби ахлоқ ва робитаи бекорӣ бо фасоди ахлоқ ва ҳарзагии руҳ ва фикр ва эҳсосот набояд ғофил буд. Одами бекор агар ғайбат накунад ва ба таъбири Қуръони Карим, агар гӯшти мурдор нахӯрд, пас чӣ бикунад? Руҳи одамӣ низ монанди меъдааш ғизо мехоҳад; агар ғизои кофӣ нарасид, ба ҳар чи расид, садди ҷӯъ мекунад,

ҳарчанд бо чизе, ки мустақзар ва мавриди танаффур бошад. Дар солҳои қаҳтӣ ва гуруснагии умумӣ дида шуда, ки афрод гӯшти якдигарро хӯрдаанд. Агар ба руҳи одамӣ навбат ба навбат — ба тавре, ки ин навбатҳо қатъ нашавад — ғизои кофӣ нарасад, яъне чизе, ки руҳро сер ва розӣ ва қонеъ нигаҳ дорад; чизе, ки таваҷҷӯҳи руҳро ба худ ҷалб кунад ва андешаҳо ва эҳсосотро мутамаркиз созад, дар ин сурат руҳ гурусна мемонад ва ночор ба гӯшти бародари мӯъмин дар ҳоле, ки мурда бошад тағзия менамояд, яъне ғайбат мекунад. Заноне, ки маъмулан дар хонаҳо менишинанд ва ҳеч коре надоранд, беш аз ҳар табақа ва тоифаи дигар ба ғайбат кардан машғул мешаванд, чун беш аз ҳар табақаи дигар аз лиҳози руҳӣ гуруснагӣ ва беғизоӣ мекашанд. Ба ҳар ҳол одами бекор ба анвоъи мафосиди ахлоқӣ ва бемориҳои равонӣ ва асабӣ мубтало мешавад ва зиндагониаш сиёҳу табоҳ мегардад.

Дар қарни дуввуми таърихи ислом мардуме пайдо шуданд, ки афкори мунҳарифе пайдо карданд. Яке аз афкори мунҳарифи онҳо ин буд, ки кору фаъолиятро мунофӣ бо тақво ва диёнат медонистанд. Ин даста аз мардум вақте, ки медиданд, имомони атҳор (алайҳимус салом) кор мекунанд ва заҳмат мекашанд, зироат ва тиҷорат мекунанд, ҳафри қанот ва ё дарахткорӣ мекунанд, ин корро бар онҳо айб мегирифтанд.

Як рӯз гармии ҳавои тобистон шиддат карда буд. Офтоб бар Мадина ва боғот ва мазореъи атрофи Мадина ба шиддат метобид. Дар ҳамин ҳол яке аз ин табақа иттифоқан ба навоҳии беруни Мадина омада буд. Ногаҳон чашмаш афтод ба марди фарбеҳ ва дуруштандоме, ки маълум буд дар ин вақт барои саркашӣ ба мазореъи худ берун омада ва ба воситаи фарбеҳӣ ва хастагӣ ба кӯмаки чанд нафар, ки аз касони худаш буданд роҳ мерафт. Он марди зоҳидмаслак бо худ андешид, ки ин марди фарбеҳ кист, ки ба хотири моли дунё дар ин ҳавои гарм берун омадааст? Наздиктар шуд, дид, ин марди фарбеҳ Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳусайн яъне Имом Боқир аст. Марди зоҳидмаслак ба хаёли худ хост Имомро мавриди маломат қарор диҳад. Наздик омад ва салом кард ва ҷавоби салом гирифт. Баъд гуфт: оё сазовор аст касе мисли ту дунболи кори дунё берун равад? Агар дар ҳамин ҳолат аҷалат фаро расад, ҷавоби Худоро чӣ медиҳӣ? Имом худро ба девор такя дод ва фармуд: агар дар ҳамин ҳол аҷали ман бирасад, хушвақтам, ки дар ҳоли ибодат аз дунё рафтаам. Ман одаме ҳастам аёлманд, зиндагӣ ва харҷ дорам, агар заҳмат накашам ва кор накунам, бояд дасти ҳоҷат пеши ту ва амсоли ту дароз кунам. Зоҳид ҳамин ки ин баёни мантиқиро шунид, гуфт: рост гуфтӣ, ман хостам туро насиҳат кунам, аммо донистам ман дар иштибоҳам ва ту маро некӯ насиҳат кардӣ.

# Лузуми ҳамгомии кору дониш

**وَقُلْ رَبِّ زِدْنِي عِلْماً**

“*Бигӯ: Худоё! Бар дониши ман бияфзой!” (Тоҳо/114*)

Қуръони Карим як равиш ва сабки хоссе дорад, ки гоҳе матлаберо, ки мехоҳад ба умуми уммат бигӯяд ва умумро мухотаб қарор диҳад, шахси Расули Акрамро ба унвони сухангӯ ва суханшунави уммат интихоб мекунад ва ӯро мухотаб қарор медиҳад. Албатта ин қоъидаи куллӣ нест, балки Қуръон иноят дорад, ки мустақиман бо худи мардум сухан бигӯяд ва худи онҳоро мухотаб қарор диҳад ва аз ин рӯ калимаи:

**يا أيها الناس**

— ки ба маънои “эй мардум!” аст, аз калимоти роиҷ ва шойеъи Қуръон аст. Вале дар айни ҳол дар порае аз мавorid ба воситаи мулоҳизоте, дар матлабе, ки марбут ба умуми мардум аст, шахси Пайғамбарро мухотаб қарор медиҳад.

Маъмулан ин гуна хитобҳо дар ҷойе аст, ки таваҳҳуми ин меравад, ки истисное дар кор аст, вале вақте, ки шахси аввали ислом мухотаб қарор гирифт, дигар эҳтимоли табъиз ва истисно намеравад. Масалан, дар як ҷо мефармояд, ту агар маъсият бикунӣ, чунину чунон хоҳӣ шуд. Албатта агар умуми мардум ба таври мустақим тарафи сухан мебуданд, ҷойи ин таваҳҳум барои баъзе аз худхоҳон буд, ки ин қонун шомили ҳоли мо, ки дорои фалон имтиёзи нажодӣ ва хунӣ ва ё интисобӣ ҳастем, намебошад, вале вақте, ки шахси Расули Акрам тарафи хитоб ва итоб қарор гирифт, ҳеҷ оқиле наметавонад тасаввур кунад, ки дар бораи ӯ истисное аст.

Аз ҷумлаи мавориде, ки шахси Расули Акрам мухотаб қарор гирифта ҳамон оят аст, ки дар оғози сухан тиловат шуд:

**وَقُلْ رَبِّ زِدْنِي عِلْماً**

Яъне эй пайғамбар! Бигӯ: парвардигоро! Бар илму дониши ман бияфзо!

Пас вақте, ки Расули Акрам, ки бо ваҳю илҳом сару кор дорад мувazzаф аст, ки аз Худованд афзоиши маълумоти худро бихоҳад, ҳоли дигарон маълум аст; ҳамаи уммати исломӣ, ки ба таълимоти ӯ гардан ниҳодаанд, бояд бо ӯ ҳамовоз ва ҳамоҳанг шаванд ва бигӯянд: Худовандо! Бар илму дониш мо бияфзо! Албатта возеҳ аст ин дастур, дастури гуфтори фақат нест, ки танҳо бигӯем: “Худоё! Бар дониши ман бияфзо!”, балки хостор аст, бояд бихоҳем ва талаб кунем ва ҷустуҷӯ намоем. Мухотаби ин ҷумла ҳамон касе аст, ки дар таълимоти худ фармуд: илмро ҷустуҷӯ кунед ҳарчанд он ки лозим бошад то Чин

биравед. Пас танҳо гуфтор нест, балки хостор аст; хостори фақат ҳам нест, кирдор ва рафтор ва ҳаракат ва такопӯ ва ҷустуҷӯст.

Дар осори динии мо мукаррар ба ин нукта ишора шуда, ки илм аст, ки ба амал арзиш медиҳад ва онро боло мебарад. Асар ва арзиши як коре, ки бо нерӯи илму маърифат сурат гирад, садҳо баробари коре аст, ки ҷоҳилона сурат гирад. Илм, афзоишдиҳандаи асар ва арзиши кор аст. Ҳар кореро, ки дар назар бигирем, мебинем агар бо илм ва шиносоӣ ва маърифат тавъам гардад, асар ва арзиши бисёр бештаре пайдо мекунад. Рӯйи ҳамин асл аст, ки дар ислом ду чиз мӯҳтарам аст: кор ва дониш ва ду чиз мардуд аст: бекорӣ ва нодонӣ.

Вале ин нуктаро аз ислом набояд фаромӯш кард, ки кор ва дониш, ки мӯҳтарам аст, аз якдигар ҷудо нестанд. Яъне на ин аст, ки барои баъзе кор мӯҳтарам аст ва барои баъзе дигар дониш, баъзе аҳли кор бошанд ва баъзе аҳли дониш; ин тавр нест. Кор ва дониш агар аз якдигар ҷудо афтанд, аҳаммияте надоранд. Ин ду асли муқаддас ҳангоме барои башар ба сурати ду бол дармеоянд, ки муовини якдигар ва кӯмаки якдигар буда бошанд, яъне кор дар рӯшноии илм сурат гирад ва агар яке олим бошад ва гӯшанишин ва дигаре коргар бошад ва ҷоҳил, мисли ин аст, ки дар як шаби торик яке чароғ ба даст бигирад ва дар гӯшае биншинад ва дигаре роҳпаймои кунад, вале чароғ надошта бошад. Бояд ҳамон кас, ки роҳпаймоӣ мекунад, чароғ дошта бошад ва ҳамон кас, ки чароғ дорад, роҳпаймоӣ кунад. Яъне ҳамагӣ ба навбаи худ ва саҳми худ дар зиндагӣ ҳаракат ва фаъолият ва роҳпаймоӣ кунанд ва ҳамагӣ чароғ дар даст дошта бошанд.

Таовун ва ҳамкорӣ асли муқаддасе аст, вале ҳеч ҳамкорӣ ва ҳамоҳангӣ ва ҳамгомӣ муқаддастар ва пурарзиштар аз ҳамкорӣ ва ҳамгомии кору дониш нест. Яъне коргар донишманд ва огоҳ ва олим бошад ва олим аҳли амал ва кор ва фаъолият бошад.

Дар давраҳое аз таърих дар миёни баъзе аз миллатҳо фосилае байни кору дониш вуҷуд доштааст. Гузашта аз ин ки ин ҷудоӣ байни илму амал зулме азим буд, як омили муҳимми рукуди башарият ҳамин буд. Яке аз хадамоти бузурге, ки ислом ба башарият кард ин буд, ки корро вазифаи ҳамагонӣ ва донишро ҳаққи ҳамагонӣ донист. Гумон намекунам, касе филҷумла ба мантиқи ислом ошно бошад ва мантиқи ин ойин муқаддасро дар мавриди умумияти вазифаи муқаддаси шуғл доштан ва кор кардан бибинад ва аз тарафи дигар мантиқи ин дини муқаддасро дар мавриди аҳаммияти илм ва ин ки ин ҳаққи ихтисосӣ нест ва ҳаққи умуми мардум аст бидонад ва кучактарин шакке ва тардиде дар матлабе, ки гуфта шуд битавонад бикунад. На вазифаи кор кардан ихтисос ба дастае дорад ва на ҳаққи илму дониш аз мухтассоти дастае дигар аст.

Гузашта аз ҳамаи инҳо, ислом илму амал, донишу корро ба ҳамкорӣ ва ҳамгомии якдигар даъват кард; аз тарафе фармуд, илм бидуни амал монанди дарахти бесамар аст, фоида ва арзиш надорад, аз тарафи дигар ҳангоми муқоисаи амали тавъам бо илм ва амали бидуни илм, арзиши амал тавъам бо илмро садҳо баробари амали бидуни илм таъйин кард.

Кор, ҳар навъ коре бошад, ҳамин ки саҳеҳ ва лозим ва вазифа шуд, бояд бо дониш тавъам шавад, то арзиш ва асари зиёд пайдо кунад.

Магар на ин аст, ки байни кор ва нерӯ таносуби мустақим аст? Нерӯи бештар, кори бештар ва олитар тавлид мекунад. Ва магар на ин аст, ки барои башар, дониш бузургтарин манбаъи нерӯ ва қудрат аст? Қудрати азими инсон, ки ҷамод ва набот ва ҳайвон ва саҳро ва дарё ва фазоро мусаххар карда, аз манбаъи азими илм сарчашма мегирад. Инсон мошин нест, ки қудраташ бастагӣ ба мизони бухор ва барқ ва ҳарорат дошта бошад, ҳайвон ҳам нест, ки монанди асп ва фил ҳамаи қудраташ ҳамон бошад, ки дар дасту по ва пушти ӯст. Қудрати бештари инсон қудрати фикрӣ ва мағзӣ аст. Ба мӯҷиби ин қудрат аст, ки чунин тамаддуне азим ба вуҷуд оварда, қудратҳои барқ ва бухор ва қудратҳои азулонии асп ва фил ва ҳар ҳайвони дигарро ба истихдоми хеш даровардааст.

Агар кор аз илму дониш ҷудо шавад, ҳаддиаксар асар ва арзиши кор ин аст, ки коргар аз замин ҷав ва гандум ва сабзӣ ва пахта тавлид мекунад, аз маъдан зуғол ва филизот истихроҷ мекунад, ба василаи домдорӣ шир ва кара ва мост ва панир ва пашм ба вуҷуд меоварад ва дигар аз ин ҳадд таҷовуз намекунад. Вале агар кору дониш ба кӯмаки якдигар омаданд ва дасти якдигарро фишурданд, илова бар ҳамаи инҳо аз ҳамон пахта ва аз ҳамон пашм, ки бо воҳиди тонна ва харвор мефурӯхт ва аз ҳамон абрешим, ки ба баҳои муносиб ба бозор меовард, порчаҳои гаронқимат, ки бо воҳиди метр хариду фурӯш бишавад ба вуҷуд меоварад ва аз ҳамон филизи камқимат мошинҳои гаронқимат ба вуҷуд меоварад. Ин аст маънои ин ки дониш асар ва арзиши корро боло мебарад ва ин аст маънои ҳунар ва санъат ва кори тавъам бо дониш. Саъдӣ дар аввали боби ҳафтуми Гулистон мегӯяд:

"*Ҳакиме писаронро панд ҳамедод, ки ҷонони падар, ҳунар омӯзед, ки мулку давлати дунёро эътимод нашояд ва симу зар дар сафар бар маҳалли хатар аст: ё дузд ба як бор бибарад, ё хоҷа ба тафоруқ бихӯрад. Аммо ҳунар чашмае зоянда асту давлате поянда. Агар ҳунарманд аз давлат бияфтад, ғам набошад, ки ҳунарманд дар нафси худ давлат аст, ҳар ҷо ки равад, қадр бинад ва дар садр нишинад ва беҳунар луқма чинаду сахтӣ бинад!*"

# Сабр ва зафар

Амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом мефармояд:

“*Одами сабур ва пурҳавсала пирӯзиро аз даст нахоҳад дод, ҳарчанд муддати дарозе барои расидан ба он тӯл бикашад.*” (*“Наҳҷул-балоға”, ҳикмат 153*)

Зафар ва муваффақият, он маҳбуб ва маъшуқи умумӣ аст, ки ҳамаи афроди башар дар ҳар ришта ва ҳар мақом, ки ҳастанд, васила ва роҳи онро ҷустуҷӯ мекунанд.

Бадеҳӣ аст, ки ҳар касе маҳбуб ва матлубе дорад ва орзуи расидан ба он маҳбуб ҳамвора дили ӯро зинда медорад ва доиман дар андеша аст, ки чӣ василае ӯро ёрӣ хоҳад кард, ки муваффақ шавад ва ба маҳбуб ва матлуби худ бирасад.

Афрод ва ашхос дар ташхиси ин васила яксон нестанд. Касоне, ки ҳеч гуна воқеъбинӣ дар онҳо нест ва бо ваҳму хаёл қазоёро бихоҳанд ҳал кунанд, хаёл мекунанд ягона чизе, ки бояд ба кӯмак ва ёрии одамӣ биёяд ва ба ӯ зафар ва муваффақият бидиҳад, бахт ва тасодуф аст; гумон мекунанд, ҳар касе бо як бахту шонси махсус ба дунё омадааст; агар хушбахт ба дунё омада бошад, ҳеч чиз наметавонад ӯро бадбахт кунад, ӯ биравад роҳат бихобад, ки бахту иқболаш бедор аст. Ва аммо агар бадбахту бадшонс ба дунё омада бошад, ҳеч чиз қодир нахоҳад буд ӯро хушбахт созад, на илм ва на имон ва на амал ва на ахлоқ ва малакоти фозила, ба ҳар роҳи рост ва сироти мустақим, ки қадам бигузорад, он бахти баду сиёҳ монанди соя ҳамроҳи ӯст, намегузорад ба натиҷа бирасад:

*Бадбахт агар масҷиди одина бисозад,*

*Ё сақф фуруд ояду ё қибла каҷ ояд.*

Ба гумони ин ашхос ҳеч қудрате дар ҷаҳон қодир нест, ки хушбахтро бадбахт ва бадбахтро хушбахт намояд, зеро:

*Ба оби Замзаму Кавсар сафед натвон кард*

*Гилеми бахти касеро, ки бофтанд сиёҳ.*

(*Ҳофиз*)

Ин як тарзи тафаккур аст дар миёни бисёре аз мардум, ки мутаассифона шуюъ дорад. Бадеҳӣ аст, ки агар башар андаке воқеъбин бошад ва равобити иллӣ ва маълулии ҳаводис ва қазоёи оламро дарк кунад, агар андаке дар масоили ҷаҳони илмӣ фикр кунад, агар каме ақлу андешаи худро ба кӯмак бихоҳад, мефаҳмад, ки масъалаи шонсу бахт як хаёл ва як воҳимаи шайтонӣ беш нест. На ақл масъалаи шонсу бахтро ба расмият мешиносад ва на дин.

Худованд аҳадеро хушбахти биззот ва бадбахти биззот наёфарида. Гилеми бахти ҳеч кас на ончунон сафед бофта шудааст, ки қобили сиёҳ шудан набошад ва на ончунон сиёҳ

бофта шудааст, ки қобили сафед шудан набошад. Гилеми бахти ҳар кас ҳамон сафҳаи руҳ ва ойинаи қалби худи ӯст. Ин сафҳа, ҳам қобили сафед шудан ва сайқал ёфтан аст ва ҳам қобили сиёҳ шудан ва такаддур ёфтан. Илму маърифат, имону тақво, мудовамат бар амали солеҳ ин сафҳаро сафед ва сайқалӣ ва нуронӣ мекунад. Ҷаҳл ва хурофот ва таассубот ва фисқу фуҷур онро сиёҳу торик месозад. Қуръони Маҷид дар сураи Даҳр мефармояд:

"*Мо башарро офаридем аз нутфае, ки он нутфа таркибе аст аз истеъдодоти мухталиф." (Даҳр/2*) Ҳамагуна истеъдод дар одамӣ ҳаст. Ҳамагуна роҳе ба рӯйи ӯ дар ин ҷаҳон боз аст. Ӯ озод ва мухтор офарида шудааст ва ин худи ӯст, ки бояд роҳи ростро ташхис бидиҳад ва дуруст амал кунад ва сукут накунад.

Бархе дигар аз мардум, ки дар ҷустуҷӯи василаи зафар ва муваффақият ҳастанд, ин қадр мефаҳманд, ки ба як омили мавҳум ва ғайри воқеӣ такя накунанд, такяи худро рӯйи омилҳои мавҷуд меандозанд, вале дар миёни омилҳои мавҷуд, худро фаромӯш мекунанд ва фақат дигаронро ба ҳисоб меоваранд, чашми тамаъ ба дигарон доранд, мехоҳанд портӣ ва тавсия ҳамвора корашонро рӯбароҳ кунад. Достони ин ашхос достони ҳамон фарде аст, ки море бар саккуе хуфта дид ва гуфт: "дареғ аз мардӣ ва сангӣ!" Чизеро, ки ба ҳисоб намеоваранд, ҳамон шахсияти худашон аст. Фикр намекунанд, ки дар ҳамон ҷомеае, ки онҳо дар он зиндагӣ мекунанд ва мӯътақиданд, ки ҷомеаи фосиде аст, камол ва лиёқат беасар аст ва танҳо тавсия ва портӣ аст, ки ашхосро болову пойин мебарад, дар ҳамон ҷомеа билохира мардум ду дастаанд: як даста, онҳо, ки бо тавсия боло мебаранд ва як даста онҳо, ки бо тавсия боло мераванд. Пас билохира дар ҳамон ҷомеа низ як идда — ҳарчанд иддаи қалил — вуҷуд доранд, ки мустақил ва муттакӣ ба худ мебошанд ва дигарон муттакӣ ба онҳо мебошанд. Пас агар саҳеҳ аст, ки дар он ҷомеа то ин ҳадд портӣ ва тавсия ҳукмфармост, чаро инсон саъй накунад аз он ақаллияти мустақил ва муттакӣ ба худ бошад, на аз он аксарияти туфайлӣ ва муттакӣ ба ғайр.

Роҳи саҳеҳ ин аст, ки инсон шахсияти худ ва истеъдодҳои мактуми худро фаромӯш накунад; бидонад, ки дуруст аст, ки олам олами асбоб аст, аммо дар ин олами асбоб аз ҳамаи асбоб беҳтар ҳамон асбобе аст, ки ҳамроҳи вуҷуди худи мост. Худованд ҳар мавҷудеро, ки офарида, ӯро муҷаҳҳаз сохта ба истеъдодот ва таҷҳизоте, ки ҷузъи шахсияти худи ӯст. Ихтисос ба инсон надорад, ҳамаи мавҷудот дар дохили вуҷуди худ муҷаҳҳазанд ба таҷҳизоте, ки ҳамоно василаи саодати онҳо мебошанд.

Яке аз умуре, ки дар тавфиқ ёфтани инсон дахолати зиёде дорад ва шарти муваффақият дар корҳо бахусус дар корҳои бузург аст, ҳавсала ва сабри зиёд аст. Камҳавсалагӣ ва камсабрӣ монеъ аст, ки инсон дар як кори муфид, ки мутаносиб бо истеъдоди ӯст,

мудовамат кунад; Ҳамаи корҳоро ноқис мегузорад ва доиман аз ин шох ба он шох мепарад ва аз ин кор ба он кор рӯ меоварад ва дар натиҷа ҳеч кореро ба таври комил анҷом намедиҳад. Бисёре афрод дида шудаанд, ки истеъдоди як кори илмӣ ё фаннӣ ва санъатӣ ё адабӣ ва завқиро то ҳадди нубуғ доранд, вале дар асари аз ин шох ба он шох паридан ва аз ин кор ба он кор рӯ овардан, ҳеч корро ба таври комил анҷом намедиҳанд ва ҳол он ки дигаре, ки ниме аз нубуғу истеъдоди ӯро надорад, масалан дар давраи мадраса ҳамеша аз ӯ ақиб буда, дар асари мудовамат ва сабр ва ҳавсалаи зиёд, тараққӣ ва пешрафте мекунад, ки мӯҷиби эъҷоби ҳамагон воқеъ мегардад.

Ҳар вақт дида ё шунида шавад, ки шахсе кори муҳимме анҷом дода масалан кашфе ва ихтироъе карда, кори фавқулъодае анҷом дода, аввал чизе, ки дар мағзҳо маъмулан хутур мекунад ин аст, ки чӣ нобиғае буда! Чӣ истеъдоди фавқулъодае дошта! Чӣ мағзи аҷибе дошта! Ҳамаи муваффақиятҳоро ба ҳисоби нубуғ ва мағзи бузург ва фикри баланд ва ҳуши тез мегузоранд; хаёл мекунанд нубуғаш ба қадре зиёд буда, ки фақат чанд соат ё чанд рӯз ба худ заҳмат дода ва чунин тавфиқе ҳосил кардааст. Ҳеч кас мутаваҷҷеҳи як матлаби дигар, ки он ҳам ба навбаи худ як рукни асосӣ аст намешавад ва он ҳавсалаи зиёд аст; фикр намекунад, ки 30 сол ин мард масалан хокҳоро дар биёбонҳо зеру рӯ карда ва анвоъи машаққатҳоро мутаҳаммил шуда, то фалон кашфи таърихиро карда ва фалон асарро ба даст оварда ва таҳқиқ кардааст. Наметавон ба таври ҳатм иддао кард, ки мухтареъин ва мукташифини ҳар асре боистеъдодтарин афроди он аср будаанд, зеро мумкин аст афроди мустаидтаре будаанд, вале фоқиди як шарти дигар будаанд ва он ҳавсала ва сабри зиёд аст. Сабр ва ҳавсала аст, ки дӯсти қадимии зафар ва муваффақият аст. Дар асари сабр ва ҳавсала аст, ки навбати зафар мерасад. Агар сабр ва истиқомат ва ҳавсала бошад, беистеъдодтарини афрод ҳам ҳарчанд дар як замони тӯлонӣ ба ҳадаф хоҳанд расид; ҳамон тавре, ки мавло Алӣ алайҳис салом фармуд:

"*Одами боҳавсала зафарро ба чанг хоҳад овард, ҳарчанд баъд аз як замони тӯлонӣ*".

## Ихтиёр, имтиёзи бузурги инсон

Ҳукамо ва фалосифа дар бораи "инсон" гуфтаанд, ки инсон ҳайвони иҷтимоӣ аст, яъне инсон ҷондоре аст, ки зисти вай мавқуф ба ҳамзистӣ аст. "Бо ҳам зистан" калимаи соддае нест, шомил ва мусталзими як ҷаҳон маънӣ аст. Бо ҳам зистан назири бо ҳам роҳ рафтан ва ё бо ҳам нишастан нест, ки як амали содда бошад. Бо ҳам зистан яъне бори ҳаёт ва зиндагиро бо ҳам ба дӯш кашидан ва ба ҳамин ҷиҳат ҳазорон қонун ва муқаррарот ва

маълумот ва санойеъ ва фунун ва тақсими кор ва ахлоқи махсуси иҷтимоӣ аз қабили адолат ва инсоф ва ҳамдардӣ ва эҳсон ва ғайра лозим дорад.

Як нафар банно миқдоре оҷур ва гил ва оҳан ва оҳак ва гаҷ ва сементро ба кор мебарад ва сохтмоне ба вуҷуд меоварад. Солҳо чандин ҳазор оҷур ва чандин харвор оҳан ва гил ва гаҷ бо ҳам як ҷо мемонанд ва ба як навъ ҳамкорӣ мекунанд. Оё ҳамкории як гурӯҳи инсон ҳам ба ҳамин соддагӣ аст? Болотар ин ки бархе ҳайвонот монанди занбӯри асал ва мӯрча ва то андозае баъзе аз дарандагон ва ҳайвоноти кӯҳӣ ва ҷангалӣ низ зиндагии иҷтимоӣ доранд ва баъзе аз онҳо ба таври дақиқе тақсими кор ва вазифа карда амалиёти иҷтимоии ҳайратангезе анҷом медиҳанд ва шояд агар касе дар зиндагии печида ва васеъи иҷтимоии бархе ҳашарот мутолеа кунад, гумон кунад, ки онҳо ба дараҷоте дар зиндагии иҷтимоӣ ҷилавтар рафтаанд.

Аммо дар айни ҳол, зиндагии инсон бо зиндагии онҳо қобили муқоиса нест, лоақал аз назари соддагӣ ва печидагӣ қобили муқоиса нест, чаро? Барои ин ки он ҷондорҳо ба ҳукми ғариза фаъолият мекунанд, ба ҳукми ғариза корҳоро тақсим кардаанд, ба ҳукми ғариза инзибот ва назмро риоят мекунанд, ба ҳукми ғариза анҷоми вазифа мекунанд. Тарзи фаъолиятҳои ғаризии онҳо шабеҳ аст ба амалиёти табиии бадани мо назири ҳаракоти муназзами қалб ва рия ва гардиши хун ва ғайра. Яъне як навъ ҷабр ва зарурат ва адами имкони тахаллуф ҳукмфармост. Аммо инсон дар фаъолиятҳои худ инчунин нест, мухтор ва озод аст; бояд корҳоро миёни афрод худ тақсим кунад, аммо бо ихтиёр ва ташхис ва интихоб. Бояд назму инзибот дошта бошад, он ҳам бо ихтиёр ва интихоб. Фарқи бузурге, ки инсон бо ҳайвон дорад ҳамин аст, ки ҳамеша ду роҳ дар ҷилави худ мебинад ва ҳамеша худро бар сари дуроҳӣ мушоҳида мекунад ва бояд яке аз ин дуро интихоб кунад. Аммо ҳайвоноти иҷтимоӣ аз қабили мӯрча ва занбӯри асал ин тавр нестанд, фақат як роҳ дар ҷилав доранду бас. Ин аст, ки Қуръони Карим як ҷо дар бораи инсон мефармояд: “*Оё мо барои инсон ду чашм ва як забон ва ду лаб қарор нададем ва ӯро ба ду иртифоъ раҳнамоӣ накардем?*”[6] Мақсуд аз “ду иртифоъ” ду роҳи ҳаққу ботил аст, монанди ду роҳе, ки ба тарафи кӯҳ боло меравад ва яке аз он ду одамиро аз гардана убур медиҳад ва дигаре ба партгоҳ мунтаҳӣ мегардад.

Дар ҷойи дигар мефармояд: “*Мо инсонро аз нутфае офаридем, ки дорои халитҳо ва риштаҳо ва истеъдодҳои гуногун аст, ӯро дар маърази имтиҳон ва озмоиш қарор медиҳем, ӯро шунаво ва бино қарор додем, роҳро ба ӯ нишон додем, аммо ӯро тавре офаридем, ки маҷбур нест аз табиат ё ғаризае итоъат кунад, ӯ озод ва ҳурр ва мухтор*

---

[6] أَلَمْ نَجْعَلْ لَهُ عَيْنَيْنِ. وَلِسَاناً وَشَفَتَيْنِ. وَهَدَيْنَاهُ النَّجْدَيْنِ

*офарида шуда ва бояд шахсан худаш роҳ худро интихоб кунад, мо роҳро ба ӯ нишон додем ва ӯ худ донад, ки қадрдон ё носипос буда бошад.*"[7]

Ин аст имтиёзи бузурги инсон аз ғайри инсон ва ин аст мабнои қонун ва ахлоқ ва муқаррарот. Ва ин аст мабнои нубувват ва рисолат ва кутуби осмонӣ. Кутуби осмонӣ ва анбиёи ъизом яке аз ду ҳадафи муқаддасашон ин аст, ки адлу инсоф ва мусовот ва баробариро дар миёни башар бапо доранд. Қуръони Маҷид дар сураи муборакаи Ҳадид тасреҳ мекунад, ки ҳадафи рисолат ин аст, ки мардум ба адолат зиндагӣ кунанд. Дар ҳақиқат анбиё ва кутуби осмонӣ омадаанд, ки ҷомеаи ин мавҷуди озодро мутаъодил кунанд. Озодии инсон аст, ки ҳазорон қонунҳо ва муқаррарот ва таълимот ва фалсафаҳо ва ахлоқ ва одоби зидду нақиз ба вуҷуд оварда ва садҳо ҳазор ришта бар ин бофт изофа кардааст ва ҳамин озодӣ ва худмухтории ин мавҷуд аст, ки эҳтиёҷи ӯро ҳазор баробар кардааст. Агар ҳамон тавре, ки нафас мекашад ва қалб ва набзаш муназзам ҳаракат мекунад ва хунаш ҷараён ва даврон дорад ва селлулҳои аъсоб ва хун ва насҷҳо ва устухонаш ба таври табиӣ ва ҷабрӣ корҳои худро анҷом медиҳанд, худи одамӣ ҳам нисбат ба вазоифи иҷтимоӣ ҳамин тавр буд, яъне мардум ба ҳукми табиат даста-даста шуда буданд ва ҳар дастае бидуни чуну чаро ба фармони ғариза ва ба таври худкор вазоифи худро анҷом медоданд, дигар эҳтиёҷ ба қонун ва муқаррарот ва подош ва кайфар ва ин ҳама дастур ва фармон ва китоб ва нутқ ва хитоба ва баён набуд. Ҳамаи ин эҳтиёҷотро озодии табиӣ ва фитрии инсон ба вуҷуд овардааст ва боз ҳамин озодӣ аст, ки мабнои фазилат ва тақаддуми инсон бар фариштагон аст, зеро фариштагон тавре офарида шудаанд, ки ҷуз як роҳ намешиносанд ва ҷуз дар як роҳ наметавонанд гом бардоранд ва он, роҳи қудс ва ибодат ва таҳорат аст, аммо одамӣ ҳам истеъдоди боло рафтан ва пайвастан ба малаъи аълоро дорад ва ҳам истеъдоди фурӯ рафтан дар табиат ва истиғроқ дар пастӣ ва даноат. Ва агар роҳи камол ва тараққиро гирифт ва бо муҷоҳидат ва саъй ва амал бо ҳавопарастӣ мубориза кард, арзиши бештаре дорад, ки бояд бо нерӯи тасмим роҳи саҳеҳи худро интихоб кунад.

## Неъмати забон ва нутқ

Неъмати илоҳӣ ҳар андоза бузургтар буда бошад, шукру сипосгузории бештареро эҷоб мекунад. Маънои шукр кардани зоти ақдаси илоҳӣ ин нест, ки монанди мардумони мутамаллиқ ва чарбзабон фақат забони худро бо лафзи "шукр" ва "сипос" гардиш

---

[7] إِنّا خَلَقْنَا الْإِنْسانَ مِنْ نُطْفَةٍ أَمْشاجٍ نَبْتَلِيهِ فَجَعَلْناهُ سَمِيعاً بَصِيراً . إِنّا هَدَيْناهُ السَّبِيلَ إِمّا شاكِراً وَإِمّا كَفُوراً

бидиҳем. Бояд аввалан эҳсоси шукр ва имтинон дар қалби мо пайдо шавад ва сонияи бояд таваҷҷӯҳ дошта бошем, ки касе, ки мо мехоҳем шукри ӯро баҷо оварем, зоти муқаддаси Худованд аст, ки аз махлуқоти худ бениёз аст, на шукри забонӣ ва на имтинони қалбии мо ҳеч кадом наметавонад суде барои Худованди Мутаъол дошта бошад. Шукри воқеии як неъмат ба ин аст, ки мо бидонем вазифа ва таклифе, ки дар мавриди он неъмат ва мавҳибат дорем чист, ҳамон вазифа ва ҳамон таклифро баҷо биёварем. Вазифа ва таклифи мо нисбат ба як неъмат аз неъматҳои парвардигор чизе ҷуз ин нест, ки Худованд тарзи истифодаи саҳеҳ ва маъқул аз он неъмат ва мавҳибатро таҳти унвони "вазифа" ва ба номи "таклиф" ба мо омӯхтааст.

Масалан, яке аз неъматҳои бузурги парвардигор нисбат ба мо одамиён, неъмати забон ва нутқ ва баён аст. Ҳукамо бештарин мумайизи инсонро аз соири ҷондорон ҳамон нутқ ва баён донистаанд, зеро сухан гуфтани инсон, ки аз рӯйи фаҳм ва дарк аст, беҳтарин мазҳар ва некӯтарин намояндаи таъаққул ва фикри инсон аст.

Дар Қуръони Карим мефармояд: Худои раҳмон ба мӯҷиби раҳмонияти худаш инсонро офарид ва ба ӯ нутқ ва баён омӯхт. (*Раҳмон/3 ва 4*) Ба мӯҷиби ҳамин қувваи баён аст, ки одамиён манвиёти замири худро ба якдигар мефаҳмонанд ва онҳоро аз фикри худ ва иттилоъи худ ва ҳолати худ огоҳ месозанд. Ба мӯҷиби ҳамин қувваи баён аст, ки илм аз фарде ба фарде ва аз насле ба насле мунтақил мегардад. Агар ин қувва намебуд, барои башар зиндагии иҷтимоӣ мақдур набуд.

Ин неъмати бузург ба навбаи худ шукре дорад. Шукри ин неъмат ба ин аст, ки забон василаи ҳақиқатгӯӣ ва ростгӯӣ бошад, на василаи дурӯғ ва хилофгӯӣ ё ғайбат ва тӯҳмат ва суханчинӣ ва дашномгӯӣ. Ин забонро, ки Худованд офарида, барои ин аст, ки инсон онро василаи кашфи ҳақиқат қарор диҳад, на василаи пӯшонидани ҳақиқат; бояд василаи ҳидоят ва роҳнамоии мардум воқеъ шавад, на василаи залолат ва гумроҳӣ ва нифоқ ва дурӯӣ.

Алӣ алайҳис салом мефармояд: аз ҷумлаи умуре, ки дар суннати илоҳӣ собит аст ин аст, ки ҳеч амале аз аъмоли одамӣ — ҳарчанд он ки зиёд заҳмат кашида бошад — қабул намешавад магар он ки чанд хислатро надошта ва ё агар дошта тавба карда бошад. Яке аз онҳо шарик қарор додан барои Худост дар ибодат ва бандагӣ. Касе, ки ғайри Худоро ибодат кунад, ҳеч гуна амале аз ӯ пазируфта нахоҳад буд. Дигар, хун ба ноҳақ рехтан аст, ки як нафар ба ҳукми кинаи шахсӣ ва барои он ки хашми худро фурӯ нишонад, бегуноҳеро бикушад. Дигар он кас, ки амалеро, ки касе дигар карда, ба худаш нисбат бидиҳад. Яке дигар, он кас, ки барои ҷалби ризояти мардум бидъате дар дини Худо эҷод кунад, яъне чизеро, ки аз дин нест, ҷузъи умури дин қаламдод кунад ва фикри мардумро

аз ин ҷиҳат гумроҳ кунад. Яке дигар, одамҳои дурӯ ва дузабон; дар ҷилави рӯйи як нафар худашонро дӯст ва самимӣ муаррифӣ мекунанд ва дар пушти сар тавре дигар ҳастанд, бо ҳар дастае, ки ҳастанд, мегӯянд мо ҷузъи шумо ҳастем.

Низ Алӣ алайҳис салом аз Расули Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳӣ нақл мекунад, ки фармуд: ман аз ду тоифа нисбат ба уммати худам итминон дорам, ки аз ноҳияи онҳо ба уммати ман газанде намерасад ва нисбат ба як тоифаи дигар нигаронам ва ҳар чи бар сари уммати ман биёяд, аз ноҳияи ин тоифа аст. Он ду тоифа, ки ман аз ноҳияи онҳо мутмаиннам, яке табақаи мӯъмини холис аст ва яке тоифаи кофири холис. Аммо мӯъмини холис бадеҳӣ аст, ки ҳамон имони вай кофӣ аст, ки ӯро монеъ шавад аз ин ки қадами баде бар зарари уммати мусалмон бардорад. Ва аммо кофири маҳз, ки ҳам ботинаш кофир аст ва ҳам зоҳираш, аз ноҳияи ӯ ҳам нигаронӣ нест, зеро ҳар вақт куфри сареҳ бо имони сареҳ — ва ботили ошкор ё ҳаққи ошкор — рӯбарӯ шавад, аз имон шикаст мехӯрад. Ва аммо он тоифае, ки ман аз ноҳияи онҳо нигаронам, мардумони мунофиқ ва дурӯ ва дузабон мебошанд, ки дар гуфтор ва дар зоҳир мӯъмин мебошанд ва дар ботини худ куфрро мастур кардаанд; дар зоҳир монанди гӯсфанди салим ва дар қафо ҳамчу гурги одамхор мебошанд.

Ин забон, ки бузургтарин неъмати илоҳӣ аст, мавзӯи бузургтарии гуноҳон низ мебошад, зеро нифоқ ва дурӯӣ ва дурӯғ ва тӯҳмат ва ғайбат ва суханчинӣ ва дашномгӯӣ — ки ҳар кадом аз инҳо яке аз гуноҳони кабира ба шумор меравад — ношӣ аз забон аст.

Алӣ алайҳис салом дар дуо ва муноҷот бо парвардигор мефармояд: Худоё! Маро бибахш нисбат ба он чи ба худам ваъда додам, ки амал кунам ва баъд вафо накардам. Худоё! Маро бибахш нисбат ба он чизҳо, ки бо забон ба ту тақарруб ҷустам, вале баъд қалби ман бо забонам мухолифат кард. Худоё! Мағфират ва бахшиши худро шомили ҳоли мо бигардон нисбат ба ишороте, ки бо чашм кардаем ва иштибоҳоте, ки бо забон кардаем ва ғафлатҳо ва саҳвҳо, ки дили мо кардааст ва лағзишҳо, ки ба забони мо ҷорӣ шудааст.

## Таъсири амал дар ҳидояти башар

Дар ҳадис аст: мардумро ба сӯйи хайру некӣ бихонед, вале ба василаи ғайри забон, яъне ба василаи амал ва пешқадам шудан.

Фарзандони Одам бо он ки дорои қувваи фикру ташхис мебошанд ва мебоист ҳамвора мустақил фикр кунанд ва мустақил амал намоянд, каму беш таҳти таъсири амали дигарон ва равиши дигарон мебошанд. Мо вақте, ки як галаи гӯсфандро мехоҳем аз роҳе убур диҳем, ибтидо дучори ишкол мешавем, зеро ҳеч як аз гӯсфандон ҳозир нест ба

танҳоӣ он роҳро пеш бигирад; ҳамаи гӯсфандон ба даври ҳам ҷамъ ва сару гарданҳоро наздики ҳам меоваранд, вале ҳамин ки ба як васила як ё чандто аз онҳо дар он роҳ қадам бардошт, худ ба худ боқӣ ба дунболи онҳо равона мешаванд, то кор ба ҷойе мерасад, ки мунсариф кардани онҳо эҷод ишкол мекунад.

Ин ҳолатро мо дар гӯсфандони безабон ва бешуъур мебинем ва ибтидоан барои мо эҷоди тааҷҷуб мекунад. Вале агар андаке дар аъмоли худи мо, одамизодагон диққат кунем, мебинем қисмати аъзами аъмол ва ҳаракот ва одоти мо гӯсфандмаобона аст. Яъне рӯйи ҳисси тақлид ва ҳикоят, пайравӣ аз дигарон аз мо сар мезанад. Ин ҳисс ихтисос ба кори бад ё кори хайр надорад, дар ҳар ду ноҳия ҳаст ва ба ҳамин далел аст, ки пешқадам дар кори хайр музду подоше баробар бо соири афроди пайрав дорад ва пешқадам дар фасод ва харобӣ ҳам кайфаре мусовӣ бо ҳамаи пайравони хеш дорад.

Ҳоло, ки чунин ҳиссе дар башар ҳаст, ки аз амали дигарон пайравӣ мекунад, пас чӣ беҳтар, ки алоқамандони воқеӣ ба некӣ ва хайру салоҳ, аз ҳамин ҳисси умумии башар истифода кунанд ва бо пешқадам шудан дар роҳи хайр, башарро ба роҳи хайр ҳидоят ва роҳнамоӣ кунанд. Он ки пешқадам мешавад, ду кор ба сурати як кор анҷом медиҳад: яке ин ки худ он амалро, ки хайр аст анҷом медиҳад, дигар ин ки симати ҳидоят ва роҳнамоӣ пайдо кардааст.

Барои ҳидоят ва роҳнамоии башар ду роҳ аст: яке, роҳи гуфтан ва навиштан ва дигар, роҳи пешқадам шудан. Ва ҳаргиз гуфтан ба қадри пешқадам шудан асар надорад. Бузургон гуфтаанд: “Ду сад гуфта чу ним кирдор нест”. Як фарқ миёни мактаби анбиё ва мактаби фалосифа ва ҳукамо ин аст, ки ҳукамо танҳо аҳли назария ва таълиму тадрис мебошанд ва сару корашон танҳо аз роҳи забон бо афкор ва идрокоти башар аст, вале пайғамбарон ба он чи мегӯянд, қабл аз он ки аз дигарон тақозои амал бикунанд, худашон амал мекунанд ва аз ин рӯ то аъмоқи руҳи башар нуфуз менамоянд, қалбу эҳсосоти башарро таҳти тасарруфи хеш дармеоваранд. Сухан аз забон берун меояд ва аз гӯш мегузарад, вале амал, мавҷе ва инъикосе амиқ дар руҳи дигарӣ падид меоварад. Асари сухан ҳам вақте ҳаст, ки тавъам бо имон ва ақида ва доғии руҳ бошад ва агар руҳ боимон буд, қаҳран амалро ҳам ба дунбол дорад ва беасар намемонад.

Авлиёи Худо мардумро бо амали худ таҳти таъсир қарор доданд, на танҳо бо сухан.

Дар атрофи ҳақ ва адолат ва инсоф ва карам ва тақво ва гузашт ва фидокорӣ ва ҳуррият ва озодӣ, сухан зиёд гуфта шуда ва аз ин ҷиҳат каму касре вуҷуд надорад; ба ҳар шакл ва ба ҳар сурате, ки бихоҳем, суханоне дар ин замина мавҷуд аст. Чизе, ки камтар ёфт мешавад, амал ба ҳақ ва тибқи адолат ва инсоф аст. Он чи камтар ёфт мешавад, худи карам ва тақвост. Чизе, ки кимиёст, воқеияти фидокорӣ ва гузашт аст. Иксири ноёб, як

руҳи ҳурру озод аст. Аз ин рӯст, ки башар камтар ба сухану гуфтор вақъе мегузорад, аммо дар муқобили амал сари таъзим фуруд меоварад. Яъне он ҷо, ки бо шахсияте рӯ ба рӯ мешавад, ки ҳақиқатан аз ҳақ ва адолат мунҳариф намешавад ва тақво ва парҳезгориро пеша месозад ва руҳи ҳурру озод дорад, худ ба худ хозеъ ва алоқаманд мешавад.

Ин аст сирри ин ки суханони ҳукамо ва фалосифа аз мутуни кутуб, камтар таҷовуз мекунад, вале таълимоти анбиё ҷаҳонагир мешавад. Пас аз қарнҳо, ки назар меафканем, мебинем, мавҷе, ки пайғамбарон ва авлиёи Худо эҷод кардаанд, ҳанӯз боқӣ аст, балки рӯз ба рӯз бар азамат ва аҳаммияташ афзуда мешавад. Ин мавҷ, мавҷи амал ва пешқадам шудан аст. Сухан ҳаргиз наметавонад чунин мавҷе азим ба вуҷуд оварад. Мавҷи сухан, кучак ва заъиф аст ва зуд бо бархӯрд ба мавҷе бузургтар аз худ нобуд мегардад.

Аз суханони Алӣ алайҳис салом аст, ки фармуд: майдони ҳақ барои сухан васеътарин ва бозтарини майдонҳост, вале барои амал тангтарини майдонҳост. (*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 214*) Яъне агар инсон бихоҳад барои ҳақиқат ва адолат ва ростӣ ва дурустӣ ва амонат сухан бигӯяд, аз ҳар мавзӯе беҳтар мешавад доди сухан дод ва истидлол кард ва қиёс ташкил дод ва хитобасаройи кард; бисёр майдони ҳақ барои гуфтан бозу гушод аст. Вале агар инсон бихоҳад амал кунад, чун мусталзими ин аст, ки худро ҷамъ ва муқайяд созад ва аз ҳудуди худ таҷовуз накунад ва мутаъаррizи ҳуқуқи дигарон нашавад, айбҳои худашро монанди айбҳои дигарон бибинад, он вақт мебинад, ки мисли ин аст, ки аз ҷойи танге мехоҳад убур кунад ва барояш заҳмат аст.

Ҳам аз суханони худи Алӣ аст, ки қасам мехӯрад ва мефармояд: мумкин нест, ки ман шуморо амр кунам ба кори неке магар он ки қаблан худам он амали некро анҷом додаам ва мумкин нест, ки шуморо аз кори зиште наҳй кунам магар он ки худам дар тарки он кори зишт пешқадам шудаам. Таърихи нуронӣ ва пурифтихори зиндагии Алӣ алайҳис салом, далели қотеъи ин иддаост.

Чӣ касе метавонад иддао кунад, ки дар амал ва ибодати Худои ягона ва хидмат ба халқи Худо ва риояти усул ва адолат ва инсоф, ба пойи Алӣ мерасад?

## Руҳи иҷтимоии мӯъмин

Расули Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ҷавоби суолеро дар миёни асҳоб ва ёрони худ ба мусобиқа гузошт.

Ин суолро шахси худаш тарҳ кард ва манзураш ин буд, ки дарки динии асҳоб ва ёрони худро биёзмояд ва бибинад онҳо аз руҳу маънои дин чӣ дарк кардаанд ва ҳам ин ки

беҳтар руҳу маъноро ба онҳо бифаҳмонад. Суоле, ки Расули Худо тарҳ кард ин буд: кадом як аз дастгираҳои имон муҳкамтар аст? Яъне дар миёни васоили наҷот ва мӯҷиботи саодате, ки дин муқаррар фармуда, кадом як бештар қобили итминон аст? Яке аз асҳоб ҷавоб дод ва гуфт: намоз. Яъне намоз муҳкамтарини дастгираҳост. Фармуд: на. Дигаре гуфт: закот. Фармуд: на. Севвуме гуфт: рӯза. Фармуд: на. Чаҳоруме гуфт: ҳаҷҷу умра. Фармуд: на. Панҷуме гуфт: ҷиҳод дар роҳи Худо. Фармуд: на. Ҳар касе ҳар чи ба назараш расид гуфт ва ҳама посухи манфӣ шуниданд.

Фармуд: тамоми инҳо, ки ном бурдед, аз намоз ва закот ва рӯза ва ҳаҷ ва умра ва ҷиҳод, корҳои бузург ва бофазилате мебошанд, вале ҳеч кадом аз инҳо он ки ман мегӯям нест. Баъд худаш фармуд: муҳкамтарини дастгираҳои имон, дӯст доштан ба хотири Худо ва душман доштан ба хотири Худост.

Мумкин аст одамӣ надониста ва ба ҳукми одат намоз бихонад ва ё рӯза бигирад ё закот бидиҳад ё ба ҳаҷ биравад ва ё таҳти таъсири як ғаризаи табиӣ ҷиҳод кунад ва диловариҳо ба харҷ диҳад, вале то гавҳари вуҷудаш холис нашавад ва афкор ва эҳсосоташ тараққӣ ва таъолӣ пайдо накунад, мумкин нест, ки ба хотири Ҳақ дӯст дошта бошад ва меҳр биварзад ва ба хотири Ҳақ танаффур дошта бошад ва кароҳат биварзад, зеро дӯстӣ ва меҳр варзидан — он ҳам барои Худо ва ризои Худо — чизе нест, ки одатбардор бошад.

Дар ахбор ва ривоятҳои мо ворид аст, ки камтар ҳаққе, ки мӯъмин нисбат ба мӯъмин пайдо мекунад ин аст, ки бояд ҳар чиро барои худ дӯст медорад, барои ӯ дӯст бидорад ва ҳар чиро барои худ макруҳ (нописанд) медорад, барои ӯ макруҳ бидорад. Яъне камтарин ҳаққи ӯ ин аст, ки худро ба ҷойи ӯ фарз кунад ва ҳамон тавре, ки ба ҳасби табиат ва ғариза ҳеч вақт барои худ ҷуз хайру саодат орзу намекунад ва ҷуз аз шарру бадбахтӣ кароҳат надорад, барои соири афроди мӯъмин низ бояд инчунин бошад. Масалан, он ҷо, ки ӯ бемор аст ва худаш табиб, бояд чунин фарз кунад, ки худаш бемор аст ва ӯро пеши табиб бурдаанд ва чӣ қадр алоқа пайдо мекунад, ки дар амри муолаҷа ва парастории ӯ диққат шавад. Он ҷо, ки дигарон ҳоҷате дар муассисае доранд, ки худаш дар он муассиса кор мекунад, бояд чунин фарз кунад, ки ин муроҷеакунандагон худи ман ҳастам, ман ҳастам ва бародаронам ва фарзандонам ва ҳамаи касоне, ки ман ба онҳо алоқаи табиӣ дорам, пас набояд ин муроҷеакунандагон муаттал бишаванд ва вақти беҳуда талаф кунанд ва асабӣ бишаванд ва корашон муаттал шавад.

Ва ё он ҷо, ки ҷинсе аз маъкул ва машруб ва малбус ва васоил ва корфармо барои мардум таҳия мекунад, бояд чунин фарз кунад, ки ин корфармо ва ё ин озуқаро барои хонаи худам таҳия мекунам, пас дигар набояд ғишшу тақаллуб ба кор бибарам. Ва ё дар вақте,

ки муомила мекунад, бояд ин тавр фикр кунад, ки худи ман харидор ҳастам, пас риояти инсоф ва адолатро бикунам.

Расули Худо фармуд:

Масали аҳли имон дар дӯстии мутабодил ва отифаи муштарак, ҳамоно масали як пайкар аст, ки чун узве дард мегирад, соири аъзои ҷасад беқарорӣ ва ҳамдардӣ мекунанд; дараҷаи ҳарорати бадан боло меравад ва таб ориз мегардад, истироҳат ва осоиш аз тамоми бадан рахт бармебандад, бехобӣ пайдо мешавад.

Хоссияти мавҷуди зинда ин аст, ки байни аъзо ва аҷзои он ҳамкорӣ ва ҳамдардӣ ва ҳамоҳангӣ ҳаст ва он ҷамод ва мурда аст, ки аз хароб шудани як ҷузъ, асаре дар соири аҷзоъ дида намешавад. Ҷомеа низ ба навбаи худ ҳаёту мамот дорад. Руҳи иҷтимоӣ низ ба навбаи худ ҳақиқате аст аз ҳақоиқи ин ҷаҳон. Агар руҳи иҷтимоӣ вуҷуд дошта бошад ва ҷомеа зинда ва ҷондор бошад, бидуни шак ҳамдардӣ ва ҳамкорӣ дар он ҷомеа вуҷуд дорад, дигар дар он ҷомеа ҷинси тақаллубӣ барои якдигар таҳия намекунанд, ба якдигар кам намефурӯшанд, риояти инсоф ва адолатро менамоянд, дар хушӣ ва нохушии дигарон шарик мебошанд.

Соле дар Мадина хушксолӣ пайдо шуд. Имом Содиқ алайҳис салом аз нозири харҷи манзили худ пурсид: имсол мо дар хона чӣ дорем? Ӯ гуфт: ҷойи нигаронӣ нест, ба қадри он ки то охири сол моро кифоят кунад, ман гандум таҳия ва захира кардаам. Имом фармуд: феълан вазъи мардум чӣ тавр аст? Гуфт: сахт аст; мардум маъмулан нони рӯзонаи худро рӯз ба рӯз аз дӯкони нонвоӣ таҳия мекунанд ва ба воситаи камёбии гандум, нони маъмулии мардум ниме гандум ва ниме ҷав аст. Имом фармуд: бирав ҳар чи гандум дар хонаи мо ҳаст, ба мардум бифурӯш. Ӯ гуфт: ин кор салоҳ нест, зеро дигар барои мо муяссар нахоҳад шуд гандум бихарем. Имом фармуд: монеъе надорад; ҳамаи инҳоро бифурӯш, баъд мо ҳам монанди дигарон рӯзона аз нонвоиҳо аз ҳамон ноне, ки ниме гандум ва ниме ҷав аст мехарем ва масраф мекунем. Ҳарчанд барои ман мақдур аст, ки тамоми сол, худам ва касонам гандуми холис масраф кунем, вале ман дӯст дорам бо соири мусалмонон шарик ва ҳамдард бошам.

Ин аст маънои руҳи иҷтимоӣ ва ин аст маънои ин ки ҷомеа зинда бошад. Зинда будани иҷтимоъ ба ин аст, ки дар афроди он иҷтимоъ руҳи иҷтимоӣ ва ҳисси иҷтимоӣ ва отифаи иҷтимоӣ вуҷуд дошта бошад. Яъне ҳамон тавре бошад, ки Имом Содиқ алайҳис салом фармуд: худатро ҳамвора ба ҷойи дигарон бигузорӣ ва барои онҳо ҳамонро биписандӣ, ки барои худ меписандӣ ва ҳамонро кароҳат дошта бошӣ, ки барои хештан кароҳат дорӣ.

Худованд моро муваффақ бидорад, ки дар партави таълимоти баланди осмонӣ дорои руҳи иҷтимоӣ бишавем ва ҳамеша сарафроз ва сарбаланд зиндагӣ кунем!

# Риояти ҷанбаҳои маънавӣ ва ахлоқӣ дар инфоқ

Амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом дар як вақт, ки миқдоре хурмо аз моли шахсии худ дар миёни фуқаро тақсим мекард, миқдори нисбатан зиёде барои як нафаре фиристод, ки он шахс ҳеч гуна арзи ҳоҷат ва изҳори эҳтиёҷе накарда буд ва асосан ахлоқи шахсии он мард ин буд, ки аз аҳаде чизе нахоҳад. Марде ба амирулмӯъминин эътироз кард, ки он шахс, ки аз ту чизе нахоста ва арзи ҳоҷате накарда ва ба илова як панҷуми ин хурмо барои ӯ кофӣ аст, ту чаро аслан барои ӯ, ки аз ту чизе нахоста мефиристӣ ва чаро ин қадр зиёд мефиристӣ? Сухане, ки амирулмӯъминин Алӣ дар ҷавоби ин марди мӯътариз гуфт ин буд: Худо амсоли туро дар миёни мусалмонон зиёд накунад! Ту чӣ қадр одами пасти дуне ҳастӣ, ман мебахшам ва ту бухл меварзӣ! Ва ба илова, агар бино шавад ман фақат ба касоне бибахшам, ки аз ман таманно ва тақозо кардаанд, ман бахшише накардаам, балки ивази он чи аз онҳо гирифтаам, ба онҳо додаам, онҳоро водор кардаам, ки рӯйи худро, ки ҳангоми саҷда барои Худои худ бар хок мениҳанд ва аз Худованд масъалат менамоянд, ин рӯро мутаваҷҷеҳи ман кунанд ва ба ман бибахшанд, пас он чи ман номи "бахшиш" рӯйи он гузоштаам, бахшиш нест, муовиза ва муомила аст, дар ивази базли обрӯи касе чизе ба ӯ бахшидаам.

Баъд фармуд: касе, ки инчунин фикре дошта бошад ва мунтазир бошад, ки мӯҳтоҷон дари хонаи ӯро бизананд ва ё дар кӯча ва бозор ҷилави ӯро бигиранд, то ӯ дасти кӯмак ба сӯйи онҳо дароз кунад, ӯ дар дуои худ ҳангоме, ки мегӯяд:

اللّهُمَّ اغْفِرْ لِلْمُؤْمِنينَ وَالْمُؤْمِنات

— дурӯғгӯст, зеро касе, ки аз кучактарин матоъи дунявӣ нисбат ба дигарон бухл биварзад, чӣ гуна мумкин аст ба осонӣ барои дигарон таманнои биҳишт ва саодати абадӣ намояд?

Дар Қуръони Карим, сураи муборакаи Бақара, оятҳои зиёде ҳаст дар мавзӯъи инфоқи мол дар роҳи Худо. Инфоқ ва кӯмак ба мустамандон ва мусибатзадагон ва балодидагон дар дунё ҳамеша буда ва ҳаст. Мавзӯе, ки Қуръони Маҷид ба он аҳаммият медиҳад, риояти ҷанбаҳои маънавӣ ва ахлоқӣ аст, зеро агар риояти ҷанбаҳои руҳӣ нашавад, мумкин аст зиёни як амал аз фоидааш бештар бошад. Ҷанбаҳои руҳӣ, ки бояд риоят шавад, баъзе марбут ба афроди инфоқкунанда аст ва баъзе марбут ба руҳи афроди мустаманд ва бечорае аст, ки мехоҳанд аз он кӯмакҳо баҳра бибаранд.

Ҷанбаи марбут ба руҳияи инфоқкунандагон ин аст, ки бояд холӣ аз ҳар навъ риё ва тазоҳур ва худнамоӣ бошад, бояд сирфан ҷанбаи ҳамдардӣ дошта бошад, бояд амали инфоқ сирфан мунбаъис аз имон ва виҷдони зинда ва ҳассоси шахс буда бошад, ки

Пайғамбари Акрам фармуд: “*Масали мусалмонон аз лиҳози ҳамдардӣ ва ҳассосият нисбат ба якдигар, масали як бадан аст, ки чун узве ба дард меояд, ҳамаи аъзои дигар бо таб ва бехобӣ изҳори бетобӣ мекунанд*.” Амале, ки мунбаъис аз риё ва тазоҳур бошад, зарараш аз фоидааш бештар аст. Ин аст, ки Қуръони Маҷид ҳар ҷо номи инфоқ мебарад, калимаи:

فِي سَبِيلِ اللهِ

— ро бо он тавъам мекунад. Яъне инфоқе, ки фақат барои ризои Ҳақ бошад, на барои ирзои ҷоҳталабӣ ва на дар роҳи итфои шаҳавоти нафсонӣ.

Ва аммо ҷанбаи руҳии тарафи муқобил, ки бояд риоят шавад ин аст, ки кӯмак ва дастгирӣ набояд ба сурате дарояд, ки шахсияти руҳии тарафи муқобилро хурд кунад:

يا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لا تُبْطِلُوا صَدَقاتِكُمْ بِالْمَنِّ وَالْأَذى كَالَّذِي يُنْفِقُ مالَهُ رِئاءَ النّاسِ

(*Бақара/264*) Эй мардуми боимон! Аз роҳи миннат гузоштан бар касон ва аз роҳи озор додан ба фақирон, аъмоли хайр ва инфоқот ва эҳсоноти худро ботил ва зойеъ накунед, монанди касе, ки ба воситаи риёкорӣ ва тазоҳур ва худнамоӣ моли худро инфоқ мекунад ва амали худро зойеъ мегардонад.

Имомони атҳор (алайҳимус салом) хӯй ва одаташон ин буд, ки махфиёна ба ину он кӯмак кунанд; ҳама барои ин буд, ки афроди мӯҳтоҷ эҳсоси зиллат ва хорӣ дар худ накунанд ва руҳия ва шахсияташон дарҳам шикаста нашавад. Ин гуна амал аст, ки асараш як бар сад, балки як бар ҳазор аст, ки Худо мефармояд:

Масали касоне, ки дар роҳи Худо бахшиш мекунанд, масали донаи гандуме аст, ки ба замин пошида мешавад ва аз он бӯтае дорои ҳафт хӯша (падид) меояд, ки ҳар хӯшае сад дона дошта бошад ва Худо барои ҳар кас, ки бихоҳад, аз ин ҳам бештар қарор медиҳад. (*Бақара/261*)

## Факри руҳӣ ва фикрӣ

Дар соли даҳуми ҳиҷрӣ, ки камтар аз як сол аз умри Расули Акрам боқӣ монда буд, Алӣ алайҳис салом ба амри Расули Акрам бо иддае ба сӯйи Яман раҳсипор шуд. Ин мусофират ба хотири ин буд, ки анбӯҳе азим аз мардуми Яман ислом оварда буданд ва ба ягонагии Худои ягона ва рисолати ҳазрати Хатмимартибат имон пайдо карда буданд ва эҳтиёҷ доштанд, ки касе биёяд аҳком ва таъолими муқаддаси дини исломро комилан ба онҳо таълим диҳад ва ба илова ҳанӯз боқимондаҳое аз буту бутпарастӣ вуҷуд дошт, ки лозим буд маҳв шавад ва аз байн биравад.

Ҳангоме, ки Расули Худо Алиро равона мекард, ин ҷумларо ба вай фармуд: агар Худованд як нафарро ба дасти ту ва василаи ту ҳидоят кунад ва ӯро аз гумроҳӣ наҷот бахшад, барои ту беҳтар аст аз ин ки тамоми машриқу мағрибро дошта бошӣ. Ва ба ривояте фармуд: беҳтар аст аз ин ки сарвати тамоми дунёро дошта бошӣ ва ҳамаро дар роҳи Худо инфоқ кунӣ.

Дар сураи муборакаи Бақара мефармояд: ин китоб, ҳидоят аст барои мардумони ботақво, ки ба ҷаҳони ғайб имон доранд ва намозро бапо медоранд ва аз он чи мо ба онҳо рӯзӣ кардаем, ба дигарон баҳра медиҳанд. (*Бақара/2 ва 3*) Дар ҳадис аст, ки мақсуд аз ҷумлаи охирӣ ин аст, ки аз илмҳои худ ба дигарон баҳра медиҳанд ва онҳоро иршоду ҳидоят мекунанд.

Дар ҳадиси дигар аст, ки ҳеч тӯҳфа ва ҳадияе гаронбаҳотар ва боарзиштар аз ин нест, ки касе фикре ва ҳикмате ва дастуруламали саҳеҳе барои зиндагӣ ба дигарон ҳадия кунад.

Назоири ин таъбирҳо ва баёнҳо дар осори динии мо зиёд аст. Аз ҳамаи инҳо мо бояд бифаҳмем, ки аз назари ислом роҳнамоии фикр ва ақидаи мардум дар чӣ дараҷа аз аҳаммият аст. Фақри руҳӣ ва фикрӣ болотар аз фақри молӣ ва иқтисодӣ аст. Бо доштани сарвати руҳӣ ва фикрӣ ва ахлоқӣ метавон фақри молӣ ва иқтисодиро илоҷ кард, вале бо вуҷуди фақри руҳӣ ва маънавӣ, бениёзии молӣ суде надорад ва мумкин аст бар норохатӣ ва шақовати инсон бияфзояд.

Мақсуд ин нест, ки фақри молӣ ва эҳтиёҷи моддӣ амри мамдуҳе аст ва набояд онро чора кард, балки мақсуд ин аст, ки инсон набояд фақрро мунҳасир ба фақри молӣ бидонад ва таваҷҷӯҳе ба фақрҳои фикрӣ ва руҳӣ ва ахлоқӣ надошта бошад. Чизе, ки маншаъ мешавад инсон ҳамаи таваҷҷӯҳи хешро маътуф ба рафъи фақри молӣ бикунад ин аст, ки инсон худаш фақри моддиро беш аз дигарон эҳсос мекунад ва ранҷи фақри моддиро беш аз касони дигар ҳисс мекунад. Бар хилофи фақрҳои руҳӣ ва маънавӣ, ки худи шахс он фақр ва авориз ва осори он фақрро эҳсос намекунад, дигарон ва махсусан онҳое, ки аз ин сарвати маънавӣ баҳраи кофӣ доранд, беҳтар эҳсос мекунанд. Аз ин ҷиҳат аст, ки мебинем пайғамбарон ва пешравони қофилаи башарият бештар таваҷҷӯҳи худро ба рафъи навоқиси руҳӣ ва маънавӣ маътуф кардаанд, чун медонанд, ки навоқиси моддиро худи мардум хуб дарк мекунанд ва дар ин ноҳия чандон эҳтиёҷе ба танаббӯҳ ва тазаккур ва бедорӣ нест.

Худованди Мутаъол дар Қуръони Карим он ҷо, ки мехоҳад неъматҳои худро нисбат ба бандаи солеҳи худ ҳазрати Муҳаммад ибни Абдуллоҳ Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи баршуморад, ҳамаи қисматҳо — чӣ моддӣ ва чӣ маънавӣ — ро зикр мекунад, ҳам рафъи фақрҳои моддиро зикр мекунад ва ҳам рафъи фақрҳои маънавиро. Мефармояд:

Магар на ин аст, ки ту ятим ва бепаноҳ будӣ ва Худованд туро дар паноҳи худ гирифт? Магар на ин аст, ки ту гумроҳ будӣ ва Худованд туро бо нури хеш ҳидоят кард? Магар на ин аст, ки ту фақир будӣ ва Худованд туро бо мол ва хостаи фаровон бениёз кард? Пас ятимон ва бепаноҳонро зердаст қарор надеҳ ва онҳоро паноҳ бидеҳ ва ҳам соилон ва фақиронро аз худ марон ва неъматҳои парвардигорро бозгӯ кун. (*Зуҳо /6- 11*)

Алӣ алайҳис салом мефармояд: яке аз бало ва бадбахтиҳо фақри молӣ аст. Ва аз фақр болотар ва сахттар бемории тан аст, ки одамӣ алилу мариз буда бошад. Ва аз бемории тан сахттар ва бадтар бемории руҳу равон аст, ки одамӣ гирифтори амрози руҳӣ буда бошад; мубтало ба уҷб ва худписандӣ ё ҳасодат ё инод ва лаҷоҷ ё бухл ва хиссат ва назартангӣ ё тарс ва ҷабонӣ ва амсоли инҳо буда бошад.

Ҳар касе, ки ба дигаре кӯмаке бинамояд, як навъ ҳаққе ба ӯҳдаи ӯ пайдо мекунад. Миқдор ва андозаи он ҳақ, тобеъи миқдор ва мизони арзиши кӯмаке аст, ки кардааст. Болотарин ҳаққе, ки касе бар каси дигар пайдо мекунад, ҳаққи таълим ва иршоду ҳидоят аст. Алӣ алайҳис салом фармуд: агар касе як ҳарф маро биёмӯзад, маро бандаи хеш сохтааст. Донишманди бузурги исломӣ Сайиди Разӣ, ки ҷамъкунандаи “Наҳҷул-балоға” аст, ба маноъат ва иззати нафс маъруф аст. Дар ҳамаи умр аз касе чизе қабул накард ва ҳатто рӯзе, ки падараш чизе ба ӯ ҳадия кард напазируфт, то он ки иттифоқ афтод, ки яке аз устодон ва муаллимони вай китобе ё чизи дигаре ба ӯ эҳдо кард. Ибтидо хост напазирад ва чунин узр овард, ки дар ҳамаи умр аз аҳаде чизе напазируфтаам ва ҳатто зери бори миннати падарам низ нарафтаам. Устод гуфт: магар намедонӣ, ки дар ислом ҳаққи устод ва муаллим аз ҳаққи падар болотар аст? Дар муқобили ин мантиқ, Сайиди Разӣ натавонист муқовамат кунад ва ночор пазируфт.

Илм дар зоти худ шариф аст. Фаро гирифтани илм, ибодат ва тоъат аст. Таълим додан ва ёд додан ба шогирдон, болотарини ибодатҳост. Ҳаққи устод ва муаллим ва роҳнамо аз ҳар ҳаққе бузургтар ва болотар аст.

## Фақри маънавӣ

Аз суханони ҳазрати Имом Ҳасани Муҷтабо алайҳис салом аст, ки мефармояд:

“*Аҷаб аст аз касоне, ки дар бораи маъкулот ва хӯрданиҳои худ фикр мекунанд, аммо дар бораи маъқулот ва ёдгирифтаниҳои худ ҳеч гуна заҳмати андешае ба худ роҳ намедиҳанд*!”

Инсон аз фақр ва камбудӣ табъан гурезон аст; агар эҳсоси нақсу фақр дар як гӯшаи зиндагии худ мекунад, то ҳадди имкон талош мекунад, ки он нақсро такмил ва он фақрро

бартараф созад. Чизе, ки ҳаст, нақсҳо ва фақрҳои моддӣ хеле возеҳ ва маҳсус аст, бар хилофи фақрҳо ва нақсҳои маънавӣ. Масалан фақри молиро ҳама кас ҳисс мекунад ва аз ин рӯ табъан талош мекунад, ки бо ин навъ фақр мубориза кунад ва гоҳ ин талош ба ҳадди ифрот мерасад ва ба сурати ҳирсу тамаъ дармеояд ва маншаъи харобиҳо ва зулмҳо ва ҳаққушиҳое дар иҷтимоъ мегардад. Ва ҳамчунин фақри шаъну ҳайсият; ҳар касе зуд мефаҳмад, ки чӣ қадр дар ҷомеа обрӯ ва ҳайсият дорад ва чӣ қадр аз ин лиҳоз касрӣ дорад ва аз ин рӯ доиман дар фикри ҷуброни ин касриҳо бармеояд. Ва ҳамчунин аст фақр ва нақсҳои узвӣ ва андомӣ.

Вале фақрҳои маънавӣ аз қабили фақр дар тарбият ва адаб, камтар барои худи шахс қобили идрок аст. Касе, ки фоқиди адаби муошират ва ахлоқи инсонӣ ва тарбияти саҳеҳи иҷтимоӣ аст, худаш касрии худашро аз ин лиҳоз намефаҳмад, хусусан агар ахлоқи зишти вай дар руҳаш русух ёфта бошад ва ба истилоҳ, малака шуда бошад; ва бахусус агар он тарзи ахлоқ дар иҷтимоъ ҳам маъмул ва шойеъ бошад, дигар дар ин сурат он хулқи зишт дар назари ӯ мустаҳсан ва қобили дифоъ аст ва ҳамеша аз тарзи рафтори худаш ва ҳаммаслаконаш ҳимоят ҳам мекунад. Ва аз ҳамин қабил аст фақри илмӣ ва фикрӣ. Одами ҷоҳил ва камхирад чизеро, ки ҳаргиз эҳсос намекунад, ҳамон ҷаҳолат ва камхирадӣ аст. Пас иллати ин ки башар дар бораи маъкулот ва хӯрданиҳои худ меандешад ва талош мекунад аммо дар бораи маъқулот ва таҳсили андешаи саҳеҳ талошу кӯшиш намекунад, ҳамон мунтаҳои ҷаҳолат ва камхирадии ӯст. Асосан, аввалин дараҷаи донишу илм, таваҷҷӯҳ ба фақри илмӣ ва эҳтиёҷи илмӣ аст, яъне ин ки инсон худаш мутаваҷҷеҳ гардад, ки касрӣ ва камбуди илм дорад. Ба ҳар андоза, ки пояи илму маърифаташ бештар боло равад, бештар ҷаҳолат ва нодонии худро эҳсос мекунад, балки вақте, ки ҳакиме озмуда ва файласуфе пухта ва комил гашт, мегӯяд:

*То бад-он ҷо расид дониши ман,*
*Ки бидонам ҳаме, ки нодонам.*
*(Ибни Сино*)

Ё мегӯяд:

*Ҳафтоду ду сол фикр кардам шабу рӯз,*
*Маълумам шуд, ки ҳеч маълум нашуд.*
*(Ҳаким Хайём*)

Ғараз ин аст, ки агар бигӯянд, лозимтарин ва муфидтарини доноиҳо ва таваҷҷӯҳҳо барои башар чист?, бояд гуфт: таваҷҷӯҳ ба фақри илмӣ ва таваҷҷӯҳ ба нодонӣ. Ин таваҷҷӯҳ аст, ки аташи шадиди фурӯ нанишастанӣ дар башар барои талаби илм ва такмили ақл ва маърифат эҷод мекунад. Ҳамон ҳирсе, ки ҷӯяндаи молу сарват ба сурати як аташи шадид

хомӯш нашуданӣ пайдо мекунад, айнан дар толиби илм ва ҷӯяндаи маърифат пайдо мешавад.

Достонҳо аз мардумони ҳарис дар таърихҳо ва қиссаҳо омада, ки ҳайратангез аст ва одамӣ дар шигифт мешавад, ки чӣ гуна як башар то ин андоза қалодаи ҳирсу тамаъро ба гардани худ меандозад?! Назири ҳамин достонҳо аз як идда толибони илму маърифат дар таърих ба ёдгор мондааст. Навиштаанд, ки ҳаким ва риёзидони маъруф, Абӯрайҳони Берунӣ дар бистари марг афтода буд ва соатҳои охири умри худро тай мекард. Дар ҳамон ҳол, фақеҳе ба иёдати вай омад. Абӯрайҳон бо ҳамаи сангинӣ ва сахтии мараз, ҳушаш комилан баҷо буд ва машоъираш ба хубӣ кор мекард. Дар ҳамон ҳол фурсатро ғанимат шумурд ва як масъалаи фиқҳиро тарҳ кард. Марди фақеҳ дар шигифт монд ва ба вай гуфт: ин чӣ вақти масъала пурсидан ва музокираи илмӣ аст?! Абӯрайҳон ҷавоб дод: фикр мекунам, агар ин масъаларо бидонам ва бимирам беҳтар аст аз ин ки ин масъаларо надонам ва бимирам.

Илму фикр ғизои руҳ аст. Одамӣ бояд ба ҳамон андоза, ки дар бораи маъоши худ фикр мекунад, дар бораи ғизои руҳии худ низ биандешад ва ҳамон миқдор муроқабате, ки дар ғизоҳои ҷисмӣ лозим ва зарурӣ аст, дар ғизоҳои руҳӣ низ лозим ва зарурӣ аст. Алӣ алайҳис салом мефармояд:

“*Чаро мардум агар дар шаби торик онҳоро бар сари суфрае биншонанд, то чароғро равшан накунанд, даст ба ғизо дароз намекунанд ва аммо агар бар сари суфраи фикрӣ биншинанд, ҳеч дар андеша намешаванд, ки чароғи ақлро равшан кунанд, то бо чашми басират бибинанд, ин ғизои руҳӣ, ки вориди руҳашон мешавад, чӣ навъ ғизоӣ аст?*”

Ҳамон тавре, ки ғизоҳои ҷисмонӣ баъзе муқаввӣ ва баъзе заъфовар аст, баъзе нишотангез ва баъзе сустиовар ва беҳолкунанда аст, баъзе мӯҷиби саломат ва баъзе масмумкунанда аст, ғизоҳои фикрӣ низ ҳамин тавр аст. Таълимоте, ки одамӣ фаро мегирад ва китобҳое, ки мутолеа мекунад ва мақолоте, ки мехонад ва суханрониҳое, ки гӯш мекунад, аз лиҳози асар ҳама яксон нестанд; баъзеҳо ростӣ фикру иродаро қувват мебахшад ва баъзе яъсу навмедӣ мебахшад. Баъзе аз таълимот аст, ки одамиро ба ҳаёт ва зиндагӣ ва низоми офариниш хушбин мекунад. Таълимоти динӣ агар ба сурати дурусте омӯхта шавад, арзиши ҳаёт ва зиндагӣ ва ҳадафи онро боло мебарад ва низоми офариништо маҳбуб ва дӯстдоштанӣ мекунад, одамиро ба сарнавишти дигарон алоқаманд месозад. Ва аммо баъзе таълимоти дигар аст, ки ҳаёт ва зиндагиро дар назари инсон беҳуда ва беҳадаф ва хилқатро абас муаррифӣ мекунад, руҳияи одамиро нисбат ба ҳама чиз ва ҳама кас ҳатто нисбат ба худаш бадбин менамояд. Таълимоти бисёре аз афроде, ки худашон руҳияи зиддидинӣ доранд, ҳамин асарро дорад. Дар ҳаводиси рӯз, ки ба василаи рӯзномаҳо сабт

мешавад, мукаррар мехонем, ки фалон ҷавон худкушӣ кард ва номае аз ӯ ба даст омад, ки навиштааст, аҳаде масъули қатли ман нест, ман худам шахсан даст ба ин иқдом задам, иллати аслии матлаб ин аст, ки аз зиндагӣ хаста шудам. Баъд, ки таҳқиқ кардаанд, дида шуда, ки китобҳое, ки мавриди мутолеаи ин мавҷуди бадбахт буда, китобҳое буда, ки ба василаи як бадбахттар аз худи ӯ мабнӣ бар бадбинӣ ва бадгӯӣ аз ҳаёт ва хилқат нигориш ёфтааст. Агар эҳсо бишавад, маълум мешавад, ки ин гуна китобҳо чӣ қадр ашхосеро ба зиндагӣ беалоқа карда ва чӣ руҳияҳои солим ва маъсумеро мушавваш карда ва чӣ хонаводаҳоеро муталошӣ карда ва чӣ азмҳои росихеро аз байн бурдааст!

Агар касе масалан бастании масмуме бихӯрад, ба фосилае чанд соат асараш зоҳир мешавад ва фавран ба бемористон мунтақил мегардад ва он бастанифурӯш ҳам таҳти таъқиб қарор мегирад, вале чӣ бисёр ашхос, ки китобҳои масмумеро мехонанд ва он китобҳо руҳияи онҳоро фалаҷ ва беҳис мекунад, вале на худи онҳо ва на мақомоти масъул мутаваҷҷеҳ намегарданд, ки чунин зойеъае рух додааст.

Оре, Имом Ҳасани Муҷтабо алайҳис салом фармуд: аҷабо, ки мардум дар бораи маъкулоти худ меандешанд, ки масалан ғизои масмум нахӯранд ва агар касе ғизои масмум ба хӯрди онҳо бидиҳад, ӯро таҳти таъқиб қарор медиҳанд, аммо дар бораи афкор ва маълумот ва маъқулоте, ки ба мағзи худ фурӯ мекунанд, ҳеч намеандешанд ва таваҷҷӯҳ надоранд ва басо ҳаст, ки то зинда ҳастанд, нисбат ба он шахси масмумкунанда алоқаманд ҳам ҳастанд ва ба ӯ иродат меварзанд.

Аҷабтар ва муҳимтар ин аст, ки фикри масмум ва хатарноке ранги динӣ ва сибғаи мазҳабӣ ҳам дошта бошад; дигар хатари ӯ сад бор муҳимтар аст. Дар таърихи гузаштаи мо мутаассифона чӣ қадр зиёд афкори масмуме бо рангу шакли динӣ вориди бозор шуда ва харидорони зиёд пайдо карда ва камтар касе ҳам мутаваҷҷеҳ шуда, ки ин матоъ тақаллубӣ аст. Оё бовар мекунед, ки ин руҳияи танбал ва ҷомид ва сарду хушки мо маълули ҳамон матоъҳои тақаллубии руҳӣ аст?!

Лобуд шунидаед, ки дар ислом дастур ва қонуне ҳаст мабнӣ бар ин ки нашр ва хариду фурӯш ва ҳатто қироати китобҳои залол ҳаром аст, магар барои афроди маъдуде, ки таҳти таъсири он китобҳо қарор намегиранд ва бо хондан ва қироати онҳо гумроҳ намешаванд. Ин дастур шояд дар назари баъзеҳо аҷиб ва ғайриқобили қабул ҷилва кунад ва мунофӣ бо усули озодӣ талаққӣ шавад. Вале агар дуруст таваҷҷӯҳ кунем, мебинем аз назари кулли, ин қонун на танҳо беишкол аст, балки хеле ҳам лозим ва зарурӣ аст. Китобҳои залол яъне нашриёти мунҳарифкунанда.

Хоҳед гуфт, ки миқёси инҳироф ва залолат чист? Ҷавоб ин аст, ки хубӣ ва бадии ҳар чизеро аз рӯйи осораш бояд шинохт; бояд дид он китоб чӣ асаре дар руҳи хонандае, ки

матолиби онро мепазирад мегузорад; ҳамон тавре, ки агар аз мо дар бораи ғизои хуб ва ғизои фосид ва масмум бипурсанд, айнан ҳамин ҷавоброхоҳем дод.

Китобе, ки натиҷааш бадбинӣ ва дилсардӣ ё таҳрики шаҳавот ва беэътиной ба муқаррароти иффат ва ахлоқ ё беимонӣ ва бебандуборӣ аст, албатта китоби залол аст. Ҳамон тавре, ки китоби залол ҳаст, нутқ ва хитобаи залол ҳам ҳаст, филми залол ҳам ҳаст. Дар ҳамаи ин маворид бояд ба асар ва натиҷае, ки оиди руҳияи башар мешавад, таваҷҷӯҳ кунем ва бо он миқёс бисанҷем. Маҷмӯан ин натиҷа ба даст меояд, ки ҳар фард аз он назар, ки мудири вуҷуди хеш ва масъули саодати хештан аст, мувazzаф аст, ки дар мавриди афкоре, ки мехоҳад ба мағзи худ ворид кунад, муроқабат кунад ва масъулини иҷтимоъ низ аз он назар, ки мудир ва масъули ҷомеаанд, вазифа доранд, ки муроқиби ғизоҳои руҳии иҷтимоъ буда бошанд.

Гузашта аз ҳамаи инҳо мо аз он назар, ки мусалмонем ва ҳар мусалмоне масъули саодати бародарони динии худ ҳам ҳаст, ҳама бояд муроқиби якдигар аз лиҳози афкор ва андешаҳое, ки ба мағзи худ ворид мекунем, буда бошем.

## Таассуби ботил

Қуръони Карим аз гурӯҳе аз мардуми замони нузули Қуръон, ки мункир ва мухолифи Қуръон буданд, нақл мекунад, ки мегуфтанд:

“*Худоё! Агар ин Қуръон ҳақ аст, як санге аз осмон бар сари мо бифирист, ки мо як лаҳза зинда намонем*.” (*Анфол/32*)

Хеле аҷиб аст, ки башар ба ҳолате дарбиёяд, ки ҳақиқат он қадр барои вай талху ногувор ва ғайриқобили таҳаммул бошад, ки бигӯяд: Худоё! Агар ин ҳаққу ҳақиқат аст ва собит хоҳад монд ва нуфуз пайдо хоҳад кард, манро бибар, ки онро набинам. Дар сурате, ки мардум бояд инчунин бошанд, ки аз Худо бихоҳанд, ки агар фалон матлаб ҳақ аст, синаи маро барои дарк ва фаҳми он боз кун ва маро омодаи пазириши он гардон.

Бале ин тавр аст; башар гоҳе ба қадре мизоҷи руҳӣ ва ахлоқӣ ва фикриаш мубойин ва мунофӣ бо ҳаққу адолат ва дурустӣ ва имон мегардад, ки ҳозир аст бимирад ва бо ҳақиқат рӯбарӯ нашавад.

Дар урфи мо шойеъ аст, ки мегӯянд: “Бо ҳақиқати талхе рӯбарӯ шудам.” Инҷо ин суол ҳаст, ки магар ҳақиқат ҳам мумкин аст талх бошад? Магар на ин аст, ки дар инсон майлу ишқ ба ҳақиқат офарида шуда, пас чаро ҳақиқат талх гардад?

Ҷавоб ин аст, ки аз як назар ҳеч чизе дар зоти худ талх ё ширин, зишт ё зебо, хушбӯ ё бадбӯ нест. Ин умур чизҳое ҳастанд, ки зеҳни мо онҳоро халқ мекунад, аммо на ба таври

гизоф ва беҳисоб. Мақсуд ин аст, ки талхӣ ва ё ширинӣ ва ё зиштӣ ва зебоӣ ва ё хушбӯӣ ва бадбӯӣ бо сохтмон ва авзоъ ва аҳволи табъи мо ва мизоҷи руҳӣ ва ҷисмии мо иртибот дорад. Масалан, қанду асал дар зоиқаи ашхоси солим ширин аст, вале мумкин аст барои як бемор, ки авзоъ ва аҳволи баданаш таври дигар аст, қанду асал таъми талхе дошта бошад. Ин ки мегӯянд, ҳақиқат ширин ва лазиз аст, барои табиатҳо ва руҳияҳои солим ва беғараз аст, ки хоҳони воқеиёте мебошанд, ки ҳаст. Аммо барои як руҳияи бемор ва олуда ба ағроз, гоҳе ҳақиқат аз ҳар талхе талхтар аст, то он ҷо, ки тоби мувоҷеҳ шудан бо онро надорад ва аз Худо мехоҳад, ки агар фалон чиз ҳақ аст, маро бимирон, ки онро набинам.

Аз Алӣ алайҳис салом суол шуд, ки исломро тавсиф кунад. Фармуд: тавре тавсиф хоҳам кард, ки то кунун касе тавсиф накардааст; фармуд: ислом таслим аст. (*“Наҳҷул-балоға”, ҳикмати 125*) Ин калима бисёр бузург аст, яъне ҳақиқати ислом ъинод надоштан ва таассуб надоштан ва лаҷоҷ надоштан бо ҳақиқат аст. Ислом ин аст, ки башар дар баробари ҳақиқат таслим бошад. Қуръони Карим иддаеро ба ишора ёд мекунад, ки дар айни камоли яқин ба сидқ ва ростии Пайғамбари Акрам, инкор меварзиданд.

Алӣ алайҳис салом мефармояд: ҳикмат (яъне сухан ва матлаби дуруст ва муҳкам ва мантиқӣ) гумшудаи мӯъмин аст. (*“Наҳҷул-балоға”, ҳикмати 80*) Ва одамӣ гумшудаи худро ҳар ҷо ва дар дасти ҳар кас, ки бибинад онро мегирад. Масалан, агар касе ангуштари худро гум карда бошад ва баъд аз чанде онро бо тамоми нишониҳо рӯйи бисоти дастфурӯшӣ ва ё дар ангушти касе бибинад, муъаттал намешавад ва онро мутолаба мекунад ва агар монее дар кор набошад, онро бармедорад ва меравад. Мӯъмин ва мусалмони воқеӣ аз назари илмҷӯӣ ва ҳақиқатталабӣ набояд аҳаммият бидиҳад, ки ҳақиқатро ва илму ҳикматро дар назди чӣ касе меёбад; оё он кас, ки ин ганҷро дар ихтиёр дорад ҳамватани ӯст ё на, ҳамкеши ӯст ё ҳамкеши ӯ нест? Оё сиёҳпӯст аст ё сафедпӯст? Ба ҳеч як аз ин умур аҳаммият намедиҳад, фақат ба ин ҷиҳат аҳаммият медиҳад, ки оё он чи дар назди ӯ ҳаст, ҳақиқат аст ё ҳақиқат нест.

Дар қуруни аввалияи садри ислом, ки мусалмонон каму беш аз таълимоти ислом бархӯрдор буданд, ин ҳақиқат ва пайравӣ аз ин дастур комилан намудор аст. Масалан, дида мешавад ҳавзаи дарс ташкил шуда мураккаб аз арабу эронӣ ва ҳиндӣ ва қибтӣ ва барбар ва як устод аз яке аз ин нажодҳо барои ҳама тадрис мекунад. Чӣ бисёр аз аъроб, ки дар ҳавзаи дарси фарди эронӣ ё ғайри эронӣ менишастанд ва баръакс чӣ бисёр афроди эронӣ ва ё ғайри эронӣ, ки устодашон аз нажоди араб буд. Ҳатто дар мақоми таҳсили илм ва наздик шудан ба ҳақоиқи илмӣ аҳаммият намедоданд, ки устоде, ки аз ӯ илм фаро мегиранд чӣ кеше ва мазҳабе дорад. Асотиди пизишкии ғайри мусалмон барои

мусалмонон тадрис мекарданд ва мусалмонон фаро мегирифтанд, то он ҷо, ки худашон аз асотидашон болотар рафтанд ва номашон бештар авҷ гирифт.
Агар дар он вакт руҳияҳо ба воситаи ҷаҳлу ғуруру таассуб бемор буд, мегуфтанд, он тибб ва он мантиқ ва он фалсафа ва он одоб ва ҳикматҳо, ки аз нажоди дигар ё аҳли кеши дигар бояд ба дасти мо бирасад, мо намехоҳем, мо ҳозирем бемарони мо бимиранд ва илми тиббро аз бегонагон фаро нагирем, бояд барои ҳамеша дар ҷаҳлу маҳрумият мемонданд. Ин аст таассуби ботил ва ғалат.
Алӣ алайҳис салом баъд аз он ки мазаммати шадиде аз таассуб мекунад, мефармояд: агар фаразан мехоҳед ғурури миллӣ ва таассуб дошта бошед, нисбат ба фазоил ва макорим ва сифоти ҳасана таассуб дошта бошед; бо худ бигӯед, чаро фалон миллат олим аст ва мо олим нестем, пас бикӯшем, то ба онҳо бирасем ва аз онҳо ҳам ҷилавтар биравем. Чаро фалон миллат ахлоқу одот ва равобити иҷтимоияшон аз мо беҳтар аст, пас бикӯшем, ки монанди онҳо (бишавем) ва балки аз онҳо дар дурустӣ ва амонат ва фидокорӣ ва ҳусни ахлоқ ҷилавтар биравем; таассуби шумо дар ҷиҳати наздик шудан ба ҳақиқат бошад, на дар ҷиҳати дур шудан аз он.

## Хатари таҳриф дар санадҳои динӣ

Қуръони Карим касонеро зикр мекунад ва маломат мекунад, ки суханон ва қазоёеро таҳриф мекардаанд. Таҳриф бар ду қисм аст: як қисми таҳриф ин аст, ки гуфтае ё навиштаеро кам ё зиёд кунанд. Гоҳе хиёнаткороне пайдо мешаванд, ки дар осори дигарон даст мебаранд, чизеро кам мекунанд ва ё чизе бар он меафзоянд. Камтар китоби қадимӣ аст, ки аз дасти таҷовузи таҳрифкорон масун ва маҳфуз монда бошад. Ҳатто ба девонҳои шоирон даст бурдаанд, ашъоре бардошта ва ё бар он афзудаанд ва ё ҷумлае ё калимаеро тағйир додаанд ба тавре, ки барои муҳаққиқини баъдӣ мӯҷиби ишкол шудааст. Ин гуна таҳриф “таҳрифи лафзӣ” аст.
Қисми дигар аз таҳриф, “таҳрифи маънавӣ” аст. Таҳрифи маънавӣ ин аст, ки аз лафз, чизе намекоҳанд ва бар он чизе намеафзоянд; (балки) дар тафсиру тавҷеҳ ва таъвили маънии сухан он қадр дур мераванд ва мунҳариф мешаванд, ки мисли ин аст, ки он алфозро иваз карда бошанд. Ин қисм низ хиёнат аст. Хиёнат гоҳе ба мол ва гоҳе ба ҷон ва гоҳе ба обрӯст ва гоҳе ҳам ба фикр ва назар ва мақсуд аст. Агар шахсе фикре ва назаре иброз доштааст, ҳаққи ӯ эҷоб мекунад, ки мо айни гуфта ва навиштаи ӯро ба ӯ нисбат бидиҳем, дар маънии гуфта ё навиштаи ӯ низ тасарруф ва тағйире надиҳем.

Таҳриф ва табдили гуфта ё навиштае оддӣ он қадрҳо муҳим нест, ки тағйири гуфтаҳо ва навиштаҳое, ки аз асноди (санадҳои) башарият ба шумор меравад муҳим аст. Масалан, як вақт касе дар як шеъри шоир таҳриф мекунад, аммо як вақт ҳаст, ки дар як китоби муқаддаси осмонӣ ва дар як гуфтаи осмонӣ ва ё дар сухани як пайғамбар ё имом — ки барои миллионҳо нафар аз афроди башар санади қотеъ аст — таҳриф мекунанд. Ин дигар гуноҳи нобахшуданӣ аст.

Дар фанни мантиқ саноате аст, ки номи он саноат "муғолата" аст. Дар онҷо сездаҳ навъ ғалатандозиро, ки мумкин аст касе барои фиреб додани афкори дигарон ба кор бибарад, ташреҳ мекунанд, ба манзури ин ки як нафар донишҷӯи ҳақиқатҷӯ роҳҳои муғолата ва таҳрифро бозбишносад ва худро аз онҳо масун бидорад. Мегӯянд, беҳтарин асари мантиқ, шинохтани анвоъи мағлатакориҳо барои иҷтиноб ва эҳтироз аз онҳост; назири шинохтани пизишк аст анвоъи бемориҳо ва мӯҷиботи онҳоро.

Яке аз мардони бузургвори асҳоби пайғамбари Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи, Аммори Ёсир аст. Аммор аз мусалмонони аввалия аст, ки худаш ва падару модараш дар Макка мусалмон шуданд ва озорҳо аз маккиён диданд. Падару модари Аммор дар зери шиканҷаи маккиён ҷон супурданд, аммо худи Аммор ҷон ба саломат бурд ва муваффақ шуд ба Мадина муҳоҷират кунад. Расули Худо дар аввалин рӯзҳои вуруд ба Мадина заминеро хаткашӣ ва муайян кард барои масҷид ва дар ҳамон рӯзҳои аввалия мусалмонон ҳама бо якдигар ҳиммат карданд ва девори он масҷидро боло бурданд. Он масҷид ҳамон аст, ки баъдҳо ба номи Масҷидуннабӣ маъруф шуд. Масҷиди бошукӯҳи феълии Мадина тавсиаёфтаи ҳамон масҷид аст. Расули Худо худаш шахсан дар сохтани бинои ин масҷид ширкат кард. Яке аз ширкаткунандагон дар ин сохтмон, ҳамин Аммори Ёсир буд.

Аммор хеле беш аз андоза талош мекард ва нишот дошт. Расули Худо дар он вақт дар ҳузури ҷамъият ҷумлае дар бораи ӯ фармуд. Мазмуни он ҷумла ин буд, ки қатли Аммор дар оянда ба дасти иддае аз худи мусалмонон, ки ба ноҳақ саркашӣ мекунанд иттифоқ хоҳад афтод.

Зимнан ин гуфтаи Расули Худо ишора буд ба дастуре дар Қуръон, ки мефармояд: мумкин аст як вақт ҷанги дохилӣ дар миёни мусалмонон рух диҳад, дар ин вақт соири мусалмонон наметавонанд сукут ихтиёр кунанд, бояд аввалан кӯшиш кунанд, ки кор ба сулҳ бикашад, агар як даста туғён карданд ва ба сулҳ таслим нашуданд, вазифаи соири мусалмонон ин аст, ки ба нафъи дастаи сулҳталаб алайҳи дастаи ёғӣ ва саркаш вориди ҷанг бишаванд. (*Ҳуҷурот/9*) Ҷумлае, ки Расули Худо дар бораи Аммор фармуд, дар

ҳақиқат бедорбоше буд ба мусалмонон, ки дар оянда қабл аз ин ки умри Аммор ба поён бирасад, чунин ҳодисае рух хоҳад дод.
Аз он рӯз ин хабар дар миёни мусалмонон шойеъ шуд; вуҷуди Аммор ба манзилаи як миқёс барои рӯзе, ки ихтилоф дар миёни мусалмонон рух диҳад, муаррифӣ шуд. Дар ҳудуди 37 сол аз ин қазия гузашт, достони Сиффин пеш омад. Дар як тараф Алии Муртазо буд бо гурӯҳи зиёде аз бузургони саҳобаи Расули Худо, дар он тарафи дигар Муовия буд бо шомиён. Аммор ҷузъи асҳоби Алӣ алайҳис салом буд ва дар маъракаи Сиффин кушта шуд. Кушта шудани Аммор ғавғое дар миёни шомиён ва асҳоби Муовия эҷод кард, ҳадиси Расули Худоро ба ёдҳо овард, ки қотили Аммор тоифаи тоғӣ ва ёғӣ хоҳанд буд.
Инҷо таҳрифи маънавӣ, яъне як тавҷеҳ ва таъвили авомфиреб, кори худро кард. Муовия гуфт: Албатта сухани пайғамбар дуруст аст, қотили Аммор тоғӣ ва саркаш аст ва роҳи ноҳақ меравад, аммо қотили Аммор Алӣ буд, ки Амморро бо худ овард. Яке аз ҳуззори маҷлис гуфт: агар ин тавр аст, пас қотили Ҳамзаи Сайидушшуҳадо худи пайғамбар буд, зеро Ҳамза ба кӯмаки пайғамбар омада буд ва пайғамбар Ҳамзаро бо худ овард. Аммо шомиён нодонтар ва ғофилтар аз он буданд, ки гӯли ин муғолатаҳо ва таҳрифҳоро нахӯранд.
Заминаи таҳриф, ҷаҳл ва нодонии мардум аст. Мардум ба хусус нисбат ба асноди динӣ ва ахлоқии худашон хеле бояд бедор бошанд, ки дучори таҳриф нашавад. Хатарноктар аз ҳар навъ таҳриф, таҳриф дар асноди динӣ, яъне дар кутуби осмонӣ ва аҳодиси пайғамбар ва сираи пайғамбар ва осори имомони атҳор аст. Таҳриф дар Қуръони Карим ба сурати кам кардан ё зиёд кардан дар алфози он китоби муқаддас ҳеч гоҳ рух надодааст ва наметавониста рух бидиҳад ва дар оянда низ рух нахоҳад дод, аммо ҷилави таҳрифи маънавӣ ва тафсиру таъвилҳои беҷоро чизе нагирифтааст ва чӣ қадр ин китоби муқаддас аз ин роҳ садама дидааст?! Барои кунд кардани лабаи теғи ин китоби муқаддас ҳеч чизе ба андозаи ин таъвилу тафсирҳои беҷо муассир нест.
Ин китоби муқаддас зомини ҳифзи мусалмонон аст, ба шарти он ки мусалмонон низ мутақобилан онро дар як ноҳия ҳифз кунанд ва он, ноҳияи таҳрифи маънавӣ яъне тафсирҳо ва таъвилҳои беҷост.

## Таъсири гуноҳ ва муошират бо бадон дар сиёҳдилӣ

Дар аҳодис зикр шуда:

ما مِنْ شَيْءٍ أَفْسَدُ لِلْقَلْبِ مِنْ خَطيئَةٍ. إِنَّ الْقَلْبَ لَيُواقِعُ الْخَطيئَةُ بِهِ حَتّى تَقَلَّبُ عَلَيْهِ فَيَصيرُ أَعْلاهُ أَسْفَلَهُ

Яъне ҳеҷ чизе ба андозаи хато ва лағзиш ва гуноҳкорӣ, руҳро бемор ва фосид намекунад. Руҳ пушти сари ҳам кори сиёҳ анҷом медиҳад, то он ҷо, ки яксара зеру рӯ мешавад ва фитрати башарӣ ба як ҳайвони даранда ва балки бадтар аз он табдил мешавад.

Дар ҳадиси дигар ин тавр омада, ки дар ҳар руҳе як нуқтаи сафед ҳаст. Агар одамӣ гуноҳе бикунад, дар он нуқтаи сафед як нуқтаи сиёҳ пайдо мешавад. Агар аз ин гуноҳ пушаймон шавад ва тавба кунад, он нуқтаи торик маҳв мегардад ва агар ба гуноҳ идома бидиҳад, он нуқтаи сиёҳ тавсиа пайдо мекунад, то тамоми он сафедиро бигирад. Ҳамин ки дигар қисмати сафедӣ боқӣ намонд, суқути ин одам қатъӣ аст, умеде ба бозгашти ӯ нест.

Баъд дар ҳамин ҳадис фармуд: ин аст маънои ояти Қуръон:

كَلَّا بَلْ رَانَ عَلَى قُلُوبِهِمْ مَا كَانُوا يَكْسِبُونَ

(*Мутаффифин/14*) Яъне дар бораи инҳо сухан нагӯ, аъмоли торику сиёҳи инҳо ба сурати занг бар рӯйи қалбашон даромадааст. Ин оят ҳолати суқути ахлоқӣ ва руҳии башарро зикр мекунад.

Танҳо амали сиёҳу сиёҳкорӣ нест, ки руҳро сиёҳ мекунад; омилҳои дигар ҳам ҳаст, ки дар торик кардани руҳ ва тира сохтани дил муассир аст, аз он ҷумла аст муҳитҳо ва муоширатҳо. Таъсири муошират чӣ дар ҷиҳати некӣ ва чӣ дар ҷиҳати бадӣ, хеле возеҳ ва равшан аст. Одамӣ руҳи бисёр ҳассосе дорад, зуд таҳти таъсир воқеъ мешавад. Мумкин аст баъзе ашхос худашонро гӯл бизананд ва хаёл кунанд муҳит ва муошират дар онҳо таъсир надорад, вале иштибоҳ аст, инсон бо руҳи бисёр ҳассос ва қобили тағйир офарида шуда. Тағйироти руҳӣ, ки дар инсон пайдо мешавад магар хеле зиёд бошад, ки худаш бифаҳмад, вагарна камтар худи шахс мутаваҷҷеҳи тағйирот ва табдилоти руҳии худ мешавад. Инсон гоҳе ҷисман лоғар мешавад ва чанд кило сабуктар мегардад ва чоқ мешавад чанд кило сангинтар мешавад, то худашро вазн накунад, мутаваҷҷеҳ намешавад.

Тағйирот ва каму зиёдҳои руҳӣ ба дараҷоте номаҳсустар ва дақиқтар аст ва ба тариқи авло фаҳмида намешавад ва мутаассифона ҳамчу василае нест, ки инсон ҳар рӯз як бор ё ҳафтае як бор ва ё моҳе як бор ва ҳадди ақал соле як бор худашро вазн кунад ва бибинад

чӣ қадр аз лиҳози руҳия сабуктар ё сангинтар шуда. Салоҳу фасод бидуни он ки худи ашхос бифаҳманд аз фарде ба фарде сироят мекунад. (Мавлоно гӯяд)

*Меравад аз синаҳо дар синаҳо,*
*Аз раҳи пинҳон салоҳу кинаҳо.*

* * *

*Ҳамнишини аҳли маънӣ бош, то*
*Ҳам ато ёбиву ҳам бошӣ фато.*

* * *

*Нори хандон боғро хандон кунад,*
*Сӯҳбати мардонат аз мардон кунад.*
*Гар ту санги сахраву мармар шавӣ,*
*Чун ба соҳибдил расӣ, гавҳар шавӣ.*
*Меҳри покон дар миёни ҷон нишон,*
*Дил мадеҳ илло ба меҳри дилхушон.*
*Кӯйи навмедӣ марав, уммедҳост,*
*Сӯйи торикӣ марав, хуршедҳост.*
*Дил туро дар кӯйи аҳли дил кашад,*
*Тан туро бар ҳабси обу гил кашад.*
*Ҳин, ғизои дил бидеҳ аз ҳамдилӣ,*
*Рав, биҷӯ иқболро аз муқбиле.*

Алӣ алайҳис салом фармуд:

**واعْلَموا أَنَّ يَسيرَ الرِّياءِ شِرْكٌ وَمُجالَسَةَ أَهْلِ الْهَوى مَنْساةٌ لِلْايمانِ**

Бидонед, ки риёи кам ва кучак ҳам ширк ба Худост ва ҳамнишинӣ бо ҳавопарастон фаромӯшхонаи имон аст.

Таъбир бисёр расо ва комил ҳамин аст, ки Алӣ фармуд, фаромӯшхона аст. Яъне инсон он қадр таҳти таъсири дӯстон ва муоширони бад ҳаст, ки то вақте, ки бо онҳо ҳаст, мисли ин аст, ки ӯро дар фаромӯшхона бурдаанд, афкору ақоиди поки худро муваққатан аз ёд мебарад, мисли ин аст, ки дар он вақт ҳамчу афкору ақоиде надоштааст. Дар урф маъруф аст, ки муошират бӯй дорад, яъне ҳар кас бӯйи муоширатро мегирад, бӯйи хӯй меоварад.

Шоир мегӯяд:

*Аз боди сабо дилам чу бӯйи ту гирифт,*
*Бигзошт марову ҷустуҷӯйи ту гирифт.*
*Акнун зи манаш ҳеч намеояд ёд,*

*Бӯйи ту гирифта буд, хӯйи ту гирифт.*

(*Абӯсаъиди Абулхайр*)

Боз ҳам омилҳои дигаре барои сиёҳдилӣ ҳаст, ки иншоаллоҳ баъдан муфассалтар сӯҳбат мекунам. Асли матлаб ин аст, ки мо ба ин асл таслим бишавем, ки то қобилият ва истеъдод набошад, ҳеч камоле сурат намегирад. Таҳзиб ва тасфияи нафс барои ин аст, ки қобилият ва истеъдоди зотии инсон барои тараққӣ зойеъ нашавад ва балки бештар бишавад:

**قَدْ أَفْلَحَ مَنْ زَكَّاهَا. وَقَدْ خَابَ مَنْ دَسَّاهَا**

(*Шамс/9 ва 10*) Растгор шуд он кас, ки руҳи худро поку покиза нигоҳ дошт, зиён бурд он кас, ки ғишше ва ғилле дар руҳи худ ворид сохт.

Салби истеъдод ва қобилияти руҳ аз он назар, ки руҳ ҷавҳаре зинда аст, назири салби қобилияти ҳаёт аз як донаи гандум аст. Донаи гандум истеъдод дорад, ки кишт шавад ва рушду нумӯ кунад ва ба сурати соқа ва сунбула дарояд, аммо гоҳе мемирад, дигар қобили рӯйидан ва рушд нест. Ба ҳамин ҷиҳат аст, ки дар Қуръони Карим аз истеъдоди руҳии инсон ба "ҳаёт" таъбир мекунад, мефармояд:

**لِيُنْذِرَ مَنْ كَانَ حَيًّا وَيَحِقَّ الْقَوْلُ عَلَى الْكَافِرِينَ**

(*Ёсин/70*) Ин Қуръон шеър нест, хаёл нест, мо ба ӯ шеъру хаёл илқо накардем, шеъру тахайюл шоистаи ӯ нест; ин, зикр ва мояи бедорӣ ва ҳушёрӣ аст, қуръоне аст равшанкунанда, ки касонеро, ки зинда ҳастанд ва мояи зиндагӣ дар руҳи онҳо ҳаст ва намурдаанд, огоҳӣ диҳад ва эъломи хатар кунад. Ва аммо онҳо, ки ба куллӣ маҳҷуб ва бехабаранд, амри Ҳақ дар бораи онҳо ҷорӣ шавад. Қуръон, ки шеъру хаёл нест, ҳикмат аст, мояи ҳушёрӣ ва бедорӣ аст, омили ҳаёт аст, омили рӯёнидан аст, барои чӣ касоне муфид ва нофеъ аст? Чӣ касонеро рушд медиҳад ва мерӯёанад? Онҳоеро, ки лоақал партаве аз ҳаёт ва зиндагӣ дар донаи руҳу қалбашон боқӣ аст.

## Таоруфҳои дурӯғин

Агар кӯдак чашмаш ба як хӯрданӣ ё асбоббозӣ дар дасти дигарӣ биафтад, бемуҳобо алоқамандии худро зоҳир мекунад. Ва агар аз чизе нороҳат бишавад, фавран ҷилави гиряро раҳо мекунад, дар сурате, ки бузургсолон таҳти таъсири урфу одот ва ба хаёли ҳифзи шуъун ва шахсияти худ, мумкин нест дар чунин мавориде эҳсосоти худро зоҳир созанд ва ҳатто соҳибхона ҳар андоза исрор ва таоруф кунад, меҳмон бештар изҳори бемайлӣ мекунад.

Дар таърих омадааст, ки дар шаби зифофи Оиша, ки ба соддагӣ баргузор мешуд, косаи шире ба дасти Расули Худо (с) дода шуд. Он ҳазрат баъд аз он ки миқдоре аз он шир тановул фармуд, косаро ба Умми Салама дод ва фармуд: майл кун Умми Салама! Гуфт: майл надорам. Расули Худо фармуд: ҳам гуруснагӣ кашидан ва ҳам дурӯғ?! Яъне медонам майл дорӣ ва ба дурӯғ таоруф мекунӣ. Арз кард: оё ин ҳам дурӯғ маҳсуб мешавад? Фармуд: бале.

Таоруф, то он ҷо, ки пойи авотифи воқеӣ дар кор бошад ва мақсуди шахс ибрози отифа ва алоқа ва муҳаббат буда бошад, хуб ва писандида аст. Зиндагӣ агар орӣ аз авотиф бошад, хушк ва бе руҳ аст ва аз адаби отифа ва муҳаббат ин аст, ки мактум намонад ва ба тараф изҳор шавад, то муҳаббати ӯ низ ҷалб гардад.

Расули Худо фармуд: алоқае, ки миёни ту ва дӯстат ҳаст, онро зуд зоҳир соз, ки риштаи дӯстиро муҳкамтар мекунад. Таоруф, то он ҷо, ки ба сурати таբодули авотифи воқеӣ ва изҳори муҳаббати самимӣ бошад, хуб ва мустаҳсан аст. Аммо миллатҳое, ки рушди ахлоқӣ ва иҷтимоӣ надоранд, гирифтори анвоъи таоруфҳои дурӯғин мебошанд. Ду нафар аз онҳо, ки ҳамроҳи якдигар ҳастанд ва мехоҳанд ба утоқе ворид шаванд ё аз утоқе хориҷ гарданд, муддате бо якдигар таоруф мекунанд, дар сурате, ки ҳар кадом аз онҳо дар дили худ аз ҷилав афтодани дигарӣ норозӣ аст. Ҳамчунин аст таоруфҳое, ки баъзе мизбонҳо нисбат ба меҳмонон мекунанд, ҳама изҳороти бе руҳу хушк аст, тасаннӯъ ва зоҳирсозӣ аст. Ин гуна таоруфот дохил дар нифоқ ва дурӯӣ аст.

Гуфтем, ки нифоқ ва дурӯӣ аз мухтассоти башар аст ва агар дар баъзе ҳайвоноти дигар буда бошад, як дараҷаи хафифе аст. Бархе ҳайвонот монанди рӯбоҳ ба макру худъа маъруф шудаанд. Бадеҳӣ аст, ки макру худъаи он ҳайвонот қобили муқоиса бо макрҳо ва худъаҳо ва зоҳирсозӣ ва тасаннӯъҳои фарзанди Одам нест. Вале набояд чунин тасаввур кард, ки чун макру худъа ва дурӯӣ аз мухтассоти башар аст, пас камоле аст барои башар ва бояд аз он истифода кард, зеро дурӯӣ як навъ суистифодае аст аз як истеъдоди камолии башарӣ. Он чи камол аст, қудрат бар иститор ва роздорӣ ва мактум нигаҳ доштани фикр ва эҳсосоти дарунӣ аст; ин дар зоти худ камол аст ва айбе надорад. Дар ҳамаи зуруф ва аҳвол муқтазӣ нест, ки одамӣ ақидаи худро зоҳир кунад, зеро мумкин аст дигарон истеъдоди пазируфтани онро надошта бошанд ё онҳо суиният дошта бошанд ва мӯҷиби музоҳимати соҳиби ақидаро фароҳам кунанд. Ва ҳамчунин муқтазӣ нест, ки одамӣ дар ҳама ҷо эҳсосоти худро ошкор кунад. Аз одоби муошират ин аст, ки агар инсон ғаму ғуссае дорад, онро аз чеҳраи худ зоҳир насозад ва мӯҷиби малоли хотири дигарон нагардад.

Он чизе, ки накс аст ва номи нифоқ ва дурӯӣ дорад ин аст, ки одамӣ аз ҳамин қудрат ва истеъдоди худ барои фиреб додан ва гумроҳ сохтан ва гӯл задани дигарон истифода кунад. Пас нифоқ ва дурӯӣ дар айни ин ки аз мухтассоти инсон аст, камоли инсонӣ нест, балки як навъ суистифода аз як истеъдоди инсонӣ аст.

Мутаассифона бисёре аз мардум дучори ин иштибоҳ ҳастанд, нифоқ ва дурӯӣ ва макру худъаро як имтиёз барои худ мешуморанд ва ба он номи “зарангӣ” медиҳанд, садоқат ва сароҳат ва якрӯйиро аз камшуъурӣ мешуморанд, гумон мекунанд, ки бо макру худъа ва нифоқ беҳтар метавон бо омилҳои ҳаёт ҳамоҳангӣ кард ва пеш рафт, ғофил аз ин ки табъи олам бар дурустӣ ва садоқат аст, он кас, ки бо Худо макр кунад, Худованд фавқи ҳамаи макркунандагон аст. Қуръони Карим ҳамвора аз ростӣ ва садоқат ва сароҳат дам мезанад ва бо нидои баланд мефармояд, ки макру найрангу нифоқ — бо ҳамаи пешрафтҳои муваққат — маҳкум ба шикаст хӯрдан аст, рӯзгор басоти найранг ва дурӯиро дарҳам мепечад ва шишаи нифоқро мешиканад, асоси олам бар ҳақиқат аст на бар маҷоз ва наметавон низоми ростини ҷаҳонро ба бозӣ гирифт ва бо фалаки ҳуққабоз бунёди макр ниҳод:

*Бозии чарх бишқанадаш байза дар кулоҳ,*
*Зеро ки арзи шӯъбада бо аҳли роз кард…*
*Санъат макун, ки ҳар кӣ муҳаббат на рост бохт,*
*Ишқаш ба рӯи дил дари маънӣ фароз кард…*
*Фардо, ки пешгоҳи ҳақиқат шавад падид,*
*Шарманда раҳраве, ки амал бар маҷоз кард.*
*(Ҳофиз)*

## Назари дин дар бораи дунё

Мавзӯи баҳс, дунё аз назари дин аст. Албатта мо танҳо аз назари дини ислом баҳс мекунем.

Махсусан назари мо ба мантиқе аст, ки Қуръони Карим дар ин боб пеш гирифтааст. Ин мантиқ лозим аст равшан шавад, зеро мутадовалтарин матлабе, ки ба унвони мавъиза ва насиҳат аз забони дин гуфта мешавад, ҳамонҳост, ки таҳти унвони мазаммати дунё ва бадии дунё ва тавсияи тарки дунё ва раҳо кардани он гуфта мешавад. Ҳар касе мехоҳад воиз бишавад, мардумро мавъиза кунад, аввал матлабе, ки ба зеҳнаш мерасад ин аст, ки биравад ҷумлаҳои шеър ё наср дар мазаммати дунё ва пешниҳоди тарки дунё ёд бигирад.

Ба ҳамин ҷиҳат ба андозае, ки ин матлаб ба гӯши мардум хӯрда, ҳеч матлаби дигар ба гӯшашон нахӯрдааст.

Ин матлаб бо тарбият ва ахлоқи мардум ва навъи таваҷҷӯҳе, ки бояд ба масоили зиндагӣ дошта бошанд марбут аст. Аз ин назар дар дараҷаи аввали аҳаммият аст. Агар ба тарзи хуб ва маъқуле тафсир шавад, дар таҳзиби ахлоқ ва иззати нафс ва баландии назар ва хушбахтии фардӣ ва ҳусни равобити иҷтимоии мардум муассир аст ва агар ба тарзи номатлубе тафсир шавад, мӯҷиби тахдир ва бе ҳис кардани аъсоб ва бе қайд кардани онҳо ва сарманшаъи ҳама навъ бадбахтӣ ва бечорагиҳои фардӣ ва иҷтимоӣ хоҳад шуд.

## Тафсири ғалат аз зуҳд ва тарки дунё

Аз қазо тадриҷан ҷониби тафсири дуввум чарбида, мавъизаҳо ва насиҳатҳое, ки тадриҷан ба шеър ё наср дар ин замина пайдо шуда ғолибан ба шакли дуввум аст ва асари тахдир ва бе ҳис карданро дорад. Ва ин ду иллат дорад: яке, нуфуз бархе афкор ва фалсафаҳое, ки пеш аз ислом буда ва мубтанӣ аст бар бадбинӣ ба ҳастӣ ва ҷаҳон ва гардиши рӯзгор ва бар шаррияти он чи дар ин ҷаҳон аст, ки дар асари ихтилоти миллатҳои исломӣ дар миёни мусалмонон шойеъ шудааст.

Дигар, ҳаводиси таърихии ногувор ва иллатҳои иҷтимоии хоссе, ки дар тӯли чаҳордаҳ қарн дар муҳити исломӣ рух дод ва табъан муваллиди бадбинӣ ва беалоқагӣ ва шуюъи фалсафаҳои мабнӣ бар бадбинӣ гардидааст.

Ҳоло мустақиман бояд бибинем мантиқи Қуръон дар ин замина чист. Оё метавон ҳамин фалсафаи бадбиниро аз Қуръон истихроҷ кард ё ин ки дар Қуръон чунин матлабе ёфт намешавад?

## Зуҳд дар Қуръон

Дар Қуръони Карим дар айни ин ки аз дунё ба унвони як зиндагонии фонӣ, ки қобил нест инсон онро мунтаҳои орзу ва охирин мақсад қарор диҳад ёд шуда –

الْمَالُ وَالْبَنُونَ زِينَةُ الْحَيَاةِ الدُّنْيَا وَالْبَاقِيَاتُ الصَّالِحَاتُ خَيْرٌ عِنْدَ رَبِّكَ ثَوَابًا وَخَيْرٌ أَمَلًا

(*Каҳф/46*) Яъне сарват ва фарзандон равнақи ҳамин зиндагонии дунё ҳастанд ва аммо аъмоли солеҳе, ки боқӣ мемонад беҳтар аст аз лиҳози подоши парвардигор ва аз лиҳози ин ки инсон ба онҳо дил бибандад.

Қуръон бо ин ки дунёро ба унвони ин ки ғояти омол ва мунтаҳои орзу бошад қобил ва лоиқ барои башар намедонад, дар айни ҳол намегӯяд, ки мавҷудот ва махлуқот аз осмону замин ва кӯҳу дарё ва саҳрову набот ва ҳайвону инсон бо ҳамаи низомоте, ки доранд ва

гардишҳо ва ҳаракатҳо, ки мекунанд зишт аст, ғалат аст, ботил аст, балки баръакс, ин низомро низоми ростин ва ҳақ медонад ва мегӯяд:

وَمَا خَلَقْنَا السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضَ وَمَا بَيْنَهُمَا لَاعِبِينَ

(*Духон/38*) Мо осмонҳо ва замин ва он чи миёни онҳост, ба қасди бозӣ наёфаридаем.

Қуръони Карим ба мавҷудот ва махлуқоти олам аз ҷамоду наботу ҳайвон қасам мехӯрад:

وَالشَّمْسِ وَضُحَاهَا. وَالْقَمَرِ إِذَا تَلَاهَا

(*Шамс/1 ва 2*)

وَالتِّينِ وَالزَّيْتُونِ. وَطُورِ سِينِينَ. وَهَذَا الْبَلَدِ الْأَمِينِ

(*Тин/1-3*)

وَالْعَادِيَاتِ ضَبْحًا. فَالْمُورِيَاتِ قَدْحًا

(*Одиёт/1 ва 2*)

وَنَفْسٍ وَمَا سَوَّاهَا. فَأَلْهَمَهَا فُجُورَهَا وَتَقْوَاهَا

)*Шамс/7 ва 8*)

Қуръон мефармояд:

مَا تَرَى فِي خَلْقِ الرَّحْمَنِ مِنْ تَفَاوُتٍ فَارْجِعِ الْبَصَرَ هَلْ تَرَى مِنْ فُطُورٍ

(*Мулк/3*)

Асосан бадбинӣ ба хилқат ва офариниш ва ба гардиш ва низоми олам, бо фалсафаи ислом яъне бо ҳастаи маркази фалсафаи ислом, ки тавҳид аст созгор нест. Ин гуна назарияҳо ё бояд бар материализм ва моддият ва инкори мабдаъи Ҳаққи ҳакими одил мубтанӣ бошад ва ё бар асоси санавият ва дугонагии вуҷуд ва ҳастӣ, ҳамон тавре, ки дар бархе фалсафаҳо ё ойинҳо ба ду асл ва ду мабдаъ барои ҳастӣ мӯътақид шудаанд, якеро мабдаъи хайрот ва некиҳо ва дигареро мабдаъи шурур ва бадиҳо донистаанд.

Аммо дар дине, ки бар асоси тавҳид ва эътиқод ба Худои раҳмон ва раҳим ва алим ва ҳаким бино шуда ҷойе барои ин афкор боқӣ намемонад, ҳамон тавре, ки дар оятҳои зиёде тасреҳ шудааст.

Он чи ба унвони фано ва заволи дунё ва ташбеҳ ба гиёҳе, ки дар асари борон аз замин сар мезанад ва баъд рушд мекунад сипас зарду хушк мешавад ва тадриҷан аз байн меравад гуфта шуда, дар ҳақиқат барои боло бурдани арзиши инсон аст, ки инсон набояд ғояти омол ва мунтаҳои орзуи худро умури моддӣ ва он чи аз шуъуни умури моддӣ аст қарор диҳад, моддиёти дунё арзиши инро надорад, ки ҳадафи аъло бошад. Ин ҷиҳат рабте надорад ба ин ки мо дунёро дар зоти худаш шарр ва зишт бидонем.

Ба ҳамин ҷиҳат аст, ки ҳеҷ кас аз донишмандони исломӣ дида нашуда, ки он силсила аз оётро ба унвони бадбинӣ ба хилқат ва гардиши рӯзгор тавҷеҳ карда бошад.

## Оё алоқа ба дунё мазмум аст?

Тафсиру тавҷеҳе, ки аз тарафи баъзе барои он оятҳо шуда яке ин аст, ки гуфтаанд: манзури ин оятҳо бадии худи дунё нест, зеро худи дунё иборат аст аз ҳамин аъёну ашёи заминӣ ва осмонӣ ва ҳеҷ як аз инҳо бад нест; инҳо ҳама оятҳои ҳикмат ва қудрати парвардигоранд ва наметавонанд бад буда бошанд. Он чизе, ки бад ва мазмум аст, муҳаббат ва алоқа ба ин умур аст. Муҳаббати дунё ва алоқа ба дунё бад аст, на худи дунё. Ҳамон тавре, ки медонем, дар заминаи мазаммат ва тақбеҳи муҳаббати дунё он қадр ба шеъру наср гуфта шудааст, ки аз ҳадди эҳсо хориҷ аст.

Ин тафсир хеле шойеъ аст. Аз ғолиби ашхос, ки шумо бипурсед маънии бадии дунё чист, хоҳанд гуфт, маъниаш ин аст, ки муҳаббати дунё бад аст, вагарна худи дунё, ки бад нест, агар бад буд, Худованд халқ намекард.

Агар диққат бикунем, ин тафсир — ҳарчанд хеле маъруфу машҳур аст ва хеле мусаллам фарз шуда — беишкол нест ва бо баёноти худи Қуръон вифқ намедиҳад, зеро аввалан бояд бибинем оё алоқае, ки башар ба дунё дорад, алоқаи фитрӣ ва табиӣ аст, яъне дар ниҳоди башар ва ғаризаи башар ин алоқа гузошта шуда ё баъдҳо дар асари омилҳои хоссе, масалан ба ҳукми одат ва талқин ё соири омилҳо, дар башар пайдо мешавад? Масалан, падарону модарон ба фарзандон ва фарзандон ба волидайни худ алоқа ва муҳаббат доранд; марду зан ҳар кадом ба ҷинси мухолифи худ алоқа доранд; ҳар касе ба молу сарват алоқа дорад, ба маҳбубият ва эҳтиром алоқа дорад, ба хеле чизҳои дигар алоқа дорад. Ин алоқаҳо оё фитрӣ ва табиии ҳар кас аст ё маснуъӣ аст ва дар асари суитарбият пайдо мешавад?

Бидуни шак ин алоиқ, табиӣ ва фитрӣ аст ва дар ин сурат чӣ гуна мумкин аст бад ва мазмум бошад ва вазифаи инсон ин бошад, ки ин алоиқро аз худ дур бикунад? Ҳамон тавр, ки махлуқот ва мавҷудоти берун аз вуҷуди инсон ҳеҷ кадомро наметавон гуфт шарр аст ва холӣ аз ҳикмат аст ва ҳамон тавр, ки аъзо ва ҷавореҳи бадани инсон ҳеҷ кадом беҳикмат нест (як раги рез, як узви кучак, як мӯ дар бадани инсон ё ҳайвони ёфт намешавад, ки зоид ва беҳикмат буда бошад), ҳамин тавр ҳам дар қувваҳо ва ғароиз ва аъзои руҳии инсон, дар майлҳо ва рағбатҳои инсон ҳеҷ майлу рағбат ва алоқаи табиӣ ва фитрӣ нест, ки беҳикмат бошад, ҳадаф ва мақсаде надошта бошад, ҳамаи инҳо ҳикмат дорад. Алоқа ба фарзанд, алоқа ба падару модар, алоқа ба ҳамсар, алоқа ба молу сарват,

алоқа ба пеш афтодан ва тақаддум, алоқа ба эҳтиром ва маҳбубият, ҳамаи инҳо ҳикматҳои бузурге дорад, ки бидуни инҳо асоси зиндагии башар аз ҳам пошида мешавад.

Ба илова, худи Қуръони Карим ҳамин муҳаббатҳоро ба унвони нишонаҳои ҳикмати парвардигор зикр мекунад. Масалан, дар сураи Рум дар радифи ин ки хилқати башар ва хоб ва баъзе чизҳои дигарро аз оятҳо ва нишонаҳои ҳикмат ва тадбири Худованд зикр мекунад, мефармояд:

**وَمِنْ آيَاتِهِ أَنْ خَلَقَ لَكُمْ مِنْ أَنْفُسِكُمْ أَزْوَاجًا لِتَسْكُنُوا إِلَيْهَا وَجَعَلَ بَيْنَكُمْ مَوَدَّةً وَرَحْمَةً إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَآيَاتٍ لِقَوْمٍ يَتَفَكَّرُونَ**

(*Рум/21*) Яъне яке аз нишонаҳои парвардигор он аст, ки аз ҷинси худи шумо одамиён барои шумо ҷуфт ва ҳамсар офарид ва миёни шумо маваддат ва муҳаббат эҷод кард ва дар ин ҳақиқат, нишонаҳо аз тадбир ва тасхир ва ҳикмати парвардигор аст барои касоне, ки дар ин масоил фикр кунанд.

Агар муҳаббати ҳамсар бад мебуд, дар ин оят ба унвони яке аз нишонаҳо ва осори ҳикмат ва тадобири ҳакимонаи Худованд зикр намешуд.

Мусалламан ин алоқа дар табиати мардум ниҳода шуда ва хеле возеҳ аст, ки ин алоиқ муқаддима ва василае аст барои ин ки умури ҷаҳон назму гардиши муназзами худро дошта бошад. Агар ин алоиқ набуд, на насл идома пайдо мекард ва на зиндагӣ ва тамаддун пеш мерафт ва на кору касб ва ҳаракату ҷунбише дар кор буд, балки башаре дар рӯйи замин боқӣ намемонд.

## Роҳи ҳаллҳо

Ин, ду тафсир ва ду назар дар бораи дунё: яке, назари касоне, ки олами дунёро биззот олами шарру фасод ва табоҳӣ медонанд ва яке, назари касоне, ки худи дунёро хуб медонанд, аммо алоқа ва муҳаббат ба дунёро бад медонанд.

Аммо онҳо, ки ба тамоми дунё ва ҳастӣ бо назари бадбинӣ нигоҳ мекунанд ва ҳастӣ ва ҳаётро шарр ва табоҳӣ медонанд, роҳи чора ва роҳи ҳалле ҳам барои саодати башар ва наҷоти ӯ аз бадбахтӣ надоранд, магар пучигароӣ ва худкушӣ. Саҳифтарин суханон ҳамин сухан аст ва бадбахттарини мардуми дунё ҳам ҳамин ашхос ҳастанд. Инҳо ба қавли Уилям Ҷеймс, монанди муше, ки дар зери тала чирҷир мекунад, бояд оҳ бикашанд ва нола кунанд.

Вале онҳое, ки гуфтаанд, худи дунё бад нест, алоқаи ба дунё бад аст, мегӯянд, чунин нест, ки бояд сӯхту сохт, роҳи ҳалл барои саодати башар ва наҷоти ӯ аз бадбахтӣ ин аст, ки бо ин алоқаҳо мубориза ва решаи онҳо канда шавад, он вақт инсон аз чанголи шурур раҳоӣ меёбад ва шоҳиди саодатро дар оғӯш мегирад.

Дар ҷавоби ин гурӯҳ бояд гуфт: гузашта аз ин ки қувваҳо ва майлҳо ва рағбатҳои табиӣ ва фитрӣ, ки дар рух аст, тибқи як назари фалсафии дақиқ — ки ахиран равоншиносӣ ҳам онро таъйид кард — қобили қалъу қамъ кардан ва решакан кардан нест ва ҳаддиаксар ин аст, ки дар асари риёзатҳо ва муҷоҳидатҳо пасронда шавад ва ба шуъури ботин бигурезад ва баъд аҳёнан ба сурати хатарноке аз маҷрои дигаре бурузу зуҳур кунад ва тавлиди беморихои рухӣ ва асабӣ бинамояд, қатъи назар аз ин ҷиҳат, қатъи решаи алоиқ сад дар сад бар зарари башар аст, дуруст мисли ин аст, ки узве аз аъзои ӯро — даст ё по ё чашм ё биниро — қатъ кунанд.

Ҳар қувва ва ғаризае нерӯе аст дар вуҷуди инсон ва барои эҷоди ҳаракате ва коре дар вуҷуди инсон гузошта шуда, лағву абас дар хилқат нест, ба чӣ ҷиҳат бояд маркази ин нерӯро хароб карда ва аз байн бурд?

## Мантиқи Қуръон

Он чизе, ки аз Қуръони Карим истифода мешавад ин нест, ки асосан алоқа ва муҳаббат ба коинот бад аст ва роҳи чора ҳам ин таъйин нашуда, ки алоиқ ва муҳаббатҳоро бояд саркӯб кард. Он матлаб, матлаби дигаре аст ва роҳи чора ҳам ғайр ин аст.

Он чи Қуръон онро мазмум мешуморад, алоқа ба маънии баста будан ва дилхуш будан ва қонеъ будан ва ризоят додан ба умури моддии дунявӣ аст. Қуръон мефармояд:

الْمَالُ وَالْبَنُونَ زِينَةُ الْحَيَاةِ الدُّنْيَا وَالْبَاقِيَاتُ الصَّالِحَاتُ خَيْرٌ عِنْدَ رَبِّكَ ثَوَابًا وَخَيْرٌ أَمَلًا

(*Каҳф/46*) Яъне сарват ва фарзандон мояи равнақи зиндагии ҳамин дунёст ва аммо аъмоли солеҳ, ки боқӣ мемонанд аз назари подоши илоҳӣ ва аз назари ин ки инсон онҳоро ҳадаф ва идеал қарор диҳад, беҳтаранд.

Пас сухан дар ҳадаф ва идеал ва камоли матлуб аст.

Қуръони Карим аҳли дунёро ин тавр васф мекунад:

إِنَّ الَّذِينَ لَا يَرْجُونَ لِقَاءَنَا وَرَضُوا بِالْحَيَاةِ الدُّنْيَا وَاطْمَأَنُّوا بِهَا وَالَّذِينَ هُمْ عَنْ آيَاتِنَا غَافِلُونَ

(*Юнус/7*) Онҳое, ки умедвор ба мулоқоти мо нестанд ва ризоят додаанд ба зиндагии дунё ва ба он ором гирифтаанд ва онҳо, ки аз оятҳои мо ғофиланд.

Дар ин оят сухан аз мазмум будан ва ризоят додан ва қонеъ шудан ва ором гирифтан ба моддиёт аст. Ин, васфи аҳли дунёст ба маънои мазмуми он.

Ё мефармояд:

فَأَعْرِضْ عَنْ مَنْ تَوَلَّى عَنْ ذِكْرِنَا وَلَمْ يُرِدْ إِلَّا الْحَيَاةَ الدُّنْيَا. ذَلِكَ مَبْلَغُهُمْ مِنَ الْعِلْمِ

(*Наҷм/29 ва 30*) Яъне рӯ бигардон аз онҳо, ки ба Қуръон пушт кардаанд ва ҷуз зиндагии дунё намехоҳанд ва ҳадди илмӣ ва сатҳи фикрии онҳо ҳамин қадр аст.

Боз ҳам сухан дар бораи афроде аст, ки ҷуз дунё ҳадаф ва матлубе надоранд ва сатҳи фикрашон аз моддиёт болотар нест.

Ё мефармояд:

زُيِّنَ لِلنَّاسِ حُبُّ الشَّهَوَاتِ مِنَ النِّسَاءِ وَالْبَنِينَ وَالْقَنَاطِيرِ الْمُقَنْطَرَةِ مِنَ الذَّهَبِ وَالْفِضَّةِ وَالْخَيْلِ الْمُسَوَّمَةِ وَالْأَنْعَامِ وَالْحَرْثِ ذَلِكَ مَتَاعُ الْحَيَاةِ الدُّنْيَا وَاللَّهُ عِنْدَهُ حُسْنُ الْمَآبِ

(*Оли Имрон/14*) Алоқа ба шаҳавот аз қабили зану фарзандон ва тилло ва нуқра ва аспони олӣ ва чаҳорпоён ва кишту заръ дар назари инҳо ҷилва кардааст; инҳо колои дунёст ва оқибати нек бо Худост.

Дар ин оят низ сухан аз сирфи майлу рағбати табиӣ нест; сухан дар ин аст, ки муҳаббат ба мазоҳири шаҳват дар назари баъзе аз мардум зинат дода шуда ва бузургтар ва зеботар аз он чи ки ҳаст ҷилва дода шуда ва афродро ба худ машғулу мафтун кардааст ва ба сурати камоли матлуб даромадааст.

Ё мефармояд:

أَرَضِيتُمْ بِالْحَيَاةِ الدُّنْيَا مِنَ الْآخِرَةِ فَمَا مَتَاعُ الْحَيَاةِ الدُّنْيَا فِي الْآخِرَةِ إِلَّا قَلِيلٌ

(*Тавба/38*) Оё ба дунё ба ивази охират ризоят додаед? Дунё нисбат ба охират ҷуз андаке нест.

Ҳамаи инҳо интиқод аз дилхушӣ ва ризоят ва қаноат ба алоиқи дунявӣ аст.

**Фарқ аст байни алоқа ба молу фарзанд ва соири шуъуни зиндагии дунёвӣ ва байни қонеъ будан ва ризоят додан ва ғояти омол қарор додани инҳо**. Вақте, ки нуқтаи ҳадаф, ҷилавгирӣ аз инҳисор ва маҳдуд шудани башар ба алоиқи моддӣ бошад, роҳи чора саркӯб кардан ва қатъу буридани алоиқи табиии моддӣ ва мунҳадим кардани ин нерӯҳо нест, балки роҳи чора озод кардан ва ба кор андохтани як силсила алоиқи дигаре аст дар башар, ки онҳо баъд аз алоиқи ҷисмӣ пайдо мешаванд ва эҳтиёҷ ба таҳрик ва эҳё доранд.

Пас дар ҳақиқат таълимоти динӣ барои бедор кардани шуъурҳои олитаре дар инсон аст ва он шуъурҳо дар ғариза ва фитрати башар ҳастанд ва чун олитаранд ва аз мақоми олии

инсон сарчашма мегиранд, дертар бедор мешаванд ва эҳтиёҷ ба таҳрик ва эҳё ва бедор кардан доранд. Он шуъурҳо марбут ба маънавиёт аст.

Ҳар алоқае чашмае аст аз руҳи инсон, ки боз мешавад ва ҷорӣ мегардад.

**Мақсуди дин, бастани чашмаҳои маҳсуси моддӣ нест; мақсуд боз кардан ва кӯшиш барои ҷорӣ сохтани чашмаҳои дигар аст, яъне чашмаҳои маънавиёт**. Ва ё ба иборати дигар, ҳадаф маҳдуд кардан ва кам кардани нерӯҳои махсус аз он миқдор, ки дар матни хилқат ба дасти ҳикмати парвардигор офарида шуда нест, балки ҳадаф, озод кардани як силсила нерӯҳои маънавӣ аст, ки эҳтиёҷ ба озод шудан дорад. Бо як мисоли содда матлабро тавзеҳ медиҳем:

Инсон фарзанде дорад ва ӯро ба мадраса мефиристад. Вақте, ки мебинад он бачча тамоми алоқа ва ҳимматаш ба бозӣ ва шикамхорагӣ аст, нороҳат мешавад ва ӯро мавриди итоб қарор медиҳад, ӯро бозигӯш ва шикамхора мехонад ва бо ин ановин ӯро маломат мекунад, зеро майл дорад, ки дар он бачча алоқа ба дарс ва китоб ва хондан ва навиштан пайдо бишавад. Ин алоиқ табъан аз алоқа ба бозӣ ва хӯрок дертар дар бачча пайдо мешавад, ба илова эҳтиёҷ дорад ба таҳрик ва ташвиқ. Ғаризаи илм дар ҳар башаре ҳаст, дар айни ҳол бояд онро таҳрик кард.

Вале ин далел нест, ки падар мехоҳад фарзандаш асосан рағбате ба бозӣ ва рағбате ба ғизо ва истироҳат надошта бошад. Агар рӯзе эҳсос кунад, ки майл ба бозӣ ё ба ғизо аз бачча салб шуда фавқулъода нороҳат мешавад ва онро далел бар як навъ беморӣ мегирад ва ба табиб муроҷеа мекунад, зеро медонад баччаи солим дар айни ҳол, ки бояд ба мадраса ва китоб алоқа дошта бошад, бояд нишот дошта бошад ва ба мавқеъ бозӣ кунад, ба мавқеъ ғизо бихӯрад. Пас вақте, ки падар фарзандро ба унвони бозигӯш ё шикаму маломат мекунад, дар ҳақиқат аз ҳаср ва инҳисори алоқаи ӯ ба бозӣ ё хӯрдан нолон аст.

## Решаи ин мантиқ дар ҷаҳонбинии исломӣ

Ин мантиқ, ки Қуръони Карим дар бораи дунё ва манъи ҳасри алоиқ ба дунё ва моддиёт дорад, ба сабаби як навъ нигариши Қуръон аст дар бораи ҷаҳон ва дар бораи инсон. Қуръони Карим нашъати вуҷудро мунҳасир ба нашъаи моддӣ ва дунёвӣ намедонад; бо эътироф ба азамати ин дунё дар дараҷае, ки ҳаст, ба нашъаи дигар, ки басе азимтар ва васеътар ва фасеҳтар аст қоил аст, нашъаи дунё дар баробари ӯ чизе ба шумор намеравад. Ва мегӯяд, зиндагонӣ мунҳасир ба нашъаи дунё нест, дар нашъаи охират ҳам ҳаёте дорад.

Пас қаҳран инсон дар назари Қуръон бо ин ки аз меваҳои дарахти ҳамин дунёст, доманаи вуҷуд ва ҳаёташ то моварои дунё ҳам густурда шуда. Қаҳран ин инсон бо ин аҳаммият набояд ҳадафи ниҳоии худро дунё ва моддиёт қарор диҳад ва худро ба дунё бифурӯшад. Алӣ алайҳис салом мефармояд:

وَلَبِئْسَ الْمَتْجَرُ أَنْ تَرَى الدُّنْيا لِنَفْسِكَ ثَمَناً

Бад муомилае аст, ки худро ба дунё бифурӯшӣ!

Пас, ҳамон тавре, ки як фасл аз фусули ҷаҳонбинӣ ва фалсафаии қуръонӣ яъне фасли тавҳид — чунонки дар оғози сухан арз кардам — иҷоза намедиҳад, ки мо бо чашми бадбинӣ ба дунё ва ҷаҳони маҳсус нигоҳ кунем, як фасли дигар аз фусули ҷаҳоншиносӣ ва фалсафаии қуръонӣ эҷоб мекунад, ки ҳадафи аъло ва ғояти омоли инсон болотар аз дунё ва моддиёт бошад ва он фасл, фасли маъод ва инсон аст.

## Ахлоқ ва дунёпарастӣ

Гузашта аз инҳо, як фасли дигар ҳам дар ислом ҳаст, ки он низ эҷоб мекунад, ки аз аҳаммият додан ба моддиёт коста шавад ва он, фасли тарбият ва ахлоқ аст.

Ин қисматро соири макотиби тарбиятӣ ҳам қабул доранд, ки барои тарбияти иҷтимоии башар ва барои омодагии башар барои зиндагии иҷтимоӣ бояд коре кард, ки афрод ҳадаф ва идеали маънавӣ дошта бошанд ва ба моддиёт ҳирс наварзанд. Оташи ҳирсу тамаъ ҳар андоза тезтар бишавад, мӯҷиби умрон ва ободии иҷтимоъ, ки намешавад саҳл аст, мӯҷиби харобӣ ва вайронии иҷтимоъ ҳам мегардад.

Аз назари саодати як фард ҳам ҳарчанд набояд ифрот кард ва монанди бархе аз фалосифа гуфт, ки саодат ва хушӣ дар тарки ҳама чиз аст, аммо бидуни шак табъи мустағнӣ ва беэътино яке аз шароити аввалияи саодат аст. Инҷо ба як тавзеҳи дигар ниёзмандем:

Мумкин аст касе тасаввур кунад, ки аз он чи гуфтем, ки манзур ҷилавгирӣ аз инҳисор ва маҳдуд шудани алоиқи башар ба моддиёт аст, ин тавааҳҳум падид ояд, ки бояд ҳам Худоро дӯст дошт ва ҳам дунёро, ҳам моддаро камоли матлуб қарор дод ва ҳам маъниро, яъне навъе ширк.

Хайр, манзур ин нест. Манзур ин аст, ки инсон як силсила авотиф ва дилбастагиҳои табиӣ ба ашё дорад, ки инҳо бар асоси ҳикматҳое дар инсон офарида шуда ва ҳамаи анбиё ва авлиё аз ин гуна авотиф баҳраманд будаанд ва Худовандро бар онҳо шукр мекардаанд. Ва инҳо на қатъ шуданӣ аст ва на фаразан қатъ шуданӣ бошад, хуб аст, ки қатъ шавад. Инсон зарфияти дигаре дорад моварои ин майлҳо ва авотиф ва он зарфияти камоли матлуб доштан ва идеал доштан аст. Дунё ва моддиёт набояд ба сурати идеал ва

камоли матлуб дарояд. Муҳаббате, ки мазмум аст ин гуна муҳаббат аст. **Майлҳо ва авотиф як навъ истеъдод аст дар башар ва ба манзилаи абзорҳое барои зиндагӣ ҳастанд, аммо истеъдоди камоли матлуб доштан истеъдоди хоссе аст, ки аз умқи инсоният ва ҷавҳари инсоният сарчашма мегирад ва аз мухтассоти инсон аст**. Паёмбарон наомадаанд майлҳоро ва авотифро аз байн бибаранд ва сарчашмаи онҳоро бихушконанд, балки онҳо омадаанд дунё ва моддиётро аз сурати камоли матлуб хориҷ намоянд ва Худо ва охиратро ба унвони камоли матлуб арза намоянд. Ва дар ҳақиқат анбиё мехоҳанд нагузоранд, ки дунё ва моддиёт аз ҷойгоҳи табиии худ яъне мавриди рағбат ва майлу отифа будан — ки ҷойгоҳе табиӣ аст ва навъе пайванди табиӣ миёни инсон ва ашё аст — хориҷ шуда нақли макон диҳад ва дар он ҷойгоҳи муқаддас, ки қалб номида мешавад ва ҳастаи марказии вуҷуди инсон аст ва зарфияти инсонии ӯст ва конуни кашиши ӯ ба сӯйи лоятаноҳӣ аст, биншинад ва биттабъ монеъи парвози инсон ба сӯйи камоли лоятаноҳӣ гардад.
Ин ки дар Қуръони Карим ворид шуда:

**ما جَعَلَ اَللّهُ لِرَجُلٍ مِنْ قَلْبَيْنِ فِي جَوْفِهِ**

(*Аҳзоб/4*) — яъне Худованд дар андаруни касе ду дил қарор надода, ба манзури ин нест, ки мардум ё бояд ба Худо алоқа дошта бошанд ё ба ғайри Худо аз зану фарзанд ва молу ғайра; (балки) мақсуд ин аст, ки мардум бояд як ҳадафм аъло ва мунтаҳои орзу дошта бошанд. Ду чизе, ки бо ҳам ҷамъ намешавад ин аст, ки мунтаҳои орзу Худо бошад ё моддиётм дунявӣ, вагарна сирфм алоқа ба чанд чиз дар они воҳид хеле возеҳ аст, ки муяссар аст.

## Ҳақиқати зуҳд

**بسم الله الرّحمن الرّحيم**

**الحمدلله رب العالمين، بارئ الخلائق أجمعين والصلوة والسلام على عبد الله ورسوله وحبيبه وصفيّه محمّد وآله الطاهرين**

**وَلَوْ شِئْنا لَرَفَعْناهُ بِها وَلكِنَّهُ أَخْلَدَ إِلَى اَلْأَرْضِ وَاِتَّبَعَ هَواهُ**

(*Аъроф/176*)

Сухани дишаб дар атрофи мавзӯъи дунё аз назари дин ва робитаи дин ва дунё буд; дар атрофи ин матлаб буд, ки маънои зуҳд ва тарки дунё аз назари дин чист.

Оё мақсуд даст шустан аз зиндагӣ ва суст шудан дар умури зиндагӣ аст ва ё мақсуд чизи дигар аст? Арз шуд, мақсуд даст шустан ва ё суст шудан нест, балки мақсуд ба кор бурдани як навъ усули хосс дар зиндагӣ мабнӣ бар муқаддам доштани фазилат ва ахлоқ бар матомеъи моддӣ аст.

Имшаб мехоҳам дар атрофи ҳамин матлаб тавзеҳи бештаре бидиҳам.

Мегӯянд, мақсуд аз дунёи мазмум ва мардуд, алоқа ба дунё ва муҳаббат ба дунёст; дунё бад нест, алоқа ва муҳаббат ба дунё бад аст; молу сарват ва мақому қудрат ва зану фарзанд бад нест, алоқа ба инҳо ва муҳаббат ба инҳо бад аст; зеро худи дунё иборат аст аз ин махлуқоти илоҳӣ ба номи замин ва моҳ ва хуршед ва ситора ва ҷамод ва набот ва ҳайвон; иборат аст аз зану фарзанд ва молу сарват ва амсоли инҳо; инҳо ҳама махлуқоти Худо ҳастанд ва Худованд дар Қуръон ба ҳаминҳо қасам мехӯрад; инҳо, ки наметавонад бад бошад, пас он чизе, ки мазмум ва мардуд аст, алоқа ва муҳаббат ба ин умур аст, на худи ин умур ва ҳамон алоқаро бояд тарк кард; маънои ин ки дунёро тарк кунед, яъне алоқа ва муҳаббати дунёро тарк кунед.

Ин баён, баёни хубе аст, аммо бо як тавзеҳе, ки дар зимни ишкол ва ҷавобе арз мекунам. Ишкол ин аст, ки чӣ фарқ мекунад, ки бигӯем, худи дунё бад аст ва бояд онро раҳо кард ва ё он ки бигӯем, алоқа ба дунё ва муҳаббати дунё бад аст? Зеро **ҳамон тавре, ки худи мавҷудот ва маводди ин ҷаҳон махлуқи Худо ҳастанд ва аз ин ҷиҳат муқаддасанд ва бидуни ҳикмат ба вуҷуд наомадаанд, ҳамин тавр алоқаҳо ва майлҳо ва ғаризаҳое ҳам, ки дар вуҷуди инсон нисбат ба ин мавҷудот ҳаст, офаридаи Худост ва бидуни ҳикмат нест**. Худо майл ва алоқа ба зиндагиро дар сиришти одам гузошта, ҳамон тавре, ки дар сиришти ҳар ҷондоре гузошта. Агар ин майл ва алоқа набуд, ҳеч кас ҳозир набуд ба зиндагии худ идома диҳад ва ҳеч ҳайвоне ба зиндагӣ идома намедод ва аз худ дифоъ намекард. Худо алоқа ба зану фарзандро дар дили одамӣ қарор дода барои он ки насл боқӣ бимонад. Худованд майл ба иззат ва қудратро дар инсон қарор дода ва ҳамчунин майл ба касби илм ва майл ба зебоӣ ва ҳар майли дигар, ки дар инсон ҳаст. **Пас ҳамчунон, ки худи мавҷудот ва маводди оламро, ки махлуқоти Худоянд намешавад гуфт бад аст, алоқаҳо ва майлҳое, ки дар инсон нисбат ба ин умур ҳаст, бад нест**. Ва ҳамон тавре, ки ҳеч узве аз аъзои инсон ҳатто як мӯ ва як раги бориктар аз мӯ, ҳеч риштае ва ҳеч насҷе дар бадан лағв ва беҳикмат нест ва ҳеч узви зоид дар бадан нест, риштаҳои руҳӣ ва алоқаҳо ва муҳаббатҳои руҳӣ низ ҳамин тавр аст, ҳеч кадом зоид нест, ҳеч майл ва алоқаи зоид дар руҳ нест. Пас тарки дунё ба маънои тарки алоқа ва муҳаббати дунё ҳам ҳамон ишколеро дорад, ки тарки худ дунё дорад. Ин ишкол.

Ва аммо ҷавоб ва тавзеҳ: мақсуд аз ин ки мегӯянд алоқаи дунё ва муҳаббати дунё мазмум аст, он алоқа ва майли фитрӣ нест; он мамдуҳ аст. Дар Қуръони Карим ин алоқаҳо ва муҳаббатҳо ба унвони оят ва нишонаи ҳикмати Худованд зикр шуда:

وَمِنْ آيَاتِهِ أَنْ خَلَقَ لَكُمْ مِنْ أَنْفُسِكُمْ أَزْوَاجًا لِتَسْكُنُوا إِلَيْهَا وَجَعَلَ بَيْنَكُمْ مَوَدَّةً وَرَحْمَةً

(*Рум/21*) Аз оятҳои илоҳӣ ин аст, ки барои шумо аз ҷинси худи шумо ҷуфт офарид, то бо онҳо ором бигиред ва шуморо ба якдигар моил ва алоқаманд сохт.

Ба илова, худи анбиё ва авлиё аз ин муҳаббатҳо баҳраманд ва саршор буданд ва ин камоли онҳо буд, на нақси онҳо. Пайғамбари Акрам фарзандони худро дӯст медошт ва ҳам он ҳазрат дар мавриди зан ва атр ва намоз мегуфт:

حُبِّبَ إليَّ من دُنْياكمُ النِّساءُ والطِّيبُ وجُعِلَت قُرَّةُ عَيني في الصَّلاةِ

Дар ин дунё се чизро дӯст медорам: бӯйи хуш ва занон ва равшании чашм дар намоз.

Пас мақсуд, тарки ин алоқаҳо нест. Агар воқеан одаме пайдо шавад, ки ҳеч эҳсосот ва авотифе нисбат ба ҳеч чиз ва ҳеч кас надошта бошад, дӯстоне надошта бошад, баччаҳояш дар назараш мисли бегона, балки мисли чӯбу санг бошанд ва фарз ҳам бикунем фақат аз он ҷиҳат ба онҳо алоқа дошта бошад, ки махлуқе аз махлуқоти Худо ҳастанд, ин комил нест, ноқис аст. Агар Иброҳим, ки ҳозир шуд фарзанди худро қурбонӣ кунад, эҳсосоташ нисбат ба Исмоил мусовӣ буд бо эҳсосоташ бо як гӯсфанд, пас ҳозир шуданаш барои фидо додан, камоле маҳсуб намешавад, мусовӣ буда бо қурбонӣ кардани гӯсфанде. Ва ҳамчунин ҳазрати Сайидушшуҳадо, ки фарзандон ва бародарон ва наздикони худро дар роҳи Худо фидо кард, агар алоқаи хоссе ба онҳо надошт, ин фидокорӣ аҳаммияти зиёде надошт.

Мақсуд ин нест; мақсуд чизи дигаре аст, ки аз худи Қуръони Карим ва ҳамчунин аз калимоти амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом — ки ба муносибати калимоти он ҳазрат вориди ин баҳс шудем — истифода мешавад. Дар сураи Оли Имрон мефармояд:

زُيِّنَ لِلنَّاسِ حُبُّ الشَّهَوَاتِ مِنَ النِّسَاءِ وَالْبَنِينَ وَالْقَنَاطِيرِ الْمُقَنْطَرَةِ مِنَ الذَّهَبِ وَالْفِضَّةِ وَالْخَيْلِ الْمُسَوَّمَةِ وَالْأَنْعَامِ وَالْحَرْثِ ذَلِكَ مَتَاعُ الْحَيَاةِ الدُّنْيَا وَاللَّهُ عِنْدَهُ حُسْنُ الْمَآبِ

(*Оли Имрон/14*) Дар ин оят чанд чиз аз умуре, ки мавриди алоқаи одамӣ дар дунёст ном бурда шуда: зану фарзанд, пулҳои анбоштаи тилло ва нукра, аспҳои олӣ, ки мазҳари ҷалол ва ҳишматанд, чаҳорпоён ва кишту заръ. Ва ин оят дар мақоми интиқод ва мазаммат ҳам ҳаст, дунёи мазмум ва мардудро зикр мекунад. Чӣ чизро мазаммат мекунад? Худи ин умурро? Худи зану фарзанд ва сарват ва асп ва зироатро? На. Алоқа

ва майл ба ин умурро? Онро ҳам на. Пас чӣ чизро? **Дилхуш будан ва саргарм будан ба ин умурро, розӣ ва қонеъ будан ба инҳо ва ғафлат кардан аз моварои инҳоро**.

زُيِّنَ لِلنَّاسِ حُبُّ الشَّهَوَاتِ

Ин алоиқ дар назари инҳо ҷилва карда ва онҳоро рабуда ва аз худ бе худ карда, ба инҳо дилхуш ва саргарманд ва дар бораи ғайри ин умур фикр намекунанд, хаёл мекунанд зиндагӣ ҷуз ин чизе нест, дӯст доштане ғайр аз инҳо нест, ҳадди фикр ва сатҳи инҳо ин шуда:

ذَلِكَ مَبْلَغُهُمْ مِنَ الْعِلْمِ

(*Наҷм/30*)

Дар бораи марди обиде, ки ба хотири манофеъи моддӣ, аз итоати Худо сар печид, мефармояд:

وَاتْلُ عَلَيْهِمْ نَبَأَ الَّذِي آتَيْنَاهُ آيَاتِنَا فَانْسَلَخَ مِنْهَا فَأَتْبَعَهُ الشَّيْطَانُ فَكَانَ مِنَ الْغَاوِينَ

Достони он мард (-ро бар эшон бихон), ки оятҳои худро ба ӯ таълим додем ва ӯ онҳоро аз худ ҷудо сохт ва шайтон ӯро дунбол кард ва ӯ аз гумроҳон шуд.

وَلَوْ شِئْنَا لَرَفَعْنَاهُ بِهَا وَلَكِنَّهُ أَخْلَدَ إِلَى الْأَرْضِ وَاتَّبَعَ هَوَاهُ

(*Аъроф/175 ва 176*) Агар мо мехостем, ӯро боло мебурдем бо он оёте, ки ба ӯ додем, аммо ӯ худашро ба замин ва табиат часпонд ва чанголҳои худро муҳкам банд кард ва тобеъи ҳавову ҳаваси худ шуд.

Дар сураи Юнус мефармояд:

إِنَّ الَّذِينَ لَا يَرْجُونَ لِقَاءَنَا وَرَضُوا بِالْحَيَاةِ الدُّنْيَا وَاطْمَأَنُّوا بِهَا وَالَّذِينَ هُمْ عَنْ آيَاتِنَا غَافِلُونَ. أُولَئِكَ مَأْوَاهُمُ النَّارُ بِمَا كَانُوا يَكْسِبُونَ

(*Юнус/7 ва 8*) Онҳо, ки умед ва орзуи мулоқоти Ҳақро надоранд ва ба зиндагии дунё розӣ ва қонеъ ва саргарманд ва ба он ором гирифтаанд, онҳо ба воситаи аъмоли мубтанӣ бар он тарзи фикр аҳли оташ мебошанд.

**Аз маҷмӯъи ин оятҳо ин тавр фаҳмида мешавад, ки он чизе, ки мазмум ва мардуд аст аз назари дин, саргарм шудан ба ин умур ва ғофил мондан аз Худо ва охират аст**, ихлод ва худро ба табиат бастан ва часпидан аст, розӣ ва қонеъ шудан ва ором гирифтан ва иктифо кардан аст. Пас ин ки мегӯянд: дунёи мазмум муҳаббат ва алоқа ба дунёст, дуруст аст, аммо ба ин маъно; **ба маънои дилхуш шудан ва қонеъ шудан ва иктифо кардан ва бозмондан аз моварои ин алоиқ**. Таваққуф бар дунё мазмум аст,

пойин будани сатҳи фикр мазмум аст, ин ҷиҳат мазмум аст, ки Алӣ алайҳис салом фармуд:

وَإِنَّمَا الدُّنْيَا مُنْتَهى بَصَرِ الْأَعْمى

Дунё ҳадди ниҳоии шуоъи диди одами кӯр аст.

Пас **чӣ чиз бад аст? Кӯрӣ, нуфуз накардани шуоъи дид аз ҳиҷоби табиат ба болотар, маҳдуд будани фикр ба моддиёт**. Қуръони Карим мефармояд:

فَأَعْرِضْ عَنْ مَنْ تَوَلَّى عَنْ ذِكْرِنَا وَلَمْ يُرِدْ إِلَّا الْحَيَاةَ الدُّنْيَا. ذَلِكَ مَبْلَغُهُمْ مِنَ الْعِلْمِ

(*Наҷм/29 ва 30*) Рӯятро баргардон аз он кас, ки аз зикри мо рӯ баргардондааст ва ҷуз ҳамин зиндагии дунё ғараз ва ҳадафе надорад. Инҳо ҳадди илм ва сатҳи фикрашон ҳамин аст, сатҳи фикрашон пойин аст.

Алоқа ба умури дунё, алоқа ба зану фарзанд ва молу сарват ва ҷоҳу қудрат суннат ва фитрати илоҳӣ аст, василаи гардиш ва чархиши зиндагонии ин ҷаҳон аст. Агар ин алоиқ гирифта шавад аз башар, иҷтимоъи инсонӣ мехобад, дигар на барои зиндагонии дунё заминае боқӣ мемонад ва на барои зиндагии охират. Ҳаракати зиндагӣ ва камоли зиндагӣ ва ҳаёти одамӣ мутаваққиф бар он алоиқ аст. Ва аммо **саргарм шудан ба он алоиқ ва ризоят ва қаноат ва иктифо кардан ба онҳо, на танҳо мӯҷиби пешрафт ва тараққӣ нест, мӯҷиби музоҳимат аст, мӯҷиби рукуд ва таваққуф аст**. Башаре, ки ҷуз ин алоиқ чизеро намешиносад ва воқиф шудааст бар инҳо, ҳайвоне беш нест. Пас зоҳид ва торики дунё кист? Он касе аст, ки дунёро ба ҳасби руҳ ва мақомоти руҳии худ тай карда ва ба охират расидааст.

Гузашта аз ин ки (саргарм шудан ба алоиқи дунявӣ мӯҷиби) рукуд ва таваққуф ва сукун аст, мӯҷиби харобии худи ҳамин зиндагӣ аст. Оё гумон мекунед ҳирс ҳам метавонад дунёро идора кунад? Оё тамаъ қодир аст дунёро ба хубӣ бичархонад? Оё хашм ва шаҳват қодир аст ба ҷаҳон назм бидиҳад? Оё шикампарастӣ ва занпарастӣ ва пулпарастӣ ва ҷоҳпарастӣ — ки ҳамаи инҳо таъбироте аст аз дилхуш будан ва қонеъ будан ба зиндагии дунё ва тамаркузи тамоюлот ва майлҳо дар ин чизҳо — оё инҳо қодиранд ба башар саодат бидиҳанд? Башар вақте зиндагии дунёро хуб идора мекунад ва мадинааш мадинаи фозила мешавад, ки ғулом ва абди дунё набошад. Агар асири алоиқи дунё набуд, ночор он мавҷудотро мусаххари худ ва тобеъи худ қарор медиҳад ва агар банда шуд ва тавқи убудият ба гардан андохт, то ӯ зинда аст, тобеъи амвоҷи дарёи хурӯшони табиат аст.

Ҳамаи пастиҳои ахлоқӣ аз дурӯғ ва риё ва тамаллуқ ва зулм, ношӣ аз дунёпарастӣ аст ва ҳамаи фазоили олияи инсонӣ маълули беэътиноӣ ва зуҳд ва адами қаноат ба зиндагонии

дунёст. Одами дунёпараст ва моддӣ наметавонад шуҷоъ бошад ва гузашт дошта бошад, наметавонад иффат дошта бошад, наметавонад ҳуррият ва озодагӣ дошта бошад. Зоҳид ба маънои саҳеҳи калима, на ба маънои як шахси заъифи манфӣ, ки дар дуни дараҷаи дунёпарастон зиндагӣ мекунад ва аҳёнан резахӯри хони онҳо ва туфайлии онҳост, балки ба маънои марде фавқи дараҷаи дунёпарастон аст. Касе, ки ҳадди илм ва сатҳи фикраш болотар аз инҳост, аз фироқи дунё наметарсад, аз каму беш шудани дунё бок надорад, шуҷоъ ва боҷуръат мешавад, ҳуррият ва озодагӣ пайдо мекунад, иффат ва тақво пайдо мекунад, гузашт ва фидокорӣ пайдо мекунад.

Фидокорони ҷаҳон хоссияти аввали руҳиашон ин буд, ки зоҳид ба маънои саҳеҳи калима буданд. Худи шахси муқаддаси амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом, ки маҷмӯае аз фазоили башарӣ буд, адолат ва тақво ва шуҷоат ва ҳуррият ва сахо ва карам ва вафо ва мурувват, ҳамаро ҷамъ карда буд чун дар (ниҳояти) дараҷа беэътино ба дунё буд, яъне худашро ва шарофат ва кароматн нафси худро аз дунё ва мофиҳо болотар медонист. Дар васият ба Имом Ҳасан мефармояд:

**وَأَكْرِمْ نفْسَكَ عَنْ كُلِّ دَنِيَّةٍ وَإنْ ساقَتْكَ اِلَى الرَّغائِبِ فَإِنَّكَ لَنْ تَعْتاضَ بِما تَبْذُلُ مِنْ نَفْسِكَ عِوَضاً، وَلا تَكُنْ عَبْدَ غَيْرِكَ وَقَدْ جَعَلَكَ اللهُ حُرّاً، وَما خَيْرُ خَيْرٍ لا يُنالُ اِلاّ بِشَرٍّ**

Худатро аз корҳои паст мӯҳтарамтар ва болотар бишумор, эҳсоси шарофат ва бузургвориро дар худат ҳамеша зинда нигаҳ дор; матомеъ мумкин аст ба ту чашмак бизананд, вале ту эътино накун, ки агар худатро фурӯхтӣ ва шахсияти ахлоқӣ ва руҳии худро аз даст додӣ, чизе ҷойи ӯро пур нахоҳад кард. Тамоми дунё як тараф ва шарофати руҳӣ ва кароматн ақлӣ ва маънавӣ як тараф, ӯ бо ин баробар намешавад. Худро бандаи ғайр насоз, ки Худованд туро озод офарида. Он манфиате, ки аз роҳи зишткорӣ ба даст биёяд, фоида надорад.

Айзан Алӣ алайҳис салом мефармояд:

**الدُّنْيا دارُ مَمَرٍّ لا دارُ مَقَرٍّ، وَالنّاسُ فيها رَجُلانِ: رَجُلٌ باعَ فيها نَفْسَهُ فَأَوْبَقَها وَرَجُلٌ ابْتاعَ نَفْسَهُ فَأَعْتَقَها**

Мефармояд: дунё ба ҳар ҳол гузаштангоҳ аст ва касе ҷовидон дар ӯ боқӣ намемонад, лек мардум дар ин бозори дунё, ки меоянд ва убур мекунанд, ду дастаанд: як даста дар ин бозор худро мефурӯшанд ва асир ва маҳбус мекунанд ва як дастаи дигар худро мехаранд ва озод месозанд. Як даста аз ин дунё мераванд дар ҳоле, ки ҳазор қайди бандагӣ дар гардан доранд ва як даста мераванд дар ҳоле, ки бандаи ҳеч кас ҷуз Худованд нестанд,

на бандаи зарранд ва на бандаи сим ва на бандаи шаҳватанд ва на бандаи ғазаб, на бандаи ҷоҳанд ва на бандаи мол, озод ва озодаанд. Ҳақиқати зуҳд ҳамин аст.

## Ҳуқуқи мардум бар якдигар

بسم الله الرّحمن الرّحيم

الحمد لله رب العالمين، بارئ الخلائق أجمعين والصلاة والسلام على عبد الله ورسوله وحبيبه وصفيّه محمّد وآله الطاهرين

Заминаи сӯҳбати имшаб яке аз хутбаҳои амирулмӯъминин аст дар мавзӯъи ҳуқуқе, ки мардум бар якдигар доранд. Ин хутбаро дар Сиффин иншо фармуда ва бо ин ҷумлаҳо шурӯъ мешавад:

أَمّا بَعْدُ فَقَدْ جَعَلَ اللهُ سُبْحانَهُ لي عَلَيْكُمْ حَقّاً بِوِلايَةِ أَمْرِكُمْ، وَلَكُمْ عَلَيَّ مِنَ الْحَقّ مِثْلُ الَّذي لي عَلَيْكُمْ

Худованд ба мӯҷиби ин ки ман раҳбари умури шумо ва волии шумо ҳастам, ҳаққе аз ман бар ӯҳдаи шумо қарор дода ва муъодили он, ҳаққе ҳам аз шумо бар ӯҳдаи ман қарор дода.

Баъд аз баёни ин ҷумла қабл аз он ки тавзеҳе бидиҳад, ки ҳаққи ман бар шумо ва ҳаққи шумо бар ман чист, ду нукта дар мавриди ҳақ зикр кард: яке ин ки:

الْحَقُّ أَوْسَعُ الْأَشْياءِ فِي التَّواصُفِ وَأَضْيَقُها فِي التَّناصُفِ

Ҳақ осонтарини чизҳост ба забон ва мушкилтарини корҳост дар амал. Майдони ҳақ барои гуфтан ва баён ва хитоба ва мақола ва доди сухан додан, васеътарини майдонҳост, вале барои амал ва риоят ва таслим шудан, тангтарини майдонҳост. Ба андозае дар атрофи ҳақ ва фавоиди риояти он ва мазорри тарки он метавон истидлол кард ва суғрову кубро чид ва ҷӯшу хурӯш кард, ки дар атрофи ҳеч чизи дигар мумкин нест. Ва ба андозае ҳам, ки чархидан бар меҳвари ҳақ кори душворе аст, ҳеч чизи дигар ин қадр душвор нест.

Ин ҷумларо ҳазрат барои он фармуд, ки мардумро мутаваҷҷеҳи фосилаи қавлу амал менамояд; барои ин буд, ки гӯл нахӯранд ва ҳарфҳои афродро милоки қазоват қарор надиҳанд, амал ва риоятро милок қарор диҳанд.

Он чи башар дар баробари ӯ таъзим мекунад ва сар фуруд меоварад, худи ҳақ ва риояти ҳуқуқ аст, вале гоҳе ашхосе таҳти таъсири ҳарф қарор мегиранд ва ҳарфро далели руҳия ва ақида ва малакоти ахлоқӣ қарор медиҳанд ва аз ин роҳ дар хато меафтанд.

Нуктаи дигаре, ки зикр мекунад ин аст:

**لا يَجْري لِأَحَدٍ إلاّ جَرى عَلَيْهِ وَلا يَجْري عَلَيْهِ إلاّ جَرى لَه**

Ҳақ лаҳи ҳеч кас (яъне ба фоидаи ҳеч кас) қарор дода нашуда магар он ки алайҳи ӯ низ қарор дода шуда ва алайҳи ҳеч кас қарор дода нашуда магар он ки лаҳи ӯ низ қарор дода шуда.

Ҳуқуқи мардум бар мардум яктарафӣ нест, мутабодил аст. Агар касе бар касе ҳаққе дорад, муъодили он ҳам ҳаққе аз он тараф бар ӯҳдаи ӯ ҳаст. Ҳар кас ба ҳар андоза аз иҷтимоъ талабкор аст ва иҷтимоъро дар баробари худ муваззаф медонад, ба ҳамон нисбат мадюни иҷтимоъ аст.

Ҳақҡ ва таклиф дӯш ба дӯши якдигаранд. Ин тавр нест, ки ҳамаи ҳаққҳоро ба баъзе дода бошанд ва ҳамаи таклифҳоро бар дӯши баъзе дигар гузошта бошанд. “Ҳақ” баҳра аст ва “таклиф” заҳмат ва кор ва машаққат. Ҳар кас, ки аз иҷтимоъ баҳрае мебарад, бояд ба ҳамон нисбат мутаҳаммили заҳмат ва ба дӯш кашидани бори иҷтимоъ бошад. Расули Акрам фармуд:

**مَلْعونٌ مَنْ أَلْقى كَلَّهُ عَلَى النّاسِ**

Аз раҳмати илоҳӣ маҳрум аст он кас, ки сангиниаш бар дӯши иҷтимоъ бошад (ва фақат боре бар дӯши дигарон бошад ва боре аз дӯши дигарон барнадорад.)

Падар бар фарзанд ҳуқуқе дорад яъне баҳраҳое дар вуҷуди фарзанд дорад, ки бибарад, вале ин ҳуқуқ ва баҳраҳо яктарафӣ нест, фарзанд ҳам бар падар ҳуқуқе дорад, яъне аз вуҷуди падар баҳраҳое дорад, ки бояд бибарад. Падар ҳаққи итоъат ва эҳтиром дорад, фарзанд ҳам ҳаққи такаффул ва тарбият дорад. Ҳамчунин зану шавҳар, муаллим ва мутааллим, ҳамсоя бо ҳамсоя, ҳоким ва раъият, ҳамсафар бо ҳамсафар. На танҳо ҳуқуқи инсонҳо бар якдигар яктарафӣ нест ва ҳар фарде мадюни соири афрод аст, нисбат ба соири мавҷудот ҳам каму беш ҳамин тавр аст. То ҳар ҷо, ки шуоъи баҳра ва истифодаи инсон имтидод дорад, доираи таклифи инсон ҳам вусъат дорад. Дар хутбае, ки дар рӯзҳои аввали хилофаташ эрод карда, мефармояд:

**اتَّقُوا اللهَ في عِبادِهِ وَبِلادِهِ، فَإِنَّكُمْ مَسْؤُلونَ حَتّى عَنِ الْبِقاعِ وَالْبَهائِمِ**

Худоро дар назар бигиред, ҳам дар мавриди бандагонаш ва ҳам дар мавриди сарзаминҳо ва чаҳорпоён, зеро масъулияти шумо ин қадр умумият дорад, ки ҳатто дар мавриди буқъаҳо ва сарзаминҳо ва дар мавриди ҳайвонот ва чаҳорпоён аз шумо суол мешавад. Ҳаққи заминҳо ва ҳаққи ҳайвонотро ҳам бояд адо кунед. Ин замин ва ин ҳайвонҳо барои истифода ва баҳрабардории саҳеҳи шумост:

**وَلَقَدْ مَكَّنّاكُمْ فِي الْأَرْضِ وَجَعَلْنا لَكُمْ فِيها مَعايِشَ**

(*Аъроф/10*) Шуморо бар замин мусаллат кардем, заминро мусаххари шумо қарор додем ва мояи зиндагии шуморо дар дили ҳамин замин қарор додем. Ҳаққе, ки замин бар башар дорад ин аст, ки обод бишавад, зироат бишавад, умрон дар ӯ сурат гирад, махруба ва вайрона намонад. Ва ҳамчунин дар мавриди ҳайвонҳо низ таколифе барои ҳифз ва риоят ва мувозабати онҳо доред. Ба ҳамон далел, ки фикр мекунед замин ва маволиди рӯйи замин барои шумо офарида шуда, бояд бидонед масъул ва мадюни замин ва маволиди рӯйи он мебошед.

Баъд фармуд:

**وَلَوْ كانَ لِأَحَدٍ أَنْ يَجْرِيَ لَهُ وَلا يَجْرِي عَلَيْهِ لَكانَ ذلِكَ خالِصاً لِلّهِ سُبْحانَهُ**

Агар касе бошад, ки ӯ бар дигарон ҳақ дошта бошад ва дигарон бар ӯ ҳаққе надошта бошанд, ӯ фақат талабкор бошад, ҳеч навъ масъулият ва мадюният дар бораи ӯ сидқ накунад, ӯ зоти ақдаси илоҳӣ аст, зеро ҳаққе, ки ӯ бар бандагон дорад, ба маънои ҳазз ва баҳра нест, ки дар ивази дайни ӯ ба ӯҳдаи ӯ биёяд. Ин маънӣ дар бораи махлуқот содиқ аст, ки аз якдигар баҳра мебаранд ва ба якдигар баҳра мерасонанд. Худованд ғании мутлақ ва файёзи мутлақ аст. Дар низомм таквин, махлуқот дар якдигар таъсир доранд ва аз якдигар мутаассир мешаванд, ба якдигар баҳра медиҳанд ва аз якдигар баҳра мебаранд. Дар низомм иҷтимоъ ҳам бар тибқи низомм таквин, ҳуқуқе ва дуюне вазъ шуда, ки ҳама аз якдигар баҳра бибаранд ва ба якдигар баҳра бирасонанд, то иҷтимоъ сайри камолии худашро тай кунад. Аммо зоти ақдаси илоҳӣ аз ин маънӣ муназзаҳ аст. Ҳар чи аз ноҳияи зоти ақдаси ӯ ба бандагон расида ва мерасад, ҳама тафаззул аст, эҳсон аст, ҷуд аст ва ба ҳамин далел махлуқот саросари вуҷудашон нисбат ба зоти ақдаси илоҳӣ дайн аст, якпорча масъулият ва мадюният мебошанд:

**لا يُسْئَلُ عَمّا يَفْعَلُ وَهُمْ يُسْئَلُونَ**

(*Анбиё/23*)

Баъд мефармояд: муҳимтарин ҳуқуқе, ки Худованд дар ин олам қарор дода, ҳаққи волӣ бар раъият ва ҳуқуқи раъият бар волӣ аст ва ин ҳуқуқро мояи низоми улфат ва иззат қарор дода. Агар ин ҳуқуқ мутабодил шавад, он вақт ҳақ мутлақан мӯҳтарам мегардад, кори дин дуруст мешавад, муҳит ва замон ислоҳ мегардад. Шумо набояд таваққӯъ дошта бошед, ки салоҳи ман ба танҳоӣ кофӣ бошад барои ислоҳи умур. Ман худам шахсан то охирин дараҷа, риояти вазоифи худам ва ҳуқуқи шуморо мекунам. Ин кофӣ нест, шумо ҳам бояд солеҳ бошед.

Ҳамон тавре, ки ман ҳуқуқи шуморо риоят мекунам, шумо ҳам ҳаққи маро риоят кунед, то ҳамаи корҳо дуруст шавад ва корҳо бар меҳвари худ бичархад.

Яке аз муаррихони асри мо баъд аз он ки баҳсе мекунад роҷеъ ба сират ва ҳукумати Алӣ алайҳис салом, мегӯяд: аз инҷо маълум мешавад, ки танҳо ин ки халифа ва зимомдор бедор ва одил ва хайрхоҳ ва толиби ризои Худо бошад, қодир бар ҳалли мушкилот бошад, кофӣ нест; оммаи мардум ҳам бояд ҳушёр ва ошно ба ҳуқуқ ва вазоифи худ бошанд, бояд аз ҳушёрӣ ва майл ба адолат баҳраманд бошанд, бояд онҳо ҳам хостори ҳақ ва адолат буда бошанд.

Худи амирулмӯъминин (саломуллоҳи алайҳи!) дар яке аз номаҳо ба яке аз уммоли худ менависад:

Ҳаққе, ки мардум бар волт доранд ин аст, ки неъматҳо ахлоқи ӯро тағйир надиҳад ва ба тӯли замони зимомдорӣ мағрур нагардад, байни худ ва мардум фосила эҷод накунад, ба мардум наздик бошад. Ҳаққи шумо бар ман ин аст, ки матлаберо бар шумо пинҳон накунам, магар он ки марбут ба асрори ҷанг бошад; дигар ин ки ҳеч кореро бидуни машварати шумо анҷом надиҳам, магар он ки матлабе бошад, ки таклифашро ислом муайян ва мушаххас карда; дигар ин ки ҳамаи шуморо ба як чашм нигоҳ кунам.

Баъд аз қисматҳое, ба нуктаи дигаре дар ин мавзӯъ ишора мекунад, мефармояд:

**وَلَيْسَ امْرُؤٌ وَإِنْ عَظُمَتْ فِي الْحَقِّ مَنْزِلَتُهُ وَتَقَدَّمَتْ فِي الدِّينِ فَضِيلَتُهُ بِفَوْقِ أَنْ يُعانَ عَلى ما حَمَّلَهُ اللهُ مِنْ حَقِّهِ وَلاَ امْرُؤٌ وَإِنْ صَغَّرَتْهُ النُّفوسُ وَاقْتَحَمَتْهُ الْعُيونُ بِدونِ أَنْ يُعينَ عَلى ذلِكَ أَوْ يُعانَ عَلَيْهِ**

Ин ҷумла дар заминаи таъовун бар ҳуқуқ аст, ки ҳама бояд бо ҳамкории якдигар ва бо иҷтимоъ ва иттиҳод ва фаъолиятҳои иҷтимоӣ ба ҳуқуқи худ бирасанд. Мефармояд: ҳеч кас ҳар андоза дорои мақоми шомихе бошад, набояд ин хаёлро дар зеҳни худ қарор бидиҳад, ки ман болотар аз ин ҳастам, ки эҳтиёҷ ба ҳамкории дигаре дошта бошам ва дар бораи ҳеч кас ҳам ҳар андоза дар назарҳо кучак биёяд ва ба чашм наёяд, набояд фикр кард, ки ӯ кучактар аз ин аст, ки даъват ба ҳамкорӣ бишавад ва ё ба худи ӯ кӯмак бишавад. На касе болотар аз мақоми ҳамкориҳои иҷтимоӣ аст ва на касе пойинтар, ҳама мӯҳтоҷанд ва ба ҳама эҳтиёҷ ҳаст.

Қуръони Карим мефармояд:

وَتَعاوَنُوا عَلَى الْبِرِّ وَالتَّقْوى وَلا تَعاوَنُوا عَلَى الْإِثْمِ وَالْعُدْوانِ

(*Моида/2*) Дар корҳои хуб, дар эҳсонҳо ва маншаъи хайр шуданҳо ва бар иқомаи тақво ва таҳорат, якдигарро иъонат кунед ва ба кӯмаки якдигар биштобед ва аммо дар шарру фасод ва кинатӯзиҳо якдигарро иъонат накунед.

Амирулмӯъминин роҷеъ ба иттифоқ ва иттиҳод баёноти зиёде дорад. Дар инҷо бо ин фикр мубориза мекунад, ки баъзе аз мардумро ғурур мегирад ва худашонро мофавқи ҳамфикрӣ ва ҳамкорӣ, мофавқи ақлу фикр ва амали дигарон фарз мекунанд; фикр намекунанд, ки ақли фард ҳар андоза соиб бошад ва амали фард ҳар андоза муассир бошад, мисли ақли иҷтимоӣ ва амали иҷтимоӣ нест. Дар дастуроти дини муқаддаси ислом ба машварат тавсияи акиде шуда хусусан дар корҳои иҷтимоӣ. Аввалан худи Қуръон мефармояд:

وَالَّذِينَ اسْتَجابُوا لِرَبِّهِمْ وَأَقامُوا الصَّلاةَ وَأَمْرُهُمْ شُورى بَيْنَهُمْ وَمِمّا رَزَقْناهُمْ يُنْفِقُونَ

(*Шӯро/38*) Онҳо, ки даъвати илоҳиро пазируфта ва намозро бапо доштаанд ва корҳои худро бо машварат ҳаллу фасл мекунанд ва аз рӯзиҳо, ки ба онҳо додаем инфоқ мекунанд.

Яке аз мухтассоти аҳли имонро ин матлаб қарор медиҳад, ки корҳояшонро бо шӯр ва ҳамфикрӣ сурат медиҳанд; онро ҳамрадифи намоз ва инфоқ қарор дода. Дар бораи Расули Акрам мефармояд:

فَاعْفُ عَنْهُمْ وَاسْتَغْفِرْ لَهُمْ وَشاوِرْهُمْ فِي الْأَمْرِ

(*Оли Имрон/159*) Нисбат ба мардум афву гузашт дошта бош, барои онҳо дуо ва истиғфор кун ва дар корҳо бо онҳо машварат кун.

Расули Худо бо он ки пайғамбар буд ва бо он ки мардум тавaққӯъ надоштанд, ки ӯ раъй ва ақида ва назари онҳоро бихоҳад ва дахолат диҳад, ӯ худаш барои он ки мардумро таҳқир накарда бошад, барои он ки ба мардум шахсият бидиҳад ва шахсияти онҳоро мӯҳтарам бишуморад, барои ин ки дастуруламали уммат бошад барои ҳамеша, бо онҳо машварат мекард ва аз онҳо назар мехост. Достони машварати низомӣ дар ҷанги Хандақ ва назар додани Салмон Форсӣ, ки дар Эрон дар ин гуна мавоқеъ даврм шаҳр хандақ мекананд ва ба ин васила аз худ дифоъ мекунанд ва пазируфтани Расули Акрам назари Салмонро, маъруф аст.

Сухани амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом дар он хутба ҳамин ки ба инҷо расид, ки фармуд: як нафар дар ҳар мақом ва ҳар дараҷае бошад, мақомаш дар дин ва дар назди Худо ҳар чи бошад, мофавқи ҳамкорӣ бо дигарон нест, афроди дигар ҳам ҳар андоза дар

чашмҳо ҳақиру бекадр намоянд, ин ҳақ аз онҳо салб намешавад, ки ба ҳамкорӣ даъват бишаванд; сухан, ки ба инҷо расид, яке аз мустамеъин мисли ин ки таҳйиҷ шуд ва таҳти таъсири эҳсосоти худ қарор гирифт, аз ҷо ҳаракат кард ва аз он ҳазрат ташаккур ва санои балиғе кард. Баъд аз ҳарфҳои ӯ думартиба ҳазрат ба сухан даромад ва ҷумлаҳое фармуд. Аз он ҷумлаҳо ман имшаб фақат як нуктаро — ки боз дар мавриди ҳақ аст ва мукаммили матолиби гузашта аст — арз мекунам. Он нукта ин аст, ки ҳазрат омодагии худро барои шунидани ҳар навъ интиқоде ва арза доштани пешниҳодҳои ислоҳӣ зикр мекунад ва мегӯяд: бо ман ба таъоруф ва рӯдарвосӣ ва муҷомала рафтор накунед, ҳар чи ба назаратон мерасад бигӯед. Фармуд:

وَلا تُخالِطوني بِالْمُصانَعَةِ وَلا تَظُنّوا بِيَ اسْتِثْقالاً فِي حَقٍّ قيلَ لي وَلاَ الْتماسَ اِعْظامٍ لِنَفْسي، فَإِنَّهُ مَنِ اسْتَثْقَلَ الْحَقَّ أَنْ يُقالَ لَهُ أَوِ الْعَدْلَ أَنْ يُعْرَضَ عَلَيْهِ كانَ الْعَمَلُ بِهِما أَثْقَلَ عَلَيْهِ

Бо ман бо таъоруф ва тамаллуқ ва рӯдарвосӣ рафтор накунед. Гумон набаред, ки гӯши ман барои шунидани интиқод ва арза шудани ин ки муқтазои ҳақ ин аст, ки чунину чунон бошӣ, сангин аст. Бидонед он кас, ки шунидани интиқод ва тазаккурот ва сухани ҳақ бар гӯшаш сақил аст, амал бар тибқи ҳақ бар ӯ сангинтар хоҳад буд. Аломати аҳли ҳақ ва аҳли адл ин аст, ки аз тазаккурот ва интиқодот парво надоранд.

Ин ҷумларо барои ин фармуд, ки қаблан он мард бархоста буд ва аз он ҳазрат миқдоре сано ва ситоиш карда буд. Хост ба мардум бифаҳмонад, ки гумон накунед ман хушам меояд, ки аз ман таъриф кунед, бинои корро бар мусонаъа ва муҷомала бигузоред. На, баръакс, интизори ман изҳори назарҳои сареҳ ва хайрхоҳона аст дар корҳо:

فَلا تَكُفّوا عَنْ مَقالَةٍ بِحَقٍّ أَوْ مَشْوَرَةٍ بِعَدْلٍ

Мабодо аз тазаккуроти баҷо ва аз машварат доданҳо музоиқа кунед.

Ин ки мегӯянд, ҳукумати Алӣ алайҳис салом олитарин мазҳари демократия буд, рӯйи ҳамин ҷиҳот буд. Худаш бо он ки имом аст ва қудратҳои моддӣ ва маънавиро дар ихтиёр дорад, ба мардум пару бол медиҳад, онҳоро бар интиқод ва эътироз ташҷеъ мекунад. Албатта ин нукта ҳам ҳаст, ки ҳар эътирозе баҳақ нест ва интиқодкунанда ду шарт бояд дошта бошад: яке он ки ҳусни ният дошта бошад, яъне ғарази шахсӣ надошта бошад, мақсудаш ислоҳ бошад, на ин ки мақсудаш лаҷанмол кардан ва лагадмол кардани тараф бошад. Дигар он ки ҳусни ташхис дошта бошад, яъне аҳли дарку ташхис бошад; интиқодҳои ҷоҳилона ва аҳмақона бисёр зиёновар аст. Интиқод агар бар мабнои ҳусни ният ва ҳусни ташхис бошад, мӯҷиби ҳаракат ва ислоҳ аст ва агар бар мабнои суиният ва бар мабнои ҷаҳолат ва адами ташхис ва адами ошноӣ ба масолеҳи олии иҷтимоъ ва

роҳи саҳеҳе, ки лозим аст иҷтимоъ тай кунад воқеъ шавад, он вақт чӯб лойи чарх гузоштан аст ва сабаби ҳарҷу марҷ ва таваққуф аст.

Баъд ҷумлае дорад, ки маънояш ин аст: ҳеч шахсе ва ҳеч мақоме болотар аз ин ки мавриди интиқод қарор бигирад нест.

Маҷмӯъи нуктаҳое, ки Алӣ алайҳис салом дар бораи ҳақ фармуд, чаҳор нукта буд, ки хулосаашро такрор мекунам: аввал ин ки ҳақ дар забон осонтарини чизҳо ва дар амал мушкилтарини корҳост. Амал, милоки қазоват дар бораи ашхос аст, на гуфтор.

Дуввум ин ки Худои Мутаъол ҳуқуқи мардумро бар якдигар яктарафӣ вазъ накарда, ҳуқуқ мутабодил аст, ҳар кас ҳаққе бар ӯҳдаи иҷтимоъ дорад, дайне ҳам ба иҷтимоъ дорад. Танҳо зоти ақдаси илоҳӣ аст, ки бар махлуқоти худ ҳақ дорад ва дайне нисбат ба онҳо надорад.

Севвум ин ки расидан ба ҳуқуқ бидуни таъовун ва кӯмак муяссар намешавад, аз такравӣ ва такандешаӣ коре сохта нест, ҳеч кас мофавқи ҳамкорӣ ва ҳамфикрӣ бо дигарон нест, ҳамон тавре, ки ҳеч кас модуни ҳамкорӣ ва ҳамфикрӣ нест.

Чаҳорум: аломати аҳли ҳақ ин аст, ки аз истимоъи тазаккуроти ислоҳӣ ва интиқодоти саҳеҳ ва баҷо ибо ва имтиноъе надоранд. Аввалин далели сидқу кизби касе, ки муддаӣ аст аҳли ҳақ аст ва рӯйи марзи ҳақ рафтор мекунад ин аст, ки гӯшаш омодаи шунидани интиқод ва эътироз бошад ё набошад. Ҳеч фарде аз афрод нест, ки дар сатҳе болотар аз эътироз ва интиқод қарор гирифта бошад.

Ин буд қисмате аз каломи амирулмӯъминин алайҳис салом пешвои аҳли ҳақ (дар бораи ҳаққ) ва дар бораи адолат, ки мабнояш маҳфуз мондани ҳуқуқ аст.

والسلام عليكم ورحمة الله وبركاته

# Даврони хилофати амирулмӯъминин Алӣ

بسم الله الرّحمن الرّحيم

الحمد لله رب العالمين بارئ الخلائق أجمعين والصلاة والسلام على عبد الله ورسوله وحبيبه وصفيّه محمّد وآله الطاهرين

أعوذ بالله من الشيطان الرجيم

أَحَسِبَ النَّاسُ أَنْ يُتْرَكُوا أَنْ يَقُولُوا آمَنَّا وَهُمْ لَا يُفْتَنُونَ. وَلَقَدْ فَتَنَّا الَّذِينَ مِنْ قَبْلِهِمْ فَلَيَعْلَمَنَّ اللَّهُ الَّذِينَ صَدَقُوا وَلَيَعْلَمَنَّ الْكَاذِبِينَ

(*Анкабут/2 ва 3*)

وَمِنْ كَلامٍ لَهُ عَلَيْهِ السَّلامُ قَبْلَ مَوْتِهِ: وَإِنَّما كُنْتُ جاراً جاوَرَكُمْ بَدَني أَيّاماً وَسَتُعْقَبُونَ مِنّي جُثَّةً خَلاءً ساكِنَةً بَعْدَ حَراكٍ وَصامِتَةً بَعْدَ نُطْقٍ لِيَعِظْكُمْ هُدُوّي وَخُفُوتُ إِطْراقي وَسُكونُ أَطْرافي فَإِنَّهُ أَوْعَظُ لِلْمُعْتَبِرِينَ مِنَ الْمَنْطِقِ الْبَليغِ... غَداً تَرَوْنَ أَيّامي وَيُكْشَفُ لَكُمْ عَنْ سَرائِري وَتَعْرِفُونَني بَعْدَ خُلُوِّ مَكاني وَقِيامِ غَيْري مَقامي

*(“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 147)*

Инҳо аз ҷумлаи баёнот ва калимоте аст, ки амирулмӯъминин (Салавотуллоҳи ва саломуҳу алайҳ!) баъд аз зарбат хӯрдан дар ҳоле, ки дар бистар афтода буд, эрод фармуд. Мефармояд: “*Муддате ман бо шумо будам ва бадани ман муҷовири шумо буд. Анқариб хоҳед дид ин бадан ба шакли як ҷуссаи холӣ ва сокин ва беҳаракат, хомӯш ва безабон дар ҷилави чашми шумост. Шумо бояд аз ин сукун ва оромӣ ва аз ин сукут ва хомӯшӣ панд бигиред. Забони ин ҳолат ва ин тағйир, ки чӣ гуна он ҳама ҳаракатҳо ва далериҳо ва диловариҳо табдил шуд ба сукун ва оромӣ ва он ҳама фасоҳатҳо ва балоғатҳо якмартиба табдил шуд ба сукут ва хомӯшӣ, аз ҳар мантиқ ва ҳар баёне расотар ва гӯётар аст. Ҳар андоза хатиб ва гӯянда мехост бо забони худ фано ва заволи дунё ва охир расидани умрро муҷассам кунад, наметавонист ин тавр баён кунад, ки анқариб ба чашми худ мебинед.*”

Баъд фармуд: “*Ман хоҳам рафт, аммо шумо маро баъд аз рафтани ман хоҳед шинохт. Баъдан маълум хоҳад шуд, ки ман чӣ мегуфтам ва чӣ мехостам ва чӣ манзуре доштам. Вақте, ки ҷойи ман холӣ шуд ва касе дигар ба ҷойи ман нишаст ва зимоми умурро ба даст гирифт, ман шинохта хоҳам шуд. Рафтан ва мурдани ман поёни кори ман нест,*

*парвандаи ман бо мурдан баста нахоҳад шуд. Тухме, ки дар ин муддат дар миёни ин талхиҳо ва сахтиҳо коштам, тадриҷан хоҳад рӯйид ва самара хоҳад дод.*"

Давраи хилофати кӯтоҳи амирулмӯъминин пур аз фитна ва ошӯб аст ва дар як ҷараёни бӯҳрони азим дар кишвари исломӣ буд, ки амирулмӯъминин зимоми умурро ба даст гирифт.

Тухмҳои фитна ва ошӯб аз солҳо пеш кошта шуда буд, рӯзгор обистани ҳаводиси ногуворе буд, ки навбати хилофат ба Алӣ алайҳис салом расид. Амирулмӯъминин бо таваҷҷӯҳ ба сахтиҳо зимомдориро қабул кард. Вақте Усмон кушта шуд, ин кушта шудан маншаъи фитнаҳо ва ошӯбҳои дигаре шуд. Афроди моҷароҷӯ ва манфиатталаб, ки дунболи фурсат ва баҳона мегаштанд, хуни Усмонро баҳонаи фитнаангезӣ қарор доданд. Ва аз тарафи дигар, оммаи мардум ҷуз Алӣ алайҳис салом касеро намехостанд ва ҳатто дар зиндагии Усмон иддае мегуфтанд, Алӣ бояд зимоми умурро ба даст бигирад. Рӯйи ҳамин ҷиҳат, Усмон аз ҳазрат хоҳиш кард, ки муддате Мадинаро тарк кунад ва дар хориҷи Мадина дар Янбуъ ба сар бибарад, ки мардум ӯро набинанд ва ӯро фаромӯш кунанд. Ҳазрат қабул кард. Баъд думартиба худи Усмон ҳазратро эҳзор кард, чун дид, ягона касе, ки метавонад мардумро насиҳат кунад ва байни ӯ ва мардум сафир бошад ва мардум ба ӯ эътимод доранд, он ҳазрат аст. Боз ҳам ҳазрат қабул кард ва омад.

Мукаррар эътирозот ва хостаҳои мардумро ба Усмон мегуфт ва ҷавоб мегирифт ва мукаррар пешниҳодҳои хайрхоҳонае ба Усмон кард, ки агар қабул мекард, кушта намешуд. Ибтидо қабул мекард ва баъд атрофиёни фосидаш раъйашро мезаданд. Танҳо Ноила зани Усмон буд, ки ба ӯ мегуфт, ҳарфи касе ғайр аз Алӣ ибни Абӯтолибро қабул накун, вале Марвони Ҳакам ва дигарон, ки даври Усмонро гирифта буданд, бар афкори ӯ тасаллут доштанд ва намегузоштанд пешниҳоди амирулмӯъминин алайҳис саломро бипазирад. Бори дигар Усмон дид, мардум, ки Алиро мебинанд, замзамаи зимомдории он ҳазратро мекунанд. Боз ҳам ба василаи Абдуллоҳ ибни Аббос барои он ҳазрат пайғом фиристод ва хоҳиш кард, ки аз Мадина хориҷ шавад. Ин буд, ки ҳазрат бо Абдуллоҳ ибни Аббос аз ин равиши Усмон — ки як рӯз мегӯяд аз Мадина хориҷ шав ва як рӯз мегӯяд баргард — шикоят мекунад ва мефармояд:

**يَا ابْنَ عَبّاس! ما يُريدُ عُثْمانُ إلاّ أَنْ يَجْعَلَني جَمَلاً ناضِحاً بِالْغَرْبِ أُقْبِلُ وَأُدْبِرُ، بَعَثَ اِلَيَّ أَنْ اَخْرُجَ ثُمَّ بَعَثَ اِلَيَّ أَنْ أَقْدِمَ ثُمَّ هُوَ الْآنَ يَبْعَثُ اِلَيَّ أَنْ أَخْرُجَ. وَاللّهِ لَقَدْ دَفَعْتُ عَنْهُ حَتّى خَشيتُ أَنْ اَكونَ آثِماً**

(*"Наҳҷул-балоға", хутбаи 238*)

Фармуд: “*Ибни Аббос! Усмон маро малъаба қарор дода, як рӯз дастури хуруҷи маро аз Мадина медиҳад ва як рӯзи дигар худаш бидуни он ки ман изҳори майл ба муроҷеат кунам, ба ман мегӯяд баргард. Ҳоло боз думартиба пайғом мефиристад, ки чанде Мадина набош. Ба Худо қасам, он қадр аз Усмон ҳимоят кардам, ки метарсам гуноҳкор бошам!*”

Як навбат мардум омаданд ба ҳузураш ва хоҳиш карданд ба намояндагии онҳо бираваад пеши Усмон, матолиб ва хостаҳои онҳоро бигӯяд. Ҳазрат баъд аз насиҳатҳои зиёде, ки ба Усмон кард ба ӯ фармуд:

**وَإِنّي أُنْشِدُكَ اللهَ أَلاّ تَكونَ إِمامَ هذِهِ الْأُمَّةِ الْمَقْتولَ فَإِنَّهُ كانَ يُقالُ: يُقْتَلُ في هذِهِ الْأُمَّةِ إِمامٌ يَفْتَحُ عَلَيْهَا الْقَتْلَ وَالْقِتالَ اِلي يَوْمِ الْقِيمَةِ وَيَلْبِسُ أُمورَها عَلَيْها وَيَبُثُّ الْفِتَنَ فيها... فَلا تَكونَنَّ لِمَرْوانَ سَيِّقَةً يَسوقُكَ حَيْثُ شاءَ بَعْدَ جَلالِ السِّنِّ وَ تَقَضِّي الْعُمُرِ**

*(“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 162)*

Фармуд: “*Туро ба Худо қасам медиҳам, ки бипарҳез аз ин ки ту он халифаи мақтули уммат бошӣ, ки кушта шудани ӯ дари кушту куштори дохилиро ба рӯйи ин уммат боз мекунад ва ин дар ҳаргиз баста нахоҳад шуд ва доиман маншаъи фитнаҳо хоҳад шуд.*”

Баъд фармуд: “*Ту дар ин син ва дар охири умр чаро васила ва олати дасти касе монанди Марвони Ҳакам шудаӣ?*”

Усмон дар ҷавоб гуфт:

**كَلِّمِ النّاسَ في أَنْ يُؤَجِّلوني حَتّى أَخْرُجَ إِلَيْهِمْ مِنْ مَظالِمِهِمْ**

Гуфт: ”*Аз мардум бихоҳ, ба ман мӯҳлат бидиҳанд, ман хостаҳои онҳоро ба онҳо медиҳам.*”

Имом фармуд: “*Мӯҳлате лозим нест; онҳое, ки дар Мадина ҳастанд, ки мӯҳлат лозим надорад, онҳо ҳам, ки дар соири нуқот мебошанд, мӯҳлаташон ҳамин аст, ки дастури ту ба онҳо иблоғ шавад.*”

Вале баъд Марвон ва дигарон омаданд ва ба Усмон гуфтанд: агар ҷавоби мусбат ба хостаҳои мардум бидиҳӣ, мардум ҷарӣ (боҷуръат) мешаванд ва кори ту мушкилтар хоҳад шуд. Марвон гуфт:

**وَاللهِ لَاَقامَةٌ عَلى خَطيئَةٍ تُسْتَغْفَرُ اللهَ مِنْها أَجْمَلُ مِنْ تَوْبَةٍ تُخَوَّفُ عَلَيْها**

Яъне идомаи ту бар гуноҳ ва баъд истиғфор кардан, аз тавбае, ки рӯйи таҳдиди мардум ва таслим ба хостаҳои мардум бошад, беҳтар аст.

Билохира рӯз ба рӯз бар мушкилоти амр афзуда шуд, то Усмон кушта шуд. Мардуми Мадина, онҳое, ки аз дасти мазолими уммол ва ҳуккоми гузашта ба танг омада буданд, билиттифоқ омаданд ва аз Алӣ алайҳис салом хостори қабули заъомат (раҳбарӣ) шуданд ва ба қадре исрор ва издиҳом ва изҳори ризоят карданд, ки худаш мефармояд: чизе намонда буд фарзандонам зери дасту пойи мардум помол шаванд. Дар яке аз хутбаҳои “Наҳҷул-балоға” мефармояд:

**وَبَسَطْتُمْ يَدي فَكَفَفْتُها وَ مَدَدْتُموها فَقَبَضْتُها، ثُمَّ تَداكَكْتُمْ عَلَيَّ تَداكَّ الْاِبِلِ الْهيمِ عَلى حِياضِها يَوْمَ وُرودِها حَتَّى انْقَطَعَتِ النَّعْلُ وَسَقَطَ الرِّداءُ وَوُطِئَ الضَّعيفُ وَبَلَغَ مِنْ سُرورِ النّاسِ بِبَيْعَتِهِمْ اِيّايَ أَنِ ابْتَهَجَ بِهَا الصَّغيرُ وَهَدَجَ اِلَيْهَا الْكَبيرُ وَتَحامَلَ نَحْوَهَا الْعَليلُ وَحَسَرَتْ اِلَيْهَا الْكَعابُ**

Шумо дасти байъат дароз мекардед ва ман ба аломати икроҳ дасти худро пас мекашидам. Шумо дасти худро барои байъат боз мекардед ва ман баръакс ба аломати имтиноъ аз қабул, дасти худро мебастам. Валаъ ва ташнагӣ нишон додед монанди шутурони ташна, ки ба об мерасанд. Издиҳом ба қадре буд, ки кафшҳо аз поҳо ва ридоҳо аз дӯшҳо афтод, зуъафо помол шуданд. Мардуми Мадина ва касоне, ки ҳозир ба байъат буданд, он қадр изҳори хушҳолӣ ва беҳҷат карданд, то он ҷо, ки кӯдакон ба пайравӣ аз бузургон ғарқ дар шодӣ буданд, пирони шикаста ва солхӯрда бо камоли заъф ва нотавонӣ омаданд, ки байъат кунанд, беморон бо машаққати фаровон аз бистари беморӣ ба хотири байъат ҳаракат карданд ва омаданд, ҳатто занон ва духтарон барои байъат кардан сар аз по намешинохтанд.

Дар як ҳамчу шароите Алӣ алайҳис салом зимоми умурро ба даст гирифт. Роҷеъ ба ин ки маншаъ ва решаи он ҳама фитнаҳо чӣ буд ва чӣ тавр шуд, ки ҷомеаи исломӣ баъд аз он иттиҳод ва иҷтимоъ ва то ҳадди зиёде хулуси ният, гирифтори ташаттут ва тафарруқ ва ағроз шуд ва махсусан бо таваҷҷӯҳ ба ин ки ин фитнаангезиҳо аз тарафи худи аъроб ва мусалмонони аввалин шурӯъ шуд ва оташаш доман зада шуд ва соири милал, ки ба ислом гаравида буданд худро аз ин фитнаҳо дур нигаҳ медоштанд ва балки онҳо мудофеъи қонунҳои ислом буданд, роҷеъ ба ин матлаб, худи амирулмӯъминин алайҳис салом дар “Наҳҷул-балоға” баёноте дорад, ки иллат ва мӯҷиби аслии бурузи ин фитнаҳоро нишон медиҳад. Дар яке аз хутбаҳо мефармояд:

ثُمَّ إِنَّكُمْ مَعْشَرَ الْعَرَبِ أَغْراضُ بَلايا قَدِ اقْتَرَبَتْ فَاتَّقوا سَكَراتِ النِّعْمَةِ وَاحْذَروا بَوائِقَ النِّقْمَةِ

Мефармояд: шумо эй мардуми араб, ҳадафи балоҳое қарор гирифтаед, ки наздик аст комилан шуморо фаро гирад; аз асароти сукр ва мастии неъматҳо ва сарватҳо ва аз мусибатҳои интиқомҳо бипарҳезед!

وَتَثَبَّتوا في قَتامِ الْعِشْوَةِ وَاعْوِجاجِ الْفِتْنَةِ عِنْدَ طُلوعِ جَنينِها وَظُهورِ كَمينِها وَانْتِصابِ قُطْبِها وَمَدارِ رَحاها

Он ҷо, ки гарду ғубори шубаҳот бармехезад мунҳариф нашавед; ҳанӯз аввали кор аст, тоза нутфаи ин ҷанин баста шуда ва тоза ин осиёи хунин насб шуда ва тадриҷан боло хоҳад гирифт.

Мутобиқи ин баён амирулмӯъминин нутфаи ин фитнаҳоро дар туғён ва сукри неъматҳо дар миёнм як идда ва кина ва укда ва интиқом дар миёни як иддаи дигар бояд ҷустуҷӯ кард. Боз дар “Наҳҷул-балоға” аст, ки дар зимни як хитоба, ки Алӣ алайҳис салом машғули сухан гуфтан буд, шахсе ҳаракат кард ва гуфт:

يا اَميرَالْمُؤْمِنينَ! أَخْبِرْنا عَنِ الْفِتْنَةِ وَهَلْ سَأَلْتَ رَسولَ اللهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَآلِهِ عَنْها

Арз кард: ё амиралмӯъминин! Фитнаро тавсиф кун ва оё аз Расули Худо чизе дар ин замина пурсида ва шунидаӣ? Фармуд: вақте, ки ин оят нозил шуд:

أَحَسِبَ اَلنّاسُ أَنْ يُتْرَكوا أَنْ يَقولوا آمَنّا وَهُمْ لا يُفْتَنونَ

(*Анкабут/2*), ман донистам, ки дар ин уммат фитна воқеъ хоҳад шуд ва то Расули Худо дар миёни уммат ҳаст, воқеъ нахоҳад шуд, аз Расули Акрам пурсидам:

ما هذِهِ الْفِتْنَةُ الَّتي أَخْبَرَكَ اللهُ تعالى بِها؟ فَقالَ: يا عَلِيُّ إِنَّ أُمَّتي سَيُفْتَنونَ مِنْ بَعْدي

Арз кардам: ин фитна, ки Худо хабар дода чист? Фармуд: баъд аз ман мардум дучори фитна хоҳанд шуд. Ман гуфтам: оё шумо дар Уҳуд вақте, ки гурӯҳе аз мусалмонон шаҳид шуданд ва ман тавфиқи шаҳодат пайдо накардам ва аз ин ҷиҳат маҳзун шудам, ба ман нагуфтед:

أَبْشِرْ فَإِنَّ الشَّهادَةَ مِنْ وَرائِكَ

Мужда бод туро ба шаҳодат, ки дар интизор туст? Фармуд: ҳамин тавр аст. Баъд ба ман фармуд: ҳоло бигӯ, сабри ту чӣ гуна хоҳад буд? Гуфтам:

يا رَسولَ اللهِ! لَيْسَ هذا مِنْ مَواطِنِ الصَّبْرِ وَلكِنْ مِنْ مَواطِنِ الْبُشْرى وَالشُّكْرِ

Онҷо ҷойи сабр нест, ҷойи хушҳолӣ ва шукргузорӣ аст. Он вақт Расули Акрам ин тавр тавзеҳ дод ва фармуд: эй Алӣ! Баъд аз ман уммати ман моли дунё ба чанг меоваранд ва

ҳамон мол онҳоро гирифтори фитнаҳо хоҳад кард ва бо ин ҳол бар Худо миннат мегузоранд, ки дин доранд, таманнои раҳмати ӯро доранд ва аз азоби ӯ эминанд, аҳком ва муқаррароти илоҳиро бо таъвил ва шубҳа помол мекунанд, ҳаромҳои Худоро ҳалол мекунанд, шаробро ба номи набиз ва моли ҳаром ва ришваро ба номи ҳадия ва риборо ба номи байъ мехӯранд. Ман гуфтам: ё Расулаллоҳ! Таклифи ман дар ин вақт чист? Оё бо ин мардум муомалаи куфр ва иртдод кунам ё муомалаи фитна? Фармуд: муомалаи фитна.

Мусалмонон баъд аз Расули Акрам муваффақ шуданд футуҳоти зиёде бикунанд ва кишвари исломӣ тавсиа ёфт, амвол ва сарватҳои беҳисобе ба дасташон афтод ва мутаассифона тақсими ин амвол ба таври одилонае сурат нагирифт ва тухми фитнаҳо дар ҳамин ҷо кошта шуд ва баъд ҳам ашхоси номуносибе аз умавиҳо зимоми корҳоро дар даст гирифтанд ва ба таъбири амирулмӯъминин “асара” (баргузидан) пеш омад, мазолими зиёде воқеъ шуд, иддаеро неъмати бодоварда ва ранҷнабурда маст кард ва аз ҳуш бурд ва иддае дигар, ки маҳрум ва мазлум буданд аксуламали интиқом нишон доданд ва кашмакаш шурӯъ шуд, ки (инҳо) дар ҳамон ду ҷумлаи амирулмӯъминин хулоса мешавад:

**اِتَّقوا سَكَراتِ النِّعْمَةِ وَاحْذَروا بَوائِقَ النِّقْمَةِ**

Ду омил: неъмат ва никмат кори худашро кард. Дар “Муруҷуз-заҳаб” Масъудӣ менависад: Зубайр хонаҳо дар Басра ва Кӯфа ва Миср ва Искандария бино кард, вақте, ки мурд, ҳазор асп ва ҳазор ғулом ва ҳазор каниз боқӣ гузошт, маҷмӯан панҷоҳ ҳазор динор тақвим мешуд. Назири инҳоро дар мавриди Талҳа ва Зайд ибни Собит ва Яъло ибни Умайя ва Абдурраҳмон ибни Авф ва баъзе дигар навиштаанд, ки Алӣ алайҳис салом дар яке аз хутбаҳо мефармояд:

**وَقَدْ أَصْبَحْتُمْ في زَمَنٍ لا يَزْدادُ الْخَيْرُ فيهِ اِلاّ اِدْباراً وَالشَّرُّ فيهِ اِلاّ إِقْبالاً وَالشَّيْطانُ في هَلاكِ النّاسِ اِلاّ طَمَعاً، فَهذا أَوانٌ قَوِيَتْ عُدَّتُهُ وَعَمَّتْ مَكيدَتُهُ وَأَمْكَنَتْ فَريسَتُهُ. اِضْرِبْ بِطَرْفِكَ حَيْثُ شِئْتَ مِنَ النّاسِ، فَهَلْ تُبْصِرُ اِلاّ فَقيراً يُكابِدُ فَقْراً أَوْ غَنِيّاً بَدَّلَ نِعْمَةَ اللهِ كُفْراً أَوْ بَخيلاً اتَّخَذَ الْبُخْلَ بِحَقِّ اللهِ وَفْراً أَوْ مُتَمَرِّداً كَأَنَّ بِأُذُنِهِ عَنْ سَمْعِ الْمَواعِظِ وَقْراً. أَيْنَ خِيارُكُمْ وَصُلَحاؤُكُمْ وَأَحْرارُكُمْ وَسُمَحاؤُكُمْ؟ وَأَيْنَ الْمُتَوَرِّعونَ في مَكاسِبِهِمْ وَالْمُتَنَزِّهونَ في مَذاهِبِهِمْ**

Ин замон замоне аст, ки хайр пушт карда ва шарр рӯ оварда ва роҳи тамаъи шайтон боз шуда, қудрати шайтон зиёд шуда ва фиребаш умумият пайдо карда ва шикораш осон шуда. Ба ҳар тараф мехоҳӣ назар биандоз ва бибин, оё ҷуз ноҳамвориҳо ва

ноҳамоҳангиҳо хоҳӣ дид? Аз як тараф фуқарое мебинӣ, ки дар чанголи маҳиби фақр ва тангдастӣ дасту по мезананд ва аз тарафи дигар сарватаманди кофири неъмат ва носипос ва бахиле мебинӣ, ки манъи ҳуқуқи илоҳиро василаи ҷамъи мол қарор дода ва ё гӯшҳои сангин мебинӣ, ки сухани ҳақ дар онҳо асаре надорад. Куҷо рафтанд хубон ва солеҳини шумо, куҷоянд озодагон ва богузаштҳо ва фидокорҳо?

Алӣ алайҳис салом, ки ба хилофат расид, нутқҳои ифтитоҳияаш дар атрофи ҳамин мавзӯот давр мезад. Барномаи давлати ҳазраташ ислоҳоти дохилӣ дар ҳамин заминаҳо буд, заминаи сакароти неъмат ва бавоиқи ниқмат. Мухолифони ҳазрат роҳе ва баҳонае барои мухолифат надоштанд ҷуз мавзӯъи хун Усмон, ки онро баҳона кунанд ва карданд. Амирулмӯъминин дар давраи хилофаташ мавриди ду иттиҳом воқеъ шуд, ки дар ҳар дуи онҳо аз ҳамаи мардум баритар (поктар) аз он иттиҳомҳо ӯ буд ва аҷабтар ин ки муттаҳамкунандагон ҳамонҳое буданд, ки худашон масъули мустақими он ду тӯҳмат буданд. Он ду яке, достони қатли Усмон ва яке, достони ҳакамайн буд.

Дар достони қатли Усмон ҳеч кас ба андозаи амирулмӯъминин саъй накард барои хобондани фитна. Чизе, ки буд, сухани ҳазрат ва пешниҳодҳои ҳазрат мавриди қабул қарор нагирифт.

Дар зимни як нома дар ҷавоби Муовия, ки он ҳазратро ба ин кор муттаҳам мекард, менависад:

**فَأَيُّنا كانَ أَعْدى لَهُ وَأَهْدى اِلى مَقاتِلِهِ؟ أَمَنْ بَذَلَ لَهُ نُصْرَتَهُ فَاسْتَقْعَدَهُ وَاسْتَكَفَّهُ أَمْ مَنِ اسْتَنْصَرَهُ فَتَراخى عَنْهُ وَبَثَّ الْمَنونَ اِلَيْهِ حَتّى أَتى قَدَرُهُ عَلَيْهِ؟ كَلاّ و اللهِ لَقَدْ عَلِمَ اَللهُ اَلْمُعَوِّقِينَ مِنْكُمْ وَاَلْقائِلِينَ لِإِخْوانِهِمْ هَلُمَّ إِلَيْنا وَلا يَأْتُونَ اَلْبَأْسَ إِلاّ قَلِيلاً**

Мефармояд: ту имрӯз маро муттаҳам мекунӣ ва маро мехоҳӣ масъули қатли ӯ қаламдод кунӣ. Оё аз мо ду нафар он кас, ки бо камоли ҳусни ният дар бораи Усмон хайрхоҳӣ кард ва ӯ худаш нахост бипазирад ва ӯро даъват ба сукут кард, масъули хуни Усмон аст ва ё он кас, ки Усмон аз ӯ кӯмак хост ва ӯ кӯмак накард, чун дид аз куштаи Усмон беҳтар метавонад баҳрабардорӣ кунад?

Усмонро нагузоштанд пешниҳодҳои амирулмӯъмининро бипазирад, вале Усмон мукаррар аз Муовия кӯмак хост ва Муовия чун худашро аз лиҳози таҷҳизот омода медид ва мавқеъро барои заъомат (раҳбарӣ) ва зимомдории шахси худаш муносиб медид, ба тақозоҳои пай дар пайи Усмон тартиби асар надод ва мунтазир буд, ки кай хабари марги Усмон бирасад, ки баҳона ба дасти ӯ биафтад. Дар як номаи дигар, амирулмӯъминин ба Муовия менависад:

فَإِنَّكَ إِنَّما نَصَرْتَ عُثْمانَ حَيْثُ كانَ النَّصْرُ لَكَ وَخَذَلْتَهُ حَيْثُ كانَ النَّصْرُ لَهُ

Ту он вақт, ки агар иқдом мекардӣ, ба нафъи ӯ буд, номе аз нусрати ӯ набурдӣ, аммо вақте, ки номи ӯ сабаби пешрафти кори худат мешуд, фарёди “Во Усмонҳ!”баланд кардӣ.

Боз Алӣ алайҳис салом ин ҷумларо мукаррар мефармуд:

وَإِنَّهُمْ لَيَطْلُبونَ حَقّاً هُمْ تَرَكوهُ وَدَماً هُمْ سَفَكوهُ

Инҳо ҳаққеро мутолаба мекунанд, ки худашон тарк карданд ва қасоси хунеро мехоҳанд, ки худашон рехтанд. Инро дар мавриди тамоми касоне, ки хуни Усмонро баҳона қарор дода буданд, мефармуд, мисли Талҳа ва Зубайр ва Амри Ос ва Муовия ва касони дигар. Ин як тӯҳмат, ки амирулмӯъминин аз ҳамаи мардум аз ӯ баритар буд ва худи муттаҳамкунандагон масъули он тӯҳмат буданд.

Тӯҳмати дигар, мавзӯъи ҳакамайн буд. Дар ҷанги Сиффин ҳангоме, ки наздик буд кор ба нафъи амирулмӯъминин хотима пайдо кунад, аз тарафи Муовия ва Амри Ос ҳилае ба кор рафт; Қуръонҳоро бар найза карданд ва гуфтанд:

بَيْنَنا وَبَيْنَكُمْ كِتابُ اللهِ

Амирулмӯъминин ба ин ҳила тартиби асар надод ва фармуд, ба ҷанг идома диҳанд, лекин иддаи зиёде аз асҳоби худаш — ки қории Қуръон буданд ва худашонро аҳли Қуръон медонистанд ва барои худ ҳаққи раъй ва ҳаққи назар қоил буданд — фиреб хӯрданд ва гуфтанд: ҳадафи мо ҳамин буд, ки Қуръон ҳоким байни мо бошад, ҳоло, ки онҳо ҳозир шудаанд, дигар ҷанг бояд мавқуф шавад. Ҳар чи амирулмӯъминин хост онҳоро қонеъ кунад, муфид воқеъ нашуд, расман шӯриданд ва чизе боқӣ намонда буд, ки ба худи ҳазрат ҳамла кунанд ё аз пушти сар ба он идда аз ёронаш, ки машғули ҷанг буданд, ҳамла кунанд. Иҷборан ҳазратро водор карданд, ки дастури муторака бидиҳад. Баъд ду нафар ҳакам муайян шуданд ва боз дар ихтиёри ҳакам, ихтиёрро аз ҳазрат салб карданд ва шахсеро, ки худашон моил буданд ва ҳазрат расман салоҳияти ӯро инкор кард, ҳакам қарор доданд. Баъд, ки намояндаи онҳо фиреб хӯрд, якбора ба ин фикр афтоданд, ки ҳакамияти афрод ва ашхос дар дини Худо ҷоиз нест ва асосан куфр аст. Худашон тавба карданд ва аз Алӣ алайҳис салом иқрор ба гунох ва тавба мехостанд. Ҳаминҳо буданд, ки гурӯҳи Хавориҷро ташкил доданд ва аз пушт ба ҳадафҳои амирулмӯъминин ханҷар заданд. Инҳо аз ин таърих душмани сарсахти амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом шуданд. Фарқи инҳо, ки Хавориҷанд, бо соири душманон яъне навосиб ин буд, ки инҳо барои душмании худашон бо ҳазрат аз рӯйи хаёли худ, фалсафа

ва мабное ҳам тарошида буданд ва инро ба сурати як мазҳаб ва равиши динӣ даровarданд. Таъассубро бо ҷаҳл омехтанд ва ҳамин амр мунҷар ба зарбат хӯрдани амирулмӯъминин ва шаҳодати он ҳазрат шуд. Абдурраҳмон ибни Мулҷами Муродӣ яке аз ҳамин афрод аст.

Баъд аз ҳамаи инҳо, як омили бузург, ки дар ҳамаи ин чараёнҳо ва ҳадафи тӯҳмат қарор доданҳо ва фитнаангезиҳо ва оташафрӯзиҳо муассир буд ва зиёд муассир буд, ҷаҳолат ва бехабарии оммаи мардум буд. Ҷаҳолат аст, ки як анбӯҳи азим аз мардумро олат ва малъабаи фикр ва иродаи як идда дунёпараст қарор медиҳад. Амирулмӯъминин худаш ба ин омил ишора мекунад ва мефармояд:

**إِلَى اللهِ أَشْكو مِنْ مَعْشَرٍ يَعيشونَ جُهّالاً وَيَموتونَ ضُلاّلاً، لَيْسَ فيهِمْ سِلْعَةٌ أَبْوَرُ مِنَ الْكِتابِ إِذا تُلِيَ حَقَّ تِلاوَتِهِ وَلا سِلْعَةٌ أَنْفَقُ بَيْعاً وَلا أَغْلى ثَمَناً مِنَ الْكِتابِ إِذا حُرِّفَ عَنْ مَواضِعِهِ**

Ба Худо шикоят мекунам аз мардуме, ки дар ҷаҳолат ва нодонӣ зиндагӣ мекунанд ва дар гумроҳӣ мемиранд; Матоъе камбаҳотар аз Қуръон дар миёни онҳо нест агар ҳақоиқи он гуфта шавад ва матоъе гаронбаҳотар аз Қуръон барои онҳо нест агар таҳриф шавад ва ҳақоиқаш воруна гардад.

Ин буд, ки мефармуд:

**غَداً تَرَوْنَ أَيّامي وَيُكْشَفُ لَكُمْ عَنْ سَرائِري وَتَعْرِفونَني بَعْدَ خُلُوِّ مَكاني وَقِيامِ غَيْري مَقامي**

**والسلام عليكم ورحمة الله وبركاته**

## Тарбияти Алӣ — мақоми “Наҳҷул-балоға”

**بسم الله الرّحمن الرّحيم**

**الحمد لله رب العالمين بارئ الخلائق أجمعين والصلاة والسلام على عبد الله ورسوله محمد وآله الطاهرين**

Мавриди иттифоқ аст, ки Расули Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳӣ Алӣ алайҳис саломро аз кӯдакӣ пеши худ оварда буд ва дар хонаи худаш ӯро таълиму тарбият кард. Алӣ бо ахлоқи ғайри пайғамбар аз ҳамон аввал ошно нашуд. Роҷеъ ба ин ки чӣ тавр шуд Расули Акрам Алиро аз ҳамон аввал аз амуи худ гирифт ва назди худ овард ва ҳатто ӯро дар хилватгоҳи ибодат бо худ мебурд, муаррихон иллатҳое навиштаанд. Баъзе сирфан ба мавзӯъ, ҷанбаи ҳақшиносӣ ва кӯмак ба Абӯтолиб додаанд, зеро Расули Акрам худаш дар кӯдакӣ дар такаффули ҷаддаш Абдулмутталиб буд, баъд аз Абдулмутталиб дар

кафолати амуяш Абӯтолиб даромад, пас Абӯтолиб аз ин назар ҳаққи бузурге бар Расули Акрам дошт, солҳо мутакаффили махориҷ ва зиндагии Расули Акрам буд. Гуфтаанд, Расули Акрам хост, он хидматҳо ва заҳматҳои амуяш Абӯтолибро ҷуброн кунад, аз ин рӯ баъд аз он ки худаш соҳиби хона ва зиндагӣ шуд ва оила ташкил дод, фарзанди кучаки Абӯтолиб яъне Алӣ алайҳис саломро аз Абӯтолиб гирифт ва мутакаффили махориҷ ва тарбияти ӯ шуд.

Баъзе аз муаррихон навиштаанд, соли гаронӣ ва сахтӣ пеш омад. Расули Акрам ба ду нафар аз амуҳояш Аббос ва Ҳамза пешниҳод кард, ки чун Абӯтолиб тангдаст аст ва оилааш зиёд аст, дар кафолати оилааш ширкат кунем. Рафтанд ва аз Абӯтолиб хоҳиш карданд. Абӯтолиб гуфт: Ақилро барои худам бигузоред, соири фарзандони маро ҳар кадом мехоҳед бибаред. Аббос Толибро ва Ҳамза Ҷаъфарро ва Расули Акрам Алиро гирифтанд ва бо худ бурданд. Ин достон ба ин сурат, баъид ба назар мерасад ҳақиқат дошта бошад, зеро ҳама Алиро дар он вақт тифли панҷсола ё шашсолае навиштаанд ва ҳама навиштаанд, ки Ҷаъфар аз Алӣ даҳ сол бузургтар буд ва Ақил аз Ҷаъфар даҳ сол бузургтар буд ва Толиб аз Ақил даҳ сол бузургтар буд. Бинобар ин Толиб дар он вақт марде дар ҳудуди 35-сола ва Ақил ҷавони тақрибан 25-сола ва Ҷаъфар наврасе 15-сола буда. Боварӣ нест мардоне дар ҳудуди 35-сола ва 25-сола эҳтиёҷ ба кафолат дошта бошанд. Синни Ҳамза, ки дар ин нақл номаш омада ва ҳамчунин синни худи Расули Акрам низ дар он вақт дар ҳудуди 35 сол буда, яъне бо Толиб, ки писари бузурги Абӯтолиб буда тақрибан ҳамсинн будаанд.

Баъзе дигар аз муаррихон, аз фарзандони Абӯтолиб номи Толибро дар ин қисса зикр накардаанд ва ҳамчунин аз амуҳо номи Ҳамзаро наёвардаанд, ҳамин қадр гуфтаанд, Расули Акрам ин матлабро бо амуяш Аббос дар миён гузошт ва Абӯтолиб аз таслими Ақил имтиноъ кард ва Аббос Ҷаъфарро ба хонаи худ бурд ва Расули Акрам Алиро. Мутобиқи ин нақл, Аббос мутакаффили Ҷаъфар буда ва мутобиқи нақли аввал, Аббос мутакаффили Толиб шуд. Ин таъоруз ҳам байни ду нақл ҳаст. Бинобар ин маълум нест ин достон асосе дорад ё надорад, хусусан ин ки такаффули Расули Акрам Алӣ алайҳис саломро марбут ба як сол ва ё ду сол нест; Алӣ то охир дар хонаи пайғамбар ва таҳти тарбияти пайғамбар буд ва ҳатто дар мавоқеъи ибодат ва халавоти ибодат Алиро ҳамроҳи худ мебурд. Гузашта аз ҳамаи инҳо, тарзи рафтор ва муҳаббат ва алоқаи Расули Худо нисбат ба амирулмӯъминин дар ҳамон давраи кӯдакӣ, мерасонад, ки Расули Акрам шахсан ба Алӣ инояти махсус дошт, танҳо ба хотири ҳақшиносӣ аз Абӯтолиб набуд.

Ибни Абилҳадид аз Фазл ибни Аббос нақл мекунад, ки аз падарам Аббос пурсидам: пайғамбар кадом як аз фарзандони худро аз ҳама бештар дӯст медошт? Гуфт: Алиро.

Ман гуфтам: ман аз ту аз фарзандонаш мепурсам, ки кадом якро бештар дӯст медошт ва ту мегӯӣ Алиро аз ҳама бештар дӯст медошт?! Гуфт: пайғамбар ба андозае, ки Алиро дӯст медошт, ҳеч кадом аз фарзандони худро дӯст намедошт.

Он инояти махсуси пайғамбар ба Алӣ аз замони кӯдакӣ, мерасонад, ки иллати аслии ин такаффул ва таҳти назар гирифтан, нашъат ва тарбияти он ҳазрат муносиботи маънавӣ буда, ӯро тарбият мекард, ки дар оянда ҳамон симатеро барои ӯ дошта бошад, ки Ҳорун барои Мӯсо дошт, яъне муъин ва муовин ва кӯмак ва вазири ӯ буда бошад. Худи Алӣ алайҳис салом дар бораи Расули Акрам ва тарбияти худаш дар зери дасти пайғамбар мефармояд:

وَلَقَدْ قَرَنَ اللهُ بِهِ مِنْ لَدُنْ أَنْ كانَ فَطيماً أَعْظَمَ مَلَكٍ مِنْ مَلائِكَتِهِ يَسْلُكُ بِهِ طَرِيقَ الْمَكارِمِ وَمَحاسِنَ أَخْلاقِ الْعالَمِ لَيْلَهُ وَ نَهارَهُ وَ لَقَدْ كُنْتُ اَتَّبِعُهُ اتِّباعَ الْفَصيلِ اَثَرَ أُمِّهِ يَرْفَعُ لي في كُلِّ يَوْمٍ مِنْ أَخْلاقِهِ عَلَماً وَيَأْمُرُني بِالْاِقْتِداءِ بِهِ

Худованди Мутаъол мавҷуде ғайбӣ ва фariштае бузург ҳамроҳи пайғамбараш кард, ки ӯро ба фазоил ва маъолӣ ва макорим шабу рӯз раҳбарӣ ва таъйид мекард ва ман монанди бачча, ки дунболи модар меравад, ҳамеша ӯро дунбол мекардам, ҳар чи аз он даст аз таъйиди илоҳӣ мегирифт, аз дасти дигар ба ман баҳра мерасонд ва амр мекард дар амал ба ӯ иқтидо кунам.

Ин буд нашъат ва тарбият ва таълими Алӣ алайҳис салом, ки барояш шабеҳ ва назире наметавон тасаввур кард. Ӯ ва пайғамбар монанд ду дарахте буданд, ки аз як реша об бихӯранд. То ин андоза тавофуқи руҳӣ ва ташобуҳи ахлоқӣ доштанд. Худаш мефармояд:

وَأَنَا مِنْ رَسولِ اللهِ كَالصِّنْوِ مِنَ الصِّنْوِ وَالذِّراعِ مِنَ الْعَضُدِ

Ман ва пайғамбар монанд ду дарахт тавъам будем, ки як реша дошта бошад ва ман барои ӯ монанди зироъ барои бозу будам.

Ин якрешагӣ ва иттисол ва пайвастагӣ, дар тамоми шуъуни зиндагии амирулмӯъминин зоҳир аст. Сайиди Разӣ, ки хутбаҳои амирулмӯъмининро ҷамъ карда ва исмашро “Наҳҷул-балоға“ гузошта, дар муқаддимаи “Наҳҷул-балоға” дар тавсифи каломи он ҳазрат мегӯяд:

عَلَيْهِ مَسْحَةٌ مِنَ الْعِلْمِ الْاِلهِيِّ وَفيهِ عَبْقَةٌ مِنَ الْكَلامِ النَّبَوِيِّ

Суханони Алӣ нишонае аз илми илоҳӣ ва бӯйе аз суханони Расули Худо дорад.

Ин ҳамоҳангӣ ва шабоҳат ва синхият, ки байни калимоти амирулмӯъминин ва калимоти Расули Акрам ҳаст, ношӣ аз ҳамон ҳамрешагӣ ва ҳамаслӣ аст; аз ин аст, ки

амирулмӯъминин дар бӯстони Расули Акрам шукуфта ва об хӯрда ва рушд кардааст ва амирулмӯъминин илова бар ин ки бо Расули Худо қаробати насабӣ дорад ва ҳамхун аст, қаробати руҳӣ ва тарбиятӣ дорад, дастпарвардаи шахси Расули Акрам аст; на танҳо аз таълимоти Расули Худо истифода карда, балки мураббии хусусӣ ва хонагии ӯ шахси Расули Худо буда.

“Наҳҷул-балоға” — ки арз кардам маҷмӯае аст аз калимоти амирулмӯъминин ва Сайиди Разӣ онҳоро ҷамъ карда — гузашта аз ин ки ояти фасоҳат ва балоғат ва суханварӣ аст ва Сайиди Разӣ — ки худ марде адиб ва шоир буда — ба ҳамин манзур онҳоро ҷамъ карда ва ин номро яъне “Наҳҷул-балоға“ рӯйи он гузошта, як ганҷинаи нафисе аст аз маорифи исломӣ ва баъд аз Қуръон беҳтарин асаре аст, ки аз ислом дар даст аст. Калимоти амирулмӯъминин аз ҳамон садри ислом мавриди иноят ва таваҷҷӯҳи дӯсту душман буда. Ҳатто душманон ва мухолифони он ҳазрат — онҳо, ки аҳли фазл ва адаб буданд — аз таваҷҷӯҳ ва забт ва ҳифзи онҳо наметавонистанд худдорӣ кунанд.

Абдулҳамид котиби маъруф ва котиби Марвон ибни Муҳаммад, охирин халифаи умавӣ буд ва аслан ҳам аҳли Шом аст. Ин мард зарбулмасали балоғат ва фасоҳат ва нависандагӣ аст, то он ҷо, ки гуфтаанд:

بُدِئَتِ الْكِتابَةُ بِعَبْدِ الْحَميدِ وَخُتِمَتْ بِابْنِ الْعَميد

Нависандагӣ бо Абдулҳамид шурӯъ шуд ва ба Ибни ал-Ъамид хатм шуд. Вақте, ки аз Абдулҳамид мепурсанд:

مَا الَّذي خَرَّجَكَ فِي الْبَلاغَة

Чӣ чиз туро ба ин балоғат расонд? Мегӯяд:

حِفْظُ كَلامِ الْأَصْلَع

Яъне калимоти Аслаъ (яъне Алӣ)-ро ҳифз кардам. Ин мард — ҳамон тавр, ки арз кардам — аз наздикони умавиҳост ва аслан аҳли Шом аст ва дар айни ҳол иқрор мекунад, ки устоди ман дар ин фанн Алӣ ибни Абӯтолиб аст.

Ҷоҳиз дар “Албаёну ват-табйин”, ҷилди аввал, ин ҷумларо аз Алӣ алайҳис салом нақл мекунад:

قيمَةُ كُلِّ امْرِئٍ ما يُحْسِنُهُ

(“*Арзиши ҳар шахс, ба андозаи дониши ӯст.*”) Баъд мегӯяд: агар дар ҳамаи ин китоб ҷуз ин калима набуд, кофӣ буд, балки фавқи кифоят буд ва беҳтарин сухан он аст, ки дар айни ихтисор маъное олӣ дарбар дошта бошад. Мегӯяд:

**وَكَأَنَّ اللهَ عَزَّ وَجَلَّ قَدْ أَلْبَسَهُ مِنَ الْجَلالَةِ وَغَشاهُ مِنْ نورِ الْحِكْمَةِ عَلى حَسَبِ نِيَّةِ صاحِبِهِ وَتَقْوى قائِلِهِ**

Яъне мисли ин аст, ки Худованди Мутаъол ин ҷумларо бо ҷомае аз ҷалолат ва нуре аз ҳикмат пӯшонидааст ва рух ва ният ва тақвои гӯяндааш дар ӯ зоҳир шудааст. Баъд мегӯяд: ва агар сухан аз лиҳози маъно олӣ ва аз лиҳози лафз фасеҳ бошад ва такаллуф дар ӯ ба кор нарафта бошад, бо қалби одамӣ он тавр мекунад, ки борон бо замини покиза мекунад.

Ин шахс ҳам, ки ин таъбирро мекунад, аз шиъаён ва дӯстони амирулмӯъминин нест, балки гуфтаанд:

**وَكانَ مائِلاً اِلَى النّصب**

Ӯро носибӣ шумурдаанд.

Удай ибни Ҳотами Тоӣ аз асҳоби бузургвори амирулмӯъминин аст ва дар Сиффин дар хидмати ҳазрат буд ва се писараш ба номи Тариф ва Ториф ва Турфа шаҳид шуданд. Баъд аз шаҳодати амирулмӯъминин ва интиқоли хилофат ба Муовия, як рӯз бар Муовия ворид шуд. Муовия ба ӯ гуфт:

**يا عَدِيُّ أَيْنَ الطَّرَفاتُ**

Яъне ку писаронат Тариф, Ториф ва Турафа? Гуфт:

**قُتِلوا يَوْمَ صِفّينَ بَيْنَ يَدَيْ عَليٍّ بْنِ أَبي طالبٍ**

Дар Сиффин дар хидмати Алӣ шаҳид шуданд. Муовия гуфт: Алӣ бо ту инсоф надод, писарони туро ҷилав фиристод, кушта шуданд ва писарони худаш солим монданд. Гуфт:

**بَلْ أَنَا ما أَنْصَفْتُ عَلِيّاً إِذْ قُتِلَ وَبَقيتُ**

Балки ман бо ӯ инсоф надодам, ки ӯ рафт ва ман мондам. Муовия гуфт:

**صِفْ لي عَلِيّاً**

Алиро барои ман тавсиф кун. Гуфт: маро муоф бидор. Гуфт: мумкин нест. Удай гуфт:

**كانَ وَاللهِ بَعيدَ الْمَدى شَديدَ الْقُوى يَقولُ عَدْلاً وَيَحْكُمُ فَصْلاً تَتَفَجَّرُ الْحِكْمَةُ مِنْ جَوانِبِهِ وَالْعِلْمُ مِنْ نَواحيهِ**

Ба мунтаҳои дараҷа аз иззату каромат буд, бисёр қавӣ ва нерӯманд буд, ба адолат мегуфт ва мӯътақид буд ва ҳукмаш қотеъ буд, ҳикмату илм аз атроф ва ҷавонибаш мисли об, ки аз чашма меҷӯшад меҷӯшид.

Ҳамин тавр ба гуфтаи худаш идома дод ва аз ҳолатҳои он ҳазрат гуфт, ки ашкҳои Муовия ҷорӣ шуд ва бо остинаш ашкҳоро пок кард ва баъд худаш гуфт:

**رَحِمَ اللهُ أَبَا الْحَسَنِ كانَ كَذلِكَ**

Худо Абулҳасанро (Алиро) биёмурзад, ҳамин тавр буд, ки ту гуфтӣ. Баъд гуфт:

**فَكَيْفَ صَبْرُكَ عَنْهُ**

Ҳоло ту дар фироқи ӯ дар чӣ ҳолӣ? Гуфт: мисли касе, ки писарашро дар доманаш сар бурида бошанд.

Дӯсту душман мӯътариф буд, ки:

**تَتَفَجَّرُ الْحِكْمَةُ مِنْ جَوانِبِهِ وَالْعِلْمُ مِنْ نَواحيهِ**

Илму ҳикмат аз атрофаш меҷӯшид.

“Наҳҷул-балоға” воқеан китоби нафисе аст, ганҷина аст, руҳро ғизо медиҳад, оромиш ва итминон мебахшад, нур мепошад, ба манзилаи як доиратулмаориф аст, чун мавзӯоти мухталиф дар ин китоб мавриди баҳс ва таҷзияву таҳлил қарор гирифта аз тавҳид ва сифоти Борӣ ва нубувват ва маъод ва офариниши олам ва такаввуни инсон. Роҷеъ ба ислом ва Қуръон ва ҳикмат ва фалсафаи аҳком ва беъсати хотами анбиё ва осори даъвати Расули Акрам дар ҷаҳон, баёноте олӣ дорад ва илова бар инҳо муштамил аст бар мавъизаҳо ва ахлоқиёт, бар сабр, шуҷоат, иффат, тақво, истиқомат, ҳиммат ва ирода, тафаккур ва ибрат, ҳуррият ва таҳзиби нафс, манъ аз асабият ва наҳй аз тафохур, кибр, дурӯғ, зулм, риё ва амсоли инҳо.

Илова бар инҳо, як силсила мабоҳиси иҷтимоӣ дорад. Роҷеъ ба фитнаҳо ва иллатҳои онҳо ва осори онҳо, роҷеъ ба иттиҳод ва ихтилоф ва осори онҳо, иззат ва шавкатҳо, зиллат ва асоратҳо, роҷеъ ба усули адл ва мусовот ва ҳуқуқ ва ҳукумат ва қонун ва вазоифи ҳоким ва раъият ва вазоифи мардум нисбат ба якдигар ва амсоли инҳо, роҷеъ ба ҳамаи инҳо мабоҳисе дар ин китоб дорад. Мабоҳисе олӣ ва ҳакимона роҷеъ ба ҷиҳод дорад, дастурҳои ҷангӣ дорад. Масоили иҷтимоӣ ва фитнаҳои асри худашро комилан таълилу таҳлил карда, мисли ҳодисаи инқилоб алайҳи Усмон ва қатли ӯ ва фитнаи Ҷамал ва Сиффин ва достони ҳакамайн ва Хаворич.

Илова бар ҳамаи инҳо, муштамил аст бар қисмате аз малоҳим ва хабарҳои оянда, ки мефармояд аз Расули Худо шунидаам, мисли ояндаи Басра ва Кӯфа ва фитнаи Занҷ ва истибдоди Абдулмалик ва Ҳаҷҷоҷ ва хотимаи кори умавиҳо. Қисматҳое роҷеъ ба шахси худаш ва равиш ва сиёсате, ки пайравӣ мекунад ва мутобиқи майли мардуми он аср набуд дорад. Ишораи мухтасаре ба таърихи анбиё дорад. Ҳикмат ва фалсафаи аҳком

дорад. Роҷеъ ба намоз ва рӯза ва ҳаҷ ва ҷиҳод ва закот ва силаи раҳм ва амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар баҳс карда. Дар атрофи илм ва мол ва муқоисаи байни онҳо матолибе ҳаст. Ҳамосаҳои ҷангии бисёр олӣ ва ҷондор дорад.

Баҳсҳои ирфонӣ ва завқӣ дар атрофи қалб ва сайру сулук ва зикри Худо ва сафо ва маънавият ва тавба ва истиғфор ва дуо дорад.

Маҷмӯъи мавзӯоте, ки дар ин китоби нафис ҳаст, агар шумурда шавад, дар ҳудуди сад мавзӯъ аст ва ҳама ҷолиби таваҷҷӯҳ аст. Баъзе аз ин мавзӯот бештар аз соири мавзӯот дар калимоти амирулмӯъминин мавриди баҳс воқеъ шуда ва амирулмӯъминин ба онҳо инояти махсус нишон дода. Аз он ҷумла масъалаи тавҳид ва сифоти рубубӣ аст. Дар атрофи басотат ва ягонагӣ ва илм ва қудрат ва иноят ва ҳикмати Худованд зиёд баҳс шуда. Гоҳе як хутбаи муфассал дар атрофи ҳамин мавзӯъ аст. Ин қадр ин мабоҳис олӣ ва ҳакимона аст, ки ҷуз он ки дар пешгоҳи шахсияти маънавии амирулмӯъминин иқрор кунем, ки қалби мубораки ӯ улум ва маорифро аз мишкоти нубувват гирифта ва бо олами маъно иттисол дошта ва ба қавли Ҷуброн Халил Ҷуброн:

جاوَرَ الرّوحَ الْكُلّيِّ وَسامَرَها

— ҷорае надорем.

Аз ҷумлаи мавзӯоте, ки зиёд мавриди инояти ҳазрат аст, масъалаи тарки дунё ва зуҳд ва вараъ ва таваҷҷӯҳи куллӣ ба охират ва тазаккури мавт ва муғтанам шумурдани айёми умр аст. Суханони ҳазрат дар ин замина илҳомбахш таназзуҳ ва покӣ ва ҳақир шумурдани захориф ва зеварҳо ва зинатҳои дунёст; моддиётро дар назар ҳақир ва кучак мекунад ва арзиши маънавиётро ба миқёси бузурге боло мебарад. Сайиди Разӣ дар муқаддимаи “Наҳҷул-балоға” мегӯяд:

”*Аз мухтассоти амирулмӯъминин яке ин аст, ки вақте, ки одамӣ ғарқ дар мавъизаҳо ва суханони зоҳидонааш мешавад, гумон мекунад ин калимотро касе гуфта, ки ҷуз аз заҳодат ва тарки дунё насибе надошта, гӯшаи узлат ва кунҷи хонаро ихтиёр карда ва ё мисли роҳибҳо дар ғоре ва домани кӯҳе дур аз ҳама чиз ва ҳама кас зиндагӣ карда, эҳсосоте ва афкоре ҷуз ҳамин навъ афкор бар руҳаш мусаллат нест. Одамӣ бовар намекунад, ки инҳоро марде гуфта, ки дар айни ҳол як сарбози далери майдони ҷанг аст ва қисмате аз умри худро дар заду хӯрд бо хунхорон ва гарданкашон гузарондааст…*”

Мегӯяд: “*Ин ҷамъ байни аздод, аз мухтассоти аҷиби амирулмӯъминин аст ва ман мукаррар ин мавзӯъро бо дӯстонам дар миён мегузорам ва онҳо ҳам монанди ман дар аҷаб мемонанд.*”

Мавзӯи дигаре, ки дар ин китоб зиёд мавриди инояти амирулмӯъминин аст, мавзӯъи ҳуқуқи иҷтимоӣ ва адолат ва мусовот ва мубориза бо зулму ситамгарӣ ва таҷовуз аст. Дар бисёре аз калимоти худ рӯйи ин мавзӯъ инояти бахусусе ба харҷ дода.

Ҳамон тавре, ки худаш дар амал муҷассамаи адл ва мусовот буд, дар калимоташ ҳам зуҳуру буруз дорад. Дар амал он қадр дар ин роҳ кӯшиш мекард, ки қавӣ ва заъиф намешинохт ва мегуфт: қавӣ дар назди ман заъиф аст то вақте, ки ҳаққеро, ки помол карда аз ӯ пасбигирам ва заъиф дар назди ман қавӣ аст то вақте, ки ҳаққи салбшудаи ӯро барои ӯ бигирам.

Он ҷо, ки пойи адолат ва ҳуқуқ буд, дигар на фарзанд мешинохт ва на бародар ва на хешованд ва на дӯст ва на ҳеч каси дигар. Дар калимоти амирулмӯъминин баҳсҳои зиёде аст роҷеъ ба анвоъи ҳуқуқе, ки дар ҷомеаи башарӣ ҳаст, роҷеъ ба ин ки “ҳақҡ” як матлаби умумӣ аст, лаҳи (ба фоидаи) як даста ва алайҳи дастаи дигар вазъ нашуда, лаҳи ҳар кас ҳаст, алайҳи ӯ ҳам ҳаст ва алайҳи ҳар кас ҳаст, лаҳи ӯ ҳам ҳаст, ҳар ҷо, ки ҳаққе аст, вазифае ҳам паҳлӯи ӯ вуҷуд дорад, ин тавр нест, ки ҳақ моли баъзе ва вазифа ба ӯҳдаи баъзе дигар бошад.

Аз ҷумлаи масоиле, ки дар калимоти амирулмӯъминин нисбатан зиёд мавриди иноят аст, сиёсати махсус ва равиши хосси идораи иҷтимоъ аст, ки худаш пайравӣ мекарда, яъне ҳамон равиши соф ва содиқона ва бе ғиллу ғаш ва холӣ аз макру худъа ва фиреб ва нифоқе, ки дар идораи умур дошт ва ҳозир набуд ба ҳеч қимате найрангу фиреб ва худъаро дар кори худ дахолат диҳад.

Баъзе аз ин мавзӯот, шоиста аст аз рӯйи диққат ва таваҷҷӯҳ ба ҳамаи ҷавониби каломи он ҳазрат тафсиру тавҷеҳ шавад. Бисёр дида шуда, ки касоне гӯшае аз калимоти он ҳазратро гирифтаанд ва бидуни таваҷҷӯҳ ба соири калимоти ҳазрат ва бидуни таваҷҷӯҳ ба тарзи амал ва сирати он ҳазрат, ба як наҳве тафсир кардаанд, ки бо руҳи таълимоти он ҳазрат созгор нест. Иншоаллоҳ дар ин се чаҳор шаби дигар, ки ин суханронӣ ҳаст, ҳар шаб яке аз ин мавзӯотро, ки эҳтиёҷ ба тавзеҳ ва тафсир дорад, мавзӯъи сухан қарор медиҳем.

Аз ҷумлаи чизҳое, ки дар зиндагии амирулмӯъминин комилан намоён аст, он ҳамоҳангӣ ва ҳамъинонии қавл ва амал аст. Амирулмӯъминин қабл аз он ки суханвари хубе бошад ва масалан хуб дар атрофи зуҳд ва тақво суханварӣ кунад, худаш дар мунтаҳои дараҷаи зуҳд ва тақво ва таназзуҳ буд ва ҳамчунин пеш аз он ки дар атрофи ҳолатҳои қалб ва маъонии латифи ирфонӣ ҳарф бизанад, худаш амалан солик ва ориф ва соҳибдил ва равшанзамир буд. Алӣ дар атрофи масолеҳи олияи исломӣ, ҳам ҳарф зад ва ҳам нишон дод, ки дар мунтаҳои ҷавонмардӣ аз ҳуқуқи шахсии худ ба хотири ҳифзи масолеҳи олияи

исломӣ чашм пӯшид ва маслиҳати исломро бар маслиҳати шахсии худаш муқаддам дошт. Ҳамоҳангӣ ва ҳамъинонии қавл ва амал, гуфтор ва кирдор, бузургтарин фазилати инсонӣ аст ва ин аст рамзи маҳбубияти беназири Алӣ алайҳис салом.

**والسلام عليكم ورحمة الله وبركاته**

## Равиши сиёсии Алӣ

**بسم الله الرّحمن الرّحيم**

**الحمد لله رب العالمين بارئ الخلائق أجمعين والصلاة والسلام على عبد الله ورسوله وحبيبه وصفيّه محمد وآله الطاهرين**

**ومن كلام له عليه السلام: اِنَّ الْوَفاءَ تَوْأَمُ الصِّدْقِ وَلا أَعْلَمُ جُنَّةً أَوْقى مِنْهُ وَلا يَغْدِرُ مَنْ عَلِمَ كَيْفَ الْمَرجِعُ، وَلَقَدْ أَصْبَحْنا في زَمانٍ قَدِ اتَّخَذَ أَكْثَرُ أَهْلِهِ الْغَدْرَ كَيْساً وَنَسَبَهُمْ أَهْلُ الْجَهْلِ فيهِ اِلى حُسْنِ الْحيلَةِ، ما لَهُمْ؟ قاتَلَهُمُ اللهُ! قَدْ يَرَى الْحُوَّلُ الْقُلَّبُ وَجْهَ الْحيلَةِ وَدونَهُ مانِعٌ مِنْ أَمْرِ اللهِ وَنَهْيِهِ فَيَدَعُها رَأْيَ عَيْنٍ بَعْدَ الْقُدْرَةِ عَلَيْها وَيَنْتَهِزُ فُرْصَتَها مَنْ لاحَريجَةَ لَهُ في الدّينِ**

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 41*)

Аз калимоти Алӣ алайҳис салом аст:

“*Вафо ба аҳду паймон ва садоқат ва ростӣ, ин ду қарини якдигаранд. Ман сипаре беҳтар аз вафо сuroғе надорам. Касе, ки ба бозгашт ба сӯйи Худо ва рӯзи қиёмат имон дошта бошад, ҳаргиз бо мардум бо ғадр ва фиреб рафтор намекунад. Дар рӯзгори мо баъзе нодонон худъа ва фиребро як навъ ҳусни сиёсат ва ҳусни тадбир ба ҳисоб меоваранд. Гоҳ ҳаст, ки ашхоси басир ба таҳаввулот ва гардиши умур ҳам роҳи ҳила ва нақшаи шайтониро медонанд, вале амру наҳйи илоҳӣ монеъи ба кор бурдани он нақшаи шайтонӣ аст, аз ин рӯ дар айни қудрат ва тавоноии комил, аз ба кор бурдани он сарфи назар мекунанд. Вале онҳо, ки пойбанди дин ва ҳақиқат нестанд, интизори ин гуна фурсатҳои шайтониро мекашанд, ки дар мавқеъи худ истифода кунанд.*”

Дишаб зимни ин ки ба муҳтаваёти “Наҳҷул-балоға” — ки маҷмӯае аз суханони баланд ва осмонии амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом аст — ишора кардам, арз кардам дар ин китоб дар бораи баъзе мавзӯот мукаррар баҳс шуда ва чанд мавзӯъро ба унвони мисол арз кардам. Яке аз он мавзӯъот тавзеҳ ва дифоъ аз равиши махсусе аст, ки Алӣ алайҳис салом дар сиёсат ва идораи амри хилофат ба кор мебурд ва чун он роҳу равиш ва он сиёсат барои ғолиби афрод, ки худро аҳли тадбиру сиёсат медонистанд ғайри қобили

ҳазм буд, аз ин рӯ мукаррар дар атрофи ин матлаб тавзеҳоте дода ва аз он дифоъ фармудааст.

Муқаддиматан бояд арз кунам, ки аз ҳамон ибтидо, ки Алӣ алайҳис салом зимоми умурро ба даст гирифт, баъзе аз дӯстон ва алоқамандони он ҳазрат роҷеъ ба ду мавзӯъ пешниҳодҳое доштанд ва дар ҳақиқат ба сиёсати он ҳазрат эътироз доштанд. Дар ду шаби қабл арз кардам, ки Алӣ алайҳис салом дар он муддати пуринқилобу пурошӯби хилофат, душманонаш ӯро ба ду кор муттаҳам мекарданд, ки Алӣ аз онҳо барӣ буд ва балки масъули он ду кор, худи муттаҳамкунандагон буданд. Яке, хуни Усмон, ки мустамсаки асҳоби Ҷамал ва асҳоби Сиффин буд, дар сурате, ки худи онҳо дар он кор даст доштанд. Ва яке, достони ҳакамайн, ки мустамсаки Хавориҷ буд ва худи онҳо ба вуҷудоварандаи он достон буданд.

Акнун арз мекунам ду мавзӯи дигар ҳам буд, ки баъзеи дигар аз роҳи хайрхоҳӣ ва кӯмак ба амирулмӯъминин пешниҳод мекарданд, вале барои он ҳазрат ахлоқан мақдур набуд, ки бипазирад. Он ду мавзӯъ яке тақсими байтулмол буд, ки он ҳазрат имтиёзе барои баъзе нисбат ба баъзе қоил намешуд; фарқе миёни арабу аҷам, арбобу ғулом, қурайшӣ ва ғайри қурайшӣ намегузошт. Ва яке дигар, ба кор бурдани асли сароҳат ва амонат ва садоқат дар сиёсат буд, ки ба ҳеч ваҷҳ ҳозир набуд заррае аз он мунҳариф шавад ва то ҳадде усули тазвир ва фиреб ва найрангро ба кор бибарад.

Ҳамаи инҳо, гузашта аз ин ки дар таърих забт шуда, дар суханони худи он ҳазрат мунъакис ва мавҷуд аст. Роҷеъ ба тақсими баробар ва риояти асли мусовот ва табъиз қоил нашудан мефармояд:

أَتَأْمُرونّي أَنْ أَطْلُبَ النَّصْرَ بِالْجَوْرِ فيمَنْ وُلّيتُ عَلَيْهِ؟ وَاللهِ لا أَطورُ بِهِ ما سَمَرَ سَمير

Ба ман пешниҳод мекунед муваффақиятро аз роҳи ҷавру ситам бар мардуме, ки раъияти ман ҳастанд таъмин кунам? Ба Худо қасам, ки то дунё дунёст, чунин чизе барои ман мумкин нест.

لَوْ كانَ الْمالُ لي لَسَوَّيْتُ بَيْنَهُمْ فَكَيْفَ وَإِنَّمَا الْمالُ مالُ الله

Агар инҳо моли шахсии худам мебуд ва мехостам бар мардум тақсим кунам, табъизе қоил намешудам, то чӣ расад ба ин ки байтулмол аст, моли Худост ва мулки шахсии касе нест.

Баъд фармуд:

أَلا وَإِنَّ إِعْطاءَ الْمالِ في غَيْرِ حَقِّهِ تَبْذيرٌ وَإِسْرافٌ وَهُوَ يَرْفَعُ صاحِبَهُ فِي الدُّنْيا وَيَضَعُهُ فِي الْآخِرَةِ وَيُكْرِمُهُ فِي النّاسِ وَيُهينُهُ عِنْدَ اللهِ

(*"Наҳҷул-балоға", хутбаи 124*) Молро дар ғайри маврид масраф кардан ва ба ғайри мустаҳиқ додан, исроф ва тазйеъ аст. Ин кор, кунандаи худро дар дунё боло мебарад, аммо дар охират пойин меоварад; дар назди мардуми дунё ва аҳли тамаъ, азизу мӯҳтарам мекунад, вале дар назди Худо хору бемиқдор месозад.

Баъд фармуд:

Моле, ки ба ин тарз сарф шавад ва баноҳақ ба ашхосе дода шавад, дар айни ҳол оқибат надорад. Ин тавр сарфи мол, ки гиранда ҳам таваҷҷӯҳ дорад рӯйи асли хиёнат сурат мегирад, шукру сипосе намеоварад. Худованд ин одамро аз шукргузорӣ ва сипосгузории онҳо маҳрум мекунад; мегиранд ва мехӯранд ва мамнун ҳам намешаванд. Агар як рӯзе ин шахс пояш билағзад ва биафтад ва эҳтиёҷ ба кӯмаки онҳо дошта бошад, аз ҳама бадтар ҳамонҳо хоҳанд буд.

Роҷеъ ба ин матлаб, яъне асли мусовот ва адами табъиз дар тавзеъи байтулмол, достонҳо ҳаст. Ҳамин бас, ки Ақил бародари бузургтари амирулмӯъминин натавонист барои худаш саҳми бештаре барқарор кунад.

Шабе Ақил ба унвони меҳмон бар он ҳазрат дар Кӯфа ворид шуд. Ҳазрат мақдами бародарро гиромӣ шумурд ва эҳтиром кард. Имом Ҳасан алайҳис салом ба ишораи падараш як пероҳан ва як ридо аз моли худаш ба Ақил эҳдо кард. Ҳаво гарм буд, Алӣ ва Ақил рӯйи боми доруламораи Кӯфа нишаста буданд. Ақил интизори суфраи рангине дошт. Бар хилофи интизораш, ғизои соддае беш набуд. Баъд Ақил ҳоҷати худро изҳор кард ва гуфт: зудтар бояд ба хонаам баргардам ва хеле мақрузам, омадаам шумо дастур бидиҳед қарзи манро бидиҳанд.

Фармуд: чӣ қадр мақрузӣ?

Гуфт: сад ҳазор дарҳам.

Фармуд: чӣ қадр зиёд!

Баъд фармуд: Мутаассифам, ки ин қадр тамаккун надорам, ки ҳамаи қарзҳои туро бидиҳам, вале ҳамин ки мавқеъи ҳуқуқ ва тақсими саҳмияҳо шуд, ман аз саҳми худам то он андозае, ки мақдур аст, хоҳам дод.

Ақил гуфт: саҳми ту, ки чизе нест, чӣ қадрашро мехоҳӣ худат бардорӣ ва чӣ қадрашро ба ман бидиҳӣ, дастур бидеҳ аз байтулмол бидиҳанд.

Фармуд: Байтулмол, ки мулки шахсии ман нест, ман амини моли мардумам, наметавонам аз байтулмол ба ту бидиҳам. Баъд, ки дид Ақил хеле самоҷат мекунад, аз

ҳамон пушти бом, ки ба бозор мушриф буд ва сандуқҳои туҷҷор дида мешуд, ба сандуқҳо ишора кард ва фармуд: Ман як пешниҳод ба ту мекунам, ки агар амал кунӣ, ҳамаи қарзҳоро медиҳӣ ва он ин ки ин мардум тадриҷан ба хонаҳо мераванд ва инҷо хилват мешавад ва сандуқҳошон, ки пур аз дирҳаму динор аст инҷо ҳаст, ҳамин ки хилват шуд бирав ва ин сандуқҳоро холӣ кун ва қарзҳоятро бидеҳ.

Ақил гуфт: Бародарҷон! Сар ба сари ман мегузорӣ? Ба ман пешниҳоди дуздӣ мекунӣ? Магар ман дуздам, ки биравам моли мардуми бечораеро, ки роҳат дар хонаҳои худ хобидаанд бизанам?!

Фармуд: Чӣ фарқ мекунад, ки аз байтулмол баноҳақ бигирӣ ва ё ин сандуқҳоро бизанӣ, ҳар ду дуздӣ аст.

Баъд фармуд: Пешниҳоди дигаре ба ту мекунам. Дар ин наздикии Кӯфа шаҳри қадимии Ҳира аст ва маркази бозаргонон ва сарватмандони умдае аст. Шабона дунафарӣ меравем ва бар яке аз онҳо шабихун мезанем.

Ақил гуфт: Бародарҷон! Ман аз байтулмоли мусалмонон кӯмак мехоҳам ва ту ин ҳарфҳоро ба ман мезанӣ?!

Фармуд: Иттифоқан агар моли як нафарро бидуздӣ, беҳтар аст аз ин ки моли садҳо ҳазор нафарро бидуздӣ. Чӣ тавр аст, ки рубудани моли як нафар исми дуздӣ дорад ва рубудани амволи умумӣ дуздӣ нест?!

Алӣ алайҳис салом дар як нома ба яке аз уммолаш менависад:

**وَبُؤْساً لِمَنْ خَصْمُهُ عِنْدَ اللهِ الْفُقَراءُ وَالْمَساكينُ وَالسّائِلونَ وَالْمَدْفوعونَ وَالْغارِمُ وَابْنُ السَّبيلِ... وَإِنَّ أَعْظَمَ الْخِيانَةِ خِيانَةُ الْاُمَّةِ وَأَفْظَعُ الْغِشِّ غِشُّ الْاَئِمَّةِ**

(*“Наҳҷул-балоға”, номаи 26*) Вой ба ҳоли он кас, ки мухосим ва ҷилавгираш дар назди Худо фуқаро ва зуъафо ва бечораагон ва қарздорон ва роҳмондагон бошанд. Болотарини ақсоми хиёнат, хиёнат ба иҷтимоъ аст ва бадтарини ақсоми дағалбозӣ, дағалбозӣ бо пешвоён аст.

Ва аммо роҷеъ ба қисмати дуввум, яъне ба кор бурдани фиреб ва худъа дар сиёсат ва мунҳариф шудан аз усули сароҳат ва садоқат ва вафо. Иттифоқан касе, ки дар як қисмати дигар аз дунёи исломӣ доияи заъомат ва хилофат дошт, Муовия буд, ки аз ҳилагартарин ва худъакортарини мардуми рӯзгор буд ва аз тавассул ба ҳеч василае худдорӣ намекард ва аз ҳамин роҳ ҳам ба мақосиди шуму палиди худ мерасид. Рӯйи ҳамин ҷиҳат, равиши сиёсии ҳазрат бо равиши сиёсии Муовия дар ҳамон замон мавриди муқоиса қарор мегирифт ва баъзе, ки пешравии Муовияро дар мақосиди шуму палидаш медиданд, таассуф мехӯраданд, ки чаро Алӣ алайҳис салом роҳеро пеш гирифта, ки ин ҷур

муваффақиятҳо дар пай надорад ва баъзе инро ба ҳисоби даҳоъ (зиракӣ) ва зиракии Муовия мегузоштанд. Рӯйи ин ҷиҳат аст, ки мукаррар Алӣ алайҳис салом дар атрофи равиши сиёсии худ тавзеҳоте медиҳад ва аз сиёсати худ дифоъ мекунад ва мегӯяд, марбут ба вуфури фаҳм ва закоъ нест. Дар як ҷо мефармояд:

Гумон накунед, ки Муовия аз ман тезбинтар аст; на, ин тавр нест, ӯ худъа ва фуҷур ва табаҳкорӣ дар сиёсат ба кор мебарад ва ман аз он безорам. Ҳадафи ӯ як ҳадафи шуму палид аст ва аз ҳар роҳи палид ҳам шуд ҳарчанд ба василаи одамкушӣ ва ҳатки навомис ва ваъда ва ваъидҳои дурӯғ ва номаи дурӯғ ба атроф навиштан ва бо ғорат бурдан ва иръоб кардан бошад, ба сӯйи мақсудаш меравад. Барои ҳадафи палид, асбоб ва абзор ва туруқи палид мешавад интихоб кард. Аммо ман, ки ба хотири усули олии исломӣ ва инсонӣ қиём ба амр кардаам ва ҳадафам ислоҳи инсоният ва мубориза бо ин зиштиҳо ва хfamilyоbкориҳост, наметавонам по рӯйи ҳадафи худам бигузорам ва сиёсате мабнӣ бар зулму ситам ва дурӯғпардозӣ пеш бигирам. Агар набуд, ки ғаддорӣ ва маккорӣ ва мунофиқигарӣ мабғузи Худованд аст, он вақт медидед, ки ман чӣ андоза тавоно ҳастам. Ман ҳаргиз нақшаи шайтонӣ ба кор нахоҳам бурд. Ман ва ӯ дар ду роҳ гом бармедорем ва ду ҳадафи мухталиф ва мутабойин дорем. Вақте, ки ҳадафҳо мухталиф аст, василаҳо наметавонад яке бошад. Василае, ки ӯ ба кор мебарад, бо ҳадафи худи ӯ мунофот надорад, вале бо ҳадафи ман мунофот дорад. Пас ман наметавонам ва набояд аз он василаҳо истифода кунам.

Дар инҷо барои муқоиса, ду фармон, яке аз амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом нақл мекунам, ки онро барои яке аз сардоронаш ба номи Маъқил ибни Қайси Риёҳӣ содир карда дар вақте, ки ӯро дар раъси се ҳазор нафар ба унвони муқаддиматулҷайш ба тарафи Шом, ки қаламрави Муовия буд фиристод ва як фармон ва дастур ҳам аз Муовия нақл мекунам, ки ба номи ду нафар аз сардоронаш, яке Буср ибни Артоа ва яке Суфёни Ғомидӣ содир кард дар вақте, ки ин дуро — ҳар як дар як замоне — ба ҳудуди қаламрави ҳукумати Алӣ алайҳис салом фиристод. Аз ин ду фармон ва ду дастур ба хубӣ ду руҳияи комилан мутазодд ва ду равиши мухталиф ва ду ҳадафи мухталиф намоён аст.

Алӣ алайҳис салом ба волии худ ин тавр дастур медиҳад:

اِتَّقِ اللهَ الَّذي لابُدَّ لَكَ مِنْ لِقائِهِ وَلا مُنْتَهى لَكَ دونَهُ، وَلا تُقاتِلَنَّ اِلاّ مَنْ قاتَلَكَ

Аввал чизе, ки мефармояд ин аст: аз Худо битарс, Худоро дар назар бигир. Баъд мегӯяд: то душман ба ҷанг шурӯъ накунад, ту шурӯъ накун. Баъд қисматҳое дар ҳамин замина мефармояд, ки коре накун, ки онҳоро таҳрик ба ҷанг бикунӣ ва он вақт мефармояд:

وَلا يَحْمِلَنَّكُمْ شَنَآنُهُمْ عَلى قِتالِهِمْ قَبْلَ دُعائِهِمْ وَالْإِعْذارِ إِلَيْهِمْ

(*“Наҳҷул-балоға”, номаи 12*) Мабодо кина ва душмании онҳо туро водор кунад, ки қабл аз он ки онҳоро комилан даъват кунӣ ва итмоми ҳуҷҷат кунӣ, ба заду хӯрд мубодарат кунӣ.

Вале Муовия ба Буср ибни Артоа ин тавр дастур медиҳад:

سِرْ حَتّى تَمُرَّ بِالْمَدينَةِ فَاطْرُدِ النّاسَ وَاخِفِ مَنْ مَرَرْتَ بِهِ وَانْهَبْ أَمْوالَ كُلِّ مَنْ أَصَبْتَ لَهُ مِمَّنْ لَمْ يَكُنْ لَهُ دَخْلٌ في طاعَتِنا

Бирав то ба Мадина бирасӣ. Дар байни роҳ мардумро аз ҷилави худат бирон ва то метавонӣ эҷоди руъб дар дилҳо кун ва ҳар чи мол ба дастат мерасад ғорат кун, магар моли онҳое, ки аз дӯстони худи мо ҳастанд.

Ба Суфёни Ғомидӣ — ки ӯро низ маъмури шабихун карда буд — ин тавр дастур медиҳад: Бирав, шабихун бизан ва одам бикуш ва амвол ғорат кун, ки ин корҳо аз лиҳози сиёсат бисёр нофеъ аст, зеро аҳли Ироқ маръуб мешаванд ва дӯстони мо, ки дар гӯшаву канор ҳастанд хушвакт ва дилқавӣ мегарданд ва баъзе ҳам, ки мураддаданд ҷӣ кунанд ба тарафи мо хоҳанд омад.

وَاقْتُلْ كُلَّ مَنْ لَقيتَهُ مِمَّنْ لَيْسَ هُوَ عَلى مِثْلِ رَأْيِكَ وَأَخْرِبْ كُلَّ ما مَرَرْتَ بِهِ مِنَ الْقُرى وَاحْرِبِ الْأَمْوالَ فَإِنَّ حَرْبَ الْأَمْوالِ شَبيهٌ بِالْقَتْلِ وَهُوَ أَوْجَعُ لِلْقَلْبِ

Ҳар кас ҷуз дӯстони худамон гир овардӣ бикуш, ба ҳар деҳ, ки расидӣ, хароб кун, амволро ғорат кун ва оташ бизан ва аз байн бибар, ки талафи амвол дар дилҳо таъсири фаровон дорад.

Муовия ба мақсад ва ҳадафи худ наздик шуд, аммо бо чӣ васила ва абзоре? Бо ин абзорҳо; бо иръоб ва қатл ва ғорат, бо ришва доданҳо ва харидани ақидаҳо, бо хиёнат дар байтулмол, бо масмум кардани афроде мисли Молики Аштари Нахаъӣ ва Абдурраҳмон ибни Холид, бо аҷир кардани як идда мардуми беимон, ки биншинанд бар пайғамбари Худо дурӯғ бибананд ва ҳадис ҷаъл кунанд, ба қимати помол кардани ҳамаи усули исломӣ ва инсонӣ ва зарбат ба пайкари Қуръон заданҳо. Бо ин умур ва ин васоил, ба мақсади худ расид. Дар айни ҳол, Алӣ алайҳис салом ҳам ба мақсад ва ҳадафи олии худ расид. Ҳадафи Алӣ ҳукмронӣ ва айшу лаззат набуд, ки бигӯем бо шаҳодати ӯ аз миён рафт, ҳадафаш эълои калимаи ҳақ ва зинда кардани номи адолат буд, ки кард. Муовия дастур медиҳад, ки бегуноҳонро ба хотири масолеҳи сиёсӣ бикушед, амволро ғорат кунед, вале Алӣ дар ҳамон ҳол, ки зарбати шамшер фарқашро шикофта, вақте, ки

фарзандони Абдулмутталиб яъне хешон ва ақрабои наздики худро ончо мебинад ва дар қиёфаи хашмноки инҳо мехонад, ки мумкин аст шаҳодати ӯ ва марги ӯ сабаб шавад, ки онҳо ба унвони мусаббиб ва шарики ҷурм, хуни иддаеро бирезанд, хитоб ба онҳо мефармояд:

يا بَني عَبْدِ الْمُطَّلِبِ لا أُلْفِيَنَّكُمْ تَخوضونَ دِماءَ الْمُسْلِمينَ خَوْضاً تقولونَ قُتِلَ أَميرُ الْمُؤْمنينَ قُتِلَ أَميرُ الْمُؤْمِنينَ، أَلا لا يُقْتَلَنَّ بي اِلاّ قاتِلى. أُنْظُروا إِذا أَنَا مُتُّ مِنْ ضَرْبَتِهِ هذِهِ فَاضْرِبوهُ ضَرْبَةً بِضَرْبَةٍ

(*“Наҳҷул-балоға”, номаи 47*) Накунад баъд аз ман дар хуни мардум ворид шавед ва қатли амирулмӯъмининро шиори худ қарор диҳед. Ман агар бо ин зарбат мурдам, шумо фақат як зарбат ба ӯ бизанед, на бештар.

Амирулмӯъминин сиёсат ва ҳадафаш ҳамон аҳкоми ислом буд. Дар бистар ҳам, ки афтода буд, ҳамон сиёсат ва ҳамон ҳадаф вирди забонаш буд. Ба Ҳасанайн (алайҳимассалом) мефармояд:

أُوصيكُما وَجَميعَ ولدي وَأَهْلى وَمَنْ بَلَغَهُ كِتابي بِتَقْوَى اللهِ وَنَظْمِ أَمْرِكُمْ وَصَلاحِ ذاتِ بَيْنِكُمْ، فَإِنّي سَمِعْتُ جَدَّكُما صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَآلِهِ يَقولُ: صَلاحُ ذاتِ الْبَيْنِ أَفْضَلُ مِنْ عامَّةِ الصَّلوةِ وَالصِّيامِ. اَللهَ اللهَ فِي الْأَيْتامِ! فَلا تَغِبّوا أَفْواهَهُمْ وَلا يَضيعوا بِحَضْرَتِكُمْ. وَاَللهَ اللهَ في جيرانِكُمْ! فَإِنَّهُمْ وَصِيَّةُ نَبِيِّكُمْ، ما زالَ يوصي بِهِمْ حَتّى ظَنَنّا أَنَّهُ سَيُوَرِّثُهُمْ. وَاللهَ اللهَ فِي الْقُرْآنِ! لا يَسْبِقُكُمْ بِالْعَمَلِ بِهِ غَيْرُكُمْ. وَاللهَ اللهَ فِي الصَّلوةِ! فَإِنَّها عَمودُ دينِكُمْ. وَاللهَ اللهَ في بَيْتِ رَبِّكُمْ! لا تُخَلّوهُ ما بَقيتُمْ، فَإِنَّهُ إِنْ تُرِكَ لَمْ تُناظَروا. وَاللهَ اللهَ فِي الْجِهادِ بِأَمْوالِكُمْ وَأَنْفُسِكُمْ وَأَلْسِنَتِكُمْ في سَبيلِ اللهِ! وَعَلَيْكُمْ بِالتَّواصُلِ وَالتَّباذُلِ، وَإِيّاكُمْ وَالتَّدابُرِ وَالتَّقاطُعِ، لا تَتْرُكُوا الْأَمْرَ بِالْمَعْروفِ وَالنَّهْيَ عَنِ الْمُنْكَرِ فَيُوَلّي عَلَيْكُمْ أَشْرارُكُمْ ثُمَّ تَدْعونَ فَلا يُسْتَجابُ لَكُمْ

(*“Наҳҷул-балоға”, номаи 47*) Туро ва ҷамиъи хонадон ва фарзандонам ва ҳар кас аз имрӯз то поёни ҷаҳон, ки ин навишта ба ӯ мерасад, супориш мекунам ба тақво ва ин ки кӯшиш кунед исломро то дами охир барои худ ҳифз кунед. Ҳамагӣ ба ресмони илоҳӣ чанг бизанед ва мутафарриқ нашавед. Аз Пайғамбар шунидам, ки “ислоҳ миёни мардум аз ин ки ҳамеша намоз бихонед ва рӯза бигиред, бофазилаттар аст ва чизе, ки ин умматро ҳалок мекунад фасод кардан аст.”

Мулоҳизаи хешовандон ва арҳомро дошта бошед, ки силаи раҳм ҳисоби Худоро осон мекунад.

Худоро, Худоро дар бораи ятимон, ба таври доим мурοқиби онҳо бошед!

Худоро, Худоро дар мавриди Қуръон, накунад дигарон дар амал ба Қуръон бар шумо пешӣ бигиранд!

Худоро, Худоро дар бораи ҳамсоягон, ки Пайғамбар он қадр дар бораи онҳо тавсия кард, ки гумон кардем онҳоро дар ирс ҳам шарик хоҳад сохт!

Худоро, Худоро дар мавриди ҳаҷҷи хонаи Худо, накунад онҷоро холӣ бигузоред!

Худоро, Худоро дар бораи намоз, ки беҳтарин амал ва амуди дин аст!

Худоро, Худоро дар мавриди закот, ки хашми илоҳиро фурӯ менишонад!

Худоро, Худоро дар мавриди рӯзаи моҳи Рамазон, ки сипар аз оташи ҷаҳаннам аст!

Худоро, Худоро дар мавриди ҷиҳод бо мол ва бо ҷон ва бо забон, вале албатта ҷуз имоми баҳақ ва ё он кас, ки ба амри ӯст касе ҳаққи ҷиҳод бо куффорро надорад!

Худоро, Худоро дар мавриди зуррияи Пайғамбар, ки мазлум воқеъ нашаванд!

Мулоҳиза ва риъояти он идда аз саҳобаро, ки бидъате дар дин эҷод накардаанд, бикунед!

Занон ва ҳамчунин бардагонро дар назар дошта бошед, ки Пайғамбар дар бораи инҳо супориш кард!

Амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро тарк накунед, ки (тарки он) мӯҷиб мешавад зулм бар шумо мусаллат шавад ва он вақт дуо кунед ва дуои шумо мустаҷоб нагардад!

## Мӯҷиботи коҳиши таъсири таълимоти дин

بسم الله الرّحمن الرّحيم

الحمد لله رب العالمين، بارئ الخلائق أجمعين والصلاة والسلام على عبد الله ورسوله وحبيبه وصفيّه محمد وآله الطاهرين، أعوذ بالله من الشيطان الرجيم

وَما جَعَلْنا لِبَشَرٍ مِنْ قَبْلِكَ الْخُلْدَ أَفَإِنْ مِتَّ فَهُمُ اَلْخالِدُونَ

(*Анбиё/34*) Мутобиқи машҳур, имшаб, ҳам шаби реҳлати Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) аст ва ҳам шаби шаҳодати сибти гиромиаш имоми дуввум ҳазрати Муҷтабо (Саломуллоҳи алайҳи). Аз ин рӯ ба умум (-и мустамеъини) мӯҳтарам таслият арз мекунам. Ароизи имшаби ман роҷеъ ба мӯҷиботе аст, ки таъсири таълимоти динро дар нуфуси мардум кам мекунад ва аз нуфузи онҳо мекоҳад. Албатта шинохтани ин умур мисли шинохтани навъи бемориҳои ҷисмӣ лозим ва воҷиб аст. То беморӣ шинохта нашавад, муолаҷааш мумкин нест ва то мавонеъи таъсири таълимоти дин дар руҳия ва нуфуси мардум шинохта нашавад, наметавон аз баракоти дин истифода кард.

Ҳама медонем, ки яке аз масоиле, ки мавриди эъҷоби муҳаққиқин ва муаррихони ҷаҳон аст, шиддат ва суръати таъсири дини мубини ислом аст дар асре, ки зуҳур кард; ҳам ба суръат ва дар муддати кам нуфуз кард ва ҳам таъсираш амиқ ва шадид буд, ки инқилобҳо ва таҳаввулҳои сиёсӣ ва фарҳангӣ, ки баъдҳо пеш омад, натавонист онро мутазалзил кунад. Расули Худо аз дунё рафт дар ҳоле, ки мардум фавҷ-фавҷ бо камоли майлу рағбат ба дини Худо ворид мешуданд:

يَدْخُلُونَ فِي دِينِ اَللّٰهِ أَفْواجاً

(*Наср/2*) Вале тадриҷан аз таъсири шадиди он коста шуд. Вақте, ки замони худамонро бо замони Расули Акрам муқоиса мекунем, мебинем аз ҳайси таҳти таъсир воқеъ шудани мардум нисбат ба дин, тафовут аз замин то осмон аст. Ин ҳам ба навбаи худ масъалае аст, як масъалаи муҳимми иҷтимоӣ аст. Ин тафовут иллате дорад. Он иллат чист?

Медонем баъзеҳо пеши худ ин тавр хаёл мекунанд ва ин масъаларо ин тавр ҳал мекунанд, ки иллат ин аст, ки асри дин тадриҷан мунқазӣ мешавад. Дар он аср ва он аҳд, ки таъсири таълимоти дин зиёд буд, руҳи асру замон он тавр таълимотро эҷоб мекард, вале ҳоло руҳи асру замон тавре дигар эҷоб мекунад ва эҷоб мекунад, ки он таълимот тадриҷан аз байн биравад ва чизи дигар ҷойи онро бигирад. Ин ҷавоб мумкин аст дар назари афроде, ки динро ба манзилаи абзоре аз абзорҳои зиндагӣ фарз мекунанд, ки ҳар рӯз ҷойи худро ба абзоре беҳтар ва комилтар медиҳад, писандида бошад. Вале усулан арз мекунам, ки дин ҷузъи матни зиндагӣ ва асоси руҳи зиндагӣ аст на ҷузъи абзори зиндагӣ, ки қобили таъвиз ва табдил ба чизи дигар бошад. Имрӯз муҳаққиқини бузург, ки дар аъмоқи руҳи башар дақиқ шудаанд ва ҳам зиндагии иҷтимоии башарро таҳти мутолеа ва озмоиш даровардаанд, ин маъно бар онҳо равшан шуда, ки дин ҷузъи сиришти одамӣ аст, рӯ гардондани башар аз дин ҷанбаи муваққат ва истисноӣ дорад. Феълан намехоҳам дар атрофи ин мавзӯъ каломро баст диҳам.

Ва ҳам медонам тарзи фикри як иддаи дигар аз мардум, ки баъзе аз онҳо худашон мӯътақид ва мутадайин ҳастанд ин аст, ки иллати кам шудани таъсири дин дар ин аср масалан ин аст, ки башар табъан майл ба шаҳват ва озодӣ дорад ва дин бар хилофи муқтазои майлу рағбати табиии инсон аст, барои инсон қайд ва маҳдудият аст. То вақте, ки василаи эъмоли шаҳавот ва айёшӣ фароҳам нест, мардум ба сӯйи дин мегараванд ва дили худро бо маъонӣ ва афкори динӣ хуш мекунанд ва ҳамин ки васила фароҳам шуд, ба дунболи ҳамон чизе мераванд, ки муқтазои табиат ва майлу рағбаташон аст. Дар замонҳои собиқ мисли замони ҳазрати Расул василаи хушӣ ва шаҳватронӣ фароҳам набуд, табъан мардум ба сӯйи дин меомаданд:

يَدْخُلُونَ فِي دِينِ اَللّهِ أَفْواجاً

— ҳоло васоил фароҳам аст, табъан инҳироф пайдо мекунанд:

يَخْرُجُونَ مِنْ دِينِ اَللّهِ أَفْواجاً

Ин ҷавоб ҳам носавоб ва нотамом аст. Албатта шубҳае нест, ки фароҳам будан ва фароҳам набудани васоили шаҳавот, бетаъсир нест, ки инсонро аз Худо ғофил кунад ва ӯро нисбат ба вазифа ва таклифе, ки Худованд муайян фармуда лоқайд ва лоуболӣ намояд. Вале ин таъбир саҳеҳ нест, ки дин мутлақан мухолифи майлу рағбат аст, қайд ва маҳдудият аст; агар мухолифи як майл ва як рағбат аст, бо як майл ва як рағбати дигар ҳамоҳангӣ дорад, агар аз як назар қайд ва маҳдудият аст, аз назари дигар озодӣ ва ҳуррият аст.

Дар суханрониҳое, ки дар ҳафтаи гузашта эрод кардам, дар атрофи ин мавзӯъ баҳсе кардам ва гуфтам, ки таваҷҷӯҳ ба умури маънавиро наметавон ночиз гирифт ва онро аксуламали маҳрумиятҳо ва нокомиҳои моддӣ донист ва ба иборати дигар, наметавон гуфт, мавриди истеъмол ва ба кор задани умури маънавӣ вақте аст, ки инсон дар ранҷи маҳрумиятҳои моддӣ ба сар мебарад ва аз маънавиёт ба унвони як мусаккин истифода мекунад; иллати ин амр чизҳои дигар аст.

Иҷоза мехоҳам қаблан муқаддимаи мухтасаре арз кунам. Дар Қуръони Карим таъбири “ҳиҷоб” ва ё “ғилоф” барои дилҳо ва руҳҳо зиёд омадааст:

وَإِذا قَرَأْتَ الْقُرْآنَ جَعَلْنا بَيْنَكَ وَبَيْنَ الَّذِينَ لا يُؤْمِنُونَ بِالْآخِرَةِ حِجاباً مَسْتُوراً

(*Исро/45*)

وَمِنْهُمْ مَنْ يَسْتَمِعُ إِلَيْكَ وَجَعَلْنا عَلى قُلُوبِهِمْ أَكِنَّةً أَنْ يَفْقَهُوهُ وَفِي آذانِهِمْ وَقْراً

(*Анъом/25*)

وَمَنْ أَظْلَمُ مِمَّنْ ذُكِّرَ بِآياتِ رَبِّهِ فَأَعْرَضَ عَنْها وَنَسِيَ ما قَدَّمَتْ يَداهُ إِنّا جَعَلْنا عَلى قُلُوبِهِمْ أَكِنَّةً أَنْ يَفْقَهُوهُ وَفِي آذانِهِمْ وَقْراً

(*Каҳф/57*)

Воқеан ҳам мебинем, ки гоҳе ҳолате дар дил пайдо мешавад, ки ҳолати риққат ва хушӯъ нисбат ба ҳақ аз миён меравад, инсон мазолими фаҷеъ муртакиб мешавад ва мутаассир намешавад, мавъизаҳо ва насиҳатҳо таъсир намекунад, дар асари такрори иртикоби ҷурм ва гуноҳ қасвати қалб пайдо мешавад ва ё инсон дар асари таъассуб ҳолате дар руҳаш пайдо мешавад, ки сухани ҳақро намепазирад ба ин маънӣ, ки пардаи таъассуб иҷозаи

вуруд ба дил ва тасаввур ва тасдиқ намедиҳад. Як силсила ҳолот, ки ба манзилаи пардаҳо ва ҳиҷобҳо ва ғилофҳои руҳӣ аст зиёд аст.

Ҳамон тавре, ки қасват ва таъассуб девор ва парда аст, хаёл ва ваҳм ба навбаи худ як девор ва пардаи захими дигаре аст. Дар атрофи ин охирӣ тавзеҳе медиҳам ва барои он мисоле арз мекунам.

Яке аз ишколоте, ки Қурайш ба Пайғамбари Акрам мекарданд ва дар назари онҳо он ишкол монеъ буд, ки даъвати он ҳазратро бипазиранд ин буд, ки мегуфтанд, ки ин чӣ гуна пайғамбаре аст, ки мисли дигарон ғизо мехӯрад, мисли дигарон дар кӯчаҳо ва бозорҳо роҳ меравад, башаре аст монанди дигарон. Ҳаминҳо, ки ин ҳарфҳоро мезаданд, худашон фарзанди Иброҳим буданд ва худро бар дини Иброҳим медонистанд ва Иброҳимро пайғамбари Худо медонистанд.

Ин ишколот барои онҳо аз онҷо пайдо шуда буд, ки тадриҷан барои Иброҳим аз хизонаи хаёл ва ваҳми худ симое сохта буданд, ки бо як башар чандон қобили татбиқ набуд. Аз Расули Худо интизор доштанд мисли он Иброҳим бошад, ки онҳо дар хаёл ва ваҳми худ сохтаанд. Онҳо Иброҳимро дар олами хаёл дар пушти абрҳо ва осмонҳо қарор дода буданд; ба хаёли худ ӯро боло бурда буданд, вале дар воқеъ ӯро паст карда буданд ва аз воқеияти аҳвол ва камолоти Иброҳим кучактарин хабаре надоштанд. Бинобар ин наметавонистанд бовар кунанд, ки Расули Акрам, ки дар қолаби як башар дар ҷилави онҳо зоҳир аст, эҳёкунандаи миллат ва тариқаи Иброҳим бошад. Яъне он симои дурӯғин, ки онҳо аз ваҳм ва хаёли худ сохта буданд, як девор ва садд ва монеъе буд ва ба таъбири Қуръон, ҳиҷоб ва пардае буд байни онҳо ва дарки ҳақиқат. Одами ҷоҳил, ки аз дарки ҳақиқат маҳрум аст, ҳамеша мехоҳад бо қуллоби ҷаҳл ва ваҳм, худро бо ашё марбут кунад ва ба ҳамин ҷиҳат фосилааш бо ҳақиқат зиёдтар мешавад ва ҳамин боис мешавад, ки аз амал, аз истифода аз ҳақиқат маҳрум мемонад. Ба иборати дигар, баъзе аз мардум майл доранд ҳар чизеро аз наздик бибинанд ва аз наздик мушоҳида кунанд ва баъзе дигар майл доранд аз дур бибинанд ва аз дур мушоҳида кунанд.

Ин майл ба аз наздик дидан ва майл ба аз дур дидан, воқеан ду майли мухталиф аст, ки дар афрод ҳаст. Майл ба аз наздик дидан, вақте аст, ки одамӣ алоқаманд аст, ки як чизро бо чашми худ дуруст бибинад ва ё аз рӯйи қароин ва далоил он чизро мутолеа кунад ва дар бораи он қазоват кунад. Ва аммо майл ба аз дур дидан ин аст, ки қувваи хаёл ва воҳима бар инсон мусаллат аст ва майл дорад чашмҳоро баҳам бигузорад ва набинад; майл дорад дур биистад ва шабаҳи мубҳаме бибинад ва дар атрофаш хаёлпардозӣ кунад. Бовар мекунед, ки дар назари бисёре аз мардум, маҷҳул ва мубҳам ва торик, азамат ва фахомат ва уббуҳати бештаре дорад аз маълум ва равшан, ҳарчанд он амри маълум дар

зоти худ азим ва фахим ва боҷалолат бошад?! Агар бихоҳанд як чизи мавриди алоқаи худро азим бишуморанд, дур аз ӯ меистанд ва ӯро аз худ дур нигаҳ медоранд, ки набинанд ва нафаҳманд ва мубҳам бибинанд ва он вақт ба хаёл бипардозанд.

Мардуме ёфт мешаванд алоқаманд ба Қуръон, вале дӯст намедоранд азамати эъҷозомези ин китоби муқаддасро аз наздик бибинанд, дар оятҳои равшани ин китоби муқаддас тадаббур ва тафаккур кунанд. Азамати ин китоб дар назари онҳо ин аст, ки онро дар пушти абрҳо ва болои осмонҳо қарор бидиҳанд ва бигӯянд, қобили фаҳмидан нест, касе ҳаққи мутолеа ва тадаббур дар онро надорад, фақат имомони атҳор (алайҳимус салом) ҳақ доранд ба Қуръон наздик гарданд. Яъне дар назари инҳо, Қуръон ҳангоме азамат дорад, ки маҷҳул ва мубҳам бошад. Номи ин одатро метавон майл ба ҳаракат дар торикӣ ва ё хуффошманишӣ гузошт. Қуръони Карим мефармояд:

أَوَ مَنْ كانَ مَيْتاً فَأَحْيَيْناهُ وَجَعَلْنا لَهُ نُوراً يَمْشِي بِهِ فِي اَلنّاسِ كَمَنْ مَثَلُهُ فِي اَلظُّلُماتِ لَيْسَ بِخارِجٍ مِنْها

(*Анъом/122*) Оё он ки мо ӯро зинда кардем ва барои ӯ нуре қарор додем, ки дар равшании он нур — ки нури ақлу илму фаҳму басират аст — дар миёни мардум ҳаракат мекунад ва ҳар чизеро дар равшанӣ мебинад, равшанбин ва ҳақиқатбин аст, монанди он касе аст, ки дар торикӣ роҳ меравад, дар торикии ҷаҳолат?! Худашро бо қуллоби ҷаҳл ва бо қуллоби хаёл ва воҳима бо ашё марбут мекунад; оё ин ду монанди якдигаранд? Албатта на. Пас мебинем, ки як идда майл доранд худро бо қуллоби ҷаҳл бо Қуръон марбут кунанд; майл ба аз дур дидан доранд ба баҳонаи ин ки фақат имомони атҳор ҳастанд, ки ҳаққи наздик шудан ба Қуръонро доранд, дар сурате, ки худи имомони атҳор ҳамеша мардумро ба тадаббур ва тафаккур дар Қуръон даъват мекардаанд ва ба илова, мегуфтаанд, суханоне, ки мардум аз мо нақл ва ривоят мекунанд, шумо онҳоро бар Қуръон арза бидоред ва Қуръонро миқёс қарор диҳед, агар дидед бо Қуръон татбиқ намекунад, бидонед, ки гуфтаи мо нест ва ба мо бастаанд.

Бибинед! Ин фикр ва ин хаёл, ки касе ҳаққи тадаббур дар Қуръон надорад, як девор ва як ҳиҷоби захиме аст байни Қуръон ва соҳиби он фикр ва монеъи таъсир ва нуфузи ин китоби карим аст дар дили ӯ, дуруст назири он чи дар бораи аҳли ҷоҳилият фармуд:

وَإِذا قَرَأْتَ اَلْقُرْآنَ جَعَلْنا بَيْنَكَ وَبَيْنَ اَلَّذِينَ لا يُؤْمِنُونَ بِالْآخِرَةِ حِجاباً مَسْتُوراً

(*Исро/45*) Ҳаргиз дар садри ислом мардум ин тавр фикр намекарданд, ки Қуръон китоби осмонии мост, вале мо фақат ҳаққи тиловат дорем, на ҳаққи тадаббур ва истифодаи мустақим.

Ҳамчунин агар тарзи тафаккури мо дар бораи Расули Акрам шабеҳи тарзи тафаккури аҳли ҷоҳилият бошад дар бораи Иброҳими Халилуллоҳ, яъне дар олами хаёли худ ӯро болои абрҳо ва осмонҳо қарор бидиҳем, дигар мумкин нест аз сира ва амал ва тарзи сулуки иҷтимоии ӯ истифода кунем, дигар амалан ин ояти каримаи Қуръон мансух аст:

لَقَدْ كَانَ لَكُمْ فِي رَسُولِ اللَّهِ أُسْوَةٌ حَسَنَةٌ لِمَنْ كَانَ يَرْجُو اللَّهَ وَالْيَوْمَ الْآخِرَ

(*Аҳзоб/21*) Яъне як ҳиҷобе ҳам ба захомати девори Чин байни мо ва байни Расули Акрам воқеъ мешавад, ҳаргиз таълимоти амалии ӯ сармашқи зиндагӣ воқеъ намешавад ва ҳаргиз дар атрофи он фикр намекунем, то баҳраманд шавем, зеро ӯ дар рӯйи ин замин зиндагӣ намекардааст ва аз низоми мо ва мадори мо хориҷ будааст ва ҳол он ки ӯ аз башарият ба пайғамбарӣ расид ва ба ҳамин далел, ки бо ҷанбаи башарӣ ва носутӣ воҷиди ҷанбаҳои бисёр арҷманди ъилвӣ ва малакутӣ буд, аз фариштагон гӯйи сибқат бурд; чун башар аст, метавонад муаллим ва ҳодӣ ва роҳнамои башар бошад. Қуръон мефармояд: агар фарзан фариштаеро маъмури рисолат мекардем, боз мебоист дар сурати башар ва кисвати башар дарояд, то мардум ӯро миқёси худ қарор диҳанд ва кори худро аз ӯ қиёс бигиранд. (*Анъом/9*)

Аммо мо ба мӯҷиби ҳамон майл ба аз дур дидан, бо як ҷумлаи "*Кори поконро қиёс аз худ магир*", фосилае азим байни худ ва машъали ҳидояти анбиё ва авлиё қарор медиҳем.

Гӯяндаи он шеър, ки мегӯяд: "*Кори поконро қиёс аз худ магир*", мақсуди дигаре дорад, ки дуруст аст; ӯ мегӯяд, худатро миқёси покон қарор надеҳ ва хаёл накун, ки ҳолатҳои ту ҳама намунае аст аз ҳамаи афрод, пас ба далели он ки дар ту навоқис ва айбҳое ҳаст, дар ҳамаи афроди башар ҳаст, хаёл накун ҳама монанди ту худхоҳ ва худпараст ҳастанд, ҳокими мутлақ бар вуҷуди онҳо ҳам, тамаъ ва шаҳват ва ҳавост, эҳтимол бидеҳ касоне бошанд аз башар дар ҳадде олитар ва мақоме арҷмандтар, дорои руҳ ва фикри баландтар ва авотиф ва эҳсосоти роқитар ва латифтар, онҳо аз он чи ту гирифтори онҳо ҳастӣ озоданд. Ин байтро Маснавӣ дар достони "Баққол ва тӯтӣ" оварда, ки баққоле тӯтие дошт, ки бо сухани он тӯтӣ маънус буд, дар набудани ӯ он тӯтӣ нигаҳбони дӯконаш буд:

*Буд баққолеву вайро тӯтие,*

*Хушнавое, сабз, гӯё тӯтие.*

*Бар дукон будӣ нигаҳбони дукон,*

*Нукта гуфтӣ бо ҳама савдогарон.*

Рӯзе баққол рафта буд ва аз қазо муше пайдо шуд. Гурбае, ки онҷо ҳозир буд, барои гирифтани муш ҷастан кард. Тӯтӣ аз тарс худашро аз тарафе ба тарафи дигар партоб кард; шишаи равғани бодом рехт. Баққол, ки омад, дид равғани бодомҳо рехта ва пару

боли тӯтӣ ҳам чарб аст. Ба сари тӯтӣ зад. Парҳои рӯйи сари тӯтӣ рехт ва сараш тос шуд. Тӯтӣ нороҳат шуд ва забон аз гуфтор баст. Баъд марди баққол ҳар чи кард, ки тӯтиро ба сухан биёварад, мумкин нашуд. Аз амали худаш пушаймон шуд, то он ки рӯзе дар фикр фурӯ рафта буд, ки чӣ кунад тӯтиро ба забон оварад. Марди жандапӯше, ки аз қазо сари ӯ ҳам тос буд омад аз онҷо бигузарад. Чашми тӯтӣ, ки ба ӯ афтод, дид сари он дарвеш мисли сари худаш тос аст ва бемӯ, якмартиба ба сухан даромад:

*Омад андар гуфт тӯтӣ он замон,*

*Бонг бар дарвеш зад чун оқилон.*

*К-аз чӣ, эй кал бо калон омехтӣ?*

*Ту магар аз шиша равған рехтӣ*?

Хаёл кард иллати ин ки сари он дарвеш ҳам тос аст ин аст, ки аз шиша равған рехта ва бо мушт ба сараш задаанд, мӯҳо рехта. Ба ӯ гуфт: ҳатман ту ҳам рӯзе мисли ман шишаи равғани бодомро рехтаӣ ва арбобат бо мушт ба сарат зада, ки мӯҳои сарат рехта. Кори он марди дарвешро аз кори худаш қиёс гирифт:

*Аз қиёсаш ханда омад халқро,*

*К-ӯ чу худ пиндошт соҳибдалқро.*

*Кори поконро қиёс аз худ магир,*

*Гарчи монад дар набиштан шеру шир*.

Мақсудам ин аст, ки фарқ аст байни ин ки бигӯем, дар бораи покон ва авлиёи Худо аз рӯйи вуҷуди худат қазоват накун ва кори онҳоро аз худ қиёс нагир ва байни он ки бигӯем, ҳисоби онҳо ба куллӣ ҷудост ва онҳоро миқёс ва сармашқ қарор надеҳ. Қуръони Карим мегӯяд:

لَقَدْ كَانَ لَكُمْ فِي رَسُولِ اللَّهِ أُسْوَةٌ حَسَنَةٌ لِمَنْ كَانَ يَرْجُو اللَّهَ وَالْيَوْمَ الْآخِرَ وَذَكَرَ اللَّهَ كَثِيرًا

Амирулмӯъминин (Саломуллоҳи алайҳи) мефармояд:

أَلا وَإِنَّ لِكُلِّ مَأْمومٍ إِماماً يَقْتَدي بِهِ وَيَسْتَضيءُ بِنورِ عِلْمِهِ... أَلا وَإِنَّكُمْ لا تَقْدِرونَ عَلى ذٰلِكَ وَلٰكِنْ أَعينوني بِوَرَعٍ وَاجْتِهادٍ وَعِفَّةٍ وَسَدادٍ

(*“Наҳҷул-балоға”, номаи* 45) Пас маълум мешавад як иллати ин ки таъсири дин дар нуфус кам шуда ин аст, ки мардум байни худашон ва Қуръон ва Расули Акрам ҳиҷобе ва деворе аз ҷаҳл ва хаёл қарор додаанд ва он девор аст, ки ҷилави нуфузи динро гирифтааст. Ин девор бартараф шуданӣ аст, мешавад коре кард, ки ин девор фурӯ резад ва албатта ин яке аз иллатҳо ва мӯҷибот аст. Иншоаллоҳ фардо шаб ҳам дар атрофи ҳамин мавзӯъ сӯҳбат хоҳам кард.

والسلام عليكم ورحمة الله وبركاته

## Мӯҷиботи коҳиши таъсири таълимоти дин

بسم الله الرّحمن الرّحيم

الحمد لله رب العالمين بارئ الخلائق أجمعين والصلاة والسلام على عبد الله ورسوله وحبيبه وصفيّه محمد وآله الطاهرين

Мавзӯъ сӯҳбат дар шаби гузашта мӯҷиботи кам шудан ва коста шудани асари таълимоти дин буд ва ба иборати дигар — ки таъбири Қуръони Карим аст — дар бораи ҳиҷобҳо ва пардаҳо ва ғилофҳое буд, ки барои руҳи одамӣ пайдо мешавад ва монеъ мешавад партави дин битобад ва аз он истифода кунад. Дишаб арз кардам, ки ҳолоте, ки дар руҳи башар пайдо мешавад, ки ҳолати садд ва монеъро нисбат ба пазируфтани ҳар ҳақиқате пайдо мекунад зиёд аст ва аз ҷумлаи он ҳиҷобҳо ва монеъҳо ҳиҷобе аст, ки бо гузашти замон аз роҳи ҷаҳолат ва тасаллути қувваи хаёл ва воҳима дар оммаи мардум пайдо мешавад. Арз кардам, яке аз нишонаҳо ва осори тасаллути қувваи хаёл ва заъфи қувваи оқила дар инсон ин аст, ки як бемайлӣ дар инсон нисбат ба мутолеъаи аз наздик дар бораи умур падид меояд, дӯст медорад ашё ва умурро аз худ дур нигаҳ дорад ва онҳоро аз дур ва мубҳам ва торик бибинад, майл дорад дар торикӣ гом бардорад, на дар рӯшноӣ. Сирри матлаб ин аст, ки **қувваи хаёл тобеъи тамоюлот ва орзуҳои мактум ва макнуне аст, ки дар замири инсон нуҳуфтааст, ҳар чизеро он тавр зинат медиҳад ва он тавр наққошӣ мекунад, ки мутобиқи орзуи инсон бошад**. Ин наққошиҳои зебо ва мувофиқи орзу дар ҷойе мӯҷиби саргармии инсон аст, ки бо ҳақиқат — ки аҳёнан талх аст ва мухолифи орзуҳо — мувоҷеҳ нашавад:

ما كُلُّ ما يَتَمَنَّى الْمَرْءُ يُدْرِكُهُ

تَجْرِي الرِّياحُ بِما لاتَشْتَهِي السُّفُنُ

Дигаре мегӯяд:

أَمانِيَّ أَنْ تَحْصُلَ تَكُنْ غايَةَ الْمُنى

وَإِلاّ فَقَدْ عِشْنا بِها زَمَناً رَغَداً

Ҳақиқат гоҳе талх аст, вале хаёл ҳамеша ширин аст. Аз ин рӯ одамӣ, ки маҳкум ва мақҳури қувваи хаёл аст, хоҳ нохоҳ аз мувоҷеҳ шудан бо қиёфаи ҳақиқат, ки мумкин аст барои ӯ кареҳ бошад мутанаффир аст. Аммо қувваи оқила тобеъи майлу орзу нест,

қоъида ва қонун ва ҳисоб дорад, қодир нест аз он тахаллуф кунад. Оё мумкин аст барои як масъалаи риёзӣ, мутобиқи майлу орзуи худамон истидлоли ақлӣ, ки бо меъёрҳои мантиқӣ созгор бошад дуруст кунем? Оё мумкин аст донишмандон мутобиқи майли худашон барои масоили илмӣ далел пайдо кунанд? Онҳо ва уқули онҳо ночоранд тобеъи навомиси кавн бошанд. Ин аст сирри ин ки одамӣ, ки қувваи оқилааш заъиф ва маҳкумт хаёл аст алоқа дорад ҳар чизеро аз дур ва мубҳам бибинад ва аз наздик шудан парҳез дорад.

Дар инҷо як нукта аст ва он ин ки: мумкин аст касе бигӯяд, ки фоидаи ақл ва илм ва дин ва ҳар чизи хуби дигаре ин аст, ки ба инсон саодат ва оромиш ва осоиш бидиҳад, инҳо ҳама муқаддимаи осоиш ва оромиш мебошанд, ҳоло ба ҳукми ин ки:

خُذِ الْغاياتِ وَاتْرُكِ الْمَبادي

— натиҷа, ки ҳосил шуд, дигар ба муқаддима ниёзе нест; ҳоло, ки ҳамон саодат ва осоише, ки ақл ва фаҳм мебояд ба инсон бидиҳад, ҳамонро ҷаҳл ва хаёл медиҳад, пас натиҷа ҳосил аст ва набояд ин осоишро баҳам зад ба баҳонаи ин ки ин осоиши маълули ҷаҳолат ва қувваи хаёл аст; мисли ин ки фаразан касе сафаре ба сӯйи мақсаде дорад ва аз роҳи оддӣ ва маъмулӣ намеравад, аз бероҳа меравад ва аз ҳамон бероҳа ҳам ба ҳамон мақсад мерасад, набояд музоҳими ӯ шуд, ки чаро аз бероҳа рафтӣ, мақсуд расидан ба мақсад аст, ба ҳар васила шуд, балки асосан роҳ ҳамон аст, ки инсонро ба мақсад бирасонад, мехоҳад исмаш бероҳа бошад ва ё роҳ.

Рӯйи ҳамин ҷиҳат дида мешавад, ки бисёре ақидаашон ин аст, ки мубориза бо ҷаҳолати мардум бахусус дар ташхисоти динии онҳо, амали саҳеҳе нест, набояд ба баҳонаи ин ки мӯътақадоти онҳо ва тарзи тафаккури онҳо мутобиқ бо воқеъ нест, осоиши хаёли онҳоро барҳам зад, натиҷа яке аст ва он ҳам ҳосил аст. Аз ин рӯ гоҳе дида шуда, ки як ё чанд нафар нисбат ба шахси муайяне эътиқод ва иродати зиёд пайдо карда, ақида пайдо кардаанд, ки масалан ӯ ғайб медонад ва аз замири дигарон мутталеъ аст, соҳиби кароматҳо ва мӯъҷизаҳост ва чунину чунон аст. Дигарон, ки медонанд ақидаи ин одам бепоя ва беасос аст, сукут мекунанд. Фалсафаи сукути худро ин тавр баён мекунанд, ки ин бечора бо ин хаёли худ хушу саргарм аст, олитарин лаззотро дорад, чаро мо беҷиҳат хоби хуши инро барҳам бизанем ва ӯро дучори тардид кунем? Иллати шуюъи ин умур ҳам ин аст, ки як идда мардум, соддалавҳанд ва мустаъидди қабули ин умур ва як иддаи дигар ҳам тобеъи ин фалсафа ҳастанд, ки набояд осоиши хаёли мардумро барҳам зад. Натиҷа ин аст, ки заминаи рушди ин ақидаҳо, ки ғолибан беасос аст, фароҳам мешавад.

Дар ҷавоб арз мекунам, ки аввалан ин муқоиса саҳеҳ нест, ки ҳамон натиҷае, ки дар ақл ва фаҳм ва басират аст, дар бехабарӣ ва ҷаҳолат аст, яъне осоиш ва оромиш, зеро фарқ аст байни осоише, ки натиҷаи бехабарӣ ва дарк накардан аст ва байни он осоиш, ки натиҷаи ақл ва дарк ва басират аст. Аввалӣ ношӣ аз лахтӣ ва беҳиссӣ ва ба таъбири дигар, аз мурдавашӣ аст, бар хилофи дуввумӣ, ки ношӣ аз ҳассосият дар зиндагӣ аст ва ҳатто дарду ранҷи ношӣ аз ҳассосият тарҷеҳ дорад бар осоиши ношӣ аз лахтӣ ва беҳиссӣ, то чӣ расад ба осоише, ки инсон аз ҳассосият ва даррокияти худ ба даст биёварад.

Дар адабиёти мо гоҳе мебинем аз дарду ғам ва сӯзу гудоз ситоиш шуда дар муқобили бедардӣ ва лахтӣ ва афсурдагӣ:

*Ҳар он дилро, ки сӯзе нест, дил нест,*

*Дили афсурда ғайр аз обу гил нест.*

(*Ваҳшии Бофқӣ*)

Ҳақиқат ҳамин аст, ки осоиши ношӣ аз дарк накардан ҳаргиз матлуби як инсон, ки воқеан инсон бошад нест. Масалан, баъзе афрод ҳарчанд залилу хору забун бошанд, эҳсоси ранҷ намекунанд, фишори тамаллуқ ва чоплусиро эҳсос намекунанд, сангинии маҳкум буданро эҳсос намекунанд, дарди дигаронро эҳсос намекунанд, шарики ғами онҳо нестанд. Ҳоло оё он касе, ки инҳоро ҳисс мекунад, ҳозир аст як муомила бикунад ва он ҳассосияти худро бо ин осоиш ва лахтии ин тараф муъовиза кунад? Албатта на. Он ки ин фишорҳоро ҳисс намекунад, инсон нест. Ба қавли Саъдӣ:

*Ту к-аз миҳнати дигарон беғамӣ,*

*Нашояд, ки номат ниҳанд одамӣ.*

Инсони комил инсондӯст аст, дар ранҷу ғами дигарон шарик аст, мехоҳад худашро ба ҳалокат бирасонад ба хотири он ки чаро мардум гумроҳ ва бечора ва бадбахтанд:

فَلَعَلَّكَ باخِعٌ نَفْسَكَ عَلى آثارِهِمْ إِنْ لَمْ يُؤْمِنُوا بِهذَا الْحَدِيثِ أَسَفاً

(*Каҳф/6*) Хитоб ба Расули Акрам аст, мефармояд: шояд ту аз ғуссаи ин ки инҳо дар гумроҳӣ боқӣ бимонанд, мехоҳӣ худатро талаф кунӣ.

Дар ояти дигар мефармояд:

لَعَلَّكَ باخِعٌ نَفْسَكَ أَلاّ يَكُونُوا مُؤْمِنِينَ

(*Шуъаро/3*) Шояд худро ҳалок кунӣ, ки чаро онҳо имон намеоваранд.

Дар ояти дигар мефармояд:

لَقَدْ جاءَكُمْ رَسُولٌ مِنْ أَنْفُسِكُمْ عَزِيزٌ عَلَيْهِ ما عَنِتُّمْ حَرِيصٌ عَلَيْكُمْ بِالْمُؤْمِنِينَ رَؤُفٌ رَحِيمٌ

(*Тавба/128*) Паямбаре аз худи шумо ба сӯйи шумо омад, ки бадбахтииҳо ва ранҷҳое, ки шумо мекашед, бар ӯ гарон ва душвор аст, ҳирс меварзад ба ҳидояти шумо, нисбат ба шумо рауфу меҳрубон аст.

Ба Алӣ алайҳис салом хабар доданд, ки аз тарафи Муовия ҷамъияте омадаанд ва шаҳри Анборро ғорат кардаанд, ҳатто зинат ва зеварҳои занони мусалмон ва ё занони кофире, ки дар паноҳи мусалмонон будаанд аз онҳо гирифтаанд. Алӣ вақте, ки ин матлабро бо асҳоб дар миён мегузорад ва онҳоро таҳриз мекунад бар истодагӣ дар баробари ин гуна таҷовузҳо, мефармояд:

فَلَوْ أَنَّ امْرَأً مُسْلِماً ماتَ مِنْ بَعْدِ هذا أَسَفاً ما كانَ بِهِ مَلوماً بَلْ كانَ بِهِ عِنْدي جَديراً

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 27*)

Ҳоло ҳисоб бикунем, бибинем хуб аст инсон ин умурро ҳисс накунад ва дарк накунад, то дар хушӣ ва осоиш бошад ва ё он ки хуб аст ҳисс кунад ва дарк намояд ва ранҷ бибарад. Ин дард ва ин ранҷ ҳазор бор бар он осоиш тарҷеҳ дорад. Баъзе орзуҳо ҳаст, ки орзуи муқаддас аст, баъзе аз дардҳо ва ранҷҳо ҳам ҳаст, ки маҳбуб ва муқаддас ва қобили эҳтиром аст ва инсонияти инсон вобаста ба онҳост. Он ранҷе аст, ки барои халқи Худо ва ба хотири онҳо бошад, ранҷе аст, ки аз ҳассос будан ва даррок будан бошад. Дуруст аст, ки худи одами аҳмақ он манзараи зишти ҷаҳолат ва лахтӣ ва беҳиссиро дарк намекунад, вале он ки аз неъмати замири даррок ва ҳассос бархӯрдор аст, хуб мефаҳмад, ки сӯхтан дар оташи фаҳмидан ҳазор бор бар осоиши лахтӣ ва ҷаҳолат тарҷеҳ дорад.

Одамӣ дар хоб ҳамаи дардҳо ва ранҷҳоро фаромӯш мекунад. Оё ин далел аст, ки хоб аз бедорӣ беҳтар аст? Бедорӣ, худ мусталзими таваҷҷӯҳ ва огоҳӣ аст. Таваҷҷӯҳ ва огоҳӣ худ ба худ як ранҷу ғаме ҳамроҳ дорад:

*Пас бидон ин аслро, эй аслҷӯ!*
*Ҳар киро дард аст, ӯ бурдаст бӯ.*
*Ҳар кӣ ӯ бедортар, пурдардтар,*
*Ҳар кӣ ӯ огоҳтар, рухзардтар.*
(*Мавлоно*)

Расули Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи фармуд:

ما أوذِيَ نَبِيٌّ مِثْلَ ما أوذيت

Ҳеч пайғамбаре ба андозаи ман ранҷ накашид. Баъзе аз пайғамбарони дигар беш аз Расули Акрам ранҷи тан кашиданд ва пайғамбароне дар гузашта будаанд, ки ба вазъи

фаҷеъе тахти шиканҷаи мардум воқеъ шудаанд ва ба вазъи фаҷеъе кушта шудаанд, вале аз он ҷойе, ки “*ҳар ки ӯ бедортар, пурдардтар*”, ҳеч кас ба андозаи вуҷуди муқаддаси ӯ дарди огоҳӣ ва ранҷи ҳассосият накашид. Дар Уҳуд дар ҳоле, ки азизонаш, касоне, ки ба онҳо ниҳояти алоқаро дошт мисли амуяш Ҳамзаи Сайидушшуҳадо ҷилави чашмаш ба хоку хун ғалтида буданд ва дандон ва пешониаш шикаст, дар айни ҳол барои ҳамон мардуме, ки ин ҷиноятҳоро муртакиб шуда буданд, истиғфор мекард ва мегуфт:

**اللّهُمَّ اهْدِ قَوْمي فَإِنَّهُمْ لايَعْلَمون**

Пас маълум шуд фалсафае, ки мункири бедорӣ ва ҳушёрии мардум аст ба баҳонаи ин ки мардум дар ҳоли ғафлат ва ҷаҳолат дар хоби хуш ва дар як осоише ба сар мебаранд, натиҷа, ки ҳамон осоиш аст ҳосил аст, дуруст нест. Ин аввалан. Ва соният, мо мебинем мавориде пеш омада, ки мардуме хостаанд дили худашонро бо хаёл хуш кунанд ва пешвоёни дин нагузоштаанд ва монеъи ин хоби ширин шудаанд. Иброҳим, фарзанди Расули Худо Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи аз Марияи Қибтия, ба ҳудуди дусолагӣ расид, ки аз дунё рафт ва аз қазо дар ҳамон рӯз офтоб мункасиф шуд. Мардум гирифтани офтобро ҳамл карданд, ки ба сабаби азодор шудани Расули Акрам ва мурдани Иброҳим буда. Расули Худо ба минбар рафт ва фармуд:

Хуршед ва моҳ ду оят аз оятҳои парвардигоранд ва барои мурдани касе намегиранд, гирифтани офтоб дар ин рӯз робитае бо мурдани фарзанди ман надорад.

Ба ин тариқ, осоиши хаёлии мардумро барҳам зад.

Арз кардам, ки дар адабиёти мо ин маъно мунъакис шуда, ки ранҷу дарде, ки ношӣ аз ҳассосияти замир ва виҷдон аст, бар бедардӣ ва осоиши ношӣ аз лахтӣ ва беҳиссӣ ва афсурдагӣ ва ҷаҳолат тарҷеҳ дорад, ба тавре, ки калимаи “бедард” дашном талаққӣ мешавад, чун киноя аст, зикри лозим ва иродаи малзум аст, яъне ҳиссе надоре, ки дардро ҳисс кунӣ.

Дар муқобил, гоҳе дар адабиёти мо қитъаҳое пайдо мешавад, ки нуктаи муқобили ин аст; мебинем надонистан ва ҳисс накарданро бар донистан ва ҳисс кардан — ки барои инсон тавлиди дарди сар ва ранҷ мекунад — тарҷеҳ додаанд, мисли ин ки яке мегӯяд:

*Душмани ҷони ман аст ақли ману ҳуши ман,*
*Кош гушода набуд чашми ману гӯши ман.*

Ин дуруст нест. Ҳамон тавре, ки арз кардам, чашми боз ва гӯши боз ва ақли равшан ҳарчанд ба истилоҳ дарди сарҳое ва нороҳатиҳое ҳамроҳ дорад, вале ҳаргиз ва ба ҳеч ваҷҳ чашми баста ва гӯши баста ва ақли мутаҳаҷҷир наметавонад бар чашми боз ва гӯши боз тарҷеҳ дошта бошад. Ин дуруст нест, ки “*душмани ҷони ман аст ақли ману ҳуш ман*”.

Ҳеч вақт ақл душман намешавад. Сиддиқтарин ва самимитарини дӯстони одамӣ ҳамон ақли ӯст. Расули Худо фармуд:

صَديقُ كُلِّ امْرِئٍ عَقْلُهُ وَعَدُوُّهُ جَهْلُهُ

Амирулмӯъминин мефармояд:

لَيْسَتِ الرُّؤْيَةُ كَالْمُعايَنَةِ مَعَ الْابْصارِ، فَقَدْ تَكْذِبُ الْعُيونُ أَهْلَها وَلا يَغُشُّ الْعَقْلُ مَنِ اسْتَنْصَحَهُ

(“*Наҳҷул-балоға*”, *ҳикмат 281*) Шабеҳи ин таъбирро дар бораи Қуръон дорад, мефармояд:

وَاعْلَموا أَنَّ هذَا الْقُرْآنَ هُوَ النّاصِحُ الَّذي لا يَغِشُّ وَالْهادِي الَّذي لا يُضِلُّ وَالْمُحَدِّثُ الَّذي لايَكْذِبُ، وَما جالَسَ هذَا الْقُرْآنَ أَحَدٌ اِلاّ قامَ عَنْهُ بِزِيادَةٍ أَوْ نُقْصانٍ: زِيادَةٍ في هُدىً أَوْ نُقْصانٍ مِنْ عَمىً

(“*Ва бидонед, ки ин Қуръон панддиҳандае аст, ки хиёнат намекунад ва роҳнамое аст, ки гумроҳ наменамояд ва сухангӯе аст, ки дурӯғ намегӯяд ва касе бо ин Қуръон нанишаст магар он ки чун аз пеши он бархост, ҳидоят ва растгории ӯ афзоиш ёфт ё кӯрӣ ва гумроҳии ӯ кам гардид*.”)

— то он ҷо, ки мефармояд:

فَكونوا مِنْ حَرَسَتِهِ وَأَتْباعِهِ وَاسْتَدِلّوهُ عَلى رَبِّكُمْ وَاسْتَنْصِحوهُ عَلى أَنْفُسِكُمْ

(“*Наҳҷул-балоға*”, *хутбаи 174*) факунуо мин ҳарасатиҳӣ ва атбоъиҳӣ ва астадиллуҳу ъали раббкум ва астансиҳуҳу ъали анфусикум (6).

(“*Пас шумо аз нигаҳбонон ва пайравони он буда ва онро роҳнамо ба сӯйи парвардигоратон қарор диҳед ва аз он андарз бигиред.*”)

## Роҳи найл ба осоиш

بسم الله الرحمن الرحيم

مَنْ عَمِلَ صالِحاً مِنْ ذَكَرٍ أَوْ أُنْثى وَهُوَ مُؤْمِنٌ فَلَنُحْيِيَنَّهُ حياةً طَيِّبَةً وَلَنَجْزِيَنَّهُمْ أَجْرَهُمْ بِأَحْسَنِ ما كانُوا يَعْمَلُونَ

(*Наҳл/97*) Инсон, ба ҳасби хилқат ва табиат ва ғароизе, ки дар вуҷуди вай ниҳода шуда, эҳтиёҷот ва ниёзмандиҳо ва нотамомиҳое дорад ва ночор аст онҳоро ба василаи მводд ва ашёи мавриди ниёз рафъ кунад ва ҳамин эҳтиёҷот ва ниёзмандиҳост, ки ин ҳама афродро ба такопӯ ва фаъолият ва гирд овардани васоили мавриди ниёз водор менамояд.

Ибтидоан ин тавр ба назар мерасад, ки ягона роҳи ҷалби осоиш ва фирор аз нороҳатӣ, ҷамъ кардан ва гирд овардани асбоб ва лавозим ва маводди хориҷӣ аст ва аз ин рӯ бисёре аз мардум тамоми нерӯи хешро сарфи ҳамин кор мекунанд ва ба чизи дигаре намепардозанд ва ин тавр гумон мекунанд, ки ҳар андоза васоил фароҳамтар ва зиёдтар бошад, лаззат ва комёбӣ зиёдтар хоҳад буд ва ба ҳар нисбат, ки аз мизони васоил каср шавад, ба ҳамон нисбат аз саодаташон каср мешавад.

Аммо ин назария як назарияи ибтидоӣ ва кӯдакона аст. Албатта ҷойи тардид нест, ки инсон барои идомаи ҳаёти хеш ба хориҷ ниёзманд аст ва маводди хориҷӣ дар эҷоди осоиш ва лаззат барои инсон дахиланд. Қуръони Карим мефармояд, он чи дар замин аз неъматҳо ва мавҳибатҳо халқ шуда, барои истифода кардан ва баҳра бурдани шумост. Ба илова, пешрафт дар зиндагӣ ва такмили абзор ва асбоби он низ матлуб ва мамдуҳ аст, аммо ин гумон, ки танҳо бо гирд овардани васоил ва маводди беруҳ метавон саодат ва осоишро таъмин кард низ ғалат аст.

**Агар ҳолатҳои як нафарро дар назар бигирем ва хушиҳо ва нохушиҳо ва лаззот ва андӯҳҳои вайро бисанҷем, он гоҳ бо як назари дақиқ иллатҳои онҳоро ҷустуҷӯ намоем, ба ин натиҷа хоҳем расид, ки фақат қисмати каме аз нороҳатиҳо марбут ба фуқдони васоил аст ва маншаъи бештари онҳо awориз ва ҳолатҳо ва сифоти руҳии шахс аст.** Мо бисёре аз ашхосро дидаем, ки бо доштани васоили маҳдуд ва мухтасар, як умр ба хушӣ ва шодмонӣ зиндагӣ кардаанд, ҷаҳон аз даричаи чашми онҳо бӯстоне буда зебо пур аз гулу лола, ба ҳама чиз ба назарм ризоят ва хушнудӣ нигаристаанд ва билохира он натиҷаро, ки аз зиндагӣ ва сарват ва мукнат ва тамаддун матлуб аст (яъне осоиш) гирифтаанд. Дар муқобил, касоне низ дида мешаванд, ки ҳама гуна васоил барои онҳо муҳайёст ва аз охирин самаротм тамаддун баҳраманд мебошанд, аз лавозими тараб ва мӯҷиботи осоиш кам надоранд, дар айни ҳол дар ниҳояти нороҳатӣ ва фишори руҳӣ ба сар мебаранд. Мардум гумон мекунанд, ки онҳо дар биҳиштанд, аммо худашон медонанд, ки дар чӣ ҷаҳанname зиндагӣ мекунанд.

Оё иллати ин амр чист? Пас роҳи таҳсили осоиш кадом аст? Албатта ин нукта ин қадр ба мо мефаҳмонад, ки танҳо воҷид будани молу сарват ва гирд овардани васоил, осоиши инсонро таъмин намекунад, осоиш ва саодат аз аъмоқи руҳ ва ботини зоти инсон бояд сарчашма бигирад. Муллои Румӣ дар ҳамин замина мегӯяд:

*Роҳи лаззат аз дарун дон, н-аз бурун,*

*Аблаҳӣ дон ҷустани қасру ҳусун.*

*Он яке дар кунҷи масҷид масту шод*

*В-он дигар дар боғ туршу бемурод.*

Албатта манзур ин нест, ки бояд пушти по ба ҳама чиз зад ва лоқайдиро пеша сохт ва тамаддун асосан мавҳум аст ва ё дар мавриди таъаддиёт (таҷовузҳо) набояд эҳқоқи ҳуқуқ кард, балки манзур ин аст, ки танҳо бо таҷҳизоти моддӣ наметавон башарро хушбахт сохт, як қисмат таҷҳизоти руҳӣ ва ахлоқӣ низ лозим аст. Ҳамон тавр, ки ибтидоан низ ишора шуд, пешрафт ва тараққӣ дар зиндагӣ, матлуб ва мамдуҳ аст ва аз назари қонуни ислом лоқайдӣ ва калл бар мардум шудан ҳаром аст, эҳқоқи ҳуқуқ ва дафъи зулм воҷиб аст.

Башари имрӯз аз лиҳози тамаддун ва тасхири қувваҳои табиат, бо башари асрҳои гузашта қобили муқоиса нест, лекин мутаассифона аз лиҳози натиҷае, ки аз ҳамаи инҳо бояд оид шавад фарқе накарда, балке чандин марҳила ақибтар рафта, ҳамин абзор ва олот, ки бояд василаи рифоҳ ва осоиш бошад, мӯҷиби бечорагӣ ва бадбахтӣ ва нигаронӣ шуда. Инҳо ҳама аз он ҷиҳат аст, ки дар қисматҳои руҳӣ ва ахлоқӣ ақибнишинӣ карда. Асосан агар нерӯи руҳӣ ва ахлоқӣ мавҷуд набошад, тамаддун низ пешрафт нахоҳад кард. Агар ба таърих мурочеа шавад, равшан мешавад, ки мухтареъин ва мукташифини бузург ва уламо ва фалосифа ва муслеҳин ва удабо ва нависандагон ва шуъарои олимақом ва тамоми он касоне, ки ба пешрафти маданият кӯмак кардаанд ва осори судманде аз худ боқӣ гузоштаанд, ҳамонҳо ҳастанд, ки аз доираи ҳаво ва ҳавас қадам берун гузоштаанд ва побанди усули ахлоқӣ будаанд. Бинобар ин чӣ аз лиҳози осоиши фардӣ ва чӣ аз лиҳози маданияти иҷтимоӣ, ахлоқи солеҳ лозим аст.

Аз ин ҷиҳат аст, ки пайғамбари азимушшаъни ислом фоида ва манзури беъсат ва қиёми илоҳии хешро комил кардани ахлоқи шоиста муаррифӣ мекунад, мефармояд:

**بُعِثْتُ لِاُتَمِّمَ مَكارِمَ الْاَخْلاقِ**

Пайғамбари ислом тамоми кӯшишҳо ва муҷоҳидатҳои худро дар роҳи решакан кардани разоили ахлоқӣ ва аз байн бурдани манобеъи фасоди ахлоқ ба кор мебарад. Он бузургвор бо нури ваҳй дарёфта буд, ки рамзи хушбахтӣ ва иззат ва бузургворӣ ва калиди саодати дунё ва охират, дар покиза кардани руҳ аст.

Дар назари ислом, ахлоқи некӯ аз ҳама чиз пурарзиштар ва сангинбаҳотар аст. Пайғамбари Акрам фармуд:

**أَثْقَلُ شَيْءٍ يوضَعُ فِي الْميزانِ حُسْنُ الْخُلْقِ**

Яъне сангинтарини чизҳо дар мизон адли илоҳӣ, ахлоқм некӯст. Дар сураи “Вашшамс” пас аз таъкидоти бисёр ва зикри чандин қасам мефармояд:

قَدْ أَفْلَحَ مَنْ زَكّاها، وَقَدْ خابَ مَنْ دَسّاها

(*Шамс/9 ва 10*) Яъне ба таври таҳқиқ касоне, ки руҳи худро покиза намуданд, растгор шуданд ва баръакс, касоне, ки руҳи хешро олуда сохтанд, зиёнкор шуданд.

Диёнати муқаддасаи ислом дар айни ин ки дар боби таҳзиби нафс ва ахлоқ дастурҳои муаккад содир фармуда, аз баъзе назарияҳои ифротӣ, ки дар миёни баъзе тавоиф дида мешавад ва ё баъзе дастурҳои мухилл ба низоми иҷтимоъ, ки дар соири адён дида мешавад мубаррост.

Аз қазо эрониёни қадим низ ба ҳусни ахлоқ машҳуру маъруф будаанд. Ҳеродот, муаррихи маъруфи юнонӣ, ки дар ҳудуди қарни чаҳорум ва панҷуми пеш аз милоди Масеҳ мезиста ва аз наздик нозири авзоъ ва аҳволи эрониён буда, бо он ки дар он авқот равобити сиёсии Эрон ва Юнон ба воситаи бурузи як силсила ҷангҳо тира буда ва Эрон хасми Юнон ба шумор меомада, дар боби эрониён ва арзише, ки барои мақоми арҷманди ахлоқ қоиланд, мегӯяд:

“*Эрониён дар ҳар касе, ки сифоти нек меёбанд, ба дидаи эҳтиром менигаранд, ҳарчанд ки душманашон бошад. Куруш мегӯяд: эрониён сифоти неки худро бо тамоми сарвати Шом ва Ошур баробар намекунанд.*”

Аз ҳама муҳимтар ва болотар, шаҳодати вуҷуди муқаддаси Расули Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам аст ба покфитратии эрониён, он ҷо, ки мефармояд:

لَوْ كانَ الْعِلْمُ مَنوطا بِالثُّرَيّا لَنالَهُ أَيْدي رِجالٍ مِنْ فارِسَ

Ва баъдҳо таърих гувоҳи ин гуфтор шуд. Эрониён беш аз соири милал, аз диёнати муқаддасаи ислом истиқбол карданд ва онро бо ҷону дил пазируфтанд, ҳеч миллате — ҳатто худи аъроб — ба ин андоза истиқбол накарданд. Ғолиби таълифот ва таснифоти муфиде, ки дар риштаҳои мухталифи улуми исломӣ шуда, аз адабиёти насру назм, фиқҳ, ҳадис, калом, мантиқ, фалсафа ба василаи риҷоли донишманд ва мутадайини эронии исломӣ шуда.

Махсусан эрониён аз ибтидо ба ихлос ва иродат нисбат ба хонадони Пайғамбар Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва Олӣ Алӣ алайҳис салом маъруф будаанд. Имрӯз ҳам ягона кишваре, ки расман ифтихори ташайюъро дорад, кишвари Эрон аст.

Умед аст дар ин айём, ки меравад орзуи ислоҳот ҷомаи амал бипӯшад, ин рахват ва сустӣ ва беиттилоӣ аз руҳи таълимоти олияи исломӣ ва фасоди ахлоқӣ, ки натиҷатан пайдо шуда, аз байн биравад ва як наҳзати динӣ ва ахлоқӣ дар саросари кишвар шурӯъ шавад (ва) дар партави дастурҳои матин ва ҳакимона ва одилонаи ислом саодати дунё ва охират насиби ҳамаи афрод гардад!

## Ғаризаи фазилатдӯстӣ ва камолпарастӣ

Дар миёни қувваҳо ва ғаризаҳое, ки аз барои инсон ҳаст, як қувваи муқаддас ва руҳонии махсусе вуҷуд дорад, ки ҳаққу ботил, хайру шаррро месанҷад ва дар бораи онҳо қазоват мекунад, фазилатро тақдису таҳсин мекунад ҳарчанд дар дигаре бибинад ва бо манофеъи шахсии ӯ иртибот надошта бошад, аз корҳои зишту палид ибрози танаффур мекунад ҳарчанд он ки дар вуҷуди худ бибинад.[8]

Вуҷуди ин қувва дар инсон, ҷойи инкор нест. Равоншиносӣ онро ба субут расонида. Ҳар кас дар вуҷуди худ онро эҳсос мекунад ва ин яке аз олитарин имтиёзоти инсон аст. Як фарқи инсон бо ҳайвон ҳамин ҷост. Ин маънӣ ба мо собит мекунад, ки ҳоким бар аъмолу афкори мо танҳо шаҳавоти пасти ҳайвонӣ нест. Як қисм аз афкор, ки дар мағзу руҳи мо падид меояд, як навъ алоқаҳо ва дилбастагиҳо, ки дар дили мо пайдо мешавад ва як ришта аз аъмол, ки аз аъзо ва ҷавореҳи мо сар мезанад, ба куллӣ аз ағрози моддӣ бегона аст.

Ва зимнан ин матлаб низ бар мо равшан мешавад, ки ду синх эҳтиёҷ дар вуҷуди мо ниҳода шуда ва ҷузъи табиат ва хилқати мо қарор гирифта: яке, моддӣ ва дигаре маънавӣ. Ва ҳамон тавре, ки танҳо бо доштани маънавиёт, наметавон аз моддиёт бениёз буд, бо воҷид будани моддиёти танҳо низ намешавад аз маънавиёт мустағнӣ шуд.

Эҳтиёҷ ба дин аз ҳамин ҷо собит мешавад. Ҳамин қувва аст, ки башарро побанд як силсила аз масоили маънавӣ ва усули ахлоқӣ ва динӣ намуда ва агар ин қувва вуҷуд намедошт, на ахлоқ буд, на фазлият, на дин ва на ойин.

Ҳамин ҳисси фитрӣ аст, ки худ ба худ ҷомеаро водор мекунад, ки афроди солеҳ ва касонеро, ки масдари аъмоли хайр ҳастанд дӯст бидоранд ва ба онҳо бо дидаи эҳтирому таъзим бингаранд. Ҳамин ҳисс аст, ки номи анбиё ва авлиё ва фалосифа ва донишмандон ва муслеҳин ва фидокоронро зинда нигаҳ дошта. Имрӯз пас аз ҳазор сол, ки аз таваллуди донишманд ва файласуфи бузурги олами ислом АБӯалӣ Сино мегузарад, милали мухталифи мусалмон бо камоли хушвақтӣ ва ифтихор ба поси мақоми илм ва фазли он донишманд, дар садади баргузории ҷашни ҳазораи ӯ мебошанд.

Алӣ алайҳис салом хитоб ба Кумайл Ибни Зиёди Нахаъӣ мекунад, мефармояд:

---

[8] *Бояд ин ғаризаро ғаризаи фазилатдӯстӣ ва камолпарастӣ ном ниҳод ва набояд онро бо қувваи ақл ва ташхис иштибоҳ намуд.*

هَلَكَ خُزّانُ الاَمْوالِ وَهُمْ أحْياءٌ وَالْعُلَماءُ باقونَ ما بَقِيَ الدَّهْرُ، أعْيانُهُمْ مَفْقودَةٌ وَأمْثالُهُمْ فِي الْقُلوبِ مَوْجودَةٌ

(*"Наҳҷул-балоға", нома 147*) Яъне захиракунандагон сарват алъон ҳам, ки зиндаанд, ба ҳақиқат мурдаанд, аммо донишмандон то дунё боқӣ аст, онҳо зиндаанд, сурати онҳо бар сафҳаи дилҳо нақш бастааст.

Яке аз мусташриқини маъруфи масеҳӣ дар китоби худ дар бораи пайғамбари бузургвори ислом мегӯяд: ӯ алъон ҳам, ки мурда аст, аз миёни қабри худ бар қалби чаҳорсад миллион мусалмони ҷаҳон ҳукумат мекунад.

Мутаҷовиз аз 13 қарн аст, ки аз шаҳодати Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом мегузарад, рӯз ба рӯз бар ҷилва ва азаматаш афзуда мешавад; бо он ки номи муқаддасашро ҳамарӯза мешунаванд, аз шунидан сер намешаванд. Оё иллат чист? Албатта пайдост, барои ин аст, ки Имом Ҳусайн алайҳис салом ғарази шахсӣ надошт, барои дифоъ аз дин ва ҳақиқат қиём кард, фидокорӣ кард, аз худ гузаштагӣ нишон дод. Он вақте, ки мехост аз Мадина ба ҷониби Макка ҳаракат кунад, пас аз як силсила музокироте, ки байни он ҳазрат ва бародараш Муҳаммад ибни Ҳанафия сурат гирифт, коғаз ва давот талабид, пас аз шаҳодат ба ваҳдонияти Худо ва рисолати пайғамбар ва ҳаққонияти рӯзи ҷазо ва биҳишту ҷаҳаннам, ин тавр навишт:

إنّي لَمْ أَخْرُجْ أَشِرا وَلا بَطِرا وَلا مُفْسِدا وَلا ظالِما وَإِنَّما خَرَجْتُ لِطَلَبِ الاَصْلاحِ في أُمَّةِ جَدّي صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَآلِهِ

Яъне ба манзури туғён ва саркашӣ ё барои эҷоди фитна ва фасод ё зулму ситам қиём накардам, қиёми ман фақат ба манзури ислоҳталабӣ аст; авзоъ ва аҳволе пеш омада ва ҳукумате зимоми умурро ба даст гирифта, ки агар ба ҳоли оддӣ боқӣ бимонад ва ҳама дар баробараш сукут намоянд, решаи дин аз беху бун берун хоҳад омад ва якбора фотеҳаи ислом ва исломиятро бояд хонд.

Ва боз дар ҳамонҷо навишт:

إنّي أُريدُ أنْ آمُرَ بِالْمَعْروفِ وَأنْهى عَنِ الْمُنْكَرِ وَأَسيرَ بِسيرَةِ جَدّي وَأبي عَلِيِّ بْنِ أَبي طالِبٍ

Яъне мақсади ман, иҷрои амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аст, ки танҳо ҳофиз ва зомини бақои ислом аст ва матрук монда, мехоҳам мутобиқи тариқаи ҷаддам пайғамбар ва падарам Алӣ рафтор намоям ва ин равиши золимона ва ҷобиронаро ба куллӣ аз байн бибарам.

Ин аст сирри маҳбубияти Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом.

Башар ба ҳукми ғариза камолпарастӣ ва фазилатдӯстӣ, конунҳои фазилат ва ахлоқ ва фидокориро дӯст дорад ва ба онҳо ишқ меварзад.

Пас аз он ки Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом бо Ҳурр ибни Язид мусодиф шуд ва гуфтугӯҳое радду бадал шуд ва билохира бино шуд роҳи севвуме интихоб кунанд, ки на ба Кӯфа мунтаҳӣ шавад ва на ба Макка, Ҳурр арз кард: эй фарзанди Расули Худо! Ман ба шумо насиҳат мекунам ва тазаккур медиҳам, ки агар дар мақоми мухолифати ҳукумати вақт бароед, кушта хоҳед шуд. Ҳазрат дар ҷавоб фармуд: оё маро ба марг метарсонӣ? Ва агар ман кушта шудам, шумо роҳат хоҳед монд? Ман дар ҷавоби ту онро мегӯям, ки яке аз асҳоби ҷаддам пайғамбар хитоб ба бародараш — ҳангоме, ки бародараш ӯро аз нусрати пайғамбар манъ мекард — гуфт. Он гоҳ ҳазрат ашъореро, ки он марди саҳобӣ суруда буд, қироат фармуд. Мазмуни он ашъор ин аст:

"*Ман хоҳам рафт. Мурдан барои ҷавон айб нест ҳангоме, ки қасдаш ҳақ аст ва ҷиҳод мекунад ва ҳангоме, ки қадам ҷойи қадами покон ва шоистагон мегузорад, бо мардуми муҷрим ва ҷинояткор ба мухолифат ва мубориза бармехезад. Ман чӣ аз ҷанг зинда баргардам ва чӣ он ки кушта шавам, мавриди маломат ва сарзаниш намебошам. Барои зиллати ту ин қадр кофӣ аст, ки зинда бимонӣ ва мақҳури ҳукми мардумони паст бошӣ*."

Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом олитарин намунаи фидокорӣ ва ҳақпарастӣ ва иззати нафсро нишон дод ва собит кард, ки барои ризои Худо ва дифоъ аз номуси дин ва мубориза бо зулм ва бедодгарӣ то чӣ ҳадд бояд ҷангид.

Ҳусайн алайҳис салом бо он фидокории ҳайратовар, саросари дунёи исломи он рӯзро аз хоби амиқе, ки фурӯ рафта буданд бедор кард ва пояҳои салтанати Банӣ Умайяро мутазалзил кард. Ин амал кам-кам муқаддима шуд барои бурузу зуҳури наҳзатҳо ва ҷунбишҳо алайҳи бедодгарӣ ва бединӣ.

Умедворам Худованд аз файзи руҳи муқаддас Абӯабдиллоҳ алайҳис салом ҳамаи моро баҳраманд фармояд ва тавфиқ диҳад дар руҳи наҳзати ҳусайнӣ дақиқ шавем ва ба ҳамон манзур, ки он ҳазрат гом бардошта гом бардорем!

وَ اَلسَّلامُ عَلى مَنِ اِتَّبَعَ اَلْهُدى

# Самароти таълимот ва қиёмҳои риҷоли дин

يا أَيُّهَا النَّبِيُّ إِنّا أَرْسَلْناكَ شاهِداً وَمُبَشِّراً وَنَذِيراً، وَداعِياً إِلَى اللهِ بِإِذْنِهِ وَسِراجاً مُنِيراً

(*Аҳзоб/45*)

Бисёре аз мардум, ҳатто мутадайинин ва алоқамандон ба дину мазҳаб, ба дурустӣ аз самароти таълимот ва натиҷаи қиёмҳо ва наҳзатҳое, ки ба василаи риҷоли дин ва мардони илоҳӣ сурат гирифта огоҳӣ надоранд. Ва намедонанд, агар аз нахустин рӯзе, ки башар муваффақ ба ташкили зиндагонии иҷтимоӣ шудааст, таълимот ва даъватҳои силсилаи муқаддасаи анбиё аз як тараф ва муҷоҳидаҳо ва муборизаҳо ва наҳзатҳои онҳо аз тарафи дигар набуд, имрӯз чӣ вазъ ва сурате ҳукумат мекард.

Ҳангоме, ки авзоъ ва аҳволи башарро дар асрҳои бисёр қадим мутолеа мекунем, он гоҳ назаре ҳам ба зиндагӣ ва шуъуни ҳаётии имрӯзи насли башар меафканем (аз улум ва фунун, одоб ва одот, санойеъ ва қонунҳо ва низомот), он гоҳ байни онҳо муқоиса мекунем, дучори бухту ҳайрат мешавем, зеро ки тафовут ба қадре зиёд аст, ки ҳеч шабоҳате ба якдигар надоранд.

Масалан, як рӯз инсон дар баробари мазоҳири табиат (об, оташ, нур, дарахт, санг) зону ба замин мезад, кӯҳҳо ва дарёҳо ва ситораҳо ва моҳу хуршед ва ашхосе монанди худаш аз афроди инсонро ба унвони ибодат ситоиш мекард ва бо мунтаҳои хузӯъу хушӯъ ва таслим, як силсила аъмолеро ба манзури ҷалби ризояти онҳо анҷом медод ва доиман аз бими қаҳру ғазаби онҳо бар худ меларзид.

Имрӯз ҷуръат ва ҷасорат ва қудрати фикрии башар ба ҷойе расида, ки ҳамон маъбудҳо ва масҷудҳои дирӯзро мусаххар ва ходими хеш ва мавриди озмоишҳои илмӣ ва истифодаҳои фаннии худ қарор дода.

Муассиртарин омиле, ки бо он гуна афкору ақоид мубориза кард ва он бимҳо ва тарсҳои бемавридро зоил сохт, даъватҳо ва таълимоти анбиё буд. Дар таълимоти анбиё ду чиз беш аз ҳама чиз мавриди таваҷҷӯҳ буда: яке, Худошиносӣ ва дигаре, худшиносӣ.

Мардони поки илоҳӣ буданд, ки ба башар фаҳмонданд ҳама чиз ғайр аз Худо аз ту пойинтар аст ва ту аз ҳамаи онҳо бартару болотарӣ, ту манбаъи қудратҳо ва нерӯҳои беҳадде ҳастӣ. Қуръони Карим мефармояд:

هُوَ الَّذِي خَلَقَ لَكُمْ ما فِي الْأَرْضِ جَمِيعاً

(*Бақара/29*) Яъне Худо он чи дар замин аст, барои истифодаи шумо ва маҳзи хотири шумо офарид. Ва боз дар сураи Исро мефармояд:

وَلَقَدْ كَرَّمْنا بَنِي آدَمَ وَحَمَلْناهُمْ فِي الْبَرِّ وَالْبَحْرِ

(*Исро/70*) Яъне мо фарзандони Одамро бузург ва гиромӣ доштем, ононро бар дарё ва саҳро ва тару хушк тасаллут додем.

Ин буд шаммае аз таълимоти анбиё ва ин гуна таълимот буд, ки он ақоиди шумро — ки монанди занҷирҳои сангин бар дасту по ва гардани башар печида буд — нобуд сохт ва дар иваз, озодии фикрӣ, ки яке аз неъматҳои бузурги Худост, ба ӯ дод.

Аммо муҷоҳидатҳо ва муборизаҳое, ки ба василаи риҷоли дин ва мардони илоҳӣ сурат гирифта: таърих гувоҳӣ медиҳад, ки мардони ҳақиқат ва фазилат буданд, ки дар муқобили муқтадиртарини ҷабборон ва ситамгарон қад алам карданд, набардҳои саҳмгин оғоз намуданд, то он ки кохи зулму истибдоди онҳоро вайрон намуданд. Қуръони Карим ишора ба ҳамин матлаб мефармояд:

وَكَأَيِّنْ مِنْ نَبِيٍّ قاتَلَ مَعَهُ رِبِّيُّونَ كَثِيرٌ فَما وَهَنُوا لِما أَصابَهُمْ فِي سَبِيلِ اللهِ وَما ضَعُفُوا وَمَا اِسْتَكانُوا وَاللهُ يُحِبُّ الصّابِرِينَ

(*Оли Имрон/146*) Яъне чӣ бисёр аз пайғамбарон, ки гурӯҳе аз мардумони Худопараст ҳамроҳи онҳо ҷангиданд ва дар баробари ҳеч мусибате суст нашуданд ва заъиф нагаштанд ва изҳори аҷзу нотавонӣ накарданд, Худованд пойдоронро дӯст медорад.

Ҳангоме, ки Фиръавн кӯси:

أَنَا رَبُّكُمُ الْأَعْلى

(*Нозиъот/24*) мезад ва гарданкаширо ба ниҳоят расонда буд, Мӯсо ибни Имрон алайҳис салом ба амри Худо қиём кард ва то Банӣ Исроилро наҷот надод ва Фиръавн ва фиръавниёнро ғарқаи дарё насохт, аз пой нанишаст.

Иброҳим алайҳис салом ба танҳоӣ дар муқобили намрудиён истодагӣ кард ва ақоиди онҳоро мавриди тамасхур ва истеҳзо қарор дод ва он қадр истиқомат ба харҷ дод, ки то миёни тӯдаҳои оташ рафт.

Пайғамбари бузургвори ислом як муборизаи сангин ва доманадореро оғоз кард, заҳматҳо ва мароратҳо кашид, то бинии мухолифон ва мунофиқинро ба хок молид ва аз нав бисоти тавҳид ва адолатро густурда сохт.

Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом яке аз он мардони илоҳӣ аст. Дар он мавқеъе, ки ҳукумати ситамгар ва руъбовари Банӣ Умайя қудрати нафас кашидан ба касе намедод, руҳи силаҳшӯриро дар афрод кошта буд, авотиф ва эҳсосоти мусалмонони он аср афсурда ва ҷомид шуда буд, Абӯабдиллоҳ алайҳис салом қиём кард; қиёме, ки саросари дунёи исломро такон дод. Мардуме, ки то он вақт бо ҳеч мантиқ ва истидлоле ҳозир ба

ҷиҳод дар роҳи ҳақ набуданд, баъд аз ин фоҷеа худ ба худ ба ҷунбиш омаданд, авотифи афсурда муштаъил шуд, шӯришҳо ва наҳзатҳо алайҳи умавиҳо шурӯъ шуд, то он ки мунтаҳӣ шуд ба сукути ҳамешагии ҳукумати Банӣ Умайя.

Шарофатмандтарин афроди башар касоне ҳастанд, ки худашонро фидои осоиши дигарон мекунанд, сахтиҳоро мутаҳаммил мешаванд, ки дигарон роҳат бошанд. Агар ҷамъияти фидокорон ва шуҳадои роҳи Ҳақ набошанд, ки монанди шамъ бисӯзанд ва нурафшонӣ кунанд, маҳфили зиндагонии башар равнақе надошт, балки маҳфил ва шоҳид ва ҷамъе набуд:

*Шоҳиде гуфт ба шамъе к-имшаб,*
*Дару девор музайян кардам.*
*Дишаб аз шавқ нахуфтам якдам,*
*Дӯхтам ҷомаву бар тан кардам…*
*Кас надонист чӣ сеҳромезе,*
*Ба паранд аз наху сӯзан кардам…*
*Ту ба гарди ҳунари ман нарасӣ,*
*З-он, ки ман базли сару тан кардам.*
*Шамъ хандид, ки бас тира шудам,*
*То зи торикият эман кардам.*
*Пайи пайванди гуҳарҳои ту бас,*
*Гуҳари ашк ба доман кардам.*
*Хушам аз сӯхтани хеш аз он-к*
*Сӯхтам, базми ту равшан кардам…*
*Хирмани умри ман ар сӯхта шуд,*
*Ҳосили шавқи ту хирман кардам…*
*Корҳое, ки шумурдӣ бар ман,*
*Ту накардӣ, ҳамаро ман кардам.*
*(Парвини Эътисомӣ*)

Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом ҳар чи талхиҳо ва сахтиҳояш зиёдтар мешуд, хуррамтар ва шукуфтатар мегашт ва ҳар чи дар оташи бедод месӯхт, тобандатар мешуд, зеро ки медонист ба ин васила дини ҷаддашро зинда мекунад, Худоро хушнуд месозад. Ҳусайн алайҳис салом мефармуд:

وَإِنْ تَكُنِ الْأَبْدانُ لِلْمَوْتِ أُنْشِأَتْ

فَقَتْلُ امْرِئٍ بِالسَّيْفِ فِي اللهِ أَجْمَلُ

Яъне агар баданҳо барои мурдан офарида шуда, пас чӣ беҳтар он ки дар роҳи Худо бо шамшер қитъа-қитъа гардад:

*Хушам аз сӯхтани хеш аз он-к*

*Сӯхтам, базми ту равшан кардам.*

السَّلامُ عَلى مَنِ اِتَّبَعَ الْهُدى

## Иғтиноми фурсатҳо

Аз Пайғамбари Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ривоят шуда, ки фармуд:

إِنَّ لِرَبِّكُمْ في أيّامِ دَهْرِكُمْ نَفَحاتٍ، ألا فَتَعَرَّضوا لَها

Яъне гоҳе насимҳои раҳмате аз ҷониби парвардигор шумо мевазад, огоҳ бошед, ки аз он истифода намоед. Дар “Наҳҷул-балоға” дар зимни калимоти қисори амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом ин ҷумла нақл шуда:

مِنَ الْخُرْقِ الْمُعاجَلَة قَبْلَ الْإِمْكَانِ وَالْأَنَاةُ بَعْدَ الْفُرْصَة

(*“Наҳҷул-балоға”, ҳикмати 363*) Яъне ду чиз аст, ки аз ҳамоқат ва аблаҳӣ аст: яке, таъҷил кардан дар кор пеш аз он ки шароит мавҷуд бошад, дигар, сустӣ кардан ҳангоме, ки фурсат пайдо шавад.

Ва низ дар “Наҳҷул-балоға” аз он ҳазрат ривоят шуда:

الْفُرْصَة تَمُرُّ مَرَّ السَّحابِ، فَانْتَهِزوا فُرَصَ الْخَيْرِ

(*Ҳамон, ҳикмати 20*) Яъне фурсатҳо монанди абр, ки аз болои сар мегузарад, зудгузар аст, пас муғтанам шуморед фурсатҳои некро.

Назири ин калимот аз пешвоёни дин зиёд ривоят шуда ва ҳама ба як нукта ишора мекунанд ва он ин ки инсон бояд ҳамеша муроқиб ва мувозиби пешомад бошад, фурсатҳое, ки дар зиндагӣ пеш меояд муғтанам бишуморад ва нагузорад ҳадар биравад. Ин яке аз дастуруламалҳои муҳимми зиндагӣ аст: саодатҳо ва муваффақиятҳое, ки насиби бисёре аз афрод шуда ва мешавад, беш аз он миқдор, ки марбут ба истеъдод ва лиёқати онҳо бошад, марбут ба ҳушёрӣ ва бедорӣ ва истифода кардан аз фурсатҳост. Ва ҳамчунин бадбахтиҳо ва маҳрумиятҳои дастаи дигар, бештар ба воситаи ҳадар додани вақтҳо ва аз каф додани фурсатҳост, на аз белиёқатӣ ва беистеъдодӣ.

Истифода аз фурсат, яке аз анвоъи шукргузорӣ аз неъматҳо ва мавҳибатҳои илоҳӣ аст, ҳамон тавр, ки аз даст додани он як навъ куфрони неъмат аст. Худованд дар Қуръони Карим мефармояд: агар аз неъмате қадрдонӣ кунед ва нек истифода намоед, он неъматро афзоиш хоҳем дод ва агар баръакс қадрдонӣ накунед ва мавриди беэътиноӣ ва адами таваҷҷӯҳ қарор диҳед, илова бар он ки он неъмат салб хоҳад шуд, ниқмат ва муҷозот ҷойи онро хоҳад гирифт:

لَئِنْ شَكَرْتُمْ لَأَزِيدَنَّكُمْ وَلَئِنْ كَفَرْتُمْ إِنَّعَذابِي لَشَدِيدٌ

(*Иброҳим/7*) Рӯйи ин асли мусаллам, агар аз фурсатҳое, ки пеш меояд ва ба таъбири Пайғамбари Акрам, насимҳои раҳмате, ки аз ҷониби Худованд мевазад истифодаи саҳеҳ бишавад, баъдҳо аз ин фурсатҳо зиёдтар пеш хоҳад омад ва агар лоқайдӣ ва мусомиҳа шавад, дигар маҷоле пешомад нахоҳад кард.

Бояд донист, ки фурсатҳо мухталиф аст: баъзе аз фурсатҳост, ки дар зарфи як сол мумкин аст як бор пеш биёяд, монанди фурсатҳое, ки барои як нафар кишоварз дар умури марбут ба кишоварзӣ рух медиҳад ва баъзе фурсатҳост, ки мумкин аст дар умр фақат як бор барои як фард пеш биёяд, монанди фурсатҳои айёми ҷавонӣ ва фароғати хотир ва саломати мизоҷ барои донишҷӯён. Бадеҳӣ аст агар як нафар муҳассил дар ин айём ба таҳсил ва заҳмат ва мутолеа пардохт, баъдҳо дорои андӯхтаҳои фикрӣ ва илмӣ хоҳад буд ва агар баръакс ба гардиш ва шаҳватронӣ ё ба ҷанҷол ва пардохтан ба умуре, ки хориҷ аз вазифаи ӯст гузаронад, фардо, ки қувваҳои баданӣ заъиф ва мушкилоти зиндагӣ рӯовар шуд, роҳе ҷуз таассуф ва ҳасрат нахоҳад дошт. Пайғамбари Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам фармуд: панҷ чизро қабл аз панҷ чиз ғанимат бишуморед, аз он ҷумла ҷавониро қабл аз пирӣ.

Баъзе аз фурсатҳост, ки пас аз қарнҳо якмартиба пеш меояд ва он фурсатҳое аст, ки барои милал ва ҷамоъот пеш меояд. Дар хилоли ин фурсатҳост, ки миллат метавонад сарнавишти худро тағйир диҳад, дардҳои музмини иҷтимоиро чора намояд. Яке аз он фурсатҳо, ки қарнҳо бояд бигузарад, то барои миллате пеш ояд, иттифоқ ва ҳамоҳангии афроди ҷомеа аст. Дар Қуръони Карим махсусан ин амр ба унвони неъмат ёд шуда. Дар сураи Оли Имрон, ояти 103 мефармояд:

وَاذْكُرُوا نِعْمَتَ اللَّهِ عَلَيْكُمْ إِذْ كُنْتُمْ أَعْدَاءً فَأَلَّفَ بَيْنَ قُلُوبِكُمْ

Ёд намоед лутфи Худоро бар шумо он гоҳ, ки душманонм якдигар будед, пас Худо миёнм дилҳои шумо улфат андохт.

Дар ҳадис аст, ки:

**يَدُ اللهِ مَعَ الْجَماعَةِ**

Яъне дасти Худо ҳамроҳи ҷамоат аст. Уламои адаб мегӯянд, калимаи “яд” киноя аз қудрат оварда мешавад, бинобар ин маънӣ ин мешавад: нерӯи илоҳӣ дар ҷамъият мутамаркиз аст. Рӯйи ҳамин ҷиҳат, яке аз бадтарини гуноҳон эҷоди ташаттут ва тафриқа ва фитнаангезӣ аст.

Алӣ алайҳис салом бо он ки хилофати Пайғамбарро ҳаққи мусалламӣ худаш медонист, вақте, ки дид, қиём ва эҳқоқи ӯ мӯҷиби парокандагӣ ва баҳам хӯрдани назми иҷтимоъи мусалмонон мешавад, сукут ихтиёр кард ва ба илова мисли соири афрод дар корҳо ширкат мекард ва нагузошт низоъи дохилӣ шурӯъ шавад. Абӯсуфён, ки марди мунофиқе буд ва ҷуз эҷоди фитна манзуре надошт ва мехост шӯриш ва ғавғое барпо кунад ва худаш натиҷа бигирад, омад хидмати Алӣ алайҳис салом ва арз кард: хилофат ҳаққи туст, чаро бояд дигарон бибаранд? Ман ҳозирам бо афроде, ки дар ихтиёр дорам, ба ту кӯмак бидиҳам, то ҳаққи туро пасбигирам. Алӣ алайҳис салом медонист, ки ӯ ба номи тарафдории дин мехоҳад ошӯб кунад. Ӯро аз дари хонаи хеш ронд, он гоҳ фармуд:

**شُقّوا أَمْواجَ الْفِتَنِ بِسُفُنِ النَّجاةِ وَضَعوا تيجانَ الْمُفاخَرَةِ وَعَرِّجوا عَنْ طَريقِ الْمُنافَرَةِ**

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 5*) Яъне мавҷҳои хурӯшони фитнаро бо киштиҳои наҷот бишкофед ва ин фахр карданҳоро, ки мӯҷиби ташаттуту тафарруқ мешавад, канор бигузоред.

Алӣ алайҳис салом ҳозир нашуд ба ҳарфи Абӯсуфён гӯш диҳад, чунки намехост ваҳдат ва ҳамоҳангии мусалмононро баҳам бизанад ва қудрати онҳоро заъиф созад.

Алӣ алайҳис салом намехост фурсате, ки пас аз солҳо даъват ва заҳмати Пайғамбар ва муддатҳо фидокории худаш ва иддае аз мусалмонон ба даст омада, ба ин васила аз даст бидиҳад.

Ин буд, ки мусалмонони он аср аз ин фурсат истифода карданд ва он нерӯи азимро ба кор андохтанд ва тамоми саддҳоро аз ҷилави худ бардоштанд.

Хушбахтона ин мавҳибати узмо ахиран шомили ҳоли мо шуда. Вақти он аст, ки мо низ аз фурсат истифода намоем ва ҳамоҳангии худамонро ҳифз кунем. Мо метавонем бо ин нерӯи азими иҷтимоӣ дардҳои музмини иҷтимоиро чора намоем, дарҳои саодатро ба рӯйи худ бигушоем. Аз тарафе, дар баробари аҷониб муқовамат намоем, истиқлоли худамонро ҳифз кунем, ҳуқуқи аз даст рафтаи худро ба каф оварем, аз тарафи дигар, ба мафосиди дохилӣ расидагӣ кунем ва чораҷӯӣ намоем. Аз Худованди Мутаъол тавфиқи ислоҳ масъалат менамоем.

وَالسَّلامُ عَلى مَنِ اِتَّبَعَ الْهُدى

## Таквини пояҳои аъмоли инсон ба василаи тарбият

Аъмоле, ки ба василаи инсон анҷом мегирад, ду қисм аст: як қисм аъмоли табиӣ ва ғайри иродӣ монанди амал ҳазм ва амали даварони хун ва амсоли инҳо. Дар ин гуна аъмол майлу ирода ва хостан ва нахостани инсон дахолат надорад, тобеъи ҷараёни омилҳо ва иллатҳои дигаре аст. Бо мураттаб будани ҷиҳози ҳозима ва дастгоҳи даварони хун, инсон чӣ бихоҳад ва чӣ нахоҳад амали ҳазм ва даварон анҷом меёбад.

Қисми дигар, аъмоли иродӣ аст, яъне аъмоле, ки бо нерӯи азму ирода сурат мегирад, қувваи тамйиз ва ташхис ва қувваи ирода ва тасмими мо дар таквини онҳо дахил аст, агар бихоҳем анҷом шавад, мешавад ва агар нахоҳем, анҷом намешавад монанди роҳ рафтан, ғизо хӯрдан, дарс хондан, сухан гуфтан ва амсоли инҳо.

Аъмоли ғайри иродии инсон шабеҳ ба аъмоли ҷамодот ва наботот аст, монанди сӯзондани оташ ва ғарқ кардани об, ки бар як минвол ҷорӣ аст. Бадеҳӣ аст агар ба ҷисми қобили эҳтироқе як зарра оташ бирасад, қаҳран ва ҷабран месӯзад ва агар ҷисми сангине дар об биафтад, қаҳран фурӯ меравад. Оташ ё об фақат як роҳ дар пеш доранд ва он сӯзонидан ва ғарқ кардан аст, кудрати тарк кардан надоранд.

Аммо инсон дар аъмоли иродии хеш озод аст, кудрати интихоб кардан дорад, масалан кудрат дорад ин дарсро бихонад ё нахонад, он ғизоро бихӯрад ё нахӯрад, фалон суханро бигӯяд ё нагӯяд. Ин ҷост, ки як наҳв озодии махсус барои инсон дар миёни соири мавҷудоти ин олам собит мешавад, ки истилоҳан “озодии ирода” номида мешавад ва аз ин рӯ инсон дар ин гуна аъмол ҳамеша ду роҳ дар пеш дорад: саодат ё шақоват ва арзиш ва қимати инсон марбут ба ин гуна аъмол аст. Вазъи қонунҳо ва пайдо шудани шаройеъ ва таколиф низ барои контрол кардан ва таъйини хатти машйи инсон дар ҳамин аъмол аст. Қуръони Карим дар сураи “Ҳал ато” мефармояд:

إِنّا هَدَيْناهُ السَّبِيلَ إِمّا شاكِراً وَإِمّا كَفُوراً

(*Даҳр/3*) Яъне мо роҳро ба инсон намоёндем, аммо паймудан ва напаймудани он роҳ марбут ба худи ӯст. Дар инсон як қувваe мавҷуд аст ба номи қувваи ақл, ки хайру шарр ва неку бад ва салоҳу фасодро тамйиз медиҳад ва як қувваe аст ба номи қувваи ирода, ки иҷрокунандаи он чизҳое аст, ки ақл ташхис медиҳад ва муҳаррик ва бедоркунандаи соири малакот ва қувваҳои инсон аст. Масалан, малакаи ҳунармандии як санъатгар ва

қувваи фикри як файласуф ва қувваи азулонии як нафар коргарро модоме, ки ирода, таҳрик ва ташҷеъ накунад, афсурда ва хомид аст ва асаре дар зиндагӣ надорад.

Албатта бояд ин нуктаро мутазаккир шуд, ки маънии озодии ирода ин нест, ки тобеъи ҳеч назму қонун ва суннате нест ва худ ба худ сурат мегирад, зеро ки ин амр ақлан маҳол аст. Дар фалсафа собит шудааст, ки ҳеч ҳодисае дар олами ҳастӣ воқеъ намешавад магар таҳти як назм ва ҷараёни як силсила асбоб ва иллатҳои бахусусе.

Уламои фанни ахлоқ, ки мавзӯъи илмашон аъмоли иродӣ аст, аз қадиму ҷадид дар ҷустуҷӯи кашфи ҳамин қонунҳои собит ва қатъӣ, ки бар умури нафсӣ ва иродии мо ҳукумат мекунад буда ва ҳастанд. Дар ахлоқ ва равоншиносӣ собит шуда, ки аъмоли инсон пояҳо ва асосҳои нафсонӣ доранд, монанди ғариза ва одат, ки бар рӯйи онҳо қарор гирифтаанд. Албатта мо он пояҳо ва асосҳоро бо ҳавосси худамон идрок намекунем, лекин аз роҳи осори онҳо, ки ҳамин аъмоли иродӣ аст ва ба истилоҳи мантиқийин, аз тариқи бурҳони "иннӣ" ба вуҷуди онҳо пай мебарем.

Бинобар ин барои касе, ки бихоҳад як тариқаи ахлоқӣ пеш бигирад, аъмоли худашро контрол кунад ва ё касе, ки бихоҳад ӯҳдадори тарбият ва ислоҳоти маънавии ҷомеа бишавад, лозим аст, ки танҳо ба завоҳири аъмол қаноат накунад, балки решаҳо ва пояҳои онҳоро ҷустуҷӯ намояд. Қуръони Карим ин аслро таъйид мекунад, мефармояд:

قُلْ كُلٌّ يَعْمَلُ عَلى شاكِلَتِهِ

(*Исро/84*) Яъне ҳар касе ҳар амалеро анҷом медиҳад, бар тибқи ҳолатҳо ва сифоти дарунии худи ӯст.

**Фоидаи тарбият ин аст, ки он пояҳо ва асосҳоро тавре дар руҳи афрод таквин мекунад, ки ҳеч гоҳ иродаи инсон мутаваҷҷеҳи корҳои зишту паст намешавад, ҳамеша корҳои хайр ва шоиста ва ба таъбири Қуръон, "амали солеҳ" ғоят ва ҳадафи инсон қарор мегирад**.

Аз ин ҷо сангинӣ ва душвории ин кор яъне ӯҳдадории тарбияти ҷомеа равшан мешавад. Мураббӣ яъне касе, ки мутасаддии беҳдошти руҳии ҷомеа аст. Мо дар беҳдошти ҷисмӣ, ки бештар марбут ба маҳсусот аст, мебинем чӣ андоза таҳсил ва мутолеа ва таҷриба лозим аст, то як нафар, он ҳам дар як қисмати махсус, мутахассис шумурда шавад.

Қатъан дар беҳдошти руҳӣ, бештар фикр ва таҳсил ва мутолеа дар риштаҳои мухталифи улум ва таҷриба лозим аст, то як нафар салоҳияти ӯҳдадории ин вазифаи хатирро пайдо кунад.

Ҳамон тавре, ки кучактарин иштибоҳ барои як табиб гоҳе зиёнҳои ҷуброннопазире барои як фард ба бор меоварад ва гоҳе мунҷар ба ҳалокати мариз мешавад, иштибоҳоти

тарбиятӣ ва рухӣ низ гоҳе зиёнҳои азим ва ғайри қобили ҷубронеро дар ҷомеа эҷоб мекунад, ки як миллатро то партгоҳи фано ва измиҳлол савқ медиҳад.

Дар мавзӯоти динӣ ин вазифа душвортар аст, зеро ҳар матлабе, ки ба номи дин гуфта шавад муассиртар аст. Агар дар як назарияи динӣ таҳрифе бишавад, мӯҷиби бузургтарини инҳирофҳо мешавад. Ин матлаб дар гузаштаи таърих шавоҳид ва амсоли зиёде дорад ва мутаассифона яке аз дардҳои муҳимми иҷтимоии имрӯзи мо низ ҳамин аст ва аз ин рӯ яке аз бузургтарин ниёзмандиҳо ҳидоят ва роҳнамоии афкор аст дар масоили динӣ. Диёнати муқаддасаи ислом агар холӣ аз ҳар гуна таҳрифе таълимоташ иҷро шавад ва пояи барномаи тарбиятӣ қарор бигирад, беҳтарин зомини саодати ҷомеаи мост.

## Тавсиаи фикр, пояи аввали тарбият

Дар суханронии пеш дар зимни матолиби мухтасаре, арз кардам, илм ва фалсафа собит кардаанд, ки ахлоқ низ монанди соири умури ин олам тобеъи назму қонуни муайян ва пайрави ҷараёни асбобу иллатҳои махсусе аст ва ҳар тараққӣ ва инҳитоти ахлоқӣ як қоъида ва ҳисоби амалии муайяне дорад.

Низ арз кардам, **аъмоли инсон, ки саодат ва шақовати мо ҳар ду марбут ба онҳост, рӯйи пояҳо ва асосҳои руҳӣ қарор гирифта. Тарбияти саҳеҳ, он пояҳо ва асосҳоро тавре дар руҳи инсон таквин мекунад, ки ҳамеша корҳои муфид ва бузург ҳадафи инсон қарор бигирад, на корҳои паст ва ҳақир**.

Инак меҳоҳам ба зикри омилҳои тарбият ва тараққии ахлоқӣ бипардозам. Яке аз он омилҳо, **тавсиаи фикр** аст. Баъзе аз уламои фанни тарбият аҳаммияти зиёде барои он қоил шудаанд, ҷаҳл ва нодониро аз назари ахлоқ уммуламроз, модари ҳамаи дардҳо ё лоақал ғолиби дардҳо шумурдаанд:

*Доруи тарбият аз пири тариқат биситон,*

*К-одамиро батар аз иллати нодонӣ нест.*

*(Саъдӣ)*

Илм аз лиҳози ҳаёти маънавии инсон, нур аст ва ҷаҳл зулмат. Инсон дар партави нур ҳама ҷоро мебинад, ашёро ташхис медиҳад, роҳро аз чоҳ тамйиз медиҳад, аммо дар торикӣ ҳама чиз аз назар пинҳон мешавад, майдон барои ваҳму хаёл бозмегардад, хаёлот дар назар ба сурати ашбоҳ муҷассам мегардад. Дар зулмати нодонӣ низ ҳақоиқи умур ва воқеиёт махфӣ мешавад, навбати афсона мерасад, хаёлоти воҳӣ ба сурати ақоиди хурофӣ ва мавҳумот дар ҷомеа мунташир мешавад. Қуръони Карим мефармояд:

**أَوَمَنْ كَانَ مَيْتًا فَأَحْيَيْنَاهُ وَجَعَلْنَا لَهُ نُورًا يَمْشِي بِهِ فِي النَّاسِ كَمَنْ مَثَلُهُ فِي الظُّلُمَاتِ لَيْسَ بِخَارِجٍ مِنْهَا**

(*Анъом/122*) Яъне оё касе, ки аз ҷанбаи маънавӣ мурда буд ва мо ӯро зинда гардонидем ва барои ӯ нуре қарор додем, ки бо он нур ҳаракат мекунад, монанди касе аст, ки доиман дар миёни торикиҳост ва ҳаргиз берун намеояд?

Дар ин ки ҳеч кас душмани худаш нест ва ҳар фарде дӯсти худаш мебошад, тардиде нест, зеро ки ҳубби зот ғаризии инсон аст. Ҳар кӯшише, ки инсон мекунад, ба суди худ ва ба манзури таҳсили саодат мекунад, на барои зиён ва бадбахтӣ. Бадбахтӣ он ҷост, ки шахс барои худаш дӯсти нодон бошад. Он вақт аст, ки ба унвони дӯстӣ ва ба манзури расидан ба саодат, корҳое ба зарари худаш анҷом медиҳад, ки ҳатто душман ҳам намеписандад:

*Душман ба душман он написандад, ки бехирад*

*Бо нафси худ кунад ба мուроду ҳавои хеш.*

(*Саъдӣ*)

Инсон агар бишнавад, як нафар худашро амдан аз бом парт кард ё дар оташ андохт ё чоқуро бардошт бе ҷиҳат сару сурат ва андоми худашро захмӣ намуд, тааҷҷуб мекунад ва мегӯяд, шахси оқил ин корҳоро намекунад, дар сурате, ки агар дуруст ва аз рӯйи басират, дар равиши зиндагӣ, ки ғолиби мардум интихоб кардаанд диққат кунем, мебинем корҳое мекунанд ва суханоне мегӯянд, ки зарараш барои худашон аз чоқу хӯрдан ва даруни оташ рафтан бештар аст, аммо намефаҳманд.

Маъруф аст, шахсе нома навишт ба Абӯзари Ғифорӣ, ки аз асҳоби бузургвори Пайғамбари Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ва мухлисини шиъаёни ҳазрати Амир алайҳис салом буд ва Пайғамбари Акрам дар борааш фармуд:

"*Осмон соя наяфканадааст бар ростгутар аз Абӯзар!*"

Дар зимни он нома, тақозо кард, ки Абӯзар панди ҷомеъи барои ӯ бинависад, ки дастуруламали ҳамешагии ӯ бошад. Абӯзар дар ҷавоб навишт:

"*Ба он касе, ки аз ҳамаи мардум пеши ту азизтар ва маҳбубтар аст, бадӣ накун*."

Ҳамин, ки ин ҷавоб ба дасти шахси суолкунанда расид, тааҷҷуб кард ва гуфт: ин матлаб, ки эҳтиёҷ ба супориш надорад, бадеҳӣ аст инсон ба касе, ки алоқаманд аст ва махсусан он касе, ки аз ҳама маҳбубтар ва азизтар аст, бадӣ намекунад. Аз ин рӯ тавзеҳ хост. Абӯзар ин тавр тавзеҳ дод, ки маҳбубтар ва азизтар аз ҳамаи мардум пеши ту худат ҳастӣ, инсон ба худаш беш аз ҳама чиз ва ҳама кас алоқаманд аст, зеро ҳама чиз ва ҳама касро барои худаш мехоҳад, мақсуди ман ин буд, ки гуноҳ накун, аъмоли ношоиста анҷом надеҳ, аз рӯйи нодонӣ ба худат бадӣ накун.

Бадеҳӣ аст падару модар дӯсти фарзанд мебошанд, аммо гоҳе аз рӯйи нодонӣ ва адами таваҷҷӯҳ ба усули таълиму тарбият, ба дасти худашон мӯҷиботи суқути фарзандашонро фароҳам мекунанд.

Нодонӣ коре мекунад, ки шавҳар ба дасти худаш мӯҷиботи суқути ҳамсари меҳрубонашро фароҳам мекунад. Аз ноҳияи руфақо ва муоширин ва дӯстони нодон латмаҳо ба саодати инсон мерасад, ки аз ноҳияи душманони хунхор намерасад.

Рӯйи ин муқаддима, барои парвариши ахлоқӣ, лозим аст аввал афкори тавсиа дода шавад.

Пояи аввали тарбият, таълим аст. Мардум дар ҳоли ҷаҳолат, аз ҳеч чиз истифодаи комил намекунанд, ҳатто аз дин. Маншаъи бисёре аз бединиҳо беилмӣ ва ошно набудан ба таълимоти илоҳӣ аст. Қуръони Карим дар бораи касоне, ки мункири Қуръон буданд ин тавр мефармояд:

بَلْ كَذَّبُوا بِمَا لَمْ يُحِيطُوا بِعِلْمِهِ وَلَمَّا يَأْتِهِمْ تَأْوِيلُهُ كَذَٰلِكَ كَذَّبَ الَّذِينَ مِنْ قَبْلِهِمْ

(*Юнус/39*) Яъне ин гурӯҳ чизеро мункир шуданд ва нисбати ҷаълу ифтиро ба он доданд, ки онро ба дурустӣ надониста ва нафаҳмидаанд ва ҳақиқати он чиз бар онҳо кашф нашуда. Гузаштагон ҳам, ки мункири нубуввати анбиё буданд, рӯйи ҳамин ҷиҳат буда, яъне рӯйи асли нодонӣ ва беиттилоӣ буда.

Имрӯз порае аз мардум рӯйи беиттилоӣ аз усул ва мабонии муҳками масъалаи Худошиносӣ, роҳи моддиятро мепаймоянд ва хаёл мекунанд далели асосӣ ва мантиқӣ бар ин мавзӯъ нест.

Албатта ин аз он ҷиҳат аст, ки иттилооташон дар ин масъала мунҳасир буда ба он чи аз авомуннос шунида ё дар китобҳои омиёна хондаанд, ё он ки абзори фикрии онҳо вофӣ набудааст, (то) ҳақиқати матолибе, ки дар китобҳои муҳаққиқини илоҳийин мастур аст, дарк кунанд.

Худованд дар Қуръони Карим пас аз худаш ва фариштагон, донишмандонро гувоҳ бар ваҳдоният ва ягонагии худаш мегирад:

شَهِدَ اللَّهُ أَنَّهُ لَا إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ وَالْمَلَائِكَةُ وَأُولُو الْعِلْمِ قَائِمًا بِالْقِسْطِ

(*Оли Имрон/18*) Оре, Худошиносӣ ва маърифати зоти Ҳақ ниёзманд ба тавсиаи фикр аст. Харобиҳое, ки дар дин воқеъ мешавад, бидъатҳое, ки дохили дин мегардад, як қисмати муҳиммаш аз ҷаҳолат ва беилмӣ аст. Пайғамбари Акрам фармуд: “*Офат ва балои дин се чиз аст.*” (*“Ҷомеъус-сағир”, ҷ.1, с.4*) Он вақт се тоифаро баршумурд, ки яке аз онҳо амалкунанда ба дин аз рӯйи нодонӣ аст.

Низ Пайғамбари Акрам фармуд: “*Ду табақа пушти маро шикастаанд (яъне натиҷаи заҳамот ва кӯшишҳои маро ба ҳадар додаанд): яке, донишмандони бемуболот ва бепарво ва дигаре, ибодаткунандагони нодон*.” (*“Биҳор ал-анвор”, ҷ.2, с.106*) Касоне, ки аз рӯйи нодонӣ ба дин мегараванд, қаҳран муртакиби хабтҳо ва хатоҳое мешаванд, ҳам кори худашонро ноқис ё зойеъ мекунанд ва ҳам он ки мӯҷиботи танаффур ва инзиҷори як иддаи дигарро фароҳам месозанд. Имом Ҷаъфари Содиқ алайҳис салом фармуд: “*Ман дӯст дорам бо тозиёна ба сари асҳоб ва ёрони ман зада бишавад, то дар амри дин донишманд ва бобасират шаванд*.” Ислом дине аст муҳкам ва ҳакимона бар асоси ақл ва илм, ҳамвора толиб аст чароғҳои илм равшан бошад, то чеҳраи зебояш беҳтар намоён гардад. Ин аст сирри он ки Қуръони Карим гоҳе бо тасреҳ ва гоҳе бо ишора ба фаро гирифтани улум ташвиқ мефармояд.

**والسلام**

## Асари инҳирофи фикрӣ дар тавҳид

Мавзӯъи сухани мо дар ҳафтаи гузашта тавсиаи фикр буд, ки яке аз омилҳои тарбият ва тараққии ахлоқӣ ба шумор меравад. Арз кардам, ки ҷаҳлу нодонӣ аз назари ахлоқ, модари ҳамаи дардҳои ахлоқӣ ва ё лоақал ғолиби онҳо шумурда шуда ва арз кардам, бештари харобиҳое, ки дар дин воқеъ мешавад ва инҳирофҳое, ки барои ҷомеа ба сабаби дин пайдо мешавад, марбут ба ҷаҳолат ва беилмӣ аст. Имрӯз низ мехоҳам зиёнҳои нодониро аз назари дин ва ахлоқ шарҳ диҳам.

Ҳама медонем, муҳимтарин ва асоситарини масоили динӣ тавҳид аст, ки поя ва асос ба шумор меравад. Агар маҷмӯаи аҳком ва дастурҳо ва усул ва фурӯъи динро ба дарахте ташбеҳ кунем дорои реша ва тана ва шохаҳо ва баргҳо, тавҳидро бояд решаи он дарахт бидонем. Алӣ алайҳис салом дар аввалин хутбаи “Наҳҷул-балоға” мефармояд:

**أَوَّلُ الدِّينِ مَعْرِفَتُهُ**

Ҳарфи аввали дин ва санги аввале, ки дар иморати он ба кор бурда шуда Худошиносӣ аст.

Тавҳид — мутобиқи он чизе, ки бароҳини дақиқи ақлӣ ва илмӣ моро раҳбарӣ мекунад ва Қуръони Карим низ барои мо шарҳ дода — яъне эътиқод ва имон ба як мабдаъи собит азалии доими алими ҳакими одил, ки ҳамаи мавҷудот файзи ӯ ҳастанд ва аз ӯ падид омадаанд ва ба ӯ бармегарданд, ба ҳама чиз огоҳ ва бар ҳама умур шоҳид ва гувоҳ аст,

иҳотаи зотӣ ва илмӣ дорад бар ҳамаи мавҷудот ва ҳаводиси лоятаноҳии ин олам ва ҳеч чизе аз илми шомили ӯ пинҳон нест:

يَعْلَمُ مَا يَلِجُ فِي الْأَرْضِ وَمَا يَخْرُجُ مِنْهَا وَمَا يَنْزِلُ مِنَ السَّمَاءِ وَمَا يَعْرُجُ فِيهَا

(*Сабаъ/2*) Яъне Худо он чиро, ки бар замин фурӯ меравад ва он чиро, ки аз замин берун меояд ва он чиро, ки аз осмон фуруд меояд ва он чиро, ки ба осмон боло меравад, ҳамаро медонад.

وَما يَعْزُبُ عَنْ رَبِّكَ مِنْ مِثْقالِ ذَرَّةٍ فِي الْأَرْضِ وَلا فِي السَّماءِ وَلا أَصْغَرَ مِنْ ذلِكَ وَلا أَكْبَرَ إِلاّ فِي كِتابٍ مُبِينٍ

(*Юнус/61*) Яъне пинҳон намешавад аз парвардигори ту ба андозаи як зарра дар замин ва на дар осмон ва нест чизе аз зарра кучактар ва на бузургтар магар он ки дар як китоби равшан сабт аст.

يَعْلَمُ خائِنَةَ الْأَعْيُنِ وَما تُخْفِي اَلصُّدُورُ

(*Ғофир/19*)

Худо ҳакиму одил аст, яъне тамоми ҷаҳонро аз рӯйи адолат барпо карда, ҳеч амале (на нек ва на бад) дар пешгоҳи зоти ақдаси ӯ гум намешавад:

فَمَنْ يَعْمَلْ مِثْقالَ ذَرَّةٍ خَيْراً يَرَهُ. وَمَنْ يَعْمَلْ مِثْقالَ ذَرَّةٍ شَرًّا يَرَهُ

(*Зилзол/7 ва 8*)

Амали некӯкоронро зойеъ намекунад, некӣ ва бадӣ дар назари ӯ яксон нест, ба некон подош ва ба гунаҳкорон кайфар медиҳад:

أَمْ نَجْعَلُ الَّذِينَ آمَنُوا وَعَمِلُوا الصّالِحاتِ كَالْمُفْسِدِينَ فِي الْأَرْضِ أَمْ نَجْعَلُ الْمُتَّقِينَ كَالْفُجّارِ

(*Сод/28*) Оё мо ҳаргиз ашхосеро, ки имон овардаанд ва аъмоли неку шоиста анҷом диҳанд монанди онҳое қарор медиҳем, ки фитна ва фасод мекунанд, ё он ки мардуми парҳезгорро бо фуссоқ ва фуҷҷор дар як радиф қарор медиҳем?

Ақидаи тавҳид, гузашта аз ин ки аз ҷанбаи илмӣ олитарин фикре аст, ки ба мағзи башар расида ва шоистатарин назарияе аст, ки башар аз рӯйи таҳқиқ ва басират (на аз рӯйи тақлиди кӯр-кӯрона) бояд бипазирад, аз ҷанбаи амалӣ агар саҳеҳ ва бидуни таҳриф дар мағзи мо ҷо бигирад, ба дил равшанӣ ва умедворӣ ва ба руҳ нерӯ медиҳад, назарро олӣ ва иродаро қавӣ мекунад, ҳайрату тардидро, ки хатарноктарин марази руҳӣ аст зоил менамояд. Шахси муваҳҳид медонад чашми биное муроқиби аъмол ва рафтори ӯст, андешаи гуноҳро дар мағзи худ роҳ намедиҳад; медонад адолат бар ҳамаи ҷаҳон ҳукмфармост, ҳарҷу марҷ ва беҳисобӣ нест, баҳра ва насиби ҳар кас аз саодат ба андозаи

саъй ва амали худи ӯст, сустӣ намекунад, ғофил наменишинад. Вақте, ки зиндагонии мардони бузург ва Худошиноси ҳақиқиро мутолеа мекунем, саросар равшанӣ ва умедворӣ ва нерӯмандӣ ва фаъолият ва ҷунбиш ва кӯшиш мебинем. Тавҳид агар ба таври саҳеҳ дар руҳ ҷо бигирад, аз ин қабил осор дорад.

Ҳамин ақидаи пок ва муқаддас агар бо ҷаҳлу нодонӣ тавъам шавад ва бо кучактарин таҳрифе дар мағз ҷо бигирад, яке аз хатарноктарин амрози руҳӣ мешавад ва дуруст натиҷаи баръакс медиҳад. Мутаассифона бояд эътироф кунем, ки дар ҷомеаи мо чунин марази руҳӣ вуҷуд дорад. Бисёре аз мардум муқаддароти худашон ва дин ва ҷомеа ва ҳама чизро ба иттико ба тавҳид, ба дасти пешомад месупоранд ва кучактарин фаъолияте аз худ нишон намедиҳанд, анҷоми ҳар кореро мустақиман аз Худо мехоҳанд, худашон аз зери бори анҷоми вазифа шона холӣ мекунанд, ин ақидаи муқаддасро, ки бояд василаи тақвияти руҳ қарор диҳанд, ба ҷойи як доруи мухаддир ба кор мебаранд. Ин мантиқ ҳамон мантиқи ғалат ва ҷоҳилонаи Банӣ Исроил аст, ки Қуръони Карим ба шиддат интиқод карда. Онҳо ба Мӯсо мегуфтанд:

فَاذْهَبْ أَنْتَ وَرَبُّكَ فَقاتِلا إِنّا هاهُنا قاعِدُونَ

(*Моида/24*) Яъне эй Мӯсо! Ту ва парвардигорат биравед ва биҷангед, мо ҳамин ҷо нишастаем ва такон намехӯрем. Куффори асри ҷоҳилият рӯйи ҳамин мантиқи ғалат ва ҷоҳилона буд, ки мехостанд аз зери бори кӯмак ва дастгирии зуъафо шона холӣ кунанд:

وَإِذا قِيلَ لَهُمْ أَنْفِقُوا مِمّا رَزَقَكُمُ اَللّهُ قالَ الَّذِينَ كَفَرُوا لِلَّذِينَ آمَنُوا أَنُطْعِمُ مَنْ لَوْ يَشاءُ اَللّهُ أَطْعَمَهُ

(*Ёсин/47*) Яъне ҳар вақт ба онҳо гуфта мешавад, ки аз он чи ки Худованд ба шумо рӯзӣ карда инфоқ кунед, онҳо хитоб ба мӯъминин мегӯянд: оё мо ашхосеро сер кунем, ки Худо агар мехост ва ирода мекард, худаш онҳоро сер мекард?

Мӯҳтоҷ ба тавзеҳ нест, ки ин фикри ғалат то чӣ андоза ба саодати фард ва иҷтимоъ латма мезанад. Ин як баёни мухтасар ва кӯтоҳе буд, ки ба унвони намуна аз инҳирофҳои фикрӣ, ки дар масоили динӣ мешавад, ба арз расид ва назири ин инҳирофҳо, ки ҳама ношӣ аз ҷаҳолат ва нодонии умумӣ аст зиёд аст ва ягона роҳи илоҷи ҳамаи онҳо басти таълим ва тавсиаи афкор аст.

وَالسَّلامُ عَلى مَنِ اِتَّبَعَ الْهُدى

## Сираи Расули Акрам (1)

Рӯзи ҳабдаҳуми ин моҳ — ки моҳи Рабиъулаввал аст — мутобиқи машҳур миёни Имомия, рӯзи таваллуди Пайғамбари Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам

мебошад, яъне рӯзе аст, ки барҷастатарини шахсиятҳои олами башарият ва хатмкунандаи тӯмор нубувват қадам дар ин ҷаҳон гузошт.

Расули Акрам илова бар ҷанбаи ваҳй ва рисолат, олитарин намунаи фазоили ахлоқӣ ва малакоти фозилаи руҳӣ буд; ҳадафи рисолат ва даъвати хешро, такмил ва татмими ахлоқи сутуда муаррифӣ менамуд ва мефармуд:

**بُعِثْتُ لِاُتَمِّمَ مَكارِمَ الْأَخْلاقِ**

(*“Сафинатул-биҳор”, ҷ.1, с.411*)

Аз чизҳое, ки бисёр ҷолиби таваҷҷӯҳ аст ва донистани он барои мо, мусалмонон муфид аст, сира яъне тарзи рафтор ва зиндагӣ ва муоширати ҳазрати Расул аст.

Мо, мусалмонон ҳамон тавр, ки ғолибан аз моҳияти дини худ бехабарем, аз аҳвол ва таърихи зиндагонии оварандаи он низ беиттилоъем ва дар миёни мо камтар касе пайдо мешавад, ки кучактарин иттилоъи саҳеҳе аз аҳволи пайғамбари худ дошта бошад.

Амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом, ки аз туфулият дар домани Пайғамбар бузург шуда буд ва аз ҳамаи мардум ба аҳволи Пайғамбар огоҳтар ва аз ҳама ба он ҳазрат мӯъминтар буд, мефармуд, ки Пайғамбар аз ҳамаи мардум дастбозтар ва пурҷуръаттар ва ростгӯтар ва хушмуошараттар буд.

Агар касе ибтидоан ба он ҳазрат бархӯрд менамуд, тахти таъсири ҳайбаташ воқеъ мешуд, аммо агар каме муошарат менамуд, алоқаманд ва маҷзуб мешуд.

Пайғамбар дар муошарат ҳозир набуд имтиёзе барои худаш қоил шавад ва аз касе, ки барои худаш аз дигарон имтиёзе қоил мешуд, хушаш намеомад.

Дар хилоли яке аз мусофиратҳо, ки иддае аз ёрон ҳамроҳ буданд, бино шуд гӯсфанде барои ғизо омода намоянд. Яке аз асҳоб гуфт: сар буридани гӯсфанд бо ман. Дигаре гуфт: пӯст кандани он бо ман. Севвуме гуфт: пухтани он бо ман. Пайғамбар фармуд: гирд овардани ҳезум бо ман. Асҳоб арз карданд: ё Расулаллоҳ! Лозим нест шумо заҳмат бикашед, мо худамон анҷом медиҳем. Фармуд: медонам шумо анҷом медиҳед, лекин ман кароҳат дорам, ки аз шумо имтиёз дошта бошам. Худованд хуш надорад, ки бандаашро дар миёни иддае аз ёрон, бо имтиёзи хоссе бибинад:

**إِنَّ اللهَ يَكْرَهُ مِنْ عَبْدِهِ أَنْ يَراهُ مُتَمَيِّزا بَيْنَ أَصْحابِهِ**

(*“Куҳл ал-басар”, Муҳаддиси Қумӣ, с.68*) Аз ин рӯ шахсан ба дунболи гирд овардани ҳезум рафт ва ҳозир намуд.

Пайғамбар дар корҳои шахсӣ эътимод ба ғайр намекард ва дигаронро низ аз иттико ба ғайр наҳй мекард. Рӯзе дар яке аз мусофиратҳо аз шутур фуруд омад ва барои анҷоми муқаддамоти намоз равона шуд. Пас аз лаҳзае мурољеат кард. Асҳоб арз карданд: ё

Расулаллоҳ! Чаро баргаштед, чӣ зарурате пеш омада? Фармуд: меравам шутурамро ъиқол намоям, яъне зонуҳояшро бибандам. Арз карданд: ин ки чизе нест, мо шутури туро ъқол мекунем. Фармуд: ҳеч гоҳ дар корҳо аз мардум истимдод накунед, ҳарчанд барои як қитъа мисвок бошад:

لا يَسْتَعِنْ أَحَدُكُمْ مِنْ غَيْرِهِ وَلَوْ بِقُضْمَةٍ مِنْ سِواكٍ

(*Ҳамон, с.69*)

Пайғамбар дар ғайри авқоте, ки машғули мавъиза ё иншои хитоба буд ё он ки ваҳй нозил мешуд, мутабассим ва башшош буд ва бо ҳама кас — ҳатто бо куффор ва мушрикин — бо хушрӯӣ рафтор мекард, мусалмононро амр мекард, ки бо куффор ва ашхоси хориҷ аз дин низ ниҳояти ҳусни муошаратро дошта бошанд.

Рӯйи ҳамин дастури Пайғамбар буд, ки Алӣ алайҳис салом рӯзе дар айёми хилофат ҳангоми мусофират, ба як шахси зиммӣ — ки ё яҳудӣ буд ё масеҳӣ — бархӯрд намуд. Марди зиммӣ ҳазратро нашинохт ва гуфт: эй бандаи Худо! Куҷо меравӣ? Ҳазрат фармуд: ба Кӯфа меравам ва ба иттифоқи якдигар роҳ афтоданд ва Алӣ алайҳис салом бо ниҳояти ҳусни сулук роҳро тай менамуд, то ба ҷойе расиданд, ки роҳи Кӯфа аз мақсаде, ки он шахс дошт ҷудо мешуд. Он шахс роҳи худашро пеш гирифт, Алӣ низ ба ҳамроҳи ӯ равон шуд. Марди зиммӣ гуфт: ту, ки мегуфтӣ ман ба Кӯфа меравам, роҳи Кӯфа он роҳ аст. Ҳазрат фармуд: медонам. Гуфт: пас чаро аз ин тараф омадӣ? Ҳазрат фармуд: шарти рифоқат ин аст, ки инсон миқдоре аз роҳро ба ҳамроҳи рафиқаш биравад ва ин дастуре аст, ки аз ноҳияи пайғамбари мо ба мо расида. Он мард бо таъаҷҷуб пурсид: оё пайғамбари шумо инчунин дастуре дода?! Ҳазрат фармуд: бале. Гуфт: бешак ин ҳама мардум, ки аз пайғамбари шумо пайравӣ кардаанд, ба воситаи ҳамин афъоли бузургворонааш буда ва ман туро гувоҳ мегирам, ки аз ин соат бар дини ту ҳастам.

Пайғамбар ба тамоми асҳобаш ба як чашм нигоҳ мекард, ҳатто он ки дар маҷлис ҳеч гоҳ як нафарро тарафи хитоб қарор намедод ва танҳо ба ӯ нигоҳ намекард. Ҳазрати Содиқ алайҳис салом мефармуд:

كانَ رَسولُ اللّهِ يُقْسِمُ لَحَظاتِهِ بَيْنَ أَصْحابِهِ

(*“Васоилуш-шиъа”, ҷ.12, с.143*) Яъне Пайғамбар нигоҳҳои хешро дар миёни ёронаш тақсим менамуд ва ба ҳар як саҳме медод.

Пайғамбар бартариҳои нажодӣ ва қавмиро сареҳан лағв намуд ва фармуд:

أَيُّهَا النّاسُ! كُلُّكُمْ مِنْ آدَمَ وَآدَمُ مِنْ تُرابٍ، لا فَضْلَ لِعَرَبِيٍّ عَلى عَجَمِيٍّ اِلاّ بِالتَّقْوى

(*Таърихи Яъқубӣ, ҷ.2, с.110*) Ҳеч кас бар ҳеч кас бартарӣ надорад магар ба василаи тақво ва парҳезгорӣ.

Пайғамбар бо он ки дар охирҳои умр нерӯи низомии бузурге ташкил дода буд ва қудрати азиме ба даст оварда буд ва фармонаш дар ҳамаи ҷазиратулараб ва қисмате аз хориҷи ҷазиратулараб нуфузи аҷибе дошт, ҳаргиз равиши подшоҳон ва ҷабобираро пеш нагирифт, бо ҳама бо ниҳояти тавозӯъ ва фурӯтанӣ рафтор менамуд, махсусан ба фуқаро ва масокин ва зуъафо хеле изҳори алоқа мекард, бо онҳо менишаст, маризонашонро иёдат менамуд, ба ташйиъи ҷанозаашон ҳозир мешуд, шахсан ба либосҳои худ васла мезад ва поргиҳои кафшашро медӯхт ва ба дасти худаш аз гӯсфандаш шир медӯшид.

Илова бар Қуръони Карим, ки каломи Худост ва бар он ҳазрат ваҳй шуда, калимот ва баёнот ва хутбаҳое аз худи он ҳазрат ба унвони мавъиза ва насиҳат ё баёни маориф содир шуда, ки беихтиёр инсонро дар баробари дониш ва биниши он ҳазрат хозеъ месозад:

*Эй поктар аз донишу покизатар аз ҳуш,*
*Дидем туро, кардем ҳар ду фаромӯш.*
*Дониш зи ғуломият кашад ҳалқа фарогӯш,*
*Ҳуш аз асари раъйи ту биншинад хомӯш.*
*Аз он лаби пурлаълу аз он бодаи пурнӯш,*
*Ҷамъе шуда махмуру гурӯҳе шуда мадҳуш.*
*Халқе шуда девонаву шаҳре шуда ҳушёр.*
*(Адибул-мамолик)*

وَالسَّلامُ عَلى مَنِ اتَّبَعَ اَلْهُدى

## Сираи Расули Акрам (2)

Дар ҳафтаи гузашта шарҳе роҷеъ ба сира ва тарзи зиндагӣ ва муоширати Пайғамбари Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ба арз расондам. Дар ин ҳафта низ мехоҳам ҳамон риштаро таъқиб намоем ва чанд нукта аз сираи он ҳазрат истифода намуда, ба арз бирасонам.

Мумкин аст ин мавзӯъ дар назари баъзеҳо хеле содда ва беаҳаммият ва камфоида ҷилва намояд, аммо бо дар назар гирифтани ин ки як қисмати муҳим аз муваффақиятҳои Расули Акрам дар даъват ба дин ва пешрафти ислом ва мӯъмин сохтани афрод, марбут ба сира ва тарзи муоширот ва ахлоқи осмонии он ҳазрат буд ва ин ки иллати аслии

нороҳатиҳои фардӣ ва иҷтимоӣ ва беравнақии умури динӣ, инҳироф ва пайравӣ накардан аз сираи он ҳазрат аст, аҳаммият ва фоидаи гуфтугӯ дар атрофи сираи Расули Акрам равшан мегардад.

Гузашта аз инҳо, бояд дар назар дошт, ки дар тӯли ин чанд қарн, аз тарафи мухолифон ва душманони ислом таблиғоте алайҳи Пайғамбари Акрам анҷом шудааст, махсусан то чанд қарн пеш дар Урупо аз тарафи нависандагон ва мубаллиғини масеҳӣ барои бадбин кардани мардум ба ислом ва оварандаи он, аз ҳеч гуна тӯҳмат ва ифтирое кӯтоҳӣ нашуда, то он ки дар қуруни ахира, ки робитаи шарқу ғарб зиёдтар шуд ва доираи таҳқиқ дар масоили таърихӣ тавсиа ёфт, мусташриқин ва ховаршиносони мунсиф ва беғаразе пайдо шуданд ва осоре дар бораи ислом ва шахсияти Пайғамбари ислом нашр доданд ва то ҳадде ҷилави он тӯҳматҳо ва ифтироҳоро гирифтанд.

Мутаассифона осори он таблиғоти суъ дар руҳи баъзе ҷавонони имрӯз дида мешавад.

Қуръони Карим дар бораи лузуми иқтидо ва таассӣ ба Пайғамбари Акрам таъкид фармуда, дар сураи Аҳзоб мефармояд:

لَقَدْ كَانَ لَكُمْ فِي رَسُولِ اللَّهِ أُسْوَةٌ حَسَنَةٌ لِمَنْ كَانَ يَرْجُو اللَّهَ وَالْيَوْمَ الْآخِرَ وَذَكَرَ اللَّهَ كَثِيرًا

(*Аҳзоб/21*) Ва хулосаи маънӣ ин аст, ки дар вуҷуди Пайғамбар хислатҳое аст, ки сазовор аст мӯъминин сармашқ бигиранд. Ин амр таъкид барои зинда нигаҳ доштани сираи Пайғамбар ва баҳраманд шудан аз натоиҷи он аст.

Пайғамбари Акрам беш аз ҳама кас ба усул ва муқаррароти ислом амалан побанд буд ва чизе, ки беш аз ҳама тавлиди ишқ ва ҳарорат дар ёрони Пайғамбар менамуд, он имони комил ва итминоне буд, ки он ҳазрат ба гуфтаҳои худаш дошт. Абдуллоҳ Ибни Масъуд, ки яке аз куттоби ваҳй буд, яъне аз касоне буд, ки оятҳои Қуръонро, ки ба тадриҷ нозил мешуд менавишт, мегӯяд: Пайғамбар як рӯз ба ман фармуд: ояте чанд аз Қуръон бар ман бихон. Ман мусҳафро гушудам ва аз сураи Нисо шурӯъ кардам ба хондан, то он ки расид ба ин ояти шарифа:

فَكَيْفَ إِذَا جِئْنَا مِنْ كُلِّ أُمَّةٍ بِشَهِيدٍ وَجِئْنَا بِكَ عَلَى هَؤُلَاءِ شَهِيدًا

(*Нисо/41*) Яъне пас чӣ гуна хоҳад буд он гоҳ, ки аз миёни ҳар уммате як нафарро гувоҳ биёварем ва туро биёварем дар ҳоле, ки бар ин уммат гувоҳ бошӣ?!

Ибни Масъуд мегӯяд: дар ин ҳангом дидам, ки ашк аз чашмони Пайғамбар ҷорӣ шуд ва ба ман фармуд: дигар нахон, ҳамин қадр кофӣ аст.

Пайғамбар дар мақоми даъват ва ҳидоят, асли рифқу нармӣ ва мудороро риоят менамуд ва мусалмононро низ амр мефармуд, ки ин тавр бошанд.

Вақте яке аз аъроби бодиянишин омад хидмати Пайғамбар ва аз он ҳазрат чизе талаб кард. Пайғамбар ҳам ба ӯ дод. Марди аъробӣ ба ҷойи он ки ташаккур кунад, каломи ноҳамворе гуфт. Асҳоби Пайғамбар, ки ҳозир буданд, асабонӣ ва хашмнок шуданд ва наздик буд тасмими шадиде бигиранд. Пайғамбар ишора кард, ки мутаъарриз нашавед. Он гоҳ ба тарафи хонаи худаш рафт ва аъробиро талабид ва миқдоре зиёдтаре ба ӯ кӯмак фармуд. Марди аъробӣ ин вақт изҳори хушнудӣ намуд ва дар бораи Пайғамбар дуои хайр кард. Пайғамбар ба ӯ фармуд: он каломе, ки собиқан дар ҳузури асҳобам гуфтӣ, сабаб шуд, ки ба ту хашмнок шаванд. Хуб аст ин каломе, ки дар ҳузури ман гуфтӣ, дар ҳузури асҳобам такрор кунӣ, то назари онҳо дар бораи ту тағйир кунад. Аз ин рӯ, рӯзи баъд аъробӣ омад ва дар ҳузури ҷамъият аз Пайғамбар изҳори хушнудӣ намуд ва дар борааш дуо кард ва асҳоб хушвақт шуданд.

Дар ин вақт Пайғамбар як дастури ҷомеъ ва муфид роҷеъ ба кайфияи даъват ва ҳидояти афрод ба асҳобаш дод ва фармуд:

"*Масали ман ва масали ин гуна ашхос, масали касе аст, ки шутураш аз дасташ фирор карда. Ҷамъе аз мардум барои он ки он ҳайвонро бигиранд, ба дунболи он медаванд ва фарёд мекунанд. Ин амал ҳеч фоидае надорад, балки бештар асбоби рамидагӣ ва фирори он ҳайвон мешавад. Дар ин вақт, соҳиби шутур меояд ва мегӯяд: эй мардум! Шумо ба шутури ман кор надошта бошед, ман худам беҳтар медонам чӣ бикунам. Он гоҳ оҳиста аз ҷилави шутур берун меояд ва маҳорашро ба даст мегирад ва агар ман шуморо ба ҳоли худ боқӣ гузошта будам, шумо фавран ин марди аъробиро кушта будед.*"

*Чу дар тоси лағзанда афтод мӯр,*
*Раҳонандаро чора бояд, на зӯр.*
(*Низомӣ*)

Пайғамбари Акрам бо асҳоб ва ёрон бо камоли рифоқат ва бародарӣ ва баробарӣ рафтор менамуд. Ҳеч гоҳ такаббур ва тараффӯъ намеварзид ва амале, ки мӯҷиби аксуламали суе дар зердастон бошад, анҷом намедод. Ҳангоме, ки вориди маҷлис мешуд, агар асҳоб мехостанд дар ҷилави пояш бархезанд, наҳй мефармуд ва ҳар ҷо, ки ҷо буд менишаст ва агар савор буд, намегузошт касе дар рикобаш пиёда роҳ биравад, балки ӯро савор мекард ва агар тараф савор намешуд, ба ӯ мефармуд: пас ту ҷилавтар бирав ва ваъдаи мулоқоти ману ту дар фалон макон.

Рӯйи ҳамин сираи Пайғамбар буд, ки Алӣ алайҳис салом дар айёми хилофати хеш вақте, ки ба ҳудуди Мадоин расид, гурӯҳе аз деҳқонони эронӣ, ки ба истиқбол омада буданд, шурӯъ карданд ба давидан дар ҷилави маркаби он ҳазрат. Алӣ алайҳис салом фармуд:

чаро ин корро мекунед? Арз карданд: ин як навъ эҳтироме аст, ки мо аз салотини худамон мекунем. Ҳазрат фармуд: ин кор барои шумо зиллат аст бидуни он ки барои шахси мавриди эҳтиром суде дошта бошад ва онҳоро наҳй фармуд.

Пайғамбар ба қадре мутавозеъ буд ва фурӯтанӣ мекард, ки аъроб айб мегирифтанд ва мегуфтанд: ту дар наҳваи хӯроку пӯшок, монанди бандагон ва бардагон мебошӣ. Пайғамбар дар ҷавоб мегуфт: кадом банда аз ман бандатар аст? Ва мефармуд: ман ба ин ки бандаи Худо ҳастам, хурсандтарам аз он ки пайғамбари ӯ ҳастам.

وَالسَّلامُ عَلى مَنِ اتَّبَعَ الْهُدى

# Сираи Расули Акрам (3)

Суханони мо дар ду ҳафтаи гузашта дар атрофи сира ва тарзи муошарат ва ахлоқи Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) буд ва нуктае чанд дар ин замина ба арзи дӯстони мӯҳтарам расондам ва арз кардам, яке аз омилҳои пешрафт ва тавсиаи дини муқаддаси ислом, ахлоқи осмонӣ ва тарзи муошарат ва рафтори Пайғамбари Акрам буд. Ҳама медонем, ки ислом дар ҷазиратулараб ва сарзамини Арабистон зуҳур кард ва нутфааш дар он ҷо баста шуд ва баъд ба тадриҷ рушд кард ва тавсиа ёфт, то он ки қисмати аъзами маъмураи ҷаҳони он рӯзро таҳти нуфуз ва сайтараи худ қарор дод. Аъроб ба воситаи он ки таълимоти исломро мухолифи мӯътақадоти маврусии худ медиданд ва ба он мӯътақадот хӯ гирифта ва алоқаманд буданд, ҳозир намешуданд таълимоти ҷадидеро, ки ислом меомӯзад бипазиранд ва он мӯътақадоти қадимиро якбора дур бирезанд. Эродот ва интиқодоти мантиқии ислом ба афкор ва одоти кӯҳнаи онҳо ононро асабонӣ месохт ва авотифашонро маҷрӯҳ менамуд. Аз ин рӯ ба сахтӣ мухолифат мекарданд ва бо қасоват ва бераҳмӣ дар азияту озори Пайғамбар ва пайравони маъдудаш кӯшиш менамуданд. Иддае аз хешовандони наздики Пайғамбар монанди амуяш Абӯлаҳаб дар ин корҳо пешқадам буданд. Ду тан аз духтарони Хадиҷа, зани писарҳои Абӯлаҳаб буданд. Абӯлаҳаб рӯйи ҳамин таъассубҳои ҷоҳилона, фарзандони худро водор намуд, ки онҳоро талоқ диҳанд.

Табақаи ашроф ва сарватмандон, ки илова бар он ҷиҳат, ҳайсият ва сарвати хешро дар мухотара медиданд, беш аз дигарон барои нобуд кардан ва ҷилавгирӣ аз басти нуфуз ва тавсиаи ислом қудрати хешро ба кор мебурданд. Билохира васоили моддии он рӯз алайҳи пешрафт ва тавсиаи дини муқаддас муҷаҳҳаз шуда буд ва омода буд, ки ин нидоро дар ҳанҷараи гӯяндааш хомӯш намояд.

Аз тарафе Пайғамбари Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) фоқиди ҳама гуна васоили моддӣ буд; на сарват дошт, на ҳукумат ва на ашира, ки аз ӯ ҳимоят намоянд.
Дар як маҷлисе, ки Пайғамбар ба амри Худо тамоми хешовандони худро ҷамъ намуд ва онҳоро даъват ва итмоми ҳуҷҷат намуд, бо он ки тамоми ҷамъият ба садоқат ва амонат ва ҳусни собиқаи он ҳазрат эътироф намуданд, ғайр аз як тифли 12-сола яъне Алӣ ибни Абӯтолиб алайҳис салом касе даъвати ӯро напазируфт, дигарон ё сукут карданд ё калимоте ба унвони сухрия ва истеҳзо гуфтанд ва аз маҷлис мутафарриқ шуданд.
Ҳеч қудрати моддӣ аз Пайғамбар ҳимоят намекард. Бо ин ҳол, Пайғамбари Акрам бо ҳамон таҷҳизоти маънавӣ, ки Худованд ба ӯ иноят фармуда буд қиём кард ва аз ғавғову шӯришу истеҳзои мардум бим накард ва ба анҷоми маъмурияте, ки Худованд ба ӯҳдааш гузошта буд пардохт. Ахлоқ ва рафтор ва гуфтори Пайғамбар ва махсусан оятҳои каримаи Қуръон, ки бар мардум мехонд, ба қадре муассир ва ҷолиб буд ва афродро мутеъу мунқод месохт, ки душманонаш чорае надиданд ҷуз он ки бигӯянд, ӯ соҳир аст ва бо ин калимот ҷоду мекунад.
Пайғамбар ҷоду намекард, балки бо гуфторҳои осмонии худ тилисмҳои куҳанро, ки дар асари омилҳои нодонӣ ва бехабарӣ пайдо шуда буд, пора мекард. Пайғамбар бо баёни ҳақоиқ ба хирадҳо нерӯ мебахшид ва афкорро такон медод.
Пайғамбар амалан собит кард, ки мумкин аст башар қавӣ ва муқтадир бошад ва қуввату иқтидори худро барои тақвияти заъифон ва кӯмак ба бенавоён ба кор бибарад, ранҷи худ ва роҳати ёрон биталабад.
Дар охирҳои умри Пайғамбар, ки ислом бар ҳамаи ҷазиратулараб ва қисмате аз хориҷи ҷазиратулараб сиёдат мекард ва қудратҳои моддии он минтақа мусаххари қудрати маънавӣ ва илоҳии Расули Акрам шуда буд, асҳоб ва ёрони Пайғамбар (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) медиданд, ки он ҳазрат фақат дар фикри саодати башар аст ва ҳамаро монанди як падари рауфу меҳрубон ба як чашм менигарад. Қуръони Карим ин тавр Пайғамбарро тавсиф мекунад:

لَقَدْ جَاءَكُمْ رَسُولٌ مِنْ أَنْفُسِكُمْ عَزِيزٌ عَلَيْهِ مَا عَنِتُّمْ حَرِيصٌ عَلَيْكُمْ بِالْمُؤْمِنِينَ رَءُوفٌ رَحِيمٌ

(*Тавба/128*) Яъне Пайғамбар аз ҷинси худи шумо барои шумо омадааст, ки бадбахтииҳо ва машаққатҳои шумо бар ӯ гарон ва ногувор аст; кӯшост, ки шуморо аз ин машаққатҳо наҷот диҳад ва махсусан нисбат ба мӯъминин меҳрубон аст.
Мусалмонон бо амал ва таҷриба ёфта буданд, ки Расули Акрам ба осоиши онҳо беш аз осоиши худаш алоқаманд аст.

Рӯзе яке аз сарватмандон дар маҳзараш нишаста буд. Марди фақире аз дар расид ва омад, ки паҳлӯи марди сарватманд биншинад. Ӯ худашро ба каноре кашид ва ҷомаҳояшро ҷамъ намуд. Пайғамбари Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) аз ин амал барошуфт ва рӯ кард ба марди сарватманд ва фармуд: оё тарсидӣ чизе аз фақри ӯ ба ту бичаспад? Арз кард: на, ё Расулаллоҳ! Фармуд: пас тарсидӣ чизе аз сарвати ту ба ӯ бичаспад? Арз кард: на, ё Расулаллоҳ! Фармуд: пас чаро худатро ба каноре кашидӣ? Арз кард: ба гуноҳи худ эътироф мекунам ва ҳозирам барои каффораи ин гуноҳ ниме аз сарвати худро ба ин бародари мусалмонам бибахшам. Марди фақир гуфт: аммо ман ҳозир нестам аз ту бипазирам, зеро метарсам рӯзе ахлоқи нописанди туро пайдо кунам.

Пайғамбари Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) чун ки барои худаш ҳеч имтиёзи моддӣ қоил нашуд, тавонист имтиёзоти мавҳумро лағв кунад ва чун танҳо назараш ба тақво ва парҳезгорӣ ва илму дониш буд ва ғайр аз инҳо чизи дигаре дар назараш аҳаммият надошт, тавонист мақоми дониш ва парҳезгориро дар ҷомеа боло бибарад. Мутаассифона аз замоне, ки хулафо ва зимомдорони ислом равиши дигаре ғайр аз сираи Пайғамбари Акрам пеш гирифтанд, сайри инҳитотии ислом шурӯъ шуд.

وَالسَّلامُ عَلى مَنِ اتَّبَعَ الْهُدى

## Истиқлоли фикр

Дар ҳафтаи гузашта дар зимни матолибе, ки ба арзи дӯстони мӯҳтарам расондам арз кардам, роҳе, ки пайғамбари мӯҳтарами ислом ба амри Худо барои ҳидоят ва бедор кардани мардум интихоб карда буд, равшан кардани ҳақоиқ ва панду андарз додан ва ҳангоми зарурат ҳуҷҷат овардан ва истидлол буд, зеро Худованд ба ӯ амр фармуда буд:

ادْعُ إِلَى سَبِيلِ رَبِّكَ بِالْحِكْمَةِ وَالْمَوْعِظَةِ الْحَسَنَةِ وَجَادِلْهُمْ بِالَّتِي هِيَ أَحْسَنُ

(*Наҳл/125*) Яъне мардумро ба роҳи парвардигорат даъват кун, ба ин ки бо гуфторҳои ҳакимона ҳақоиқро бар онҳо намудор созӣ ва бо андарзҳои некӯ ва пурмағз фитратҳоро мутазаккир ва виҷдонҳоро таҳрик кунӣ ва бо тарзи писандида ва қонеъкунандае ба муҳоҷҷа ва муҷодала бипардозӣ.

Худованд бо ин оят роҳи таблиғ ва ислоҳи ҳоли мардумро баён кард ва чунонки таърих нишон медиҳад, Пайғамбари Акрам ин роҳро паймуд, ки муваффақият ҳосил кард. Вазифаи мо низ ба манзури ислоҳоти ахлоқӣ ва иҷтимоӣ ва муҳкам намудани асос ва бунёни имон ҷуз ин нест, ки ба василаҳои мухталиф аз қабили гуфтан ва навиштан, ба

нашри ҳақоиқи исломӣ бипардозем. Яъне дар ҳақиқат ҳамон роҳеро, ки Пайғамбари Акрам паймуд ва натиҷа гирифт таъқиб намоем.

Яке аз ҳақоиқе, ки Қуръони Маҷид гӯшзад намуда ва дар ҳудуди 20 оят дар мавориди мухталиф дар ин бора ворид шуда, истиқлоли фикр аст. Шак нест, ки имтиёзи навъии инсон аз соири ҳайвонот ба воҷид будани қувваи ташхис ва тамйиз аст. Инсон дорои як қудрати руҳии махсусе аст, ки метавонад дар қазоё ва матолиб қазоват кунад ва неку бадро бисанҷад ва аз рӯйи санҷиш ирода намояд.

Барои як фарди инсон ё як миллат, шоиста нест, ки кӯр-кӯрона аз шахс ё миллате тақлид кунад. Фард ё миллате, ки фоқиди шахсияти ақлӣ ва истиқлоли фикрӣ бошад, сазовори номи шарифи инсоният нест.

Мутобиқи он чи дар Қуръони Маҷид ворид шуда, яке аз ишколоти муҳимме, ки умуми анбиёи илоҳӣ бо он мувоҷеҳ будаанд. мавзӯъи дилбастагӣ ва алоқамандии мардум ба мӯътақадот ва одоти қадимии худашон буда.

## Ҳукумати ақл

Ҳадиси маъруфе аст аз Пайғамбари Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам), ки дар бисёре аз китобҳои ҳадис ва ғайри ҳадис нақл шудааст, дар "Усули кофӣ" ҳам ин ҳадис ривоят шуда. Ҳосили мазмунаш ин аст:

Худованд малоика ва фариштагонро офарид ва сиришти онҳоро фақат аз ақл ва фаҳм ва идрок қарор дод. Баҳоимро офарид ва сиришти онҳоро фақат аз шаҳавот қарор дод. Башарро офарид ва сиришти ӯро таркибе аз ақл ва шаҳват қарор дод. Агар касе ақлаш бар шаҳавот ва ҳавоҳои нафсонӣ ғолиб шавад, яъне битавонад бар эҳсосот ва хоҳишҳои нафсониаш мусаллат шавад ва онҳоро забт кунад ва дуруст таҳти ихтиёр ва тадбири қувваи ақлонии худаш қарор диҳад ва ба тарзи саҳеҳ ва маъқуле аз ғароизи ҳайвонии худ истифода намояд, он шахс аз фариштагон бартар ва болотар хоҳад буд. Ва агар баръакс хоҳишҳои табииро озод бигузорад ва ҳавои нафс ақлу фикрашро истихдом намояд, он гоҳ ба ҷойи он ки ақлу фикраш он чи хайри ҳақиқӣ ва салоҳу саодат аст, ба ӯ бинамоёнад, ҳамеша сарфи таъмини ҳавову ҳавасҳои онӣ ва манзурҳои пасту кучаки шаҳавонӣ шавад, чунин шахсе аз баҳоим ва ҳайвонот пасттар аст. (*"Илалуш-шаройеъ", ҷ.1, боби 6, с.4*)

Мавлавӣ дар китоби Маснавӣ мазмуни ин ҳадисро ба назм оварда, он ҷо, ки мегӯяд:

*Дар ҳадис омад, ки Яздони маҷид*

*Халқи оламро се гуна офарид.*

*Як гуруҳро ҷумла ақлу илму ҷуд,*

*Он фариштаст, ӯ надонад ҷуз суҷуд.*

*Нест андар унсураш ҳирсу ҳаво,*

*Нури мутлақ, зинда аз ишқи Худо.*

*Як гуруҳи дигар аз дониш тиҳӣ,*

*Ҳамчу ҳайвон аз алаф дар фарбеҳӣ.*

*Ӯ набинад ҷуз ки истаблу алаф,*

*Аз шақоват ғофил асту аз шараф.*

*Ин севум ҳаст одамизоду башар,*

*Ними ӯ з-ифриштаву нимеш хар.*

*Ними хар худ моили сифлӣ бувад,*

*Ними дигар моили ақлӣ бувад…*

Саҳнаи вуҷуди инсон майдони набард ва муборизаи доим байни ду даста қувваҳои мухталиф аст, ки ҳар даста саъй мекунад зимоми ҳукумати ин кишварро ба даст бигирад ва рақибро тахти сайтара ва тасаллути худ қарор диҳад.

Ин матлаб, яъне тасаллути ақлонӣ бар эҳсосот ва хоҳишҳои нафс, ҳамон аст, ки дар лисони дин “тақво” номида шуда. Амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом дар зимни як хутбаи муфассал, ки дар “Наҳҷул-балоға” забт шуда мефармояд:

**ألا وَإِنَّ التَّقْوى مَطايا ذُلُلٌ حُمِلَ عَلَيْها راكِبُها... ألا وَإِنَّ الْخَطايا خَيْلٌ شُمُسٌ**

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 16 бо андаке ихтилоф*) Яъне бидонед, ки тақво монанди маркаби ром ва роҳворе аст, ки соҳибаш бар ӯ савор бошад ва бидонед, ки лағзишҳо ва гуноҳон монанди аспҳои чамуш ва саркаше аст, ки ихтиёрро аз кафи соҳибашон рубуда ва ба ҳар тараф, ки худ майл доранд мераванд.

Қуръони Карим дар сураи Марям мефармояд:

**وَإِنْ مِنْكُمْ إِلاّ وارِدُها كانَ عَلى رَبِّكَ حَتْماً مَقْضِيًّا، ثُمَّ نُنَجِّي الَّذِينَ اتَّقَوْا**

Яъне ҳеч фарде нест, магар он ки вориди дӯзах хоҳад шуд ва ин ҳукм аз тарафи Худованд қатъӣ ва ҳатмӣ ва тахаллуфнопазир аст; фақат касоне аз он оташи фурӯзон наҷот пайдо мекунанд, ки бо тақво будаанд, яъне дар дунё худро аз оташи шӯълавар ва сӯзони шаҳавоти нафсонӣ бар канор доштаанд. Сипас мефармояд:

**وَنَذَرُ الظَّالِمِينَ فِيها جِثِيًّا**

(*Марям/71*) Яъне аммо золимон ва таҷовузкорон, ки дар муқобили ҳарифи ҳавову ҳавас дар дунё ба зону даромадаанд ва мағлуб гаштаанд, ҳамчунон дар ҳоле, ки ба зону даромадаанд, дар дӯзах боқӣ хоҳанд монд.

Аз ин матолибе, ки ба арз расид, ду нуктаро ба хубӣ метавон истифода кард:

1) Яке он ки дин дар мавриди истифода аз ғароизе, ки дар вуҷуди инсон ҳаст мухолифат намекунад, яъне намегӯяд инсон бояд сарчашмаи ҳама майлҳо ва хоҳишҳои нафсро бо як риёзатҳо ва таҳаммули машаккатҳои бахусус ба таври куллӣ қалъу қамъ намояд, зеро ҳамон тавре, ки аъзои бадан аз қабили дасту по ва чашму гӯш ва қалбу рия ва кабид ҳар кадом барои як ҳикмати хоссе офарида шудааст ва агар набошад инсон фонӣ мешавад ё хилқаташ ноқис мемонад, ҳамчунин аст ғароиз ва сарчашмаҳои майлҳо ва хоҳишҳои нафсонии инсон, ҳар як барои манзури хоссе, ки дар бақо ва ҳаёти шахс ё бақо ва ҳаёти навъ муассир аст офарида шуда.

Ҳамон тавре, ки дар илми вазоифулаъзо ба субут расида, ки дар сохтмони ҷисмонии инсон кучактарин узви бефоида вуҷуд надорад, дар равоншиносӣ низ собит шудааст, ки дар сохтмони равонӣ ва руҳии инсон низ қуввае нест, ки бесамар бошад ва лозим бошад ӯро аз байн барад ва қалъу қамъ намуд. Дин ҳамчунин дастуре намедиҳад, маънои тақво ҳам ин нест. Дин мегӯяд, инсон дорои табъи номаҳдуде аст, аз ҳар чизе, ки мехоҳад, ба ҳадди муайян ва ба қадри эҳтиёҷ ва лузум қаноат намекунад ва ба илова ба ҳуқуқи соири афрод таъаддӣ мекунад. Ҷилави ин саркашиҳо ва таҷовузоти табиатро, ки дар лисони дин “нафси аммора” номида мешавад, бояд гирифт. Ин ҷилавгирӣ ва тасаллут бар нафс дар забони дин, тақвост. Ин матлабе аст, ки ҳар мактаби саҳеҳи ахлоқӣ тасдиқ мекунад.

2) Нукта дуввум: дар ҳафтаи гузашта шарҳе роҷеъ ба истиқлол ва озодии ақл ба арз расондам. Матолиби ин ҳафтаро низ бояд таъйидкунандаи он матлаб гирифт ва маълум мешавад дин на танҳо мухолиф бо ақл нест, балки ғояти камоли инсонро дар озодӣ ва ҳукумати ақл бар кишвари вуҷуди инсон муаррифӣ менамояд. Дар сураи Анфол мефармояд:

**وَلا تَكُونُوا كَالَّذِينَ قالُوا سَمِعْنا وَهُمْ لا يَسْمَعُونَ، إِنَّ شَرَّ اَلدَّوَابِّ عِنْدَ اَللهِ الصُّمُّ اَلْبُكْمُ الَّذِينَ لا يَعْقِلُونَ**

(*Анфол/22*) Яъне эй мусалмонон! Шумо монанди он касоне набошед, ки гуфтанд шунидем ва ҳол он ки намешуниданд, ҳақиқат ин аст, ки бадтарини ҷунбандагон назди Худо касоне ҳастанд, ки фикр намекунанд.

Ба тавре, ки мулоҳиза мефармоед, Қуръони Карим ашхоси бефикрро ҷузъи давобб қарор дода ва аз бадтарини онҳо хонда. Пайғамбари Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) фармуд: Худо ҳеч пайғамбаре нафиристод, магар пас аз он ки ақлаш комил шуда буд.

Рӯзе чанд нафар аз асҳоби Пайғамбари Акрам дар ҳузураш суханоне аз рӯйи дониш ва басират гуфтанд. Пайғамбар бо эъҷоб ва таҳсин фармуд:

عُلَماءُ حُكَماءُ كادوا أنْ يَكونوا مِنَ الْحِكْمَةِ أنْبِياءُ

(*"Усули кофӣ", ҷ.2, с.52*) Яъне ин ҷамъият, донишмандон ва ҳакимон ҳастанд ва наздик аст, ки аз илму ҳикмат ба ҳадди нубувват бирасанд.

وَالسَّلامُ عَلى مَنِ اتَّبَعَ الْهُدى

## Фитриёти башар

Як силсила улум ва маориф барои башар ҳаст, ки фитриёт номида мешавад. **Фитриёт яъне маълумоте, ки қувваи мудрикаи инсон худ ба худ бидуни он ки эҳтиёҷе ба иқомаи далел ва бурҳон дошта бошад, онҳоро тасдиқ мекунад** ва ҳозир нест ҳеч гуна шакку тардиде дар ин бора ба худ роҳ бидиҳад, мисли эътиқод ба он ки оламе ҳаст, худи шахси фикркунанда ҳаст, адади 3 беш аз адади 2 ва камтар аз адади 4 аст ва амсоли инҳо, ки бисёр аст.

Ва агар фаразан касе пайдо бишавад, ки ба ҳасби иддао дар ин синх маълумот тардид кунад ё худро мункир нишон диҳад, худи ҳамон шахс дар ҳоққи зеҳн, хилофи иддаои худашро тасдиқ дорад ҳарчанд таваҷҷӯҳ надошта бошад.

Афлотун, файласуфи маъруфи юнонӣ, ҷамиъи маълумот ва маорифи инсонро фитрӣ медониста ва мӯътақид будааст, ки руҳи инсон пеш аз он ки ба бадан таъаллуқ бигирад, дар азал мавҷуд буда ва билфеъл ҳама чизро медониста, лекин пас аз он ки ба бадан таъаллуқ гирифт, маълумоташ аз ёд меравад ва он чи дар дунё ба хаёли худ касби илм мекунад, дар ҳақиқат илми ҷадиде нест, балки ёдоварии маълумоти пеш аст, аз ин ҷиҳат улуми мо ҳама тазаккур аст.

Фалосифа аз қадиму ҷадид рӯйи усул ва мабонии мухталиф, бутлони ин ақидаро собит кардаанд ва асли ин мабноро, ки руҳи инсон қабл аз бадан дар азал мавҷуд будааст ботил донистаанд. Ин ақида дуруст муқобили ақидаи касоне аст, ки ҷамиъи маълумоти инсонро касбӣ медонанд.

Дар ҳар сурат, иҷмолан вуҷуди як силсила маълумоти фитрӣ барои инсон ҷойи ҳеч гуна тардид нест.

Маълумоти фитрӣ билқувва дар рухи ҳар касе аз ибтидои таквин ҳаст ва ба тадриҷ ба феълият мерасад.

Сукрот, ҳакими юнонии маъруф, ки устоди Афлотун буда ва дар ҳудуди қарни панҷуми қабл аз мелод мезиста, тариқае, ки дар таълими ҳикмат интихоб карда буд, руҷӯъ додани мардум ба фитриёти худашон буд.

Сукрот ҳеч гоҳ матлаберо аз аввал то охир барои касе тақрир намекард, балки аз тарафе роҷеъ ба матлабе, ки мавриди тардид ё инкори ӯ буд, аз як нуқтаи содда шурӯъ ба пурсиш менамуд ва иқрор мегирифт, баъд ба тадриҷ ҳамин пурсиш ва истифҳомро идома медод, то як вақт тараф мутаваҷҷеҳ мешуд худ ба худ ба муддаои Сукрот иқрор карда ва хилофи он чиро худаш муддаӣ буда тасдиқ намудааст. Ин, тариқаи хоссе буд, ки Сукрот дар мақоми таълиму тарбият интихоб намуда буд. Имрӯз ҳам дар фанни омӯзишу парвариш, ин равиш яъне равиши суол ва истифҳомро равиши сукротӣ меноманд.

Дар таърих нақл шудааст, ки модари Сукрот қобила буд ва Сукрот мегуфт: ман монанди модарам фанни момоӣ дорам, яъне ҳамон тавр, ки тифл самараи вуҷуди модар аст ва кори қобила фақат иъонат кардани модар аст, дар зоиши улум ва маориф низ, ки мавлуди ақли фитрии башар аст, коре, ки ман мекунам, кӯмак кардани фитрати башар аст дар самара ва натиҷа додан.

Тарзи таълиму тарбияти Сукрот беш аз он миқдор, ки ба як файласуф шабеҳ аст, ба тариқаи пайғамбарони илоҳӣ шабоҳат дошт, зеро Сукрот бештар мутаваҷҷеҳи ҷаҳлҳо ва инҳирофҳои аз фитрат, ки барои афроди инсон ҳосил мешавад буд ва мардумро ба нодонии худашон мутаваҷҷеҳ месохт ва низ Сукрот беш аз ҳар донишманди дигаре, ба маърифат ва шиносоии нафс аҳаммият медод ва ҷумлаи маъруфи “худатро бишнос” аз ин ҳакими бузург дар сафаҳоти таърих ба ёдгор монда ва аз ин рӯ баъзе аз аҳли таърих гуфтаанд, ки ӯ ҷанбаи пайғамбарӣ дошт.

Амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом дар зимни як хутбаи муфассал пас аз зикри офариниши замину осмонҳо ва хилқати башар дар рӯйи замин, ба зикри ҳикмати омадани силсилаи анбиё ва русул мепардозад ва баён мекунад, ки манзури аслӣ аз беъсати пайғамбарон чист. Ин тавр мефармояд:

**فَبَعَثَ فيهِمْ رُسُلَهُ وَواتَرَ إِلَيْهِمْ أَنْبِياءَهُ لِيَسْتَأْدوهُمْ ميثاقَ فِطْرَتِهِ وَيُذَكِّروهُمْ مَنْسِيَّ نِعْمَتِهِ... وَيُثيروا لَهُمْ دَفائِنَ الْعُقولِ**

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 1*) Яъне Худованд пайғамбаронро дар миёни башар мабъус фармуд ва онҳоро пушти сари якдигар фиристод барои он ки он аҳду паймоне, ки дар

фитрати башар сиришта шудааст, вафои ба онҳоро бихоҳанд ва неъматҳои фаромӯшшудаи Худоро ёдоварӣ кунанд ва он ганҷҳое, ки дар замини ақлҳо пинҳон аст ва пардае рӯяшро гирифтааст ошкор созанд ва берун оваранд. Дар ҷумлаи охири каломи амирулмӯъминин алайҳис салом –

وَيُثيروا لَهُمْ دَفائِنَ الْعُقولِ

— хеле бояд диққат кард.

Аз ин баёни ҷомеъи Алӣ алайҳис салом хуб ошкор аст, ки иллати умдаи беъсати пайғамбарон, таваҷҷӯҳ додан ба фитрат ва истифода аз захираҳо ва андӯхтаҳое аст, ки башар ҳамроҳ дорад ва дасти офариниш дар сиришти ӯ ниҳодааст.

Мавлавӣ дар баёни ин матлаб масалеро ба сурати достоне ба назм оварда, ки: марди фақире муддатҳо аз шиддати факр ба даргоҳи Худо менолид ва аз Худованд мехост, ки ганҷе ба ӯ бинамоёнад, то билохира дар хоб ё бедорӣ ӯро ба руқъае роҳнамоӣ карданд, ки дастури пайдо кардани ганҷ дар он руқъа дарҷ буд. Он мард бо хушҳолии зиёде рафт ва он ганҷномаро пайдо кард. Дид, ки навиштааст: меравӣ рӯйи фалон қубба, ки дар наздикии шаҳр аст меистӣ ва пушт ба шаҳр мекунӣ ва тиреро ба камон мегузорӣ, ҳар ҷо, ки тир афтод ганҷ аст. Он мард рафт рӯйи ҳамон нуқта истод ва тиреро ба камон гузошт ва ба қувват партоб намуд. Баъд бо белу куланг рафт ва маҳалли тирро ҳафр кард. Ҳар чи ковиш кард, чизе наёфт. Мартибаи дуввум ва севвум ва чаҳорум рафт ва тиреро ба камон гузошт ва кашид ва маҳалли тирро ҳафр кард ва асаре надид. Муддатҳо кораш ин буд, то билохира хаста ва асабонӣ шуд ва бори дигар ба тазаррӯъ ва зорӣ ба даргоҳи илоҳӣ пардохт. Ба қалбаш илҳом шуд: мо ба ту дастур надода будем, ки тирро ба қувват партоб кун, ин дафъа бирав ва тирро ба камон бигузор, ҳар ҷо, ки худи тир афтод, ҳамон ҷоро ҳафр кун. Марди фақир ба ин дастур амал кард. Дид, тир ҷилави пойи худаш афтод ва он ҷоро ҳафр кард ва ганҷро дар зери пойи худаш ёфт.

*Андар ин буд ӯ, ки илҳом омадаш,*
*Кашф шуд ин мушкилот аз Эзадаш.*
*К-ӯ бигуфтат: дар камон тире бинеҳ,*
*Кай бигуфтандат, ки андаркаш ту зеҳ?..*
*Аз фузулӣ ту камон афроштӣ,*
*Санъати қаввосие бардоштӣ.*
*Тарки ин сахтакамоне рав, бигӯ,*
*Дар камон неҳ тиру парридан маҷӯ.*
*Чун бияфтад, баркан, он ҷо металаб,*

*Зӯр бигзору ба зорӣ ҷӯ заҳаб…*

*Ту камону тирҳо барсохта,*

*Сайд наздику ту дур андохта…*

*Ин масал андар замона ҷонӣ аст,*

*Ҷони нодонон ба ранҷ арзонӣ аст.*

## Хонадони нубувват ва рисолат, ҳофизи ислом

بسم الله الرحمن الرحيم

Имрӯз мутобиқи машҳур, рӯзи вафоти Имом Боқир ҳазрати Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳусайн (Саломуллоҳи алайҳим) аст. Таваллуди Имом Боқир дар соли 57 ҳиҷрӣ яъне чаҳор сол қабл аз воқеаи шаҳодати ҷаддаш Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом дар Карбалост ва мутобиқи тасреҳи баъзе аз муаррихон, Имом Боқир, ки дар он вақт кӯдаке чаҳорсола буда дар он воқеа ҳозир буда ва достоне ҳам аз муҳоҷҷаи он ҳазрат — бо он ки кӯдаке хурдсол буд — дар маҷлиси Язид ибни Муовия бо Язид нақл кардаанд. Вафоти Имом Боқир дар ҳафтуми зилҳиҷҷаи соли 114 ҳиҷрӣ дар аҳди хилофати Ҳишом ибни Абдулмалик воқеъ шуда.

Баъд аз вафоти Пайғамбари Акрам, ҳофиз ва нигаҳдорандаи воқеии дини мубини ислом ва ҳомӣ ва пуштибони ҳақиқии Қуръони Карим хонадони нубувват ва рисолат буданд ва ин матлаб аз мутолеаи таърихи ислом ва туғёнҳо ва инқилобҳо ва фитнаҳое, ки дар қарни аввал ва дуввум ва севвуми ҳиҷрӣ воқеъ шуд, ба хубӣ равшан мешавад.

Ислом дар оғози амр ба роҳнамоии Қуръон ва дар асари кӯшишҳо ва заҳамоти Пайғамбари Акрам басту тавсиа ёфт ва дар муҳити мусалмонони он рӯз нуфузи маънавии аҷиб ва хориқулъодае пайдо кард ва ин басту тавсиа ва нуфуз рӯ ба афзоиш гузошт ва манбаъи қудратҳои азими низомӣ ва сиёсӣ шуд, то ҷойе, ки дар камтар аз ним қарн аксари маъмураи ҷаҳони он рӯзро дар зери сайтара ва султаи хеш даровард.

Вале албатта чунон ки ҳама медонем, ин сайтара ва султаи сиёсӣ дере напоид, ки дар асари адами лиёқати хулафо ва фасоди дастгоҳи хилофат ва бахусус зулмҳо ва ҷаврҳои беҳадду ҳасре, ки дастгоҳи хилофат нисбат ба мардум раво медошт, заъиф шуд. Милали мухталифае, ки ба ислом гаравида буданд, аз араб ва ғайриараб, аз ҷаври хулафо ба сутуҳ омаданд ва даст ба инқилобҳо ва туғёнҳо заданд, то ҷойе, ки Абӯмуслими Хуросонӣ бо лашкаре, ки аз аҷамҳо ва эрониён фароҳам оварда буд, шикасти сахте ба дастгоҳи хилофати умавӣ ворид овард, ки мунҷар ба инқирози онҳо дар шарқ шуд. Бо ҳамаи ин аҳвол, нуфузи маънавӣ ва руҳонии Қуръони Карим ва Пайғамбари Акрам ҳамчунон дар

дилҳо буд ва ҳукумат мекард. Ва бадеҳӣ аст, ки агар бо он ҳама фасод ва табоҳӣ, ки дар дастгоҳи хилофат ва кодри сиёсии исломӣ пайдо шуда буд, нуфузи маънавӣ ва руҳонии ислом ҳам заъиф шуда буд, якбора асоси ин дини ҳаниф барчида шуда буд ва имрӯз дар ҳамаи ҷаҳон асаре аз ӯ боқӣ намонда буд.

Дар якчунин давроне, ки абрҳои тираи ҷавру зулм ва фиску фуҷури хулафо осмони нуронии исломро тира карда буд, аҳли байти пайғамбар яъне ҳамон бузургвороне, ки мо онҳоро ба унвони имомони атҳор мешиносем, домани ҳиммат ба камар заданд ва дар мақоми таълиму талқини нишонаҳои исломӣ ва басту тавсиаи нуфузи маънавии исломӣ пардохтанд, худро аз сиёсат ба канор кашиданд ва ҳавзаҳои тадрису таълиму тарбият ташкил доданд ва ба баёни маорифи илоҳӣ ва тафсири Қуръони Маҷид ва ҳалолу ҳароми Худо пардохтанд ва ба ин васила аз Қуръони Маҷид ҳимоят ва пуштибонӣ карданд.

Албатта Қуръони Маҷид ба худии худ як моддаи ҳаётӣ, балки як манбаъи ҳаётӣ аст ва ҳамвора зинда ва поянда аст ва Худо ваъда дода, ки ӯро ҳифз фармояд:

نَحْنُ نَزَّلْنَا الذِّكْرَ وَإِنَّا لَهُ لَحافِظُونَ

(*Ҳиҷр/9*) Вале возеҳ аст, ки ҳифзи илоҳии Қуръон ҳамвора ба василаи шогирдон ва тарбиятёфтагони худи Қуръон сурат гирифта ва мегирад ва дар дараҷаи аввал, ҳофизи Қуръон аҳли байти пайғамбар буданд, ки хулқашон ҳамон Қуръон буд ва илми Қуръон назди онҳо буд.

Муҳимтарин омили нуфузи руҳонӣ ва маънавии ислом дар оғози зуҳураш ду чиз буд: яке, худи Қуръон, ки худ ба худ нуфуси мустаъиддаро мутеъу мунқод месохт. Ва яке дигар, сира ва тарзи ахлоқ ва рафтори малакутӣ ва осмонии Пайғамбари Акрам. Пайғамбари Акрам муҷассамае буд аз макорими ахлоқ ва ба тавре буд, ки хоҳ нохоҳ ҳар бинандаеро мӯъмин месохт, ки ин мард мардест илоҳӣ ва малакутӣ. Аҳли байти пайғамбар намунаҳое аз ҳамон ахлоқи он ҳазрат буданд. Онҳо, илова бар он чи аз роҳи забон, ба таълиму тадриси шогирдон ва басту нашри маорифи исломӣ мепардохтанд, тарзи рафтори мақрун ба ҳақиқат ва имонашон барои умум омӯзанда ва парваришдиҳанда буд. Имрӯз ба муносибати ин ки рӯзи вафоти Имом Боқир аст, достони он ҳазратро бо яке аз зоҳидон ва обидони асраш ба унвони намуна шоҳид меоварам.

Муҳаммад ибни Мункадир, яке аз зуҳҳод ва мутасаввифаи он аср, мегӯяд, дар як рӯзи бисёр гарм ба хориҷи шаҳри Мадина рафта будам, чашмам афтод ба Муҳаммад ибни Алӣ Боқир дар ҳоле, ки ғарқ дар арақ шуда буд ва ба ду ғуломи сиёҳ такя карда буд ва маълум буд, ки барои коре аз корҳои дунё аз қабили саркашӣ ба умури зироатӣ омадааст.

Дар дили худ гуфтам, бибин бузурге аз бузургони Қурайш чӣ гуна ҳирси дунё ӯро водор кардааст, ки дар ин ҳавои гарм омада инҷо ва хуб аст биравам ӯро мавъизае бикунам! Ҷилав рафтам ва салом гуфтам ва бо садои баланд саломи маро посух дод. Ман гуфтам: шумо яке аз бузургони Қурайш ҳастед ва сазовор нест дар якчунин ҳавои гарме, дар талаби дунё берун ойед. Агар алъон дар ҳамин ҳол марг бирасад ва руҳи шумо қабз бишавад, чӣ ҷавобе назди Худо хоҳед дошт? Мегӯяд, Имом ин ҳарфро шунид, фармуд: ба Худо, агар дар ҳамин ҳол марг маро фаро гирад, дар ҳоле расидааст, ки машғули итоати Худо ҳастам. Ман ин корро барои таҳсили рӯзӣ ва барои ин ки ба ту ва амсоли ту эҳтиёҷе надошта бошам, мекунам. Ман бояд аз он рӯзе битарсам, ки марги ман бирасад дар ҳоле, ки ман машғули маъсият ҳастам.

Муҳаммад ибни Мункадир мегӯяд, гуфтам: Худо туро раҳмат кунад, ки хостам туро мавъиза кунам ва мутанаббеҳ созам, ту маро мавъиза кардӣ ва мутанаббеҳ сохтӣ ва маро ба иштибоҳи худ мутаваҷҷеҳ сохтӣ!

Имом Боқир бо ин амал ва ин мантиқи худ, ба он марди сӯфимаоб ва соири касоне, ки дар иштибоҳ ба сар мебурданд, фаҳмонд, ки дар ислом кору кӯшиш барои идораи зиндагӣ гуноҳ нест, балки айни итоат ва ибодати ҳазрати Ҳақ аст. Аз калимоти Имом Боқир аст, ки:

عالِمٌ يُنْتَفَعُ بِعِلْمِهِ أَفْضَلُ مِنْ سَبْعِينَ أَلْفَ عابِدٍ

(*“Усули кофӣ”, ҷ.1, с.33*) Яъне як олим, ки мардум аз илмаш баҳраманд шаванд, бар ҳафтод ҳазор обид бартарӣ дорад.

Ҳамчунин мефармуд: шиъаён ва пайравони воқеии мо хонадон, касоне ҳастанд, ки ба ростӣ аз Худо битарсанд ва ӯро итоат кунанд.

Ҳамчунин мефармуд: сурати боз ва хушрӯй ду фоида дорад: яке ин ки муҳаббати дигаронро нисбат ба инсон ҷалб мекунад ва ӯро маҳбуб месозад ва яке ин ки мӯҷиби қурб ба ҳазрати Ҳақ аст ва аммо туршрӯӣ инсонро манфури халқ ва аз холиқ ҳам дур месозад.

وَالسَّلامُ عَلى مَنِ اتَّبَعَ الْهُدى

# Ҳидояти қалб

بسم الله الرحمن الرحيم

وَالَّذِينَ اهْتَدَوْا زَادَهُمْ هُدىً وَآتَاهُمْ تَقْوَاهُمْ

(*Муҳаммад/17*)

Дар ҳафтаҳои пеш сухани мо дар атрофи анвоъу ақсоми ҳидоятҳо ва роҳнамоиҳо буд ва ба арз расондам, ки илова бар ҳодиён ва роҳнамоёни хориҷӣ, чандин дастгоҳи роҳнамоӣ дар дохили вуҷуди инсон барои расонидани вай ба мақосиди ҳаётӣ таъбия шуда: дастгоҳи ҳидояти ғариза, дастгоҳи ҳидояти ҳисс, дастгоҳи ҳидояти ақл, дастгоҳи ҳидояти қалб. Роҷеъ ба қисматҳои ғариза ва ҳиссу ақл мухтасароте дар ҳафтаҳои пеш ба арз расондам. Сухани имрӯзи мо баёни мухтасаре аст дар атрофи қисмати чаҳорум яъне ҳидояти қалб.

Қатъан то кунун мутаваҷҷеҳ шудаед, ки шуъаро ва урафои худамон чӣ қадр аз дил ва қалб дам мезананд ва калимоти “сафои дил” ва “нуронияти қалб” ва “тазкияи замир”-ро такрор мекунанд, то ҷойе, ки мебинед дар таъбироти худашон аз ашхоси пухта ва озмуда ва камолёфта ба “соҳибдил” таъбир мекунанд. Ҳофиз мегӯяд:

*Дил меравад зи дастам, соҳибдилон, Худоро.*

Саъдӣ мегӯяд:

*Соҳибдиле ба мадраса омад зи хонақоҳ,*

*Бишкаст аҳди сӯҳбати аҳли тариқро.*

Ва ҳатто дар Қуръони Карим ҳам наздик ба ҳамин таъбирот ворид шуда. Дар сураи муборака “Қоф” мефармояд:

إِنَّ فِي ذلِكَ لَذِكْرى لِمَنْ كانَ لَهُ قَلْبٌ

(*Қоф/37*) Яъне дар ин Қуръон ҳамоно соҳибдилонро тазаккур ва танаббуҳ аст.

Бадеҳӣ аст, ки мақсуд аз қалб ва дил дар забони аҳли адабу маърифат ва ҳамчунон дар каломи илоҳӣ ин узви гӯштӣ, ки дар қисмати паҳлӯи чап қарор гирифта ва маркази пахши хун ба соири аъзо ва ҷавореҳ аст нест, мақсуд чизи дигаре аст. Мақсуд аз дил ё замир ё қалб, нуқтаи марказии авотифи олӣ ва эҳсосоти латифи вуҷуди инсон аст; он нуқтае, ки филмасал ишқ ба хайри ахлоқӣ, ишқ ба зебоӣ, ишқ ба ҳақиқат ва камоли мутлақ, ишқ ба эсор ва фидокорӣ, аз онҷо сарчашма мегирад.

Инсон ибтидо хаёл намекунад, ки дар виҷдон ва замираш асроре нуҳуфта бошад, хеле қисмати олами замир ва ботини худро сарсарӣ мегирад, ҳамон тавре, ки ғолиби мо мардум ҳанӯз ҳамин тавр фикр мекунем. Вале донишмандон ва таъаммуқкунандагон дар

румузи хилқат, ки дар офоқ ва анфус сайрҳо ва мутолеаҳо кардаанд, аз дерзамон пай бурдаанд, ки асрори ботин ва замирро наметавон сарсарӣ гирифт ва кучак шумурд, набояд ҷуссаи кучаки инсонро микёс қарор дод ва қазоват кард, зеро ҳамроҳи ин ҷуссаи кучак дарёе жарф ва амиқ, балки дунёе пур аз аҷоиб, ки аввалу охираш нопайдост қарор дорад. Шуъаро ва урафои форсизабони мо аз ин дунёи номаръӣ дар истиъорот ва кинояҳои худ ба "ҷоми Ҷам" ва "ҷоми ҷаҳонбин" таъбир кардаанд. Ҳофиз мегӯяд:

*Солҳо дил талаби ҷоми Ҷам аз мо мекард,*
*В-он чи худ дошт, зи бегона таманно мекард.*
*Гавҳаре, к-аз садафи кавну макон берун аст,*
*Талаб аз гумшудагони лаби дарё мекард.*
*Мушкили хеш бари пири муғон бурдам дӯш,*
*К-ӯ ба таъйиди назар ҳалли муаммо мекард.*
*Дидамаш хурраму хандон, қадаҳи бода ба даст,*
*В-андар он оина садгуна тамошо мекард.*
*Гуфтам: ин ҷоми ҷаҳонбин ба ту кай дод ҳаким?*
*Гуфт: он рӯз, ки ин гунбади мино мекард.*

Аз мавлал-муваҳҳидин Алӣ алайҳис салом нақл шуда, ки фармуд:

أَتَزْعَمُ أَنَّكَ جِرْمٌ صَغِيرٌ
وَفِيكَ انْطَوَى الْعالَمُ الأَكْبَرُ

Яъне эй инсон! Ту мепиндорӣ, ки ҳамин ҷуссаи кучак ҳастӣ? Ҷаҳони бузург дар вуҷуди ту хулоса шудааст.

Мавлоно мегӯяд:

*Чист андар хум, ки андар наҳр нест?*
*Чист андар хона, к-андар шаҳр нест?*
*Ин ҷаҳон хумм асту дил чун ҷӯйи об,*
*Ин ҷаҳон ҳуҷрасту дил шаҳри уҷоб.*

Баҳс дар атрофи асрори олами ботин ва замирро ба ӯҳдаи равоншиносон ва урафо ва ҳукамо мегузорем ва фақат ба баҳс дар атрофи як мавзӯъи соддаи ахлоқӣ дар заминаи ҳидояти қалб мепардозем.

Ин қалби пур аз аҷоибу истеъдоди инсон, бар роҳи рост офарида шуда, яъне тавре офарида шуда, ки билфитра одил аст, на золим, амин аст, на хоин, ростгуст, на дурӯғгӯ, муваҳҳид аст, на мушрик. Дар осори динӣ ворид шуда:

كُلُّ مَوْلودٍ يولَدُ عَلَى الْفِطْرَةِ

Яъне ҳар навзоде бар роҳи рост офарида шуда, инҳирофот ва гумроҳиҳо дар асари омилҳои хориҷӣ аст аз таълиму тарбиятҳо ва илқо ва талқинҳои фосидкунанда.

Барои шумо иттифоқ афтода, ки дар шароите воқеъ шудаед, ки гӯли шайтонро хӯрда, гуноҳеро муртакиб шудаед, масалан моли касеро бурда, ҳаққи касеро помол кардаед ё дурӯғе гуфта тӯҳмате раво доштаед ё дар адои фароизи динӣ аз намоз ва рӯза ва ғайра кӯтоҳӣ кардаед. Вале ҳамин ки дар як гӯша танҳо ба худ омадаед, худро малулу мукаддар ва пушаймон эҳсос кардаед, мисли ин ки касе аз ботин ва замири шумо сар даровварда ва бо як қиёфаи маъсумона шуморо маломат мекунад ва саркӯфт медиҳад. Ин ҳамон фитрати илоҳӣ аст, ки бедор шуда ва шуморо ба азоби виҷдон муаззаб сохтааст; мегӯяд: чаро ба худат ва ба ман хиёнат кардӣ?

Вале агар Худой нахоста гуноҳон ва инҳирофот мукаррар шуд, кам-кам чароғи фитрат ва шӯълаи ҳидояти қалб хомӯш мешавад. Он вақт аст, ки инҳироф ва каҷӣ, табиати сония мешавад.

Тарзи аъмол ва рафтори инсон дар зиндагӣ мустақиман бар қалб таъсир мекунад. Аъмоли хайри ахлоқӣ аз қабили ростӣ ва амонат ва иффат ва эсор ва ёди Худо қалбро нуронӣ ва фитратро бедортар ва зиндатар мекунад. Гуноҳон ва маъосӣ аз қабили дурӯғ ва хиёнат ва ғайбат ва таҷовуз ба ҳуқуқи мардум ва беиффатӣ ва билохира ғафлат аз Худо, ба рӯйи фитрат парда мекашад ва онро хафа месозад. Худованд дар бораи аҳли маъсият фармояд:

كَلاَّ بَلْ رانَ عَلى قُلُوبِهِمْ ما كانُوا يَكْسِبُونَ

(*Мутаффифин/14*) Яъне дар бораи онон сухан магӯ, ки аъмоли зишт ва ношоист ва палидашон бар рӯйи ойинаи дилҳояшон зангор эҷод намудааст.

وَالسَّلامُ عَلى مَنِ اتَّبَعَ الْهُدى

## Маърифати дунёи дарун

سَنُرِيهِمْ آياتِنا فِي الْآفاقِ وَفِي أَنْفُسِهِمْ حَتّى يَتَبَيَّنَ لَهُمْ أَنَّهُ الْحَقُّ

(*Фуссилат/53*)

Дар ҳафтаи гузашта ба арз расондам, ки инсон дар ибтидо хеле қисмати олами замир ва ботини худро сарсарӣ мегирад ва ҳеч хаёл намекунад, ки дар виҷдон ва замираш истеъдодҳои фавқулъодае нуҳуфта бошад. Вале донишмандон ва таъаммуққунандагон дар румуз ва асрори хилқат, пас аз сайрҳо ва мутолеаҳо дар офоқ ва анфус ба ин иштибоҳ

пай бурданд ва воқиф шуданд, ки асрори ботин ва замирро наметавон сарсарӣ гирифт. Инсон бо ин ҷуссаи кучак, дарёи жарфу амиқ, балки дунёе пур аз аҷоиб, ки аввалу охираш нопайдост ҳамроҳ дорад.

Имрӯз ҳам, ки илм то ин андоза пешрафт намуда, аз як тараф то дили зарра нуфуз намуда ва асрори дили зарраҳоро кашф карда ва аз тарафи дигар дуртарин нуқтаҳои фазои бепоёни осмонро, ки тасаввури буъди масофаташ барои мо мушкил аст, мавриди мутолеа қарор дода, дар айни ҳол қисматҳое аз асрори олами нафс ва равон барои уламои фанн мактум монда ва бо он, ки садҳо кашфиёт дар ин замина шуда, боз қисматҳои маҷҳул чандин баробар худнамоӣ мекунад.

Яке аз ҷанбаҳои нуронӣ ва саодатбахши Қуръони Маҷид, ки нишонаи ваҳӣ будани ин китоби муқаддас аст ин аст, ки башарро ба маърифати дунёи дарунӣ таваҷҷӯҳ медиҳад. Асосан, яке аз усули таълимоти Қуръони Маҷид, ташвиқи башар аст ба таъаммуқ ва ғавр дар олами хилқат ва қироати сутур ва сафаҳоти ин кӯҳнакитоб, ки аввалу охираш афтодааст ва ҷаҳонро ба манзилаи як китоби илоҳӣ, ки дар ҳар сатраш ҳазорон муаммо дарҷ шуда муаррифӣ мекунад.

*Ба назди он ки ҷонаш дар таҷаллист,*
*Ҳама олам китоби Ҳақ Таъолист.*
*Араз эъробу ҷавҳар чун ҳуруф аст,*
*Маротиб ҳамчу оёти вуқуф аст.*
*Аз ӯ ҳар оламе чун сурае хосс,*
*Яке з-он Фотеҳа в-он дигар Ихлос.*
*(Шайх Маҳмуди Шабистарӣ*)

Нуктаи қобили таваҷҷӯҳ ин аст, ки Қуръони Карим мутолеаи китоби анфус ва олами дарун яъне мутолеаи қисмати замир ва нафсониётро ҳамдӯши мутолеаи ҷаҳони бузург ва олами берун қарор дода ва ҳамон тавре, ки амр мекунад ба диққат дар низоми афлок ва дар вазъи ναботот ва дар зиндагии ҳайвонот, ҳамон тавр ташвиқ мекунад ба шиносоии нафс ва маърифати руҳ. Дар осори динӣт ворид шуда:

مَنْ عَرَفَ نَفْسَهُ عَرَفَ رَبَّهُ

(*“Биҳор ал-анвор”, ҷ.61, с.99*) Он кас, ки худашро шинохт, Худоро шинохт.

Дар сураи Зориёт мефармояд:

وَفِي الْأَرْضِ آيَاتٌ لِلْمُوقِنِينَ، وَفِي أَنْفُسِكُمْ أَفَلا تُبْصِرُونَ

(*Зориёт/20 ва 21*) Яъне дар замин ва он чи мутаъаллиқ ба замин аст аз маъодин ва наботот ва ҳайвонот, нишонаҳои тадаббур ва ҳикмати ҳазрати Ҳақ ҳаст ва ҳамчунин дар ҷону равони худатон, оё намебинед?

Алӣ алайҳис салом дар аввалин хутбаи "Наҳҷул-балоға" пас аз он ки ба хилқати ҷаҳон ва хилқати инсон дар рӯйи замин ишора мефармояд, мавзӯъи ҳикмати омадани пайғамбаронро матраҳ мекунад ва дар ин мавзӯъ дар заминаи олами нафс ва ҷаҳони асроромези ақлу руҳи башар баёне мефармояд, ки фавқулъода ҳоизи аҳаммият аст; мефармояд:

فَبَعَثَ فيهِمْ رُسُلَهُ وَواتَرَ إِلَيْهِمْ أَنْبِياءَهُ لِيَسْتَأْدُوهُمْ ميثاقَ فِطْرَتِهِ وَيُذَكِّروهُمْ مَنْسِيَّ نِعْمَتِهِ وَيَحْتَجّوا عَلَيْهِمْ بِالتَّبْليغِ وَيُثيروا لَهُمْ دَفائِنَ الْعُقولِ

Яъне Худованд анбиё ва русулро мабъус фармуд ва онҳоро пушти сари якдигар фиристод ва ҳикмати ин кор ин буд, ки вафои ба паймонҳое, ки дар фитрати башар баста шуда бихоҳанд ва истеъдодҳое, ки дар сиришти онҳо ҳаст буруз диҳанд ва ғафлати инсонро дар мавриди неъматҳои азим ва шигарфе, ки ба онҳо дода шуда бартараф ва ҳуҷҷатро бар онҳо тамом созанд ва дигар он ки "ганҷҳо ва дафоине, ки дар ботини уқули башар пинҳон аст ошкор созанд".

Дар ин ҷумла бояд диққат кард, бояд диққат кард ва ангушти ҳайрат ба дандон гирифт. Ганҷинаҳо ва дафинаҳои ақли башар яъне чӣ? Алӣ алайҳис салом дар ҳазору сесаду панҷоҳ сол пеш, аз асрори ақли ботин баҳс мекунад ва ҳол он ки ҳанӯз дар олами илм нимқарн бештар нагузашта, ки назарияи ақли ботин пайдо шуда:

*Сирри Худо, ки орифи солик ба кас нагуфт,*

*Дар ҳайратам, ки бодафурӯш аз куҷо шунид?!*

*(Ҳофиз)*

Алӣ алайҳис салом мефармояд: ҳамроҳи ҳар кас ганҷинаҳо ва дафинаҳои маънавӣ пинҳон аст, вале оё кист, ки қадри онҳоро бидонад ва дар садади ошкор сохтани онҳо барояд? Мавлавӣ ҳамин матлабро ба сурати достоне ширин дар Маснавӣ овардааст; мегӯяд: марди фақире муддатҳо аз шиддати фақр ба даргоҳи Худо менолид ва аз Худованд мехост, ки ба ӯ ганҷе бинамоёнад, то билохира дар олами хоб ё бедорӣ, ӯро ба руқъае ва ба истилоҳ ганҷномае роҳнамоӣ карданд, ки дастури пайдо кардани ганҷ дар он руқъа дарҷ буд. Марди фақир бо хушҳолии зиёде рафт ва он ганҷномаро пайдо кард ва хонд. Дид, навиштааст, ки меравӣ рӯйи фалон нуқтаи муртафеъ, ки дар наздикии шаҳр

аст, меистӣ ва пушт ба шаҳр мекунӣ ва тире ба камон мегузорӣ, дар ҳар ҷо, ки тир афтод, ганҷ ҳамон ҷост. Он мард рафт ва рӯйи ҳамон нуқта истод ва тире ба камон гузошт ва ба қувват партоб намуд, баъд бо белу куланг рафт ва маҳалли тирро ҳафр намуд, ҳар чи ковиш кард, чизе наёфт. Мартибаи дуввум рафт ва тире аз нав ба камон гузошт ва кашид ва баъд рафт маҳалли суқути тирро ҳафр кард ва боз чизе наёфт. Мартибаи севвум ва чаҳорум ин корро кард ва муддатҳо кораш ин буд, то билохира хаста ва асабонӣ шуд ва бори дигар ба тазаррӯъ ва зорӣ ба даргоҳи илоҳӣ пардохт. Ба қалбаш илҳом шуд, ки мо ба ту дастур надода будем, ки тирро ба қувват партоб намоӣ, мо ҳамин қадр гуфтем, ки тирро ба камон бигузор, ҳар ҷо, ки афтод, ганҷ ҳамон ҷост. Ин дафъа ҳамин корро кард, дид, тир ҷилави пойи худаш афтод. Онҷоро ҳафр кард ва маълум шуд, ки ганҷ дар зери пойи худаш буда ва ӯ беҳуда ба ин тарафу он тараф медавида.

*Андар ин буд ӯ, ки илҳом омадаш,*
*Кашф шуд ин мушкилот аз Эзадаш.*
*К-ӯ бигуфтат: дар камон тире бинеҳ,*
*Кай бигуфтандат, ки андаркаш ту зеҳ?..*
*Аз фузулӣ ту камон афроштӣ,*
*Санъати қаввосие бардоштӣ.*
*Тарки ин сахтакамоне рав, бигӯ,*
*Дар камон неҳ тиру парридан маҷӯ.*
*Чун бияфтад, баркан, он ҷо металаб,*
*Зӯр бигзору ба зорӣ ҷӯ заҳаб.*

Он гоҳ Мавлавӣ аз ин достон натиҷаи ахлоқӣ мегирад ва андарз медиҳад ва мегӯяд:

*Ту камону тирҳо барсохта,*
*Сайд наздику ту дур андохта.*

وَالسَّلامُ عَلى مَنِ اتَّبَعَ الْهُدى

## Наҳзати ҳусайнӣ, муаррифи дастури мавқеиятшиносии ислом

بسم الله الرحمن الرحيم

Ғолибан мардум агар як чизро бишнаванд, ки хуб аст, хаёл мекунанд дар ҳама вақт ва ҳама ҷо хуб аст ва агар бишнаванд, ки бад аст, хаёл мекунанд дар ҳама вақт ва ҳама ҷо бад аст. Ва аз ин ҷиҳат аст, ки як чизро бо нуқтаи муқобилаш дар баробари якдигар қарор медиҳанд ва мепурсанд: ин хуб аст ё он? Масалан оё сухан гуфтан беҳтар аст ё сукут

кардан? Оё узлат беҳтар аст ё муошарат? Оё афв беҳтар аст ё муҷозот? Оё қиём ва ҷиҳод беҳтар аст ё созиш?

Бадеҳӣ аст, ки ҳеч як аз ин суолот ҷавоби мутлақе надорад. Яъне наметавон гуфт, ба таври мутлақ сухан гуфтан беҳтар аст аз хомӯшӣ ё хомӯшӣ беҳтар аст аз сухан гуфтан, зеро маворид ва шароит мухталиф аст: дар як ҷо бояд афв кард ва дар ҷойи дигар бояд муҷозот намуд, як ҷо бояд қиём ва ҷиҳод кард ва ҷойи дигар бояд роҳи мусолимат пеш гирифт, як ҷо бояд лаб ба сухан гушуд ва як ҷо бояд хомӯшӣ ихтиёр кард. Ба қавли Саъдӣ:

*Агарчӣ пеши хирадманд хомушӣ адаб аст,*
*Ба вақти маслиҳат он беҳ, ки дар сухан кӯшӣ.*
*Ду чиз тираи ақл аст: дам фурӯ бастан*
*Ба вақти гуфтану гуфтан ба вақти хомӯшӣ.*
(*Гулистон*)

Чун хубу бад ва бояду набояд амри мутлақе нест ва бо шароит ва маворид ва мавқеиятҳо бастагӣ дорад. Лозимтарини чизҳо барои инсон, дар назар гирифтани шароит ва замонҳо ва маконҳо ва мавқеиятҳост ва аҳаммият ва азамати ашхос дар ташхиси мавқеиятҳо хуб зоҳир мешавад.

Ин рӯзҳо ба муносибати вақоеъи марбут ба шаҳодати Ҳусайн ибни Алӣ алайҳимассалом ҳама ҷо сӯҳбат аз наҳзат ва қиёми ҳусайнӣ аст; наҳзате, ки яке аз пурифтихортарин сафаҳоти таърихи башариро тадвин кардааст; наҳзате, ки дилҳо ва ақлҳои миллионҳо афроди башарро дар 14 қарн мутаваҷҷеҳи худ сохта ва то аъмоқи қалбҳо нуфузи дурахшоне намудааст. Аҷабо! Ин наҳзат аз тарафи касе бапо шуд, ки падари бузургвораш солҳо тариқи мусолимат ва мудоро пеш гирифт ва бародараш расман бо яке аз ҷабобираи бузурги ҷаҳон ба номи Муовия ибни Абӯсуфён қарордоди сулҳ баст.

Роҳе, ки Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом бо инқилоб ва қиём ва наҳзати хеш паймуд ва роҳе, ки Алӣ ибни Абӯтолиб ва Ҳасан ибни Алӣ алайҳимассалом аз тариқи мусолимат ва мудоро паймуданд, ҳама ба як нуқта мунтаҳӣ мешавад. Агар назаре дақиқ ба таърих ва ҷараёни ҳаводис ва авзоъ ва аҳвол дар давраи ҳаёти ҳар як аз ин бузургворон бикунем, матлаб равшан мешавад.

Тарзи рафтор ва амали Алӣ ва Оли Алӣ алайҳимус салом беҳтарин муаррифи дастури мавқеиятшиносии ислом аст ва дар айни ҳол муаррифи аҳаммият ва азамат ва бузургвории худи ин бузургворон аст. Баъд аз вафоти Пайғамбари Акрам, ки мавзӯъи хилофат пеш омад ва замина барои аз ҳампошидагии ҷамъияти муташаккили ислом дошт фароҳам мешуд, он касоне, ки солҳо бо Пайғамбар дар набарду ситез буданд ва

оқибат шикаст хӯрда буданд, заминаро барои хунсо кардани заҳамоти Пайғамбари Акрам фароҳам диданд. Аз ин рӯ Абӯсуфён падари Муовия ва ҷадди Язид ибни Муовия, ки дили пурхуне аз ислом дошт ва бисёр марди тезҳуш ва ботаҷриба ва ҷаҳондидае буд, фикре андешид, ки мақсуди хешро амалӣ созад. Рафт ба хонаи Аббос, амуи Пайғамбар ва шарҳе роҷеъ ба ин ки хилофат ҳаққи хонадони шумост ва набояд аз хонадони шумо берун биравад сӯҳбат кард ва гуфт: агар эҳтиёҷ ба кӯмаки низомӣ бошад, ман аз афрод ва атбоъе, ки дар ихтиёр дорам. тамоми сарзамини Мадинаро аз афроди худам пур хоҳам кард. Абӯсуфён бо ин гуфторҳо Аббосро мувофиқ кард ва пас аз он ба иттифоқи Аббос омад ба дари хонаи Алӣ алайҳис салом ва айни он гуфторҳоро такрор кард ва Алиро ба шӯриш ва инқилоб дар муқобили дастгоҳи хилофат ва мутолабаи ҳаққи худ тарғиб кард. Алӣ алайҳис салом замири Абӯсуфёнро хонд ва донист, ки ӯ чӣ орзуи пасте дар дил ва чӣ хаёли шуме дар сар дорад, ӯ дилаш ба ҳоли ислом ё ба ҳоли хонадони Ҳошим насӯхта, мақсуд ва матлуби ӯ тафарруқ ва ташаттути ҳавзаи исломӣ ва аз ҳампошидагии мусалмонон ва дар ҳақиқат интиқом гирифтан аз Пайғамбари Акрам аст. Ин буд, ки дасти радд ба синаи Абӯсуфён зад ва ӯро бо ин ҷумлаҳо мухотаб сохт:

**شُقّوا أمْواجَ الْفِتَنِ بِسُفُنِ النَّجاةِ وَعَرِّجوا عَنْ طَريقِ الْمُنافَرَةِ وَضَعوا تيجانَ الْمُفاخَرَةِ، أَفْلَحَ مَنْ نَهَضَ بِجَناحٍ أواِسْتَسْلَمَ فَأَراحَ**

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи* 5) Эй Абӯсуфён! Ҳангоме, ки дарёи фитна мехурӯшад ва амвоҷи муҳлик эҷод мекунад, бояд бо киштии наҷот синаи ин мавҷҳоро шикофт ва киштинишастагонро ба соҳили наҷот расонид. Дар якчунин мавқеъе бояд кӯшиш кард, ки фитнаҳо бихобад ва набояд коре кард, ки зиёдтар шавад. Тариқи тафарруқ ва танофур ва таҳйиҷи эҳсосоти нажодӣ ва муфохароти қавмиро ба канор бигузоред! Он кас растгор аст, ки ё бо таҷҳизоти кофӣ ва васоили вофӣ қиём кунад ва ё таслим шавад ва худ ва дигаронро роҳат кунад.

Таҳрикоти ғаразолуди Абӯсуфён муассир нашуд ва албатта ӯ хаёл мекард, ки метавонад Алиро, ки давраи ҷавониро тай мекунад ва мавзӯъи ҳаққи аз байнрафтае дар ҷилави чашм дорад, бифаребад ва обе гилолуд кунад ва натиҷа бигирад. Вале Алӣ алайҳис салом рӯйи ҳисси мавқеиятшиносӣ ва маслиҳатбинӣ, салоҳи ислом ва мусалмононро дар сукут ва мусолимат дид ва ҳаққо ҳам агар он рӯз ҷанги дохилӣ шурӯъ шуда буд, дар ҳамон рӯзҳои аввал, асосе, ки ба василаи Пайғамбари Акрам густурда шуда буд, якбора барчида мешуд. Ин буд мавқеияти он рӯз ва тарзи рафтори Алӣ алайҳис салом дар он рӯз. Вале баъдҳо чархи замона баргашт ва дар авзоъу аҳвол тағйироте рух дод, вазъи мусалмонон аз лиҳози хориҷӣ мустаҳкам шуда буд, вале фасод аз дохил ба тарзи муассир

ва решаканкунандае сар дароварда буд ва мавқеъе расид, ки шахси Алӣ алайҳис салом муқовамат дар муқобили тоғиёни мусалмононро воҷиб донист ва ҳамон тавре, ки Пайғамбар хабар дод, дар Ҷамал ва Сиффин ва Наҳравон бо нокисин ва қоситин ва мориқин ҷангид ва дар баробари саркашиҳои онҳо мардона муқовамат кард.
Дар замони хилофати Язид ибни Муовия авзоъу аҳвол сурати бесобиқае пайдо кард. Шахси халифаи вақт илова бар он ки аз ҷанбаи шахсӣ марде паст ва фурумоя ва фосиқ буд, дар сиёсате, ки пеш гирифта буд, расман мардумро ба тарафи бединӣ савқ медод ва алайҳи ислом ва пайғамбари ислом тазоҳуроте мекард. Хилофати Язид баъд аз хилофати 20-солаи Муовия буд, ки руҳи динӣ ба тадриҷ дар мардум рӯ ба завол ва инъидом мерафт, он шӯру ҳаяҷон ва шавқ ва имон ва итминони мусалмонони садри ислом, ки ягона василаи пешрафт ва пирӯзии онҳо буд, рӯ ба сардӣ ва афсурдагӣ мерафт ва як рахват ва сустии умумӣ пайдо шуда буд.
Имом Ҳусайн алайҳис салом дар якчунин мавқеияте қиём ва ҷиҳод, балки шаҳодат ва қурбонӣ доданро воҷиб ва лозим шумурд. Шаҳодат ва қурбонӣ додани Имом Ҳусайн алайҳис салом, он ҳам бо он вазъи фаҷеъ ва ҷонгудоз, ба манзилаи такони сахте буд, ки ба пайкараи хоболуди он рӯзи ҷомеаи исломӣ дода шуд ва ба манзилаи бонги бедорбоше буд, ки гӯшҳо ва ҳушҳоро мутаваҷҷеҳи хатари бузурге, ки ба мусалмонон рӯ оварда буд намуд ва ҳаққо кори худро кард.
Аз лиҳози равоншиносӣ собит шуда, ки таконҳои сахт, ки ба руҳияи фард ворид шавад гоҳе осори аҷибе медиҳад. Эй басо фалаҷҳо, ки бо зарбатҳои сахте, ки ба руҳияи афрод ворид кардаанд мӯҷиби таҳрики анифе бар узв шуда ва узвро аз фалаҷ берун овардаанд. Ва ҳамчунин аст рахватҳо ва сустиҳо ва фалаҷҳое, ки бар пайкари як иҷтимоъ ворид мешавад ва ҳаводиси сахт ва ҷонгудозе, ки руҳияи иҷтимоъро сахт такон бидиҳад, ҳамон асари таҳрикотеро дорад, ки бар руҳияи фард ворид шавад.
Ба шаҳодати таърих, шаҳодати ҷонгудози Абӯабдиллоҳ таъсири амиқе дар руҳияи мусалмонон кард ва чашмҳоро аз хоб бедор кард ва ҳамин амр мӯҷиб шуд, ки баъдҳо инқилобот ва туғёнҳо алайҳи дастгоҳи хилофати умавӣ бапо шуд ва то қарнҳо ҳамин ҳодиса дилҳоро ба ҳаяҷон меовард ва афродро алайҳи мазолимм умавиён бармеангехт, то билохира мунҷар ба инқирози хилофат ва ҳукумати некбатбор умавӣ шуд. Алӣ ибни Абӯтолиб ва фарзанди арҷмандаш Абӯабдиллоҳ (Имом Ҳусайн) ҳар ду аз як нақшаи аслӣ пайравӣ мекарданд ва як ҳадаф доштанд ва он иборат буд аз ҳифзи шавкати ислом ва таъқиби ҳадафи Пайғамбари Акрам. Ин нақшаро худи Пайғамбар ба сурате ва Алӣ ба сурати дигар ва Ҳусайн ибни Алӣ ба сурати севвуме амал карданд.

وَالسَّلامُ عَلى مَنِ اتَّبَعَ الْهُدى

## Таъсири руҳия дар амал

## Он чи бар мардум ворид мешавад, мутаносиб бо руҳиёти онҳост

بسم الله الرحمن الرحيم

إِنَّ اَللّهَ لا يُغَيِّرُ ما بِقَوْمٍ حَتّى يُغَيِّرُوا ما بِأَنْفُسِهِمْ

(*Раъд/11*)

Қуръони Карим дар оёте чанд, ба тасреҳ ё ишора, як асли куллиро, ки марбут ба сарнавишти ҳаёт ва зиндагонии фарзандони Одам аст, баён мекунад. Ва он асли куллӣ ин аст, ки ҳар қавм ва миллате он чи бар онҳо ҳаст аз неъматҳо ва мӯҷиботи осоиш ва саодатмандӣ ё бало ва ниқматҳо ва мӯҷиботи нороҳатӣ, вобаста ва марбут аст ба вазъи маънавӣ ва фикрӣ ва ахлоқии худи онҳо ва модоме, ки дар фикр ва руҳ ва ирода ва ахлоқи онҳо тағйире ҳосил нашавад, дар вазъи зиндагонии онҳо тағйире ҳосил намешавад. Ин ояти карима, ки қироат кардам ва ҷузъи сураи муборакаи Раъд аст –

إِنَّ اَللّهَ لا يُغَيِّرُ ما بِقَوْمٍ حَتّى يُغَيِّرُوا ما بِأَنْفُسِهِمْ

— тасреҳ ба ҳамин матлаб аст, яъне Худованд тағйире дар он чи шомили ҳоли қавмк ҳаст эҷод намекунад. магар он ки худи онҳо дар он чи марбут ба замир ва руҳияи худашон аст тағйире эҷод кунанд. Дар сураи муборака Анфол пас аз он ки ба оқибати шум ва накбатбори куффори Қурайш, ки гирифтор шуданд ишора мекунад, мефармояд:

ذلِكَ بِما قَدَّمَتْ أَيْدِيكُمْ وَأَنَّ اَللّهَ لَيْسَ بِظَلاّمٍ لِلْعَبِيدِ

Яъне ин бечорагӣ ва бадбахтӣ натиҷаи аъмоли худи шумост, вагарна Худо ҳаргиз ба бандагони хеш зулм раво намедорад. Баъд мефармояд:

كَدَأْبِ آلِ فِرْعَوْنَ وَالَّذِينَ مِنْ قَبْلِهِمْ كَفَرُوا بِآياتِ اَللّهِ فَأَخَذَهُمُ اَللّهُ بِذُنُوبِهِمْ إِنَّ اَللّهَ قَوِيٌّ شَدِيدُ الْعِقابِ

Яъне чизи тозае нест; равиши шумо ба равиши оли Фиръавн ва касоне, ки қабл аз онҳо дар ин ҷаҳон зиндагӣ мекарданд монанд аст, ки Худо натиҷаи аъмоли зишти онҳоро ба онҳо чашонид, Худованд қавӣ аст ва муҷозотҳояш сахт ва шадид аст. Баъд мефармояд:

ذلِكَ بِأَنَّ اَللّهَ لَمْ يَكُ مُغَيِّراً نِعْمَةً أَنْعَمَها عَلى قَوْمٍ حَتّى يُغَيِّرُوا ما بِأَنْفُسِهِمْ

(*Анфол/51*) Қоъидаи куллӣ ин аст, ки Худованд ба гизоф ва беҷиҳат неъматеро, ки бар қавме арзонӣ дошта, аз онҳо паснамегирад, магар ҳангоме, ки дар руҳияи хеш тағйироте бидиҳанд.

Дар сураи Исро достони мақҳурият ва мағлубияти Банӣ Исроилро ба дасти ақвоми хориҷӣ ба миён мекашад ва мефармояд: шумо ду бор дар рӯйи замин фасод кардед ва ҳар ду бор Худованди Мутаъол ба василаи ақвоми хориҷӣ натиҷаи аъмоли суи шуморо ба шумо чашонид. Он гоҳ мефармояд:

عَسى رَبُّكُمْ أَنْ يَرْحَمَكُمْ وَإِنْ عُدْتُمْ عُدْنا وَجَعَلْنا جَهَنَّمَ لِلْكافِرِينَ حَصِيراً

(*Анфол/52*) Яъне умеде ҳаст, ки агар тавба кунед ва ба роҳи рост баргардед, раҳмати Худо шомили ҳоли шумо бишавад ва аммо агар бори дигар ба сӯйи фасод ва ифсод бозгардед, мо низ ба сӯйи интиқом ва муҷозот бозмегардем ва ба илова, дар он ҷаҳон ҷаҳаннамро барои кофирин зиндон қарор додаем.

Аз ин оятҳои карима ва оятҳои дигаре, ки боз дар Қуръони Маҷид ҳаст, ду матлаб истифода мешавад: яке ин ки суннат ва қоъидае дар кор аст ва зиндагонии башарӣ ва шуъуни он аз иззат ва зиллат ва тараққӣ ва инҳитот ва бақо ва завол ва соири шуъун, қонун ва қоъидаи собите дорад ва гизоф ва беҷиҳат нест. Дигар он ки асоси аслии саодатмандӣ, руҳияи олӣ ва ахлоқи фозила аст ва асоси бадбахтӣ ва бечорагӣ разоили руҳӣ ва аъмоли ношоист аст ва хулоса, манбаъ ва сарчашмаи саодат ё шақоват, дар дохили вуҷуди худи мардум аст, на дар берун.

Ин асле аст, ки Қуръони Маҷид бо таъкид ва исрор ва сароҳат онро баён кардааст ва хушбахтона дар қарнҳои ахир донишмандон ва аҳли таҳқиқ ин аслро аз назари илмӣ собит кардаанд ва таъсири азими руҳия ва вазъи маънавиёти мардумро дар хушбахт кардани онҳо ба даст овардаанд.

Руҳия яъне чӣ? Ҳар кас як ришта афкор ва мӯътақадоте дорад ва як ришта хасоил ва одот ва малакоте руҳӣ. **Руҳияи инсон, ки саодати дунё ва охираташ дар гарави он аст, иборат аст аз маҷмӯъи афкор ва мӯътақадот ва хасоил ва сифоти руҳӣ**.

Аъмоли инсон туфайлии руҳияи инсон аст, яъне инсон ҳар тавр фикр бикунад ва ҳар тавр одот ва малакоте дошта бошад, ҳамон тавр амал мекунад:

قُلْ كُلٌّ يَعْمَلُ عَلى شاكِلَتِهِ

(*Исро/84*) Шумо ду нафарро мебинед, ки бо он ки ба ҳасби зоҳир ва сохтмони ҷисмонӣ монанди ҳаманд, дар амал ба куллӣ мухолифи якдигаранд. Масалан яке побанд ба усули

тақво ва диёнат аст ва дигаре нест. Яке илмро бар молу мақом тарҷеҳ медиҳад ва дигаре барои илм ҳеч аҳаммияте қоил нест. Ва мумкин аст ибтидо таъаҷҷуб кунед, ки ду нафар инсон, ки аз лиҳози сохтмони баданӣ комилан мушобеҳи якдигаранд, чаро дар кайфияти амал ин ҳама ихтилоф доранд ва ҳол он ки ҳайвоноте, ки дар сохтмони баданӣ мушобеҳи якдигаранд, дар амал низ мушобеҳи якдигаранд: ҳамаи мӯрчагон мушобеҳи якдигар кор мекунанд, ҳамаи кабӯтарон мушобеҳи якдигар кор мекунанд, ҳамаи гӯсфандон мушобеҳи якдигар ҳаракат мекунанд. Вале агар ба руҳияи он ду инсон пай бибаред, ин таъаҷҷуби шумо рафъ хоҳад шуд ва мефаҳмед иллати ихтилоф дар амал, ихтилофи руҳия аст.

Ҳоло чаро дар навъи инсон руҳияҳо ин қадр мухталиф мешавад матлаби дигаре аст ва иллати асосӣ дар кор аст. Ба ҳар ҳол, **хатти машй ва роҳу равиши инсонро дар зиндагӣ, руҳия яъне маҷмӯъи афкор ва андешаҳо ва одот ва малакотааш таъйин мекунад**. Албатта хатти машй ва тарзи роҳу равиши касе, ки масалан Худои аҳади воҳидро шинохта ва ба рӯзи қиёмат мӯътақид аст, бо касе, ки ҷуз ҳаёти дунё чизе намебинад, аз замин то осмон фарқ дорад. Оё касе, ки хаёл мекунад, ки агар мурд вуҷудаш поён меёбад, бо касе, ки имон пайдо карда ва мӯътақид аст, ки марг ба манзилаи пуле аст, ки аз маконе ба макони дигар ва аз ҷаҳоне ба ҷаҳони дигар убур мекунад, як ҷур қадам бармедоранд? Чаро мардони Худо вуҷудашон якпорча нур ва хайр ва баракат ва эҳсон аст ва як иддаи дигар якпорча зулмат ва шарорат ва никбат? Албатта барои он ки онҳо ҷаҳони ғайбиро мешиносанд ва инҳо намешиносанд. Дар ғароизи башарӣ ҳама яксонанд ва ба ҳасби табиати башарӣ, ҳама осоиши бадании худро мехоҳанд –

قُلْ إِنَّما أَنَا بَشَرٌ مِثْلُكُمْ

(*Каҳф/110*), тарзи фикр ва андеша ва ақида ва имон аст, ки ин ҳама фарқҳо эҷод карда. Дар достони Юсуф, ки зани азизи Миср қасди фирефтани Юсуфро дошт, Қуръони Маҷид мефармояд:

وَلَقَدْ هَمَّتْ بِهِ وَهَمَّ بِها لَوْلا أَنْ رَأى بُرْهانَ رَبِّهِ

(*Юсуф/24*) Яъне зани азизи Миср қасди Юсуф кард ва Юсуф низ, агар набуд, ки далел ва ояти парвардигори хешро мушоҳида мекард, қасди он зан карда буд.

Юсуф ва зани азизи Миср ду башар буданд ва таҳрикоти нафсонӣ дар вуҷуди ҳар ду нафари онҳо буд. Он чи Юсуфро бозмедошт, руҳия ва имон ва ба таъбири Қуръони Карим, шуҳуди бурҳони парвардигор буд.

Гоҳе як фикри ғалат дар мағзи як нафар пайдо мешавад, ки ба қимати аз байн рафтани ҳастӣ ва саодати дунё ва охираташ тамом мешавад ва Худо накунад, ки ин гуна афкор

шуюъ пайдо кунад ва иддаеро гирифтор кунад ва ба сурати як маразi умумӣ дарояд. Дар ин вақт аст, ки зарари он фикр аз вабо ва тоъун болотар аст. Яке аз он афкори ғалат, ки мутаассифона ахиран шойеъ шуда ва иддаи зиёде аз касоне, ки иддаои равшанфикрӣ доранд, амалан пайрави он фикр ҳастанд, ин аст, ки зиндагӣ саросар мубориза аст. Ин ашхос шунидаанд, ки уламои илмулҳаёт танозӯъи бақоро яке аз усули қатъии олами ҷондорон донистаанд ва аз ин матлаб ин тавр натиҷа гирифтаанд, ки пояи аввал ин аст, ки инсон мӯҷиботи бақо ва осоиши худро фароҳам кунад, пас инсон бояд дар саҳнаи ҳаёт тамоми кӯшиши худро барои эҳтиёҷоти ҳаёт аз ғизо ва либос ва маскан ва ғайра ба кор бибарад ва чун дигарон қаҳран музоҳим ҳастанд, бо онҳо ҷудо ба мубориза бипардозад; саҳнаи ҳаёт саҳнаи мубориза аст, мубориза барои тӯъма ва таъмини эҳтиёҷоти ҳаёт ва мӯҷиботи бақо, нонро дар дасти ҳар кас бошад ва ба ҳар васила бошад бояд рубуд ва фаршро аз зери пойи ҳар кас бошад бояд кашид ва хулоса, инсон агар бихоҳад тибқи номуси ҳаёт такомул пайдо кунад ва пирӯзӣ ва комёбӣ насибаш шавад, хоҳ нохоҳ бояд арсаро бар дигарон танг кунад.

Шумо аввалан бибинед ин фикр ғалат, ки дар мағзи иддае пайдо шуда ва ба хаёли худашон ҳақиқати гаронмояе кашф кардаанд, чӣ гуна инсонро ба сурати ҳайвони дарандае дармеоварад! Ин фикр аввалан ғалат аст ва зиндагӣ саросар мубориза барои тӯъма, он ҳам бо ҳамнавъони худ нест. Зиндагонӣ саъю кӯшиш аст, ҳаракат ва фаъолият аст. Ҳар ҳайвоне дар доираи вуҷуди хеш бояд ҳаракат ва фаъолият ба харҷ диҳад, вагарна аз байн меравад. Вале дар инсон бахусус ин саъю кӯшиш бояд мақрун ба покӣ ва тақво бошад ва ин ҷиҳат, натиҷаи сайри такомулӣ аст, ки инсон тай карда ва агар мақрун ба тақво набошад, маҳкум ба завол ва фано ва измиҳлол аст.

Ҳукамо аз қадим гуфтаанд, ки имтиёзи бузурги инсон аз ҳайвон ба ин аст, ки инсон фикр ва андеша дорад, таъаққул ва тадаббур дорад ва ҳайвон надорад. Албатта ин матлаб саҳеҳ аст, вале як нукта ҳаст ва он ин ки ҳамин имтиёзи бузург гоҳе мӯҷиб мешавад, ки инсон сад дараҷа аз ҳайвон пойинтар биравад ва мисдоқи:

**أُولَئِكَ كَالْأَنْعامِ بَلْ هُمْ أَضَلُّ**

(*Аъроф/179*) воқеъ шавад. Ҳайвон чун ақлу андеша надорад, ҳамон тавре, ки аз имтиёзҳои фикри хуб ва тадбири хуб бебаҳра аст, аз мазорр ва зиёнҳои фикри ғалат низ масун ва маҳфуз аст, масалан ҳеч вақт дар мағзи ҳайвон чунин андешаи нопоке пайдо намешавад, ки зиндагонӣ саросар мубориза ва дарандагӣ аст ва ахлоқи фозила аз қабили эсор ва фидокорӣ ва ҷавонмардӣ ғалат ва ношӣ аз заъф аст.

Ҳақиқатан бояд тасдиқ кард, ки барои инсон ҳеч неъмате болотар ва бартар аз ҳикмат нест ва ҳеч дарде болотар аз ҷаҳолат нест. Саъдӣ мегӯяд:

*Доруи тарбият аз пири тариқат биситон,*

*К-одамиро батар аз иллати нодонӣ нест.*

Ҳикмат яъне дарёфтани ҳақоиқи зиндагӣ ва роҳи рости ҳаёт. Худо мефармояд:

**يُؤْتِي الْحِكْمَةَ مَنْ يَشاءُ وَمَنْ يُؤْتَ الْحِكْمَةَ فَقَدْ أُوتِيَ خَيْراً كَثِيراً**

(*Бақара/269*) Яъне Худованд ба он кас, ки бихоҳад ҳикмат ва илм ба ҳақоиқи умур меомӯзад ва он кас, ки ба ӯ ҳикмат дода шавад, хайри бисёре ба ӯ дода шуда.

Ҷаҳолат, ки дар муқобили ҳикмат аст, бар ду қисм аст: басит ва мураккаб. Ҷаҳли басит он аст, ки инсон аз матлабе бехабар бошад, аммо худаш ба бехабарӣ ва ҷаҳолати худ огоҳ аст. Ин қисм ҷаҳолат чандон хатарнок нест, зеро мақрун ба як ҳикмат аст, яъне огоҳӣ ба ҷаҳолат ва нодонӣ. Мегӯянд:

**لا أَدْرِي نِصْفُ الْعِلْمِ**

Яъне доноӣ ва эътироф ба ин ки намедонам, худ ниме аз доноӣ аст. Аммо ҷаҳли мураккаб он аст, ки инсон ҳақиқати чизеро намедонад ва як ақидаи ғалате дар бораи ӯ пайдо карда ва хаёл мекунад, ки ин мавҳуми зеҳнии ӯ ҳақиқати амр аст.

Аз инҷо ба аҳаммияти натиҷаи беъсати пайғамбарони илоҳӣ метавон пай бурд. Бархе мардумони соддалавҳ ҳадаф ва ғарази беъсати пайғамбаронро дар миёни умури моддӣ ҷустуҷӯ мекунанд, масалан хаёл мекунанд, ки пайғамбарон омадаанд, ки роҳи тиҷорат ва касб ва ё санъат ва фаннро ба мардум биёмӯзанд. Вале хайр, ҳикмати омадани пайғамбарон болотар аз инҳост; ӯ чизе (аст), ки асос ва пояи аслии ҳамаи саодатмандиҳо ва хушбахтиҳост, ӯ марбут ба ислоҳи руҳ ва ӯҳдадории симати ҳидоят ва роҳнамоии мардум аст. Қуръони Маҷид яке аз ғоёт ва натоиҷи беъсати Пайғамбари Акрамро таълими ҳикмат муаррифӣ мекунад:

**هُوَ الَّذِي بَعَثَ فِي الْأُمِّيِّينَ رَسُولاً مِنْهُمْ يَتْلُوا عَلَيْهِمْ آياتِهِ وَيُزَكِّيهِمْ وَيُعَلِّمُهُمُ الْكِتابَ وَالْحِكْمَةَ وَإِنْ كانُوا مِنْ قَبْلُ لَفِي ضَلالٍ مُبِينٍ**

(*Ҷумъа/2*) Яъне Худост, ки аз миёни мардуми ҷоҳил ва дарснахонда пайғамбаре мабъус фармуд, ки оятҳои Худоро бар мардум тиловат мекунад ва онҳоро дар ноҳияи руҳ ва ахлоқ, поку покиза мекунад ва ба онҳо китоб ва ҳикмат меомӯзад.

Иншоаллоҳ дар рӯзҳои оянда дар атрофи ин мавзӯъ муфассалтар сӯҳбат хоҳем кард.

والسلام عليكم ورحمة الله وبركاته

## Ҳар чиз зоҳире дорад ва ботине

يا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا اسْتَجِيبُوا لِلَّهِ وَلِلرَّسُولِ إِذا دَعاكُمْ لِما يُحْيِيكُمْ

(*Анфол/24*)

Инсон дар ҳар чизе, ки назар мекунад, бояд назари худро танҳо мутаваҷҷеҳи зоҳир ва қолаби он чиз накунад, балки ботин ва руҳи он чизро мавриди таваҷҷӯҳ худ қарор диҳад. То вақте, ки назари инсон фақат ба завоҳир ва қаволиби ашё маътуф аст, аз шинохтани ҳақоиқи умур маҳрум ва дар амал низ наметавонад аз фавоид ва манофеъ ва хавосси умур баҳраманд ва мунтафеъ гардад.

Баъзе ашхос табъан зоҳирбинанд, рангу рӯйи зоҳири як матоъ ё ҷалолу шукӯҳи зоҳири як имора ё ҳусни зоҳир ва қиёфа ва ҳайкали як инсон фавран назарашонро ҷалб ва руҳи онҳоро хозеъ месозад, ҳамон зоҳирро милоки қазоват ва милоки амал қарор медиҳанд. Аммо баъзе дигар муҳаққиқ ва кунҷкованд, ба дидани завоҳир қаноат намекунанд, обуранг ва ҷалолу шукӯҳи зоҳирии як чиз онҳоро водор ба қазоват намекунад, ҳамеша саъй мекунанд худро ба бавотин ва руҳи ашё наздик кунанд.

Ҳар чизе дар ин ҷаҳон зоҳир ва қолабе дорад ва маъно ва ботине. Ҳатто худи маҷмӯаи ҷаҳони ҳастӣ як зоҳир ва намуде дорад ва як руҳ ва ботине. Зоҳир ва қолаби ҷаҳони ҳастӣ, ҳамин намудҳо ва падидаҳои маҳсусе, ки ба ҳавосси мо дармеоянд; ҳамин ситорагон, ҳамин шумусу ақмор, ҳамин замин ва дарахтон ва кӯҳҳо ва дарёҳо ва ҳайвонҳо ва инсонҳо, мо ин қисмати зоҳири ҷаҳони ҳастиро ба номи олами табиат ё олами дунё мехонем. Аммо ботини ҷаҳони ҳастӣ иборат аст аз ғайб ва малакут, ки ҳоким ва мусайтир бар табиат ва гардонанда ва мудаббири он аст:

يُدَبِّرُ الْأَمْرَ مِنَ السَّماءِ إِلَى الْأَرْضِ

(*Саҷда/5*)

*Осмонҳост дар вилояти ҷон,*
*Корфармои осмону ҷаҳон.*
*Дар раҳи руҳ пасту боло ҳаст,*
*Кӯҳҳои баланду дарё ҳаст.*
*(Саноӣ)*

Қуръони Карим дар аввали сураи Бақара, аҳли имонро ин тавр васф мекунад:

**الَّذِينَ يُؤْمِنُونَ بِالْغَيْبِ**

(*Бақара/3*) Онон, ки ба ғайб ва малакут имон пайдо кардаанд. Ва руҳияи даҳрийин ва моддигароёнро, ки фикрашон аз ҳудуди завоҳири табиат боло нарафта, ин тавр таҳлил мекунад:

**يَعْلَمُونَ ظاهِراً مِنَ الْحَياةِ الدُّنْيا وَهُمْ عَنِ الْآخِرَةِ هُمْ غافِلُونَ**

(*Рум/7*) Яъне инон ба ҳамин завоҳир ва намудҳо, ки иборат аз ҳаёти олами дунёст расида ва мӯътақид шудаанд, аммо аз олами охират, ки дар моварои ин завоҳир ва намудҳост, дар ғафлат ва бехабарӣ ба сар мебаранд.

Ҳар чизе то руҳу ботинаш маҳфуз аст, қобили давом аст. То руҳу ботин маҳфуз аст, агар нуқсон ва касре дар зоҳир пайдо шавад, қобили ҷуброн аст, аммо агар руҳу ботин аз байн рафт, он чиз хоссияти худро аз даст медиҳад. Аз зоҳири бе ботин ва қолаби бе руҳ коре сохта нест.

Зоҳиру ботин ва руҳу қолаб ва мағзу пӯст тавъам бо якдигар ва ҳамроҳ бо якдигаранд. Риояти ҳар ду ҷанба воҷиб ва лозим аст. Яке аз умуре, ки монанди соири ашё зоҳир ва қолабе дорад ва руҳу ботине, худ дин аст. Зоҳири дин иборат аст аз анҷоми аъмол ва афъоли зоҳирӣ, ки аз тарафи шореъи муқаддас дастури онҳо расидааст ва албатта ҳар як аз онҳо дар ҷойи худ лозимулиҷрост. Аммо руҳи дин иборат аст аз равшан шудани замир ва ботин ба нури имон ва ирфон. Алӣ алайҳис салом мефармояд:

**أَوَّلُ الدّينِ مَعْرِفَتُهُ**

(*"Наҳҷул-балоға", хутбаи 1*) Пояи аввали дин ва санги аввали бинои дин, маърифат ва шиносоии зоти аҳадият аст.

Шахсе омад хидмати мавлои муттақиён Алӣ алайҳис салом ва арз кард:

**هَلْ رَأَيْتَ رَبَّك**

Оё парвардигори хешро дидаӣ? Фармуд:

**لَمْ أعْبُدْ رَبّا لَمْ أرَهُ**

Ман ҳаргиз Худоеро, ки надида бошам бандагӣ накардаам.

**لَمْ تَرَهُ الْعُيونُ بِمُشاهَدَةِ الْعِيانِ وَلكِنْ رَأَتْهُ الْقُلوبُ بِحَقائِقِ الْأيمانِ**

(*"Наҳҷул-балоға", хутбаи 177*) Аммо эй мард! Бидон, ки ин чашмҳо, ки дар сарҳо қарор гирифта наметавонад Худоро бибинад, дилҳост, ки бо нури имон ӯро мушоҳида мекунанд.

**لا تُدْرِكُهُ الْأَبْصارُ وَهُوَ يُدْرِكُ الْأَبْصارَ وَهُوَ اللَّطِيفُ الْخَبِيرُ**

(*Анъом/103*) Чашми дил боз кун, ки ҷон бинӣ.

Дил агар ба нури ирфон мунаввар шуд, авҷ мегирад, шодии хотир меоварад, монанди ин аст, ки аз ҳуҷраи торике ба гулистони мусаффое қадам гузошта бошад, олому кудуратҳо ва ранҷҳо, ки натиҷаи маҳдудияти руҳ аст, аз байн меравад, хушбинӣ пайдо мешавад ва ба ҳама чиз меҳр меварзад:

*Ба ҷаҳон хуррам аз онам, ки ҷаҳон хуррам аз Ӯст,*

*Ошиқам бар ҳама олам, ки ҳама олам аз Ӯст.*

*(Саъдӣ)*

Он кас, ки динаш аз ҳудуди анҷоми аъмолу афъоли зоҳирӣ таҷовуз накарда ва қалбаш ба нури ирфон ва муҳаббати зоти ақдаси илоҳӣ мунаввар нагашта, аз хоссиятҳои дин баҳраи вофӣ намебарад. Чунин касеро ба ҳақиқат наметавон мӯъмин хонд. Гурӯҳе аз аъроби бодиянишин, ки тоза ба ислом гаравида буданд, омаданд ҳузури Пайғамбари Акрам ва гуфтанд: ё Расулаллоҳ! Мо имон овардаем. Оят нозил шуд:

**قالَتِ الْأَعْرابُ آمَنَّا قُلْ لَمْ تُؤْمِنُوا وَلكِنْ قُولُوا أَسْلَمْنا وَلَمّا يَدْخُلِ الْإِيمانُ فِي قُلُوبِكُمْ**

(*Ҳуҷурот/14*) Яъне эй пайғамбар! Аъроб муддаии имонанд, ба онҳо бигӯ: шумо иддаои имон накунед, шумо бигӯед, мо ислом овардаем. Зеро имон амре маънавӣ ва нуре аст ботинӣ ва ҳанӯз дар қалби шумо нуфуз накарда, шумо ташрифоти зоҳирии динро, ки аз иқрори забонии шаҳодатайн шурӯъ мешавад амалӣ кардаед.

Як фард ё як ҷомеа вақте аз имтиёзҳои дунёӣ ва охиратии дин баҳраманд мешавад, ки руҳи дин дар ӯ дамида шуда бошад. Руҳи дин аст, ки ба дил сафо ва муҳаббат медиҳад. Руҳи дин аст, ки ақлу фикрро тавсиа медиҳад ва боло мебарад. Руҳи дин аст, ки занги олом ва кудуратҳоро аз дил мезудояд. Руҳи дин аст, ки ҳисси тароҳум ва таъотуф ва меҳрубонӣ ва бародарӣ эҷод мекунад. Руҳи дин аст, ки шахсро тавре месозад, ки аз эсор ва нафъ расондан ба ғайр лаззат мебарад. Агар мо вазъи мусалмонони имрӯзро бо мусалмонони замони Пайғамбари Акрам муқоиса кунем, мебинем дар қисмати ташрифоти зоҳирӣ мо ҷилав ҳастем, он рӯз ин қадр ҳаёҳу ва ҷанҷол ба номи дин набуд, ин қадр ъалам ва роят ва байрақ ва фарёд ба номи дин набуд, ин қадр таблу кӯс набуд, вале дар иваз чизе буд, ки имрӯз нест. Як руҳи имон ва ҳақиқате дар кор буд, як хулус ва самимияте дар кор буд, ки ба осонӣ аз ҷони худ, аз моли худ ва фарзандони худ дар роҳи дин мегузаштанд, он чи дастур аз Пайғамбари Худо мешуниданд, фикре ҷуз амал кардан надоштанд, якпорча ишқ ва шӯр ва ҳаяҷон ва яқин буданд, ишқи илоҳӣ ва шӯри

худоӣ. Пайғамбари Акрам ба яке аз асҳоби худ убур мекунад. Дар ранги рухсор ва вазъи чашмҳо ва нигоҳҳояш замири ошуфтаашро хонда, мепурсад:

كَيْفَ أَصْبَحْتَ

Чӣ гуна субҳ кардӣ ва ҳолат чӣ гуна аст? Арз мекунад:

أَصْبَحْتُ موقِنا

Субҳ кардам дар ҳоле, ки аҳли яқинам. Аломати яқинат чист? Аломати яқинам ин аст, ки мисли ин аст, ки рӯзи ҳисобро мебинам, аҳли биҳиштро дар биҳишт ва аҳли ҷаҳаннамро дар ҷаҳаннам мушоҳида мекунам:

*Гуфт пайғамбар сабоҳе Зайдро:*
*Кайфа асбаҳт, эй рафиқи босафо!*
*Гуфт: абдан мӯъминан. Боз ӯ-ш гуфт:*
*Ку нишон аз боғи имон, гар шукуфт?*
*Гуфт: ташна будаам ман рӯзҳо,*
*Шаб нахуфтастам зи ишқу сӯзҳо…*
*Гуфт: аз ин раҳ ку раҳоварде? Биёр,*
*Дархури фаҳму уқули ин диёр.*
*Гуфт: халқон чун бибинанд осмон,*
*Ман бибинам аршро бо аршиён.*
*Ҳашт ҷаннат, ҳафт дӯзах пеши ман*
*Ҳаст пайдо ҳамчу бут пеши шаман…*
*Ҷумларо чун рӯзи растохез ман*
*Фош мебинам аён аз марду зан.*
*Ҳин, бигӯям ё фурӯ бандам нафас?*
*Лаб газидаш Мустафо, яъне ки бас.*
*(Мавлоно)*

Руҳи дин ва ҳақиқати имон буд, ки дар камтар аз ним қарн ҷаҳонеро мусаххар кард. Худованд аз Қуръони Карим таъбир ба “руҳ” мекунад:

وَكَذلِكَ أَوْحَيْنا إِلَيْكَ رُوحاً مِنْ أَمْرِنا ما كُنْتَ تَدْرِي مَا الْكِتابُ وَلاَ الْإيمانُ

(*Шӯро/52*)

يا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا اسْتَجِيبُوا لِلّهِ وَلِلرَّسُولِ إِذا دَعاكُمْ لِما يُحْيِيكُمْ

(*Анфол/24*)

Роҳнамоёни ҳақиқӣ ва нигаҳбонони ҳақиқии дини мубини ислом онҳое буда ва ҳастанд, ки бо илми худ ва амал ва муҷоҳада ва тақвои худ ва бо баён ва қалами худ руҳ диёнатро ҳифз мекунанд. Алӣ алайҳис салом дар зимни ҷумлаҳои маъруфе, ки ба Кумайли Нахаъӣ талқин мекунад мефармояд:

اللّهُمَّ بَلى لا تَخْلُو الْاَرْضُ مِنْ قائِمٍ لِلّهِ بِحُجَّةٍ إِمّا ظاهِرًا مَشْهورًا وَإِمّا خائِفًا مَغْمورًا

Замин холӣ аз ҳуҷҷат нест, ё зоҳир ва ошкор ва ё хоиф ва пинҳон. Кори ин ҳуҷҷатҳои илоҳӣ ин аст, ки далоил ва оятҳои илоҳиро ҳифз мекунанд:

يَحْفَظُ اللَّهُ بِهِمْ حُجَجَهُ وَبَيِّنَاتِهِ

Инҳо ҳофизи ҳуҷҷатҳо ва далоили илоҳӣ ҳастанд.

وَيَزْرَعُوهَا فِي قُلُوبِ أَشْبَاهِهِمْ

(*“Наҳҷул-балоға”, ҳикмати 147*) Инҳо базри имонро дар қалби касоне, ки мустаъиддand мекоранд.

Худи Алӣ алайҳис салом ва авлоди тоҳиринаш дар саффи аввал ва муқаддами касоне буданд, ки нозир ва ҳофизи руҳи дин буданд. Назаре ба сира ва равиши онҳо биандозед ва хадамоти онҳоро ба олами маънавиёти ислом бибинед. Хадамоте, ки шахси Алӣ алайҳис салом аз роҳи баён ва хитоба ва таълими шогирдон ё дар мақоми ҷавоби суолот ва ҳалли мушкилот ва ё аз роҳи нишон додани ҳақиқати ислом бо тақво ва амали хеш анҷом дод, фаромӯшнашуданӣ аст ва монанди хуршед дар сафаҳоти таърих медурахшад. Алӣ ва оли Алӣ барои ҳифзи диёнат аз ҳеч гуна фидокорӣ дареғ накарданд. Амали фарзанди бузургвори Алӣ, ҳазрати Абӯабдиллоҳ Ҳусайн алайҳис салом беҳтарин шоҳид ва гувоҳ бар матлаб аст. Абӯабдиллоҳ ба коре икдом кард, ки аз назари худбинон худкушӣ ва интиҳор буд, зеро кушта шудани он ҳазрат дар ин сафар ба қадре возеҳ буд, ки на танҳо худаш, балки ҳар кас мешунид тасдиқ мекард. Пай дар пай меомаданд ва он ҳазратро аз ин мусофират манъ мекарданд ва далелашон ин буд, ки ҷонаш дар хатар аст, аммо Абӯабдиллоҳ ба ин суханон гӯш намедод ва далелаш ин буд, ки ҷони ҷонаш дар хатар аст. Абӯабдиллоҳ собит ва мудаллал кард, ки дар мақоми мубориза бо куфр ва омилҳои зидди дин ва дар мақоми амр ба маъруф ва наҳй аз мункар то пойи ҷон бояд рафт. Охируламр дар ҷавоби яке аз он касоне, ки исрор мекард, ки он ҳазрат аз ин сафар худдорӣ кунад, ин ашъорро қироат кард, ки гӯяндаи он як марди ансорӣ аст ва ҳангоме, ки бародараш ӯро аз ёрӣ кардани Пайғамбар манъ мекард иншо карда буд:

سَأمضي وَما بِالْمَوْتِ عارٌ عَلَى الْفَتى
إذا ما نَوى حَقّا وَجاهَدَ مُسْلِما
وَواسَى الرِّجالَ الصّالِحِينَ بِنَفْسِهِ
وَفارَقَ مَثْبورا وَخالَفَ مُجْرِما
فَإِنْ عِشْتُ لَمْ أنْدَمْ وَإِنْ مِتُّ لَمْ أُلَمْ
كَفى بِكَ ذُلاًّ أنْ تَعيشَ وَتُرْغَما

Яъне ман ҳатман хоҳам мурд, марг барои ҷавонмард дар сурате, ки (нияти) хайр дошта бошад ва бо ишқу алоқа бихоҳад ҷиҳод кунад, айб ва ор нест, марг барои касе, ки меҳоҳад қадам ҷойи қадами мардони шоиста бигузорад ва аз шақоваткорӣ дурӣ гузинад ва бо гуноҳкорӣ мухолифат варзад нанг нест, балки ифтихор аст, ман агар дар ин сафар зинда бимонам, накӯҳише бароям нест ва агар ҳам бимирам, ҷойи сарзаниш нест, ин зиллат барои ту кофӣ аст, ки зинда бимонӣ дар ҳоле, ки махзулу манкуб бошӣ ва натавонӣ дар роҳи мақсади хеш қадаме бардорӣ.

Дар васиятномае, ки мавқеъи ҳаракат аз Мадина ба бародараш Муҳаммад ибни Ҳанафия навишт, ҷаҳониёнро аз ҳадаф ва мақсади хеш огоҳ сохт. Дар онҷо пас аз иқрор ба ваҳдонияти Ҳақ ва нубуввати Пайғамбари Хотам ва рӯзи ҳисоб, ин ҷумлаҳоро дарҷ фармуд:

إنّي لَمْ أَخْرُجْ أَشِرا وَلا بَطِرا وَلا مُفْسِدا وَلا ظالِما وَإِنَّما خَرَجْتُ لِطَلَبِ الْاَصْلاحِ في أُمَّةِ جَدّي صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَآلِهِ، إِنّى أُرِيدُ أنْ آمُرَ بِالْمَعْروفِ وَأنْهى عَنِ الْمُنْكَرِ وَأَسيرَ بِسيرَةِ جَدّي وَأبي عَلِيِّ بْنِ أَبي طالِبٍ

والسلام عليكم ورحمة الله وبركاته

## Зуҳури ҳидоят баъд аз залолат

بسم الله الرحمن الرحيم

وَعَلاماتٍ وَبِالنَّجْمِ هُمْ يَهْتَدُونَ

(*Наҳл/16*)

Яке аз мазоҳири лутфу раҳмати илоҳӣ ин аст, ки ҳеҷ гоҳ башарро дар торикии мутлақ намегузорад. Дар он ҳангоме ҳам, ки зулмат ва торикӣ фазои осмони саодати башарро

иҳота карда, ситорагони дурахшандае нурафшоӣ мекунанд ва ҷиҳатро нишон медиҳанд. Ва агар аҳёнан ба воситаи пайдоиши абрҳо муваққатан торикии мутлақ ҳукмфармоӣ кунад, дере нахоҳад пойид, ки хуршеди оламтобе лашкари зулматро яксара ҳазимат намояд: поёни шаби сияҳ сафед аст.

Ҳамвора он вақте, ки зулмати ботил ҳама ҷойи ҷаҳонро фаро гирад, мавқеъи тулӯъи найирҳои аъзами илоҳӣ аст. Амирулмӯъминин дар "Наҳҷул-балоға" асри зуҳури найири аъзами ислом ва тулӯи офтоби муқаддаси хотами анбиёро ин тавр шарҳ медиҳад:

أرسله على حين فترة من الرسل و طول هجعة من الامم و انتقاض من المبرمِ

(*"Наҳҷул-балоға", хутбаи 156*)

وَتَلَظٍّ مِنَ الْحُرُوبِ، وَالدُّنْيَا كَاسِفَةُ النُّورِ ظَاهِرَةُ الْغُرُورِ عَلَى حِينِ اصْفِرَارٍ مِنْ وَرَقِهَا وَإِيَاسٍ مِنْ ثَمَرِهَا

(*"Наҳҷул-балоға", хутбаи 87*)

Яъне Худованд ин хуршедро ҳангоме толеъ сохт, ки муддатҳо буд ситорае аз уфуқи нубувват толеъ нашуда буд ва умам ва милали олам дар хоби сангине фурӯ рафта буданд, танӯри ҷангу ситезҳо доғ буд ва дунёро торикӣ фаро гирифта буд; аз гиребони чунин зулмате дасти қудрати илоҳӣ чунин хуршедеро толеъ сохт.

Пайдоиши риҷоли Ҳақ дар хилоли зулмҳо ва беадолатиҳо ва куфрҳо, дуруст ба манзилаи пайдоиши барқи умеде аст дар дил дар ҳоле, ки дар асари рӯ овардани шадоид ва балоё яъсу ноумедӣ руҳи инсонро иҳота кунад. Дар ҳини ин ки ғамҳо ва ноумедиҳо аз ҳар тараф бар дил соя меафканд, якмартиба аз як гӯша аз гӯшаҳо ва як зовия аз завоёи дил — ки худи инсон ҳам бехабар аст — барқи умеде меҷаҳад ва сояҳои ғаму андӯҳро зоил месозад. Зуҳур ва пайдоиши риҷоли Ҳақ, дуруст ба манзилаи ҷаҳидани барқи умед аст дар олами замир ва ҷаҳони дили инсон.

Мутобиқи мӯътақадоти динӣ, яке аз сунани илоҳӣ ин аст, ки ҳеч гоҳ риштаи роҳнамоёни илоҳӣ, ки машъалдорони роҳи Худо ҳастанд қатъ намешавад. Алӣ алайҳис салом дар зимни ҷумлаҳои маъруфе, ки хитоб ба Кумайл мекунад ва дар "Наҳҷул-балоға" мазбут аст мефармояд:

اللّهُمَّ بَلى لا تَخْلُو الْأَرْضُ مِنْ قائِمٍ لِلّهِ بِحُجَّةٍ إمّا ظاهِرًا مَشْهورًا وَإمّا خائِفًا مَغْمُورًا

(*"Наҳҷул-балоға", ҳикмати 147*)

# Ишқи илоҳӣ

الَّذِينَ آمَنُوا وَتَطْمَئِنُّ قُلُوبُهُمْ بِذِكْرِ اللهِ أَلا بِذِكْرِ اللهِ تَطْمَئِنُّ الْقُلُوبُ

(*Раъд/28*)

Амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом касонеро, ки дар роҳи Худо гом бармедоранд ва вазоифи илоҳии хешро анҷом медиҳанд, аз лиҳози вазъи руҳӣ ва иллатҳои иқдом ба анҷоми вазифа дастабандӣ мекунад ва онҳоро ба се даста тақсим менамояд, мефармояд: онон, ки Худоро бандагӣ мекунанд се дастаанд:

1) Як даста онҳое, ки манзур ва мақсудашон аз тоъат ва бандагии ҳазрати Ҳақ, расидан ба подошҳо ва аҷрҳо ва савобҳои илоҳӣ аст. Ин даста аз мардум дар бандагии худ тиҷоратпешаанд ва ибодати онҳо шабеҳи аъмоли бозаргонии бозаргонон аст, ки фаъолиятҳояшон ҷанбаи муомила ва муовиза дорад ва ба тамаъи суд даст ба кор мешаванд. Муҳаррики руҳии ин даста аз мардум ҷалби манфиат ва судбарӣ аст;

2) Дастаи дуввум касоне ҳастанд, ки аз тарси уқубат ва муҷозоти илоҳӣ Худоро бандагӣ мекунанд ва назарашон ба уқубатҳо ва муҷозотҳое аст, ки дар мухолифати амрҳо ва наҳйҳои ҳазрати Ҳақ ҳаст. Ин даста дар ибодат ва бандагии худ навкарпешаанд ва бандагии онҳо шабеҳи итоъати зердастон аз забардастон ва ғуломон аз арбобон аст, ки муҳаррики онҳо дар амал, тарс аз уқубат ва муҷозот аст;

3) Дастаи севвум касоне ҳастанд, ки ба ҳеч як аз ин умур назар надоранд ва муҳаррики онҳо дар амал на аҷр ва подош ва судбарӣ аст ва на интиқом ва азоб ва кайфар аст, на чашм ба аҷру савоб ва биҳишт ва ҳурулайн дӯхтаанд ва на тарс аз ҷаҳаннам ва азобҳои қиёмат онҳоро водор ба амал кардааст. Инҳо касоне ҳастанд, ки худро ғарқ дар эҳсонҳо ва неъматҳои илоҳӣ мебинанд ва қалбашон муҳаббати зоти ақдаси илоҳиро эҳсос кардааст. Инҳо Худоро аз он ҷиҳат, ки шоистаи маҳбубият ва маъбудият ва ситоиш аст, аз он ҷиҳат, ки манбаъи камол ва ҷамол ва баҳост ва ягона ҳақиқате аст, ки шоистаи тамҷид ва ситоиш ва хузӯъ ва ниёиш аст ибодат мекунанд. Ин даста аҳрор ва озодагонанд ва дар бандагии худ ошиқпешаанд.

Даста аввал далели ибодаташон ивазе аст, ки аз дасти маъбуд мегиранд ва дар ҳақиқат маъбуд ва матлубашон ҳамон иваз ва ҳамон суд аст монанди ҳамаи муомилагарон ва савдогарон. Ва далели ибодати дастаи дуввум муҷозоте аст, ки дар мухолифати амрҳо ва наҳйҳои ҳазрати Ҳаст монанди ҳамаи зердастон нисбат ба забардастон. Аммо далели ибодати дастаи севвум камол ва ҷамол ва шоистагии ҳазрати маъбуд ва ишқ ва алоқаи ботинӣ аст, ки дар даруни худашон вуҷуди онро эҳсос мекунанд.

Авлиёи Ҳақ аз дастаи севвуманд, тамоми дунё ва мофиҳо ва тамоми неъматҳои ухравӣ арзиши он лаҳзаеро надорад, ки худро ба Худо наздик мебинанд ва бо ёди зоти муқаддаси ӯ маънусанд:

*Хилофи тариқат бувад, к-авлиё,*

*Тамано кунанд аз Худо ҷуз Худо.*

*Гар аз дӯст чашмат ба эҳсони ӯст,*

*Ту дар банди хешӣ, на дар банди дӯст.*

*(Саъдӣ)*

Барои онҳо ҳеч мавҷуде шоистаи таваҷҷӯҳ ва алоқа ва меҳрварзӣ ҷуз зоти ақдаси аҳадият нест. Иброҳими Халил дар сайри руҳонии хеш аввал мутаваҷҷеҳи ситора ва баъд мутаваҷҷеҳи моҳ ва сипас мутаваҷҷеҳи хуршед шуд ва ҳамин ки ҳамаи онҳоро дар маърази завол ва уфул ва ғуруб дид, гуфт: ҳеч як аз инҳо шоистаи таваҷҷӯҳ ва шоистаи ин ки борандози дили ман бошад нест, ман рӯйи дил худро мутаваҷҷеҳи он зоте мекунам, ки гардонандаи ҳама ин чархҳо ва падидоварандаи ҳамаи ин зебоиҳо ва равшаниҳост:

**وَجَّهْتُ وَجْهِيَ لِلَّذِي فَطَرَ السَّماواتِ وَالْأَرْضَ حَنِيفاً وَما أَنَا مِنَ اَلْمُشْرِكِينَ**

(*Анъом/79*)

Иброҳим гуфт:

**لا أُحِبُّ الْآفِلِينَ**

(*Анъом/76*) Ман ҳар чиро, ки дар маърази уфул ва завол бошад, шоистаи дӯстӣ намедонам.

Мӯсо ибни Имрон алайҳис салом ҳангоме, ки бо ҷамъе аз қавми худ ба ҷониби Тур барои шунидани каломи илоҳӣ мерафт, дар рафтан шитоб мекард ва қабл аз қавми худ ба миъодгоҳ расид. Мутобиқи нақли Қуръони Карим, хитоб расид: эй Мӯсо! Чӣ қадр бо аҷала ва шитоб омадӣ ва қавми худро пушти сар гузордӣ:

**وَما أَعْجَلَكَ عَنْ قَوْمِكَ يا مُوسى**

Арз кард:

**هُمْ أُولاءِ عَلى أَثَرِي وَعَجِلْتُ إِلَيْكَ رَبِّ لِتَرْضى**

(*Тоҳо/84*) Парвардигоро! Қавми ман аз пушти сар меоянд ва ризо ва хушнудии туст, ки маро ҷазб карда ва ба суръат инҷо кашид:

*Ҷамоли Каъба чунон медавонадам ба нишот,*

*Ки хорҳои муғелон ҳарир меояд.*

*(Саъдӣ)*

Алӣ ибни Абӯтолиб алайҳис салом ба Худо арз мекунад:

إلهي ماعَبَدْتُكَ خَوْفًا مِنْ نارِكَ وَلا طَمَعًا في جَنَّتِكَ بَلْ وَجَدْتُكَ أَهْلاً لِلْعِبادَةِ فَعَبَدْتُكَ

(*"Биҳор ал-анвор", ҷ.67, с.234*) Парвардигоро! Ман туро на аз ҷанбаи тарс аз дӯзах ва на аз назари тамаъ ба биҳишт ибодат кардам, ибодати ман фақат аз назари ин аст, ки сазовор ситоиш ва ниёиш ва ибодат ва парастиш ҳастӣ.

Ҳисоби он кас, ки ба Худо ишқ меварзад ва ошиқона ӯро парастиш мекунад, бо ҳисобҳои тиҷоратпешагон ва навкарпешагон ҷудост:

*Миллати ишқ аз ҳама динҳо ҷудост,*

*Ошиқонро миллату мазҳаб Худост.*

*(Мавлоно)*

Дар маслаку мазҳаби ошиқ, муомила ва муовиза ва ҳисоби суду зиён нест, он ҷо, ки пойи ҳисоби суду зиён дар миён аст, ҷойи ҳукумати худпарастӣ аст ва он ҷо, ки султони ишқ хайма зад, хирмани худпарастӣ месӯзад, ҳисоби суду зиён аз миён меравад, он ҷо мақоми фано аз худ ва бақо ба маҳбуб аст.

Орзу ва ифтихори Худопараст ғайр аз орзу ва ифтихори худпараст аст. Алӣ алайҳис салом ҳеч орзуе болотар аз ғалтидан дар хуни худ дар роҳи Худо ва ҳеч ифтихоре бузургтар аз шикофта шудани фарқаш дар ҳоли ибодат намедид. Алӣ мегуфт:

لَألْفُ ضَرْبَةٍ بِالسَّيْفِ عَلى رَأْسى أهْوَنُ عَلَيَّ مِنْ ميتَةٍ عَلى فِراشٍ

Яъне ҳазор зарбат, ки бар фарқам ворид шавад, беҳтар аст аз ин ки дар бистар бимирам. На танҳо Алӣ чунин буд, фарзандони бузургвораш низ чунин буданд, балки шогирдони мактаби тарбиятии ӯ низ чунин буданд.

Дар яке аз мусофиратҳои мавлои муттақиён, ҳамин ки ба сарзамини Карбало расид, ишора ба замин кард ва гуфт:

مُناخُ رُكّابٍ وَمَصارِعُ عُشّاقٍ

(*Нафасул-маҳмум, с.110*) Инҷо фурудгоҳи роҳилаҳое ва хобгоҳи ошиқпешгоне аст. Алӣ алайҳис салом асҳоби Ҳусайнро, ки баъдҳо хоҳанд буд, ушшоқ таъбир кард.

Муқовамат ва ҷонбозиҳои он рӯзи Сайидушшуҳадо алайҳис салом ва ёрони бузургвораш аз ин қисми бандагӣ аст, яъне аз манбаъи ишқ сарчашма мегирифт ва аз ин рӯ аз ҳудуди як набарди оддӣ ва ҷиҳоди маъмулӣ хеле бартар буд…

Обис ибни Абишабиби Шокирӣ яке аз ёрони ҷонбози Ҳусайн аст, дар рӯзи Ошӯро омад ҳузури Абӯабдиллоҳ ва арз кард: ё Абӯабдиллоҳ! Дар тамоми рӯйи замин аз хеш ва бегона касе пеши ман аз ту азизтар ва маҳбубтар нест ва агар ман чизе аз ҷонам азизтар

медонистам, ки ӯро қурбони ту кунам мекардам. Он вақт ба унвони видоъ саломе кард ва арз кард:

السَّلامُ عَلَيْكَ يا أبا عَبْدِالله

— ва ба майдон рафт. Обис марде буд ба шуҷоат ва шаҳомат ва мардонагӣ маъруф; ҳамин ки ба майдон рафт, мубориз талабид. Лашкариёни Умари Саъд бо якдигар гуфтанд:

هذا أسَدُ الأسْودِ، هذا عابِسُ بْنُ أبي شَبيب

Ин шери шерон Обис аст ва касе ба майдони ӯ наравад, ки ҳалок хоҳад шуд. Касе ҷуръат накард яктана ба муборизааш биёяд, аз тариқи ҷавонмардӣ хориҷ шуданд ва Обисро сангборон карданд. Обис, ки чунин ноҷавонмардиро аз онҳо дид, фавран аслиҳаи ҷангро ба замин рехт ва либосҳо канд ва бараҳна шуд ва бараҳна ба истиқболи марг рафт:

*Бе худу бе зиреҳ бадар омад, ки маргро*

*Дар бари бараҳна мекишам инак чу наварӯс.*

Дар он ғавғои маҳшари рӯзи Ошӯро Бурайр ибни Хузайр бо Абдурраҳмон ибни Абдураббиҳӣ шӯхӣ ва хушмаззагӣ мекард. Абдурраҳмон гуфт: эй Бурайр! Имрӯз рӯзи шӯхӣ нест. Бурайр гуфт: ҳама медонанд, ки ман дар ҳамаи умр аҳли шӯхӣ ва ҳазл набудаам, вале имрӯзро, ки саодати шаҳодат дар роҳи Худоро дар оғӯш мебинам, рӯзи шодмонии худам мебинам.

Алӣ ибни Ҳусайн алайҳис салом фармуд: дар миёни асҳоби Ҳусайн баъзе буданд, ки чун мавъид наздиктар мешуд, тарс ва изтиробашон зиёд мешуд, вале худи Абӯабдиллоҳ ва иддаи дигар ҳар чи мавъид наздиктар мешуд, шукуфтатар ва мутмаинтар мешуданд. Баъзе гуфтанд: Ҳусайнро бибин, мисли ин ки аз марг бок надорад. Абӯабдиллоҳ фармуд:

صَبْرًا بَنِي الْكِرامِ، فَمَا الْمَوْتُ اِلاّ قَنْطَرَةٌ تَعْبُرُ بِكُمْ عَنِ الْبُؤْسِ وَالضَّرّاءِ اِلَى الْجِنانِ الْواسِعَةِ

(*Луҳуф, с.69*) Яке аз нозирини саҳна Карбало гуфт:

فَوَاللهِ ما رَاَيْتُ مَكْثورًا قَطُّ قَدْ قُتِلَ وُلْدُهُ وَأَهْلُ بَيْتِهِ وَجَميعُ أَصْحابِهِ أَرْبَطَ جَأْشا مِنْهُ

(*Ҳамон*)

Руҳияи Абӯабдиллоҳ дар саҳнаи Карбало дӯсту душманро ба ҳайрат андохта буд ва аз ин рӯ ҳам аз тарафи дӯстон ва ҳам аз тарафи душманон мавриди баҳсу гуфтугӯ воқеъ шуд…

Ин вазъи сабот ва итминони Абӯабдиллоҳ бинандагони таърихро низ дар қарнҳо баъд ғарқ дар ҳайрат ва шигифт карда, ки руҳи фарзанди Одам то куҷо ва то чӣ ҳадд бузург

ва шариф ва қавӣ ва мутмаин мегардад! Ба қадре башошат бар чеҳрааш буд, ки ҳатто пас аз ҷудо шудани сари муқаддасаш ровӣ гуфт:

لَقَدْ شَغَلَني نورُ وَجْهِهِ عَنِ الْفِكْرَةِ في قَتْلِهِ

Оре,

الَّذينَ آمَنوا وَتَطْمَئِنُّ قُلوبُهُمْ بِذِكْرِ اللهِ أَلا بِذِكْرِ اللهِ تَطْمَئِنُّ الْقُلوبُ

Худовандо! Ба ҳаққи Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом партаве аз нури муқаддаси ҳусайнӣ ба қалби мо бифирист!

والسلام عليكم ورحمة الله وبركاته

## Сабр (1)

وَإِنْ تَصْبِرُوا وَتَتَّقُوا فَإِنَّ ذٰلِكَ مِنْ عَزْمِ الْأُمُورِ

(*Оли Имрон/186*)

Яке аз сифоте, ки ҳам ақл онро меситояд ва ҳам китоби осмонии мо, Қуръони Маҷид онро мадҳу ситоиш карда, сифати сабр аст. Калимаи "сабр" чун зиёд дар муҳовирот истеъмол мешавад ва рӯзе нест, ки инсон чанд бор онро ба забон наоварад ё аз забони дигаре нашунавад, хаёл мекунад маъноящро медонад, яъне он маъноеро, ки мавриди тамҷиди ақл ва ахлоқ ва дин аст медонад ва ҳол он ки иштибоҳ аст ва камтар касе аст, ки сабрро ба маънои маҳмуди худ дарк карда бошад ва онро тамҷид кунад ва мутаассифона мебинем, ки ғолибан мардум маънои дигареро ба номи сабр дар назар мегиранд, ки қобили ситоиш нест ва онро меситоянд.

Ин гуна иштибоҳот яъне иштибоҳ дар маънои сифоти ҳамида, бисёр воқеъ мешавад ва бисёр ҳам гарон тамом мешавад. Дуруст мисли ин аст, ки мариз давои мӯҷиби сиҳҳат ва офияти худро бо давои дигаре, ки сад дар сад зиёновар аст ва маразашро ташдид мекунад, иштибоҳ намояд. Дар амрози ҷисмонӣ ин гуна иштибоҳот ба нудрат воқеъ мешавад, вале дар амрози руҳонӣ чун сару кор бо умури ғайри ҳиссӣ аст, бисёр воқеъ мешавад ва бар ӯҳда пизишкони руҳӣ аст, ки ин иштибоҳотро рафъ кунанд.

Барои намунаи иштибоҳот ва иштибоҳкориҳое, ки воқеъ шуда, ба зикри чанд мавриди таърихӣ мепардозам:

Дар ҷанги Сиффин, ки дар ҳудуди як солу ним байни пайравони амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом ва пайравони Муовия ибни Абӯсуфён ҷанги хунин барпо буд, охируламр кор ба ҳакамият кашид ва дар вақте, ки лашкари Муовия наздик буд шикасти қатъӣ

бихӯранд, пешниҳоди ҳакамият карданд. Ва амирулмӯъминин алайҳис салом шахсан бо ҳакамият мухолиф буд, вале иддаи зиёде аз асҳоби Имом бо ин кор назари мувофиқ доданд ва истодагӣ карданд ва Алӣ алайҳис салом иҷборан ризо дод. Баъд аз қарори ҳакамият иддае аз зуҳдмаобони асҳоби Алӣ — ки баъдҳо ба номи Хавориҷ номида шуданд ва беш аз ҳама дар амри ҳакамият исрор карда буданд — мӯътақид шуданд, ки аслан қарори ҳакамият бар хилофи шариат аст, балки идли (баробари) куфр аст, зеро маънои ҳакамият ин аст, ки ду нафар башар биншинанд ва раъй бидиҳанд ва байни дигарон ҳукм кунанд ва ба насси Қуръони Маҷид ҳукм мунҳасир ба Худост:

إِنِ الْحُكْمُ إِلاّ لِلّهِ

(*Юсуф/40 ва 67*) Он кас, ки байни бандагони Худо ҳукм мекунад, фақат Худост. Ин ҷамъият аз амали собиқи худ тавба ва истиғфор карданд ва ҳар касеро ҳам, ки ба ин амал ризо дода буд, маҷбур ба истиғфор мекарданд ва шиори худро ин ҷумла қарор доданд:

لا حُكْمَ اِلاّ لِلّهِ

— ва омаданд пеши мавлои муттақиён ва гуфтанд: ту низ бояд эътироф ба гуноҳ бикунӣ ва истиғфор кунӣ. Ҳазрат фармуд: аввалан, ман ба ҳакамият ризо надодам ва шумо будед, ки маро маҷбур кардед. Ва сониян ҳакамият куфр нест ва бидъат ва бар хилофи шариат ҳам нест, ҳеч монеъе надорад, ки як нафар ё ду нафар байни бандагони Худо тибқи дастури Худо ва Қуръон ҳукм кунанд. Ва ин ки шумо мегӯед:

لا حُكْمَ اِلاّ لِلّهِ

— саҳеҳ аст ва ман ҳам қабул дорам, ки ташреъ ва тақнин ба дасти Худост,

لكن كَلِمَةُ حَقٍّ يُرادُ بِهَا الْباطِل

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 40*) Ин калима, калимаи ҳаққе аст, ки маънои ботиле аз он қасд шудааст. Ин ҷумла яъне ҷумлаи:

كَلِمَةُ حَقٍّ يُرادُ بِهَا الْباطِل

— ки аввал бор Алӣ алайҳис салом адо фармуд, баъдҳо ба сурати зарбулмасал даромад ва дар мутлақи мавориди иштибоҳкориҳои лафзӣ оварда мешавад.
Ҷумлаи:

لا حُكْمَ اِلاّ لِلّهِ

— аз он ба баъд шиори Хавориҷ шуд ва чӣ хунҳо, ки баъдҳо таҳти унвони ҳамин шиор ва ҳамин мағлатакорӣ рехта шуд ва шаҳодати шахси амирулмӯъминин алайҳис салом ба

дасти Абдурраҳмон ибни Мулҷам воқеъ шуд, ки аз ҳамин Хаворич буд ва ҳангоме ҳам, ки зарбатро ворид овард, ҳамин шиорро дод ва фарёд кард, ки:

**لا حُكْمَ اِلاّ لِلّهِ**

[9] Хунҳои зиёде аз худашон дар ин роҳ рехта шуд. Ин мағлатакорӣ хунҳо рехт ва хонумонҳо бар бод дод ва оворагиҳо ва бечорагиҳо овард. Албатта иддаи каме буданд, ки мефаҳмиданд мағлата мекунанд, вале мусалламан иддаи зиёдтаре дар иштибоҳ фурӯ рафта буданд.

Намунаи дигаре аз мағлатаҳое, ки дар маънои калимаҳо ва ҷумлаҳо шуда, ба арз мерасонам. Шахсе омад хидмати Имом Содиқ алайҳис салом ва арз кард: оё ин ҳадис саҳеҳ аст, ки:

**إذا عَرَفْتَ فَاعْمَلْ ما شِئْتَ**

Ҳамин, ки ба Имом маърифат пайдо кардӣ, ҳар чи мехоҳӣ амал кун. Фармуд: бале, саҳеҳ аст. Гуфт:

**وَإنْ زَنى وَإنْ سَرَقَ**

Ҳар амале ҳарчанд зино, сирқат, шурби хамр?!

Боз намунаи дигаре зикр мекунам. Дар Қуръони Маҷид ҳаст, ки:

---

[9] *Руҷӯъ шавад ба таърих муфассали Хаворич ва фитнаҳое, ки аз ин роҳ дар ислом пайдо шуд. Аз ин қабил аст мағлатаҳои ахборийин ва мутлақи мағлатаҳои ҷомидфикрҳо, мағлатаҳои тарафдорони истибдод, мағлатаҳои музҳики шайх Ҳусайни Яздӣ роҷеъ ба ояти:*

***وَأنْكِحُوا الْأيامى***

*— ва ҳадиси:*

***الْوَلَدُ لِلْفِراشِ وَأعيروا أفْخاذَكُمْ***

*— ва мағлатаи Язид роҷеъ ба ояти:*

***وَيْلٌ لِلْمُصَلّينَ***

*— достони “Ҳин аҷаб вирде ба ёд овардаӣ”, достони “махфӣ намонод”, мағлатаҳои ҷомидфикрҳо дар мухолифат бо ҳукамо ва урафо ба баҳонаи руҷӯъ ба аҳли байт.*

وَإِنْ طائِفَتانِ مِنَ الْمُؤْمِنِينَ اقْتَتَلُوا فَأَصْلِحُوا بَيْنَهُما فَإِنْ بَغَتْ إِحْداهُما عَلَى الْأُخْرى فَقاتِلُوا الَّتِي تَبْغِي حَتَّى تَفِيءَ إِلى أَمْرِ اللَّهِ

(*Ҳуҷурот/9*) Дар ин оят мавзӯъи ҷангҳои дохилии мусалмонон пешбинӣ шуда ва таклифи мусалмонон дар ин ҳол баён шуда. Ва хулоса ин ки: агар ҷанги дохилӣ шурӯъ шуд, дар дараҷаи аввал ба ислоҳ миёни онҳо бипардозед ва агар имконпазир нашуд, он дастаеро, ки саркашӣ мекунад, бикӯбед. Аз тарафе дар мавқеъе, ки масҷиди Мадинаро месохтанд ва асҳоби Пайғамбар машғули овардан санг буданд ва шахси Расули Акрам низ дар ин амал ширкат карда буд, Аммори Ёсир — ки яке аз ёрони ҷалилулқадри Расули Акрам аст — зиёд ба худаш заҳмат медод. Пайғамбар дар онҷо дар бораи Аммор фармуд:

تَقْتُلُكَ الْفِئَةُ الْباغِيَةُ

— ки албатта ишора ба мазмуни ояти Қуръон аст.

Аз ин гуна мағлатакориҳо дар таърих зиёд аст ва инҳоро ба унвони шоҳид ва намуна овардам, ки маълум шавад мағлатакорӣ дар маъонии алфоз то чӣ андоза башарро бечора мекунад. Ин мағлатаҳо башарро дар фикр гумроҳ ва агар ҷанбаи амалӣ дошта бошад, дар амал бечора мекунад. Таҳқиқан яке аз иллатҳои муҳимми фасоди ахлоқ, тафсирҳои каҷ ва ғалате аст, ки аз мафоҳими ахлоқӣ ва иҷтимоӣ худ ба худ мешавад ва ин тафсирҳои каҷ ва ғалат дар ҳамаи замонҳо ва дар миёни ҳамаи табақот вуҷуд дошта ва дорад.

Шумо назаре ба табақаи ба истилоҳ мутақаддим ва мутадайин бикунед, як силсила калимот ва ҷумлаҳо аз қабили калимоти зуҳд ва тақво ва тарки дунёро мебинед, ки ба забон меоваранд ва назаре ҳам ба табақаи ба истилоҳ мутаҷаддид бикунед, як силсила калимоти дигар аз қабили ҳуррият ва озодӣ ва пешравӣ ва таҷаддуд ва кӯҳнапарастӣ мебинед. Вақте, ки дақиқ мешавед, мебинед, ки ҳам он даста калимоти муқаддаси нуронии мазҳабиро масх карда ва ҳам ин даста калимот ва луғоти иҷтимоӣ ва илмиро. Он даста дар зери пардаи он калимот, танбалӣ ва лоқайдиро ишоъа медиҳанд ва ин даста фасоди ахлоқро.

Калимаи “сабр” яке аз он калимоте аст, ки ин бало бар сараш омада. Сабр дар Қуръони Маҷид як маъно дорад ва дар назари мардуми оммӣ маънои дигаре. Сабр дар Қуръон ба маънои муқовамат ва истодагӣ дар баробари анвоъи шадоид ва мушкилот аст, вале дар қомуси мардум оммӣ ба маънои даст рӯйи даст гузоштан ва ба интизор нишастан аст. Сабр дар Қуръон ҷанбаи мусбат дорад ва ирода ва нерӯ мехоҳад, вале дар назари

мардуми оддӣ ҷанбаи манфӣ дорад, зеро аз худ дифоъ накардан ва таслими ҳаводис шудан, мазҳари беиродагӣ ва сустӣ аст.

Дар сураи Оли Имрон, оятҳои 146-148 мефармояд:

وَكَأَيِّنْ مِنْ نَبِيٍّ قاتَلَ مَعَهُ رِبِّيُّونَ كَثِيرٌ فَما وَهَنُوا لِما أَصابَهُمْ فِي سَبِيلِ اَللّهِ وَما ضَعُفُوا وَما اِسْتَكانُوا وَاللّهُ يُحِبُّ اَلصّابِرِينَ. وَما كانَ قَوْلَهُمْ إِلاّ أَنْ قالُوا رَبَّنَا اغْفِرْ لَنا ذُنُوبَنا وَإِسْرافَنا فِي أَمْرِنا وَثَبِّتْ أَقْدامَنا وَانْصُرْنا عَلَى الْقَوْمِ الْكافِرِينَ. فَآتاهُمُ اَللّهُ ثَوابَ الدُّنْيا وَحُسْنَ ثَوابِ الْآخِرَةِ وَاللّهُ يُحِبُّ اَلْمُحْسِنِينَ

Қуръони Маҷид дар инҷо сабрро ба маънои сабот ва пойдорӣ оварда ва натиҷаи онро фатҳ ва зафар баён карда. Ин рубоӣ ба Алӣ алайҳис салом мансуб аст:

إنّي وَجَدْتُ وَفِي الْأيّامِ تَجْرِبَةٌ

لِلصَّبْرِ عاقِبَةً مَحْمودَةَ الْأثَرِ

وَقَلَّ مَنْ جَدَّ في أمْرٍ يُطالِبُهُ

فَاسْتَصْحَبَ الصَّبْرَ إلاّ فازَ بِالظَّفَرِ

(Девони мансуб ба Имом Алӣ алайҳис салом: “*Ман чунин дарёфтаам — оре, дар рӯзҳои умр озмунҳо нуҳуфтааст — ки шикебоиро фарҷоме сутудааст // Андаканд касоне, ки дар роҳи чизе кӯшиданд ва шикебоӣ варзиданд ва бад-он нарасиданд.*”)

Дар сураи Анъом хитоб ба Пайғамбар мефармояд:

وَلَقَدْ كُذِّبَتْ رُسُلٌ مِنْ قَبْلِكَ فَصَبَرُوا عَلى ما كُذِّبُوا

(*Анъом/34*)

Сабр ва истиқомат он буд, ки Пайғамбари Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ба харҷ дод. Воқеаи Абӯабдиллоҳ алайҳис салом намунаи комили дарси сабри Қуръон буд, намунаи комили ирода ва тасмим ва истиқомат буд. Ҳаводисе, ки кӯҳҳоро муталошӣ мекард, он ҳазратро натавонист аз ҷо биканад.

وَإِنْ تَصْبِرُوا وَتَتَّقُوا فَإِنَّ ذلِكَ مِنْ عَزْمِ الْأُمُورِ

(*Оли Имрон/186*)

والسلام عليكم ورحمة الله وبركاته

# Сабр (2)

وَإِنْ تَصْبِرُوا وَتَتَّقُوا فَإِنَّ ذٰلِكَ مِنْ عَزْمِ الْأُمُورِ

(*Оли Имрон/186*)

Дирӯз сухани мо дар атрофи сабр буд ва арз кардам, ки сабр дар Қуръони Маҷид ба шаҳодати оятҳои худи Қуръон, ба маънои субот ва истеҳком ва қудрати муқовамати руҳ аст ва ин худ як рукни асосии шахсияти инсон аст, аммо дар назари оммаи мардум ба маънои даст рӯйи даст гузоштан ва ба интизор нишастан аст, ки яке аз амрози хатарноки руҳӣ аст.

Ғолибан дида мешавад, касоне, ки таълимоти диниро мавриди эътироз ва ҳамла қарор медиҳанд, аъмолу афъол ё тарзи фикр ва эътиқоди авомунносро, ки ғолибан омехта аст бо авҳом ва одоте аз худашон пеш мекашанд ва ҳамла мекунанд ва мустақиман ба манобеъи аслии дин аз китобу суннати мӯътабар мурочеа намекунанд ва ё агар фаразан мурочеаи мухтасаре карда бошанд, диққат накардаанд.

Аз ҷумла мавориде, ки мавриди ҳамла ва эътирози мухолифон қарор гирифта, ҳамин мавзӯъи сабр аст. Дар яке аз китобҳои зидди дин мехондам, ки ҳамин мавзӯъро пеш кашида буд ва чунин вонамуд карда буд, ки ин дастур мӯҷиби вақфа ва рукуди фаъолият мешавад ва руҳи мубориза дар роҳи зиндагиро мекушад ва мардумро одат медиҳад, ки дар муқобили ҳамаи фишорҳое, ки аз тарафи ақвиё бар онҳо ворид мешавад сукут кунанд ва таслим шаванд.

Дар ҳамон китоб ба унвони шоҳиди матлаби худ, ин рубоъии маъруфро, ки мансуб ба амирулмӯъминин алайҳис салом аст оварда буд:

إِنّي وَجَدْتُ وَفِي الْأَيّامِ تَجْرِبَةٌ
لِلصَّبْرِ عاقِبَةً مَحْمودَةَ الْأَثَرِ
وَقَلَّ مَنْ جَدَّ في أَمْرٍ يُطالِبُهُ
فَاسْتَصْحَبَ الصَّبْرَ إِلاّ فازَ بِالظَّفَرِ

Аввалан дар ҳеч ҷойи таълимоти динӣ нест, ки инсон дар муқобили фишорҳои ҷаҳон ва рӯзгор ё дар муқобили фишорҳои иҷтимоъ даст рӯйи даст бигузорад ва аз худ дифоъ накунад, балки баръакс яке аз усули таълиму тарбияти динӣ асли дифоъ аз худ ва асли истефои ҳуқуқ аст, эҳмол дар дифоъ аз худ ва эҳмол дар истефои ҳуқуқ, дар радифи гуноҳон шумурда мешавад. Алӣ алайҳис салом мефармояд:

**لا يَمْنَعُ الضَّيْمَ الذَّليلُ وَلا يُدْرَكُ الْحَقُّ اِلاّ بِالْجِدِّ**

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 29*) Яъне инсони залил ва забун наметавонад хорӣ ва зиллати зулмро аз худ дафъ кунад ва ба ҳақ натавон расид магар бо ҷиддият ва тасмим. Дар фармони Алӣ ба Молики Аштар аст ба нақл аз Расули Акрам:

**لَنْ تُقَدَّسَ أُمَّةٌ حَتّى يُؤْخَذَ لِلضَّعيفِ حَقُّهُ مِنَ الْقَوِيِّ غَيْرَ مَتَعْتِعٍ**

(*“Наҳҷул-балоға”, номаи 53*) Дар ҳадис аст, ки Пайғамбар фармуд: золим ва мазлум ҳар ду назди Худо муохаза мешаванд. Гуфтанд: ё Расулаллоҳ! Мазлум чаро? Фармуд: чун тан ба зулм дода.

**لا يُعابُ الْمَرْءُ بِأَخْذِ حَقِّهِ**

(*“Наҳҷул-балоға”, ҳикмати 166*)

Сонияи, худи ҳамон рубоъӣ далели возеҳе аст, ки сабр дар қомуси ислом ба маънои истодагӣ ва муқовамат аст, на ба маънои забунӣ, зеро маънои он шеър — ҳамон тавре, ки возеҳ аст ва ҳар кас, ки филҷумла бо арабият ошно бошад, мефаҳмад — ин аст, ки ман ба таҷриба чунин фаҳмидаам… Муфоди ин шеър айнан муфоди аҳодисе аст, ки ба Расули Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи нисбат дода шуда, ки фармуд:

**مَنْ طَلَبَ شَيْئًا وَ جَدَّ وَجَدَ وَمَنْ قَرَعَ بابا وَلَجَّ وَلَجَ**

Яъне ҳар кас, ки ҷӯяндаи чизе бошад ва ҷиддият ба харҷ диҳад, оқибат онро меёбад. Ва ҳар касе, ки дареро бикӯбад ва пофишорӣ кунад, оқибат он дар ба рӯяш боз мешавад. Мавлавӣ дар шарҳи ин ҳадис аст, ки мегӯяд:

*Сояи Ҳақ бар сари банда бувад,*
*Оқибат ҷӯянда ёбанда бувад.*
*Гуфт Пайғамбар, ки чун кӯбӣ даре,*
*Оқибат з-он дар бурун ояд саре.*
*Чун нишинӣ бар сари кӯйи касе,*
*Оқибат бинӣ ту ҳам рӯйи касе.*
*Чун зи чоҳе меканӣ ҳар рӯз хок,*
*Оқибат андаррасӣ дар оби пок.*

Оре, сабр дар ислом ба маънои муқовамат аст; муқовамат дар сахтии анҷоми вазифа, муқовамат дар баробари таҳрикоти дохилии нафсонӣ, муқовамат дар баробари номулойимоти рӯзгор.

Дар ҳадис аст, ки сабр бар се қисм аст: сабр бар тоъат, сабр бар маъсият ва сабр бар мусибат.

Алӣ алайҳис салом дар “Наҳҷул-балоға” мефармояд: “*Дар оғози ислом, адади мо андак буд ва аз лиҳози таҷҳизоти моддӣ хеле заъиф будем. Дар айни ҳол, мо сабрро пеша сохтем ва дар муқобили ҷамъияти анбӯҳи куффор сахт истодагӣ кардем. Худованд чун ин сабр ва истиқоматро аз мо дид, нусрати хешро бар мо фуруд овард ва дар натиҷа мо ғолиб ва душманони мо мағлуб гаштанд*.” (*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 56*)
Охирин пешниҳоде, ки ба Абӯабдиллоҳ шуд ин буд, ки ё ҷанг ё таслим. Абӯабдиллоҳ фармуд:

**لا أُعْطيكُمْ بِيَدي إِعْطاءَ الذَّليلِ وَلا أَفِرُّ فِرارَ الْعَبيدِ**

(*Иршоди Шайх Муфид, с.235*) Дар хитобааш фармуд:

**أَلا وَإِنَّ الدَّعِيَّ بْنَ الدَّعِيِّ قَدْ رَكَزَ بَيْنَ اثْنَتَيْنِ بَيْنَ السِّلَّةِ وَالذِّلَّةِ هَيْهاتَ مِنَّا الذِّلَّةُ**

(*Луҳуф, с.41*)

## Сабр (3)

Пайғамбар фармуд: “*Сабр нисфи имон аст*” ва низ фармуд: “*Нисбати сабр ва имон нисбати сар ва бадан аст*”. Зеро, ки сабр ба маънии худдорӣ ва тасаллут бар нафс аст ва манзур аз имон ҳамин фоида аст. Ашхосе, ки дорои сабр ва субот ва истиқомат бошанд, дорои шахсияти бузурги ахлоқӣ ва азамати руҳӣ хоҳанд буд. Агар шахс дар ҳангоми рӯ овардани номулойимот аз қабили факр ва мараз ва ҷанг, натавонад сабр кунад, худро паст ва забун карда ва шахсияти худро аз даст хоҳад дод.
Яке аз асрори муваффақияти Ҳусайн алайҳис салом дар манзури муқаддас худ, сабр ва истиқомате аст, ки занон ва фарзандони он ҳазрат аз худ буруз доданд. Чӣ басо ашхосе, ки корҳои бузург анҷом додаанд, аммо пас аз онҳо фарзандон ва ахлофашон заҳамоти онҳоро ба ҳадар додаанд. Аммо аз занон ва фарзандони Ҳусайн ва занони ёваронаш, ки дар ҳудуди шаст нафар буданд ва анвоъи мусибатҳо ва сахтиҳо диданд, як калимаи суст ё рафтори мухолифи ахлоқ дида нашуд. Ва ин худ бузургтарин далел бар имони муҳкам ва тақво ва фазилати ин хонавода аст. Сайидушшуҳадо алайҳис салом дар мавоқеъи мухталиф, зану фарзандонро амр ба сабр фармуд. Яке мавқеъе, ки шаби Ошӯро ашъори:

**يا دَهْرُ أُفٍّ لَكَ مِنْ خَليلٍ**

(*Луҳуф, с.33*)-ро мехонд ва дигар рӯзи Ошӯро (замоне, ки) пас аз кушта шудани ҳамаи ёрон ва ҷавонон, худ ба мубориза пардохт, дар он байн фурсати андаке ба даст овард ва хитобае ба аҳли байт фармуд. Ҳиммати мардонаи Зайнаб, шаби ёздаҳум — ки баъзе кӯдакон мафқуд шуда буданд — барои ҷамъоварии атфол ва ҳамчунин баёноти Зайнаб

хитоб ба Имом Зайнулобидин, рӯзи ёздаҳум ҳангоми убур бар қатло (кушташудагон) ва нону хурмо аз дасти кӯдакони гурусна гирифтан ва афкандан ва гуфтани ин ки садақа бар мо ҳаром аст, мақоми сабр ва қуввати рух ва азамати ахлоқии Зайнабро собит мекунад. Дар Кӯфа хутба хонд, ки монанди падараш Алӣ доди шаҳомати рух ва фасоҳати баён дод. Дар маҷлиси Язид низ пас аз он ки Язид ашъоре мабнӣ бар ҳисси интиқомҷӯӣ хонд, Зайнаб хитобаи муфассале эрод кард, ки Язид аз ҷавоб оҷиз монд. Рафтори аҳли байти Пайғамбар дар Кӯфа ва Шом, ки бар ойини тақво ва фазилат буд, бо он ки дар либоси асирӣ буданд, онҳоро дар дидаи мардум бузург кард. Худи Имом Ҳусайн алайҳис салом дар шиддати бало ва сахтӣ мегуфт: "Худоё! Бар бало сабр мекунам ва ба ризои ту таслимам!" Имон дар хонадони нубувват асари худро карда буд, ононро аз ҳар гуна олоиш пок карда буд; чун имон доштанд, дорои истиқлоли фикр ва ирода ва азамати руҳӣ ва фазилати ахлоқӣ ва тасаллут бар нафс буданд.

## Олоиш ва беолоишӣ дар ақлу фикр

وَما كانَ لِنَفْسٍ أَنْ تُؤْمِنَ إِلاّ بِإِذْنِ اللهِ وَيَجْعَلُ الرِّجْسَ عَلَى الَّذِينَ لا يَعْقِلُونَ

(*Юнус/100*)

Дар Қуръони Карим дар мавориди зиёде калимоти таҳорат ва татҳир ва тазкия ва амсоли инҳо аз калимоте, ки ба маънии покӣ ва покизагӣ ва беолоишӣ аст истеъмол шуда, ҳамон тавре, ки як идда калимоти дигар низ, ки маънои муқобили покизагиро медиҳад, яъне ба маънои олоиш ва палидӣ аст низ омада, мисли калима риҷс, ки дар ин оят ва оятҳои дигаре аз Қуръон истеъмол шуда ва ҳамчунин калимаи руҷз, ки дар сураи муборакаи Муддассир аст:

وَالرُّجْزَ فَاهْجُرْ

(*Муддассир/5*) Вале таҳорат ва риҷс дар Қуръони Маҷид ихтисос ба умури ҷисмонӣ ва моддӣ надорад, балки ғолибан дар умури маънавӣ ба кор барда шудааст. Дар мавриди ҳикмати беъсати Расули Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи мефармояд:

وَيُزَكِّيهِمْ وَيُعَلِّمُهُمُ الْكِتابَ وَالْحِكْمَةَ وَإِنْ كانُوا مِنْ قَبْلُ لَفِي ضَلالٍ مُبِينٍ

(*Оли Имрон/164*) Яъне "*Ва онҳоро покиза мегардонад ва ба онҳо китоб ва ҳикмат меомӯзад ва ҳамоно онҳо пеш аз он дар гумроҳии ошкор буданд*." Дар боби ахзи садақот ва закавот аз амвол мефармояд:

**خُذْ مِنْ أَمْوالِهِمْ صَدَقَةً تُطَهِّرُهُمْ وَتُزَكِّيهِمْ بِها**

(*Тавба/103*) Яъне “*Аз амволи мусалмонон закот бигир, ба ин васила ононро пок ва покиза мегардонӣ.*” Дар ояти вузӯ мефармояд:

**ما يُرِيدُ اللّهُ لِيَجْعَلَ عَلَيْكُمْ مِنْ حَرَجٍ وَلكِنْ يُرِيدُ لِيُطَهِّرَكُمْ**

(*Моида/6*) Яъне “*Худованд намехоҳад шуморо дар тангно ва сахтӣ қарор диҳад, балки мехоҳад шуморо пок гардонад.*” Дар ояте, ки дар аввали сухан хондам, мефармояд:

**وَيَجْعَلُ الرِّجْسَ عَلَى الَّذِينَ لا يَعْقِلُونَ**

(*Юнус/100*) Яъне “*Ва Худованд палидиро бар касоне, ки намеандешанд қарор медиҳад.*” Тардиде нест, ки назоҳат ва покизагӣ ва ҳамчунин палидӣ ва олудагӣ, мунҳасир ба моддиёт ва ҷанбаҳои ҷисмонии инсон нест. Ҳамон тавре, ки инсон дар ноҳияи бадан ва либос ва хона ва асос ва муҳити зиндагонии ҷисмонӣ мумкин аст пок ва покиза ё касиф ва олуда бошад, дар ноҳияи руҳ ва авотиф ва малакоти ахлоқӣ ва дар ноҳияи ақлу фикр ва андеша низ мумкин аст пок ва покиза ё касиф ва олуда бошад.

Диёнати муқаддасаи ислом ба мӯҷиби эълон ва эъломе, ки бо ҷумлаи:

**وَيُزَكِّيهِم**

— ва ҷумлаҳое монанди он карда ва ба мӯҷиби аҳком ва дастуроте, ки дода, барои покиза кардани башар омада дар ҷамиъи мазоҳири вуҷудӣ, чӣ дар ноҳияи бадан ва либос ва муҳити моддии зиндагонӣ аз хона ва асос ва маъбар ва хиёбон ва ғайра ва чӣ дар ноҳияи авотиф ва ахлоқ ва чӣ дар ноҳияи ақл ва афкор ва андешаҳо ва ин дастуроти нуронии ислом аст, ки дар ҷамиъи ин қисматҳо муроқабатҳое карда ва чизе фурӯгузор накардааст. Имрӯз ба муносибати ароизе, ки дар ду рӯзи гузашта ба арз расондам, ароизи худамро ба як қисмат аз ин матолиб ихтисос медиҳам ва он иборат аст аз олоиш ва беолоишӣ дар ноҳияи ақлу фикр.

Ҳар чизе (чӣ моддӣ ва чӣ маънавӣ) ба ҳасби фитрат ва асли вуҷуд, пок ва мӯътадил офарида шудааст. Олудагӣ ё мараз ё инҳироф, умуре аст табаъӣ ва туфайлӣ ва аразӣ. Сиҳҳат, муқаддам аст бар мараз ва эътидол, муқаддам аст бар ифроту тафрит ва истиқомат, муқаддам аст бар инҳироф ва покӣ, муқаддам аст бар палидӣ. Албатта ин ҷиҳат, худ аслест тардиднопазир. Ҳамон тавре, ки вуҷуд, асл аст ва адамҳо умуре нисбӣ ва изофӣ ҳастанд, ҳамин тавр аст шуъуни вуҷуд аз эътидол ва истиқомат ва покӣ ва ғайра ва агар ғайри ин буд, низоми ҷаҳон барқарор набуд. Қуръони Карим мефармояд:

**سَبِّحِ اسْمَ رَبِّكَ الْأَعْلَى. الَّذِى خَلَقَ فَسَوَّى. وَالَّذِي قَدَّرَ فَهَدى. وَالَّذِى أَخْرَجَ الْمَرْعى. فَجَعَلَهُ غُثَاءً أَحْوى**

(*Аъло/1-5*) Тасвияи халқ, ки дар Қуръони Маҷид ном бурда шуда, чизе ҷуз эътидол ва тавозун ва ҳамоҳангии аҷзоъи вуҷуди шайъ нест.

Вале дар айни ҳол, ки эътидол ва истиқомат ва сиҳҳат муқаддам аст бар инҳироф ва мараз ва палидӣ, вуҷуди ин умури табаъӣ ва туфайлӣ қобили инкор нест. Ва чун ҳаст, пас ҳифзи сиҳҳат ва эътидол лозим ва воҷиб аст. Асосан илми тибб барои ҳифзи сиҳҳати бадан ва илми ахлоқ барои ҳифзи эътидоли рух ва илми мантиқ барои ҳифзи эътидол ва истиқомати андеша ба вуҷуд омадааст. Қазорот ва олудагиҳои фикрӣ ва ақлонӣ иборат аст аз ибтило ба ағлот ва иштибоҳот ва гумроҳиҳои фикрӣ. Ва мусалламан ҳамон тавре, ки худи ақл шарифтарин мавҳибати илоҳӣ аст, амроз ва инҳирофот ва палидиҳои марбут ба ақл низ ба дараҷоте боаҳаммияттар ва хатарноктар аз олудагиҳои ҷисмонӣ аст. Олудагиҳои зоҳири бадан ва либоси як фардро дар камтар аз як соат метавон бо андаке об шустушӯ дод, вале палидиҳои хирад ва андеша ва ба иборати дигар, амрози фикрӣ ва ақлиро солҳо вакт лозим аст, то ислоҳ шавад ва қарнҳо лозим аст, то ба куллӣ решакан шавад. Тақлид ва ҳамчунин амал ба занн ва гумон ва ҳамчунин суръат дар қазоват, аз амрози ақлӣ ва фикрии башар аст ва дар бораи ҳар як аз онҳо оятҳое дар Қуръони Маҷид ҳаст, ки иллати гумроҳии мардумро ҳамин умур баён кардааст. Яке аз амрози асосӣ, ки ҷомеаи имрӯзи мо ба он мубталост тақлид аст.

Асосан мардуме, ки руҳи таҳқиқро аз даст бидиҳанд ва ҳисси тақлид дар онҳо қавӣ шавад, ба ҳар чизе, ки рӯ кунанд, наметавонанд ба ҳақиқат ва кунҳи он чиз бирасанд ва хоҳ нохоҳ ба ғалат ва иштибоҳ мераванд ва ба ҷойи суд зиён мебаранд.

Аз муқаллид, то муҳаққиқ фарқхост. Муҳаққиқ, ҳусну қубҳи ашё ва нофеъ ва музир будани онҳоро дарк мекунад ва мисли ин аст, ки бо зоиқаи руҳи худ онро чашида бошад. Вале муқаллид ба дигарон назар мекунад ва чун як иддае, ки дар назари ӯ бузург ва мӯҳтараманд кореро мекунанд, ӯ ҳам мекунад, бидуни он ки ақлаш хубии онро дарк карда бошад, монанди касе, ки бар сари суфрае биншинад ва анвоъи ғизоҳо бар сари он суфра чида шуда бошад, вале ӯ ба шахсиҳи зоиқаи ҳассосе надошта бошад ва назар ба дигарон бикунад ва ҳар навъ ғизоеро, ки бибинад дигарон мехӯранд, ӯ ҳам бихӯрад. Мардуми бетаҳқиқ басо ҳаст, ки ҳақоиқи олӣ ба онҳо мерасад, вале онҳо он ҳақоиқи олиро масх мекунанд ва қалби моҳият медиҳанд ва ба ҷойи ҳусни истифода, суистифода мекунанд.

Дирӯз ба унвони мисол калимаи сабрро мавзӯъи сухан қарор додам. Ихтисос ба калимаи сабр надорад, балки ихтисос ба калимоти мазҳабӣ ва ахлоқӣ надорад, бар сари калимоте, ки ба унвони таҷаддуд ва тамаддун ба кор зада мешавад, ҳамин бало омадааст. Он кас, ки орӣ аз руҳи таҳқиқ шуд, хоҳ мутаҷаддид бошад ва хоҳ мутақаддим, хоҳ бихоҳад аз урупоиён тақлид кунад ва хоҳ аз аҳли имон ва зуҳду тақво, аз ҳақоиқи умур дур аст. Аз ин рӯ ҳамон тавре, ки агар дар миёни табақаи муқаддасмаоби ҷомеаи мо қадам бигузоред, бо як силсила калимот ва ҷумалот аз қабили калимоти муқаддаси сабр ва таваккул ва зуҳд ва тарки дунё рӯбарӯ мешавед, ки ҳақоиқи олияи худро аз даст додааст, ҳангоме ҳам, ки дар муҳити ба истилоҳ тамаддун ва таҷаддуд қадам бигузоред, бо як силсила калимот ва ҷумалоти дигаре рӯбарӯ мешавед, ки мебинед мутаассифона ин калимот низ дар ин муҳит масх шуда ва ҳақиқати худро аз даст додааст. Инҷо шумо бо калимоти ҳуррият ва озодӣ ва пешрафт ва иртиҷоъ ва нав ва кӯҳна рӯбарӯ мешавед ва мебинед ҳамаи инҳо ба ғалат ба кор бурда мешавад.

Аз калимаҳои маъмули ҷадид, калимаи озодӣ аст ва албатта озодӣ хуб аст ва яке аз шароити баҳраманд шудан аз мавҳибатҳои ҳаёт озодӣ аст. Аммо бояд дид озодӣ чист ва яъне чӣ? Албатта озодии мутлақ на дар ноҳияи ҷисм ва на дар ноҳияи руҳ маъно надорад, зеро инсон аз лиҳози руҳ билохира бояд матлуб ва маъшуқе дошта бошад ва ба чизе умедвор бошад — зиндагӣ бидуни талаб ва умед мусовӣ бо марг аст — ва дар ноҳияи ҷисм низ инсон мӯҳтоҷ ва ниёзманд офарида шуда; мӯҳтоҷ аст ба ғизо ва либос ва маскан ва обуҳаво ва муошарати ҳамнавъон ва ғайра. Вале дар ин ҷаҳон чизҳое ҳаст, ки шоистаи мақоми инсоният ҳаст, ки ба онҳо дил бибандад ва таъаллуқи хотир дошта бошад ва чизҳое ҳаст, ки шоистаи ин мақом нест. Инсон, хуб аст, ки ба илм ва фазилат дилбастагӣ дошта бошад, хуб аст, ки ба зоти ақдаси аҳадият — ки манбаъи камол ва камоли мутлақ аст — ишқ биварзад ва мазҳари сифоти илм ва эҳсон ва файз ва баҳо ва хайр, ки сифоти худовандӣ аст буда бошад. Инсон набояд бандаи шикам ва доман ва пул ва мақом бошад, инсон набояд асири ҳавову ҳавас ва авҳом ва хурофот бошад, аз ҳамаи инҳо бояд озод бошад.

Озодӣ ҳамон аст, ки Пайғамбари Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ба уммати исломӣ дод, ки Худо дар Қуръон ишора мекунад:

وَيَضَعُ عَنْهُمْ إِصْرَهُمْ وَالْأَغْلالَ الَّتِي كانَتْ عَلَيْهِمْ

(*Аъроф/157*) Яъне “*Ва бори сангинро аз дӯши онҳо бармедорад ва ғилҳоро аз мардум боз мекунад*.” Чӣ занҷире аз кибр ва ҳасад ва нифоқ ва тамаллуқ ва риё ва бутпарастӣ ва ҳавопарастӣ ва зулм болотар аст? Мавлавӣ мегӯяд:

*З-ин сабаб пайғамбари боиҷтиҳод*

*Номи худ в-они Алӣ мавло ниҳод.*

*Гуфт: «Ҳар к-ӯро манам мавлову дӯст,*

*Ибни амми ман Алӣ мавлои ӯст.*

*Кист мавло? Он ки озодат кунад,*

*Банди риққийят зи поят барканад.*

*Чун ба озодӣ нубувват ҳодӣ аст,*

*Мӯъминонро з-анбиё озодӣ аст.*

*Эй гурӯҳи мӯъминон, шодӣ кунед,*

*Ҳамчу сарву савсан озодӣ кунед.*

Аввалин эъломи озодӣ, аз тарафи Қуръони Маҷид буд. Қуръон буд, ки сареҳан тақлиди кӯр-кӯрона аз падаронро, ки муҳкамтарин занҷири асорати ақлӣ аст пора кард ва ин амалро сахт мавриди накӯҳиш қарор дод. Қуръон буд, ки ақлҳоро бедор кард, ки фақат ба дунболи далел ва бурҳон бираванд:

قُلْ هاتُوا بُرْهانَكُمْ إِنْ كُنْتُمْ صادِقِينَ

(*Бақара/111*) Мутобиқи таълимоти Қуръон, озодмард он кас аст, ки аз қайди пулу ҷоҳу мақом озод бошад, ба хотири моддиёт қадам рӯйи шарофат ва фазилат ва тақво нагузорад:

*Умр азиз аст сарфи ғам натавон кард,*

*Оре, бар хештан ситам натавон кард.*

*Қомати озодаро барои хушоянд,*

*Пеши фурумоямард, хам натавон кард.*

*Байте аз Унсурӣ биёварам к-аз вай,*

*Хубтару нағзтар, рақам натавон кард.*

*Донишу озодагиву дину муруввват,*

*Ин ҳамаро бандаи дирам натавон кард*.

Калимаи озодӣ аз калимоте аст, ки ин бало бар сараш омада. Пеш мардумони ҷоҳил, озодӣ яъне пушти по задан ба ҳукми муҳками ақл ва рӯ гардондан аз дин ва ғӯтавар шудан дар манҷалоби фаҳшо ва разолат ва пастӣ, озодӣ яъне ба ҳеч асле аз усули муҳками ахлоқӣ побанд набудан, озодӣ яъне хомӯш кардани виҷдон ва куштани фитрат ва сукут ба ҳазизи ҳайвоният. Оре мардуме, ки аз ақлу таҳқиқ ба дуранд, ҳар ҳақиқатеро аз ҳар манбаъе бигиранд, чӣ аз манбаъи дин ва исломият ва чӣ аз манбаъи тамаддун ва таҷаддуд, ба бадтарин сурате онро масх мекунанд ва қалби моҳият медиҳанд. Барои

чунин мардуме ба ҷойи он ки калимаи сабр маънои субот ва истеҳкоми руҳӣ бидиҳад, маънои забунӣ ва сустӣ ва даст рӯйи даст гузоштан медиҳад, ба ҷойи он ки зуҳд ва тарки дунё маънои улувви руҳ ва руқоъи нафс бидиҳад, маънои бекорӣ ва ва калл (бор) бар ғайр шудан медиҳад, калимаи озодӣ ба ҷойи он ки маънои ворастагӣ аз пастӣ ва аз таъаллуқи хотир ба аботил ва авҳомро бидиҳад, маънои лоуболигарӣ ва ғӯтавар шудан дар манҷалоби фаҳшо ва беиффатӣ ва фасоди ахлоқ медиҳад. Ва ин аст, ки Худо мефармояд:

وَيَجْعَلُ الرِّجْسَ عَلَى الَّذِينَ لا يَعْقِلُونَ

والسلام عليكم ورحمة الله وبركاته

## Осори ба ҳам хӯрдани таъодули иҷтимоъ

بسم الله الرحمن الرحيم

Ҳар фарде аз афроди инсон ду навъ шахсият дорад: яке, шахсияти иҷтимоӣ ва яке, шахсияти воқеӣ. Шахсияти иҷтимоии ҳар касе иборат аст аз мавқеият ва мақоме, ки дар иҷтимоъ ҳиёзат карда. Бадеҳӣ аст, ки мавқеиятҳо ва мақомоти ашхос дар иҷтимоъ мутафовит аст, зеро ҳар иҷтимое — рӯйи ҳар усуле бино шуда бошад — билохира пилла-пилла ва монанди нардбон дорои дараҷот аст ва ҳар касе ба таносуби мақоме, ки ишғол карда ва нуфузи калимае, ки дорад ё ба воситаи сарвате, ки тасоҳуб карда ё ба воситаи ҳунар ва истеъдоде, ки дар як риштае дорад ё ба воситаи интисобе, ки бо як соҳиби мақоми бузурги иҷтимоӣ дорад, бар рӯйи яке аз ин пиллаҳо ва дараҷот қарор гирифта, ки аз баъзе болотар ва аз баъзе пойинтар ва бо баъзе ҳамрутба ва ҳамдараҷа аст. Мақом ва мавқеияте, ки ҳар фард ба воситаи яке аз ин умур дар иҷтимоъ дорад, шахсияти иҷтимоии ӯро ташкил медиҳад.

Аммо шахсияти воқеии ҳар касе иборат аст аз маҷмӯъи қувваҳои зотӣ ва истеъдодоте, ки дар вуҷудаш ҳаст ва хасоил ва малакоте, ки дар тӯли зиндагонӣ касб карда ва ҳама қоим ба шахси худаш мебошад, аз ақл ва ҳуш ва маълумот ва ирода ва ахлоқ ва малакот ва сифот. Маҷмӯъи истеъдодот ва қувваҳои зотӣ ва сифот ва хасоили иктисобӣ, шахсияти воқеии ӯро ташкил медиҳад.

Шахсияти воқеӣ ҷузъи ҷавҳари инсон аст ва амрест айнӣ ва ҳақиқӣ ва аммо шахсияти иҷтимоӣ амрест эътиборӣ ва фарзӣ ва бо андак мӯҷибе аз байн меравад, масалан шахсияти аз роҳи сарватро мумкин аст дар як шаб дузд бибарад, вале шахсияти ҳунарманд ва донишманд ва муттақӣ ин тавр нест. Алӣ фармуд:

الْعِلْمُ خَيْرٌ مِنَ الْمالِ، الْعِلْمُ يَحْرُسُكَ وَأَنْتَ تَحْرُسُ الْمالَ

(*“Наҳҷул-балоға”, ҳикмати 147*)

Ва албатта мулозимае дар кор нест, ки ҳатман ашхосе, ки дорои шахсият ва мақоми ичтимоӣ ҳастанд ва бар пиллаҳои олӣ қарор гирифтаанд, дорои шахсияти воқеӣ ҳам буда бошанд, зеро бисёр иттифоқ меафтад, ки афроде бешахсият ва нолоиқ рӯйи иллатҳо ва мӯчиботе мақомоти ҳассосеро ишғол мекунанд ва афроди бошахсият ва лиёқат ақиб ронда мешаванд. Дар ичтимоъоти мунҳатт ва фосид ғолибан ҳамин тавр аст. Уламои ичтимоъ мегӯянд, яке аз нишонаҳои инҳитот, балки аз нишонаҳои фано ва измиҳлоли як қавм ин аст, ки мақомоти бузург ва ҳассоси онҳо ба дасти афроди бешахсият ва нолоиқ супурда шавад. Дар ҳадис ҳам аз Пайғамбари Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи расида, ки:

إذا أرادَ اللهُ بِقَوْمٍ شَرّا وَلّى عَلَيْهِمْ سُفَهاءَهُمْ وَقَضى بَيْنَهُمْ جُهّالُهُمْ وَجَعَلَ الْمالَ في أَيْدي بُخَلائِهِمْ

Яъне ҳар гоҳ Худованд барои қавме шарр бихоҳад, сафеҳонашонро бар эшон ҳоким гардонад ва чоҳилонашон дар миёни онҳо қазоват кунанд ва сарватро дар дасти бахилонашон қарор диҳад.

Ин аломати он аст, ки таъодули он ичтимоъ ба ҳам хӯрда ва монанди бадане аст, ки сиҳҳат ва эътидоли худро аз даст додааст. Аз сардори маъруф, Абӯмуслими Хуросонӣ, ки хилофати умавиёнро ба нафъи банӣ Ҳошим мунқариз сохт ва хулафои аббосӣ рӯйи мучоҳидатҳо ва кӯшишҳои ӯ рӯйи кор омаданд, пурсиданд, ки иллати шикасти умавиён чӣ буд? Гуфт: иллаташ ин буд, ки корҳои муҳимро ба дасти ашхоси нолоиқ супурда буданд.

Дар ичтимоъоти мутараққӣ ин тавр нест. Дар он ичтимоъот, ки таъодул ва тавозун маҳфуз аст ва мизочи чомеа сиҳҳат ва эътидоли худро аз даст надода, афрод ба таносуби шахсияти воқеияшон ба мақомоти ичтимоӣ ноил мешаванд.

Ба ҳам хӯрдани ин таъодул, илова бар он ки худаш бад аст, як асари руҳии бадтаре аз чанбаи таълиму тарбият ва ахлоқи умумӣ дорад ва ин, чанбаи тарбиятӣ ва ахлоқӣ аст, ки мавзӯъи сухани имшаби мост. Ҳамин, ки таъодул ба ҳам хӯрд ва арзиши воқеии шахсиятҳо аз байн рафт, дигар мардум ҳеч таваччӯҳе ба парвариш ва таҳзиб ва такмили шахсияти воқеии худашон ва фарзандонашон ва мутлақи ашхосе, ки мавриди алоқаи

онҳост нахоҳанд кард.[10] Ва масалан, агар фаразан фарзандонашонро водор ба таҳсили дониш кунанд, назари умда ба касби маълумот ва таҳзиб ва такмили ахлоқ нест, балки ба гувоҳиномаи таҳсилӣ аст, ки онро дастовези ғасби мақомоти иҷтимоӣ қарор диҳанд. Албатта, пайдост вақте, ки илму ҳунар ва тақвову ахлоқ арзиши воқеии худро дар иҷтимоъ аз даст бидиҳад ва навъи мардум таваҷҷӯҳашон ба пул ва мақомоти эътиборӣ бишавад, сарчашмаи ин фазоил рӯ ба хушкӣ меравад:

*Он ҷо, ки пушку мушк ба як нарх аст,*

*Аторро гӯ: бибанд дӯконро.*

Пас, ба ҳам хӯрдани тавозун ва таъодул, асари аввалиаш ин аст, ки назми зиндагонии умумиро ба ҳам мезанад ва корҳо ҷараёни оддӣ ва табиии худро тай намекунад. Ва асари сонавиаш ин аст, ки сарчашмаи инсоният ва оби ҳаёти маънавиётро хушк мекунад, зеро алоқаи афродро ба ин умур аз байн мебарад.

Албатта, арзиши воқеии фазилатҳо баста ба ин нест, ки мардум қадри онҳоро бидонанд ё надонанд. Илму ҳунар ва тақвову ахлоқ дар зоти худ гавҳарҳои гаронбаҳое ҳастанд, ки бо моддиёт қобили тақвим ва арзёбӣ нест. Ҳаргиз мақоми инсониятро бо шуъуни ҳайвоният наметавон қимат гузошт. Он кас, ки воқеан руҳаш ба фазилати тақво ва покӣ ё ба зевари илм ороста аст, назар ба дигарон ва қимате, ки дигарон барои ин умур қоиланд, надорад. Ӯ тақво ва покиро ба лиҳози нафси тақво ва покӣ ва илму ҳунарро маҳзи нафси илму ҳунар мехоҳад. Асосан он кас, ки тақвофурӯш аст, муттақӣ нест ва он кас, ки ҳунарфурӯш аст, ҳунарманд нест ва он кас, ки илмфурӯш аст, олим нест.

Вале дар айни ҳол, як нуктаро бояд дар назар гирифт ва он ин ки инсон аввал ҳайвон аст ва баъд инсон, яъне аввал дараҷаи ҳайвониятро тай мекунад ва баъд ба дараҷаи инсоният мерасад. Ҳаргиз мумкин нест, ки тифлеро аз ҳамон ибтидо ба илм алоқаманд сохт ба тавре, ки илмро маҳзи хотири худи илм дӯст дошта бошад ё ба ҳунар алоқаманд сохт, ки ҳунарро маҳзи хотири худи ҳунар дӯст дошта бошад ва тақворо маҳзи хотири худи тақво дӯст дошта бошад. Дар ибтидо падарону модарон ва мураббиён бо татмеъ ба моддиёт ва шуъуни ҳайвоният, фарзандони худро вориди мароҳили инсоният мекунанд. Маъмулан мардум бо ташвиқ ва татмеъ ба моддиёт, кӯдаконро ба ростгӯӣ ва ҳифзи адаб ва ахлоқи некӯ ва риояти одоби муошарат ва анҷоми ибодат водор мекунанд, то он ки ба тадриҷ руҳи худи тифл рушд кунад ва арзиши воқеии инсон будан ва одамиятро дарк кунад.

---

[10] *Бо таваҷҷӯҳ ба ин ки сармояи воқеии як кишвар, афроди он кишвар аст, ҳамон тавре, ки Мортин Лутер дар ҷумлаи маъруфи худ гуфта, пас ба ҳам хӯрдани ин таъодул, мӯҷиб мешавад, ки бузургтарини сармояи як кишвар аз байн биравад.*

Ҳамон кӯдаке, ки дар ибтидо бо нуқлу ширинӣ ташвиқ шуда ва қадам ба мадраса гузошта, мумкин аст кораш ба ҷойе бирасад, ки тамоми дунё ва мофиҳо дар назараш арзиши як соат мутолеа ва таҳқиқи илмӣ надошта бошад. Вале инҳо мароҳиле аст аз инсоният, ки камтар иттифоқ меафтад башаре ба ин мароҳил бирасад. Дар мароҳили аввалия, ягона василаи нашр ва тавсиаи фазоил ва камолоти одамият, ташвиқ аст.

Дар таърих бисёр дида мешавад, ки уламо ва донишмандоне ё шуаро ва ҳунармандоне, ки аз лиҳози таҳзиби нафс заъиф будаанд, дар асари қадрнашиносӣ ва адами ташвиқи ҷомеа осори худро аз байн бурдаанд. Яке аз онҳо ҳаким ва нависандаи маъруф Абӯҳайёни Тавҳидӣ аст. Абӯҳайён шогирди Абӯсулаймони Мантиқии Сиҷистонӣ, соҳиби "*Савон ал-ҳикма*" аст, ки аз ҳукамои баном аст ва худи Абӯҳайён китоби нафисе ба номи "*Муқобасот*" таълиф карда, ки алъон дар даст аст ва дар он китоб истифодаҳое, ки аз маҳзари устодаш карда ҷамъоварӣ намуда. Абӯҳайён бо ҳамаи иттилоот ва маълумот ва қувваи нависандагие, ки дошт, аз лиҳози ахлоқ ва таҳзиби нафс заъиф буд ва ахлоқ ва малакотеро, ки шоистаи як нафар донишманд ҳаст фоқид буд ва аз ин рӯ ҳамеша чашм ба ташвиқ ва тақдири иҷтимоъ дошт ва чун он қадрдонӣ, ки ӯ интизор дошт ба амал наомад, дар охири умр он чи китоб дошт, ки дар дастрас буд, ҳамаро якҷо оташ зад.

Ва ҳамчунин Убайди Зоконӣ, ки марде донишманд ва бомаълумот буд, вақте, ки дид, мардум аз илму дониши ӯ қадрдонӣ намекунанд, роҳ ҳазлгӯӣ ва лағвгӯиро пеш гирифт ва гуфт: чун мардум ҳамин чизҳоро меписанданд ва бозори лағвгӯӣ аз бозори ҳақиқатгӯӣ гармтар аст, пас ман бояд ҳамон матоъе, ки бозораш роиҷ аст, арза бидорам.

Ин аст зарарҳои қадрдонӣ накардан аз фазоил ва камолот. Ва албатта возеҳ аст, ки ҳамон тавре, ки иҷтимое, ки амсоли Абӯҳайён ва Убайди Зоконӣ дар он мезистаанд, аз лиҳози қадрнашносӣ аз илму фазилат мустаҳиққи маломат ва тавбех аст. Худи ин ду мард ва амсоли онҳо ба дараҷоте бештар мустаҳиққи сарзаниш ҳастанд, зеро мақоми инсоният иқтизо мекунад, ки инсон фазилатро барои худи фазилат дӯст дошта бошад, на барои чизи дигар. Яке аз олитарин ва муфидтарин дастурҳои тарбиятии ахлоқ ин аст, ки мардумро тавре тарбият кунанд, ки фазоили инсоният аз қабили илм ва ҳунар ва сафои нафс ва тақво ва ростгӯиро барои худи ин умур дӯст дошта бошанд, на барои чизи дигар. Ин умур барои башар мақсад аст, на васила.

Яке аз сунан ва одоби бисёр мустаҳсане, ки дар қадим дар миёни аҳли илм ва донишмандон маъмул буд ва мутаассифона муддате аст, ки матрук шуда ва ба он таваҷҷӯҳе намешавад ин буд, ки муҳассилин ва донишҷӯёнро дар роҳи таҳзиби нафс ва тасфияи ахлоқ ва ихлоси ният ворид мекарданд ва аз аввал дар мағзи донишҷӯён ин

нуктаро ворид мекарданд, ки агар мехоҳад фақеҳ ё табиб ё риёзидон ё адиб ё файласуф шавад, бидонад, ки мақоми илм болотар аст аз ин ки василаи нону об воқеъ шавад ва пояи боло рафтан ба дараҷот ва маротиби зоҳирӣ бошад.

Яке аз таълимоти нуронӣ ва наҷотбахши дини муқаддас ислом ин аст, ки таҳзиб ва тазкияи нафсро бар ҳама чиз муқаддам диниста ва онро ба унвони як вазифаи умумӣ барои ҳама кас дар ҳар ришта ва ҳар табақае, ки бошад воҷиб шумурда ва сареҳан эълом карда, ки ягона василаи фалоҳ ва растгорӣ ҳамоно тазкия ва таҳзиби нафс аст:

**قَدْ أَفْلَحَ مَنْ زَكّاها. وَقَدْ خابَ مَنْ دَسّاها**

(*Шамс/9 ва 10*)

Қуръони Карим мефармояд, фақат касоне, ки дорои қалби солим аз амрози ахлоқӣ ва дили пок ва босафо ҳастанд, дар олами охират василаи наҷот дар даст доранд:

**يَوْمَ لا يَنْفَعُ مالٌ وَلا بَنُونَ. إِلاّ مَنْ أَتَى اللّهَ بِقَلْبٍ سَلِيمٍ**

(*Шуъароъ/88 ва 89*)

**والسلام عليكم ورحمة الله وبركاته**

# Ҳасад

Дар инсон ҳолате аст, ки ҳар гоҳ касеро дорои неъмате бибинад, орзу мекунад, ки ӯ ҳам монанди он шахс дорои ҳамон неъмат буда бошад. Ин ҳолатро рашк ва ба забони арабӣ, ғибта мегӯянд. Ва ин ҳолат барои расидани инсон ба камол лозим аст ва яке аз беҳтарин сифоти инсон аст. Аҳли камол гуфтаанд, инсон нахуст лаззати камолро мечашад, баъд онро мешиносад, сипас муштоқ мешавад, он гоҳ дар мақоми талаб бармеояд, пас ба он мерасад. Ва агар инсон ин тавр набошад, ки хубии чизеро дарк накунад ё он ки ӯро барои худ орзу накунад, ҳамеша дар ҳадди накс боқӣ мемонад.

Аммо гоҳе дар инсон ҳолате пайдо мешавад, ки на фақат ҳавас мекунад, ки он неъматро дошта бошад, балки хашмнок мешавад, ки он шахс дорои он неъмат бошад ва орзу мекунад, ки он неъмат аз он шахс зоил шавад. Ин ҳолатро ҳасад ва бадхоҳӣ мегӯянд.

**Маншаъи** ҳасад мухталиф аст, ғолибан **ҷоҳталабӣ** аст, ки инсон мехоҳад дар он чи дорад беназир бошад. Ва аз ин рӯ, ҳасад дар миёни ақрон ва аҳли растае нисбат ба худашон бештар вуҷуд дорад. Ва аз ин рӯст, ки ашхоси бузург дар миёни қавми худашон ва дар замони худашон камтар мавриди таваҷҷӯҳ воқеъ мешаванд ва қадри мардони бузург дар диёри худашон ва замони худашон камтар шинохта мешавад. Қуръони Карим аз забони куффор нақл мекунад:

**أَأُلْقِيَ الذِّكْرُ عَلَيْهِ مِنْ بَيْنِنَا**

(“*Оё байни мо, афроди башар, танҳо бар ӯ ваҳӣ расид?..*” (*Қамар/25*))

**أَبَشَرًا مِنَّا وَاحِدًا نَتَّبِعُهُ**

(“*Оё сазад, ки мо як башаре аз ҷинси худамонро пайравӣ кунем?..*” (*Қамар/24*))

Ва гоҳе **маншаъи** ҳасад **кина** аст. Касе, ки аз шахсе ранҷид ва натавонист аз ӯ интиқом бикашад, орзу мекунад рӯзгор аз ӯ интиқом бикашад.

Ва гоҳе низ **маншаъи** ҳасад **бухли зотӣ** ва ба иборати дигар, **хубси нафс** аст; агар Худо дар ҳар ҷойи дунё ба бандае неъмате бидиҳад, мисли ин аст, ки аз хазонаи онҳо дода ва инҳо ба истилоҳ, илова бар бухл, дорои “шуҳҳ”-анд, яъне ҳатто розӣ намешаванд, ки моли дигарӣ ба дигарӣ бирасад.

Ҳасуд, золимест шабеҳ ба мазлум.

Шахси ҳасуд ҳамеша барои пешрафти дигарон иллатҳои шайтонӣ метарошад ва ҳозир нест ба иллатҳои воқеии он пешрафт эътироф кунад ва дар ҳақиқат мехоҳад мункири адли парвардигор ва ҳисоби ҷаҳон ва низоми олам шавад ва ҳамин нумра ашхосанд, ки ғолибан рӯзгорро ғаддор ва сифлапарвар ва чархро каҷмадор ва дуннавоз мехонанд:

*Аз ҳашмат аҳли ҷаҳл ба Кайвон расидаанд,*

*Ҷуз оҳи аҳли фазл ба Қайвон намерасад.*

*(Ҳофиз)*

Албатта, гоҳе дар ҷомеаи башарӣ ин беадолатиҳо ба вуҷуд меояд, ки нолоиқеро ба кор вомедоранд ва лоиқеро бе кор мегузоранд, аммо шахси лоиқ билохира ҷойи худро бозмекунад.

Ва ба таври куллӣ набояд ба назми ҷаҳон бадбин шуд ва ҳамин тарз афкор, ки ба воситаи ҳасад дар инсон пайдо мешавад, сабаб мешавад, ки чашми ақли инсон кӯр шавад ва дар натиҷа натавонад роҳи ҳақиқии пешрафт дар зиндагиро пайдо кунад ва бештар аз мақсуд дур бимонад. Ва ягона роҳ барои ҷилавгирӣ аз ин сифат, тақвияти ақл ва имон аст.

Ба таври куллӣ, ғаризаҳои бад дар инсон мисли сояҳои ҳавлноке аст, ки аз кӯҳҳо ва деворҳои баланд бар дили инсон биафтад. Ва бедории ақл ба манзилаи тулӯъи офтоб аст, ки ҳамаи онҳоро аз байн мебарад. Ва ё он ки ғаризаҳои бад ба манзилаи укдаҳо ва гиреҳҳое аст дар дили инсон, ки ӯро ноороҳат медорад ва ақл ба манзилаи ҷаррохе аст, ки он укдаро пора кунад ва шахсро роҳат мекунад.

Ба таври куллӣ, ҳасад аз иҷтимоъи ду сифат аст дар инсон: яке накс ва дигаре заъф. Шахси ҳасуд агар фарз шавад фоқиди он чизе, ки ба воситаи ӯ (ҳасад) дорад, набошад, ҳасад намеварзад ва аз ин рӯ агар худаш фикр кунад ва ақли худро ба кор андозад ва

худашро даҳ дараҷа болотар ва дорандатар аз шахси маҳсуд фарз кунад, мебинад дар он сурат аҳаммияте ба маҳсуд намедиҳад ва ин далел бар ин аст, ки накси ӯ сабаби ҳасади ӯ шуда.

Ва чун заъиф аст, дар худ он қудратро намебинад, ки ӯ ҳам аз роҳаш ворид шавад ва коми худро аз рӯзгор бигирад ва пиллаҳои зиндагиро як ба як боло равад, орзу мекунад пас дигарӣ аз пилла биафтад ва пояш бишканад ва билохира дар худ он ҳимматро намебинад, ки аз тараф ҷилавтар ва болотар равад, орзу мекунад пас ӯ ба ақиб баргардад ва ба замин биафтад ва аз ин ҷиҳат ашхоси қавӣ вақте мешунаванд, ки фалон шахс ба фалон мақом расид, шодмон мешаванд ва мефаҳманд пас мешавад ба он мақом расид.

## Моликияти нафс ва тасаллут бар хештан

Аҳли таҳқиқу назар вақте, ки мехоҳанд ҳадафи ниҳоии тарбият ва ахлоқро баён кунанд, мегӯянд: ҳадафи олӣ ва ниҳоии тарбият, моликияти нафс ва тасаллут бар хештан аст. Ва ҳамчунин ҳангоме, ки бузургони башарро тавсифу тамҷид мекунанд, ба ин сифат меситоянд ва ин сифатро миқёс ва мизони азамат ва шахсият ва бузургии афроди башар муаррифӣ мекунанд. Саноӣ мегӯяд:

*Бар худ онро, ки подшоҳӣ нест,*

*Бар дигар кас ту подшаҳ машмор.*

Қабл аз ин ки вориди баёни фоидаҳои моликияти нафс ва тасаллут бар хештан шавем, бибинем асосан моликияти нафс ва тасаллут бар хештан яъне чӣ? Ва асосан ин калима чӣ маъно медиҳад? Моликият ва тасаллут маъмулан мусталзими ду тараф аст: яке он кас, ки ҳоким ва қоҳир ва мусаллат аст ва яке он кас ё он чиз, ки ин шахс бар ӯ ҳукумат ва тасаллут ва ҳукмронӣ дорад, мисли он ки инсоне ҳайвонеро таҳти нуфуз ирода ва қудрати худ қарор медиҳад ва ё он ки як нафар дар раъси ташкилоте қарор мегирад ва бар аъзо ва аҷзои он ташкилот тасаллут пайдо мекунад ва ё он ки ду нафар дар мусобиқаи куштӣ панҷа дар панҷаи якдигар меафкананд ва яке аз он ду, ки қавитар ва моҳиртар аст, дигартро мағлуб мекунад ва бар ӯ мусаллат мешавад. Ба ҳар ҳол, ғолибият ва мағлубият ва ҳокимият ва маҳкумият ва моликият ва мамлукият, мусталзимт ду тараф аст: яке ҳоким ва дигаре маҳкум, яке ғолиб ва дигаре мағлуб, яке молик ва дигаре мамлук.

Бинобар ин моликияти нафс ва тасаллут бар хештан, ки уламои тарбият ва ахлоқ онро олитарин ҳадафи тарбият муаррифӣ мекунанд яъне чӣ? Ҳар касе як фард беш нест ва чӣ гуна мумкин аст, ки як фард худаш бар худаш мусаллат шавад, худаш бар худаш ғалаба кунад, худаш бар худаш ҳукумат кунад?

Ин суоле аст, ки мумкин аст пеш биёяд. Ҷавоби ин суол ин аст, ки воқеан ҳам ҳамин тавр аст, яъне мумкин нест, ки битавонем барои шайъи воҳид ба таври саҳеҳе тасаллут ва қоҳирият нисбат ба худаш фарз кунем. Вале як ҳақиқати мусаллам дар кор ҳаст, ки ҳар касе бо мурочеа ба замири хеш метавонад ин ҳақиқатро бифаҳмад ва пас аз фаҳмидани ин ҳақиқат, маънои моликият ва тасаллут бар хештан, ки олитарин ҳадафи таълимоти мураббиёни ахлоқ аст равшан хоҳад шуд.

Ҳар кореро, ки инсон бо ихтиёри худаш анҷом медиҳад, мисли роҳ рафтан ва ғизо хӯрдан ва сухан гуфтан ва ғайри инҳо, ибтидоан мароҳиле дар ботин ва замир тай мекунад, то ба марҳилаи амал мерасад, яъне аввал фикр ва андешаи ин кор дар замир пайдо мешавад ва сипас фавоид ва мазорраш дар назараш муҷассам мешавад ва баъд майли ғаризӣ таҳрик мешавад ва пас аз он ба марҳилаи азм ва тасмим ва ирода мерасад ва мунҷар ба амал мешавад.

Аввалин бор, ки андешаи амале дар замир пайдо мешавад ва инсонро водор ба тааммул ва санҷиш дар бораи анҷоми он амал мекунад, дуруст ба манзилаи лоиҳае аст, ки тақдими қувваи оқилаи инсон мешавад ва пас аз он ки аз тасвиби қувваи оқила гузашт, ирода ӯҳдадор иҷро ва анҷоми он мешавад ва марҳилаи амал марҳилаи иҷрост, ки ба василаи ирода сурат мегирад.

Ирода дар кишвари вуҷуди инсон симати қувваи муҷрияро дорад ва дастгоҳи идрок ва фикр симати қувваи муқаннинаро ва ҳар коре, ки дар хориҷ, аз инсон сар мезанад, аз як тараф бо кайфияти идроки ӯ бастагӣ дорад ва аз тарафи дигар ба мизони қудрат ва қуввати иродааш.

**Дар таълиму тарбият, ҳадафи таълимот тақвияти дастгоҳи фикр ва идрок ва боло бурдани сатҳи афкор аст ва ҳадафи тарбият тақвияти нерӯи ирода аст.**

Қувваи тамйиз ва ташхис ва идрок ҳар андоза қавӣ бошад, модом, ки ирода ба ҳадди кофӣ қавӣ ва нерӯманд набошад ва қудрати иҷро надошта бошад, муфиди фоидае нест.

Қудрат ва нуфузи ирода, дар ҷойе ба фарёди инсон мерасад, ки амале, ки бар вифқи тасвиби ақл мехоҳад анҷом ёбад, бар хилофи майл ва одот ва таносонӣ бошад. Масалан, ба амри Худо бояд намозро дар панҷ вақт баҷо овард ва субҳ байни тулӯъайн рахти хоби гарму нармро тарк кард ва дилро ба ёди Худо ва забонро ба зикри ӯ ба гардиш овард ва барои ӯ рукӯъу суҷуд ва қиёму қуъуд ва тасбеҳу таҳмид кард ва ба амри Худо бояд закоти молро дод ва фуқаро ва зуъафоро дастгирӣ кард, вале ин корҳо умуре аст, ки бар хилофи майл нафс ва таносонӣ аст ва тамоюлоти мухолифе алайҳи ин тасмим қиём мекунанд ва монеъи иҷро мешаванд. Танҳо як иродаи қавӣ лозим аст, ки майлҳои мухолифро ақиб биронад ва хайру фазилатро иҷро кунад. Ҳамчунин аст одатҳои музир

ва хатарнок: бисёре ашхос ҳастанд, ки масалан ба дуд ва ё Худой нахоста ба машруб ё қимор одат доранд ва зиёни онҳоро комилан ҳисс мекунанд ва хеле орзу доранд, ки ин одотро раҳо кунанд, вале ин қудрат ва иродаро надоранд, ки он одотро раҳо кунанд; баъзе аз лиҳози азм ва тасмим ва ирода, аз лиҳози он чизе, ки симати қувваи муҷрияро дар кишвари вуҷуди инсон дорад заъифанд.

Яке аз хулафои муқтадири Банӣ Аббос — ки шояд Маъмун буд — одат ба хок хӯрдан дошт ва зарарашро медонист, вале наметавонист ин одати бадро тарк кунад. Рӯзе иддае аз ҳукамо ва табибҳоеро ҷамъ кард ва аз онҳо роҳи дармон ин маразро хост ва мехост онҳо бо таҷвизи даво ё таъйини режими ғизоӣ ин одатро аз байн бибаранд. Марди жандапӯше дар гӯшаи маҷлис нишаста буд, гуфт: дармони ин мараз пеши ман аст. Ҳамаи ҳуззор ва аз ҳама бештар шахси халифа мутаваҷҷеҳи ӯ шуданд ва давовънш истифсор карданд. Вай гуфт:

عَزْمَةٌ مِنْ عَزَماتِ الْمُلوك

Яъне давои ин мараз, як тасмим аз навъи тасмимоте аст, ки шоистаи подшоҳон аст. Ва бо гуфтани ин ҷумла, халифаро водор кард, ки аз ҷустуҷӯи давоҳои хӯрданӣ чашм бипӯшад ва аз ботини зот ва замири худ ҳиммат биталабад.

Нуктаи аҷибе, ки равоншиносон ёдоварӣ кардаанд ин аст, ки бо он ки инсон — чӣ дар вақте, ки мувофиқи тамоюлоти нафсонии худ тасмиме бигирад ва амали зидди ахлоқӣ анҷом диҳад ва чӣ дар вақте, ки дар баробари тамоюлоти нафсонӣ истодагӣ ва муқовамат кунад ва нақшаи ақлу имонро иҷро кунад — билохира як фарди мутасаддии кор буда, чӣ сирре дар кор аст, ки дар вақте, ки иродааш бар шаҳват ғолиб мешавад, дар виҷдони худ эҳсоси фатҳу зафар ва нерӯ мекунад ва ҳолати касе ба ӯ даст медиҳад, ки дар мубориза бар ҳариф фоиқ омада ва аммо дар вақте, ки нақшаи шаҳват ва тамоюлоти нафсониро анҷом медиҳад, эҳсоси заъф ва шикаст ва мағлубият мекунад ва ҳолати он касе ба ӯ даст медиҳад, ки дар мусобиқа аз ҳарифи худ шикаст хӯрда; чӣ сирре дар ин кор аст ва ин намуд виҷдоне намояндаи чӣ ҳақиқате аст?

Ҳақиқат ин аст, ки он чизе, ки ҷавҳари шахсият ва маниши инсонро ташкил медиҳад, ҳамоно ақлу иродаи ӯст ва соири умур туфайлиҳои вуҷуди инсон аст ва ҳар ҳолати нафсонӣ, ки ҷанбаи руҳӣ ва маънавиаш зиёдтар аст, ба шахсияти инсон наздиктар аст ва ҳар ҳолати нафсонӣ, ки ҷанбаи моддӣ ва нафсонӣ дар ӯ зиёдтар аст, аз шахсият ва маниши воқеии ӯ дуртар аст.

**Ҳангоме, ки шаҳавот ва аҳво туғён мекунад ва ақлу иродаи ахлоқии ӯро мағлуб мекунад, воқеан худи инсон яъне шахсияти ҳақиқӣ ва инсонии инсон шикаст хӯрда**

**ва худаш мағлуби туфайлиҳои вуҷуди хеш шуда ва ҳар вақт ақлу ирода бар ҳавоҳо ва ҳавасҳо ғолиб шавад, худи инсон яъне ҷавҳари шахсияти инсонии инсон бар туфайлиҳои вуҷудаш ғолиб шуда ва фоиқ омада**.

Инсон, ҳамон тавре, ки аз ҷанбаи зоҳирӣ ва баданӣ як имтиёзоти махсус ба худ дорад, аз ҷанбаи руҳӣ ва маънавӣ низ имтиёзоте дорад ва чун руҳ дар ҳама ҷо милоки шахсияти воқеии ҷондор аст, пас милоки шахсияти воқеии инсон руҳи инсонии ӯст.

Масалан, он касе, ки гирифтори бухл аст, воқеан ва ҳақиқатан шахсияти воқеияш асири як амри туфайлӣ аст ва бояд коре (кунад), ки аз асорати ин амри туфайлӣ озод шавад:

وَمَنْ يُوقَ شُحَّ نَفْسِهِ فَأُولئِكَ هُمُ اَلْمُفْلِحُونَ

(*Ҳашр/9*) Яъне он касоне, ки аз офати бухл ва имсок маҳфуз бимонанд, онҳо растгоронанд.

Алӣ алайҳис салом дар зимни яке аз номаҳое, ки дар замони хилофати хеш ба яке аз уммоли он замон навишта мефармояд:

وَلَوْ شِئْتُ لاَهْتَدَيْتُ الطَّرِيقَ اِلى مُصَفّى هذَا الْعَسَلِ وَلُبابِ هذَا الْقَمْحِ وَنَسائِجِ هذَا الْقَزِّ وَلكِنْ هَيْهاتَ أَنْ يَغْلِبَنِي هَوايَ وَيَقودَني جَشَعي

(*"Наҳҷул-балоға", номаи* 45) Яъне "*барои ман майсур аст ва роҳ боз аст, ки беҳтарини нонҳо ва беҳтарини хӯришҳо ва беҳтарини либосҳоро барои худ интихоб кунам, вале ҳайҳот, ки ман мағлуби ҳавои нафс бишавам ва ҳирс маро маҳор кунад ва ба дунболи хеш бикашад*."

Воқеан ва ҳақиқатан он кас, ки гирифтори бухлу ҳирсу оз аст, мағлуби як амри туфайлӣ аст ва ихтиёраш аз кафи худаш берун шуда.

والسلام عليكم ورحمة الله وبركاته

## Ғизои руҳ

بسم الله الرحمن الرحيم

Инсон дар ноҳияи руҳу замир айнан монанди бадан мӯҳтоҷ ба тағаззӣ (ғизо) аст. Агар ба бадан ғизо нарасад, лоғар мешавад ва агар муддате нарасидани ғизо идома пайдо кунад, бадан мемирад ва аз байн меравад. Агар ба руҳи низ ғизо нарасад, лоғар ва нотавон мешавад ва агар нарасидани ғизо барои ҳамеша идома пайдо кунад, руҳ мемирад. Ғизои руҳ албатта аз ҷинси гандуму биринҷу равған нест, ғизои руҳ илм ва ишқ ва умед ва имон аст. Иштибоҳи аслии фарзанди одам, ки дар ҷустуҷӯи саодат ҷон

ба лаб расонида ҳамин аст, ки ташнагӣ ва эҳтиёҷи руҳро мехоҳад бо сер кардани ҷисму бадан таъмин кунад, яъне ҷустуҷӯи амри маҳолеро мекунад. Дуруст мисли ин аст, ки як нафар гурусна бошад ва барои сер шудани ӯ ба як нафари дигар нон бидиҳем:

*Гар хурад ин нон, нагардад сер он*

*В-ар кашад бор ин, нагардад ӯ гарон.*

*(Мавлоно)*

Оре, он чи эҳтиёҷи руҳро рафъ мекунад ва ба ӯ қувват ва нерӯ мебахшад, оромиш ва итминон медиҳад, модда ва моддиёт нест, маънавиёт аст. Қуръони Карим мефармояд: "*Оё он кас, ки мурда буд ва мо ӯро зинда гардонидем ва барои ӯ нуре қарор додем, ки бо он нур дар миёни мардум роҳ меравад ва бо онҳо муошарат мекунад, монанди касе аст, ки дар зулумот ба сар мебарад ва ҳаргиз аз он зулумот хориҷ намешавад?!" (Анъом/122*)

Мақсуди Қуръон аз ин ҷумла, ки "*бархе мурда буданд ва мо онҳоро зинда гардондем*" ин нест, ки бадани як идда мардум мурда буд ва аз ҳаракат афтода буд ва мо думартиба ба он ҷон додем, балки мақсуд дилҳои мурда аст, ки бо руҳи имон зинда шудааст. Имон тавлиди ишқ ва ҳарорат ва умед мекунад, вале на ишқи маҷозӣ, балки ишқи ҳақиқӣ яъне ишқ ба мабдаъи куллии олам, ки маъдани хайрот ва манбаъи ҳамаи ҷамолҳо ва зебоиҳо ва камолҳост:

*Ишқҳое, к-аз пайи ранге бувад,*

*Ишқ набвад, оқибат нанге бувад...*

*Ишқи он зинда гузин, к-ӯ боқӣ аст,*

*К-аз шароби ҷонфизоят соқӣ аст.*

*Ишқи он бигзин, ки ҷумлай анбиё*

*Ёфтанд аз ишқи ӯ кору киё.*

*Ту магӯ: моро бад-он шаҳ бор нест,*

*Бо каримон корҳо душвор нест.*

*(Мавлоно)*

Боре, руҳу замири инсон зарфияте аст, ки иқтизои пур шудан дорад ва аз он чи дар ӯ рехта мешавад тағзия мекунад. Ва аз ин ҳайс, зарфияти руҳ монанди зарфияти ҷиҳози ҳозима аст, ки аз он чи аз роҳи ҳалқ ворид мешавад тағзия мекунад ва ба бадан нерӯ мерасонад, бо ин тафовут, ки зарфияти руҳ тавре аст, ки номаҳдуд аст.

Он чи дар зарфи руҳ ҷой мегирад, илм ва умед ва имон ва муҳаббат аст. Инсон наметавонад аз роҳи пур кардани зарфияти шикам ва аз роҳи ба даст овардани мақомоти зоҳирӣ ва билохира аз роҳи моддиёт руҳи худро розӣ ва хушнуд созад, яъне ҳолатеро ба

вуҷуд оварад, ки сад дар сад аз зиндагӣ розӣ бошад ва ба зиндагӣ алоқаманд ва дилгарм бошад, зеро мояи дилгармии руҳ ин умур нест.

Барои баъзе аз мардум мӯҷиби таъаҷҷуб мешавад вақте, ки мешунаванд, ки фалон мард ё фалон зан, ки тамоми васоили зиндагӣ барои онҳо фароҳам аст ва дигарон орзуи доштани зиндагӣ монанди зиндагии онҳоро доранд, аз вазъи худ нороҳатанд, доиман дар ташвиш ва нигаронӣ ва нороҳатӣ ба сар мебаранд ва ҳатто баъзе аз онҳо тасмим ба амали зидди ақл ва зидди дин ва зидди шарофат, ки исмаш худкушӣ аст мегиранд; таъаҷҷуб мекунанд, ки чаро инҳо норозиянд, магар девона шудаанд?! Вале барои як нафар олими маърифатурруҳӣ ва равоншинос ҳеч таъаҷҷуб ва шигифтӣ нест, зеро натиҷаи пардохтан ба лаззоти моддӣ ва баданӣ ва вогузоштани ҷанбаҳои эҳтиёҷи руҳӣ ҷуз ин нест.

Бидуни шак, ҳар кас, ки дилаш ба шӯълаи имон гарм нест ва аз барқи умед равшан нест ва ба зинати илму иттилоъ музайян нест, наметавонад воқеан хушбахт ва розӣ бошад.

Эпикур, аз донишмандони баноми ҷаҳон аст, ки дар қарни чаҳоруми қабл аз мелод мезиста ва дар фалсафаи зиндагӣ назарияи хоссе дорад. Эпикур, асли зиндагиро лаззат медонад, яъне миқёси хубӣ ва бадиро лаззат медонад ва мегӯяд: фақат он чизе хуб аст, ки лаззати бештаре тавлид кунад ва ҳамин назарияи вай дар боби лаззат, сабаб шудааст, ки айёширо эпикурӣ ном ниҳодаанд.

Ин донишманд дар айни ҳол, изҳори ақида мекунад, ки танҳо бо айёшиҳои ҳосил аз маю маъшуқ ва бозиву тафреҳ наметавон ба лаззати комил расид; лаззати комил он вақт ба инсон даст медиҳад, ки зарфияти руҳ ишбоъ шавад ва зарфияти руҳ бо илм ва камол ва иззат ва маноъат ишбоъ мешавад.

Аз ин рӯ Эпикур шахсан аз дунболгирии айёшӣ ва шаҳватронӣ эҳтироз дошт ва дар гӯшае бо тафаккур дар муъзалоти илмӣ ва муошарат бо як идда дӯстон ва руфақои ҳамфикр ва ҳамақида ба сар мебурд. Мавлавӣ мегӯяд:

*Роҳи лаззат аз дарун дон, н-аз бурун,*
*Аблаҳӣ дон ҷустани қасру ҳусун.*
*Он яке дар кунҷи масҷид масту шод*
*В-он дигар дар боғ туршу бемурод.*
*Қаср чизе нест, вайрон кун бадан,*
*Ганҷ дар вайронӣ аст, эй мири ман!*
*Ин намебинӣ, ки дар базми шароб*
*Маст он гаҳ хуш шавад, к-ӯ шуд хароб?*

# Тавба ва иноба

بسم الله الرحمن الرحيم

وَأنيبوا اِلى رَبِّكمْ وَأَسْلِموا لَهُ مِنْ قَبْلِ أنْ يأْتِيكمُ الْعَذابُ ثُمَّ لا تُنْصَرونَ

(*Зумар/54*)

Яке аз хусусиёт ва имтиёзоти фарзанд одам ин аст, ки майдони амалаш васеъ аст, музайяқ (танг) ва маҳдуд нест. Ҳар мавҷуде дар ҳар мартиба ҳаст, ба таносуби худаш, асар ва амале дорад, лекин баъзе мавҷудот майдони амалашон маҳдуд ва кучак аст, якнавохт ва собит аст. Аз кучактарин зарра гирифта то бузургтарин ситорагон ҳар кадом дар амал ва дар коранд, вале фақат як навъ кор ва як навъ амал аст, ки дар қудрати онҳост, ҳамеша ба як ҳол бар гирди як марказ ва ё бар як меҳвар мечарханд. Аз он зарраи кучаки дохили атом гирифта то аҷсоми бузург монанди замин ва моҳ ва ситорагон ҳамин ҳолро доранд.

Наботот нисбат ба ҷамодот майдони амали васеътаре доранд ва боз ҳайвонот аз наботот майдони амалашон васеътар аст.

Он ки майдони амалаш комилан васеъ аст ва ба миқёси зиёде ҷилаваш боз аст ва ба ҳақиқат мухтор ва хурр ва озод аст ва иҷбор надорад, ки ҳамеша як навъ амал аз худ бурузу зуҳур диҳад, инсон аст. Инсон ташхис медиҳад, аз чанд чиз якеро интихоб мекунад, дар аъмол ва корҳои худ метавонад ҳисоб кунад, андеша ва фикр ба кор мебарад, хубу бадро аз якдигар ҷудо мекунад. Ва ба ҳамин ҷиҳат, дар ҳол ва руҳияи инсон имкони тағйирҳо ва таҳаввулҳо ҳаст, имкони тағйири масир ҳаст, гоҳе боло меравад ва гоҳе сукут мекунад, гоҳе тунд меравад ва гоҳе кунд ва гоҳе мутавассит. Ин фарзанди одам аст, ки дар умри худ мумкин аст дар ҳар давра ва замоне як навъ фикр ва як навъ амал ва як навъ ахлоқ ва малакоте дошта бошад.

Сирри матлаб ин аст, ки дар инсон қувваҳо ва ғароизи зиёде ҳаст; гоҳе мумкин аст ин қувва ғолиб шавад ва гоҳе он қувва. Ин аст, ки ҳолатҳои мухталиф ва мутазодд дар инсон пеш меояд: гоҳе тира ва зулмонӣ мешавад ва гоҳе равшан ва нуронӣ, гоҳе ба сарошебӣ меравад ва гоҳе бозгашт мекунад.

Суханронии имшаб дар атрофи яке аз ҳолатҳои хосси башарӣ аст, ки аз имтиёзҳо ва ихтисосоти ин мавҷуд аст ва аз ҳолатҳои хуби ин мавҷуд аст ва он ҳолати тавба ва иноба аст. Ин фарзанди одам аст, ки муртакиби хатиъа мешавад ва баъд ба худ меояд ва як аксуламали қавӣ ва шадид аз кирдори худаш дар худаш пайдо мешавад ва ба суръат ва шиддат бозгашт мекунад. Агар тӯперо ба қувват ба замин бизанем, бо сахтӣ ва салобати

замин мувоҷеҳ мешавад. Асари муқовамати замин ин аст, ки амале дигар яъне аксуламале пайдо мешавад ба ин ки он тӯп бо нерӯ ва суръати мушобеҳ бо аввал бармегардад дар ҷиҳати мухолиф. Ҳар андоза замин сахттар ва муқовимтар буда бошад, ин аксуламал шадидтар аст. Дар ин мисол, тӯп як омил аст ва мо, ки ӯро муҳкам ба замин задаем, омили дигар ҳастем ва омили севвум замин ва салобати замин аст.

Таъаҷҷубе надорад агар ҷисме бо як омил партоб мешавад бо муқовамати омили дигар рӯбарӯ шавад. Вале аҷиб ин аст, ки одамӣ дар ноҳияи аъмоли зишту зебои худаш, худаш амалеро анҷом медиҳад ва баъд ҳам худаш аксуламал тавлид мекунад, худаш дар муқобили амали худ муқовамат ба харҷ медиҳад ва ин муқовамат мунҷар ба аксуламал ва бозгашт мешавад. Ин яке аз ҳайратангезтарин ҳолатҳои башарӣ аст.

Мисли ин аст, ки амале аз як ноҳия аз навоҳии вуҷуди инсон масалан аз ноҳияи шаҳват, аз ноҳияи ғазаб, аз ноҳияи ҳубби ҷоҳу мақом, аз ноҳияи ҳубби мол буруз мекунад ва содир мешавад; ҳамин, ки содир шуд ва буруз кард, муҳкам мехӯрад ба як ноҳияи дигар ва ба як қисмати дигар, ки мисли деворе ва садде дар ҷилав истода; мехӯрад ба сафҳаи ақл, ба сафҳаи имон, ба сафҳаи виҷдон, ҳаяҷон ва аксуламал ва надомат ва пушаймонӣ ва ҳолати тавба ва надомат пайдо мешавад.

Ин ки арз кардам, сафҳаи ақл ва сафҳаи имон ва сафҳаи виҷдон, мисоле буд аз қабили ташбеҳи маъқул ба маҳсус, вагарна ақл ва имон ва виҷдон модда нест, ки ба шакли девор ва сафҳа мавҷуд бошад.

Ба ҳар ҳол, бисёр дида шуда афрод ва ашхосе, ки бо чӣ ҳирсе амалеро анҷом додаанд ва баъд як мунодии ботинӣ аз замир ва ботинашон сар даровардa ва онҳоро маломат карда ва муаззаб дошта, ба тавре, ки маргро бар азоби виҷдон тарҷеҳ додаанд, дар маҳкамаҳо изҳор доштаанд мо табаҳкорем, моро эъдом кунед. Як нафар мард ё зан масалан барои висол ба маъшуқи худ ошёнаи худро ба ҳам мерезад ва ҳатто тифли худро девонавор аз байн мебарад, баъд чунон аксуламали шадиде дар ӯ пайдо мешавад, ки худашро мекушад ва ё аз маҳкама тақозои эъдом мекунад.

Тавба ин тавр ҳолатест, аксуламали мақомоти олии инсоният дар баробари аъмоли мақомоти паст ва донии инсоният аст. Агар касе Худой нохоста тавфиқи тавбаро дар худ намебинад, бояд бидонад, ки мақомоти олии инсоният дар ӯ мурдааст.

(Мақомоти олии инсоният яъне ақл ва имон ва виҷдон ва авотифи меҳру муҳаббат нисбат ба дигарон.) Тавба қиём ва инқилоби дарунӣ аст аз тарафи аносури солеҳи вуҷуди одамӣ алайҳи мафосид ва гуноҳҳо ва харобиҳо. Фард ва иҷтимоъ дар бисёре аз чизҳо мисли якдигаранд ва дар бисёре аз маворид мешавад онҳоро ба якдигар ташбеҳ кард. Гоҳе иҷтимоъро ба фард ташбеҳ мекунем ва гоҳе фардро ба иҷтимоъ ташбеҳ мекунем.

Яке аз шабоҳатҳо ҳамин аст, ки ҳамон тавре, ки дар иҷтимоъи кучак ё бузург, дар як деҳ ва ё як шаҳр ва ё як кишвар, агар аносуре корҳоро дар даст бигиранд ва тавлиди фасод ва харобӣ ва табоҳӣ кунанд, гоҳе афроди солеҳ ва шоиста бо як қиём ҷилави мафосид ва харобиҳоро мегиранд, дар вуҷуди як фард низ ҳамин тавр аст, гоҳе қиёмҳо ва инқилобҳо ва таҳаввулҳои амиқ алайҳи гуноҳ ва фасод аз тарафи аносури солеҳи вуҷуди одамӣ яъне аз тарафи ақл ва имон бапо мешавад ва ҳукумати шаҳват ва ғазаб ва ҳаво ва ҳавас соқит мешавад. Дар Қуръони Карим дар мавориди зиёде, ки зикри тавба шуда, зикри ислоҳ ҳам омада. Дар як ҷо мефармояд:

فَمَنْ تابَ مِنْ بَعْدِ ظُلْمِهِ وَأَصْلَحَ فَإِنَّ اَللّٰهَ يَتُوبُ عَلَيْهِ

(*Моида/39*) Дар ҷойи дигар мефармояд:

إِلاَّ الَّذِينَ تابُوا مِنْ بَعْدِ ذٰلِكَ وَأَصْلَحُوا فَإِنَّ اَللّٰهَ غَفُورٌ رَحِيمٌ

(*Оли Имрон/89 ва Нур/5*) Шояд ба ҳамин назар аст, ки тавба як қиёми ислоҳӣ аст. Албатта дар тавба мисли ҳар ислоҳи дигаре танҳо надомат нисбат ба гузашта ва тағйири ният нисбат ба оянда кофӣ нест; надомат аз гузашта ва тағйири ният нисбат ба оянда лозим ҳаст, вале кофӣ нест. Ислоҳ вақте ислоҳ аст, ки харобиҳои гузашта тармим ва шикастгиҳо ҷуброн ва камбудҳо татмим шавад.

Шахсе дар ҳузури Алӣ алайҳис салом изҳори тавба кард ва калимаи истиғфор бар забон ҷорӣ кард, ба гумони ин ки танҳо гуфтани:

أَسْتَغْفِرُ اللّٰهَ رَبِّي وَأَتوبُ إِلَيْهِ

— тавба аст. Ҳазрат бо тағайюр ба ӯ фармуд: модарат бар ту бигиряд, ҳеч медонӣ, ки истиғфор чист? Истиғфор кори забон ва амали забон нест, истиғфор аксуламал ва муқовамати шадиди қувваҳои руҳонӣ дар баробари аъмоли шаҳавонӣ ва ғазабӣ аст, қиём ва инқилоби дарунӣ алайҳи мафосид ва харобиҳост, ислоҳи дохилӣ аст. Фармуд:

الأسْتِغْفارُ دَرَجَةُ الْعِلِّيّينَ

Истиғфор ҳадд ва мақоми ҳар кас нест, дараҷаи комилин аст. Баъд фармуд: шаш маъно дар истиғфор мундараҷ аст: аввал, пушаймонӣ нисбат ба гузашта, дуввум, азм ва тасмим ба бозгашт накардан ба гуноҳ, ки дигар ҳаргиз гирди гуноҳ начархӣ, севвум ин ки ҳуқуқи мардумро ҳар чи дар зимма дорӣ адо кунӣ, чаҳорум ин ки фароизи илоҳиро ҳар чи тарк кардаӣ ва баҷо наёвардаӣ, баҷо оварӣ. Баъд ду ҷузъи дигар зикр кард, ки дар мавоқеъе, ки тавба хеле шадид ва аксуламал хеле шадид бошад ва инсонро сахт гирифтори азоби виҷдон ва хавфи Худо кунад пайдо мешавад ва камоли тавба дар инҳост. Фармуд: дигар ин ки ҳамаи он гӯштҳо, ки аз ҳаром рӯйида об кунӣ; гӯште, ки аз моли ҳаром, аз ришва

ва аз рибо, аз зулм, аз шароб, дар маҷолиси лаҳв ва гуноҳ пайдо шуда, ҳамаи он гӯштҳоро об кунӣ ва гӯшти нав бирӯёнӣ. Дигар ин ки ҳамон тавре, ки муддатҳо лаззати маъсиятро чашидаӣ, муддатҳо ҳам ба тоъат сабр кунӣ ва танро ба сахтии тоъат одат диҳӣ. (*“Наҳҷул-балоға”, ҳикмати 417*)

Тавба чун бозгашт ба Худованд ва тавозӯъ ва таслим дар баробари зоти акдаси аҳадият аст, яке аз муқаддастарин ҳолатҳои башар аст. Башар дар ҳар дараҷа ва ҳар мақом бошад, аз хато ва лағзиш масун нест. Фарқе, ки афрод нисбат ба якдигар доранд, дар навъи хатиъаҳост. Басо корҳо, ки нисбат ба баъзе аз афрод тоъат ва ибодат аст, ҳамон кор нисбат ба афроди комилтар хато ва гуноҳ аст:

**حَسَناتُ الْأَبْرارِ سَيِّئاتُ الْمُقَرَّبِينَ**

(*“Биҳор ал-анвор”, ҷ.11, с.256*) Он чизе, ки нисбат ба як шахс тавҳид аст. нисбат ба шахси дигар ширк аст.

Бузургон ва покон бештар аз дигарон истиғфор мекарданд. Ҳамон тавре, ки арз кардам, тавба қиём ва инқилоб аст. Бадеҳӣ аст, ки дар муҳите, ки сад дар сад салоҳ ва сафо ва хулус ҳукмфармост, кучактарин амали инҳирофӣ аксуламал тавлид мекунад. Дар вуҷуди покон, ки ҳеч гуна кудурате нест, кучактарин гарде, ки бар хотирашон биншинад, аксуламалаш дар руҳи пок ва нуронии онҳо истиғфор аст. Расули Худо мефармуд:

**إِنَّهُ لَيُغانُ عَلى قَلْبي وَإِنّي لَأَسْتَغْفِرُ اللّهَ في كُلِّ يَوْمٍ سَبْعينَ مَرَّةً**

(*“Сафинатул-биҳор”, ҷ.2, с.322*) Дар хилоли муошаратҳо як навъ кудурате бар қалби худ ҳисс мекунам ва ба ҳамин ҷиҳат рӯзе ҳафтод бор истиғфор мекунам.

Расули Худо дар ҳар маҷлис, ки менишаст, ҳарчанд тӯлонӣ набуд, бисту панҷ бор истиғфор мекард. Ин ҳадис дар “Кофӣ” аст ва боз дар “Кофӣ” аст:

**كانَ رَسولُ اللّهِ يَسْتَغْفِرُ اللّهَ عَزَّ وَجَلَّ في كُلِّ يَوْمٍ سَبْعينَ مَرَّةً وَيَتوبُ اِلَى اللهِ عَزَّ وَجَلَّ سَبْعينَ مَرَّةً**

(*“Усули кофӣ”, ҷ.2, с.505*)

Мунтаҳои ғафлат ва қасват аст, ки одамӣ ғарқ дар гуноҳ бошад, пай дар пай маъсият кунад ва таконе нахӯрад, замир ва виҷдон ва фитраташ ӯро такон надиҳад. Дар охири умри Расули Акрам буд, ки ин сураи карима нозил шуд:

**إذا جاءَ نَصْرُ اللهِ وَالْفَتْحُ. وَرَأَيْتَ النّاسَ يَدْخُلُونَ فِي دِينِ اللهِ أَفْواجاً. فَسَبِّحْ بِحَمْدِ رَبِّكَ وَاسْتَغْفِرْهُ إِنَّهُ كانَ تَوّاباً**

(*Сураи Наср*) Яъне чунки нусрати илоҳӣ расид ва Макка фатҳ шуд, пас Худоро тасбеҳ бигӯй ва ҳамд кун ва истиғфор кун, ки ӯ тавбапазир аст.

Ин сура дар Мино дар ҳаҷҷатулвидоъ нозил шуд ва гуфта шуда охирин сурае аст, ки бар Расули Акрам нозил шуда. (Аввалин сураи нозил бар он ҳазрат сураи "Икраъ" аст ва охирин сура ин сура аст.) Лаҳни ин сура тавре аст, ки корро тамомшуда ва вазифаи Расули Худоро анҷомшуда менамоёнад. Расули Худо аз ин оятҳои карима эҳсос кард, ки маргаш наздик шуда, фармуд: марги худро эҳсос мекунам. Умми Салама гуфт: аз ин таърих намеистод ва наменишаст ва намерафт ва намеомад, магар он ки мегуфт:

**سُبْحانَ اللهِ وَبِحَمْدِهِ، أَسْتَغْفِرُ اللهَ وَأَتوبُ إِلَيْه**

Вақте иллати амрро пурсидам, фармуд: ин тавр дастур дорам.

Ба ҳар ҳол, ҳассосияти афрод дар баробари гуноҳ як ҷур нест. Ҳар андоза, ки ойинаи дил софтар ва шаффофтар ва барроқтар бошад, кудуратро беҳтар нишон медиҳад ва одамиро зудтар ба пок кардан ва соф намудан водор мекунад ва ба ҳамин далел бузургон ва покон ва соҳибони қалби салим бештар ба истиғфор ва тавба мепардохтанд. Имом Боқир фармуд:

**ما مِنْ شَيْءٍ أفْسَدَ لِلْقَلْبِ مِنْ خَطيئَةٍ، إِنَّ الْقَلْبَ لَيُواقِعُ الْخَطيئَةَ فَما تَزالُ بِهِ حَتّى تَغْلِبَ عَلَيْهِ فَيُصَيِّرَ أَعْلاهُ أَسْفَلَهُ**

(*"Усули кофӣ", ҷ.2, с.268*) Ҳеч чизе монанди гуноҳ руҳро парешон ва бемор намекунад, гуноҳ он қадр дар дил асар мегузорад ва қалбро мушавваш мекунад, ки комилан бар ӯ мусаллат мешавад ва ӯро тобеъи худ мекунад, кам-кам қалб ва руҳи одамӣ вожгун мегардад, дил, ки вожгун ва маъкус шуд, ҳама чизро маъкус мебинад.

Расули Акрам фармуд:

**قوموا إِلى نيرانِكُمُ الَّتي أَوْقَدْتُموها عَلى ظُهورِكُمْ فَأَطْفِؤوها بِصَلوتِكُمْ**

(*Таҳзибул-аҳком, ҷ.2, с.238*) Биштобед ва ин оташҳо, ки бо аъмоли худ равшан кардаед ва ин ҷаҳаннамеро, ки ба вуҷуд овардаед, бо намоз ва бо таваҷҷӯҳ ба Худо ва тавба ва истиғфор хомӯш кунед.

Имом Содиқ фармуд:

إِنَّ الْعَمَلَ السَّيِّئَ أَسْرَعُ فِي صاحِبِهِ (روحِ صاحِبِهِ) مِنَ السِّكِّينِ فِي اللَّحْمِ

(*“Усули кофӣ”, ҷ.2, с.272*) Нуфузи гуноҳ дар руҳи соҳиби гуноҳ аз нуфузи корд дар гӯшт сареътар аст; руҳи одамӣ ин қадр омодагӣ дорад барои хароб шудан.

Алӣ алайҳис салом фармуд:

وَأَيْمُ اللهِ ما كانَ قَوْمٌ قَطُّ في غَضِّ نِعْمَةٍ مِنْ عَيْشٍ فَزالَ عَنْهُمْ اِلاّ بِذُنوبٍ اجْتَرَحوها، لِأَنَّ اللهَ لَيْسَ بِظَلاّمٍ لِلْعَبيدِ. وَلَوْ أَنَّ النّاسَ حينَ تَنْزِلُ بِهِمُ النِّقَمُ وَتَزولُ عَنْهُمُ النِّعَمُ فَزِعوا اِلى رَبِّهِمْ بِصِدْقٍ مِنْ نِيّاتِهِمْ وَوَلَهٍ مِنْ قُلوبِهِمْ لَرَدَّ عَلَيْهِمْ كُلَّ شارِدٍ وَأَصْلَحَ لَهُمْ كُلَّ فاسِدٍ

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 176*)

## Холиқи ҷаҳон ва ҷаҳониён

Офаринандаи мо, одамиён ва ҳамаи мавҷудоти дигар, аз замину осмону ситорагону хуршеду моҳу дарёву кӯҳҳову ҷонварону соири ашё, Худованд аст. Махлуқоти Худованд аз шумора берун аст ва барои башар имкон надорад, ки ба ҳамаи онҳо илм ва иҳота пайдо кунад.

Худованд бо чашм дида намешавад, вале бо далели ақл метавон ӯро шинохт. Худованд ба мо ақл дода ва мо бо ин васила метавонем ба бисёре аз чизҳое, ки надидаем, аз рӯйи чизҳое, ки дида ва ҳисс кардаем, пай бибарем. Масалан, агар порчае зариф ва муҳками дорои хатту нақшҳои зебо бибинем, ба далели ақл мефаҳмем, ки бофандагони он порча ашхосе басир ва моҳир будаанд ва аз рӯйи доноӣ ва таваҷҷӯҳ он порчаро ба ин тартиби зариф ва муҳкам ва зебо бофтаанд, зеро ақли мо ба мо мегӯяд, ҳеч чизе худ ба худ дуруст намешавад ва назму тартиб пайдо намекунад, яъне нахҳо худ ба худ паҳлӯи ҳам қарор намегиранд ва хаттҳо ва нақшҳо ва зебоиҳо худ ба худ дуруст намешавад.

Боз ҳангоме, ки он порчаро ба сурати як даст либоси муназзам ва мураттаби дорои дӯхти олӣ ва ҷайбҳои бағал ва ҷайбҳои берун ва дугмаҳо ва ҷодугмаҳо ва соири лавозим бибинем, ба далели ақл мефаҳмем, ки хайёти моҳире буда, ки ин либосро ба ин сурат дӯхта ва таваҷҷӯҳ дошта, ки либос, ба ҷайб ва дугма ва ғайра эҳтиёҷ дорад ва ба ҳамин ҷиҳат ҳар кадом аз онҳоро дар ҷойи худ гузоштааст.

Мо бо далели ақл, ба маҳорат ва илм ва огоҳӣ ва таваҷҷӯҳи бофандагони порча ва дӯзандаи либос пай мебарем, зеро илм ва иттилоъи онҳо дар мағз ва андешаи худи онҳост ва ҳаргиз барои мо дидан ва ҳисс кардани он илмҳо ва иттилоъҳо муяссар нест. Мо ҳамеша аз рӯйи осор ва корҳои ашхос ба илм ва иттилоъи онҳо пай мебарем, аз сухани онҳо ё навиштаи онҳо ё санъат ва ҳунари онҳо, ба қареҳа ва истеъдод ва

маълумоти онҳо пай мебарем, вагарна барои мо муяссар нест, ки мустақиман маълумоти аҳадеро, ки дар мағз ва андешаи вай пинҳон аст, аз наздик ҳисс кунем.

Ақли мо ба мо мегӯяд, пас худи мо, одамиён низ, ки дорои ақлу ҳуш ва чашму гӯш ва дасту по ва забону дандон ва ангуштону қалбу рия ва меъдаву кабид ва куллия ҳастем ва ҳар кадом аз инҳо ба дарди коре мехӯрад, балки ҳар кадом аз инҳо дорои ҳазорҳо ҷузъ ҳаст ва ҳар ҷузъе ба дарди коре мехӯрад, қатъан падидоварандаи доно ва бино ва огоҳе дошта ва ҳамаи инҳоро бо таваҷҷӯҳ ба он коре, ки ба дарди он кор мехӯрад, ба вуҷуд овардааст.

Одамизод ҳар андоза дар хилқати худаш ва дар хилқати соири мавҷудот бештар фикр кунад ва ба таҳқиқот ва иктишофоти донишмандони табиатшинос бештар огоҳ гардад ва китобҳое, ки дар ин замина навишта шуда, бештар мутолеа кунад, маърифат ва шиносоиаш нисбат ба зоти муқаддаси Худованд зиёдтар мегардад.

*Офариниш ҳама танбеҳи Худованди дил аст,*
*Дил надорад, ки надорад ба Худованд иқрор.*
*Ин ҳама нақши аҷаб бар дару девори вуҷуд,*
*Ҳар ки фикрат накунад, нақш бувад бар девор.*
*Кӯҳу дарёву дарахтон ҳама дар тасбеҳанд,*
*На ҳама мустамеъе фаҳм кунанд ин асрор…*
*Кӣ тавонад, ки диҳад меваи алвон аз чӯб?*
*Ё кӣ донад, ки барорад гули садбарг аз хор?..*
*Ақл ҳайрон шавад аз хӯшаи заррини ъинаб,*
*Фаҳм оҷиз шавад аз ҳуққаи ёқути анор…*
*Поку беайб Худое, ки ба тақдири азиз*
*Моҳу хуршед мусаххар кунаду лайлу наҳор.*
*(Саъдӣ)*

## Осори имон ба Худо

Имон ва эътиқод ба Худои ягона баландтарин ва латифтарин андешае аст, ки дар мағз ва фикри башар роҳ ёфтааст. Имон ва эътиқод ба Худо дилро равшан ва умедвор ва хушбин мекунад ва ба одамӣ нерӯ мебахшад ва қудрати муқовамати вайро музоъаф месозад. Он кас, ки ба Худои ягонаи ҳакими раҳим имон ва эътиқод дорад, дастгоҳи азими ҷаҳонро дорои раъфат ва раҳмат ва ҳикмат ва огоҳӣ ва нуқтаи марказии ҷаҳонро рауф ва раҳим ва ҳаким ва огоҳ медонад ва мӯътақид аст, ки Худованд амали некро зойеъ

намесозад ва ҳомии касоне аст, ки ба ҳақ амал мекунанд ва дар роҳи ҳақ гом бармедоранд. Ба ин ҷиҳат ҳамвора бо дили равшан ва умедвор ва бо эътимод ва иттико ба Худо дар роҳҳои хайру салоҳ ҳаракат мекунад. Аммо он кас, ки аз ин имон ва эътиқод бебаҳра аст, ҷаҳонро дастгоҳе бераҳм ва бетаваҷҷӯҳ ва дорои қасоват пеши худ таҷассум месозад, дар сахтиҳо ва шадоид умеди худро мебозад ва фаразан бихоҳад дар роҳи салоҳ ва ислоҳи иҷтимоъ гом бардорад, чунин нерӯеро ҳомӣ ва пуштибони хеш намедонад.

Ин матлаб аз ҳазорон сол пеш то имрӯз барои ҳакимон ва донишмандон қатъӣ ва мусаллам шуда, ки ҳамеша чунин нест, ки агар чизе матбӯъ ва лаззатбахш буд, мувофиқ бо маслиҳат ҳам ҳаст, зеро гоҳе чизе матбӯъ ва мувофиқи майл аст, аммо мувофиқи маслиҳат нест ва гоҳе чизе мувофиқи маслиҳат ҳаст ва ақли башар онро тасдиқ мекунад, вале бар хилофи майлу рағбати нафсонии башар аст. Яъне муқтазои табъ бо муқтазои ақл мухолиф аст. Ғолибан чизҳое, ки ахлоқи нек ва равиши олии инсонӣ ба шумор меравад, аз ин қабил аст, яъне муқтазои ақл ҳаст, вале муқтазои табъ нест. Ва аз тарафе табъи инсон — ки аз ӯ ба нафси аммора таъбир мешавад — бисёр нерӯманд аст ва камтар касе пайдо мешавад, ки он қадр нерӯманд бошад, ки битавонад бар табиати худ фоиқ гардад ва битавонад ахлоқи олӣ ва равишҳои инсониро риоят намояд. Беҳтарин чизе, ки аз ин назар ба кӯмаки ақл мешитобад ва тасаллути ақлро бар табъ мустақар менамояд, ҳамоно имон ба Худост. Имон аст, ки табъи одамиро ром ва мутеъи ақл месозад, дили ӯро нарм ва мутавозеъ мекунад.

Тақво ва иффати воқеӣ ба он ҳадд, ки ҳатто дар ниҳонхонаҳо ва балки дар фикр ва андеша низ маҳфуз бимонад, ҳамонҳост, ки дар асари имон ба Худо пайдо мешавад. Адолатҳо ва риояти ҳуқуқи зуъафо дар камоли беназарӣ ва бетамаъӣ низ натиҷаи имон ва эътиқод ба Худост.

Некӯкориҳо ва гузаштҳо ва муқаддам доштани дигарон бар худ низ яке аз осори имон ва эътиқод ба Худост. Шуҷоатҳо ва фидокориҳои беназир ва қиёмҳои ҳайратангез дар баробари ҷабборҳо ва фиръавнҳо, яке дигар аз осор имон ва эътиқод ба Худованд аст. Шигифтангезтарини достонҳо дар мавзӯъи тақво ва иффатҳои ниҳонӣ ва дар мавзӯъ адолат ва ҳифзи ҳуқуқ ва мавзӯъи некӯкориҳо ва гузаштҳо ва дар мавзӯъи шуҷоатҳо ва фидокориҳои ҳайратангез ҳамонҳост, ки дар миёни аҳли имон рух дода ва медиҳад.

Ҳеч чизе ҷойи дин ва имонро намегирад, на зӯр ва на пул ва на илм ва на санъат ва на чизи дигар, ҳамон тавре, ки дин ва имон низ наомадааст, ки ҷойи инҳоро бигирад.

Ба ҳар андоза илм ва санъат ва сарват ва қудрат зиёдтар шавад ва тамаддун тавсиа пайдо кунад, эҳтиёҷи башар ба имон ва ақидаи динӣ музоъаф мегардад ва ночор аст бештар дасти худро ба тарафи ин амри муқаддас дароз кунад.

# Маъмурияти пайғамбарони Худо

Худованди Мутаъол ҳеч мавҷудеро ба худ вогузор накардааст; ҳар мавҷудеро, ки офарида ба фароҳӯри истеъдоде, ки дорад, ба роҳе, ки бояд биравад ва ба сӯйи камоле, ки бояд ба он бирасад, ҳидоят фармудааст. Ба мӯҷиби ҳамин иршоду ҳидоят, ки дар зоти ҳар мавҷуде ҳаст, ҷаҳон ва мавҷудоти ҷаҳон ба худ вогузор нестанд ва саргардон намебошанд; аз кучактарин зарра то бузургтарин ситора ва аз ҷамод ва набот то ҳайвон ва инсон, ҳама ба роҳе, ки бояд бираванд ва ба сӯйи камолоте, ки истеъдоди расидан ба онҳоро доранд ҳидоят шудаанд.

Худованд ба мӯҷиби лутф ва раҳмати худ барои иршоду ҳидояти мо, одамиён гурӯҳе аз бандагони мӯъмин ва мухлиси худро муваззаф фармуда, ки соири бандагонро ба он чи салоҳ ва маслиҳат аст аз имон ва илм ва амали солеҳ ва ахлоқи фозила, иршоду ҳидоят кунанд.

Ин бандагони баргузида пайғамбарон номида мешаванд; аз сафо ва покии замир ба онҷо расидаанд, ки шоистаи ваҳй ва илҳоми илоҳӣ будаанд ва бо далоил ва оятҳо ва мӯъҷизот аз тарафи Худованд таъйид гаштаанд.

Худованд ба василаи хотами пайғамбарон ҳазрати Муҳаммади Мустафо Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи охирин дастурҳое, ки лозим аст аз тарафи Худо барои мардум бирасад иблоғ фармуд ва Қуръони Карим охирин китоби осмонӣ аст ва пас аз он пайғамбаре мабъус нахоҳад шуд ва китобе нозил нахоҳад гашт.

Пайғамбарон ҳамон тавре, ки Қуръони Карим фармуда барои ин манзур мабъус шудаанд, ки башарро ба Худованд мутаваҷҷеҳ ва мутазаккир кунанд ва нуфуси онҳоро аз ахлоқ ва одоте, ки барои онҳо бад аст пок ва покиза кунанд ва адолат ва назмро дар зиндагӣ барқарор созанд.

Пайғамбарон ба сабаби ин ки ҳадафашон мубориза бо корҳои зишт ва ахлоқи зишт буда ва ин умур мувофиқи табъ ва майли нафсонии башар аст, дар муқобили ҳавоҳои нафсонӣ ва шаҳавоти беҳадду ҳисоби башар қиём кардаанд ва танҳо онҳо будаанд, ки тавонистаанд деви шаҳват ва ҳирс ва ҳавои башарро ба занҷир бикашанд. Ва чун бо одот ва афкор ва маънусоти ботили мардум ба набард бархостаанд ва башар барои ақоид ва одот ва маънусоти худ таъассуб меварзад ва аксуламали мухолиф нишон медиҳад, онҳо бо таъассубҳо ва ҷаҳолатҳо ва хурофот мубориза кардаанд. Ва чун мехостаанд адолат ва назмро дар зиндагии башар барқарор созанд ва ҳамвора ҷабборон ва гарданкашони бузурге бар сари роҳашон қарор доштаанд, ночор бо онҳо набард кардаанд. Аз ин рӯ,

коре, ки пайғамбарон анҷом додаанд, аз боаҳаммияттарини корҳое аст, ки дар ҷомеаи башарӣ сурат гирифтааст.

## Пайғамбари ислом

Пайғамбари бузургвори мо, хотами анбиё, ҳазрати Муҳаммади Мустафо Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи мебошад. Нисбати он ҳазрат ба Иброҳими Халил мерасад. Номи падараш Абдуллоҳ аст. Абдуллоҳ дар оғози ҷавонӣ, ки тоза бо Омина духтари Ваҳб издивоҷ карда буд, ҳангоми мусофират аз Макка ба Шом, дар байни роҳ даргузашт. Ҳазрати Расул ҳангоми фавти падар дар раҳими модар буд. Пас аз таваллуди он ҳазрат, ҷаддаш Абдулмутталиб то зинда буд, ӯҳдадори вай буд.

Аз кӯдакӣ осори ҳушу заковати фавқулъода ва алоими наҷобат ва асолат аз он ҳазрат ҳувайдо буд. Ҳама ӯро ба амонат ва ростӣ ва дурустӣ ва хушмандӣ мешинохтанд ва ӯро Муҳаммади Амин лақаб дода буданд.

Мардуми Макка дар он вақт бутпараст ва тиҷоратпеша ва айёш буданд, бисёр ҷоҳил ва нодон ва мағрур буданд, анвоъи мафосиди ахлоқ аз шароб ва қимор ва рибохорӣ ва ситам ба зердастон ва ташкили амокини фасод дар миёни онҳо роиҷ ва шойеъ буд. Расули Акрам аз ҳамон оғози ҷавонӣ ба одот ва аъмоли маккиён ва соири аъроб бо нафрат ва инзиҷор менигарист ва аз онҳо канора мегирифт. Ҳаргиз дар корҳои сабук ва омехта ба сабуксарии қавми худ ширкат накард. Ҳаргиз ба маҷолиси лаҳву лаъиби онҳо по нагузошт. Чизҳоеро, ки онҳо мояи фахру мубоҳот ва худнамоӣ мешумурданд, ӯ ҳақир ва ночиз мешумурд. Ҳеч гоҳ ба буте аз бутҳо, ки умуми мардум онҳоро мепарастиданд, эътино накард. Аз кӯдакӣ бо ақли равшан ва замири софи хеш Худои худро шинохта буд ва аз рӯйи хулус ӯро ибодат мекард.

Маконеро дар домани кӯҳе ба номи кӯҳи Ҳиро барои хилват ва ибодат интихоб карда буд ва ба онҷо мерафт ва ба ибодат ва андеша мепардохт, то он ки дар синни чиҳилсолагӣ омодаи қабули рисолат шуд ва ба пайғамбарӣ мабъус гашт ва аз он пас ба иршоду ҳидояти мардум пардохт.

Расули Акрам “уммӣ” яъне “устоднадида” буд, дар ҳамаи умр ба мактаб ва мадрасае нарафт ва назди муаллиме аз муаллимони башар дарс нахонд. То охири умр на хатт навишт ва на китобе хонд, аммо чунон сафои қалбӣ пайдо кард, ки Худованди Мутаъол Қуръонро ба ӯ ваҳй кард ва ӯ худаш муаллими башар шуд ва мардумро ба илму ҳикмат ва хондану навиштан ташвиқ ва таъкид кард.

Мардуми ҷазиратулараб аз фарҳанг ва тамаддун ва қонун ва ҳукумат ва муқаррарот бебаҳра буданд ва дар ҳоли тавaҳҳуш ба сар мебурданд. Дар миёни онҳо мадраса ва мактаб ва таълифу таълим ва китобу муаллим вуҷуд надошт. Ашхосе, ки метавонистанд бихонанд ё бинависанд, бисёр андак ва ангуштшумор буданд. Маълумоти онҳо иборат буд аз як идда ҳикоятҳо ва афсонаҳо дар бораи бутҳое, ки мепарастиданд ё дар бораи ҷангҳо ва қатлу ғоратҳое, ки худашон ё падаронашон карда буданд. Бузургтарин асари фарҳангии онҳо иборат буд аз як силсила ашъор, ки мазмуни онҳо аз ҳудуди васфи шароб ва маъшуқ ва асп ва шутур ва найза ва шамшер ва ифтихор ба обо ва аҷдод ва ёдоварии қатлу ғоратҳо таҷовуз намекард. Дар миёни чунин қавме Худованд Пайғамбари Акрамро мабъус фармуд ва ба ӯ Қуръоне нозил кард муштамил бар ҳикматҳо ва мавъизаҳои олӣ ва қиссаҳои ибратангез ва як силсила қонунҳои мутқани ҳуқуқӣ ва ҷазоӣ ва як ришта дастурҳои матини ахлоқӣ ва иҷтимоӣ ва қисмате азими маорифи илоҳӣ дар боби тавҳид ва маъод ва ғайра. Мардуми ҷазиратулараб ба куллӣ аз ин ҳақоиқ бебаҳра буданд ва ин худ мӯъҷизаи равшани хотами анбиё ба шумор меравад.

## Алӣ ибни Абӯтолиб

Ҳанӯз ду сол ё се сол бештар аз беъсати Расули Акрам нагузашта буд, ки рӯзе Пайғамбари Акрам ба писарамуи хурдсолаш Алӣ ибни Абӯтолиб алайҳис салом дастур дод, ғизое аз гӯшт тартиб диҳад ва микдоре шир муҳайё созад ва сарони фомил ва хешовандони наздики худашонро даъват кунад, зеро аз тарафи Худованд ба пайғамбар ваҳй шуда буд, ки хешовандони наздики худро ба ислом даъват ва бо онҳо итмоми ҳуҷҷат кун.

Алӣ алайҳис салом тибқи дастури пайғамбар амал кард ва дар ҳудуди чиҳил нафар даъват намуд.

Амуҳо ва амузодагони пайғамбар ҳама дар он маҷлис ҷамъ шуданд. Ҳамин, ки ғизо сарф шуд ва аз пазирой фориғ шуданд, пайғамбар рӯ кард ба ҷамъият ва фармуд: эй фарзандони Абдулмутталиб! Ман ҷавонеро дар араб суроғ надорам, ки чизе беҳтар аз он чи ман барои шумо овардаам, ӯ барои қавми худ оварда бошад. Ман чизе барои шумо овардаам, ки хайри дунё ва охирати шумост. Ман аз тарафи Худованд дине ва ойине барои шумо овардаам, ки агар ба он имон оваред ва амал кунед, ҳам дар дунё саодатманд хоҳед шуд ва ҳам дар охират. Ҳар кадом аз шумо дар ин маҷлис пешқадам бишавад ва имони худро эълом кунад ва пуштибони ман буда бошад, ӯ бародар ва васӣ ва халифаи ман хоҳад буд.

Ин сухан дар назари он ҷамъият ба қадре бузург ва боварнакарданӣ ҷилва кард, ки баъзе забон ба истеҳзо гушуданд ва дигарон сукут карданд. Ягона касе, ки бо камоли шаҳомат ва итминон бо ҳузури падар ва амуҳо қадам ҷилав гузошт ва омодагии худро эълом дошт, Алӣ писарамуи хурдсоли пайғамбар буд. Дар он вақт дар ҳудуди 12 ё 13 сол аз умри Алӣ мегузашт. Расули Худо сухани хешро ду навбати дигар низ такрор кард ва дар ҳар навбат танҳо Алӣ буд, ки посухи мусбат медод. Расули Худо дасти Алиро фишурд ва гуфт:

"*Бародар ва васӣ ва халифаи ман ту хоҳӣ буд!*"

Алӣ алайҳис салом кӯдаки хурдсоле буд, ки Пайғамбари Акрам ӯро аз падараш Абӯтолиб гирифт ва ба хонаи хеш овард ва дар домони хеш парвариш дод. Ҳеч кас ба андозаи Алӣ пайғамбарро аз наздик намешинохт ва аз наздик бо ӯ ошно набуд ва ҳеч кас ҳам ба андозаи Алӣ шефтаи пайғамбар набуд ва ба ӯ имон ва эътиқоди муҳкам надошт. Ҳангоме, ки Расули Худо ба пайғамбарӣ мабъус гашт ва даъвати худро изҳор кард, аввалин марде, ки онро пазируфт, Алӣ буд ва аввалин зане, ки пазируфт, Хадиҷа буд. Алӣ дар он вақт дар ҳудуди 10 сол аз умраш мегузашт. Аз Алӣ пурсиданд: оё барои ин ки ба Муҳаммад имон биёварӣ ва дини ӯро бипазирӣ, бо падарат Абӯтолиб машварат кардаӣ? Алӣ ҷавоб дод: магар он рӯзе, ки Худо мехост маро биёфаринад, бо падарам Абӯтолиб машварат кард, ки имрӯз, ки ман мехоҳам дини Худоро бипазирам, бо падарам дар ин боб машварат кунам?!

Алӣ марди шумораи дуи ислом аст. Ҳеч кас ба андозаи ӯ дар роҳи ислом ихлос ва фидокорӣ ва муҷоҳидат ба харҷ надод ва ҳеч кас ба андозаи ӯ ба рух ва маънӣ ва ҳақиқати ислом ошно набуд. Ӯ оламтарин ва зоҳидтарин ва ботақвотарини мардум баъд аз пайғамбар буд.

Вуҷуди Алӣ беҳтарин намунаи таълимоти олияи ислом аст. Адолати Алӣ ва тарафдории вай аз ҳуқуқи мардум ва махсусан ҳимояти вай аз табақаи заъиф, зарбулмасали ҷаҳон аст.

Алӣ дар роҳи ислом худро ба куллӣ фаромӯш мекард. Дар замони ҳаёти пайғамбар монанди як ошиқи покбоз ва як сарбози фидокор, фармони пайғамбарро итоъат мекард. Бузургтарин фидокории Алӣ баъд аз пайғамбар зоҳир шуд. Алӣ бо он ки қоим мақоми воқеии пайғамбар буд ва хилофатро ҳаққи мусаллами худ медонист, барои он ки ваҳдати мусалмонон маҳфуз бимонад ва заҳамоти Расули Худо ҳадар наравад, аз ҳаққи мусаллами худ чашм пӯшид ва бо дигарон дар камоли самимият ҳамфикрӣ ва ҳамкорӣ кард. Алӣ мегуфт, модоме, ки маслиҳати ҷомеаи мусалмонон маҳфуз бошад ва корҳо бар мадори масолеҳи умумӣ бичархад ва танҳо касе, ки аз ҳаққи худ маҳрум монда ман

ҳастам, ман таслим ва ҳамроҳам; ман он гоҳ қиём мекунам ва ба мухолифат бармехезам, ки масолеҳи умумиро дар хатар бибинам.

## Фаризаи илм

Худованд дар Қуръони Карим ба Пайғамбари Акрам мефармояд, аз Худованд фузунии илм бихоҳ. (*Тоҳо/114*) Пайғамбари Акрам фармуд: "Бар ҳар мусалмоне воҷиб аст, ки илм талаб кунад, то доно гардад. Ҳамоно Худованд толибони илмро дӯст медорад." (*"Усули кофӣ", ҷ.1, с.30*)

Дар яке аз ҷангҳо мусалмонон аз душман асир гирифтанд. Тибқи маъмул, аз асирон маблағе пул ба унвони фидя гирифта мешуд ва онҳо озод мешуданд. Расули Худо аз асирон суол кард: оё савод доред ё на? Баъзе аз онҳо босавод буданд. Фармуд: фидяи шумо ин аст, ки ба афроде аз мусалмонон дарс бидиҳед ва онҳоро босавод кунед.

Илм ду ҷанба дорад: яке ин ки дар зоти худ шараф ва камол аст. Донистан табъан бар надонистан шараф дорад. Донистан нур аст ва надонистан зулмат, донистан ҳастӣ аст ва надонистан нестӣ. Нур бар зулмат ва ҳастӣ бар нестӣ биттабъ муқаддам аст. Олитарин истеъдоди инсон ин аст, ки метавонад то андозае аз ҳақоиқи ҷаҳон бохабар гардад ва қонунҳои ҷаҳонро бишносад. Худованд дар ниҳоди башар ғаризаи донишхоҳӣ ва ҳақиқатҷӯӣ қарор додааст. Агар касе зӯрмандеро ба хотири зӯраш ва ё сарватмандеро ба хотири сарваташ эҳтиром кунад, дар назарҳо паст ва шоистаи маломат шумурда мешавад, вале агар донишмандеро ба хотири донишаш ва ё покдоманеро ба хотири амонат ва дурустӣ ва покдоманиаш эҳтиром кунад, дар назарҳо кори писандидае анҷом додааст; зеро эҳтироми зӯрманд ба хотири зӯр нишонаи ҷубн ва тарс ва ё тамаллуқ ва чоплусӣ аст ва эҳтироми сарватманд ба хотири сарваташ нишонаи тамаъ ва озмандӣ аст, аммо эҳтироми донишманд ба хотири дониш нишонаи донишхоҳӣ ва ҳақиқатҷӯӣ аст ва эҳтироми покдоман ва порсо ба хотири покдоманӣ ва порсоӣ нишонаи алоқа ба тақво ва порсоӣ аст.

Дигар ин ки илм беҳтарин василаи зиндагӣ аст, қудрат ва тавоноӣ аст; силоҳе аст, ки Худованд ба башар дода, то дар набарди зиндагӣ худро ҳифз кунад. Агар ба шер дандонҳо ва чанголҳои нерӯманд ва ба оҳу пойи даванда ва ба парандагон пару бол дода шуда, ба башар ақл ва илм дода шудааст. Ба василаи илм аст, ки метавон бо бемориҳо ва микробҳои кушанда ва бо фақр ва тангдастӣ ва бо зулму ситамкорӣ мубориза кард. Расули Акрам фармуд:

*“Ҳамоно ба василаи илм аст, ки Худованд ақвомеро баланд мекунад ва пешвои дигарон қарор медиҳад; дигарон осори онҳоро иқтибос мекунанд ва ба амали онҳо ҳидоят меёбанд ва аз фикри онҳо истифода мебаранд; илм, ҳаёти дилҳо ва нури чашмҳо ва нерӯи баданҳост; илм одамиро ба ҷойгоҳи некон ва дараҷоти олии дунё ва охират мерасонад.”* (*“Биҳор ал-анвор”, ҷ.1, с.171*)

## Кор дар ислом

Расули Худо фармуд: “*Худованд мӯъминеро, ки шуғл ва ҳирфае дошта бошад, дӯст медорад.*” (*“Васоилуш-шиъа”, ҷ.12, с.13*) Ва фармуд: “*Ба лаънати Худо гирифтор аст он кас, ки сангинии худро дар зиндагӣ ба дӯши дигарон биандозад.” (Ҳамон, с.18*) Яъне кор накунад ва бихоҳад бекор бигардад ва аз маҳсули кори дигарон зиндагӣ кунад. Ва фармуд: “*Он кас, ки барои таъмини зиндагии худ ва оилааш кору кӯшиш мекунад, монанди касе аст, ки дар роҳи Худо ҷиҳод мекунад.” (Ҳамон, с.43*) Ҳамчунин дар ҳадис аст, ки вақте, ки дар ҳузури Расули Худо аз касе таъриф мекарданд, мепурсид: кораш чист? Агар мегуфтанд бекор аст, мефармуд:

سَقَطَ مِنْ عَيْنِي

(“*Аз чашмам афтод.*”) (*“Биҳор ал-анвор”, ҷ.100, с.9*)

## Фаризаи кор

Яке аз фаризаҳо ва воҷибҳо барои ҳар касе “кор” аст. Худованд аз одами бекор безор аст. Бархе аз мардум гумон мекунанд, ки кор фақат барои мардуми фақир лозим аст, то ба ин васила битавонанд ба зиндагӣ идома диҳанд ва аммо касе, ки масалан сарвати бодоварда дорад, ниёзе ба кор надорад. Аммо чунин нест, зеро ҳар касе, беш аз ҳар чизе, мутаъаллиқ ба иҷтимоъ аст.

## Кор, фаризаи иҷтимоӣ аст

Касе, ки дар партави иҷтимоӣ хушу мураффаҳ зиндагӣ мекунад, бояд ба ҷомеае, ки дар он зиндагӣ мекунад, хидмате ҳам анҷом диҳад. Пас, аз назари “вазифа” чунин нест, ки кор, танҳо вазифаи тиҳидастон ва мӯҳтоҷон аст. Сарвате, ки ҳар инсон дар ихтиёр дорад ва колое, ки масраф мекунад, ба ақидаи марксистҳо тамом як кори мутароким аст ва аз назари дигарон миқдоре аз он кори мутароким аст. Пас касе, ки кори мутарокими иҷтимоъро масраф мекунад, бояд кор ҳам бикунад.

## Кор, меъёри бозёфтани шахсиятҳост

Гузашта аз назари “вазифаи иҷтимоӣ”, аз назарҳои дигар барои ҳар касе кору фаъолият ва амал лозим аст, зеро аввалан ҳар касе, то даст ба фаъолият ва коре назанад ва асаре аз вуҷуди худ набинад, наметавонад худро таҷриба кунад ва бозёбад, наметавонад бифаҳмад оё аз худаш асаре ва ҳунаре сохта ҳаст ё нест. Танҳо дар партави кору фаъолият аст, ки одамӣ ба истеъдодҳои нуҳуфтаи вуҷуди худ пай мебарад ва ба худаш имон ва эътиқод пайдо мекунад ва шахсияти худро бозмеёбад. Ва ба иборати дигар, кор аст, ки ҳар касеро ба худаш мешиносонад. Ва ба иборати расотар, кор сабаб мешавад, ки инсон худашро кашф кунад ва ин муҳимтарин ва болотарини кашфҳост.

## Салби эътимод аз пулу ошнобозиву дору даста ва эътимод ба лиёқати худ

Пеш аз он ки инсон даст ба коре бизанад ва асаре аз худ зоҳир созад, иттико ва эътимодаш ё ба сарвати бодоварда ва ё ба бонд ва дору даста ва ё ба хешон ва фомил аст, яъне такяаш ба чизи дигар аст. Аммо ҳамин, ки дар натиҷаи кору фаъолият, асар ва ҳунари хешро мушоҳида кард, ба шахси хеш умедвор мешавад ва қоим ба нафс мегардад, яъне дар қалби худ худро ниёзманд ва муттакӣ ба чизи дигар ё каси дигар намебинад. Пас кор, соҳиби корро ба худ мӯъмин ва мӯътақид ва муаррифӣ мекунад ва ба иборати дигар, инсон бо кор, худро таҷриба мекунад ва ба иборати беҳтар, ба василаи кор, худро кашф мекунад.

## Кор ва саломат

Дигар ин ки кор ба бадан саломат ва нерӯ мебахшад. Саломат, бузургтарини неъматҳост ва ба сабаби саломатӣ аст, ки инсон метавонад аз лаззат ва саодат бархӯрдор гардад. Истеъмол ва адами истеъмол, аҳёнан узверо халқ ва узверо ҳазф мекунад, то чӣ расад, ки узверо қавӣ ё заъиф кунад.

## Кор, монеъи бурузи ҷиноят аст

Севвум ин ки кору фаъолияти саҳеҳ, монеъи бурузи гуноҳу маъсият ва ҷурму ҷиноят мегардад.

Бадани одамӣ ба миқдоре ҳаракат ва ҷунбиш ва амал эҳтиёҷ дорад. Нерӯи кор ва ҳаракат мутаволиян дар бадан захира мегардад. Инсон — ва балки ҳамаи зиҳаётҳо — бар хилофи

ҷомидҳо, доиман дар ҳоли касби энергия аст ва ниёз ба мубодила дорад, бар хилофи як қитъа оҳан ё санг масалан. Агар инсон кори саҳеҳ анҷом дод ва нерӯҳои захирашударо дар маҷрои саҳеҳ масраф кард, бадан ором мегирад, вагарна худ ба худ одамӣ ба корҳое водор мешавад, ки гуноҳу маъсият ва ҷурму ҷиноят шинохта мешаванд. Бархе аз мардум дар асари бекорӣ, ғайбаткун ва суханчин ва фитнаангез мегарданд ва бархе дигар қотил ва ҷонӣ бор меоянд.

## Гуноҳ, навъе инфиҷор аст

Донишмандон гуфтаанд, бисёре аз гуноҳон ва маъосӣ ва ҷурму ҷиноятҳо дар ҳақиқат як навъ инфиҷоре аст дар вуҷуди омили онҳо, монанди инфиҷори деги бухорӣ, ки ҳеч гуна манфазе надошта бошад. Ва агар касе роҳи ҳама гуна фаъолияти саҳеҳро ба рӯйи худ бибандад, хоҳ нохоҳ ба гуноҳ водор хоҳад шуд, зеро дар асари фишори табиат ва эҳтиёҷ ба ҳаракат, иродаро аз даст хоҳад дод ва ҷинояте аз ӯ буруз хоҳад кард.

## Кор ва саргармии фикр, монеъи ҳуҷуми ҳавасҳо ва хаёлоти шайтонӣ аст

Ба илова, мағзи инсон ва қувваи хаёли инсон саргармӣ мехоҳад. То вақте, ки одамӣ ба коре саргарм аст, нерӯи мағз ва қувваи хаёл мутаваҷҷеҳи ӯст. Ва агар ин саргармӣ аз байн рафт, хаёлоти шайтонӣ ва васвасаҳо ва ҳаво ва ҳавасҳо ҷойи онро пур хоҳад кард. Алӣ алайҳис салом фармуд: “*Нафсро агар машғул надорӣ ва саргарм накунӣ, ӯ туро ба худ машғул хоҳад кард.*”

Пас кор аст, ки саргармии саҳеҳ меоварад ва руҳу фикрро аз ҳарзагӣ бозмедорад. Ба иборати дигар, навъе халаъи ҷисмӣ ва навъе халаъи руҳӣ дар одамӣ ҳаст, ки фақат кор онро пур мекунад.

## Кор, муаллим ва омӯзанда аст ва ба ақл қувват ва интизом мебахшад

Чаҳорум ин ки кор, муаллим ва омӯзанда аст. Одамӣ илми худро аз амал ба даст овардааст. Одамӣ ҳар чи бештар кору амал кунад, бар маълумот ва иттилоот ва

таҷрибиётиш афзуда мегардад.[11] Кор ба ақл қувват ва интизом мебахшад. Дар асари корҳои макрун ба таҷассус ва ковиш аст, ки ақли одамӣ ба низоми асбоб ва мусаббабот ва иллату маълули ҷаҳон пай мебарад ва ҳар чизеро аз роҳи иллаташ ҷустуҷӯ мекунад. Ба иборати дигар, кор, инсонро ба сунани хатири олам мӯъмин мекунад ва ҳарҷу марҷи фикриро ва ин ки ҳеч чиз шарти ҳеч чиз нест, аз инсон мегирад.

## Кор, монеъи ҳуҷуми андӯҳҳо ва ғуссаҳо ва зудояндаи онҳост

Панҷум ин ки кор монеъи ҳуҷуми андӯҳҳо ва ғуссаҳост. Саргармӣ ба кор мӯҷиб мегардад, ки агар одамӣ андӯҳе дошта бошад, ба суроғи ӯ наёяд; кам-кам онҳоро ба куллӣ фаромӯш мекунад ва аз ёд мебарад.

## Кор, конуни лаззат аст

Кор, гузашта аз ин ки зудояндаи ғам ва сайқалдиҳандаи руҳ аст, конуни лаззат ва беҳҷат аст ва ба дил шодӣ медиҳад, хусусан агар ҷанбаи ҳунар ва санъат ва халлоқият ва фанноният ва ибтикор дошта бошад. Инсон ба асари фаннӣ ва илмии худ — масалан таълифот ва осори маъошӣ ва санойеъ — ҳамвора ишқ меварзад ва аз дидани он лаззат мебарад, ҳамон гуна, ки аз дидани фарзанди худ лаззат мебарад.

Кор, ҳам асари моддӣ дорад ва ҳам асари маънавӣ; ҳам мояи маъишати одамӣ аст ва ҳам таҳзибкунанда ахлоқ ва ҳам муаллим ва омӯзгор ва ҳам зудояндаи ғам ва ҳам конуни лаззат ва саодат ва ҳам бахшандаи саломат ва сиҳҳат.

*Чу мард бошад бар кору бахт бошад ёр,*
*Зи хоки тира намояд ба халқ зарри аёр.*
*Фалак ба чашми бузургӣ кунад нигоҳ дар он-к*
*Баҳона ҳеч наёрад зи баҳри хурдии кор…*
*Бузург бошу машав тангдил зи хурдии кор,*
*Ки сол то сол орад гуле замона зи хор.*
*Баланд ҳисне дон давлату дараш муҳкам*
*Ба авни кӯшиш бар дараш мард ёбад бор.*
*Зи ҳар ки ояд коре дар ӯ падид бувад*

[11] *Яке аз ҳукамои ҷадид гуфтааст: "Инсон наметавонад бидуни рафтор фикр кунад ва бидуни фикр рафтор намояд ва ҳар чиз, ки андешаро аз кирдор тафкик кунад, ноҳинҷор ва шум аст."*

*Чунон к-аз ойина пайдо бувад туро дидор…*
*Шаробу хобу рубобу кабобу тараву нон,*
*Ҳазор кох фузун кард бо замин ҳамвор…*
*Ба дод кӯшу ба шаб хусб эмин аз ҳама бад,*
*Ки марди бедод аз бими бад бувад бедор.*
*(Абулфазли Байҳақӣ*)

Дар боби кор дар чаҳор марҳила бояд баҳс кард:

1. Тақаддуси кор аз назари ислом (баръакси он чи фарз мешавад, ки тақаддус дар тавфиқи бекорӣ аст).
2. Зиёнҳои бекорӣ ва бадтар аз он бекорагӣ ва ихтор ба падару модароне, ки фарзандони худро бекор ё бекора бор меоваранд.
3. Куллиёт дар боби кор аз қабили лузуми истеъдодёбӣ дар интихоби кор ва лузуми фаннӣ будани кор ва лузуми нубуғ дар ҳунар ва лузуми парҳез аз касрати машоғил, ки фурсати фикр ва фароғатро мегирад.
4. Осор ва фавоиди кор.

Бекорӣ андешаҳо ва эҳсосотро аз назм хориҷ ва ҳарза ва велгард мекунад, яъне навъе бемории равонӣ эҷод мекунад, зеро бемории равонӣ иборат аст аз ихтилол дар эҳсосот ё идрокот.

(Яке аз фавоиди кор) ҳифзи обрӯ ва ҳайсияти иҷтимоӣ ва мавриди ҳақорат воқеъ нашудан (аст.) Яъне кор ҳамон тавре, ки аз назари худи шахс эҳтироми зот медиҳад, аз назари иҷтимоъ низ эҳтиром медиҳад. Агар инсон эҳтироми зотро аз даст дод, ба фасоди ахлоқ кашида мешавад:

مَنْ هانَتْ عَلَيْهِ نَفْسُهُ فَلا تَأْمَنْ شَرَّهُ

(*“Туҳафул-уқул”, с.512*) Ва чун ба воситаи адами эҳтироми иҷтимоӣ, шахсияти иҷтимоиро аз даст дода, монеъе барои фасод ва гуноҳ намебинад.

Зуъафои бекорҳо ғайбат ва суханчинӣ мекунанд, ақвиёи онҳо одамкушӣ ва беномусӣ, зуъафо мурдорхор мешаванд ва ақвиё шикорчӣ.

Кор, монанди мавъиза, сафои руҳ ва хушӯъи қалб медиҳад. Кор барои бадан саломатбахш ва варзиш ва нишотовар аст, барои хаёл тамаркуздиҳанда ва монеъи бурузи васовис аст, барои фикру ақл муаллим ва интизомдиҳанда ва ошнокунанда ба робитаи иллату маълул аст, аз ҷумлаи таълимоташ эҷоди имон ва эътиқод ба худ аст ва сабаби кашфи худ ба василаи худ мешавад, барои дил рофеъи андӯҳ ва муфиди лаззат ва нармибахш ва хушӯъдиҳанда аст, аз лиҳози шахсият ҳисси эҳтиром ба зотро ирзоъ

мекунад ва аз назари иҷтимоӣ ҳайсият ва обрӯ медиҳад ва монеъи варшикастагии руҳӣ ва иҷтимоӣ ва дар натиҷа монеъи бурузи гуноҳони ношӣ аз бохтани шахсият аст.

Пас, хулосаи матлаб ин ки инсон мавҷуде чандконунӣ аст ва кор бар рӯйи ҳамаи он конунҳо асар мегузорад ва ҳамаро парвариш медиҳад: конуни тан, конуни хаёл, конуни ақл, конуни дил. Дар конуни тан нерӯҳои ҷисмиро варзишу парвариш медиҳад, дар конуни хаёл ҷилави бозии хаёлро мегирад ва онро мутамаркиз мекунад (парвариши хаёл бар хилофи парвариши ақл, дар тамаркуз аст), ақлро мантиқӣ мекунад ва авҳоме аз қабили “ҳеч чиз шарти ҳеч чиз нест” (-ро аз он) дур месозад ва ба низоми асбоб ва мусаббабот мӯъмин мекунад. Дарсе, ки ба ақл медиҳад ин аст, ки суннати илоҳӣ, қатъӣ ва лоятағайяр аст ва ба илова сабаби кашфи инсон барои худаш мешавад, ки худаш худашро кашф мекунад ва ба худ мӯъмин мешавад ва истеъдодҳои нуҳуфтаро бозмеёбад. Ва ба илова, кор навъе таҷриба аст ва ё таҷриба навъе кор аст, ки худ модари улум аст. Ва аз назари дил, аввалан риққат ва хушӯъ медиҳад, сониян андӯҳҳоро дур месозад ва солисан агар мақрун ба халлоқият ва ҳунар ва фаннонният бошад, беҳҷат ва лаззат меофаринад. Ва ба илова, эҳсосоти иҷтимоиро ирзоъ мекунад ва эҳсоси ҳақоратро аз байн мебарад ва ба илова, бемориҳои равониро муолаҷа мекунад.

Инсон бояд коре кунад, ки ба кор, танҳо аз назари манофеъаш алоқаманд набошад, аз ҷанбаи эҷоди шоҳкор алоқаманд бошад. Мутаассифона шоҳкор дар миёни мо мафҳуми зиштӣ пайдо кардааст.

## Тавъам шудани илму кор

Дониш ва кор ду бол ва ду бозуи башар барои расидан ба саодат аст. Дониш, ҳаққи умумӣ ва кор, вазифаи умумӣ аст, балки ҳар як аз ин ду, ҳам ҳаққи умумӣ аст ва ҳам вазифаи умумӣ. Ислом дар бораи дониш мегӯяд, фариза аст, ки бар ҳар мусалмоне фарз аст. Дар бораи кор мегӯяд: “*Насиби ҳар кас танҳо ҳамон аст, ки саъю кӯшиш кардааст.” (Наҷм/39*) Пас шиори ислом ин аст: дониш барои ҳама ва кор барои ҳама. Мо ба ҳукми ислом, ҳам бояд донишро муқаддас ва мӯҳтарам бишуморем ва ҳам корро; бояд ин дуро тавъаман бихоҳем, зеро илм бидуни кор дарахти бидуни мева аст ва кор бидуни илм талоши беҳуда аст. Илм чароғ аст ва кор ҳаракат. Чароғ ҳангоме муфид аст, ки шахс бихоҳад дар шаб бо ӯ ҳаракат кунад. Ҳаракат низ ҳангоме ба мақсад мерасад, ки чароғ бошад ва одамӣ роҳро аз бероҳа тамйиз бидиҳад. Пас чӣ суд, ки як нафар чароғ дошта бошад, аммо дар гӯшае биншинад ва як нафари дигар бечароғ оҳанги роҳ рафтан кунад.

Мутобиқи дастур ислом, ки дониш ва кор ҳаққи ҳама ва вазифаи ҳама аст, набояд байни дониш ва кор ҷудоӣ биафтад ва бархе табақаи олимаро ташкил диҳанд ва бархе табақаи омиларо. Ҳар касе дар ҳар табақа ҳаст, бояд кори машрӯъ дошта бошад ва ба он кори худ доно ва басир буда бошад. Дар миёни ҳамкориҳо ва тафоҳумҳо ва даст ба дасти ҳам доданҳо ҳеч кадом монанди ҳамкории дониш ва кор нест, ки илм ва амал, дониш ва кор ба кӯмаки якдигар бархезанд ва дасти якдигарро бифишоранд. Аз қозӣ ва муаллим ва сиёсатмадор гирифта то кишоварз ва коргари маъдан ва коргари корхона ва тоҷир ва косиб бояд бо услуби саҳеҳи илмӣ ба кори худ ошно буда бошад. Самараи ин ҳамкорӣ, афзоиши маҳсули кор ва боло рафтани арзиши он аст.

Дар давраҳои қабл аз ислом, таърих иҷтимоъотеро нишон медиҳад, ки дар он иҷтимоъот байни дониш ва кор ҷудоӣ буда. Он иҷтимоъот аз табақоти дарбаста ташкил мешуда, яъне афроди ҳеч табақае аз табақоти кишоварз ва санъатгар ва тоҷир ва сипоҳӣ ва идорӣ ва руҳонӣ ҳаққи вуруд дар табақаи дигарро надоштаанд. Ҷуз табақаи руҳонӣ ва авлиёи умури кишвар касе ҳаққи дарс хондан ва донишҷӯӣ надоштааст. Касоне, ки мағзашон каму беш бо дониш ошно буд, бозуяшон бо кор ошно набуд, касоне, ки бозуяшон бо кор ошно буд, мағзашон аз дониш бехабар буд. Кор, вазифаи табақоти пойин ва илм ҳаққи табақоти боло буд. Ислом бо шиори “Илм барои ҳама ва кор барои ҳама” ин ойинро мансух кард, аммо тӯле накашид, ки мусалмонон дастури исломро фаромӯш карданд ва байни дониш ва кор ҷудоӣ андохтанд.

## Инсон ба касби ахлоқи хуб ниёзманд аст

Пайғамбари Акрам алайҳис салом фармуд: “*Ман мабъус шудам, то ахлоқи бузургворонаро татмим ва такмил кунам.*” (*“Сафинатул-биҳор”, ҷ.1, с.411*) Афроди башар ҳамон тавре, ки аз лиҳози қиёфа ва ранг мутафовитанд: яке зебост ва яке зишт, яке сиёҳ аст ва яке сафед ва яке зард ва яке сурх, аз лиҳози сифоти руҳӣ ва хулқу хӯй низ мутафовитанд: яке хушхӯ аст ва яке бадхӯ, яке рауф ва меҳрубон аст ва дигаре бемеҳр ва қасиюлқалб, яке беозор аст ва дигаре муъзӣ, яке шуҷоъ аст ва дигаре тарсу, яке афиф ва ботақвост ва дигаре лоуболӣ ва беқайд, яке баландназар аст ва дигаре паст, яке одил аст ва дигаре золим, яке ҳурр ва озод аст ва дигаре забун ва бандасифат, вале бо ин тафовут, ки аввалан шаклу андому ранг интихобӣ ва ихтиёрӣ ва қобили тағйиру табдил нест ва аммо сифоти руҳӣ ва ахлоқ ва хӯйҳо то ҳадди зиёде интихобӣ ва ихтиёрӣ ва қобили тағйиру табдил аст. Дигар ин ки рангу шаклу андом дар саодат ва хушии башар

таъсири қобили таваҷҷӯҳе надорад, аммо сифот ва ҳолатҳои руҳӣ бузургтарин омили саодат ва ё бадбахтии афрод ва ақвом аст.

Як фарқе, ки байни инсон ва соири анвоъи ҳайвон ҳаст ин аст, ки ҳар навъе аз анвоъи ҳайвон дорои як навъ ғароиз ва хӯйҳои собит ҳастанд ва камтар метавон онҳоро тағйир дод. Шер ё паланг ё асп ё саг ё гурба ҳар кадом дорои як силсила сифот аз дарандагӣ ё беозорӣ ё ҳирс ё фиребкорӣ ё вафо ё бевафоӣ аст ва ҳамаи афроди навъ, он сифатро яксон доранд. Масалан, навъи саг вафодор аст ва ин сифат дар ҳамаи афроди ин ҳайвон дида мешавад ва навъи гурба аз ин сифат бебаҳра аст, навъи занбӯри асал ё мӯрча бо як силсила сифот офарида шудаанд, ки ба сурати собит ва якнавохт ва ба таври яксон дар ҳамаи афроди онҳо мавҷуд аст.

Маҷмӯъи сифоти ҳар ҳайвоне мутаносиб аст бо вазъи зиндагӣ ва сохтмони вай, яъне барои зиндагии ҳар ҳайвоне, беҳтарин сифот ҳамон аст, ки ба таври ғариза ҳамроҳ дорад. Аммо инсон ин тавр нест. Аввалан, ҳамаи афроди инсон аз лиҳози сифот якнавохт нестанд, балки ҳар сифате дар мунтаҳо дараҷаи ифроту тафрит дар инсонҳо дида мешавад. Башарҳое дида мешаванд дар мунтаҳои ҷуд ва бахшандагӣ, башарҳое ҳам дида мешаванд дар мунтаҳои бухл ва имсок. Ҳамчунин аз лиҳози шуҷоат ва ҷубн ва аз лиҳози порсоӣ ва нопорсоӣ ва соири сифот.

Пас маълум мешавад, ки дастгоҳи хилқат ва табиат, ҳар ҳайвонеро ба сифоти лозими ҳаёт муҷаҳҳаз карда магар инсонро. Аммо дар хилқат ва табиат, дар бораи инсон ҳам кӯтоҳӣ нашуда: аз тарафе, ба вай ақлу ирода дода шуда, ки метавонад сифоти хуб яъне сифотеро, ки мутаносиби шаън ва мақом ва зиндагии одамӣ аст аз сифоти бад тамйиз бидиҳад ва худро ба сифоти хуб муҷаҳҳаз кунад, аз тарафи дигар Худованд гурӯҳе аз бандагони баргузида ва мухлиси худро — ки мо онҳоро ба номи анбиё мехонем — мабъус фармуда, ки сифоти хуб ва ба таъбири Расули Акрам, ахлоқи бузургворонаро татмим ва такмил кунанд, яъне мардумро ба сифоте, ки шоистаи инсоният аст ва мӯҷиби руқо ва камол ва равнақи зиндагии инсонӣ аст ташвиқ ва тавсия кунанд; сифоти мухолифро аз руҳи онҳо пок кунанд ва сифоти хуб ва муносиби шаъни одамиро дар онҳо эҷод кунанд.

Пас маънии сухани пайғамбар ин аст, ки ман мабъус шудаам барои ин ки одамиятро такмил кунам. Яке аз фалосифа мегӯяд: олитарин ҳадафе, ки инсон метавонад дошта бошад, ширкат дар одамсозӣ аст.

Касоне, ки ба башарият хидмат кардаанд, онҳо ҳастанд, ки як чизи хуб ба башар додаанд. Яке маркаби хуб дар ихтиёри башар гузошта ва яке василаи рӯшноии хуб ва яке аслиҳаи хуб ва яке иморат ва сохтмони хуб ва яке роҳи хуб ва билохира ҳар касе, ки ба башар

хидмат карда аз ин роҳ буда, ки як василаи хуб дар ихтиёри башар гузошта, ба истисноӣ силсилаи анбиё ва муаллимон ва мураббиёни илоҳӣ, ки ҳадафашон ин буда, ки инсонҳои хуб бисозанд ва он чи аз ахлоқи фозила имрӯз дида мешавад, мадюни заҳамоти муаллимон ва мураббиёни илоҳӣ аст.

Ҳар василаи хуб он гоҳ ба ҳоли башар муфид аст, ки худи башар хуб бошад, яъне ахлоқи олии инсонӣ дошта бошад ва агар руҳу ҷони башар хуб нашуд, ҳамаи васоили хуб дар роҳи тахриб ва бадбахтии башарият ба кор бурда мешавад. Дониш ва кор, ки ду шарти асосии саодати башар мебошанд, ҳангоме кофӣ хоҳанд буд, ки мақрун ба сифоти хуби ахлоқӣ буда бошад, вагарна монанди силоҳи бурранда ва коре аст, ки дар дасти девонае биафтад.

*Теғ додан дар кафи зангии маст,*
*Беҳ ки ояд илм нокасро ба даст.*
*Илму молу мансабу ҷоҳу қирон*
*Фитна омад дар кафи бадгавҳарон.*
*(Мавлоно)*

Имрӯз пас аз ҳазорон сол, ки аз тамаддуни башар гузашта, муқаддастарин калимот барои вай калимаҳои ҳақ, адолат, ҳамзистӣ, демукросӣ, озодӣ, бародарӣ, мусовот, эҳсон, ҳақшиносӣ, вафои ба аҳд, ростӣ, дурустӣ, тақво, покдоманӣ, навъдӯстӣ, сафо ва самимият аст. Ин калимот нишонаҳои ҳақоиқе аст, ки башар онҳоро муқаддас мешуморад ва хушбахтии худро дар партави инҳо медонад. Аз тарафе, абзорҳои бисёр судманд дар тӯли таърих ба дасти башар афтода: башар қувваҳои табиатро дар хидмати худ оварда, аз барқ ва бухор ва нерӯи атом васоиле барои ҳама шуъун зиндагӣ фароҳам кардааст.

Ин васоил кӯмаки фаровоне ба хушбахтии башар кардааст. Бояд дид, оё ин васоил, бештар дар хушбахтии башар таъсир дорад ё он ҳақоиқ, ки муқаддас мешуморад. Мусалламан агар бино бишавад башар ҳамаи васоилро дар ҳадди аъло дошта бошад ва аммо асаре аз он ҳақоиқ вуҷуд надошта бошад ва ё ин ҳақоиқ буда бошад, аммо башар ин васоилро надошта бошад ва монанди давраҳои аввали тамаддун зиндагӣ кунад, қисми дуввумро тарҷеҳ хоҳад дод.

Агар он ҳақоиқ вуҷуд дошта бошад, васоил пайдо мешавад ва аммо агар васоил бошад ва он ҳақоиқ набошад, тадриҷан худи васоил низ аз байн меравад. Он ҳақоиқ ба манзилаи руҳ ва ҳаёт аст ва ин васоил ба манзилаи узв. Агар руҳ, солим бошад узв дуруст хоҳад шуд ва аммо узви бидуни руҳ тӯле намекашад, ки фосид мегардад.

Он чи ҳадафи пайғамбарон аст, ислоҳи руҳ ва маънии зиндагӣ аст. Ҳангоме, ки руҳ ва маънӣ ислоҳ шуд ва ба таъбири Расули Акрам, ахлоқи бузургворона дар ҷомеа падид омад, соири шуъуни зиндагӣ тадриҷан ислоҳ мегардад.

## Иллатҳои мафосиди ахлоқ

Ахлоқи хуб ва ахлоқи бад ба навбаи худ монанди ҳама чизи дигари ин ҷаҳон, иллатҳо ва сабабҳо дорад. Агар бихоҳем ахлоқи хубро таҳсил ва бо ахлоқи бад мубориза кунем, бояд ба иллати инҳо пай бибарем.

Ҳарчанд башар, ҳам истеъдоди хулқу хӯйи хуб дорад ва ҳам истеъдоди хулқу хӯйи бад, аммо ахлоқи хуб ба табиат ва фитрати башар наздиктар аст. Ҳамон тавре, ки тани башар мумкин аст солим ва мумкин аст бемор буда бошад, аммо саломат ба табиати ҷисми инсон наздиктар аст. (Яъне дастгоҳи хилқат ба ҳасби табъи аввалии худ, ҷисмро солим месозад, агар аҳёнан бемори пайдо шуд, дар асари иллатҳо ва сабабҳои хориҷӣ ва микробҳо ва зойеъот ва уфунатҳост.) Табиат ва фитрати руҳи башар низ бар ростӣ ва дурустӣ ва тақво ва адолат ва озодӣ ва каромат аст, дурӯғ ва хиёнат ва нопорсой ва ситам ва дунсифатӣ ва пастӣ ва амсоли инҳо, дар асари як силсила инҳирофот ва иллатҳо ва сабабҳои хориҷӣ падид меояд.

Расули Акрам фармуд: "*Ҳар навзоде тибқи фитрати исломӣ мутаваллид мегардад, сипас аҳёнан падару модари вай ӯро ба кеши яҳудӣ ё насронӣ ё маҷусӣ ворид мекунанд*."

Мақсуд ин аст, ки аввалан, дастгоҳи хилқат ба ҳасби табъи руҳияи солим ва беайб месозад. Сониян, дастуроти ислом ҳамоҳанг бо муқтазои қонунҳои хилқат аст, асоси тарбияти исломӣ бар истихроҷ ва ба зуҳур овардани муқтазои аслии фитрат ва табиат аст.

Пас он чизе, ки зарурӣ ва лозим аст шинохтан иллатҳо ва сабабҳое аст, ки руҳияҳоро мунҳариф ва бемор месозад.

Яке аз онҳо, муҳити фосид ва олуда аст. Муҳит яъне маҷмӯае аз инсонҳо ва осори онҳо, ки ҳар фарде хоҳ нохоҳ бо онҳо мувоҷеҳ аст. Муҳит агар фосид ва мунофии ахлоқи писандида бошад, ахлоқи афродро фосид мегардонад. Мисоле зикр мекунам: вақте, ки ба аҷсоме, ки дар атрофи мо ҳаст нигоҳ мекунем, мебинем бархе аз онҳо таҳти таъсири ашёи муҷовир қарор намегиранд ва ё камтар қарор мегиранд. Як сахраи бузург мумкин аст ҳазорон сол якнавохт бимонад; агар ҳам харобӣ дар вай воқеъ шавад, ба ин сурат аст, ки шикаст ё соидагӣ дар вай воқеъ мешавад, аммо дар табиаташ фасод рух намедиҳад. Аммо баъзе дигар аз аҷсом табиати латиф доранд, зуд таҳти таъсири ашёи муҷовир қарор

мегиранд, монанди об. Об, ки аз чашма меҷӯшад, соф ва пок ва қобили ошомидан аст, аммо ҳамин, ки андаке дар бистари олуда ҷараён пайдо кард ё дасти олуда ё ҷомаи олуда ба он зада шуд, олуда ва касиф ва ғайри қобили истифода мегардад.

Табиати руҳӣ ва ахлоқии одамӣ монанди об аст, таҳти таъсири ашёи муҷовир қарор мегирад. Бистари олуда яъне муҳити иҷтимоии олуда вайро олуда мекунад ва ӯро ба шакл ва табиати худ дармеоварад. Аз ин рӯ яке аз вазоиф ва фароизи исломии мо ислоҳи муҳит ва эҷоди муҳити мусоид аст, ки ба номи “амр ба маъруф ва наҳй аз мункар” хонда мешавад ва ҳамчунон, ки мулоқоти даст ё ҷомаи олуда оби зулолро фосид мекунад — ҳарчанд бистари об яъне маҷрои об пок буда бошад — муошироні фосидулахлоқ ва таълимҳо ва талқинҳои гумроҳкунанда низ руҳро фосид мекунад, ҳарчанд муҳити умумӣ фосид набошад.

Муошарат ва ҳамнишинӣ асари шигифт дорад. Муошири хуб таъсири хуб мебахшад ва муошири бад таъсири бад. Расули Акрам фармуд: “*Ҳар кас ҳамон равиш ва равияро дорад, ки муошираш дорад*.” Алӣ алайҳис салом фармуд: “*Ҳамнишинӣ бо аҳли ҳаво ва ҳавас фаромӯшхонаи имон аст*.”

*Меравад аз синаҳо дар синаҳо,*
*Аз раҳи пинҳон салоҳу кинаҳо.*
*Балки худ аз одамӣ дар гову хар*
*Меравад доноиву илму ҳунар.*
*Аспи суксук мешавад раҳвору ром,*
*Хирс бозӣ мекунад, буз ҳам салом.*
*Рафт андар саг зи одамён ҳавас,*
*То шубон шуд ё шикорӣ ё ҳарас.*
(*Мавлоно*)

Яке дигар (аз иллатҳои мафосиди ахлоқ) ифроту тафрит дар “кор” аст. Бекорӣ ва ҳамчунин талоши зиёдтар аз ҳадд, ба навбаи худ яке аз иллатҳои харобии руҳия ва фасоди ахлоқ аст. Бекорӣ маншаъи порае аз ахлоқи разила аз қабили ғайбат ва фитнаангезӣ ва дунҳимматӣ ва шаҳватпарастӣ аст ва талоши зиёд маншаъи порае дигар аз онҳо аз қабили тундхӯӣ ва асабоният ва камҳавсалагӣ аст.

Яке дигар, фуқдони адолати иҷтимоӣ аст. Агар адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа набошад, хоҳ аз ин ҷиҳат, ки русум ва муқаррарот ва сунани он иҷтимоъ маншаъи беадолатиҳо шуда бошад ва ҷомеаро мунқасим кунад ба табақаи мураффаҳ ва мутраф ва табақаи маҳрум ва бадбахт ва ё аз ин ҷиҳат, ки адолат ва додгустарӣ заъиф бошад ва бархе бар ҷону мол ва обрӯи бархе дигар ситам кунанд, ахлоқи иҷтимоии мардум фосид мегардад. Зеро

инсон вақте метавонад ахлоқи хуб ва солим дошта бошад, ки руҳу равоне ором дошта бошад; агар ба иллате оромиши руҳӣ баҳам бихӯрад (хоҳ ба иллати нозпарвардагӣ ё маҳрумият ва эҳсоси ғабн ё ситамгарӣ ва ҷабборӣ ё мазлумият ва уқдаи интиқом), дигар қодир ба ҳифзи таъодули руҳӣ, ки модари ҳамаи ахлоқи писандида аст нахоҳад буд.
Бемории тан ва маҳрумият аз саломат низ ба навбаи худ дар барҳам задани таъодули руҳӣ саҳми басазое дорад. Саломат ва амният илова бар ин ки ду неъмати бузурги Худо ҳастанд, шарти ахлоқи хуб ба шумор меравад.
Ҷаҳл ва нодонӣ ва таваҷҷӯҳ надоштан ба осори ахлоқи нек ва ахлоқи зишт, яке дигар аз иллатҳои ахлоқи разила аст.
Шароити таҳсили ахлоқи нек маҷмӯан аз ин қарор аст: имон ва ақида, муаллими шоиста, китобҳои нофеъ, кори саҳеҳ ба андоза, миёнаравӣ дар истифода аз лаззот, саломат, адолати иҷтимоӣ, муҳити солим, муошири хуб.

## Қадршиносии вақт ва замон

Расули Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ба Абӯзари Ғифорӣ фармуд: "*Дар бораи умр беш аз мол имсок дошта бош, барои сарфи вақт беш аз сарфи мол бухл биварз.*" Ва низ ба Абӯзар фармуд: "*Мабодо, ки вақтро ба умеди оянда талаф кунӣ, ту мутаъаллиқ ба имрӯз ҳастӣ, на ба фардо.*"
Агар як нафарро бибинем, ки сарвати ҳангуфте ба ӯ расида ва девонавор исрофу табзир мекунад, бар ҳоли ӯ таассуф мехӯрем, ки чаро қадри молро намедонад, чаро онро дар роҳи муфиде ба кор намеандозад? Оқибати фалокатборашро пешбинӣ мекунем, ки чӣ андоза бадбахт хоҳад шуд ва баъдҳо худаш таассуф хоҳад хӯрд, дар ҳоле, ки суде надорад.
Вале худи мо дар баробари сармояи бузургтаре ҳамон андоза дар ғафлат ҳастем ва таваҷҷӯҳ надорем. Он сармоя, сармояи вақт ва замон аст.
Исрофи вақт аз исрофи мол зиёнбортар аст, зеро мол қобили ҷуброн ва тадорук аст, аммо вақт ва замон қобили тадорук нест. Соатҳо ва рӯзҳо ва моҳҳо ва солҳо бидуни як лаҳза таваққуф, бар мо мегузаранд ва инҳо қитъаҳое аст, ки мустамирран аз умри мо ҷудо мегардад ва дигар қобили васл шудан намебошад.
Арзиши ҳар чиз барои инсон вобаста ба ду чиз аст: яке, миқдор асаре, ки дар саодати зиндагӣ дорад, яке дигар, фаровонӣ ва ё камёбии он чиз. Ба ҳар андоза, ки як чиз муассиртар ва камёбтар буда бошад, қимат ва арзиши бештар пайдо мекунад. Вақт ва

замон пурарзиштарини сармояҳои инсонӣ аст, аммо чун афроди башар ғолибан ба аҳаммияти он пай набурдаанд, онро ба ройгон аз даст медиҳанд.

Зиндагии мо нишон медиҳад, ки барои вақт арзиш қоил нестем, зеро ҳангоме, ки "вақте" аз худ ё дигарон талаф мекунем, ба зеҳни мо хутур намекунад, ки сармояе аз худ ё аз дигаре талаф кардаем. Афроде дида мешаванд, ки аз камоли риояти ҳуқуқи дигарон, ҳозир нестанд диноре аз моли мардумро бихӯранд, агар аҳёнан даҳ шоҳӣ аз моли касе талаф кунанд, худро "зомин" мешуморанд, аммо ҳамин ашхос ҳангоми талаф кардани "вақт"-и дигарон эҳсоси гуноҳ намекунанд, аз чизҳое, ки сабаби талафи вақти дигарон мегардад монанди хулфи ваъда ва муъатталӣ кардани арбоби руҷӯъ ва таъхири барномаҳои таъйиншудаи маҷолис ва монанди инҳо парҳез надоранд ва ба чизе намешуморанд. Пас маълум мешавад сухани Пайғамбарро дар назар надоранд, ки фармуд: "*Ба вақт беш аз пул аҳаммият бидиҳед!*"

Мардуме, ки ба арзиши вақт пай бурдаанд, барои сония ҳам аҳаммият қоиланд, талафи вақти худ ва дигаронро қабеҳ мешуморанд. Бояд барои вақт аҳаммият ва эҳтиром қоил шуд. Баччаҳоро бояд тавре тарбият кард, ки ҳисси эҳтиром ба вақт дар онҳо пайдо шавад. Касе, ки аз лиҳози вақт муназзам аст, дар назари дигарон, худаш ва кораш мӯҳтарам мегардад.

Бархе аз мардум на танҳо арзише барои вақт қоил нестанд, душман ва қотили вақти худ мебошанд, онро муъзӣ ва музоҳим мепиндоранд, саргармиҳое барои "иморори вақт" яъне ба хаёли худ барои халос шудан аз шарри вақт интихоб мекунанд, барои гузарондани вақт ба мухаддирот ва мускирот ва мизи қимор паноҳ мебаранд, яъне аз як душмани хаёлӣ, ки дӯсти воқеӣ аст, ба як душмани воқеӣ паноҳ мебаранд.

Як асари илму камол ва ҳунармандӣ ин аст, ки вуҷуди инсон борвар ва самарбахш мегардад, дар ҳама ҳол метавонад саргармиҳои муфид ва тафреҳоти солим дошта бошад, дар ҳар ҳоле — ҳарчанд дар ҳоли беморӣ ё мусофират ё зиндон — ба навъе аз вуҷуди худ баҳрабардорӣ мекунад, дигар на танҳо вақтро душман намешуморад ва зоид намедонад, балки беҳтарин дӯсти хешро вақт ва фароғат мешуморад, дигар ҳеч гоҳ ба домани мухаддирот ва мускирот ва қимор ва тафреҳоти носолим намеафтад.

*То кай хурӣ дареғ зи бурноӣ?*
*З-ин чоҳи орзу зи чӣ бурноӣ?*
*Донист боядат чу бияфзудӣ?*
*К-охир, агарчӣ дер, бифирсоӣ.*
*Бингар, ки умри ту ба раҳе монад*
*Кӯтоҳ, агар ту аҳли ҳушу ройӣ.*

*Ҳар рӯз манзиле биравӣ з-ин раҳ,*

*Ҳарчанд к-ормида бар ҷойӣ.*

*Зери кабуди чархи беосоиш,*

*Ҳаргиз гумон мабар, ки биёсоӣ.*

*Бар маркаби замона нишастастӣ,*

*З-ӯ ҳеч рӯ наӣ, ки фуруд ойӣ…*

*Он кун зи корҳо, ки чу дигар кас.*

*Онро кунад бар онаш ту биситоӣ.*

*Дар корҳои диниву дунёӣ,*

*Ҷуз ҳамчунон мабош, ки бинумоӣ…*

*Бар хӯйи неку адлу камозорӣ*

*Бифзой, то камол бияфзоӣ.*

*(Носири Хусрав*)

## Назм ва маҳорат дар истифода аз вақт ва нерӯ

Сармояи вақт, бар хилофи сармояи пул, ҳеч гоҳ рокид нест, ҳамеша дар ҷараён аст, пайваста дар ҳоли хориҷ шудан аст, зеро як лаҳза таваққуф дар ҷаҳон вуҷуд надорад. Аз ин рӯ Расули Акрам фармуд: "*Ҳар кас, ки ду рӯзаш мусовӣ бошад (яъне аз лиҳози амал ва захира як кори муфид ё хулқи карим ё илми судманд, чизе наяфзуда бошад) зиён кардааст*." Зеро ба қадри як рӯз сармоя аз каф дода ва дар иваз чизе ба каф наёвардааст. Ба ҳамин ҷиҳат аст, ки одамӣ ё дар ҳоли ҷилав рафтан аст ва ё дар ҳоли ақибгард, яъне ҳолати таваққуф вуҷуд надорад, зеро агар вақт ва умр баҷо масраф шавад, пешравӣ аст, агар беҷо масраф гардад, сармоя бохтан ва ақибгард аст.

Танҳо қадри вақт донистан кофӣ нест, маҳорат ва устодӣ аз назари баҳрабардорӣ лозим аст. Агар касе замине дорад ва мехоҳад дар он замин хона бисозад ё кишоварзӣ кунад, агар дар кори сохтмон ё кишоварзӣ моҳир набошад, дар айни аҳаммияти зиёде, ки ба он замин медиҳад, онро мумкин аст ҳадар бидиҳад. Масалан миқдори зиёде аз заминро зери бино меоварад ва дар айни ҳол дастгоҳи комил ва муҷаҳҳазе ба вуҷуд намеоварад, ё ҳамаи заминро мекорад, аммо маҳсули хубе барнамедорад. Аммо як муҳандиси сохтмон ё кишоварз метавонад ҳаддиаксари истифодаро аз он замин бибарад. Истифода аз замон низ монанди макон, маҳорат ва устодӣ ва муҳандисӣ лозим дорад. Истифодаи бештар дар муддати камтар, мавқуф ба ин аст, ки аввалан, инсон ҳамеша барои корҳои худ

барнома ва нақша дошта бошад. Сонияң, барои ҳар кор вақти муносиби ҳамон корро дар назар бигирад. Солисан, тартиби корҳоро тавре бидиҳад, ки вақт холӣ намонад.

Агар як идда ашёро бихоҳем дар як ҷаъба бичинем, мумкин аст бидуни тартиб дар дохили ҷаъба бирезем, дар ин сурат миқдори каме аз онҳо ҷо мегирад. Аммо агар аз рӯйи диққат бо мулоҳизаи ҳаҷми ҳар як аз онҳо, онҳоро паҳлӯи ҳам бичинем, адади бештаре ҷо хоҳад гирифт, гӯшаҳои он ҷаъба ва фосилаҳои он ашё холӣ нахоҳад монд.

Зарфи замон яъне вақт монанди зарфи макон аст. Корҳое, ки дар замон анҷом медиҳанд, монанди ашёе аст, ки дар сандуқ ё ҷаъбае қарор медиҳанд. Бархе аз мардум бидуни диққат ва бидуни нақша корҳои худро оғоз мекунанд. Як рӯз аз субҳ то шом талош мекунанд ва охири рӯз мебинанд фақат ду се кор дар ин муддат анҷом додаанд, натавонистаанд дар ин зарфи замонӣ беш аз ин коре анҷом диҳанд. Аммо афроди муназзам ва боинзибот, бо маҳорат ва устодӣ дар ҳамон муддат кори бештаре анҷом медиҳанд. Пас назм ва инзибот ва нақша аз шароити баҳрабардорӣ аз вақт ва замон аст.

## Намоз

Намоз, мазҳари ниёз ва хузӯъ ва тоъати махлуқ нисбат ба холиқ аст. Ҳамаи мавҷудот ва махлуқот табъан ва таквинан ниёзманд ва хозеъ ва мутеъи иродаи Худованди Мутаъол мебошанд.

Инсон ба василаи намоз — ки муштамил аст бар қиёму қуъудҳо ва рукӯъу суҷудҳо ва такбирҳову тасбеҳҳо ва таҳлилҳо — иқрор ва эътироф ва таслими худро нисбат ба ин ҳақиқат ошкор мекунад.

Намоз, пояи дин ва фосила байни куфру имон ва шарти қабули соири аъмол аст. Дар ҳамаи шариатҳо ва адёни илоҳӣ намоз буда. Намоз ба воситаи аҳаммияте, ки дорад, ҳаргиз соқит намегардад.

Ҳар кас дар ҳудуди тавоноии худ ба ҳар шакле, ки қодир аст, бояд ин фаризаи бузургро баҷо оварад. Мусофир ва ҳамчунин сарбоз дар ҳоли ҷанг ба ҷойи чаҳор ракъат, ду ракъат мехонад, касе, ки қодир нест вузӯ бигирад, таяммум мекунад, он ки наметавонад истода намоз бихонад, бояд нишаста бихонад, агар ба нишастан низ қодир нест, хобида ба паҳлӯ ё ба пушт намоз мехонад, дар баъзе мавоқеъ намоз фақат ба сурати ишора анҷом мегирад.

Намоз, таҷдиди аҳди бандагии махлуқ бо Худост. Ҳамеша бояд ин таҷдиди аҳд такрор гардад. Намоз бояд бо ҳузури қалб ва таваҷҷӯҳу хузӯъу хушӯъ буда бошад. Агар инчунин хонда шавад, ба қалб нармӣ ва рӯшноӣ мебахшад, осори тирагии гуноҳонро

маҳв мекунад ва рағбати одамиро ба гуноҳкорӣ аз байн мебарад ва монеъи фаҳшо ва мункар мегардад. Расули Худо ба асҳоби худ мефармуд: “*Бархезед ва оташҳое, ки равшан кардаед, бо намоз ва таваҷҷӯҳ ба Худо хомӯш кунед.*” (*Таҳзибул-аҳком, ҷ.2, с.238*)

Намоз шароит ва одобе дорад. Либоси намозгузор ва маҳалли намози ӯ ва ҳамчунин оби вузӯ ва маҳалли вузӯ бояд аз моли ҳалол таҳия шуда бошад ва ё соҳиби мол ризоят дошта бошад. Ҷома ва бадани намозгузор бояд пок бошад. Бояд рӯ ба Каъба, ки хонаи тавҳид аст ва ба дасти поки Иброҳим ва писараш Исмоил сохта шуда ва аз он ҷо нидои:

لا إِلٰهَ إِلاَّ اَللّٰهُ

— ба ҷаҳон расида, биистад. Ҳар намозеро бояд дар вақти муайян анҷом диҳад. Дар ҳоли намоз бояд ҳеҷ сухане ҷуз зикри Худо ва тасбеҳу тақдиси ӯ ба забон наёварад, ба ин тарафу он тараф мутаваҷҷеҳ нашавад, худро аз хӯрдан ва ошомидан ва ханда ва гиря ва анҷоми корҳои рӯзмарра забт кунад, дар ҳоли зикр ва қироат оромиши бадан дошта бошад. Қабл аз намоз бояд бо вузӯ ё ғусл ё таяммум вориди намоз гардад.

Шароит ва одоби намоз маҷмӯае аст аз он чи як инсони тарбиятёфта ва мутараққӣ бояд дорои онҳо бошад. Як инсони тарбиятёфта, ҳуқуқи иҷтимоиро мӯҳтарам мешуморад.

Аввал чизе, ки намозгузор таваҷҷӯҳ дорад. машрӯъ будани ҷома ва маҳалли намоз ва об ва маҳалли вузӯ аст. Намозгузор агар дайне аз мардум бар зимма дошта бошад ва мавриди мутолаба бошад, бояд аввал он дайнро бипардозад ва сипас вориди намоз шавад. Инсони тарбиятёфта покиза ва назиф ва вақтшинос ва ошно ба ҳақоиқ ва боинзибот ва хештандор аст. Намозгузор, ки вориди намоз мешавад, пок ва покиза ва назиф аст, вақтшинос ва ҷиҳатшинос аст, ба ҳақоиқе болотар аз маҳсусот ва моддиёт огоҳ ва ошност, муназзам ва боинзибот аст, метавонад эҳсосоти худро забт кунад, қодир аст афкори худро дар як нуқтаи муқаддас ва олӣ мутамаркиз кунад, ба хатоҳо ва гуноҳони худ эътироф ва изҳори надомат мекунад. Ҳамаи инҳо чизҳое аст, ки дар намоз ва намозгузор ҳаст.

## Рӯза

Зане аз мусалмонон рӯза дошт, канизи хешро кор мефармуд, дар он миён бар он каниз хашм гирифт ва ба ӯ дашном дод. Расули Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи инро шунид ва медонист, ки он зан рӯзадор аст. Фавран дастур дод, ғизое ҳозир карданд ва онро ҷилави он зан гузошт ва фармуд: бихӯр. Арз кард: ё Расулаллоҳ! Ман рӯзадор

ҳастам. Фармуд: “*Чӣ гуна рӯзадор ҳастӣ ва ҳол он ки канизакро дашном додӣ? Рӯза танҳо ба ин нест, ки аз хӯрдан ва ошомидан худдорӣ кунӣ.*”

Имом Содиқ ҳангоме, ки ҳикояти болоро барои яке аз шогирдони хеш нақл мекард, ба ӯ фармуд: “*Забонҳо ва чашмҳои худро дар ҳоли рӯза комилан ҳифз кунед, бо якдигар низоъ накунед, ба якдигар ҳасад набаред, вақте, ки рӯза мегирӣ, бояд гӯшу чашмат аз ҳаром ва зишт рӯза бигирад, худнамоӣ накун, хидматкорро азият накун, кӯшиш кун, ки дар ту виқори рӯзадор буда бошад, набояд рӯзе, ки рӯза мегирӣ, бо рӯзе, ки ифтор мекунӣ мусовӣ бошад.*”

Моҳи Рамазон моҳи рӯза аст. Дар ҳар сол як моҳ бар ҳамаи касоне, ки узри шаръӣ надоранд, воҷиб аст, ки рӯза бигиранд. Қуръони Карим мефармояд: “*Рӯза барои шумо муқаррар шуда, то дар шумо тақво падид ояд.*” (*Бақара/183*)

Рӯза машқ ва тамрини худдорӣ ва парҳезгорӣ ва тасаллут бар нафс аст. Машқ ва тамрин агар муназзам ва пай дар пай бошад, осори шигифт дорад, одат ва малака эҷод мекунад. Масалан, агар касе 30 рӯз пай дар пай варзиш кунад, азулоти баданаш муҳкам мешавад, агар 30 рӯз пай дар пай тамрини хатт ё наққошӣ ё тирандозӣ бикунад, қатъан пешравӣ мекунад. Чӣ гуна мумкин аст касе 30 рӯз машқи худдорӣ ва парҳезгорӣ ва тасаллут бар нафс бикунад, гурусна бишавад ва ғизо нахӯрад, ташна бишавад ва об наёшомад, аз наздикӣ бо занон худдорӣ кунад ва он гоҳ дар вай одати худдорӣ ва тасаллут бар нафс ва хештандорӣ пайдо нашавад?!

Рӯза, гузашта аз фавоиди ҷисмӣ ва сиҳҳӣ, ки дорад ва пизишкони мусалмон ва ғайри мусалмон ба он эътироф кардаанд, аз назари тақвияти ирода ва шахсияти ахлоқӣ ва истеҳкоми руҳӣ бисёр судманд аст, истиқомат ва муқовамат дар баробари нерӯҳои заъифкунандаи азму ният ва иродаро музоъаф мекунад.

Ба илова, дар асари дарҳам шикаста шудани шаҳавот, дар қалб нармӣ ва хушӯъ падид меояд, замина барои ибодат беҳтар фароҳам мешавад, ҳисси ҳамдардӣ нисбат ба фуқаро ва зуъафо ба вуҷуд меоварад, мардумро ба ёди Худо ва охират ва авоқиби гуноҳ меандозад.

Моҳи Рамазон ба воситаи рӯза ва дарҳам шикаста шудани шаҳавот ва нуронӣ шудани қалб, муносибтарин айём барои ибодати Худо ва тиловати Қуръон аст. Чун дар ин моҳ ба сабаби рӯза, ба ғароизи шаҳавонӣ камтар ғизо мерасад, заминаи тағзияи руҳ ба ибодат фароҳамтар аст.

Рӯза шаётини ҳаво ва ҳавасҳо ва шаҳавотро ба занҷир мекашад ва ба ин сабаб барои рӯзадор тавфиқи бештаре барои тазкияи нафс ва таҳзиби ахлоқ ҳосил мегардад.

Эҳтироми моҳи Рамазон воҷиб ва лозим аст. Касоне, ки ба узри шаръӣ рӯза намегиранд, масалан мусофир ё мариз мебошанд, набояд дар малаъи омм ва ё дар як маҷлиси умумӣ ғизо бихӯранд ё об бинӯшанд, зеро бо шуъуни моҳи Рамазон мунофӣ аст. Моҳи Рамазон замони ибодат аст. Замони ибодат монанди макони ибодат лозимулэҳтиром аст. Ҳамон тавре, ки эҳтироми масоҷид ё мушоҳиди пайғамбарон ва имомон лозим аст, зеро он маконҳо макони ибодат мебошанд, эҳтироми моҳи Рамазон низ, ки замони ибодат аст лозим аст.

* * *

*Поёни китоб*